ISSN 2413-516X

ПАЁМИ
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои филологӣ
2023. №7

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия филологических наук
2023. №7

BULLETIN
OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of philology
2023. No.7

МАРКАЗИ
ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА
ДУШАНБЕ – 2023

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
БАХШИ ИЛМҲОИ ФИЛОЛОГӢ

Муассиси маҷалла:
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.
Дар як сол 6 шумора нашр мегардад.

САРМУҲАРРИР:

Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт — *Доктори илмҳои иқтисодӣ, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич — *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:

Исмонов Карорматулло — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Юсуфзода Носирҷон Салимӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, академики АМИТ*

Раҳматуллозода Сахидод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ*

Назарзода Сайфиддин — *Доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии АМИТ, узви вобастаи АМИТ*

Гулназарова Ҷило — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улугзода*

Абдуллозода Масрур Аҳмад — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон*

Сирочиддини Эмомалӣ — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Кучарзода Аламхон — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ*

Саидов Ҳалимҷон Азизович — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи умумидонишгоҳии забони англисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Мамадназаров Абдусалом — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони англисии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Муродов Мурод — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи матбуоти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Нағзибекова Меҳриниссо Бозоровна — *Доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Хочаев Давлатбек — *Доктори илмҳои филология, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Дӯстзода Ҳамрохон Ҷума — *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон*

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.
Бахши илмҳои филологӣ
– 2023. – №7. ISSN 2413-516X
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №182/ЖР-97
ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад.
Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016, №1924 ворид гардидааст.
Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои илмҳои филологиро барои чоп қабул менамояд: **10.01.00 – Адабиётшиносӣ; 10.02.00 – Забоншиносӣ.**
Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст ва пайваста дар системаи индексатсионии мазкур дар бораи шумораҳои чопшуда маълумот ворид менамояд.
Маҷалла сомонаи расмии худро дорад, ки дар он матни мукаммали маводи чопӣ ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).

© ДМТ, 2023

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЧЕСКИХ НАУК

Учредитель журнала:
Таджикский национальный университет
Журнал основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год.

ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:

Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт	Доктор экономических наук, ректор Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич	Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета (Душанбе, Таджикистан)

ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:

Исмонов Карорматулло	Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета

РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ:

Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Юсуфзода Носирджон Салими	Доктор филологических наук, профессор, академик НАНТ
Рахматуллозода Сахидод	Доктор филологических наук, профессор, член-корреспондент НАНТ
Назарзода Сайфиддин	Доктор филологических наук, профессор, ведущий научный сотрудник Института языка и литературы им. А.Рудаки НАНТ
Гулназарова Джило	Доктор филологических наук, профессор Таджикского государственного института языков им. Сотима Улугзаде
Абдуллозода Масрур Ахмад	Доктор филологических наук, профессор кафедры отечественной и международной журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета
Сироджиддини Эмомали	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета
Кучарзода Аламхон	Доктор филологических наук, профессор кафедры теории и новой персидско-таджикской литературы Таджикского национального университета, член-корреспондент НАНТ
Саидов Халимджон Азизович	Доктор филологических наук, профессор общеуниверситетской кафедрой английского языка Таджикского национального университета
Мамадназаров Абдусалом	Доктор филологических наук, профессор кафедры английского языка факультета языков Азии и Европы Таджикского национального университета
Муродов Мурод	Доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета
Нагзибекова Мехриниссо Бозоровна	Доктор филологических наук, профессор кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета
Ходжаев Давлатбек	Доктор филологических наук, профессор кафедры истории языка и типологии Таджикского национального университета
Дустзода Хамрохон Джума	Кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой современного таджикского литературного языка Таджикского национального университета

Вестник Таджикского национального университета.
Серия филологичесих наук.
– 2023. – №7. ISSN 2413-516X
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан №182//ЖР-97
Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.
Адрес Издательского центра:
734025, Республика Таджикистан,
г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Журнал включен в Перечень рецензируемых научных изданий, рекомендованных ВАК Минобрнауки Российской Федерации от 03.06.2016, №1924.

Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: **10.01.00 – Литературоведения; 10.02.00 – Языкознание.**

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных.

Журнал имеет официальный сайт (www.vestnik-tnu.com), в котором размещаются полнотекстовые версии опубликованных материалов.

©ТНУ, 2023

BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
SERIES OF PHILOLOGY

Founder of journal:
TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
The journal is established in 2012. Issued 6 times a year.

CHIEF EDITOR:

Khushvaḳhtzoda Kobiljon Khushvaḳht	Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich	Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-Rector for Science of the Tajik National University

DEPUTY CHIEF EDITOR:

Ismonov Karomatullo	Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University

EDITORIAL BOARD:

Imomzoda Muhammadusuf Saidali	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Yusufzoda Nosirjon Salimi	Doctor of Philology, Professor, Academician of the NAST
Khorkashev Sakhidod	Doctor of Philology, Professor, Corresponding Member of the NAST
Nazarzoda Saifiddin	Doctor of Philology, professor, leading researcher of the Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST
Gulnazarova Jilo	Doctor of Philology, Professor of the Tajik State Institute of Languages named after Sotim Ulugzoda
Abdullozoda Masrur Akhmad	Doctor of Philology, Professor of the Department of National and International Journalism of the Russian-Tajik (Slavonic) University
Sirojiddini Imomali	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University
Kucharzoda Alamkhon	Doctor of Philology, Professor of the Department of Theory and New Persian-Tajik Literature of the Tajik National University, Corresponding Member of the NAST
Saidov Khalimdzhon Azizovich	Doctor of Philology, Professor of the Department of English Language of the Tajik National University
Mamadnazarov Abdusalom	Doctor of Philology, Professor of the English Department of the Faculty of Languages of Asia and Europe of the Tajik National University
Murodov Murod	Doctor of Philology, Professor of the Department of Printing of the Tajik National University
Nagzibekova Mekhrinisso Bozorovna	Doctor of Philology, Professor of the Department of General Linguistics and Comparative Typology of the Tajik National University
Khodzhaev Davlatbek	Doctor of Philology, Professor of the Department of Language History and Typology of the Tajik National University
Dustzoda Khamrokhon Dzhuma	Candidate of Philology, assistant professor, Head of the Department of Modern Tajik Literary Language of the Tajik National University

Bulletin of the Tajik National University. Series of philology
– 2023. – № 7. ISSN 2413-516X
The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.
The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.
Address of the Publishing Center:
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025,
Republic of Tajikistan,
Web site: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific publications recommended by the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016, No. 1924.
The journal accepts scientific articles on the following branches of science: **10.01.00 - Literary studies; 10.02.00 - Linguistics.**
The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI), and regularly provides information to the RSCI in the form of metadata.
The journal has an official website (www.vestnik-tnu.com), which houses full-text versions of published materials.

© TNU, 2023

ЗАБОНШИНОСӢ-ЯЗЫКОЗНАНИЕ

ТДУ: 811.21/.22-5 (575.3)

СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ВА ОМИЛҲОИ ЛУҒАВИЮ ДАСТУРИИ ОН ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК

Хоҷаев Д.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар наҳвиёти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ сермаънои (полисемия) ҷумлаҳои пайрав яке аз масъалаҳои муҳим ва дар айни ҳол мураккаб ба шумор меравад. Ҳодисаи сермаъношавии ҷумлаҳои пайрав барои таснифи хелҳои ҷумлаи пайрав душворӣ пеш меорад. Ин ҳодиса дар дигар забонҳо ҳам мушоҳида мешавад.

Ҷумлаҳои пайрав вобаста ба вазифаҳои наҳвиашон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба тавассути воситаҳои дастуриву луғавие, ки дар сарҷумлаю ҷумлаи пайрав меоянд, ба сермаъноӣ майл менамоянд.

Дар забоншиносии садаи XX тоҷик, ки, феълан, асоси назариявиашро забоншиносии рус ва аврупоӣ ташкил медод, доир ба таҳқиқ, таснифи ва ҳодисаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрав асару мақолаҳои пуразиши профессор Д. Тоҷиев нақши муҳимму асосӣ доранд.

Профессор Д. Тоҷиев дар савия ва сатҳи забоншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи омӯзишу таҳқиқи ҷумлаи мураккаби тобеъро дар забоншиносии тоҷик пеш гузошта, дар радифи таълимоти донишмандони машҳури рус, назариячиёни наҳви ҷумлаҳои мураккаб – А.Шахматов, А. М. Пешковский, В. А. Богородитский, В. В. Виноградов, Н. С. Поспелов, А. Ю. Максимов, С. Е. Крючков, В. А. Белошапкова ва дигарон вижагиҳои ҷумлаҳои мураккаби тобеъро дар забони тоҷикӣ равшан месозад. Ин донишманди тавонои наҳвшиносӣ дар забоншиносии тоҷик бори нахуст масъалаи даст кашидан аз анъанаи ба асоси яке аз аломатҳо таснифкардани ҷумлаҳои пайравро пеш гузошта, таъкид намудааст, ки барои саҳеҳу дуруст таснифнамудани хелҳои ҷумлаи пайрав ба маҷмуи аломатҳо, яъне хусусиятҳои сохторию маъноӣ, такя намудан зарур аст.

Дар воқеъ, ба асоси яке аз аломатҳо таснифнамудани ҷумлаҳои пайрав саҳеҳ нест, чунончи, мутобиқ ба аъзоҳои ҷумлаи сода, ки дар забоншиносии рус таърихи беш аз 150-сола дорад, дорои ноқисиҳо мебошад. Масалан, дар забони тоҷикӣ ҷумлаи пайрави натиҷа мустақиман вуҷуд дорад, аммо дар ҷумлаи сода ҳоли натиҷа нест.

Ба асоси пайвандакҳо ё калимаҳои ҳамнисбат низ таснифкардани ҷумлаҳои пайрав саҳеҳ нест, чаро ки баъзе пайвандакҳои тобеъкунанда ва калимаҳои ҳамнисбат муштараквазифа мебошад. Барои намуна метавон мисол оварда, ки пайвандакҳои муштараквазифаи “ки”, “то”, “чун” ва калимаҳои ҳамнисбати “ин,” “он”, чунин, “чунон”, “ба тавре”, “ба тарзе” ва ғ. чанд хели ҷумлаи пайравро ба сарҷумла алоқа мебанданд.

Ба асоси маъно таснифкардани ҷумлаҳои пайрав низ саҳеҳ намебошад, чаро ки аксари ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ сермаъно мешаванд. Аз ин нуқтаи назар, профессор Д. Т. Тоҷиев солҳои 70-уми асри XX ба таври ҷиддӣ бо усули меъёри сохторию маъноӣ таснифи ҷумлаҳои пайравро дар забоншиносии тоҷик пеш гузошт. Ӯ ҳангоми таснифу гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав омилҳои зеринро ба сифати аломату нишонаҳо, яъне меъёр, қарор дод: 1. Саҳми пайвандакҳои тобеъкунанда; 2. Вазифаи калимаҳои ҳамнисбат; 3. Мутобиқати шаклҳои феълӣ-хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав; 4. Ҷойи ҷумлаи пайрав; 5. Хусусиятҳои оҳанги гӯйиш; 6. Муносибати маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаи пайрав; 7. Ба ягон аъзо, гурӯҳи аъзоҳо, ё тамоми сарҷумла вобаста будани ҷумлаи пайрав.

Чунон ки мебинем, омилҳои мазкур ҳам хусусиятҳои маъноӣ ва ҳам сохтории ҷумлаи мураккаби тобеъро фаро мегиранд. Агар ин омилҳо дар маҷмуъ ба назар гирифта шаванд, дар гурӯҳбандии ҷумлаҳои пайрав ба иштибоҳ роҳ дода намешавад.

Маълум мешавад, ки дар таснифу гурӯҳбандӣ кардани ҷумлаҳои пайрав ва шинохти дурусти хели ҷумлаи пайрав омили муносибати маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаи пайрав хеле муҳим аст. Дар ҳақиқат, ҳангоми муайян кардани хели ҷумлаи пайрав онро дар алоқа бо сарҷумла ва бо дар назардошти ҳам аломату нишонаҳои шаклӣ, ҳам ҷиҳати маъноӣ баррасӣ кардан зарур аст. Чунончи, ду мисоли зеринро муқоиса менамоем:

1.Марҳампеша, ки дар ҷойи нишасти худ пинак мерафт, аз овози вай як қад парид (Ҷ. Икромӣ).

2. Арӯс Мағфиратҷон, ки лақабаш Ойими Ғафабанд буд, дар пешгаҳ ба болои ҳафт қабат кӯрпаи адрасу махмал менишаст (Ҷ. Икромӣ).

Ин ду ҷумла, ҷунон ки дида мешавад, аз ҷиҳати сохт ҳеҷ фарқе надоранд: ҳар ду ҷумлаи пайрав дар байни сарҷумла омада, ба воситаи ҳамон як пайвандаки муштараквазифаи **ки** ба сарҷумла алоқа бастаанд. Аммо ҷумлаи пайрави мисоли якумро муҳаққиқи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб Ш. Рустамов ҷумлаи пайрави сабаб гуфтааст, ҷумлаи пайрави мисоли диюмро бошад, мо ҷумлаи пайрави муайянкунандаи эзоҳӣ-ахборӣ гуфтем, ки, ба назари мо, ин шинохт дуруст аст, чаро ки барои шинохти ҷумлаи пайрави мисоли якум, сохти ҷумла, яъне ҷойи ҷумлаи пайрав, воситаи алоқаи он ба сарҷумла меъёр шуда наметавонад. Дар ин ҳолат муносибати маънои асосии ҷумлаи пайраву сарҷумла ва маънои иловагӣ мақоми муҳим дорад. Азбаски субъект – соҳиби амал, Маҳрампеша, пинак мерафт, як қад паридааст ва сабабу иллати як қад паридани субъект пинак рафтани ӯ мебошад. Барои он ки муносибати сababӣ боз равшантар гардад, аз сарҷумла савол мегузорем, - чаро ё барои чӣ Маҳрампеша як қад парид? Чунки, барои он ки пинак мерафт. Албатта, дар байни ҷумлаи пайрави мазкур ва сарҷумлаи он муносибати муайянкунанда (эзоҳӣ-ахборӣ) низ дида мешавад, аммо он муносибат асосӣ нест, балки муносибати маънои иловагӣ буда, барои муносибати маънои асосӣ, яъне сабаб, ёрӣ расонидааст.

Ҷумлаи пайрави мисоли дуюм ҷумлаи пайрави муайянкунандаи эзоҳӣ-ахборӣ аст. Нависанда барои боз ҳам шиносонидани субъекти ҷумла – арӯс Мағфиратҷон, лақаби ӯро чун ахбори иловагӣ ёдрас шудааст.

Бояд гуфт, ки дар муайян намудани хели ҷумлаи пайрав ва таъин кардани муносибати асосию иловагии ҷумлаи пайраву сарҷумла на ҳама вақт ҷиҳати маъноӣ меъёр шуда метавонад, чунончи: Духтаре рӯйи яке аз ҳавлиҳои хурди қишлоқро, ки ба он шабнами баҳорон шакароб зада буд, меруфт (Р. Ҷалил).

Дар назари аввал чунин менамояд, ки гӯё духтаре рӯйи яке аз ҳавлиҳои хурди қишлоқро ба хотири он мерӯфт, ки ба он шабнами баҳорон шакароб задааст ва ҷумлаи пайрав сабаби амали сарҷумларо фаҳмондааст. Агар сохти ҷумлаи мазкурро андаке тағйир диҳем, ба ҷойи пайвандаки **ки** пайвандакҳои хоси ҷумлаи пайрави сабабро ҳам гузоштан мумкин мегардад, чунончи: Духтаре рӯйи яке аз ҳавлиҳои хурди қишлоқро меруфт, чунки (зеро ки), азбаски, бинобар он ки шабнами баҳорон ба он шакароб зада буд. Аммо ин ҷумларо агар амиқтар баррасӣ намоем, он ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст, на сабаб. Тобиши сababӣ, ки аз мазмуни ҷумлаи пайрав сар мезанад, тобиши иловагӣ аст, на тобиши асосӣ. Барои равшан гардидани ин матлаб ба омилҳои дигар таваҷҷуҳ менамоем: 1. Таркиби **яке аз** исми “ҳавлӣ”-ро аз ҳамҷинсҳояш тоқаю ҷудо кардааст, ки он ба махсусияту эзоҳталабии вай ишора менамояд; 2. Ишораҷонишини **он,** ки дар таркиби ҷумлаи пайрав ба исми эзоҳшавандаи “ҳавлӣ” ишора намуда, ҳамон вазифаеро адо кардааст,ки исми “ҳавлӣ” онро дар таркиби сарҷумла иҷро намудааст; 3. Шакли феълии ҷумлаи пайрав озод аст, онро ба дигар шаклҳои феълӣ иваз намоем ҳам, хели ҷумлаи пайрави муайянкунанда дигар намешавад. Инҳо ҳама аломату нишонаҳои ҷумлаи пайрави муайянкунандаанд.

Чунон ки аз таҳлилу баррасии мисолҳо дида шуд, ҷумлаҳои пайрав бештар ҳамон вақт сермаъно мегарданд, ки ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки мушатараквазифаи “ки” тобеъ шаванд. Ҳамин гуна хусусиятро ҷумлаҳои пайрав ҳангоми бо пайвандакҳои

муштараквазифаи дигар: **чун, то** ба сарҷумла алоқа бастанашон низ мегиранд. Масалан, ҷумлаи пайрави мисоли зерин: Чун дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод (С. Айнӣ).- сабаб аст, ё замон?

Забоншинос Н. Бозидов вобаста ба вазифаи пайвандаки “чун” ҷумлаи пайрави мазкурро ҷумлаи пайрави сабаб гуфта, ин пайвандакро муродифи пайвандакҳои **азбаски, зеро, зеро ки, чунки, бинобар он (ин) ки, аз сабаби он (ин) ки** донистааст.

Дар мисоли мавриди назар пайвандаки “чун”-ро озодона бо пайвандакҳои хоси замон: **вақте ки, ҳамин ки, ҳангоме ки, пас аз он ки, баъд аз он (ин) ки, замоне ки**... иваз кардан мумкин аст.

Муқоиса шавад:

1. Вақте ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод (С. А.).
2. Ҳамин ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.
3. Ҳангоме ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтаракона дод.
4. Пас аз он ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.
5. Баъд аз он (ин) ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.
6. Замоне ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.

Маънии замон дар ин ҷумлаи мураккаби тобеъ ба андозае барҷаста ва равшан аст, ки ҷойи сарҷумлаю ҷумлаи пайравро тағйир дода ҷумлаи пайравро бар эзоҳи калимаи ҳамнисбати ҷумлаи пайрави замон овардан мумкин аст. Чунончи: 1. Маро ба мактаби духтарона **вақте** дод, ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт; 2. Маро ба мактаби духтарона **замоне** дод, ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт.

Маънои сабаб низ аз мазмуни ҷумлаи пайраву сарҷумла ба дараҷае равшан аст, ки аксари пайвандакҳои хосси сабабро метавон ба ҷойи пайвандаки муштараквазифаи “ки” овард.

Муқоиса шавад:

1. Азбаски дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод (С. А.).
2. Аз сабаби он (ин) ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.
3. Бинобар он (ин) ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт, маро ба мактаби духтарона дод.

Дар ин тарзи ифода ҳам ҷойи сарҷумлаю ҷумлаи пайравро тағйир додан мумкин аст:

1. Маро ба мактаби духтарона дод, зеро дар он ҷо кори ман пеш нарафт.
2. Маро ба мактаби духтарона дод, чунки дар он ҷо кори ман пеш нарафт.
3. Маро ба мактаби духтарона дод, зеро ки дар он ҷо кори ман пеш нарафт.

Аз муқоиса ва баррасии ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур маълум гардид, ки дар таъкиду эзоҳи замони вуқуи амал нисбат ба сабаб барҷастаю муҳим аст, чаро ки иҷрои амали сарҷумла ба вақти содир гаштани амали ҷумлаи пайрав вобаста мебошад. Тобиши маънои сабаб низ хеле равшану барҷаста аст, зеро иллати ба мактаби духтарона додан дар он ҷо пеш нарафтани кор аст, бинобар ин маънои сабаб асосӣ мебошад.

Дигар пайвандаки муштараквазифа “то” мебошад. Ҳангоме ки ҷумлаи пайрав бо ин пайвандак ба сарҷумла алоқа мебандад, хели ҷумлаи пайравро шинохтану муайян кардан душвор аст. Масалан, ҷумлаи пайрави мисоли “То аз дасташ меояд, ёрмандӣ мекунад” (Ҷ. Икромӣ)-ро забоншинос Н. Бозидов вобаста ба пайвандаки “то” шарт гуфтааст, ки баҳсталаб аст.

Ҷумлаи мураккаби мазкурро бо ду далел ҷумлаи мураккаби шарт гуфтан мумкин нест: якум, шакли феълии “меояд” барои ифодаи маънии шарт созгор нест (феъли “омадан” барои ифодаи маънои шарт дар шакли “ояд”, “биояд”, “омад”, “меояд” бештар мустамал аст); Дуюм, ҷумлаи пайрав ба ҷойи пайвандаки “то” пайвандакҳои хоси

замониро бе халали маънӣ қабул карда метавонад, чунончи: Вақте ки аз дасташ меояд, ёрмандӣ мекунад; То вақте ки аз дасташ меояд, ёрмандӣ мекунад; Ҳамин ки аз дасташ меояд, ёрмандӣ мекунад; Ёрмандӣ мекунад, вақте ки аз дасташ меояд.

Сарҷумлаи ҷумлаи пайрави мазкур калимаҳои ҳамнисбати замон гирифта метавонад, чунончи: То вақте ёрмандӣ мекунад, ки аз дасташ меояд; Аз дасташ вақте меояд, ёрмандӣ мекунад.

Дар таърихи илми забоншиносии тоҷик нахустин бор оид ба пешоянд–пайвандаки “то” шарҳи махсусу ҷолиберо донишманди тавонои улуми адабӣ Хоҷа Ҳасани Нисорӣ (асри XVI) дар рисолаи таълимии “Чаҳор гулзор” додааст. Ин донишманд панҷ вазифаи дастурии вожаи “то”-ро таъкид кардааст, ки яке аз онҳо ифодаи муносибати сабаб, яъне ба таъбири ӯ, иллат мебошад, чунончи, ӯ мегӯяд: "Чаҳорум “то”-и иллат ва он маънии сабаб ва восита пайдо кунад. Саъдӣ фармояд, байт:

То мард сухан нагуфта бошад,
Айбу ҳунараш нуҳуфта бошад" [29, с.47].

Аз назари Хоҷа Ҳасани Нисорӣ, “сабаби пӯшидагии айб сухан нагуфтан аст”. Агар аз диди мантиқи муҳокима ва хулосабарорӣ ба ин андешаи Хоҷа Ҳасани Нисорӣ назар афканем, воқеан иллату нуқси шахс дар маърифати ҳар чизе аз сухани ӯ маълум мегардад ва ба ҳамин хотир байти машҳуре ҳам хеле мустаъмал аст:

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во кунад, расво шавад.

Муҳаққиқи забоншинос, шодравон М. Қосимова дар бораи вожаи “то” чун пайвандаки ҷумлаи пайрави шарт изҳори назар карда, ҳамин байтро далел овардааст [10]. Дар “Луғатнома”-и Алиакбари Деххудо вожаи “то” дар ҳамон байти мавриди назар чун муродифи пайвандакҳои “модом ки”, “то замоне ки” барои ифодаи замон донистааст [7]. Мо низ муносибати замониро дар байти мазкур яке аз маъноҳои асосӣ медонем, аммо дар байти мазкур се муносибат – шарт, замон ва сабаб ба дараҷае омехта аст, ки кадоме аз онҳо аслӣ бошад, ҷудо кардан душвор аст. Дар ҳар сурат пайвандаки “то” бештар хоси муносибати шарт буда, шаклҳои феълии хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав низ ифодаи муносибати шартро тақозо намуда, мазмуни ҷумла низ дар маҷмуъ ифодаи шарт аст. Ба асоси ин омилҳо ҷумлаи пайрави байти мавриди назар шарт мебошад.

Дигар аз омилҳое, ки шинохти хели ҷумлаи пайрав ба он вобаста мебошад, маънии феъли ба вазифаи хабари сарҷумла меомадагӣ аст. Масалан, дар ҷумлаи “Ман медонистам, ки ту дар барпо кардани колхоз ва умуман сохтмони сотсиалистӣ бо виҷдони соф ва иродаи устувор даромадаӣ” (С. Айнӣ), хабари сарҷумла – медонистам, воқеаро ёдовар шудааст, ки дар ҷумлаи пайрав баён гардидааст. Ҷумлаи пайрав ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст. Агар феъли “медонистам”-ро ба феъли “хурсандам” иваз намоем, ҷумлаи пайрав нафақат оид ба ҳодисае ахбор медиҳад, инчунин сабаби амали сарҷумларо мефаҳмонад, чунончи: Ман хурсандам, ки ту дар барпо кардани колхоз ва умуман сохтмони сотсиалистӣ бо виҷдони соф ва иродаи устувор даромадаӣ.

Хели ҷумлаи пайрав аз ифодаи шакли феълии хабари ҷумлаи пайрав ҳам вобаста аст, чунончи: Дар идораи совети ҷамоат ҳамагӣ дар тараддуд будем, ки калтакдорони сурхро ба сафар равона кунем (Ҳ. Карим).

Агар шакли феълии хабари ҷумлаи пайравро дигар кунем, хели ҷумлаи пайрав дигар мешавад, он ё ба замон, ё сабаб табдил мегардад, чунончи: Дар идораи совети ҷамоат ҳамагӣ дар тараддуд будем, ки калтакдорони сурхро ба сафар равона кардем.

Тавре ки аз баррасии мисолҳо маълум гардид, ҳангоми таъйин кардани хели ҷумлаи пайрав бояд маҷмуи аломату нишонаҳо, воситаҳои созмондиҳии ҷумлаи мураккаби тобеъ, маъною муносибатҳои дастурии қисмҳои таркибии онро дар ҳамбастагӣ чун меъёр ба назар гирифт. Масалан, дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик”, ҷ. 3, нашри академикӣ, Душанбе, 1989, с. 142 ҷумлаи пайрави ҷумлаи мураккаби тобеи зерин ҷумлаи пайрави макон дониста шудааст: “Он ҷо ки ҳамеша дар зери таҳлукаи тохти онҳо аст, занон ва бачагонро бурдан ҳам пурхатар буд” (С. Айнӣ).

Ба назари мо, ҷумлаи мазкурро ба ҷумлаи “Дар ҳар ҷо ки об ҳаст, дар он ҷо ҳаёт месабзад” (Ҷ. Икромӣ) ба як хели ҷумлаи мураккаби тобеъ мансуб донистан мумкин нест.

Дар мисоли дуюм муносибати маконро ифода кардани ҷумлаи пайрави “Дар ҳар ҷо ки об аст” равшан ба назар мерасад. Ҷумлаи пайрав макони воқеъ гардидани амали сарҷумларо вобаста ба шарт фаҳмондааст. Дар мисоли якум бошад, ҳиссаи пайрав на макони вуқуи амали сарҷумла, балки сабаби вуқуи амали сарҷумларо фаҳмондааст. Муносибати маконие, ки дар мисоли баррасишаванда ҳис карда мешавад, тобиши маънои иловагист,ки ба туфайли таркиби **он ҷо** ва семантикаи феъли бурдан сар задааст.

Ду мисоли дигарро аз асари Н. Маъсумӣ “Очеркҳо оид ба забони адабии тоҷик” (Сталинобод, 1959, с. 326), ки дар шарҳи ҷумлаи пайрави макон овардааст, манзур медорем:

1. Дар он ҷоҳо ки чорводорӣ зиёд аст, масъалаи хӯроквории зимистонаи ҳайвонот хеле аҳаммияти калон дорад (Ҷ. Икромӣ).

2. Як тарафи роҳ рафта-рафта ба дарае интиҳо меёфт, ки дар он сӯйи дара қишлоқи калоне ба сари теппае часпида нишаста буд (Ҷ. Икромӣ).

Дар мисоли якум аз ифодаи муносибати маконӣ дида дар ҳиссаи пайрав ду муносибати дигар – сабабу муайянкунанда зиёдтар аст. Аммо шодравон Н. Маъсумӣ чунин таъкид кардааст: “Пайрави макон бештар барои шарҳ додан ва таъйин кардани зарфи ишоратии дар сарҷумла будагӣ оварда мешавад. Аз ин ҷост, ки он аксар ба ҳоле алоқаманд шуда меояд, ки дар таркибаш ишораҷонишини **он** ва **ин** мавҷуд аст” (Ҳамон ҷо, с.326).

Акнун қазоват кунед, ки агар ҳиссаи пайрави мисоли якум бар эзоҳи ҳоли макони сарҷумла – “дар он ҷоҳо” омада бошад, пас таркиби сарҷума чунин аст: Дар он ҷоҳо...масъалаи хӯроквории зимистонаи ҳайвонот хеле аҳаммияти калон дорад. Дар ин ҳолат аз сарҷумла ба ҷумлаи пайрав ду савол гузоштан мумкин мешавад: чаро? ё дар кадом ҷоҳо? Агар нависанда маҳз маконеро, ки дар он ҷо чорводорӣ соҳаи асосӣ аст, таъкид карданӣ бошад, ҷумлаи пайрав муайянкунанда мешавад ва сохтори ҷумла ҳам, яъне дар байни сарҷумла пас аз аъзои эзоҳшаванда омадани ҷумлаи пайрав, ифодаи ишораҷонишини **он** чун калимаи ҳамнисбат ба ҷумлаи муайянкунанда будани он далолат менамояд. Агар нависанда маҳз дар он ҷоҳо аҳаммияти калон доштани масъалаи хӯроквории зимистонаи ҳайвонотро гушзад карданӣ бошад, ҷумлаи пайрави сабаб аст.

Албатта, дар ҳар ду ҳолат ҳам маънии маконӣ доштани ҷумлаи пайрав аз ифодаи “дар он ҷоҳо” ҳис карда мешавад.

Дар мисоли дуюм ҳиссаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки “ки” морфемаи -е, ишораҷонишини “он” (дар таркиби ҷумлаи пайрав) алоқа бастааст. Ҷумлаи пайрав ҳоли макони сарҷумларо, ки бо исми мафҳуми маконидошта ифода ёфтааст, шарҳ додааст. Аломату нишонаҳои шаклии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ба он ишора мекунад, ки ҷумлаи пайрав муайянкунанда аст, аммо ифодаи муносибати маконӣ, ки аз семантикаи исми эзоҳшавандаи сарҷумла сар задааст, ҳиссаи пайрав ҷумлаи мураккаби тобеи мазкурро ба ҷумлаи пайрави макон наздик кардааст.

Мушоҳидаву баррасии маводи забони адабии тоҷик шаҳодат медиҳад,ки баъзе аз калимаҳои ҳамнисбат низ сервазифа гардидаанд. Мисолҳои зеринро муқоиса кунед: 1. Чунон беғамона хандид, ки аъзои бадани Наимов ба ларза даромад (С. Турсун); Ҳаво чунон шаффоф буд, ки роҳи калон бо дарахтони дар ду канораш қатор саф кашида то дур намоён буд (С. Улуғзода).

Ҷумлаи пайрави мисоли якум ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа аст, ки тобиши маънои иловагии натиҷа дорад, аммо ҷумлаи пайрави мисоли дуюм ҷумлаи пайрави миқдору андозаест, ки тобиши маънои иловагии муайянкунандаю натиҷа дорад.

Тавре ки аз баррасии мисолҳои зиёде маълум гардид, аксари ҷумлаҳои пайрав вобаста ба омилҳои шаклию маъноӣ дорои чандин маъною муносибати наҳвианд. Аз ин рӯ ҳангоми таъйин намудани хели ҷумлаи пайрав ҳама нишонаю аломатҳои шаклию маъноиро муоина намуда, маънои асосӣ ва иловагиро саҳеҳ муайян кардан зарур аст.

Акунан ба таври мушаххас тобишҳои маънои иловагии баъзе ҷумлаҳои пайравро дар забони адабии тоҷик нишон медиҳем.

I. Тобишҳои маъноии иловагии ҷумлаи пайрави муайянкунанда

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда яке аз хелҳои серистеъмоли ҷумлаҳои мураккаби тобеъ буда, дар ҳама услубҳои нутқ мустаъмал аст.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ вобаста ба як қатор омилҳои грамматикию лексикӣ ғайр аз маънои асосии муайянкунанда боз маъноҳои иловагии дигар ҳам дода метавонад. Чунин омилҳои муҳимме,ки ба туфайли онҳо ҷумлаҳои пайрав сермаъно мегарданд, профессор Д. Тоҷиев аз инҳо медонад: “Сермаъноии онҳо (ҷумлаҳои пайрав Д.Х.) ба маъно ва вазифаҳои пайвандакҳои тобеъкунанда ва калимаҳои ҳамнисбат, ба ифода ва муносибати хабарҳо бо шаклҳои гуногуни феъл, бо муносибатҳои маънои асосӣ ва иловагӣ, хусусиятҳои интонатсионӣ ва ҷойи худашон вобаста аст” [16, с.12]. Бояд таъкид кард, ки аксари ҷумлаҳои пайрав зоҳиран шабеҳи якдигаранд, аммо мазмунан онҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Сермаъноии ҷумлаҳои пайрав илова ба сохту маънои умумӣ боз ба семантикаи аъзоҳои ҷудогонаи сарҷумлаю ҷумлаи пайрав вобаста мебошад. Ин хусусият ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда бештар хос аст. Чунон ки дар муайянкунандаҳои ҷумлаи сода нафақат аломату соҳибият, инчунин муносибатҳои дигар (замон, макон, пуркунанда...) низ ифода меёбанд, ҷумлаи пайрави муайянкунанда ҳам бо шарҳу эзоҳи аломату хусусият ва мансубияти муайяншаванда – аъзои эзоҳшавандаи таркиби сарҷумла, маҳдуд нашуда, ба сермаънои майл менамояд.

Дар ҷумлаи сода ҳама гуна тобишҳои маъноӣ дар доираи муайянкунанда ифода гардад, дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави муайянкунанда ба ифодаи аъзои эзоҳшавандаи таркиби сарҷумла ва омилҳои дигар низ вобаста мебошад.

Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар баробари маънои муайянкунандагӣ чунин тобишҳои маънои иловагӣ дода метавонад:

1. Муайянкунанда ва замон. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда ҳангоме тобиши замонӣ мегирад, ки ягон аломату хусусияти махсуси исмҳои ифодаи замонидошта ё шайъи дар сарҷумла бударо, ки дар нақши ин ё он аъзои сарҷумла меояд, аз ҷиҳати замон шарҳ диҳад: Хабар доред-мӣ, **он замонҳо**, ки шумо келин шуда будед, ҳоло барои кӯдакони мо афсонаи хандаовар шудааст (Ҳ. Карим); Лекин **шабу рӯзҳое** мешавад, ки то охири умр дар ёд мемонад (Садои Шарқ).

Дар мисоли якум ҷумлаи пайрави муайянкунанда исми мафҳуми замонидоштаро, ки калимаи ҳамнисбат гирифтааст, муайян кардааст. Аъзои эзоҳшаванда мубтадои сарҷумла буда, ҳангоми шартан фуругузор шудани ҷумлаи пайрави муайянкунанда ва пайвандаки “ки”, инчунин марфемаи -е сохту мазмуни сарҷумла халал намебинад ва ҳамчун ҷумлаи мустақил боқӣ мемонад,чунончи: Хабар доред-мӣ он замонҳо ҳоло барои кӯдакони мо афсонаи хандаовар шудааст. Дигар ин ки аз таркиби сарҷумла ишорақонишини “он”, ки калимаи ҳамнисбати ҷумлаи пайрави муайянкунанда аст, фуругузор шуда наметавонад, зеро калимаи ҳамнисбати мазкур дар айни ҳол аз ҷиҳати муносибати наҳвӣ муодили ҷумлаи пайрави муайянкунанда мебошад. Дар мисоли дуюм ҷумлаи пайрави муайянкунанда исмҳои мафҳуми замонии “шабу рӯз”-ро махсус таъкиду ҷудо намудааст, ки онҳо дар айни ҳол фоили (мубтадои) мантиқии ҷумлаи пайрави муайянкунандаанд. Тобиши маънои иловагии замон дар ин ду ҷумлаи пайрави муайянкунанда аз семантикаи исмҳои эзоҳшавандаи сарҷумла ва мазмуни ҷумлаи пайрави муайянкунанда сар задааст.

2. Тобиши маънои иловагии макон. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ду ҳолат тобиши маънои иловагии макон пайдо мекунад: а). Агар барои эзоҳи ҳоли макони сарҷумла омада бошад; б). Агар исмҳои маънои маконидоштаи сарҷумларо (сарфи назар аз вазифаи наҳвиашон) аз ягон ҷиҳат муайян намояд. Мисол: Дар заминкане, ки анбори хӯроквории лашкар буд, худи Махсум рост истода, фармонҳо медод (Ҷ. Икромӣ); Инқилоби Октябр сарзамини Туркистонро, ки як қисми Осиёи Миёна буд, ... низ аз зулму асорат озод кард (Ҷ. Икромӣ).

3. Тобиши маънои иловагии сабаб. Тобиши маънои иловагии сабаб дар ҷумлаи пайрави муайянкунанда на ба ҷиҳати маънои аъзои эзоҳшаванда, балки бештар ба муносибати маънои асосӣ ва иловагии ҷумлаи пайрави муайянкунанда вобаста буда, мутобиқати хабарҳо бо шаклҳои феълӣ низ саҳми муҳим доранд. Мисол:Ҷавононе, ки

ҳанӯз хонадор нашуда буданд, бо нияти фоли нек косаи оби никоҳро гирифта талош карда нушиданд (С. Айнӣ); Деҳқононе, ки мағзи ин гапҳои раисро мефаҳманд, худашон ариза дода, бо хушу хурсандӣ рафта истодаанд (Ҳ. Карим).

Дар мисолҳои мазкур ҳарчанд ки қисмати пайрави онҳо тобиши маънои иловагии сабаб дошта бошанд ҳам, вазифаи асосии ҷумлаи пайрав муайян кардани аломату сифоти шайъҳои сарҷумла буда, бо ин роҳ онҳо аз гурӯҳи ҳамҷинсҳояшон ҷудо карда шудаанд.

Баъзан ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба ҳоли сабаби сарҷумла низ вобаста гардида, дар натиҷа тобиши маънои иловагии сабаб пайдо мекунад. Мисол: **Бо ларзиши ҳаво**, ки дар таъсири якбора холӣ шудани чанд милтиқ пайдо шуда буд, шишаҳои тирезаҳо шақаррос зада рафтанд (С. Айнӣ).

4. Тобиши маънои иловагии мақсад. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар аксар маврид тобиши маънои иловагии мақсад пайдо менамояд, ки он аз мазмуни ҷумлаи пайрав равшан аст. Тобиши маънои иловагии мақсад гирифтани ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба ифодаи маънои асосии он вобаста мебошад. Мисол: Ягон оят ё ривояте ёфта натавонистем, ки ба зӯрӣ аз касе ба каси дигаре гирифта додани заминро ҷоиз донад (Р.Ҷалил); Ҷонзоде нест, ки аз вай ба дили худ қувват гирад (С. Айнӣ); Имрӯз касе набуд, ки бо ӯ суҳбат кунам (Ҷ. Икромӣ).

5. Тобиши маънои иловагии монандӣ. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар ҳолатҳое тобиши монандӣ-муқоисавӣ пайдо менамояд, ки агар бар эзоҳи ҳоли монандии сарҷумла омада бошад ё шайъи эзоҳшавандаи сарҷумларо бо роҳи монанду муқоисакунӣ бо шайъи дигари дар худи ҷумлаи пайрав буда шарҳу эзоҳ диҳад. Ин хусусияти ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар чунин ҳолатҳо бештар мушоҳида мешавад:

а). Ҷумлаи пайрави муайянкунанда агар шайъи монандкунандаро, ки дар сарҷумла зикр гардидааст, эзоҳ дода, аломату сифат, хусусияту характери онро тавзеҳ диҳад. Дар ин сурат тобиши монандии ҷумлаи пайрав ба аъзои эзоҳшавандаи сарҷумла ва хабари ҷумлаи пайрав вобаста мебошад. Мисол: Ҳамчун парандаи гуруснае, ки ба сайди худ ҳамла мекунад, рост аз ҷояш хест (Ҳ.Карим); Ҳавлӣ монанди орухонае, ки дар вай чӯб халонда шуда бошад, якбора ба ҳаракат омад (С. Айнӣ).

б). Ҷумлаи пайрави муайянкунанда агар шайъи баёншавандаи сарҷумларо бевосита шарҳу эзоҳ надода, балки сифату аломат, хусусияту моҳияти барои нависанда ё гӯянда муҳимми он шайъ дар ҷумлаи пайрав бо роҳи монанду муқоисакунӣ бо шайъи дигар нишон дода шавад. Мисол: Аз мурии бисёртирини хонаҳои қишлоқ, ки мисли қуттиҳои занбури асал дар кабудии васеъ паҳн шуда буданд, дудҳои ғафси сиёҳу сафед баромада паҳн мешуданд (Р. Ҷалил); Дар пешонааш як қашқаи сафед дошт, ки мисли ситораи рӯз медурахшид (С. Айнӣ).

6. Тобиши маънои иловагии шарт. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда, асосан, дар ду маврид маънои иловагии шарт пайдо мекунад:

а). Вақте ки хабари ҷумлаи пайрави муайянкунанда бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода шуда бошад. Дар ин ҳолат ҷумлаи пайрави муайянкунанда он сифату аломат, хусусияту характери шахсу шайъеро шарҳу эзоҳ медиҳад, ки он тахмину умед ва ё ба шарте вобаста карда мешавад: Фарзанд ба ҳамон кас азиз аст, ки вай меҳру муҳаббат, дили гарме дошта бошад (Ҷ. Икромӣ); Гусолаеро, ки аз пода берун равад, гург мехӯрад (С. Айнӣ).

б). Ҳангоме ки ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба сарҷумла бо ёрии калимаю таркибҳои **касе ки, ҳар касе ки, он кас ки, ҳар он кас ки, ҳар ки, ҳар чи** ва монанди инҳо алоқаманд гардад, тобиши маънои иловагии шарт пайдо менамояд. Мисол: Ҳар он касро, ки сирру асрори чизу чораи фарангиро донад, фаранг меномиданд (Р. Ҷалил).

7. Тобиши маънои иловагии хилоф. Маънои хилофии ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар натиҷаи муносибати маъноии ду ҷумла – сарҷумла ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда сар мезанад. Дар ин ҳолат ҷумлаи пайрави муайянкунанда аломату сифат, хусусияту характери шайъро нишон медиҳад, ки ба аломату сифат, хусусияту характери айнизамониашон зид аст. Мисол: Тавба, одаме, ки ба як нигоҳи қаҳролуди худ ҷигарри бабрро об мекард, акнун мисли муллобачаҳои ғариб ва дардманд

нолону гирён ба ӯ хат менавишт (Ҷ. Икроиӣ); Шаҳре, ки ягон ваҷаб ҳатто кӯчаи сангфарш надошт, ҳоло саду се километр роҳи асвалтпӯш дорад (Р. Ҷалил).

8. Тобиши маънои иловагии натиҷа. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда гоҳо тобиши маънои иловагии натиҷа низ дода метавонад, ки ин ба мазмуни сарҷумла ва ҷумлаи пайрави муайянкунанда иртибот дорад, чаро ки дар мундариҷаи сарҷумла ахборе оварда мешавад, ки он муҷиби сар задани амалу ҳолати ҷумлаи пайрав мегардад. Мисолҳо: Ба Ёдгор як ҳолати аҷибе рӯй дода буд, ки ин ҳолат ӯро ҳеҷ осуда намегузошт (С. Айнӣ); Вале ин овоза ба сари ман ҳамчун муаллиф, басаҳнагузорандаи намоишнома, ҷавобгари шабҳо ташвишу такопуҳое овард, ки аз фаъолияти худ қариб пушаймон мешудам (Р. Ҷалил).

9. Тобиши маънои иловагии миқодору дараҷа. Тобиши маънои иловагии миқдору дараҷа аз мазмуни худи ҷумлаи пайрави муайянкунанда, ки дар айни замон сифату аломат, хусусияти шайъи эзоҳшавандаи сарҷумла маҳсуб меёбад, бармеояд. Мисол: Офтоб, ки акнун ба қадри найза бардошта шуда буд, нурҳои найзагии худашро ба биёбони васеи пурбарф паҳн мекард (С. Айнӣ). Дар паси он чуқурӣ боз як чуқурии васеи болокушода буд, ки дар он ҷо чанд аспу одам меғунҷид (С. Айнӣ).

10. Тобиши маънои иловагии тарзи амал. Ҷумлаи пайрави муайянкунанда баъзан барои шарҳу эзоҳи ҳолату нисбат ва инчунин муносибату вазъияти шайъи сарҷумла низ меояд, ки дар натиҷа вобаста ба маънии аъзои эзоҳшаванда тобиши тарзи амал мегирад. Мисол: Ба ман ба ҳамон тарзи ифодае, ки, ба ақидаи худаш, шоирона ва болояш пӯшида аст, фаҳмонидан хост (С.Айнӣ); То нимаи роҳ Махдуми Гав дар ҳолате афтодааст,ки чашмаш чизеро намедид (С. Айнӣ).

Тавре ки аз таҳлилу баррасии мисолҳо маълум гардид, ҷумлаи пайрави муайянкунанда дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ вобаста ба омилҳои луғавӣ ва дастурӣ ғайр аз маънои аслии муайянкунандагӣ боз маъноҳои иловагии дигар ҳам дошта метавонад.

II. Тобишҳои маънои иловагии ҷумлаи пайрави сабаб

Дар сохтори наҳвиёти забони адабии тоҷик муносибати байни ҷумлаи пайраву сарҷумлаи мураккаби тобеъ ду навъ мешавад:

1.Муносибати холис. Дар ин ҳолат, ки байни ҳиссаҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ – сарҷумла ва ҷумлаи пайрав, танҳо як муносибат, масалан, муносибати сабаб мушоҳида мешавад, муносибати холис аст: Аз рафтан ба Чилдухтарон хурсанд шудам, зеро дер боз дар орзуи сайру тамошо будам (С. Улуғзода).

Дар ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур ҷумлаи пайрави сабаб танҳо сабаби воқеъ гардидани амали сарҷумларо вобаста ба ҳоли дар сарҷумла ифодаёфта фаҳмонидааст. Ҳар калимаю таркиб ва ибораю пайвандаки хоси сабаб – “зеро” ҳамон бори маъниро ба дӯш дорад, ки барои ифодаи муносибати сабаб зарур аст.

2. Муносибати пайваста (омехта). Дар ин навъи ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави сабаб илова бар муносибати сабаб муносибатҳои дигари наҳвӣ низ омезиш меёад. Ин муносибатҳо, ки чун тобиши иловагии маъно сар мезананд, гоҳо ҷумлаи пайрави сабабро духура ҳам мегардонанд. Дар чунин ҳолат муносибати дастурию маъноии ҷумлаи пайрав аз маънои калимаю таркиб, ибораҳои алоҳидаи ҳам таркиби сарҷумла ва ҳам ҷумлаи пайрав бармеояд, чунончи, дар ҷумлаи зерин ҳатто пайвандаки семантикии **то вақте ки**, ҳарчанд маънои замонӣ дорад, барои ифодаи ин муносибат оҷизӣ мекашад ва аз маънои ҳиссаҳои таркиби он муносибати сабабу шарт эҳсос мешавад: То вақте ки ман бригарид ҳастам, лаби ҷӯйро ба ҳеҷ кас намедиҳам, - бо рӯйи туруш ҷавоб дод вай (С. Улуғзода).

Дар ҷумлаи мазкур маънии замон, сабаб ва шарт эҳсос мешавад, ки аз маънии пайвандаки “то вақте ки”вобаста аст. Аз ин рӯ, барои кушодани паҳлуҳои нозуки мазмуни ҷумлаи пайрав на фақат пайвандаку шаклҳои феълӣ, муносибати маънои ҷузъҳо, балки вазифаю маънои ҳар яке аз ҷузъҳои таркиби он, тобишҳои маънои иловагии онҳо бояд ба назар гирифта шавад!

Яке аз омилҳое, ки барои ифодаи маънои холис (асосӣ) дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб нақши муҳим дорад, ифодаи пайвандакҳои хоси сабабӣ мебошад. Ба

ҷумлаи пайвандакҳои хоси сабаб пайвандакҳои зерин дохил мешаванд: зеро,зеро ки, чунки, азбаски, бинобар ин (он) ки, аз сабаби ин (он) ки, чаро ки ва ғ. Чанд мисол: 1. Азбаски худаш аз байни камбағалон баромада буд, қадри меҳнатро медонист (Ҷ. Икромӣ); 2. Сабза ва себаргаҳои ин чорбоғ, бо сабаби он ки рӯзе ду бор бо обпошакҳо ба болояшон об пошида мешуд, сабзу хуррам буданд (С.Айнӣ); Дар ин ҷо аҳволам хуб буд, барои ин ки ман дар он ҷо ҳафтае се шаб бо аҳли илм ва адабиёт ҳамсуҳбат мешудам (С. Айнӣ).

Тавре ки аз мисолҳои мазкур маълум аст, муносибати сабаб дар байни ҷузъҳои онҳо ба сурати холис равшану возеҳ аст.

Агар ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки “ки” алоқа баста бошад, муносибати наҳвии байни сарҷумлаю ҷумлаи пайрави сабаб хира ё омехта ба назар мерасад. Мисол: Каримов ба бригадаи Аъзам равон буд. ки дар он ҷо имрӯз пахтачинии оммавӣ сар шуда буд (С. Улуғзода).

Дар мисоли фавқ исми “Аъзам” дар таркиби сарҷумла ва ибораи “пахтачинии оммавӣ” дар таркиби ҷумлаи пайрав аз сабаб дида ба ифодаи муносибати муайянкунанда наздик аст, яъне Каримов ба бригадае равон буд, ки дар он ҷо имрӯз пахтачинии оммавӣ сар шуда буд. Дар ин тарзи ифода бригадаи мазкур ба тавассути дар он ҷо сар шудани пахтачинии оммавӣ аз дигар бригадаҳо фарқ мекунад ва дар айни замон муҳокимаи дар қисмати ҷумлаи пайрав баёнгардида сифату аломати махсуси ин бригада маҳсуб меёбад. Аммо маънои асосии ҷумлаи пайрави мазкур ифодаи муносибати сабаб мебошад.

Ҷумлаи пайрави сабаб ҳамин гуна тобиши маънои иловагиро ҳангоми бо ёрии пайвандаки муштараквазифаи “чун” алоқа бастан низ пайдо мекунад. Мисол: Чун Музавффархон бойро бад дида монда буд, ӯ дар зиндагии ин амир ба амалу мансаби наве умедворӣ надошт (С. Улуғзода).

Чун канал андар ҷаҳон овоза шуд,
Дар дили мо шавқи беҳад тоза шуд (М. Турсунзода)

Дар мисоли аввал байни сарҷумлаю ҷумлаи пайрав муносибати сабаб аст, зеро маънои феъли сарҷумлаю ҷумлаи пайрав маҳз ҳамин муносибатро тақозо дорад, ҳарчанд ки тобиши маънои иловагии замон низ ҳис карда мешавад. Дар мисоли дуюм бошад муносибати замонӣ нисбат ба сабаб барҷаста ва равшан аст ва муносибати сабабӣ чун тобиши маънои иловагӣ ба назар мерасад.

Дар воқеъ, пайвандаки “чун” дар баробари пайвандаки **ки, то** сервазифа, яъне муштараквазифа гардидааст. Масалан, профессор Д. Тоҷиев ин пайвандакро барои ҷумлаи пайрави сабабу замон муштарак медонад, чунончи: Пайрави сабаб: Чун сухани худро ба занаш қабул кунонда натавонист, соате хомӯш монд (С. Айнӣ); Пайрави замон: Чун ба маркази район расиданд, дар чойхонаи сурх даромада чойи кабуд нӯшиданӣ шуданд (С. Улуғзода).

Дар ҳақиқат, хулосаи профессор Д.Тоҷиев ҷолиб буда, тамоми омилҳои ҷумласозию маъниофарии мисоли аввал муносибати сабабӣ ва мисоли дуюм муносибати замониро далолат кардаанд. Аз ин рӯ, дар чунин ҳолатҳо аз рӯйи пайвандак муайян кардани хели ҷумлаи пайрав саҳеҳ нест. Дар муайян намудани муносибати дастурии ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак бо ҷумлаи пайрави сабаб маънии феълҳо хеле муҳим аст, чунончи:

Чӣ ғам дорам, диёри хубтар аз бӯстон дорам,
Ба васфи кишвари озод садҳо достон дорам (М. Турсунзода).

Аз маънои феълҳои ҷумлаи мураккаби тобеи бепайвандаки фавқ чунин мазмуне бармеояд, ки қаҳрамони лирикӣ ҳеҷ гуна ғам надорад, чаро ки ӯ диёри аз бӯстон ҳам зеботар дошта, ба васфи он (кишвари озод) садҳо достон ҳам эҷод шудааст.

Агар шартан гӯем: Ман вақте ки диёри хубтар аз бӯстон дораму ба васфи он садҳо достон ҳам эҷод гардидааст, ҳеҷ ғам надорам, боз ҳамон муносибати сабабӣ асосӣ аст ва муносибати замонӣ чун тобиши иловагии маънои замонӣ боқӣ мемонад. Барои он ки ин матлаб равшантар гардад, байти мазкурро ба наср бармегардонему пайвандаки тобеъкунандаи матлубро мегузорем. Ман ҳеҷ ғам надорам, зеро ки диёри аз бӯстон ҳам

хубтар дораму дар васфи он садҳо достон ҳам навишта шудааст. Гоҳо дар як ҷумлаи пайрав чанд маъно бо ҳам омезиш меёбад, чунончи, дар мисоли зерин ҷумлаи пайрав дорои муносибати сабаб, мақсад ва муайянкунанда мебошад: Дар он ҷо, аз поёнтари домани кӯҳҳо, хандкҳои дароз кашида шуда буд, ки пеши селроҳаро бурида, навзаминро аз хавфи селзеркунӣ эмин мекард (П. Толис).

Ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб аст, зеро ҷумлаи пайрав аз ҷиҳати сохту маъно сабаб буда, дар таркиби сарҷумла калимаи эзоҳшавандаи асосӣ – **ҳандақ,** мебошад ва ғараз аз кандани ҳандақ эмин нигоҳ доштан аз селзеркунӣ буда, тамоми мазмуни гуфтор ба он нигаронида шудааст. Ва ҷумлаи пайрав хосияту аломати онро кушодааст. Калимаи “ҳандақ” муайянкунандаи тавсифӣ – сифати **дароз,** гирифтааст, ки зикри сабабро зарур гардонистааст. Ғайр аз ин дар таркиби ҷумлаи пайрав ҷониши “вай” омада ҳамон калимаи муттако ва аломати онро ишора кардааст. Ин омилҳо ҷумлаи пайравро сермаъно гардонда, бар замми муносибати сабаб ба он тобиши маънои иловагии мақсаду муайянкунанда ҳам додааст.

Тобиши маънои иловагии муайянкунандаю мақсад ба дараҷае эҳсос мешвад, ки агар ба охири ибораи изофии “хандақҳои дароз” марфемаи –е илова кунем, ҷумлаи пайрав муайянкунанда мешавад ва агар шакли тасрифии феъли ҷумлаи пайрав - “мекард”-ро ба “кунад” табдил диҳем, мақсад мешавад.

Бояд гуфт, ки баъзе пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибии маънодор низ хусусияти муштараквазифа доранд, бинобар ин гоҳе аз рӯйи маънои пайвандакҳои таркибӣ низ муайян кардани хели ҷумлаи пайрав душвор аст ва ба иштибоҳ мебарад. Дар ин бобат профессор Д.Т. Тоҷиев хеле нозукона таъкид кардааст, ки агар хабари ҷумлаи пайрави бо пайвандаки “барои ин ки” тобеъ шуда бо шаклҳои сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода шуда бошад, ҷумлаи пайрав мақсадро ва дар ҳолатҳои дигар сабабро мефаҳмонад. Муҳаққиқ барои тасдиқи ин хулосааш чунин муқоисаро меорад.

Сабаб:

Барои он ки Зайнаб ба ҳадди балоғат расидагӣ буд, нафақаи муайяншуда чандон калон набуд (Ҷ. Икромӣ).

Мақсад:

Барои он ки Мухтор аз хоб бедор нашавад, сарамро ба кӯрпа печонда, бесадо мегиристам (С. Улуғзода).

Ҳамин гуна хусусиятро дар ифодаи пайвандаки тобеъкунандаи таркибии “модом ки” низ дида метавонем. Ин пайвандак бештар барои алоқа бастани ду хели ҷумлаи пайрав – сабаб ва шарт ҳамроҳ шуда, ҳангоми бо ин пайвандак алоқаманд шудани ҷумлаи пайрави сабаб хабари сарҷумла ба шакли сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ меояд; агар ин пайвандак ҷумлаи пайрави шартро алоқа бандад, хабари худи ҷумлаи пайрав бо сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода меёбад.

Муқоиса кунед:

Сабаб	Шарт
Хайр, модом ки меҳмон овардӣ, сари ҳисоби ягон рӯшноиро меёбем (Р. Ҷалил).	Модом ки месӯхта бошам, сӯхтан гирам (С. Айнӣ).

Ба ҳамин тариқ, вобаста ба омилҳои маъноӣ ва дастурӣ ҷумлаи пайрави сабаб дар алоқа бо сарҷумла чунин тобишҳои маънои иловагӣ пайдо карда метавонад:

1.Тобиши маънои иловагии пуркунанда: Баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб ҳастанд, ки ҷумлаи пайрави онҳо аз ҷиҳати сохт, тарзи алоқа ба ҷумлаи пайрави пуркунанда наздику монанданд, аммо мазмуни ҷумлаи пайрав, алалхусус, феъли сарҷумла бештар ба муносибати сабабӣ далолат мекунад. Мисол: Хурсад мешавад, ки дурри мақсуд ба даст омад (Ф. Муҳаммадиев).

Ҷумлаи пайрави мисоли мазкур ба саволи ҳам **чаро хурсанд мешавад** ва ҳам ба саволи **аз чӣ хурсанд мешавад**? ҷавоб дода метавонад.

Агар ин ҷумлаи мураккабро ба ҷумлаи сода баргардонем, муносибати дастурии ҷузъҳо боз ҳам равшан мегардад: Аз ба даст овардани дурри мақсуд хурсанд мешавад.

Чунон ки мебинем, дар натиҷаи баргардон ҷумлаи пайрав ба ибораи масдарӣ табдил ёфта, вазифаи пуркунандаи ҷумлаи содаро адо кард. Аммо мазмуни ҷумлаи

пайрав муносибати дастурии сабабро тақозо дорад ва хабари сарҷумла низ ба ҳамин муносибат далолат мекунад.

2. Тобиши маънои иловагии муайянкунанда. Тобиши маънои иловагии муайянкунанда пайдо кардани ҷумлаи пайрави сабаб бештар ба маъною вазифаи наҳвии калима,таркиб ва ибораи муттако (Ахбори ҷумлаи пайрав маҳз ба ҳамон нигаронида шудааст) ва пайвандаки муштараквазифаи “ки” вобаста аст. Мисол: Ин **бинои нав**, ки аз маҳсули баъдиҷангӣ ба шумор мерафт, дар қишлоқ аз ҳамаи дигар иморатҳо баландтар меистод (Р. Ҷалил).

3. Тобиши маънои иловагии шарт. Тобиши шартӣ пайдо кардани ҷумлаи пайрави сабаб, асаосан, ба пайвандак ва шакли феълии хабари сарҷумлаю ҷумлаи пайрав вобаста аст, чунончи: Мудом ки вай бо ту будан мехоҳад, ту бояд дар наздаш бошӣ (С. Улуғзода).

4. Тобиши маънои иловагии мақсад. Тобиши маънои иловагии мақсад гирифтани ҷумлаи пайрави сабаб бештар ба ду омил вобаста аст: Якум, ба пайвандакҳои муштараки сабабу мақсад: ки, барои он (ин) ки; дуюм, шакли феълии хабарҳо.

Муқоиса шавад:

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб	Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад
Барои он ки аз ҷиҳати оғил ва коҳу беда душворӣ рӯй дод, муваққатан ба соҳибони пештараашон дода мондани ҳайвоноти умумишуда маслиҳат дода шуд (С. Айнӣ).	Ӯ барои он ки ба назари мастон нанамояд, дар паси дари яктабақаи ба тарафи берун кушодашавандаи заминкан меистод (Р. Ҷалил).

Агар шакли феъли ба вазифаи хабари ҷумлаи пайрави сабаб омадаро тағйир диҳем, вай ба ҷумлаи пайрави мақсад бармегардад. Албатта дар ин маврид маънои феъл ва калимаҳои алоҳида низ таъсир мерасонанд.

Муқоиса шавад:

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб	Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави мақсад
Соле як бор ба сайри лола баромадан даркор, ки вай ҳамаи рутубати зимистонаро аз аъзои бадани одам рӯфта мепартояд (Р.Ҷалил).	Соле як бор ба сайри лола баромадан даркор, ки вай ҳамаи рутубати зимистонаро аз аъзои бадани одам рӯфта партояд.

5. Тобиши маънои иловагии натиҷа. Дар байни ҷумлаи пайрави сабаб ва натиҷа умумияте ҳаст, бинобар ин дар ҷумлаи пайрави сабаб тобиши маънои иловагии натиҷа аксар мешоҳида мешавад. Мисол: Ӯ пирсаг набудааст, балки пиррубоҳ будааст, ки гургони ҷавонро мурч хӯронда рафтааст (С.Айнӣ).

Муқоиса шавад:

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави натиҷа	Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави сабаб
Хонаи модаркалонам ҳам вайрона шуда, ҳезумхона гашта буд, ки аз дидани он андуҳи ман меафзуд (С. Улуғзода).	Азбаски хонаи модаркалонам ҳам вайрона шуда, ҳезумхона гашта буд, аз дидани он андуҳи ман меафзуд.

6. Тобиши маънои иловагии замон. Гоҳо ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки “чун” алоқа мебандад, ки дар натиҷа тобиши маънои иловагии замон пайдо мекунад. Дар ин маврид омили дигар – муносибати замонии сарҷумлаю ҷумлаи пайрав низ таъсир мерасонад. Мисол: Чун босмачиён бинои маҳкамро вайрон карда буданд, аскарони сурх яке аз биноҳои бозоргоҳро таъмир карда, дар он ҷо ҷойгир шуданд (С. Улуғзода).

Тобишҳои маънои иловагии ҷумлаи пайрави макон

Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави макон низ дорои вижагиҳои маъноӣ ва созмонӣ буда, дар сохти наҳвии забони адабии тоҷик нақши муҳим дорад. Ҷумлаи пайрави макон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ вобаста ба омилҳои луғавӣ ва дастурӣ тобишҳои иловагии маъно пайдо менамояд.

Дар илми забоншиносии тоҷик ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави макон ҳамаҷониба таҳлилу таҳқиқ нагардидааст. Профессор Д. Тоҷиев ҷумлаи пайрави

маконро аз рӯйи вазифаю маъно ба ду хел ҷудо кардааст: а) ҷумлаи пайрави маконе, ки ҷойи иҷрои амали сарҷумларо мефаҳмонад; б) ҷумлаи пайрави маконе, ки сӯйи амали сарҷумларо нишон медиҳад [17].

Дар таъин намудани пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрави макон ихтилофи назар аст. Масалан, дар китоби дарсии мактабҳои олӣ таъкид шудааст: “Ҷумлаи пайрави макон ба воситаи пайвандаки “ки” ба сарҷумла тобеъ мешавад” [8, с.270]. Профессор Д. Тоҷиев чунин хулосае пешниҳод кардааст: “Аз рӯйи фактҳои забони адабии тоҷик ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла, одатан, бо пайвандакҳои тобеъкунандаи **ки, ҷое ки, дар ҷое ки, ба ҷое ки, то ҷое ки, аз ҷое** ки алоқаманд мешавад” [17, с.153]. Забоншинос Х. Ҳусайнов доираи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави маконро боз ҳам васеътар тасаввур намуда, чунин ибрози назар кардааст: “Он ибораҳои ҳолшаҳркунандаи маконе, ки ҳамчун воситаи грамматикӣ, яъне пайвандакҳои тобеъкунанда хизмат мекунанд, аз инҳо иборатанд: ба ҷое ки, аз ҷое ки, аз куҷое ки, ба куҷо ки, ба куҷое ки, дар ҷое ки, дар куҷое ки, ҳар ҷое ки, ҳар куҷое ки, ба ҳар куҷое ки, дар он ҷое ки, дар ҳамон ҷое ки ва ғайра” [30, с.12].

Дар ҳақиқат, ин таркибҳои пайвандакӣ дар ташаккули ҷумлаи пайрави макон, фарқ кардани он аз хелҳои дигари ҷумлаҳои пайрав аҳаммияти муҳим доранд. Аксар омехта кардани ҷумлаи пайрави макон бо хелҳои дигари ҷумлаи пайрав, алалхусус, ҷумлаи пайрави муайянкунанда ба он вобаста аст, ки ҳамин пайвандакҳои таркибӣ дар ҳайати ҷумлаи мураккаби тобеъ дуруст ҷудо карда намешавад. Як ҷумларо аз назар мегузаронем: Пештар ба ҷое ки газета хонда истода бошад, ҳеҷ наздик намешуд. Агар дар ин ҷумла пас аз ҳоли замон (зарфи замон - пештар) аломати вергул (,) гузорем ва таркиби “ба ҷое ки”-ро пайвандак шуморем, он гоҳ сарҷумла “Пештар ҳеҷ наздик намешуд” буда, “... ба ҷое ки газета хонда истода бошад” ҷумлаи пайрави макон мешавад. Агар ҷузъҳои таркиби “ба ҷое ки”-ро аз ҳам ҷудо карда, пеш аз пайвандаки “ки” вергул (,) гузорем, ҷузъҳои таркиби ҷумлаи мураккаби тобеи мазкур ба ин тариқа аз ҳам ҷудо мешаванд: “Пештар ба ҷое ҳеҷ наздик намешуд” сарҷумла шуда, қисмати “ки газета хонда истода бошад” ҷумлаи пайрави муайянкунанда мешавад.

Ҳамин тариқ, барои муайян кардани муносибати ҷумлаи пайрав,хели он пайвандаку таркибҳои пайвандакӣ мақоми муҳим доранд. Дигар аз хусусиятҳое, ки барои шинохти ҷумлаи пайрави макон душворӣ пеш меорад, аз рӯйи сохт шабоҳати он ба дигар хелҳои ҷумлаи пайрав мебошад. Азбаски аломату нишонаҳои созмонӣ, вазифаю маънои ҷумлаи пайрави макон ҳоло ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст, гоҳо онро ба хелҳои дигари ҷумлаи пайрав мансуб медонанд. Бояд таъкид кард, ки мафҳуми макон чун категорияи фалсафӣ хеле васеъ аст. Ҳамаи шайъҳо ва амалу сифат, тағйироти сифатию миқдории онҳо дар дохили вақту фазо (макон) вуҷуд доранд. Аз ин рӯ, муносибатҳои гуногуне, ки ба воситаи воҳидҳои мухобирот ифода меёбанд, дар вақту фазои мухталиф зуҳур мегарданд. Муносибати муайянкунандагӣ низ мафҳуми васеъ дорад, он паҳлуҳои мухталифи шайъҳоро равшану ошкор месозад. Ин аст, ки аксар ҷумлаҳои пайрав новобаста ба сохторашон вазифаи тавзеҳӣ доранд, ки ҷумлаи пайрави макон ҳам ин хусусиятро доро мебошад. Як хели ҷумлаи пайрави макон вазифаи шарҳу эзоҳдиҳӣ, тавзеҳии ҳоли макони сарҷумларо дорад. Ҳоли макони эзоҳшаванда аз рӯйи ифода гуногун мешавад. Аксар ба вазифаи чунин ҳоли макон исмҳои мафҳуми маконидошта ва зарфҳои макон меоянд, ки дар натиҷа ҷумлаи пайрави макон ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда монанд мегардад. Барои он ки дар шинохти ҷумлаи пайрави макон ба иштибоҳ роҳ надиҳем, бояд хусусиятҳои сохтору маънои онро муайян намоем.

Ҷумлаи пайрави макон, асосан, нақшу вазифаи ҳоли маконро адо менамояд, аммо ба сурати тафсилӣ онро баён мекунад.

Дар таркиби сарҷумлаи ҷумлаи пайрави макон аксар ба вазифаи ҳоли макони эзоҳшаванда чунин таркибу ибораҳо меоянд: **он ҷо, дар ин ҷо, дар он ҷо, дар ҳамин ҷо, дар ҳамон ҷо, дар ҳама ҷо, аз он ҷо, аз ин ҷо, аз ҳамин ҷо, аз ҳамон ҷо, ба ин ҷо, ба он ҷо, ба ҳамин ҷо, ба ҳамон ҷо, то ин ҷо, то он ҷо, то ҳамин ҷо, то ҳамон ҷо.** Мисол: Дар ҷое ки зулму ситам ҳаст, он ҷо хароб мешавад.

Дар мисоли фавқ ҳиссаи “Он ҷо хароб мешавад” сарҷумла буда, “дар он ҷое ки зулму ситам ҳаст” ҳиссаи пайрав аст ва ибораи ба вазифаи ҳоли макони сарҷумла “он ҷо”-ро шарҳ дода, ба саволи куҷо? ҷавоб мешавад. – куҷо хароб мешавад? – Дар куҷое ки зулму ситам ҳаст.

Чунон ки мушоҳида мешавад, дар таркиби “дар он ҷое ки” пеш аз “ки” аломати вергул гузоштан мумкин нест, чаро ки гузошта шавад, маънӣ хароб ва хели ҷумлаи пайрав дигар мешавад.

Ҷумлаи пайрави макон вобаста ба адои вазифаи дастурии худ дар ҳайати ҷумлаи мураккаби тобеъ маъноҳои гуногун мегирад:

1. Маконеро мефаҳмонад, ки амали сарҷумла ба он нигаронида шудааст: Рӯйи ин кас, аз куҷо ки боди мухолиф вазида монад, даррав ба ҳамон тараф мегардад (Р. Ҷалил).

2. Маконеро зикру таъкид менамояд, ки амали сарҷумла низ дар ҳамон макон сар мезанад. Мисол: Дар ҳамон ҷо ки камбудӣ кам бошад, дар он ҷо муваффақият бисёртар мешавад (Ҷ. Акобир).

3. Маконеро шарҳ медиҳад, ки дар сарҷумла махсусияти онро зикру таъкид шудааст. Мисол: Ба ҷое ки имрӯз рафтанӣ ҳастам, манзили деринаи босмачиён будааст (Р. Ҷалил).

4. Макони сар задани амали сарҷумларо ба таври умумӣ мефаҳмонад, чунончи:

Чашм ҳар ҷо ки мухтасар афтод,
Зиндагии дигареро дид (М. Турсунзода).

5. Маконеро мефаҳмонад, ки амали сарҷумла он ҷо қат мегардад: Қад-қади ҷӯй рафта, дар ҷое ки бояд осиё сохта мешуд, қарор гирифтанд (С. Улуғзода).

6. Макони амали сарҷумларо мушаххас менамояд. Ҷое ки Ятим ва Наврӯз истода буданд, аз он ҷо ҳам як тарафи кул ва ҳам як тарафи дунё менамуд (С. Айнӣ).

7. Самту сӯйи амали сарҷумларо мефаҳмонад: Он маблағро, ба ҷое ки худаш ва он саройбон медонист, ҳароҳи ӯ бурда монд (С. Айнӣ).

Ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла бо ёрии воситаҳои зерин алоқа мебандад:

1. Пайвандаки “ки” ва таркибҳои пайвандакӣ. Яке аз воситаҳои асосӣ дар алоқаи ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла пайвандаки муштараквазифаи “ки” мебошад. Ин пайвандак ҳамаи хели ҷумлаи пайрави маконро ба сарҷумла алоқа мебандад: Сайёра маро ба ҷое овард, ки як гурӯҳ колхозчиҳо дар таги айвон гулханчае афрхота, ҳалқа грифта менишастанд (Ф. Муҳаммадиев).

Аксар барои равшан гардидани муносибати маконӣ дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави макон истифодаи пайвандакҳои таркибии семантикӣ аз қабили **он ҷо ки, ҳар ҷо ки, ба ҳар ҷо ки, ҳар ҷое ки, ҷое ки, ба ҷое ки, аз ҷое ки, то ҷое ки, дар куҷо ки, ба куҷо ки, ба ҳар куҷо ки, аз ҳар куҷо ки, ба ҳар ҷое ки, ба ҳамон ҷое ки, то ба ҷое ки, ҳар ҷо ки, дар куҷое ки**... нақши муҳим доранд.

Мисолҳо:

Он ҷо ки намак хӯрдӣ, намакдон нашикан (Зарбулмасал);

Ҳар ҷо ки дучори душман ояд,
Ӯ ҳамлаи рустамона дорад (М. Турсунзода).

Албатта дар ҳур ду мисоли фавқ тобиши маънои иловагии шарт равшан аст, аммо маънои асосӣ таъкиди мафҳуми макон мебошад.

II. Дигар аз воситаҳои дастурие, ки ҷумлаи пайрави макон ба туфайли онҳо ба сарҷумла алоқаи мустаҳкам пайдо карда ва дар шинохти ҷумлаи пайрави макон ёрии калон мерасонад, калимаю таркиб ва ибораҳои ҳамнисбат мебошад. Ин воситаи алоқа дар таркиби сарҷумла омада ифодаи ҷумлаи пайрави маконро зарур мегардонад. Дар нақши воҳиди ҳамнисбати ҷумлаи пайрави макон калима, таркиб ва ибораҳои зерин меоянд: **ҷое, аз ҷое, дар ҷое, то ҷое, ба ҷое, дар он ҷо, ба он ҷо, то он ҷо, аз он ҷо** ва амсоли инҳо.

Мисол: Ба ҷое роҳ меёбад, ки дар он ҷо бо паризодагон умр ба сар мебарад (С. Айнӣ).

Як хусусияти ҷумлаи пайрави макон ин аст, ки дар таркиби он калима,таркиб ва ибораҳое меоянд, ки онҳо муносибати маконии ҷумлаи пайрави маконро равшан намуда,

ба воҳидҳои ҷумлаи пайрави макон, ки дар таркиби сарҷумла меоянд, ишора карда, махсус таъкид менамояд. Дар натиҷа муносибати маъноию дастурии ҷумлаи пайрави макону сарҷумла, аз як тараф, мустаҳкам гардад, аз сӯйи дигар, маънои маконии ҷумлаи пайрав мушаххас мешавад. Мисол: Душвории кор дар ин ҷо буд, ки дар он ҷо чим ва лойи шитта набуд (С. Айнӣ).

Дар мисоли фавқ ифодаи “дар он ҷо” дар таркиби ҷумлаи пайрави макон ба вазифаи ҳоли макон омада, ба ифодаи дигар – “дар ин ҷо”, ки воҳиди ҳамнисбати ҷумлаи пайрави макон дар таркиби сарҷумла мебошад, ишора ба он кардааст, ки ҷумлаи пайрав маҳз ҳамон ифодаро шарҳ додааст.

III. Мутобиқати шаклҳои феълӣ низ дар ифодаи ҷумлаи пайрави макон саҳми муҳим дорад. Хабари ҷумлаи пайрави макон аксар бо шакли замони ҳозира-ояндаи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода мешавад. Агар дар таркиби сарҷумла таркибҳои лексикии ифодакунандаи мафҳуми макон ё пайвандакҳои таркибии хоси маконӣ дар таркиби ҷумлаи пайрав наояд, он ҷумлаҳои пайрави макон тобиши маънои иловагии шарт пайдо мекунад, чунончи: Ба куҷое ки фармоед, ба дилу ҷон меравам (Р. Ҷалил).

Агар аз таркиби ҷумлаи пайрав таркиби “ба куҷо ки”-ро фуругузор намоем, ҷумлаи пайрав комилан маънои шарт мегирад: Фаромед, ба дилу ҷон меравам.

Мисоли дигар: Дар ҷое ки ӯ бошад, ба гап ҳамроҳ намешуд (П. Толис). Ӯ бошад, ба гап ҳамроҳ намешуд.

Агар ҷумлаи пайрави макон бар эзоҳи калимаю таркибҳои ҳамнисбати худ ояд, хабари он ба шаклҳои гуногуни сиғаи хабарӣ ифода мешавад, чунончи: Сари зина **ба ҷое** мебарояд, ки атроф ва болояш кушода буд (С. Айнӣ).

Агар дар мисоли мазкур ба ҷойи шакли замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ аорист биояд, ҷумлаи пайрави макон мазмуни шарт пайдо мекунад. Аз ин ҷост, ки барои ифодаи маънии асосию аслии макон дар ҷумлаи мураккаби тобеъ ифодаи калимаю таркибҳои маконӣ дар таркиби сарҷумлаю ҷумлаи пайрав аз омилҳои асосӣ маҳсуб меёбад, чунончи: Мо, дар куҷое ки кор бошад, ба ҳамон ҷо ҳозир мешавем (Ҷ. Икромӣ).

IV. Ҷумлаи пайрави макон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ мавқеъҳои гуногунро ишғол менамояд. Агар ҷумлаи пайрави макон ба сарҷумла ба воситаи таркибҳои пайвандакӣ тобеъ шуда бошад, одатан, пеш аз сарҷумла меояд, чунончи: Дар куҷо ки кор ҳаст, хурсандӣ, таърифкунӣ, ранҷидан, дилбардорӣ ҳам ҳаст (Р. Ҷалил).

Агар ҷумлаи пайрави макон бар эзоҳи воҳиди ҳамнисбати худ омада бошад, пас аз сарҷумла ҷой мегирад, чунончи: Сайёра маро ба ҷое овард, ки як гурӯҳ колхозчиҳо дар таги айвон гулханчае афрухта, ҳалқа гирифта менишастанд (Ф. Муҳаммадиев).

Агар дар таркиби ҷумлаи пайрави макон таркибҳои пайвандакӣ омада бошад, ҷумлаи пайрав ё пеш аз сарҷумла, ё дар байни сарҷумла ҷо мегирад, чунончи: Мо, дар куҷое ки кор бошад, ба ҳамон ҷо ҳозир мешавем (Ҷ. Икромӣ).

Ба ҳамин тариқ, ҷумлаи пайрави макон аз ҷиҳати сохт, тарзу воситаи алоқа, мазмун, мавқеи дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ доштааш хели алоҳидаю мустақили ҷумлаи пайрав буда, бо вижагиҳои шаклию маъноӣ аз дигар ҷумлаҳои пайрав фарқ мекунад.

Ҷумлаи пайрави макон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ дар баробари маънои асосии худ тобишҳои маънои иловагии гуногун низ пайдо карда метавонад.

1. Тобиши маънои иловагии муайянкунанда. Дар аксари ҷумлаи пайрави макон тобиши маънои иловагии муайянкунанда мушоҳида мешавад. Ҷумлаи пайрави макон бештар ҳамон вақт тобиши муайянкунанда пайдо мекунад, ки ҷойи содир шудани амали сарҷумларо шарҳ диҳад, ё ин ки хабари сарҷумларо ба воситаи эзоҳи калимаю таркиби ҳамнисбати ҷумлаи пайрави макон фаҳмонад. Мисол: Онҳо роҳ гашта чакалакро миёнбур карда ба ҷое баромаданд, ки он ҷо дашти васеъ сар мешуд (Р. Ҷалил).

Ғайр аз ин ҷумлаи пайрави макон ҳамон вақт тобиши маънои иловагии муайянкунанда мегирад, ки калимаю таркиб ё ибораҳои мафҳуми маконидоштаро эзоҳ диҳад ва ба ин восита ҷойи воқеъ гардидани амали сарҷумларо шарҳ диҳад. Мисол: Хаёлаш ба ҷонибе майл кардааст, ки қатъиян мамнуъ аст (Ф. Муҳаммадиев).

Дар мисоли мазкур ҷумлаи пайрав калимаи ифодакунандаи мафҳуми маконии “ҷониб”-ро шарҳ додааст, ки он ба калимаи ҷо ҳаммаъно аст. Ба куҷо майл кардааст? Ба ҷое ки қатъиян мамнуъ аст.

2. Тобиши маънои иловагии мақсад. Ҷумлаи пайрави макон аксар тобиши маънои иловагии мақсад ҳам гирифта метавонад.

Агар хабари ҷумлаи пайрави макон ба аорист ифода ёбаду ҷумлаи пайрав бар эзоҳи ҳоли макони сарҷумла, ки дар айни замон воҳиди ҳамнисбат низ ҳаст, омада бошад, тобиши мақсадӣ хеле равшан мебошад. Мисол: **Ба ҷое** гурехтан даркор аст, ки касе **дар он ҷо** маро дунболгирӣ накунад (С. Айнӣ).

Устод Айнӣ барои он ки дар чунин қолаби ҷумлаи пайрав муносибати мақсад возеҳ гардаду вазифаи пайвандаки **ки** равшан шавад, таркиби “то ин”-ро ҳамроҳ овардааст: Маро **ба манзиле** роҳбарӣ кун, то ин ки **дар он ҷо** қадре осуда шавам (С. Айнӣ).

3. Тобиши маънои иловагии шарт. Тобиши маънои иловагии шарт пайдо кардани ҷумлаи пайрави макон, асосан, ба ифодаи хабари ҷумлаи пайрав ба шаклҳои феълӣ вобаста аст. Агар хабари ҷумлаи пайрави макон ба шакли замони ҳозира-ояндаи феъл ифода ёфта бошад, тобиши маънои иловагии шарт пайдо менамояд, чунончи: Рӯйи ин кас, куҷо ки боди мухолиф вазида монад, даррав ба ҳамон тараф мегардад (Р. Ҷалил).

Дар мисоли боло тобиши маънои иловагии шарт ба дараҷае мушоҳида мешавад, ки пайвандаки хоси ҷумлаи пайрави шарт “агар”-ро бедушворӣ гузоштан мумкин аст. Рӯйи он кас, аз куҷо ки агар боди мухолиф вазида монад, даррав ба ҳамон тараф мегардад.

Ба ҳамин тариқ, ҷумлаи пайрави макон дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ, аз як тараф, муносибати маконiро ба сурати холис ифода кунад, аз сӯйи дигар, вобаста ба омилҳои гуногуни луғавию дастурӣ муносибати маконiро олуда ба муносибатҳои дигар баён менамояд.

Хулоса, дар ҳама ҷумлаҳои пайрав мо дар баробари мушоҳидаи муносибати асосӣ ё холис муносибати олуда ё омехтаро дида метавонем. Тобишҳои гуногуни маъноиро дар ин навъи ҷумлаҳои пайрав омилҳои (воситаҳои) луғавӣ-дастурии алоқаи ҷумлаи пайрав ба сарҷумла – пайвандакҳо, воҳидҳои ҳамнисбат, калима, таркибу ибораҳои ишоракунанда, мутобиқати шаклҳои феълӣ, калима,таркиб ва ибораҳои муттако, тартиби ҷумлаҳо, маънои яклухт ва алоҳидаи ҷузъҳо ба вуҷуд меоранд.

Ошкор намудану шинохта тавонистани маънои асосию иловагии ҳар хели ҷумлаи пайрав барои дурусту ҳамаҷониба кушодани моҳияти ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, нишон додани ҳодисаи баҳамтаъсиркунию вобастагии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ аҳаммияти муҳим дошта, дар таълими ин воҳиди мухобиротии нутқ ёрии калон хоҳад расонд. Чунон ки дидем, аксари ҷумлаҳои пайрав ғайр аз маънои асосӣ ё аслӣ боз дорои тобишҳои дигари маъноанд. Он тобишҳои маъно ба омилҳои гуногуни луғавӣ, ба сохту таркиби ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ вобастаанд. Аз ин ҷост, ки дар байни аксари ҷумлаҳои пайрав ҳадди қатъӣ гузоштан душвор аст. Дар он хели ҷумлаи пайраве, ки якчанд муносибати дастурӣ омехта аст, яке аз маъноро чун маънои асосӣ муайян карда, муносибатҳои дигарро тобишҳои иловагии маъно донистан дар назарияи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва таълими онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Мисол, дар ҷумлаи зерин ҷумлаи пайрав ба сарҷумла ба воситаи пайвандаки муштараквазифаи “ки” алоқа бастааст ва дар таркиби сарҷумла воҳиди ҳамнисбати **аз барои он** омадааст. Таркиби ҳамнисбати “аз барои он” хусусияти муштараквазифа дорад ва якчанд хели ҷумлаи пайравро метавонад ба сарҷумла алоқа бандад, чунончи: Вай маро бо худ ба назди аскарони сурх **аз барои он** бурд, ки суханашро ба онҳо тарҷума карда диҳам (С. Улуғзода).

Дар мисоли мазкур байни сарҷумлаю ҷумлаи пайрав ду муносибат аст, ки бо ҳам омезиш ёфтаанд: яке муносибати мақсад; дигаре муносибати сабаб мебошад. Саволе пайдо мешавад, ки кадоме аз ин ду муносибат асосию кадоме тобиш аст? Чанд омиле ҳаст, ки бартарии муносибати мақсадро нишон медиҳад: Якум, мурод аз бурдан, яъне амали сарҷумла, тарҷума кардан аст; дуюм, шакли феълии хабари ҷумлаи пайрав – аорист, шакли мутобиқи ҷумлаи пайрави мақсад мебошад; сеюм, таркиби ҳамнисбати “аз барои он” низ яке аз воҳидҳои маъмулу мустаъмали ҷумлаи пайрави мақсад ба шумор

меравад; чаҳорум, ҷумлаи пайрав ба саволи ба кадом мақсад бурд? ҷавоб мешавад. Ба асоси ин далелҳо ҳиссаи пайрави ҷумлаи мураккаби тобеи мавриди назарро ҷумлаи пайрави мақсад донистан саҳеҳтар аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулазизов, В. Тобишҳои маъноии иловагии ҷумлаи пайрави пуркунанда / В.Абдулазизов // Сохтор ва корбасти воҳидҳои забони тоҷикӣ (Маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 1999. – С. 130-136.
2. Асоев, Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ба маънои иловагии шарт / Р. Асоев // Маҷмуаи илмӣ. Институти давлатии педагогии Душанбе ба номи Шевченко. Серияи филологӣ. Ҷ. 6. – Душанбе, 1976. – С. 27-33.
3. Асоев, Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дуруҷа ё натиҷа / Р. Асоев // Мактаби советӣ, 1978. - №1. – С. 19-22.
4. Атобуллоев, С. Доир ба муайян кардани ҳудуди баъзе ҷумлаҳои пайрав / С.Атобуллоев // Ахбори АФ РССТоҷикистон, шуъбаи фанҳои ҷамъиятӣ, 1967. - №3/40. – С. 61-65.
5. Бузургзода, Л. Синтаксиси мухтасари забони тоҷикӣ / Л.Бузургзода. - Сталинобод, 1942. – 116 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаи мураккаб. – Душанбе, 1989. - Ҷ. 3. – 224 с.
7. Деҳхудо, А. “Луғатнома”-и Деҳхудо. Зери назари Муҳаммади Муин. – Теҳрон: Чопи Сирус, 1343-и ҳичрии шамсӣ. – 1244 с.
8. Забони адаби ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологии мактабҳои олӣ. Қисми 2. – Душанбе, 1984.
9. Камолиддинов, Б. Масъалаҳои баҳсноки наҳви забони тоҷикӣ / Б.Камолиддинов. – Душанбе, 2005. – 132с.
10. Қосимова, М. Ҷумлаи пайрави шарт дар забони адабии тоҷик / М.Қосимова. – Сталинобод, 1960.
11. Масъумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Масъумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с.
12. Мешеряков, В.Н. Вопросы синтаксиса сложноподчинённого предложения современного таджикского языка в аспекте конструктивной омонимии при союзе «ки»: дис… канд. фил… наук / В.Н. Мешеряков. - Душанбе, 1970. – 20 с.
13. Мирзоева, М.Ҷ. Роли пайвандаки “то” дар шаклгирии маънои мақсад дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ / М.Ҷ. Мирзоева //Устод Айнӣ ва асолати забон. – Душанбе, 2013. – С.64-68.
14. Рустамов, Ш. Мушкилоти синтаксис / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1988. – 339 с.
15. Тоҷиев, Д.Т. Воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 1971. – 52 с.
16. Тоҷиев, Д.Т. Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав / Д.Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ, 1970. - №1. – С. 12-15.
17. Тоҷиев, Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. – Душанбе, 1981. – 218 с.
18. Федоров, А.К. Трудные вопросы синтаксиса / А.К. Федоров. – М., 1972. – 239 с.
19. Хоҷаев, Д. Гуфтори накӯ куҳан нагардад / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2011. – 230 с.
20. Хоҷаев, Д. Тафовути ҷумлаи пайрави муайянкунанда аз ҷумлаҳои пайрави дигар / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2021. – С. 54-66.
21. Хоҷаев, Д. Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав / Д.Хоҷаев // Масъалаҳои сохти синтаксии забони тоҷикӣ (Маҷмуаи мақолаҳо) – Душанбе, 1988. – С. 53-60.
22. Хоҷаев, Д. Сермаъноии ҷумлаи пайрави сабаб / Д.Хоҷаев // Мактаби советӣ, 1989. - №9. – С. 17-21.
23. Хоҷаев, Д. Ҷумлаи пайрави макон ва тобишҳои маънои иловагии он / Д.Хоҷаев // Масъалаҳои забоншиносии тоҷик (Маҷмуи мақолаҳо) – Душанбе, 1990. – С. 50-59.
24. Хоҷаев, Д. Афкори назарии профессор Д.Т. Тоҷиев дар боби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ / Д.Хоҷаев // Ёди донишманди фозил. – Душанбе, 2005. – С. 137-144.
25. Хоҷаев, Д. Сохтори наҳвии як шеъри устод Мирзо Турсунзода / Д.Хоҷаев // Ахбори АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2011. - №5. – С.5-14.
26. Хоҷаев, Д. Вижагиҳои луғавӣ ва дастурии як ғазали Сайидои Насафӣ / Д.Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ), 2019. - №7. – С.5-8.
27. Хоҷаев, Д. Сабаб натиҷа дораду натиҷа сабаб (баъзе мулоҳизаҳо оид ба ҷумлаи пайрави натиҷа) / Д.Хоҷаев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (Маҷаллаи илмӣ), 2020. - №3. – С. 5-11.
28. Хоҷаев, Д. Ихтилофи назар дар шарҳи наҳвии як ғазал / Д.Хоҷаев // Забон – рукни тоат (Маҷмуаи мақолаҳо). Китоби чаҳорум. – Душанбе, 2008. - С.51-60.
29. Хоҷа ҳасани Нисорӣ. Чаҳор гулзор. – Душанбе, 1988.
30. Ҳусейнов, Х. Ҷумлаи пайрави макон / Х.Ҳусейнов // Мактаби советӣ, 1960. - №2.
31. Шаҳобова, М.М. Подчинительный союз «ки» в современном таджикском литературном языке: автореф. дисс… канд. филол. наук / М.М. Шаҳобова. – Сталинобод, 1954. – 17 с.

СЕРМАЪНОИИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВ ВА ОМИЛҲОИ ЛУҒАВИЮ ДАСТУРИИ ОН ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК

Муаллифи мақола дар бораи яке аз мавзуъҳои камтаҳқиқшудаю душвори наҳви забони адабии тоҷикӣ мулоҳиза рондааст. Таҳқиқу баррасии мавзуи мазкур барои ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, аз ҷумла гурӯҳбандии саҳеҳи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави

гуногун, шинохти дурусти хели ҷумлаи пайрав ёрии калон мерасонад. Пажуҳиши ҳамаҷонибаи маводи забони адабӣ нишон медиҳад, ки дар байни ҷумлаҳои пайрав ҳудуди қатъӣ гузоштан бисёр душвор аст, чаро ки ҳар кадоме аз ҷумлаҳои пайрав ғайр аз мазмуни асосӣ боз дорои чандин тобишҳои маъноии дигар мебошад. Ин ба он бештар рабт дорад, ки ҳадди ақали ҷумла аз ду калимаи мустақилмаъно ва як калимаи ёридиҳанда ё рабтдиҳанда таркиб меёбад ва маълум аст, ки як калимаи алоҳида низ дорои чанд маъно буда метавонад. Ғайр аз ин дар ҳайати ҷумлаи пайрав бисёр омилҳои дигари тавлиди маъно омада метавонанд. Дигар ин ки ҷумлаи пайрав ба сарҷумла тобеъ аст, бинобар он баъзе омилҳои дигари таъсиррасон ба мазмуни сарҷумла низ вобаста аст. Аз ин ҷост, ки шинохти нисбатан саҳеҳу дурусти хели ҷумлаи пайрав ба шарте даст медиҳад, ки ин ҳама омилҳо ба назар гирифта шаванд. Илова бар ин баъзе воситаҳои алоқаи ҷумлаҳои пайрав муштараканд. Албатта дар баъзе ҷумлаҳои пайрав ду-се тобиши маънои иловагӣ бошад, дар баъзеи дигар он ба 10-12 тобиши маънои иловагӣ мерасад, масалан, дар ҷумлаи пайрави муайянкунанда муаллифи мақола 10 тобиши маънои иловагиро нишон додааст. Аз ин нуқтаи назар, ҷудою таъин кардани хели ҷумлаи пайрави сермаъно аз муҳаққиқ ва омӯзгор тақозо менамояд, ки муносибати дақиқназарона карда, аз байни силсилаи маъно беғалат ва саҳеҳ маънои асосиро дарк карда хели ҷумлаи пайравро таъин намояд. Масалан, дар ҷумлаи мураккаби тобеи “Вай маро бо худ ба назди аскарони сурх аз барои он бурд, ки суханашро ба онҳо тарҷума карда диҳам” (С. Улуғзода) пеш аз ҳама, ду муносибати маъно – мақсад ва сабаб омезиш ёфтааст, аммо дар таркиби ҷумлаи пайраву сарҷумла чанд омиле ҳаст, ки бартарии муносибати мақсадро нисбат ба сабаб нишон медиҳад: Якум, мурод аз бурдан, яъне амали сарҷумла, тарҷума кардан аст; дуюм, шакли феълии хабари ҷумлаи пайрав – аорист, аст, ки он шакли мутобиқи ҷумлаи пайрави мақсад мебошад; сеюм, таркиби ҳамнисбати “аз барои он” низ яке аз воҳидҳои ҳамнисбати ҷумлаи пайрави мақсад маҳсуб меёбад. Ба асоси омилҳои номбурда ҳиссаи пайрави ҷумлаи мураккаби тобеи мазкурро ҷумлаи пайрави мақсад донистан саҳеҳтар аст.

Калидвожаҳо: наҳв, сермаъноӣ, ҷумлаи мураккаби тобеъ, гурӯҳбандӣ, хел, ҷумлаи пайрав, тобиш, воситаи алоқа, сарҷумла, омил, муносибат, шакл, феъл.

МНОГОЗНАЧНЫЕ ПРИДАТОЧНЫЕ ПРЕДЛОЖЕНИЯ И ЛЕКСИКО-ГРАММАТИЧЕСКИЕ ФАКТОРЫ ИХ ФОРМИРОВАНИЯ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

В статье приводятся сведения об одном из малоизученных вопросов синтаксиса современного таджикского языка. Исследование данного лингвистического вопроса окажет существенную помощь в решении многих проблем сложноподчинённых предложений, в частности, в проведении их конкретизированной классификации с различными придаточными в их составе, а также в правильном определении видов придаточных предложений. Всесторонее исследование материалов литературного языка свидетельствует о том, что между придаточными предложениями существует достаточно тонкая грань, поскольку они помимо своего основного значения обладают также и дополнительными лексическими значениями и дополнительными смысловыми оттенками. К разряду таких слов относится лексика с определённым основным и воспомогательным значениями, которые определяют структуру и семантику всего предложения. Кроме того, в составе придаточного предложения существует и другие факторы, укзывающие на появление нового значения. В связи с тем, что придаточное предложение подчиняется главному предложению, оно становится зависимыми от ряда других факторов, влияющих на формирование содержания главного предложения. В дополнение к этому некоторые средства связи придаточных предложений являются общими. Конечно же, если некоторые придаточные предложения имеют два –три дополнительных смысловых оттенка, то в некоторых предложениях число дополнительных семантических оттенков достигает 10-12. Например, в определительном придаточном предложении автор статьи указывает на 10 дополнительных семантических оттенков. С этой точки зрения, разделение и определение вида многозначного придаточного предложения требует от исследователя и преподавателя внимательного отношения, безошибочного и точного осмысления основного значения, семантической цели и определения придаточного предложения. Например, в сложноподчинённом предложении “Вай маро бо худ ба назди аскарони сурх аз барои он бурд, ки суханашро ба онҳо тарҷума карда диҳам” (С. Улуғзода), прежде всего, смешаны два семантических отношения – цели и причины, однако в составе придаточного и главного предложений существует несколько факторов, которые указывают на преимущество целевого фактора над причинным: первый - цель слова “бурдан”, то есть глагола главного предложения, состоит в переводе; второй - глагольная форма сказуемого в придаточном предложении является аористом, что представляет собой подчинительную форму придаточного цели; третий - соотносительное сочетание “аз барои он” также представляет собой одну из соотносительных единиц придаточного цели. Ввиду перечисленных факторов придаточную часть данного СПП было бы правольно считать придаточным цели.

Ключевые слова: синтаксис, многозначность, сложноподчинённое предложение, классификация, вид, придаточное предложение, оттенок, способ связи, главное предложение, фактор, отношение, форма, глагол.

MULTI-VALUED SUBORDINATE CLAUSES AND LEXICAL AND GRAMMATICAL FACTORS OF THEIR FARMING IN THE MODERN TAJIK LANGUAGE

The article provides information about one of the little-studied issues of the syntax of the modern Tajik language. The study of this linguistic issue will provide significant assistance in solving many problems of complex

sentences, in particular, in carrying out their specific classification with various subordinate clauses in their composition, as well as in correctly determining the types of subordinate clauses. A comprehensive study of the materials of the literary language indicates that there is a rather thin line between subordinate clauses, since, in addition to their main meaning, they also have additional lexical meanings and additional semantic shades. The category of such words includes vocabulary with a certain main and auxiliary meaning, which determines the structure and semantics of the entire sentence. In addition, there are other factors in the subordinate clause that indicate the emergence of a new meaning. Along with this, due to the fact that the subordinate clause is subordinate to the main clause, it becomes dependent on a number of other factors influencing the formation of the content of the main clause. In addition to this, some means of subordinate clauses are common. Of course, if some subordinate clauses have two or three additional semantic shades, then in some of them the number of additional semantic shades reaches 10-12. For example, in a defining sentence, the author of the article indicates 10 additional semantic shades. From this point of view, the division and definition of the type of a polysemantic subordinate clause requires the researcher and teacher to be attentive, unmistakable and accurate understanding of the main meaning in the semantic purpose and definition of the subordinate clause. For example, in the complex sentence "Vai maro bo hud ba nazdi askaroni surkh az baroi on burd, ki sukhanashro ba ongo tarhuma karda diham" (S. Ulugzoda), first of all, two semantic relations are mixed - goals and causes, however, in the composition of the subordinate and main sentences, there are several factors that indicate the advantage of the target factor over the causal factor: first, the purpose of the word "burdan", that is, the verb of the main sentence is to translate; second, the verb form of the predicate in the subordinate clause is an aorist, which is the subordinating form of the subordinate clause; third, the correlative combination "az baroi he" is also one of the correlative units of the subordinate clause. Introducing the listed factors, the subordinate part of this NGN would be appropriate to consider the subordinate goal.

Key words: syntax, polysemy, complex sentence, classification, type, subordinate clause, shades, connection method, main clause, factor, relation form, verb.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хоҷаев Давлатбек*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, кафедраи таърихи забон ва типология. **Суроға**: 734025, Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 985-55-84-38**

Сведения об авторе: ***Ходжаев Давлатбек*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, кафедра история языка и типологии. **Адрес**: 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 985-55-84-38**

Information about the author: ***Khojaev Davlatbek*** – Tajik National University, professor of the department history of language and typology. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17.
Phone: **(+992) 985-55-84-38**

ТДУ: 891.550

АСАРИ НОШИНОХТАИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО - «МУБОҲАСОТ»

Сулаймонов С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Имсол дӯстдорон ва муҳаққиқони фалсафаю ҳикмат ва умуман, ҷомеаи фарҳангии ҷаҳон 1043-юмин солгарди бузургдошти "пири ҳакимони Машриқзамин" (*таъбир аз нависандаи шаҳири тоҷик устоди шодравон Сотим Улугзода*) – Шайхурраис Абуалӣ Ҳусейн ибни Абдуллоҳ ибни Сино (370ҳ /980 – 420 ҳ/1037)-ро таҷлил менамоянд. Шайхурраис аз зумраи он нобиғаҳо ва мутафаккирони оламшумулест, ки пайдоиш, таҳаввул ва ташаккули соҳаҳои асосии илму тамаддуни башариро баъди Арасту – файласуфи шаҳири Юнони бостон бидуни ном ва асарҳои ҷовидонаи ӯ тасаввур кардан имконнопазир аст. Ақлу заковати халлоқ ва муъҷизаосои ӯ як давра ва марҳилаи томи таърихии илму фарҳанги ҷаҳонӣ ва миллати тоҷикро дар бар мегирад. Ибни Сино чун зода ва парвардаи асри зарини фарҳангии дудмони Сомонӣ ва яке аз саромадони андешаи миллии тоҷикону эрониён дар зинаи ба истилоҳ форматсияи феодалии ҷомеаи башарӣ умр ба сар бурдааст. Муҳити мафкуравии зиндагӣ ва эҷодии ӯ саршор аз тазодҳои оштнопазир байни илму ҷаҳолат, ақлу нақл, нуру зулмат, адолату разолат буда, набардҳои мафкуравӣ ва ғоявӣ дар он рӯзгор ба авҷи аълои худ расида буданд. Дар чунин вазъи ногувори иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бисёре аз парчамбардорон ва намояндагони пешқадами илму фарҳанг ва сармояи гаронбаҳои маънавӣ онҳо зери хавфу хатар қарор гирифта, чунонки аз дафтари таърих маълуму маъруф мебошад, на танҳо осор, балки шахсияти худи онҳо низ дар вартаи ҳалокат ва нобудӣ қарор гирифта буд. Дар таърихи адабиёт, фалсафа ва фарҳанги миллати тоҷик чунин мисолҳо зиёд буда, мероси гаронбаҳои Ибни Сино дар симои асари бузурги фалсафии доиратулмаорифии ӯ "Китоб ал-инсоф", ки ба гуфти худи ӯ шарҳу баёни наздики 28 ҳазор масъалаи фалсафиро дар бар мегирифт, дар асари ҳамлаҳои ғоратгаронаи Султон Масъуди Ғазнавӣ ба Исфаҳон аз миён рафт ва шахсияти худи мутафаккир низ борҳо зери хатар монда, бахше аз умри азизи худро дар зиндон ва фирориҳо сипарӣ кард. Вале чунин вазъи ногувор ва шароитҳои нобасомони иҷтимоӣ руҳия ва иродаи матину шикастнопазир ва шавқу завқи Шайхурраисро ба илму маърифат коста накарда, чунонки аз тарҷумаи ҳоли ӯ огоҳ мебошем, чанде аз осори гаронбаҳои худро дар зиндону бадарғаҳо ва ҳолатҳои сахту пурмашаққати иҷтимоӣ таълиф кардааст.

Аз таърихи фалсафаи халқи тоҷик маълум мебошад, ки Шайхурраис дар баробари осори ҳаҷман бузурги илмӣ ва фалсафии худ чун "Китоб аш-шифо" ва "ал-Қонун фӣ ат-тиб" дорои китоб ва рисолаҳои хурдҳаҷме мебошад, ки бо вуҷуди арзиш ва аҳаммияти баланди илмӣ ва фалсафии худ ҳанӯз ҳам мазмун ва муҳтавои онҳо дастраси ҳаводорон ва донишмандон қарор нагирифта, ба забони тоҷикӣ ва ё русӣ тарҷума нашудаанд ва табиист, ки ҷойгоҳи илмӣ ва маърифатию фарҳангии онҳо мушаххас нашудааст. Мо дар ин гузориши мухтасари худ тасмим гирифтем, ба сабаби маҷоли танги таҳқиқ ба шарҳу баёни танҳо яке аз асарҳои муҳим, вале ҳанӯз дар фалсафаи тоҷик тарҷума ва таҳқиқ нашуда ва арзиши фалсафӣ ва фарҳангии он муайян нагардидаи ӯ бо номи китоби "Мубоҳасот" (*Масоили мавриди баҳс*) ва чанд нома-рисолаи фалсафии ӯ як гузориши мухтасар пешниҳод намоем.

Дар шароити кунунӣ дар замоне, ки ҷаҳонисозӣ бештар ба ҷанбаи ҳаёти маънавӣ ва фарҳангии миллатҳои ҷаҳон зарба зада, онҳоро аз асолат ва ҳувияти миллиашон дур карданӣ мешавад, такя ва эътимод ба мероси қадимаи халқи тоҷик ва махсусан, мероси фалсафии вай дар симои шахсиятҳои мондагори илмӣ ва фалсафӣ чун Шайхурраис Абуали ибни Сино ин миллатро аз хатари заволи маънавӣ наҷот дода, дар тарбияи насли ҷавони миллати тоҷик дар руҳияи ҳифзи ватандорию меҳанпарастӣ, бузургдошти ҳувияти миллӣ ва нигоҳдории анъанаю аркони ахлоқӣ кумаки амалӣ мерасонад.

Дар соли 1978 дар давлати Кувайт бо ташаббус ва эҳтимоми файласуфи шинохтаи мисрӣ Абдураҳмон Бадавӣ асари "Мубоҳасот"-и Ибни Сино ҳамроҳ бо чанд нома-рисолаҳои фалсафии ӯ аз чоп баромад. Муҳаққиқ ба ин асар ва нома рисолаҳои фалсафӣ муқаддимаи фалсафӣ ва филологӣ тақдим намуда, дар бораи мазмуну муҳтаво ва арзиши фалсафии онҳо дар шинохти ҷаҳонбинии фалсафии Шайхурраис, ҳамчунин дар бораи дастхатҳои зиёди ин асар дар

китобхонаҳои ҷаҳон маълумоти арзишманд ироа кард. Аз он ҷо ки Абдураҳмон Бадавӣ аз файласуфони шинохтаи ҷаҳон ва аз муҳаққиқони саршиноси фалсафаи аврупоӣ ва исломӣ ба шумор меравад, дар зимни муқаддимаи худ дар вобастагӣ ба ин асари Ибни Сино ва нома-рисолаҳои фалсафии ӯ ба масоили мухталиф ва басо муҳими таърихи фалсафаи ҷаҳонӣ ва махсусан, таъсири фалсафаи Юнони бостон дар симои Афлотун, Арасту ва мактаби фалсафии ӯ ба фалсафаи исломӣ афкору андешаҳои ҷолиб пешкаш намуд. Аз масъалаҳои муҳиме, ки Абдураҳмон Бадавӣ дар муқаддимаи ин асар ба баҳс кашидааст ва ба мероси фалсафии Шайхурраис низ робитаи бевосита дорад, мавзуи асолат ва андозаи таъсири фалсафаи Юнони бостон ва намояндагони онҳо ба фалсафаи арабу форсизабон мебошад. Албатта, мо агар ба ин масъала аз рӯйи равандҳои таърихии пешрафти башар наздик шавем, чунин ҳақиқат ба назар мерасад, ки илму маърифат чун мақулаи умумиинсонӣ дар таърихи башарият хосияти "миллӣ" ва "мансубият ба халқе ё қавме"– ро надошта, балки дар тули асрҳо ва қарнҳо соҳибназарон ва равшанфикрони тамоми ҷаҳон "роҳи донишро ба ҳар гуна забон" пеш бурда, хирмани илму маърифатро дар шаклу андозаҳои мухталиф пурбор сохтаанд. Ҳамин ақида комилан, ба намояндагони барҷастаи фалсафаи арабуфорсизабони исломӣ ва махсусан, Ибни Сино рост меояд. Дар ин росто, ҳақ ба ҷониби шоир ва файласуфи шинохта Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ буд, ки гуфта буд: "Сазовор нест, ки ҳакимони исломиро муқаллиди маҳзи файласуфони Юнон шуморем. Таърихи тааққул (хирадварзӣ)-и ҳакимони исломии Эрон гӯёи кӯшиши хастанопазире аст, ки инон барои гушудани роҳи душвори худ мабзул (сарф) карда буданд. Мутарҷимони фалсафаи юнонӣ бар асари бедиққатӣ тӯдаи азими аботил (жожхоиҳо) – ро гирд оварда, бо ин ёвагӯиҳо роҳи шинохти фалсафаи юнониро бар ҳакимони исломӣ сад(д) карда (баста) буданд. Аз ин рӯ, ҳакимон ба ҳукми зарурат фалсафаҳои Афлотун ва Арастуро бозандешӣ ва бозсозӣ карданд. Аз ин ҷост, ки ҳеҷ аз шуруҳ (шарҳҳо)-и онон бар афкори юнонӣ шарҳи тавзеҳӣ нест, балки шарҳи интиқодӣ ва ё ибтикорӣ аст [3, с.41]. Гузашта аз ин ҳакимони арабизабони форсу тоҷик Форобӣ, Ибни Сино, Фахриддини Розӣ, Насируддини Тӯсӣ, Ҳодии Сабзаворӣ, файласуфони араб Ибни Боҷа, Ибни Туфайл, Ибни Рушд ва дигарон на танҳо осори фалсафӣ ва мантиқии юнониро, ки хело муғлақ ва дур аз асли худ ба арабӣ тарҷума гардида буд, аввало, аз нобудӣ наҷот доданд, зеро баъзе осори фалсафаи юнонӣ танҳо дар шакли тарҷумаи арабии он боқӣ монд буд, балки онро бозбинӣ ва мавриди таҳқиқоти амиқ қарор дода, сониян, онҳоро ба хонанда ва муҳаққиқи арабуфорсизабон ошно сохта, худ баъди шарҳу баёни тарҷумаҳои осори фалсафии юнониён таълифоти асили фалсафӣ эҷод карданд. Абдураҳмони Бадавӣ зимни омода сохтани асари "Мубоҳасот" ва нома-рисолаҳои Ибни Сино ба масоили дигари фалсафаи исломӣ ё худ арабуфорсизабон даст задааст, вале мо ба сабаби тангии маҷоли таҳқиқ ин масъаларо ба пажуҳандагони осори Ибни Сино ва фалсафаи арабизабони тоҷик ҳавола карда, бевосита ба шиносоӣ ва шиносонидани китоби "Мубоҳасот" ва рисолаҳои фалсафии Шайхурраис мепардозем.

Китоби "Мубоҳасот"-и Ибни Сино чун манбаи муҳими фалсафӣ ва ҷаҳоншиносии ӯ аз як ҷиҳат, ба сабаби парокандагии он ва аз ҷониби дигар душвории асар, то ҳол дар фалсафаи ватанӣ мавриди тарҷума ва таҳқиқ карор нагирифта, арзиш ва аҳаммияти он дар синошиносии тоҷик мушаххас нашудааст, ҳарчанд чунонки ишора гардид, дар Аврупо, Миср ва Эрон роҷеъ ба ин асар ва нома-рисолаҳои фалсафии ӯ баъзе таҳқиқот ба анҷом расида, мазмун ва муҳтавои онҳо ба хонанда ва муҳаққиқ дастрас шудааст. Аз баррасии китоби "Мубоҳасот" ин ҳақикат ошкор мегардад, ки ин асар яке аз таълифоти бисёр муҳими Шайхурраис ва аз манбаъҳои муҳими фалсафаи ӯ ба ҳисоб меравад, зеро вай дар охирҳои умри андешаманд ва ба тарзи саволу ҷавоб тавассути шогирдонаш Баҳманёр ибни Марзбон ва Ибни Зайла мураттаб гардидааст.

Ба назари инҷониб омӯзиши китоби "Мубоҳасот"-и Ибни Сино ва маҷмуаи нома-рисолаҳои фалсафии ӯ барои синошиносӣ ва таърихи фалсафаи тоҷик аз ҷиҳатҳои зерин муҳим мебошад:

1). Китоби "Мубоҳасот" аз осори охириумрии мутафаккир буда, Шайхурраис бисёре аз масъалаҳои умдаи фалсафиро, ки дар асарҳои бузургҳаҷми худ чун "Китоб аш-шифо", "Китоб ан-наҷот", "ал-Ишорот ва ат-танбиҳот" ва ғайра равшан баён карда натавонистааст ё худ онҳоро ба сабаби тангии вақт ва дигар сабабҳо шарҳу баён нанамудааст, тавассути саволу ҷавоб бо шогирдонаш Баҳманёр ибни Марзбон ва Ибни Зайла мавриди таҳқиқ ва бозбинӣ қарор додааст.

Чунин тариқаи хирадварзӣ ва маърифатшиносиро дар фалсафаи Юнони бостон дар мактабҳои фалсафии Афлотуни устод ва Арастуи шогирд мушоҳида карда метавонем.

2). Матраҳсозии масоили гуногуни илмию фалсафӣ ва арзиши баланди баҳсҳои Шайхурраис бо шогирдонаш дар китоби "Мубоҳасот" дар он зоҳир мегардад, ки ӯ дар ин ҷо ба ҳайси шореҳи масъалаҳои матраҳшуда дар "Китоб ан-нафс", "Китоб ал-бурҳон", "Китоб ал-қиёс", "Фанни самои табии", "Илоҳиёт" аз "Китоб аш-шифо" баромад карда, мазмун ва мундариҷаи саволҳо ва ҷавобҳои ӯ ба шогирдон аз он шаҳодат медиҳанд, ки Ибни Сино ҳангоми ҷавоб ба гуфтаҳои дигарон таваҷҷуҳ накарда, бештар андешаҳои шахсии худро ба шогирдонаш пешкаш месозад ва дар ҷавоб ба файласуфону мухолифон гоҳо бо густохӣ ва ҳатто назарногирӣ муносибат мекунад.

3). Аз зимни матни асар чунин ҳақиқат ҳувайдо мегардад, ки Ибни Сино бо вуҷуди бузургӣ ва эътимод ба дониши худ дар чанд ҷойи асар ба аҷзу нотавонии худ иқрор шуда, мегӯяд: "Дар фаҳми ин масъала дониши ман ҳамин қадр буд", "Ин масъаларо ман намедонам". "Доно Худо аст", " Қабиҳ аст иқрори донишмандон аз ҷаҳолати хеш", "Ман ҳамин қадар фаҳмидам, дигар чизе надорам" ва ғайраҳо.

4). Шиносоӣ бо матни асар имкон медиҳад ба ин хулоса расем, ки китоби "Мубоҳасот" чун асари пухта ва мукаммали фалсафӣ аз манбаъҳои муътамад ва адонашавандаи истилоҳоти илмӣ-фалсафӣ роҷеъ ба илмҳои мантиқ, равоншиносӣ, табиатшиносӣ, илоҳиёт ва дигар соҳаҳои илм мебошад. Дар ин китоб перомуни масоилу мушкилоти муҳиму марказии фалсафаи вуҷуд, аз ҷумла таносубу робитаи Худо ва олам, қадимию ҳодисӣ, сабабу натиҷа, фоилу мафъул, руҳиёту моддиёт,ҷисму сурат, куллиёту ҷузъиёт, воҷибу имкон, ҷузъҳои тақсимнопазир, муттасилияту мунфасилият, макону замон, ниҳояту бениҳоятӣ, феълу қувва, ғояти судур, ҳастию нестӣ, илми илоҳию инсонӣ, ваҳдату касрат, айнияту ғайрият, моҳияту вуҷуд, муҳаррику мутаҳаррик, ҷавҳару араз, онияту анният, камоли аввалу сонӣ, ҷавҳари аввалу дуюм, таносуби нафсу тан, муаммои ҳаракат, маъод, таносух ва ғайра бо истилоҳоти пухта, ки баъдҳо дар фалсафаи арабуфорсизабон аз истилоҳоти серистеъмол ба шумор мераванд, сухан мегӯяд. Дар бахши назарияи маърифатшиносӣ Шайхурраис дар асари худ дар зимни истилоҳоти муҳим ва пухтаи фалсафӣ аз боби масъалҳои илмомӯзӣ, диалектикаи дониши ҳиссию ақлӣ, ҷузъию куллӣ, таҷрибавию назарӣ, мушоҳидавию мантиқӣ, инъикосӣ будани идрок, таносуби ақли фаолу тафаккури инсонӣ ва ғ. масоили мураккаб ва баҳсталаби зиндагӣ андешаронӣ кардааст. Ин аст, ки китоби "Мубоҳасот"-и Шайхураисро аз манбаъҳои боэтимоди истилоҳоти фалсафӣ бояд шумурд, ки аз назари илми филология ва бавижа, истифодаи ин истилоҳот дар забон ва фалсафаи муосири тоҷик бояд мавриди таҳқиқ ва баррасиҳои густурда қарор гирад. Китоби "Мубоҳасот" аз назари тартиб ва табақабандӣ ба асарҳои машҳури ӯ чун "Китоб аш-шифо" , "Китоб ан-наҷот", "ал-Ишорот ва ат-танбиҳот" ва ғайра шабоҳат надошта, чунонки ишора гардид, маҷмуи саволҳоеро ташкил медиҳад, ки шогирдони ӯ ҳамроҳи Шайхурраис ба баҳсу мунозира пардохтаанд. Аз мазмуни асар равшан мегардад, ки мутафаккир дар ин асар андеша, мулоҳиза ва муҳокимаҳои берабту парокандаеро матраҳ кардааст, ки перомуни масъалаи фалсафаи вуҷуд, назарияи маърифат, мантиқ, равоншиносӣ ва ғайра баҳсу мунозира карда, бешубҳа барои дарку фаҳми баъзе нуқтаю муаммоҳои сарбаста, равияи ҷаҳоншиносии Шайхурраис дорои аҳаммияти хосса мебошанд. Дар ҳар сурат, чунонки аз шиносоии асари мазкур берун меояд, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа аз таълифоти дигари фалсафии ӯ фарқи ҷиддӣ ва ҷавҳарӣ надошта, Ибни Сино чунин ба назар мерасад, ки дар ин асар ба баъзе масъалаҳои дар осори бузургҳаҷми худ мехоҳад равшанӣ андозад, аз ин ҷиҳат, баррасии ҷиддии китоб дар фаҳмиши ҷаҳонбинии ӯ бешубҳа кумак хоҳад кард.

Аз аввалин шахсиятҳое, ки аз мавҷудияти китоби "Мубоҳасот" дар таърихи синошиносӣ хабар додааст, шогирди бовафо ва дабири Шайхурраис Абуубайди Ҷузҷонӣ мебошад, ки дар муддати зиёда аз 25 сол ҳамеша ҳамроҳ ва ҳамрози устоди худ буда, дар рисолаи "Саргузашт" ишора менамояд, ки китоби "Мубоҳасот" аз як муҷаллад иборат аст [1, с.160]. Аз сарчашмаҳои муътамади библиографӣ ал-Қифтӣ ва Ибн Абиусайбиъа ҳамон гуфтаи Абуубайди Ҷузҷониро такрор намуда, мегӯянд, ки ин асар аз як муҷаллад иборат аст[2, с.7]. Аз сарчашмаҳои библиографии муосир Ҷурҷ ал-Қанавотӣ дар "Феҳристи муаллафоти Ибни Сино", ки шумораи асару рисолаҳои ӯро ба 276 адад ва Яҳёи Маҳдавӣ дар " Феҳристи нусхаҳои мусаннафоти Ибни

Сино" ба 131 асари хосси ӯ ва 110 асари манҳул ё худ мансубкарда ишора кардаанд, ин асарро иборат аз як ҷилд зикр намудаанд. Китоби "Мубоҳасот" ба файласуфони шинохта Фахриддини Розӣ (ваф. 606 ҳ. / 1209 м.), Хоҷа Насируддини Тусӣ ва Садриддини Шерозӣ маълуму машҳур будааст. Аз ин рӯ, дар таърихи илму фалсафа аз мансубияти асар ба Ибни Сино ҳеҷ шакку шубҳае вуҷуд дошта наметавонад.

Роҷеъ ба замону макони навиштани ин аср дар такя ба сарчашмаҳо ин ақида роиҷ мебошад, ки Шайхурраис дар зимни китоби "Мубоҳасот" асарҳои машҳури худ "Китоб аш-шифо", "Китоб ан-наҷот", "Мабдаъ ва маъод" ва махсусан бахши "Китоб ан-нафс", "Китоб ал-бурҳон", "Китоб ал-қиёс" аз "Китоб аш-шифо" ва аз ҳама муҳим асари машҳури худ "ал-Ишорот ва ат-Танбиҳот", ки дар охирҳои ҳаёт ва айни камолоти эҷодии худ навишта буд, ин асарро се маротиба зикр менамояд. Аз ин рӯ, бо назардошти ин ки ӯ дар соли 1037 ҷаҳонро падруд гуфта буд, таълифи китоби "Мубоҳасот" ва нома-рисолаҳои фалсафии ӯро ба солҳои 421ҳ. то 428ҳ. ва ё 425 ҳ. то 428 ҳ. мансуб донистан рост меояд, яъне ин асар ҳам ба эҳтимоли қавӣ маҳсули давраҳои охири ҳаёти мутафаккир аст. Масъалаи дигаре, ки ба ин асари Шайхурраис робита дорад, аз ҷониби кӣ ва чигуна гирдоварӣ шудани он мебошад. Сарчашмаҳо, донишмандон ва мутафаккирони алоҳида гирдоварии ин асарро ба шогирдони Шайхураис Баҳманёр ибни Марзбон ва ҳаким Абумансур Ҳусейн ибни Тоҳир ибни Зайла мансуб медонанд, вале аз зимни китоби "Мубоҳасот" чунин ба назар мерасад, ки на Баҳманёр ва на Ибни Зайла ин китобро дар шакле, ки мо дар даст дорем, омода накардаанд, зеро ибораи “раҳмати Худованд бад-ӯ бод” ба ин воқеият далолат мекунад, ки Ибни Зайла соли 440 ҳ. ва Баҳманёр 430 ҳ. вафот кардаанд ва тартиб ва табақабандии китоб аз он далолат мекунад, ки “Мубоҳасот”дар шакли кунунӣ баъди вафоти Баҳманёр ва Ибни Зайла, яъне баъди соли 440ҳ. мураттаб гардидааст. Фарзияи дигаре, ки дар ин росто ҳадс задан метавон, ин аст, ки яке аз шогирдони Шайхурраис асарро гирдоварӣ кардааст ё шахси дигаре ин амалро анҷом додааст ё худ носихе аз миёни авроқи осори Баҳманёр ва Ибни Зайла онро ҷудо карда, баъди вафоти ӯ мураттаб сохтааст. Дар ҳар сурат, масъалаҳои муайянсозии замон ва макони таълифи ин асар ва шахсоне, ки онро гирдоварӣ ва ба сурати китоб мураттаб сохтаанд, ҳанӯз хам масъалаи матраҳ дар илм мебошад. Умед ҳаст, ки дастхатҳои нави асар ва таҳқиқоти донишмандон ба ин “муаммоҳо” дар оянда равшанӣ андохта, ба мавқеъ ва манзалати ин асари ношинохтаи Ҳуҷҷатулҳақ рӯшноӣ хоҳанд афканд.

Китоби "Мубоҳасот"-и Ибни Сино ғайр аз маҷмуаи омодакардаи Абдураҳмон Бадавӣ аз ҷониби муҳаққиқи эронӣ Муҳсини Бедорфар дар "Интишороти Бедор" дар Теҳрон бидуни ишораи соли нашр ба шакли нисбатан дигари илмӣ ба табъ расонда, муҳаққиқ ва ношир тамоми нома-рисолаҳои фалсафӣ ва "Мубоҳасот"-ро баъди гирдоварӣ ва чоп роҷеъ ба аҳаммияти фалсафӣ, мазмуну муҳтавои онҳо, дастхатҳои мухталифи ин асарҳо дар китобхонаҳои ҷаҳон шарҳу таълиқот овардааст, ки бешубҳа, дар шинохти ин асари Шайхурраис ва рисолаҳои хурдҳаҷми ӯ як хизмати сазовор аст. Вале дар ин ҷо як нуқта бояд ишорат гардад, ки Муҳсини Бедорфар китоби "Мубоҳасот" ва рисола-номаҳои ӯро дар якҷо гирдоварӣ ва аз роҳи рақамгузорӣ ба чоп расонда, адади онҳоро ба 1162 савол расонидааст, дар ҳоле Абдураҳмони Бадавӣ китоби "Мубоҳасот"-ро дар 500 савол ва маҷмуи нома-рисолаҳои фалсафиро дар шакли алоҳида ба чоп расонидааст.

Чун аз таърихи таълифи асар ва гувоҳии сарчашмаҳо дар бораи он сухан гуфтан хоҳем, чунин ба назар мерасад, ки китоби "Мубоҳасот"яке аз таълифоти бисёр муҳими Шайхурраис ва манбаъҳои муҳими фалсафаи ӯ ба ҳисоб рафта, чунонки зикр гардид, ин асари начандон бузург, ки тартиби муайяни мавзуи надорад, аз асарҳои муҳими мутафаккир буда, чунонки ношири он Абдураҳмони Бадавӣ ишора менамояд, аз назари шаклу мазмун ба китоби "Таълиқот"-и ӯ монанд буда, ба сурати умум, аз як сарчашма, яъне асари доиратулмаорифии фалсафии ӯ "Китоб аш-шифо" об хӯрдаанд.

Дар охир ин нуқтаро месазад тазаккур диҳем, ки дар таърихи халқи тоҷик ва фалсафаи он муносибат ба Шайхурраис ва ҷойгоҳи мероси фалсафии ӯ муносибат бояд дигаргунатар бошад, зеро шахсияти Ибни Сино ва махсусан, мероси фалсафии ӯ ба сабаби хусусияти байналмилалии худ метавонад муносибати ҷомеаи илмӣ ва фалсафии ҷаҳонро ба тоҷику Тоҷикистон дигаргунатар созад. Аз ин рӯ, китоби "Мубоҳасот" ва маҷмуаи омодакардаи номаҳои фалсафии Ибни Сино аз ҷониби файласуфи шинохта Абдураҳмони Бадавӣ ҳарчи зудтар бояд тарҷума,

таҳқиқ ва интишор гашта, ҷойгоҳ ва хизматҳои ӯ дар фалсафаи ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ равшантар карда шавад, зеро дар ин ҷода деркунӣ ба нафъи мо нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Абуалӣ ибни Сино. Осор. – Душанбе, 2005.
2. Ибн Абиусайбиъа. Уюн ал-анбо фӣ табақот ал-аттибо". Ҷилди 3. –Байрут, 1981.
3. Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ. Сайри фалсафа дар Эрон. Тарҷумаи А.Ҳ. Ориёнпур. – Теҳрон, 1383 ш.
4. Сулаймонов, С. Мазмуну мундариҷа ва истилоҳоти илмӣ дар "Китоб ан-набот"-и Ибни Сино / С. Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. - 2018. – №3. - С.17-26.
5. Сулаймонов, С. Мазмуну мундариҷа ва истилоҳоти илмӣ дар "Китоб ал-ҳайвон"-и Ибни Сино / С.Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №4. – С. 157-164.
6. Сулаймонов, С. Ибн Сина и арабская филология / С.Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - № 8. – С. 120-126.
7. Сулаймонов, С. Аввалин тарҷумаи "Донишнома"-и Абуалӣ Сино ба забони русӣ / С.Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - № 1. – С.5-11.
8. Сулаймонов, С. Доиратулмаориф ва табиатшиноси бузург / С.Сулаймонов // Ахбори Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ. – Душанбе, 2020. - №3. – С. 10-15.
9. Сулаймонов, С. Таҳлили забоншиносии сохтори истилоҳоти "бегона" дар "Китоб ал-ҳайвон"-и Ибни Сино / С.Сулаймонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - № 2. – С.5-10.

АСАРИ НОШИНОХТАИ АБУАЛӢ ИБНИ СИНО - «МУБОҲАСОТ»

Ибни Сино дар баробари осори ҳаҷман бузурги илмӣ ва фалсафии худ чун "Китоб аш-шифо" ва "ал-Қонун фӣ ат-тиб" дорои китоб ва рисолаҳои хурдҳаҷме мебошад, ки бо вуҷуди арзиш ва аҳаммияти баланди илмӣ ва фалсафии худ ҳанӯз ҳам мазмун ва муҳтавои онҳо дастраси ҳаводорон ва донишмандон қарор нагирифта, ба забони тоҷикӣ ва ё русӣ тарҷума нашудаанд. Китоби "Мубоҳасот" аз осори охириумрии мутафаккир мебошад. Аз шиносоии асари мазкур берун меояд, аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа аз таълифоти дигари фалсафии ӯ фарқи ҷиддӣ ва ҷавҳарӣ надошта, Ибни Сино чунин ба назар мерасад, ки дар ин асар ба баъзе масъалаҳои дар осори бузургҳаҷми худ мехоҳад равшанӣ андозад

Калидвожаҳо: Ибни Сино, «Мубоҳасот», "Китоб аш-шифо" ва "ал-Қонун фӣ ат-тиб", фалсафа.

НЕИЗВЕСТНОЕ ПРОИЗВЕДЕНИЕ АБУАЛИ ИБН СИНО - «ДЕБАТЫ»

Наряду с такими крупными научно-философскими трудами, как «Китаб аш-шифа» и «Аль-Канун фи ат-тиб», Ибн Сина располагает небольшими книгами и трактатами, которые, несмотря на свою высокую научную и философскую ценность, не были доступны и ученым и не были переведены на таджикский или русский язык. Книга «Мубохасот» - одно из последних произведений мыслителя. Из знакомства с этим произведением ясно, с точки зрения содержания и содержания, что оно не имеет никакого серьезного и существенного отличия от других его философских сочинений.

Ключевые слова: Ибн Сина, «Мубахасат», «Китаб аш-шифа» и «аль-Канун фи ат-тиб», философия.

UNKNOWN WORK OF ABUALI IBN SINO - "DEBATE"

Along with his large-scale scientific and philosophical works such as "Kitab ash-shifa" and "al-Qanun fi at-tib", Ibn Sina has small books and treatises, which, despite their high scientific and philosophical value and importance, are still content and their contents were not available to fans and scholars and were not translated into Tajik or Russian. The book "Mubohasot" is one of the last works of the thinker. From the familiarity of this work, it is clear from the point of view of content and content that it does not have any serious and material difference from his other philosophical writings.

Key words: Ibn Sina, "Mubahasat", "Kitab ash-shifa" and "al-Qanun fi at-tib", philosophy.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сулаймонов Саидраҳмон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, кафедраи филологияи араб, факултети забонҳои Осиё ва Аврупо. **Суроға**: 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Сведение об авторе: ***Сулаймонов Саидрахмон*** – Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра арабской филологии, факультет языков Азии и Европы. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр. Рудаки 17. Тел.: **(+992) 907-98-54-43**

Information about the author: ***Sulaimonov Saidrakhmon*** - Tajik National University, doctor of philological sciences, professor of the department of Arabic philology, faculty of Asia and Europe languages. **Address**: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 907-98-54-43**

ТДУ: 811.21/.22.3 (575.3)

ОМӮЗИШИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ДУУЗВА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Абдураҳмонова М.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Омӯзиши ҷумлаҳои пайрави дуузва бо масъалаи таснифоти ҷумлаҳои пайрав ва ҳодисаҳои синкретӣ алоқамандии бевосита дорад. Бо назардошти ин, метавон гуфт, ки қайдҳо ва ишораҳои нахустин дар ин маврид дар асару мақолаҳои Н. Маъсумӣ, Х.Ҳусейнов, М.Қосимова мушоҳида мегардад. Муҳаққиқ Х. Ҳусейнов доир ба хусусиятҳои сермаъноии ҷумлаи пайрави замон андеша ронда, доир ба роҳҳои ифода, воситаҳои алоқа, муносибати ҷумлаи пайрав ба сарҷумла, вазифаҳои пайвандакҳо ва хабари ҷумлаи пайрав, роҳу воситаҳои сермаъноӣ дар ҷумлаҳои пайрави замон мулоҳиза меронад. Дар баробари ин муҳаққиқ қайд мекунад, ки дар ҷумлаҳои пайрави замон тобишҳои маъноии шарт, сабаб ва натиҷа мушоҳида мешаванд [ниг.: 16].

Дар ин миён “Очеркҳо оид ба инкишофи забони тоҷикӣ”-и Н. Маъсумӣ аз пуразиштарин таҳқиқотест, ки дар бораи ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, инчунин ҷумлаҳои пайрави дуузва маълумот медиҳад. Дар мавриди ҷумлаҳои пайрави дуузва (агарчи муҳаққиқ онҳоро бо ин ном зикр намекунад) дар ин асар фасли ҷудогона ҷудо шуда, хусусиятҳои ҷумлаҳои пайрав, муносибати гуногуни маъноии онҳо нисбат ба сарҷумла, инчунин нақши пайвандакҳо дар таркиби ҷумлаҳои пайрави гуногун маълумот дода, баъзе ҷумлаҳои пайрав бо номҳои дигар, ки дар таҳқиқоти имрӯза ба назар намерасанд, зикр мешавад. Масалан, ҷумлаи пайрави монандӣ-муқоисавиро зикр карда, қайд мекунад, ки “ҷумлаи пайрави монандӣ - муқоисавӣ тарзи амали кас ё предмети тасвиршавандаро ба ҳолати чиз ё ҳодисаҳои ҷудогона ташбеҳ дода, намуд ва манзараи бадеӣ ба вуҷуд меоварад. Вазифаи услубии ин тарзи ифода бо вазифаи услубии ҳолшарҳкунандаҳои ташбеҳӣ-муқоисавӣ як аст” [5, с.348]. Муаллиф ҷумлаи пайрави монандӣ-муқоисавиро хеле васеъ ташреҳ дода, воситаҳои алоқаи грамматикӣ ва муносибати онро ба аъзоҳои сарҷумла ё яке аз аъзоҳои сарҷумла шарҳ медиҳад, ҳамчунин ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайравро муаллиф ба якчанд хел ҷудо мекунад. Ҷумлаи пайрави ҳоли истисноии тарзи амалро зикр кардаву шарҳ дода, мавқеи онҳоро дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муайян намуда, вазифаҳои услубии онҳо, воситаҳои алоқаи ин ҷумлаҳои пайравро қайд намудааст.

Дар мавриди ҷумлаи пайрави замон маълумот дода, мавқеи пайвандаки *чун*-ро дар таркиби ин ҷумла шарҳ медиҳад. Муаллиф ишора мекунад, ки ин пайвандак маъмулан хосси насру назми классикӣ аст, ҳоло дар забони меъёрӣ ва гуфтугӯӣ ҷойи онро пайвандакҳои дигар гирифтаанд. Ӯ хотиррасон мекунад, ки пайвандаки чун дар грамматикаҳои ҳозира нишон дода нашудааст ва сабабашро низ дар ҳамин мебинад, ки ҷойи онро дигар пайвандакҳо гирифтаанд.

Қайдҳои муаллиф дар мавриди маънои сабаб пайдо кардани ҷумлаҳои пайрави замон ҷолиб аст, ки як сабаби онро ӯ дар истифодаи пайвандаки “чун” мебинад. “Дар осори Айнӣ ба маънои сабаб барои ба сарҷумла алоқаманд кардани ҷумлаи пайрави замон кор фармудани “чун” низ дида мешавад, ки дар ин маврид вай ба ҷойи пайвандаки “модоме ки” хизмат мекунад, аммо ба сабаб омадани он нисбат ба вазифаи замониаш ниҳоят кам аст: Чун номи Раҳими қанд дар миён омад, лозим шуд, ки дар бораи ӯ як қадар зиёдтар истода гузарам” [5, с.357].

Ҳамин гуна ишора ва қайдҳои манфиатбахш дар мавриди ҷумлаҳои пайрави дигари ҳолӣ низ ба назар мерасанд. Н. Маъсумӣ ҷумлаҳои пайрави шарт ва пайвандакҳои онро шарҳ дода зикр мекунад, ки: “Дар ҷумлаи пайрави шартӣ аорист бо ҳиссачаи шартии ҳам кор фармуда мешавад. Ҳиссачаи ҳам пас аз хабари ҷумлаи шартӣ омада шарти амали сарҷумларо таъкид мекунад. ..Аз тарафи дигар ҳиссачаи ҳам дар ҷумлаи пайрави шартӣ тобиши хилофӣ ба вуҷуд меорад. Дар ин сурат ҷумлаи пайрави шартӣ бо пайвандаки агар маънои хилофиро ҳам ифода мекунад: Агар банк шиканад ҳам, чорааш чӣ буд?. Дар ин сурат, агар ҳуҷра ба даст надарояд ҳам, шиносоӣ ба даст медаромад” [5, с.362].

Н. Маъсумӣ дар ин таҳқиқот асосан ба ҷумлаҳои пайрави ҳол дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дахл кардааст, навъҳои ҷумлаи пайрави ҳолро шарҳ дода, ки баъзе аз онҳо дар грамматикаҳои забони тоҷикӣ ба инобат гирифта нашудаанд. Махсусан, ҷиҳати дигари арзишманди китоб дар он аст, ки нақши пайвандакҳои гуногунро дар тобиши иловагии маъноӣ гирифтани ҷумлаҳои пайрави ҳол ба таври ҷудогона зикр мекунад.

Барои шарҳи як навъи ҷумлаи пайрави ҳоли муқоисавӣ - монандӣ, чандин тобишҳои маъноиро хос дониста, ҳар кадоми онҳоро бо номҳои ҷудогона ном мебарад. Аз ҷумла, ҷумлаи пайрави муқоисавии танҳо, ҷумлаи пайрави ташбеҳӣ, ҷумлаи пайрави қиёсӣ, ҷумлаи пайрави муқоисавӣ - ташбеҳӣ, ҷумлаи пайрави ташбеҳӣ - муқоисавӣ гуфта, тобишҳои иловагии маънои як навъи ҷумлаи пайрави ҳолро шарҳ медиҳад. Инчунин ӯ навъи ҷумлаи пайрави ҳолиеро нишон медиҳад, ки муҳаққиқони дигар дар ин хусус чизе нагуфтаанд: ҷумлаи пайрави ҳоли истисноии тарзи амал. Ин навъи ҷумлаи пайравро шарҳ дода мегӯяд, ки "Ҷумлаи пайрави ҳоли истисноии тарзи амал дар таркиби ҷумлаи мураккаби тобеъ ба тарзи мустасно баён карда шудани чунин ҳоли сарҷумларо мефаҳмонад, ки воқеъ гардидани он лозим буд... Ҷумлаи пайрави мазкур монанди ҷумлаи пайрави ташбеҳӣ - муқоисавӣ характери тасвирӣ дорад" [5, с.353]. Аз андешаҳои муҳаққиқ бармеояд, ки назари ӯ ба таснифоти ҷумлаҳои пайрав дигаргуна буда, бештар ба ҷанбаи услубиёт такя мекунад. Ин гуфтаҳоро суханони муҳаққиқ "...ташбеҳӣ-муқоисавӣ" собит менамоянд.

Таҳқиқоти дигари пуразриш, ки дар ин давра ба таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави дуузва бахшида мешавад, монографияи Х. Ҳусейнов аст.

Дар ин монография, ки "Ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик" ном дошта, асари пуразрзише дар наҳви ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аст, истилоҳи "сермаъноӣ" ба кор бурда намешавад, аммо муаллиф фаслеро бо номи "Ифодаҳои шарт, сабаб ва натиҷа дар ҷумлаҳои пайрави замон" ҷудо намуда, қайд мекунад, ки: «Дар таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баъзан ҷумлаҳои пайрави замон ба замми маънои замонии худ мазмунҳои иловагиро низ ифода менамоянд, ки он ифодаҳо махсусан, аз хабари онҳо фаҳмида мешавад. Хабари чумлаҳои пайрави замоне, ки ба ғайр аз маъноҳои замонии худ маъноҳои иловагӣ дорад, бештар бо аорист таркиб меёбад. Аорист, ки ҳамчун феъли модалӣ дар матн маъноҳои зиёдро нишон медиҳад, хусусиятҳои бисёрро низ доро мегардад. Чунин хислати аорист дар ҷумла дар навбати аввал аз мазмуни умумии матн равшан мешавад» [16, с.20]. Чунон ки мебинем, муаллиф тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави замонро "мазмунҳои иловагӣ" гуфта қайд мекунад ва онро бо шакли грамматикии хабари ҷумлаи пайрав иртибот медиҳад: "...ин ифодаҳо махсусан аз хабарҳои онҳо фаҳмида мешавад" [16, с.21].

Муаллиф дар ҷумлаҳои пайрави замон "мазмуни иловагии" тобишҳои маъноии шарт, сабаб ва натиҷаро нишон медиҳад. Тобиши маънои шарт доштани ҷумлаи пайрави замонро шарҳ дода, дар тақвияти гуфтаҳои худ муҳаққиқ таъкид мекунад, ки "Барои исботи мазмуни умумӣ ва ифодаи замонӣ ҷумларо тағйир надода, ба ҷойи пайвандаки замонӣ шартӣ мегузорем. Дар ин вақт ҷумлаи пайрави замон ба ҷумлаи пайрави шартӣ табдил меёбад" [16, с.21].

Муаллиф дар мавриди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави замон андеша ронда, нақши онҳоро дар мавриди "маъноҳои иловагии "ҷумлаи пайрав махсус таъкид мекунад. Муҳаққиқ зикр мекунад, ки пайвандакҳои тобеъкунандаи замон маъноҳои сабаб, мақсад, шартро дошта метавонанд, зеро онҳо дар баробари ҷумлаҳои пайрави замон ҷумлаҳои пайрави шарт, сабаб, мақсадро низ ба сарҷумла алоқаманд месозанд. Махсусан, вазифаҳои пайвандаки муштараквазифаи **ки**-ро шарҳ дода, зикр мекунад, ки он пайвандаки серистеъмол буда, хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайравро ба сарҷумла алоқаманд месозад [16, с.28-50]. "Пайвандаки ки ҳамчун пайвандаки серистеъмол барои ифодаи маъноҳои замонӣ, сабабӣ ва шартӣ истифода бурда мешавад. Хусусияти дигари ин пайвандак дар он аст, ки вай ба таркиби бештарини пайвандакҳои тобеъкунандаи замон ҳамроҳ гардида, таркиби пайвандакҳоро ташкил менамояд, ки ин хусусият ба ҳеҷ кадом пайвандаки дигар хос нест" [16, с.42; 16, с.50].

Ҷиҳати арзишманди назари муҳаққиқ дар он аст, ки аввалан, ӯ тобишҳои маъноии ҷумлаи пайрави замонро нишон медиҳад, онҳоро бо ибораи "маънои иловагӣ, мазмуни

иловагӣ” ифода мекунад, дувум, шарти асосии онҳоро бо хабари ҷумлаи пайрав алоқаманд медонад, сеюм, яке аз омилҳои асосии тобиши маъноиро бо иваз кардани пайвандакҳои шарт, сабаб ва натиҷа иртибот медиҳад.

Аҳаммияти асари мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки он дар шинохти ҷумлаи пайрави замон, роҳу воситаҳои алоқаи он бо сарҷумла як таҳқиқоти мукаммал ва арзишманде аст, ки имрӯз низ қимати худро гум накардааст.

Таҳқиқоти арзишманди дигаре, ки дар ин солҳо анҷом дода шуд ва қадами навбатиро дар масъалаи сермаъноии ҷумлаҳои пайрави ҳолӣ гузошт, монографияи М.Н. Қосимова “Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик” буд. Муаллиф дар баробари баррасии хусусиятҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрави ҳоли шартӣ, воситаҳои алоқаи он бо сарҷумла, масъалаи муродифоти ҷумлаҳои пайрави шартӣ дар мавриди тобишҳои маъноии онҳо низ ишора ва қайдҳо дорад. Аз нигоҳи муҳаққиқ маъноҳои иловагии ин навъи ҷумлаи пайрави ҳол аз алоқамандии муносибати он бо навъҳои дигари ҷумлаҳои пайрави ҳол ба вуҷуд меояд. М.Н. Қосимова дар иртибот ба ин тобишҳои иловагӣ гирифтани ҷумлаҳои пайрави шартиро таъкид намуда, чунин меорад: «Шарт ва натиҷа бо ҳамдигар зич алоқаманданд, бинобар ин, сарҷумла бе ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав бе сарҷумла дарк карда намешаванд” [4, с.12]. Агарчи муҳаққиқ дар мавриди тобиши маъноии ҷумлаи пайрави шартӣ маълумоти дигаре намедиҳад, он моро водор месозад, ки дар мавриди ин имконияти ҷумлаҳои пайрави шартӣ ҷустуҷӯҳо дошта бошем. Дар идомаи ин назар тобишҳои маъноии сабаб, замон, эҳтимолӣ доштани ҷумлаҳои пайрави шартиро таъкид намуда, баъзе мисолҳо меорад: “Маънои шарт ва сабаб низ алоқаи зич доранд. Муносибатҳои шартӣ ва сababӣ дар он ифода меёбанд, ки баъзан шарти муайян барои ягон амали муайян сабаб мешавад. Сабаби пайдоиши амали ҳозираро тасдиқ ва асоснок менамояд. Муносибатҳои шартӣ ва сababӣ дар мавҷудияти тобиши сababӣ дар ҷумлаҳои шартӣ ифода меёбанд. Баъзан муносибати байни ҳодисаҳо чунон мураккаб аст, ки он ҳодисаҳо дар доираи ҷумлаи пайрави типи муайян намеғунҷад. Дар ҷумлаҳо тобишҳои гуногун ба вуҷуд меоянд: сababӣ, замонӣ, эҳтимолӣ ва ғайра” [4, с.12].

Дар нашри соли 1967-уми китоби “Забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Барои синфҳои 7-8” дар мавриди таснифоти хелҳои ҷумлаҳои пайрави ҳол маълумот хеле мушаххас аст. Муаллифон дар ин нашр ба таври боварибахш хелҳои ҷумлаи пайрави ҳолро ба 9 навъ ҷудо намуда, зери сарлавҳаи “Ҷумлаҳои пайрави ҳол” хелҳои зеринро зикр мекунанд: “Ҷумлаҳои пайрави ҳол мувофиқи вазифаашон ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: 1) ҷумлаи пайрави ҳоли тарзи амал, 2) ҳоли андозаю миқдор, 3) ҳоли макон, 4) ҳоли замон, 5) ҳоли сабаб, 6) ҳоли мақсад, 7) ҳоли натиҷа, 8) ҳоли шартӣ, 9) ҳоли хилофӣ” [7, с.105]. Чунон ки мебинем, муаллифон дар ин нашр ҳоли тарзи амалро зикр мекунанд ва ишораи “ҳоли муқоисавӣ”-ро, ки дар нашрҳои то соли 1962 дар қавсайн оварда шуда буд, сарфи назар мекунанд. Дар шумори хелҳои ҷумлаи пайрав “ҳоли андозаю миқдор”-ро меафзоянд. Муаллифон то соли 1962 дар он назар буданд, ки ҳоли муқоисавӣ низ дар таркиби ҳоли тарзи амал вуҷуд дорад ва онро аз тобишҳои маъноии тарзи амал мепиндоштанд, аз соли 1964 аз ин андеша даст кашиданд. Дар нашри солҳои 1964 ва 1967 ҳоли монандӣ, ки қаблан чун ҳоли муқоисавӣ номбар мешуд, тамоман зикр карда нашудааст.

“Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ” [6, с.183] як навъ муносибати нав ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб ва, умуман, ба омӯзиши синтаксиси забони тоҷикӣ аст. Муаллифон ба омӯзиши ҷумлаҳои мураккаби тобеъ муносибати нав зоҳир мекунанд. Дар таснифот онҳо тартиби ҷумлаҳои пайравро чунин меоранд: ҷумлаи пайрави муайянкунанда, миқдору андоза, ҳоли тарзи амал, замон, сабаб, мақсад, мубтадо, хабар, пуркунанда, ҷумлаи пайрави шартӣ, хилофӣ, натиҷа. Ҳамчунин ҷойи ҷумлаҳои пайравро нисбат ба сарҷумла дар зери фасли ҷудогона таҳлил мекунанд. Дар мавриди ҷумлаҳои пайрав маълумот хеле мухтасар буда, танҳо маълумоти умумӣ, воситаҳои алоқа ва мисолҳо зикр карда мешаванд. Чунон ки мебинем, муаллифон ҷумлаи пайрави миқдору андозаро меоранд, ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ва монандиро зикр намекунанд ва ҳамчунин тартиби ҷумлаҳои пайравро тамоман ғайримуқаррарӣ меоранд ва онро шарҳ намедиҳанд. Муаллифон ҷумлаи пайрави

монандиро дар дохили ҷумлаи пайрави тарзи амал оварда, чунин мегӯянд: “яке аз хелҳои ҷумлаи пайрави тарзи амал ҷумлаҳои пайрави монандӣ мебошанд, ки амали сарҷумларо бо предметҳои гуногун монанд карда нишон медиҳанд” [6, с.134]. Дар мавриди ҷумлаҳои пайрави замон ва воситаҳои алоқаи он маълумоти бештар дода, дар мавриди ҷумлаҳои пайрави замон бо пайвандаки ки махсус таъкид мекунанд: “Қайд кардан лозим аст, ки пайвандаки ин тип ҷумлаҳои пайрави замон бар хилофи қоидаи умумӣ дар таркиби сарҷумла меояд: Ду таноби боқимондаашро ҳам фурӯхта писарамро тӯй мекунам гуфта истода будам, ки он декрет баромад” [6, с.141-142].

Таҳқиқоти нисбатан мукаммал доир ба омӯзиши ҷумлаҳои пайрави дуузва дар осори профессор Д.Тоҷиев ба назар мерасад. Муҳаққиқ дар давоми солҳои 60-ум дар бораи хелҳои гуногуни ҷумлаҳои пайрави ҳол силсилаи таҳқиқотро анҷом дода, дар шакли мақолаҳои ҷудогона аз чоп бароварда [10; 11; 12; 13; 14]. Дар ин мақолаҳо дар бораи ҷумлаҳои пайрави натиҷа, тарзи амал, монандӣ, миқдору дараҷа, хилоф маълумот дода, дар мавриди маъноҳои иловагии ҷумлаҳои пайрав назари худро баён мекунад. Муаллиф дар мақолаи «Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал» [11] хусусиятҳои маъноию грамматикии ҷумлаи пайрави тарзи амалро шарҳ дода, фарқи равшани онро аз ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа ва монандӣ нишон медиҳад.

Як нуктаи ҷолиб доир ба масъалаи таснифоти ҷумлаҳои пайрав дар мақола ин аст, ки муҳаққиқ китобҳои дарсии пешин ва таҳқиқоти ин даврароро таҳлил намуда, таъкид мекунад, ки “Дар синтаксиси забони тоҷикӣ барои мактабҳои олӣ ҳамин ҷумлаи пайрав ба ду хел – ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва андозаю миқдор тақсим карда шуда, вазифаи ба воситаи монандкунӣ шарҳ додани сарҷумла дар доираи ҷумлаи пайрави тарзи амал мондааст. Аммо дар “Очеркҳо...” ба се хел – тарзи амал, андозаю миқдор ва монандӣ ҷудо карда шудани ин ҷумларо мушоҳида мекунем” [11, с.18]. Дар идома муаллиф ба ин масъала равшанӣ андохта, менависад, ки “...мисолҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳанд, ки ҷумлаҳои пайрави тарзи амал, миқдору дараҷа ва пайрави монандӣ бо маъно ва вазифаҳои хосси худашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд...” [11, с.18].

Муаллиф барои исботи назари худ силсилаи мисолҳоро оварда фарқи миёни ин хели ҷумлаҳои пайравро нишон медиҳад, тобишҳои маънои иловагии онҳоро зикр мекунад ва ин ҷумлаҳоро бо ҳам муқоиса намуда, қайд мекунад, ки “Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва миқдору дараҷа боз тобиши маънои натиҷа ҳам дошта метавонанд”. Як сабаби ба ҳам наздик будани ин ҷумлаҳоро муҳаққиқ дар монандии сохт ва вазифаҳои умумии синтаксисии онҳо мебинад. Бинобар ин, ҷумлаҳои пайрави тарзи амал ва миқдору дараҷа дар баъзе тобишҳои маъно ва воситаҳои алоқа хусусиятҳои умумӣ зоҳир мекунанд. Дар мақола инчунин омадааст: “Ҷумлаҳое вомехӯранд, ки онҳо маъно ва вазифаҳои якчанд ҷумлаи пайравро дар бар мегиранд ва онҳоро ба яке аз он се ҷумлаи пайрави зиргардида бевосита дохил кардан душвор мешавад. Дар ин мавридҳо лозим меояд, ки баъзе аз ҷумлаҳои характери мобайнӣ доштаро дар якчанд ҷумлаи пайрав қайд намоем. Ҳатто дар як ҷумлаи пайрав ҳам маънои миқдору дараҷа, ҳам монандӣ ва ҳам тобиши маънои натиҷа ифода мешаванд” [11, с.18]. Муҳаққиқ барои исботи фикраш чунин мисолро овардааст: “Табақро ҳам чунон покиза лесида ба рӯйи сандалича мондаанд, ки гӯё бо оби ҷӯш шуста, бо дастмоли сафеди тоза пок кардаанд”.

Ин ҷумла аз рӯйи калимаи ҳамнисбат бештар ба ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ва аз нигоҳи дуюм тобиши монандӣ ва натиҷаро медиҳад, ки воқеан мушаххас кардани он ҳамчун як хели ҷумлаи пайрав мушкил аст.

Ҳамин тариқ, дар силсилаи мақолаҳои профессор Д.Тоҷиев дар ин давра масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол, воситаи алоқи онҳо бо сарҷумла, хелҳои онҳо, тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрав ба баҳси илмӣ кашида мешаванд. Бешубҳа, мақолаҳои дар ҳамин давра таълифгардидаи Д.Т. Тоҷиев ва муҳаққиқони дигар оғози баҳсзои ҷиддӣ ва доманадор дар масъалаи омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб дар забоншиносии тоҷик гардиданд. Истилоҳи сермаъноӣ ва тобиши маъноии ҷумлаҳои пайрав, нақши пайвандакҳои тобеъкунанда дар сермаъноии ҷумлаҳои пайрав низ маҳз аз мақолаҳои Д.Т. Тоҷиев қувват гирифтаанд.

Маҳз таҳқиқоти ҳаминдавраинаи (солҳои 1960-ум) профессор Д.Т. Тоҷиев ба дуруст ҷудо кардани сарҳиди ҷумлаҳои пайрави тарзи амал, миқдору дараҷа ва монандӣ роҳ

кушод, зеро дар таҳқиқоти то ин давра дар ин масъала духӯрагии андеша вуҷуд дошт. Назари Д.Т. Тоҷиев дар мавриди воситаҳои грамматикии муштарак доштани ин ҷумлаҳо, бар эзоҳи калимаҳои ҳамнисбати ба ҳам монанд омадани онҳо, то кадом андоза ба ҳам монанд будан ва фарқ доштани ин ҷумлаҳо аз ҳамдигар барои таснифоти минбаъдаи ҷумлаҳои пайрави ҳол хеле муҳим буданд. Муҳаққиқ назари равшан дар мавриди сабабҳои сермаъноии ҷумлаҳои пайравро зикр намуд [12]. Омилҳои ҳаммаъноии ҷумлаҳои пайравро, ки аз вазифаҳои умумии синтаксисии ҷумлаҳои пайрав, ҷойи онҳо нисбат ба сарҷумла, пайвандакҳои ба ҳам монанд доштан, бар шарҳи калимаҳои ҳамнисбат омадашон вобастагӣ дорад, зикр намуд.

Соли 1968 монографияи Ш. Рустамов “Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии тоҷик” аз чоп баромад. Муаллиф бевосита доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав ва тобишҳои маъноии онҳо фасле ҷудо накарда бошад ҳам, дар мавридҳои ҷудогона ишораҳо доир ба тобишҳои маъноии ҷумлаҳои пайрави сабаб ба назар мерасанд. Аз ҷумла, ӯ қайд мекунад, ки “агар дар таркиби сарҷумла калимаҳои “гӯё”, “гӯё ки” омада бошанд, тобиши нобоварӣ танҳо ба ҷиҳати зоҳирии масъала далел шудани ҷумлаи пайравро нишон медиҳад ва ҷумлаи пайрав тобиши хилофӣ пайдо мекунад” [8, с.20].

Дар ҷойи дигар муаллиф танҳо ба монандии қолаби ҷумлаҳои пайрави сабаби бо пайвандаки ки ба сарҷумла алоқамандшуда бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда андеша меронад. Ӯ бар он назар аст, ки “...ҷумлаи пайрави сабаб, ки бо пайвандаки ки ба сарҷумла тобеъ буда, дар байни аъзоҳои он воқеъ гардидааст, зоҳиран ба ҷумлаи пайрави муайянкунанда монанд мебошад. Монандии онҳо дар он зоҳир мегардад, ки пайвандаки ки дар ҳар ду ҳолат ҳам баъд аз мубтадо ва аъзоҳои ҷумла омада метавонад” [8, с.73] ва барои исботи фикр мисоли зеринро меорад: “Ҷавоне, ки дар мобайн шармгинона сар хам карда меистод, коргари нав будааст” [8, с.73].

Ҳамчунин дар фасли “Пайвандакҳои тобеъкунандаи сабабӣ ва вазифаҳои онҳо” дар мавриди пайвандакҳои муштараквазифа сухан ронда, вобаста ба мавқеи истифодаи пайвандакҳо имконияти ҷой доштани тобишҳои маъноии натиҷа, замонӣ, шартиро дар ҷумлаҳои пайрави сабаб нишон медиҳад. Махсусан, ҳангоми алоқаманд шудани ҷумлаи пайрави сабаб ба сарҷумла бо пайвандаки ки чунин тобишҳои маъноӣ равшантар зоҳир мешаванд.

Ҷумлаҳои пайрави дуузва аз қисмати хеле баҳснок ва то ба охир таҳқиқнашудаи наҳви забони тоҷикӣ буда, чанд масъалаи баҳталаб дар омӯзиши онҳо боқӣ мемонад.

Аввалан, дар мавриди миқдори онҳо муҳаққиқон ба хулосаи ягона наомадаанд, шумори ҷумлаҳои пайрав дар таҳқиқоти илмӣ ва китобҳои дарсӣ якхела дода намешавад, дуюм, дар мавриди шинохти онҳо низ баҳсҳо идома доранд, сеюм, дар мавриди номгузорӣ ба ҷумлаҳои пайрав низ корбасти ягона риоя намешавад ва, ниҳоят, мавқеи ҷумлаи пайрави натиҷа ҳанӯз ҳам баҳснок боқӣ мемонад.

Муқарриз: ***Мирзоёров Ф.Н.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Асоев, Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа ё натиҷа / Р. Асоев // Мактаби советӣ. - 1978. - №1. - С.19-23.
2. Асоев, Р. Ҷумлаи пайрави миқдору дараҷа дар забони тоҷикӣ / Р. Асоев. - Душанбе, 2010. – 168 с.
3. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷилди 3. - Душанбе: Дониш, 1989. – 224 с.
4. Қосимова, М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. – Сталинобод: Нашр. АФ Тоҷикистон, 1961. – 77 с.
5. Маъсумӣ, Н. Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик / Н.Маъсумӣ. – Душанбе, 2011. – 385 с (бознашр).
6. Ниёзмуҳаммадов, Б. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксиси. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ / Б. Ниёзмуҳаммадов, М. Исматуллоев. - Душанбе, 1963. – 183 с.
7. Ниёзмуҳаммадов Б. Забони тоҷикӣ. Қисми 2. Синтаксис. Барои синфҳои 7-8 / Б.Ниёзмуҳаммадов, Ш.Ниёзӣ, А.Каримов. - Душанбе: Ирфон, 1967. – 155 с.
8. Рустамов, Ш. Ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави сабаб дар забони адабии тоҷик / Ш. Рустамов. - Душанбе, 1978. – 123 с.
9. Тоҷиев, Д. Доир ба сермаъноии ҷумлаҳои пайрав / Д.Тоҷиев // Мактаби советӣ. - 1970. - №1. - С.12-15.
10. Тоҷиев, Д. Ҷумлаҳои пайрави миқдору дараҷа / Д.Тоҷиев // Мактаби советӣ. - 1966. - №7. - С.18-23.
11. Тоҷиев, Д. Ҷумлаҳои пайрави тарзи амал / Д.Тоҷиев // Мактаби советӣ. - 1966. - №6. - С.17-23.

12. Тоҷиев, Д.Т. Мухтасар оид ба сермаъногии ҷумлаҳои пайрав дар забони тоҷикӣ / Д.Т. Тоҷиев. - Кова, 1969. - №4. - С.358-362.
13. Тоҷиев, Д.Т. Ҷумлаи пайрави монандӣ / Д.Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. - 1966. - №8. - С.7-11.
14. Тоҷиев, Д.Т. Ҷумлаи пайрави хилофӣ / Д.Т. Тоҷиев // Масъалаҳои забони тоҷикӣ. - Душанбе, 1967. - С.5-21.
15. Тоҷиев, Д.Т.Ҷумлаи пайрави натиҷа / Д.Т. Тоҷиев // Мактаби советӣ. - 1964. - №12. - С.26-29.
16. Ҳусейнов, Х. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави замон дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Х.Ҳусейнов. – Сталинобод: Нашр. АФ Тоҷикистон, 1960. – 121 с.

ОМӮЗИШИ ҶУМЛАҲОИ ПАЙРАВИ ДУУЗВА ДАР ЗАБОНШИНОСИИ ТОҶИК

Мақола ба яке аз мавзуъҳои хеле мубрами илми забоншиносии муосир – ҷумлаҳои пайрави дуузва, бахшида шудааст. Муаллиф ба таърихи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол тавақҷуҳ намуда, назари муҳаққиқони гуногунро доир ба хелҳои ҷудогонаи ин гурӯҳи ҷумлаҳои пайрав баён мекунад. Ба андешаи муаллиф Н. Маъсумӣ яке аз аввалин муҳаққиқони тоҷик аст, ки ба омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол тавақҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар баробари зикри чанд хели ҷумлаҳои пайрави ҳол хусусиятҳои маъноии онҳо, мавқеъ, нақши пайвандакҳо ва воситаҳои дигари алоқаро дар ташаккули маъноии ҷумлаҳои пайрав дақиқан таҳқиқ намудааст. Муаллифи мақола дар чунин андеша аст, ки омӯзиш ва таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави дуузва дар забоншиносии тоҷик давра ба давра такмил меёбад ва дар ин самт нақши олимоне чун Х. Ҳусейнов, Д. Тоҷиев, М. Қосимова, Ш. Рустамов хеле калон аст. Баъзе муҳаққиқон агарчи хелҳои ҷудогонаи ҷумлаҳои пайрави ҳолро таҳқиқ намуда бошанд ҳам, таҳқиқоти онҳо дар такомули назарияи омӯзиши масъала муҳим ва арзишманд аст. Муҳаққиқ ҳамчунин таъкид мекунад, ки дар омӯзиши ҷумлаҳои пайрави дуузва нақши муҳаққиқ Д. Тоҷиев хеле бузург аст. Ӯ бори нахуст ин гурӯҳи ҷумлаҳоро ба таври маҷмуӣ таҳқиқ намуда, назарияи омӯзиши ҷумлаҳои пайрави дуузваро мукаммал намуд. Дар баробари ин дар забоншиносии тоҷик масъалаҳои баҳснок дар омӯзиши ҷумлаҳои пайрави дуузва кам нестанд.

Калидвожаҳо: ҷумлаи мураккаби тобеъ, ҷумлаҳои пайрави дуузва, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, воситаи алоқа, пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, интонатсияи тобеъ.

ИЗУЧЕНИЕ ДВУЧЛЕННЫХ ПРИДАТОЧНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКОЗНАНИИ

В статье рассматриваются актуальные проблемы современной лингвистики – двучленные придаточные предложения. Автор в основном уделяет внимание историю изучения обстоятельственных придаточных предложений и излагает взгляды разных лингвистов на виды придаточных предложений. По мнению автора, Н. Масуми — один из первых таджикских исследователей, обративших особое внимание на изучение двучленных придаточных предложений в таджикском языкознании. Н. Масуми наряду с упоминанием нескольких видов придаточных предложений подробно исследовал их семантические особенности, положение, роль союзов и других средств связи в формировании придаточных предложений. Автор статьи считает, что изучение и исследование двучленных придаточных предложений в таджикском языкознании постоянно совершенствуется, и в этом направлении огромную роль сыграли труды таких ученых, как Х. Гусейнов, Д. Таджиев, М. Касимова, Ш. Рустамов. Хотя некоторые ученые исследовали отдельные типы придаточных предложений, их исследования важны и ценны для развития изучения теории всего синтаксиса сложных предложений таджикского языка. Исследователь также подчеркивает, что роль исследователя Д. Таджиева очень велика, он впервые всесторонне исследовал эту группу предложений и усовершенствовал теорию изучения двучленных придаточных предложений. В то же время в таджикском языкознании существует много спорных вопросов в изучении двучленных придаточных предложений.

Ключевые слова: сложноподчиненные предложения, двучленные придаточные предложения, главное предложение, придаточное предложение, средства связи, подчинительные союзы, относительные слова, придаточная интонация.

THE STUDY OF BINOMIAL SUBORDINATE CLAUSES IN TAJIK LINGUISTICS

Resume: The article is devoted to one of the most topical topics of modern linguistics – binomial subordinate clauses. The author pays attention to the history of the study of subordinate clauses and outlines the views of various researchers on certain types of this group of subordinate clauses. According to the author, N. Masumi is one of the first Tajik researchers who paid special attention to the study of two-term subordinate clauses in Tajik linguistics. On the part of N. Masumi, along with the mention of several types of subordinate clauses, their semantic features, position, role of conjunctions and other means of communication in the formation of the meaning of subordinate clauses are studied in detail. The author of the article believes that the study and research of binary clauses in Tajik linguistics is being periodically improved, and in this direction the role of such scientists as Kh. Huseynov, D. Tajiev, M. Kasimova, Sh. Rustamov is very huge. Although some scholars have investigated various types of subordinate clauses, their research is important and valuable for the development of the theory of the study of this problem. The researcher also emphasizes that the role of the researcher D. Tadzhiev is very great, he for the first time comprehensively investigated this group of sentences and improved the theory of studying two-term subordinate clauses. At the same time, in Tajik linguistics, there are many controversial issues in the study of binomial subordinate clauses.

Key words: complex sentences, binomial subordinate clauses, main clause, subordinate clause, means of communication, subordinating conjunctions, relative words, subordinate intonation.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдураҳмонова Мастура Амиралиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи забони адабии муосири тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru. Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Сведения об авторе: ***Абдурахмонова Мастура Амиралиевна*** - Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки, 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru. Тел.: **(+992) 988-34-29-59**

Information about the author: ***Abdurakhmonova Mastura Amiralievna*** - Tajik National University, Candidate of Philology, Associate Professor, Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. E-mail: **abdurahmonzoda-m@mail.** ru. Tel.: **(+992) 988-34-29-59**

ТДУ: 811.21/.22.5+82

КАЛИМАСОЗИИ ПЕШВАНДИ НО- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Амлоев А.Я., Ш.Турсунзода
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Рушду инкишофи забон аз даврањои қадим то имрӯз ба таҳаввулу ташаккули таркиби луғавии он вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ таркиби луғавии забон бою ғанӣ мегардад. Баръакси ин масъала доираи инкишофи вожаҳои миллӣ танг шуда, забон аз ин падидаи номатлуб рӯ ба таназзул меорад.

Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми такмили таркиби луғавии забони адабӣ маҳсуб меёбад. Маҳз бо ҳамин роҳ таркиби луғавӣ инкишоф меёбад. Мардум дар тули асрҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти худ бо истифода аз қолабҳои гуногун калимаҳои зиёде сохтаанд, зеро дар натиҷаи дигаргуниҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, илмӣ, маданӣ ва умуман пешравии ҷомеа забон низ ҳамзамон рушду такомул меёбад. Беҳуда нест, ки забонро ҳамсафари доимии ҷомеа гуфтаанд. Пас зарурате пеш омад, ки одамон барои пурраву мукаммал ифода кардани мафҳумҳои нави дар равиши ин дигаргуниҳо бавуҷудомада аз ҳамаи воситаҳо, махсусан аз усули калимасозӣ ба таври фаровон истифода кунанд. Ин талабот ба инкишофи калимасозиву шаклсозӣ ва таркибу иборасозӣ асосу омили муҳимме ба шумор меравад.

Таркиби луғавии забон бо ду роҳ такмил меёбад. Яке бо роҳи калимасозӣ, дигаре бо роҳи қабул кардани калимаҳои иқтибосӣ. Барои забони тоҷикӣ роҳи якум муфидтар аст.

Донишманди маъруфи улуми сегонаи адабӣ Шамси Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам», ки асосан ба илми арӯз, қофия ва нақди шеър бахшида шудааст ва аз нигоҳи илми забоншиносӣ ин асар сарчашмаи муътамад ба шумор меравад, доир ба луғатшиносӣ, калимасозӣ ва наҳв қайду ишора ва тавзеҳоти пуарзиш додааст [17, с.180].

Роҷеъ ба нақши калимасозӣ дар ташаккулу таҳаввули таркиби луғавии забон дар асарҳои гуногуни илмиву адабӣ аҳли илму адаб суханҳои пуарзиш гуфтаанд [3, с.4; 4, с.85; 9, с.107; 11, с.195; 12, с.18; 13, с.143; 15, с.6; 16, с.224].

Забоншиноси варзида Ғоиб Мирзоев дар маҷмуаи мақолаҳояш таҳти унвони «Хӯшае чанд аз хирмани сухан» доир ба нақши калимасозӣ дар пайдоиши луғатҳои нав чунин қайд кардааст: «Нақши калимасозӣ низ дар пайдо шудани луғатҳои нав муҳим аст. Ба ин восита аз ҳисоби калимаҳои решагӣ, ки фонди асосии забони миллии тоҷикиро ташкил мекунанд, калимаҳои нав пайдо шуда, таркиби луғавии забон такмил меёбад» [5, с.107].

Амлоев А.Я. низ дар монографияи илмиаш «Калимасозии исм дар насри бадеии Ф. Муҳаммадиев» ҳамин ақидаро ҷонибдор аст: «Калимасозӣ яке аз роҳҳои муҳимми такмили таркиби луғавии забони адабӣ маҳсуб мешавад» [2, с.4].

Бо пешвандҳо сохта шудани калимаҳо дар таърихи забони тоҷикӣ собиқаи зиёд дорад. Дар калимасозии пешвандии забони тоҷикӣ пешвандҳои аз рӯйи муносибат, таъинот ва вазифаҳои дастуриашон гуногун ба мушоҳида мерасанд. Ҳар як ҳиссаи мустақилмаънои нутқ вобаста ба хусусиятҳои грамматикиашон пешвандҳои мушаххаси худро доро мебошанд.

Дар «Ғиёс-ул-луғот» доир ба пешванди но- чунин қайд кардааст: но- ҳарфӣ аст бар муштақот ва сифот, ки киноя аз сиғаи исми фоил ва исми мафъул аст, дохил мегардад, чунончи ноболиғ ва номасмуъ [14, с.330].

Дар китоби “Забони адабии ҳозираи тоҷик” дар бораи хусусияти калимасозии пешванди но- чунин омадааст: «Префикси **но-** бо исм ва асосҳои феълӣ омада, сифати аслӣ месозад, ки ба аломат ва хусусияте доро набудани предметро мефаҳмонад: одами нобовар, духтари ноком, ҷойи нобоб, ҳиссаи ногувор, мардуми ношод, одами ношинос, ҳаракатҳои нолоиқ» [10, с.199].

Пешванди **но-** дар сохтани сифат ва дигар пешвандҳо сермаҳсул ва серистеъмол мебошад. Вай аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ сифати аслӣ месозад, ки акси маънои асос, молик будани мавсуфро ба он ифода мекунад ва ё ҳолати ашёро мефаҳмонад [6, с.182].

Забон яроқи асосии нависанда, муҳимтарин омили тасвири бадеӣ, нахустин унсури адабиёт аст. Аз ин ҷост, ки забонро нағз надониста, онро ба ҳукми фармони худ надароварда, асари хуб, асари комил ва шоиста офаридан муҳол аст [7, с.5].

Нависандаи мумтоз – С. Айнӣ ҳамчун донандаи хуби забони тоҷикӣ, нависандаи навовар, муҳаққиқи нуктасанҷу маънирас дар “Ёддоштҳо” аз назокату нафосат ва салосати забони тоҷикӣ истифода намуда, бо пешванди калимасози на- вожаҳои гуногунсохту гуногунмаъно сохтааст, ки аз рӯйи маъно ва муҳтавояшон аз ҳамдигар фарқ карда меистанд.

Дар мақолаи мазкур мо кӯшиш намудем, ки доир ба нақши пасванди сифатсози **но-** дар асари тарҷумаҳолии устод С. Айнӣ – “Ёддоштҳо” маълумот дода, ба ин васила ҳунари суханофарии ин нависандаи нуктасанҷро баён намоем.

Дар асари мавриди назар бо пешванди **но- 60** вожа ба чашм расид. Чунончи: **нотавон, ногувор, нобуд, нопадид, ноқобил, нодор, нокардашуда, нододанӣ, ногаҳонӣ, нобарор, ногаҳон, нодуруст, номақбул, ноором, нокорам, норозиёна, ношумор, номаҳрам, норозӣ, нобакор, ногуворӣ, нолоиқ, ношинос, номаълум, нодон, ноинсоф, номурод, ноҳақ, ночиз, ночор, нофорам, ноилоҷ, ноҳинҷор, нобоб, нороҳат, нохушнуд, нокишта, ноист, нофаҳмотар, ноогоҳ, ноомад, нохонда, номуносиб, ношуд, ногуфт, норасида, нобудагӣ, нотарс, ноҳамвор, норозӣ, ношуста, ноком, нодида, ношуда, ноумедӣ, нохалаф, нобофта, номеҳрубон, ногуфтанӣ, нобакор.**

Сифатҳои фавқуззикрро аз рӯйи муносибаташон ба ҳиссаҳои нутқ чунин дастабандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Аз исм: **ноинсоф, номурод, нороҳат, нотарс, ноком, нохалаф, нопадид, ноҳақ, ночиз, нотавон.**

Мисолҳо: Ҳайфо, ки пешхони **ноинсоф** ба дурусттар хондани онҳо роҳ намедод, бо талаби пай дар пай ва пулғундорӣ ҳамаро ба ҷон мерасонд [1, с.127]. Магар ман аз дузд ҳам **ноинсофтарам**, ки ҳамсоягони худро фиреб диҳам? [1, с.169]. Ӯ як одами бечораи **номуроде** буд [1, с.138].

Акнун бо «ҳой-ҳой» гиря кардан мехостам, аммо аз бими **нороҳат** кардани рафиқон, ки маҳз барои тасаллӣ додан ба ман ба гирди ман ғун шуда дар зери қирави тунд мехобиданд, худдорӣ намудам [1, с.180].

Онҳо гӯё одамони пурзӯри дарёдаркаш буданд, ки бо нӯшидани шароби бисёр аз худ нарафта ва нағалтида буданд, аммо бо зӯрии ҳамон шароб аз сар чӣ гузаронида истоданашонро муайян карда наметавонистанд ва ё монанди касоне буданд, ки воқеаҳои даҳшатангези дар хоб дидаашонро дар бедорӣ ба ёд меоранд, лекин аз вай наметарсанд, инҳо ҳам воқеаи даҳшатангези аз сар гузаронидаистодаашонро аранг-аранг мефаҳмиданд, аммо наметарсиданд ё ин ки худро **нотарс** нишон додан мехостанд [1, с.341]. Аммо маълум буд, ки дар он вақт он пирсол он шаробро на барои «дар тоати илоҳӣ қувват ёфтан», балки барои омада дар пеши ман барин одами худонотарс ҷуръат ёфтан нӯшидааст [1, с.375].

«Духтари сиёҳбахти **ноком** суханони охиринашро, хусусан он калимаҳоро, ки «аз дунё дар танҳоӣ ва бекасӣ гузаштани худаш»-ро ифода мекарданд, дар зери бори ғаму андуҳи гарон мегуфт [1, с.395]. Ва ҳол он ки ман натиҷаи кӯшиши худро ба **нокоми** дилороми худ нафаҳмонда чӣ гуна рафта метавонистам [1, с.404].

Бар сари он сарви сарандоз як сарандози шоҳии сафед буд, ки мӯйи сиёҳи дарози диловези ӯро сар то по мепӯшид ва маълум буд, ки ӯ ин гуна сарандозро барои ҳамранг кардани тамоми баданаш бо маҳтоб ва пинҳон доштани худ аз рақиби **нохалафи** эҳтимолӣ ба сар гирифта буд [1, с.386].

Ман аз ҷой хеста берун баромадам, ҳаво соф ва ором буд, боди сабуке мевазид, аммо рӯйи ҳавлӣ ва замини рӯидарича ба регзоре монанд гашта буд; дар реги рӯйи ҳавлӣ ва замини боғча кафш то пошнааш меғӯтид, шукуфаҳои дарахтони зардолу монанди мурдаҳои занбӯрҳои асал ба назар менамуданд, сабза ва майсаҳо бошанд, дар зери рег тамоман **нопадид** гардида буданд [1, с.31].

Пахтакашон аз пахтаҷаллобон ғӯзаи ҷойдориро гирифта бо даст кашида, аз ҳаллоҷӣ гузаронида пахтаи тоза карда, бо пунбадонааш ба хӯҷаин месупурданд ва дар ин кор ҳаққи **ночизе** мегирифтанд [1, с.5]. Дар баъзеи он даврaҳо ғирғиракбозӣ, дар баъзеашон тасмабозӣ, дар баъзеи дигарашон қартабозӣ ва монанди инҳо буд, ки ҳамаи онҳо қиморбозӣ буда, камшууртарини одамон атрофи онҳоро фаро гирифта бахтозмоӣ мекарданд ва маблағи **ночизеро**, ки бояд бо сад душворӣ барои харҷи сайр захира карда бошанд, дар он ҷо бой медоданд [1, с.124].

Ман хостам аз ҷой хезам, аммо бобоям бо лаъличае, ки дар дасташ буд, аз сари синаам зер карда маро ба ҷунбидан роҳ надод ва баногоҳ як озори ҷонгудозе дар баданам пайдо шуд, ки нафасам дар дарун афтод ва баъд аз нафасамро рост гирифтан бо панҷаҳои борики **нотавонам**, ки аз ғазаб монанди панҷаи хурӯс нештар барин шуда буд... [1, с.15].

2. Аз сифат: **ногувор, ноқобил, нодуруст, номақбул, ноором, нокорам, нолоиқ, номаълум, ноҳақ, ночор, нофорам, нобоб, номаҳрам, нохушнуд, ноогоҳ, номуносиб, ноҳамвор, номеҳрубон.**

Мисолҳо: Ман ин ҳолро бевосита ҳис накунам ҳам, аз суҳбатҳои ғамолудонаи падару модарам, ки қариб ҳар шаб то вақти хоб дар байни онҳо воқеъ мешуд, дар натиҷаи он тӯй рӯй додани ягон чизи **ногуворро** пай мебурдам [1, с.16]. Ман боз як соати дигар сабр кардам, аммо ҳеҷ токатам намонд. Кому забонам то лабонам карахш бастанд, дар меъдаам як нооромии **ногуворе** пайдо шуд, гӯё дар он ҷо як кирми оташини гуруснае бошад, ки обу нон мехоҳад ва агар талаби ӯро бар ҷо наёрам, гӯё маро сӯхта маҳв мекарда бошад [1, с.117].

Аммо писараш **ноқобил** ва сарсаригард шуда, на дар замин ва на дар дурудгарӣ кор накардааст [1, с.38].

Аммо ман дарғазаб мешудам ва дар дили худ хушмуомалагии акаи худро дар ин мавридҳо **нодуруст** мешумурдам [1, с.157]. Дар он вақт ман маҷбур мешавам, ки боз гуреза шавам, ба ҷоҳои дурдаст равам ва бо роҳҳои **нодуруст** (яъне дуздӣ) шиками худро сер кунам [1, с.308].

Аммо падари ман як дараҷа дағал ва сахтгап буд, ӯ корҳои ба худаш **номақбулро** бо суханҳои сахт ва талх фош мекард ва аз ранҷидани тарафи муқобил ҳеҷ парво надошт [1, с.68].

Агар ин мусибатнома аз ҳад зиёд андуҳовар баромада хонандагони муҳтарамро **нохушнуд** кунад, маъзарат мепурсам ва маро, ки маҷбурияти фарзандии худро, қисман бошад ҳам, адо кардан хостам, умедворам, ки бубахшанд [1, с.181].

Лекин ба назари халқ мактабдориро «кори паст ва ба шаъни худашон **номуносиб**» нишон медиҳанд [1, с.283].

Кому забонам то лабонам карахш бастанд, дар меъдаам як нооромии но**гуворе** пайдо шуд, гӯё дар он ҷо як кирми оташини гуруснае бошад, ки обу нон мехоҳад ва агар талаби ӯро бар ҷо наёрам, гӯё маро сӯхта маҳв мекарда бошад [1, с.117].

Аммо маро, бинобар писарбача буданам (ҳарчанд хурдсол бошам ҳам), «**номаҳрам**» гӯён ба ҳавлии дарун роҳ надоданд [1, с.101]. Албатта, модари ӯгай маро рӯйи хуш намедод, дар хона роҳ намедод, аз кӯрпаҳои модарам ба ман намедод ва ба болои ин, падари меҳрубонамро ба ман **номеҳрубон** мекард [1, с.179].

«Қалам – чӯбу сиёҳӣ – обу коғаз– хоку мистар– хас,
Ба ин асбоби **нолоиқ**, чӣ гуна хат нависад кас?» [1, с.112].

3. Аз асоси замони ҳозираи феъл: **нодор, ношумор, нобарор, ноист.**

Мисолҳо: – Амакмуллот (шавҳарашро мегӯяд, ки Иброҳимхоҷа ном дошта, чунонки дар боло қайд шуд, дуохони **нобарор** буд) ба ман «исми аъзам»-ро ёд додаанд [1, с.52].

Ӯ як байт хонд ва ман ба ӯ ҷавоб додам ва ӯ ҷавоб дод ва боз ман ҷавоб додам ва ба ҳамин тариқа мо **ноист** тахминан 15 дақиқа байтбарак кардем [1, с.194].

4. Аз асоси замони гузаштаи феъл: **нобуд, ноумед, ношуд, ногуфт.**

Мисолҳо: Деҳқонони ҳамсоя ба падарам маслиҳат доданд, ки киштро вайрон карда дубора сертухмтар корад. Ба ин тартиб замин бисёр холӣ монда **нобуд** мешавад [1, с.31]. – Мо меҳмонони **ногуфт** (нохонда) шуда омадем, шумо дар хона набудед, бо вуҷуди ин, беномусӣ карда даромадем [1, с.307].

Аммо модари ӯгай ҳамаи корҳои сахт ва чиркини хонаро ба ман мефармуд: ман хона мерӯфтам, ман рӯйи ҳавлӣ мерӯфтам ва ман ҳатто ҷоҳои **ногуфтаниро**, ки рӯзе ду бор рӯфтани он ҷоҳо лозим аст, тоза мекардам [1, с.392]. Боз мехоҳад бо ягон баҳонаи дурӯғ маро гӯл зада дар оташи **ноумедиам** гузорад [1, с.384]. Барраҳои гӯсфандони зиндамондаро барои зиёд кардани наслашон имсол накуштаанд ва бинобар ин аз чорво имсол ҳеҷ даромад нашудааст (даромади гӯсфандони қарокӯлӣ пӯсти барраи онҳост, ки дар вақти зоиданашон мекушанд), ҳаққи чӯпонӣ, ки иборат аз пашми гӯсфандони касона аст, ба ҳисоби закоти гӯсфандони дар соли вабо талафшуда ба закотчӣ рафтааст ва хӯроку пӯшоки тағоии чӯпонам ба гардани деҳқонии **ношуд** бори барзиёд шуда мондааст [1, с.286].

5. Аз сифати феълӣ: **нокардашуда, нохонда, нокишта, норасида, нодида, нобофта, ногуфтанӣ, ношуста, нодиданӣ.**

Мисолҳо: Қарабек аввалин касест, ки ба заминҳои амлоки **нокиштамонда** ба номи «хорпулӣ» андоз андохт [1, с.188]. Чун деҳқонон барои нарӯйидани хор заминҳошонро ронда шудгор карда, аммо **нокишта** гузоштанд, ба он гуна заминҳо ба номи «шудгорпулӣ» андози дигаре андохт (ин қоида бо намунаи Қарабек дар ҳамаи районҳои Бухоро ҷорӣ шуд) [1, с.188]. Бо вуҷуди ин ки ӯ медонад, мо аз вай шикоят карда нишастаем, дастархон, чой, тут, ош фиристодан ва барои набаромаданаш узр гуфтан барои меҳмонони **нохонда** ҳурматест, ки инро фақат Аҳмад-Махдум карда метавонад [1, с.282]. – Мо меҳмонони ногуфт (**нохонда**) шуда омадем, шумо дар хона набудед, бо вуҷуди ин, беномусӣ карда даромадем [1, с.298].

Аз таги ду тарафи пеши он сарандози сафед ду милла мӯйи сиёҳи **нобофтаи** зулфмонанд намудор буд, ки он духтари худорои ишвапиро онҳоро аз ду баногӯшаш ба рӯйи рухсорааш гузаронида ба наздикиҳои гушаҳои даҳони худ оварда қаҷ карда гузошта буд ва ин вазъият ҳайати ӯро боз ҳам дилработар ва хушнамотар карда буд [1, с.386].

«Дар вақте, ки духтархона ба чиллахона даромада, масалан ба ман либосҳои шуста овардаашро медод, ё ин ки ҷомашӯиҳои **ношустаамро** мегирифт, он духтари хушлибоси хушбӯй аз таги докаи рӯйбанди худ ба ман менигарист [1, с.364].

Баъд аз бурда додани либос ва озуқа ба додарам чанд пӯсти қарокӯли тақир (**норасида**)-ро, ки додарам аз шиками гӯсфандони худмурда гирифта монда будааст, ба хӯрҷин андохта бозгаштам [1, с.310]. Аз дидани кушишхонаи ҳайвонот дар сари ман хаёли дидани кушишхонаи одамон нафратангезона пайдо шуд ва бо вуҷуди нафратангез будани он ҷо, азбаски вай ба тақдири одамон дахлдор буд, **нодида** монданаш барои ман мумкин набуд, бинобар ин ман аз Пирак сахт илтимос кардам, ки ӯ зудтар он ҷоро ба ман нишон диҳад, ӯ ваъда дод, ки фардо пагоҳонӣ бурда нишон диҳад [1, с.317]. Аммо модари ӯгай ҳамаи корҳои сахт ва чиркини хонаро ба ман мефармуд: ман хона мерӯфтам, ман рӯйи ҳавлӣ мерӯфтам ва ман ҳатто ҷоҳои **ногуфтаниро**, ки рӯзе ду бор рӯфтани он ҷоҳо лозим аст, тоза мекардам. Хизматгорзанон танҳо ба ошпазиву нонпазӣ машғул мешуданд [1, с.392].

Чунонки аз таҳлилу баррасии маводи дастрас бармеояд, устоди каломи мавзун, кашшофи маънои бикр, сардафтари адабиёти муосири тоҷик – С. Айнӣ пешванди “**но-**”-ро дар “Ёддоштҳо” самаранок истифода намуда, дараҷаи калимасозӣ ва вазифаи грамматикии ин пасвандро ҳунармандона нишон додааст. Нависанда дар баробари калимаҳои дар забони адабӣ маъмулу роиҷ, боз вожаҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки бо хусусиятҳои грамматикӣ ва тобишҳои маъноии худ фарқ карда меистанд.

Масалан, калимаҳои **ношумор, нокорам, нохушнуд, ноист, ногуфт** дар забони адабии имрӯза ва дар асари аксарияти нависандагон кам ба назар мерасад. Аз ин ҷо метавон ба хулосае омад, ки устоди каломи мавзун С. Айнӣ тамоми имкониятҳои дастурии пешванди “но-”-ро истифода намуда, ба ин васила қудрати калимасозии забони тоҷикиро нишон додааст.

Муқарриз: ***Мавлонзода Ш.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 404 с.
2. Амлоев, А.Я. Калимасозии исм дар насри бадеии Фазлиддин Муҳаммадиев / А.Я. Амлоев. - Душанбе, 2016. – 152 с.
3. Бобомуродов, Ш. Луғати мухтасари калимасозии забони адабии ҳозираи тоҷик. Дастури таълимӣ / Ш.Бобомуродов, А.Муминов. – Душанбе, 1983. – 120 с.
4. Бойматова, Н.К. Семантическое поле концепта “красота” в таджикской и анлийской лингвокультурах / Н.К. Бойматова. – Душанбе, 2021. – 152 с.
5. Г. Мирзоев. Суффиксальное словообразование в современном таджикском языке / Мирзоев Г. – Душанбе: Дониш, 2018. – 184 с.
6. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик (нашри академӣ). Ҷ.1. – Душанбе, 1985. - 356 с.
7. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон / Р.Ғаффоров. – Душанбе, 1977. - 270 с.
8. Ғ.Мирзоев. Хушае чанд аз хирмани сухан / Мирзоев, Ғ. – Душанбе: Промэкспо, 2018. – 244 с.
9. Донишномаи мухтасари таърихи афкори забоншиносии тоҷик. (Фароҳамоварандагон Д. Хоҷаев, Н.Ф. Қурбонов, О.М. Додаров) – Душанбе, 2017. – 320 с.
10. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология, фонетика, морфология. Китоби дарсӣ барои факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ. Қ. 1. – Душанбе, 1973. – 452 с.
11. Камолов Х.М. Мавқеъ ва корбурди сифат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ / Х.М. Камолов // Забон – рукни тоат. – 2017. - № 9. - С.188-197.
12. Камолова, Г. Хусусиятҳои морфологии забони «Маҷмуъ-ут-таворих» / Г.Камолова. – Душанбе, 1974. – 92 с.
13. Қосимова, М.Н. Таърихи забони адабии ҳозираи тоҷик / М.Н. Қосимова. – Душанбе, 2003. – 490 с.
14. Муҳаммад Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2. - Душанбе, 1988. – 416 с.
15. Рустамов, Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. – Душанбе, 1972. – 77 с.
16. Хоҷаев, Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе, 2013. - 344 с.
17. Шамси Қайси Розӣ. Ал-муъҷам. – Душанбе, 1991. – 232 с.

КАЛИМАСОЗИИ ПЕШВАНДИ НО- ДАР «ЁДДОШТҲО»-И САДРИДДИН АЙНӢ

Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи нақши калимасозии пешванди калимасози **но-** бахшида шудааст. Мавзуе, ки дар мақола баррасӣ шудааст, аз нигоҳи илмӣ актуалӣ буда, то имрӯз мавзуи мазкур мавриди таҳқиқи алоҳида сурат нагирифтааст. Дар мақола муаллифон пеш аз нишон додани доираи истеъмоли пешванди **но-** сараввал бо истифодаи сарчашмаҳои илмиву адабии асрҳои гузашта сайри таърихӣ намуда, вазифаҳои дастурии морфемаи мазкурро бо овардани далелҳои арзишманд баён кардаанд. Дар баробари ин, мақоми пшвандҳоро дар осори илмии олимону донишмандони замони муосир дида баромада, ҷойгоҳи пасвандҳои мавриди таҳқиқ қароргирифтаро дар замони муосир аз диди муҳаққиқон баррасӣ кардаанд. Азбаски мавзуи асосии мақоларо омӯзиш ва баррасии пешванди калимасози но- ташкил мекунад, муаллифон дар ҷараёни таҳқиқи моҳияти асосии масъала мақоми пешванди мазкурро дар «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ нишон додаанд. Дар баробари таҳлили маводи адабӣ доир ба истифодаи пешванди таҳқиқшаванда маълумоти оморӣ дода шудааст. Баъд аз баррасӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳимми баррасишаванда муаллифон дар хулоса нақши устод Айниро дар офаридани калимаҳои нави бо ин пешвандҳо сохташуда, ки бевосита ба услуби фардии нависанда хос аст, нишон додаанд.

Калидвожаҳо: калимасозӣ, пешванд, пешванди калимасоз, ташаккул, забоншиносӣ, забоншинос, луғат, сарф, наҳв, забони тоҷикӣ.

СЛОВООБРАЗОВАНИЕ ПРЕФИКСА НО- В “ВОСПОМИНАНИЯХ” С. АЙНИ

Статья посвящается исследованию роли в словообразовании префикса **но-**. Тема научной статьи является актуальной и на сегодняшный день по данной теме нет подобных работ. В статье, прежде чем показать круг исследования префикса но- дана историческая информация, с помощью научных и художественных источников продшедших веков, затем показана грамматическая функция вышеуказанной морфемы, а также приводятся многочисленные примеры. Вместе с тем автор статьи рассматривает место префикса но- в научных произведениях современных учёных и показывает роль рассматриваемого префикса с точки зрения этих исследователей. Учитывая тот факт, что тема исследования посвящена изучению префикса но-, автор в процессе изучения темы даёт информацию о роли вышеуказаного префикса “Воспоминаниях” С. Айни. Вместе с анализом художественных материалов по использованию данного префикса в статье приводятся статистические данные. После изучения и решения важных проблем автор в конце статье указывает вклад С. Айни в создание новых слов с употреблением префикса но-, что непосредственно отображает самобытность и неповторимость стиля таджикского писателя.

Ключевые слова: словообразование, префикс, словообразуюший префикс, формирование, лингвистика, языковед, лексика, морфология, синтаксис, таджикский язык.

FORMATION OF THE PREFIX BUT- IN “MEMORY” OF S. AINI

The article is devoted to the study of the role of word formation of the prefix but-. The topic of the scientific article is relevant and today there are no similar works on this topic. I In the article, before showing the range of use of the prefix no-, he first made a historical tour using scientific and literary sources of the past centuries, and explained the instructional functions of these morphemes with valuable evidence. At the same time, the author of

the article considers the place of the prefix but-. in the scientific works of modern scientists and shows the role of the suffix in question from the point of view of these researchers. Taking into account the fact that the topic of the research is devoted to the study of the but-., the author, in the process of studying the topic, gives information about the role of the above prefix in "Memoirs" by S. Aini. In place of the analysis of artistic materials on the use of this suffix, the article provides statistical data. After studying and solving important problems of study, the author at the end indicates the contribution of S. Ayni to the creation of new words with the use of the prefix but-., which pleasantly reflects the originality and originality of the style of the Tajik writer.

Key words: word formation, prefix, word-forming prefix, formation, linguistics, linguist, vocabulary, morphology, syntax, Tajik language.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Амлоев Аминҷон Ятимович*** - Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, н.и.ф., муаллими калони кафедраи забони тоҷикӣ, факултети филологияи рус, журналистика ва медиатехнология. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. М. Турсунзода 30. E-mail: **amloev @ mail. ru.** Тел.: **(+992) 917-58-77-78**
Шаҳнозаи Турсунзода **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвончӯй, кафедраи забони тоҷикии факултети филологияи тоҷик ва журналистика. **Суроға:** 734025, ш. Кӯлоб, Ҷумҳурии Тоҷикистон, к. С. Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Сведения об авторах: ***Амлоев Аминджон Ятимович*** – Российско-Таджикский (Славянский) университет, к.ф.н., старший преподаватель, кафедра таджикского языка факультета русской филологии, журналистики и медитехнологии. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. М. Турсунзода 30. E-mail: **amloev @ mail. ru.** Тел.: **(+992) 917-58-77-78**
Шаҳноза Турсунзода – Кулябский государственный университет им. А. Рудаки, соискатель, кафедра таджикского языка, факультет таджикский филология и журналистики. **Адрес:** 734025, г. Куляб, Республика Таджикистан, ул. С. Сафарова, 16. Тел.: **(+992) 985-23-57-57**

Information about the author: ***Amloev Aminjon Yatimovich*** - Russian-Tajik (Slavonic) University, Candidate of Philology, Senior Lecturer, Department of the Tajik Language, Faculty of Russian Philology, Journalism and Media Technology. Address: 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str. M. Tursunzoda 30. E-mail: **amloev @ mail. ru.** Phone: **(+992) 917-58-77-78**
Shahnoza Tursunzoda - Kulyab State University named after. A. Rudaki, Applicant of the Department of the Tajik Language, Faculty of Tajik Philology and Journalism. **Address:** 734025, Kulyab, Republic of Tajikistan, Str. S. Safarov, 16. Phone: **(+992) 985-23-57-57**

ТДУ: 811.21/.22+161.1+811.111

ИДИОМАҲО ВА ИБОРАҲОИ ИДИОМАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ, РУСӢ ВА АНГЛИСӢ

Гадоев Б.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Идиомаҳо ё ифодаҳои фразеологии рехта дар таркиби тамоми забонҳои дунё мавқеи намоён дорад. Ин соҳаи илми забоншиносӣ яке аз ҷанбаҳои муҳимми тадқиқот маҳсуб меёбад, чунки ҳангоми шиносоӣ бо забони хориҷӣ онро омӯхта ва аз худ карда, одамон ҳамзамон ба фарҳанги нави миллии таърихи бисёрасраи халқро инъикоскунанда ворид мешаванд. Онҳо бо хусусиятҳои забони мазкур ошноӣ пайдо мекунанд, боигарии зиёди маънавиро соҳиб мешаванд, ки дар муддати солҳои тулонӣ ҳосил карда шудаанд ва дар забони омӯхташаванда нигоҳ дошта шудаанд. Дунёи ибораҳои идиоматикии забонҳои муосири англисӣ ва русӣ хеле гуногун ва бузург мебошад. Барои хориҷиён ҳангоми омӯзиши забон ин қисмати он доимо душвориҳоро пеш меоварад, чунки ифодаҳои идиоматикӣ – ин ибораҳои устуворе мебошанд, ки онҳо ба забонҳои дигар айнан тарҷума карда намешаванд, онҳоро бояд аз ёд кард.

Дар илми забоншиносии муосир яке аз таснифотҳои машҳуртарин таснифоти семантикии воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад. Дар таснифоти семантикии ВФ муносибати маъноии байни ҷузъҳо, мавҷудияти маҷоз ва устувории ҳамаи унсурҳои дохилии онҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд. Дар аввали асри XX забоншиноси Швейтсария Шарл Балли [I. 6, с.87-111] дар хусуси ибораҳои озоду устувор ва таснифоти ибораҳои фразеологӣ фикр баён карда буд. Академик В.В. Виноградов доир ба ибораҳои фразеологӣ якчанд мақола навишта, идеяи Баллиро инкишоф медиҳад. Дар забоншиносии шуравӣ таснифоти семантикии академик В.В. Виноградов аз ҳама маъруфтарин ба шумор меравад. Ба ғайр аз он боз таснифоти профессорон Б.А. Ларин, С.И. Ожегов, И.И. Чернышева, Н.Н. Амосова, Н.М. Шанский, И.В. Арнолд, Г.Б. Антрушина, Т.И. Арбекова, Л.П. Смит, А.В. Кунин ва дигаронро номбар кардан мумкин аст, ки онҳо дар тадқиқотҳои минбаъдаи худ таснифоти машҳури академик В.В.Виноградовро такмил доданд. Доир ба корҳои тадқиқотии типологияҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ саҳми олимон Азимова М. (1980, 1995), Наврузшоев Б. (2011), Иқболов О.Ш. (2017), Раҳимов М.С. (2018), Камолова Г.Р. (2019) ва дигарон хеле назаррасанд. Академик В.В. Виноградов дар натиҷаи тадқиқоти бисёрсолаи худ ВФ забони русиро аз рӯйи семантика ба се гурӯҳ ҷудо мекунад: 1. *ифодаҳои фразеологии рехта* (фразеологические сращения); 2. *ягонаҳои (воҳидҳои) фразеологӣ* (фразеологические единства); 3. *таркибҳои фразеологӣ* (фразеологические сочетания) [I. 8, с.9, 61].

Муҳаққиқ ба гурӯҳи аввал ифодаҳои фразеологии рехтаро дохил мекунад. Хусусият ва ё аломати асосии ин гурӯҳ он аст, ки маънои умумии онҳо ба маънои ҷузъҳои дохилии он вобаста нест. Ибора ба ҷузъҳои маънодор ҷудо намешавад, ҷузъҳои онро тағйир додан ва ё иваз кардан имконнопазир аст, зеро онҳо ҳам аз ҷиҳати маъно ва ҳам аз ҷиҳати сохт барҳам мехӯранд. Масалан, **попасть впросак** – (дучори вазъи ногувор шудан; ба ҳолати нобоб афтодан), **бить баклуши** (бекорхӯҷа шуда гаштан; даст болои даст монда нишастан), **спустя рукава** (мусоҳилакорона; бо дили нохоҳам); **точить лясы** (балясы) (лақидан, гапфурӯшӣ кардан, сафсата гуфтан, ҳарзагӯйӣ кардан), **сломя голову** (бежать, мчаться, скакать ва ғ.- ҷонҳавл саросемавор; тир барин) ва монанди инҳо. Дар таркиби ифодаҳои фразеологии рехта (идиомаҳо) дар бисёр маврид калимаҳое ёфт мешаванд, ки барои одамони замони муосир нофаҳмоянд: **впросак (**попасть впросак), **баклуши** (бить баклуши) ва монанди инҳо. Танҳо тадқиқотҳои махсус метавонанд муайян кунанд, ки дар замони қадим дастгоҳи барои ресидани ресмонро *впросак* меномиданд ва ғӯлачаро (кундаи хурдро) барои тайёркунии маснуоти майдаи чӯбин (асбобҳои майдаи чӯбин) (масалан, қошуқ) *баклуши* меномиданд. Дар таркиби ифодаҳои фразеологии рехта калимаҳои **просак** ва **баклуши** ин маъноҳоро надоранд. Барои тасдиқи гуфтаҳои дар боло зикргардида ифодаҳои фразеологии рехтаи (идиомаҳои) зеринро дар забони англисӣ дида мебароем: **to be at sixes and sevens** (*маҳтул.* дар шаш ва ҳафт будан) «в

беспорядке, вверх дном», «сарнагун (шудан, рафтан), чаппагардон (шудан), чаппаву роста»; **to set one's cap at smb.** (*таҳтул.* кулоҳи касеро ба касе мондан (гузоштан) «*вешаться на шею»* 1. «худро ба гардани марде андохтан»; 2. «бисёр шилқин (дилбазан) шудан»**; to dance attendance on smb.** (*таҳтул.* дар назди касе рақсидан) «*ходить на цыпочках», «*бо нӯги по (нӯг-нӯги по гаштан)»; «ходить перед кем-л. на задных лапках»; **be at smb.'s beck and call** (*таҳтул.* дар сарҷунбонӣ ва ҷеғзании касе будан) «*быть на побегушках»* 1. «дастёр будан, дар пайкор (дар хизматҳои назарногири майда-чӯйда) будан». 2. *мач.* «телпакдастёр, (навкар, заллабардор, хизматгор) будан»; **to leave smb. in the lurch** (*таҳтул.* дар ҳолати майлон (ба як паҳлу хамшавӣ) гузоштан касеро) «*оставить в беде» «*дар ҳолати бадбахтӣ (мусибат, фалокат) мондан (*касеро*)»; **to come a cropper (to come to disaster)** (*таҳтул.* ба назди даравгар (доскаш) омадан) а) «*упасть с лошади вниз головой»*; б*) «потерпеть крах»* «шикаст хӯрдан»; **neck and crop (entirely, altogether**; **thoroughly** (*таҳтул.* гардан ва ҳосилот) «в общем, в целом, вполне, совершенно», «комилан, умуман, хулласи калом, ниҳоят». Дар ҳамаи мисолҳои дар боло зикргардида ҷузъҳои онҳо аз маъноҳои алоҳидаи онҳо барнамеоянд, яъне маънои онҳо аз маънои ҷамъулҷамъи онҳо ҳосил гардида, тағйирнаёбандаанд. Ифодаҳои фразеологии рехта ё идиомаҳо ҳам дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ҳам дар забони англисӣ дар бисёр ҳолатҳо ибораҳои идиоматикиро дар бар мегиранд. Азбаски дар мақолаи мо доир ба гурӯҳи аввали таснифоти семантикии ВФ сухан меравад, мо тасмим гирифтем, ки бештар рочеъ ба мавзуи идиомаҳо дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ маълумот диҳем.

Идиома ((idioms) аз калимаи юнонии **idioma** гирифта шуда, маъноияш *ибораи махсус* аст. Бояд қайд кард, ки дар байни забоншиносони ғарб истилоҳоти **phraseological units**, ё **idioms** истифода бурда мешаванд. Дар байни забоншиносони муосир нофаҳмӣ оид ба истилоҳи воҳидҳои фразеологӣ мавҷуд буда, номҳои гуногунро истифода мебаранд. Аксарияти олимони рус истилоҳи «**phraseological unit**» («фразеологическая единица»)-ро, ки бори аввал аз тарафи академик В.В. Виноградов пешниҳод шуда буд, мавриди истифода қарор додаанд. Истилоҳи «**idiom**» аз тарафи олимони ғарб ба таври васеъ истифода бурда мешаванд ва солҳои охир ба фразеологияи забони русӣ дохил карда шуд, ки танҳо як гурӯҳи муайяни ВФ-ро ба он маҳсуб донистаанд. Ғайр аз ин боз якчанд истилоҳоти дигар аз тарафи як гурӯҳи олимон истифода бурда мешаванд**: set-expressions, set-phrases, phrases, fixed word groups, collocations.**

Мафҳуми **идиома** дар луғатҳои тафсирии забони англисӣ чунин шарҳ дода шудааст: "**Idiom** – a group of words whose meaning is different from the meanings of the individual words. *'Let the cat out of the bag'* is an idiom meaning to tell a secret by mistake" (Hornby A.S. Oxford Advanced Learner's Dictionary of Current English / A.S. Hornby. – Oxford University Press, Sixth edition, 2005. – 1538 p.). "**Idiom** *n* a group of words that have a special meaning that is very different from the ordinary meaning of the separate words" (Longman Dictionary of American English, New edition, 2002. – 934 p.).

Дар фарҳанги «Русско-таджикский словарь» мафҳуми идиома чунин шарҳ дода шудааст: **идиом, идиома** *линг.* идиома, ибораи (таъбири) рехта; **идиоматика** *линг.* 1. идиоматика, идиомашиносӣ 2. идиомаҳо, ибораҳои (таъбирҳои) маҷозӣ; **русская идиоматика** идиомаҳои русӣ; **идиоматический**, *линг.* идиоматикӣ, идиомӣ, … и идиом(а), идиоманок; **идиоматический оборот** таркиби идиоманок [I. 5, с.334].

Истифодабарии истилоҳоти гуногун боиси он мегардад, ки воҳидҳои фразеологиро аз гурӯҳи маъноии «озод» фарқ кардан душвор мегардад. Фарқи ибораҳои озод аз ВФ (идиомаҳо) дар он зоҳир мегардад, ки ҳар маротиба ҳангоми истифодабарии онҳо дар нутқ бо тағйирот истифода шаванд, аммо ВФ (идиомаҳо) ҳамчун воҳидҳои тайёри устувор ва сохти доимиашон истифода бурда мешаванд. Аксарияти олимони рус айни ҳол критерияи маъноии ҷудо намудани ВФ-ро аз ибораҳои озод яке аз критерияҳои асосӣ ва таҳкурсии корҳои тадқиқотии худ дар соҳаи фразеология доир ба мафҳуми ВФ маҳсуб медонанд. Яке аз онҳо олими ин соҳа доир ба масоили фразеологияи забони англисӣ профессор А.В. Кунин мебошад. Мавсуф мафҳуми ВФ-ро чунин шарҳ додааст: «Воҳидҳои фразеологӣ – ин таркибҳои лексикии устувори бо пуррагӣ ё қисман таҷдиди назар шудани маънои он мебошад» [I. 16, с. 12].

Тавре зикр гардид, тағйироти маъноӣ метавонад ба ибора пурра ё ин ки ба яке аз ҷузъҳои он таъсир расонад. Тасдиқи назарияи болозикрро дар воҳидҳои фразеологии зайл метавон дарёфт. Масалан, дар чунин ВФ ҳолати аввал, яъне пурра тағйироти маъноӣ дида мешавад (идиомаҳо): **to skate on thin ice** (*маҳтул.* дар болои яхи тунук конкитозӣ кардан) «быть в затруднительном, щекотливом положении; рисковать», «дар вазъияти сахт будан, дар ҳолати сахтӣ (мушкил) будан, дар ҳолати танг (ноҳинҷор) будан, дар вазъияти ногувор будан» ;**to wear one's heart on one's sleeve** (*маҳтул*. дили худро дар остинчаи худ бурдан; дили худро бо остинча бурдан) «не (уметь) скрывать своих чувств», «ҳиссиёти худро зоҳиран намоиш додан; дили кушода доштан»; **to have one's heart in one's boots** (*маҳтул*. дили касеро дар пойафзоли касе доштан) «испытывать чувство безнадежности, впасть в уныние», «струсить; душа в пятки ушла», «маъюс шудан, ноумед (андуҳгин (зиқ) шудан»; **to have one's heart in one's mouth (или throat)** (*маҳтул*. дили касеро дар даҳони (гулӯи) касе доштан) «быть очень напуганным; душа в пятки ушла», «талхакаф (гурдакаф, дилкаф) шудан»; **to have one's heart in the right place** (*маҳтул*. дили касеро дар ҷойи дуруст доштан) «иметь хорошие, добрые намерения», «мақсади (нияти, қасди, азми) хуб доштан»; **a crow in borrowed plumes** (*маҳтул*. зоғ дар пари (боли, қаноти) қарз гирифташуда) (- *ср. с рус.* ворона в павлиньих перьях) белая ворона); «зоғи товустарош; гандумнамои ҷавфурӯш»; **a wolf in a sheep's clothing** (*маҳтул*. волк в овечьей шкуре; гург дар ҷомаи меш, гург дар пусти гӯсфанд) «гӯсфандсурату гургсират; дар зоҳир меш, дар ботин гург. По виду – овца, а по натуре - волк» [I. 1, с.231]. Бояд иброз намуд, ки аз тарафи олимони рус доир ба тадқиқоти фразеологияи забони англисӣ корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, аммо ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, асосҳои назариявии фразеологияи забони англисӣ то ба охир омӯхта нашудаанд.

Қобили ёдоварист, ки кори тадқиқотии профессор Амосова Н.Н. доир ба фразеологияи забони англисӣ хеле мукаммал аст. Вай дар асоси омӯзиши корҳои илмии то он замон аз тарафи олимони гуногуни забоншиносии рус, англис, америкоӣ ва ғ. ба хулосае омад, ки доир ба фразеологияи забони англисӣ тадқиқот барад. Вай дар китоби худ «Основы английской фразеологии» доир ба таҳқиқи фразеологияи забони англисӣ аз рӯйи принсипи усули контекстологӣ (матнӣ) онро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Мақсади асосии ӯ аниқ кардани фан ва усули фразеологияи забони англисӣ мебошад. Мавсуф ВФ забони англисиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: **фраземаҳо** ва **идиомаҳо.** Чи тавре, ки ӯ қайд мекунад, таҳлили контекстологӣ (матнӣ) яке аз методҳои муфид барои тадқиқоти ВФ забони англисӣ ба шумор меравад ва ин хосси ВФ забони англисӣ мебошад. «Методи таҳқиқоти ВФ ва ҷудо кардани онҳо аз таркибҳои **«озод»**, ҳамчунин **«устувор»** бояд таҳлили контекстологӣ бошад, ки он барои муайян намудани гурӯҳҳои гуногуни контекст кумак мекунад…» [I. 3, с.193].

Муҳаққиқи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ профессор Ҳ. Маҷидов доир ба ВФ забони тоҷикӣ тадқиқоти назаррасеро ба анҷом расонидааст, ки онҳо барои рушди соҳаи фразеологияи тоҷик саҳми бузург гузоштаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар таснифоти маъноии воҳидҳои фразеологии профессор Ҳ. Маҷидов қисмати аввалу асосии гурӯҳҳои маъноии ВФ-ро **идиомаҳо** ташкил додаанд. Мавсуф маънои идиомаҳоро таҳлил намуда чунин маънидод мекунад: «Идиомаҳо воҳидҳои рехтаву устувори забонамонро ифода мекунанд. Идиома аз бобати ифодаи маънои умумӣ ба ҳиссаҳои хурд ҷудо намешавад. Маънои бутуни идиомаҳо аз маънои ҷамъулҷамъи маънои маҷозии калимаҳои таркибиашон бармеояд. Онҳо ба мисли воҳидҳои дигар масолеҳи тайёри забон буда, ба дигар забонҳо айнан тарҷума намешаванд. Таърихи дуру дарози амалкардро тай карда, суфтаву рехта шудаанд, дар онҳо зиндагӣ, табиат, руҳия, кайфият ва урфу одати халқамон инъикос ёфтаанд» [I. 18, с.29].

Масалан, воҳидҳои идиоматикии **дами корди касе гашт** ба маънои *«бетаъсир гаштани сухани касе»,* **ҷигарҳо об шуд** *«азият додан, сӯзондан, дилхун кардан»,* **захми чашм** *«зарар, зиён»,* **ба сари касе об рехтан** *«касеро нобуд кардан»,* **аз шодӣ қад-қад паридан** *«зиёд хурсанд шудан»* далели ин гуфтаҳо буда метавонанд: Дар ин мунозира ҳам **дами корди Шокир гашт**, суханро аз болои «ӯлпон» бардошта ба болои «ҳуррият» бурд … [II. 1, с.236]. … нолаи найи чӯпонӣ мувофиқи зарби ҳамин суруд бо як тарзи ҳазинона баланд шуда дилҳоро мехарошид, **ҷигарҳоро об мекард** ва баданҳоро меларзонид [II. 1, с.130]. … лекин

ба давлати он кас **захми чашм расида**, мо аз ёрмандии он кас ҳам маҳрум мондем [II. 2, с.303]. … пиндошт, ки акнун **ба сари** ҳамаи норозиён **об рехтам**, баъд аз ин осуда ҳукмронӣ ва комронӣ хоҳам кард [II. 2, с.208]. Падарам бо шунидани ин сухани тағоиям аз шодӣ гӯё **қад-қад мепарид** … [II. 3, с.71].

Ба ақидаи муҳаққиқи забоншиноси тоҷик Г. Зоғакова: «Аломати асосии воҳидҳои идиоматикӣ ин мисли дигар ВФ таркибу сохти устувор ва ифодаи маънои яклухти онҳо махсуб меёбад. Маънои умумии воҳидҳои идиоматикӣ, аз мазмуни ҷузъҳои алоҳидаашон ба вуҷуд наомада, аз маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам пайвасту устувори онҳо сар мезанад. Ҷойи ҷузъҳои воҳидҳои идиоматикиро монанди ибораҳои озод иваз кардан мумкин нест, инчунин мо наметавонем, ки ба таркиби он калимаи дигареро ҷой диҳем. Дар сурати ба таркиби онҳо ворид сохтани тағйирот тамоми ифода маънои маҷозии худро гум мекунад, вай аксаран рехтагии худро аз даст дода, ба ибораи озоди синтаксисӣ мубаддал мегардад» [I. 15, с.57]. Масалан, дар идиомаҳои **аз забонҳо афтодан** «ба фаромӯшӣ рафтан», **оре, бале гуфта гаштан** «замонасозӣ кардан», **пойи касе налангидааст** «дар коре тақсир накардан», **ҷой гарм кардан** «муқимӣ шудан», **рӯфта чида бурдан** «ғорат кардан» инро баръало мушоҳида кардан мумкин аст: Номи аслии он шахс **аз забонҳо афтода** дар байни мардум бо унвони «Қорӣ-Ишкамба» шуҳрат ёфтааст [II.4, с.12].

Балки барои ин даромадаам, ки то вазидани боде аз тарафе **оре, бале гуфта гардам** [II. 1, с.324]. – То ҳол, дар роҳи куштани камбағалон, ба зону бачагонашон **пойи мо ҳеҷ налангидааст.** … ба ҷое, ки қадам монем, пеш аз он, ки **ҷо гарм кунем**, ба ҳукумат хабар мерасонанд [II. 2, с.370]. … мо як зимистони озод ҳезумкашӣ карда будем, **рӯфта чида бурданд** … [II. 1, с.332].

Тавре зикр гардид, идиомаҳо таркибҳои устувори комилан ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда мебошанд, ки маънои умумии онҳо аз маъноҳои ҷамъулҷамъи ҷузъҳои калимаҳои онҳо вобаста нест. Барои тасдиқи гуфтаҳои боло идиомаҳои зеринро дида мебароем:

Масалан, **kick the bucket** (*маҳтул.* ба сатил бо пой зарба задан) «загнуться, умереть» (= *груб. прост.* мурдан) «протянуть ноги» – «мурдан»; **send smb. to Coventry (***маҳтул. касеро* ба Ковентри фиристодан) – «бойкотировать кого-либо, прекратить общение с кем-либо) - (бойкот кардан, бойкот эълон кардан, *маҷ. гуфт.* тарки алоқа; бо касе тарки алоқа кардан); **at bay** (*маҳтул.* дар кӯчаи сарбаста) «загнанный, в безвыходном положении» - «ваҳмида, ваҳшатзада, хӯсида, рамида; ноилоҷ мондан, дар вазъияти сахт будан; дар вазъияти ноилоҷ (ночор)»; **be at smb.'s beck and call** (*маҳтул.* дар сарҷунбонӣ ва ҷеғзании касе будан) «быть всегда готовым к услугом (= быть на побегушках)» 1. « дастёр будан, дар пайкор (дар хизматҳои назарногири майда-чӯйда) будан» 2) *маҷ.* «телпакдастёр (навкар, заллабардор, хизматгор) будан»; **to rain cats and dogs** (*маҳтул.* гурбаҳо ва сагҳо боридан) – «лить как из ведра (*о дожде*)» – «борони сахт (сел) боридан»; **be all thumbs** (*маҳтул.* ҳама нарангушт (сарангушт) будан) – «быть неловким, неуклюжим» – «ноуҳдабаро будан; ногувор (носоз, хиҷолатовар) будан; лаванд (дағал, бесулуқай) будан»; **Kilkenny cats** (*маҳтул.* гурбаҳои Килкенни) – «смертельные враги» - «душманони ашаддӣ».

Аз таҳлили мисолҳои овардашуда маълум мегардад, ки дар онҳо ҷузъҳои идиомаҳо ба маънои аслии худ истифода бурда намешаванд ва маънои маҷозӣ ҳамчун маънои асосии онҳо ифода карда мешаванд.

Мувофиқи назарияи забоншиноси рус Прокольева С.М.: «Ибораҳои фразеологии рехта дар асоси маънои маҷозии ҷузъҳои онҳо ба вуҷуд омадаанд, аммо дар натиҷа ин маънои маҷозии онҳо аз нуқтаи назари забони муосир нофаҳмо шудаанд. Образнокии ибораҳои фразеологии рехта танҳо таърихан маълум карда мешавад» [I. 24, с.35]. Масалан, калимаҳои **bay** маънои тупик - 1. *кӯчаи сарбаста* 2. *маҷ. ночорӣ, ноилоҷӣ* ва **beck** – взмах руки – *дастафшонӣ* архаизмҳо мебошанд ва ғайр аз ин фразеологизм дар ҳеҷ куҷо истифода бурда намешаванд. Ё ин ки, масалан, ибораи **to be all thumbs** таърихан аз ибораи **one's fingers are all thumbs** таъсис ёфтааст. Ҳамчунин ба ин монандро дар фразеологизмҳои **Kilkenny cats** (ки эҳтимол), аз қиссаи муборизаи шадид миёни шаҳрҳои **Kilkenny** ва **Irishtown** дар асри XVII ибтидо мегирад, ки ба харобкунии тарафайн оварда расонид ва

send smb. to Coventry дар китоби Кларендона ‘’The History of the Great Rebellion and Civil Wars in England” нақл карда мешавад, ки ҳангоми инқилоби англис дар шаҳри Ковентри зиндон вуҷуд дошт, ки дар онҳо шоҳпарастони бадарғашуда нигоҳ дошта мешуданд. Ҳамин тавр, дар ибораҳои рехтаи фразеологӣ (идиомаҳо) алоқаи маънои аслӣ ва маънои маҷозии калима гум шудааст, маънои маҷозӣ барои онҳо асосӣ шудааст. Барои ҳамин, ҳам ибораҳои рехтаи фразеологиро ба забонҳои дигар тарҷума кардан душвор аст.

Муҳаққиқ Чиненова Л.А. таъкид мекунад, ки “Ҷузъҳои идиомаҳо маънои лексикии худро гум карда, калимаҳои ба сохтори ибораҳои рехтаи фразеологӣ воридшуда, ба ҷузъҳои мураккаби воҳидҳои лексикӣ табдил меёбанд, ки аз рӯйи маъно ба калимаи алоҳида наздик мешаванд” [I. 30, с.73]. Барои ҳамин ҳам аксарияти ибораҳои рехтаи фразеологӣ бо калимаҳо синониманд: Масалан: **kick the bucket – to die; send smb. to Coventry – to ignore** ва монанди инҳо. Аммо фаромӯш кардан лозим нест, ки аз нуқтаи назари услубӣ ВФ ва калима аз ҳамдигар хеле дуранд.

Қобили зикр аст, ки доир ба хусусиятҳои асосии идиомаҳо олимони зиёде фикру мулоҳизаҳои худро иброз намудаанд. Аз нуқтаи назари забоншиноси рус Н.М. Шанский идиомаҳо дорои чунин хусусиятҳои хос мебошанд: **а)** ба таркиби онҳо, ибораҳое, ки дар таркибашон калимаҳои кӯҳнашуда ва архаистӣ мавҷуданд. Дар забони муосири адабии тоҷик низ як гурӯҳ калимаҳои адабии таркиби воҳидҳои фразеологӣ ба гурӯҳи архаизмҳо, яъне калимаҳои кухнашуда дохил шуда, танҳо ба туфайли ҳамин воҳидҳои рехтаи забони тоҷикӣ то ба имрӯз омада расидаанд. Масалан, калимаҳои зерин ба ин мисол шуда метавонанд: 1. **қут** «хӯрданӣ, ғизои ба қадри зарурат, таом; 2. **лоямут** «бемарг, намурданӣ, ҷовид, безавол». Ин калимаҳои кухнашуда танҳо дар таркиби воҳиди фразеологии **қути лоямут** ба маънои «камтарин миқдори хӯроке, ки барои зинда мондани касе зарур аст» истеъмол мешаванд [I. 22. с.68] … талабаҳо … ба деҳа рафта имом мешуданд ва дар охири ин моҳ фитри рӯзаи деҳқононро ғундошта, барои худ **қути лоямуте** захира карда меомаданд [II.3, с.267]. Ё ин ки калимаи **салма**, ки шакли дурусташ **салмо** аст, дар забони арабӣ маънои *«зани хушрӯй, маъшуқа»* -ро дорад, калимаи **сақат** *«вайрон, беҳуда, бефоида, паст, ноқис»* гуфтан аст. Ин ду калима имрӯз дар таркиби воҳиди фразеологии **салмаи сақат** маънои *«бори зиёдатӣ, чизи нолозим»* -ро гирифтаанд. … барои ин **салмаҳои сақатро** зудтар ба манзил расонида, аз дасташон роҳат ёфтан ночор ба роҳ даромад … [II. 3, с.240]. Таркиби **қилу қол** аз калимаҳои **қил** ва **қол** ба вуҷуд омада, дар забони адабиёти классикӣ маъноҳои бо ҳам наздикро ифода мекарданд. Калимаи арабии **қил** ё **қило** маънои *«чизи гуфташуда»* -ро ифода мекунад. Калимаи **қол** ба маънои *«гуфт, гуфтор»* истифода мешавад. Ҳардуи ин калимаҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик ба тавассути воҳидҳои фразеологии **беқилу қол** ба маънои *«бе гуфтугӯ»,* **аз байни касон қил намегузарад** «хеле бо ҳам наздиканд» дар истифода мондаанд: Агар инҳо аз они худам мебуданд, **беқилу қол** партофта мерафтам [I.22, с.68]. Дар забони русӣ: **бить баклуши, попасть впросак, точить лясы (балясы).** Масалан, **попасть впросак**; **точить балясы**; **бить баклуши** дар дохили худ калимаҳоеро, ки аз истифода баромадаанд, нигоҳ доштаанд: **просак** «станок для кручения веревок», **балясы** «точеные столбики перил», **баклуши** «чурки для выделки мелких щепных изделий». Дар забони англисӣ: **hue and cry** ‘шумная погоня’ (**hue** - старо-франц. крик, зов); **to dree one’s weird** ‘смириться с судьбой’ (**dree**, др. –англ. **dreogan** ‘совершать, выполнять); **to and fro** ‘туда и сюда’, ‘взад – вперед‘ (**fro** – скандинавизм); **б)** дар ибораҳои рехта мавҷуд будани архаизмҳои грамматикӣ. Масалан, дар забони тоҷикӣ: **ҳарчи бодо бод**. Дар забони русӣ фразеологизмҳои **спустя рукава** ва **сломя голову**, ки дар онҳо шакли архаизми грамматикии феъли ҳол (дар забони муосири русӣ намуди мутлақи феъли ҳол бо ёрии суффиксҳои **-в** ва **-вши** сохта мешаванд), ҳамчунин: **ныне отпущаеши** (*ср*. отпускаешь); **темна вода во облацех** (*ср*. в облаках); **в)** набудани алоқаи синтаксисии воқеӣ миёни ҷузъҳои он дар ибораҳои рехта, мавҷуд будани бетартибӣ ва тақсимнопазирии синтаксисӣ. Масалан, дар фразеологизмҳои **чем свет; как пить дать; шутки сказать; была не была; хоть куда; себе на уме** алоқаи равшани синтаксисӣ миёни ҷузъҳо, тағйирёбӣ аз нуқтаи назари қоидаҳои муосири грамматикӣ мавҷуд нест [I. 31, с.59-60]. Дар забони англисӣ: **nice as ninepence** ‘предельно точный‘ (*букв*. точный как девятипенсовик) где **ninepence** есть результат деформации существительного

ninepins ‘кегли’; **to know hawk from a handsaw** ‘разбираться в вещах‘, ‘знать толк (*в чем-либо*)‘ (*букв*. ‘отличать ястреба от пилы-ножовки ‘), где **handsaw** – деформация **hernshaw** ‘цапля‘ (*ныне диал*., старофранц. **heronceau**). Дар забони тоҷикӣ ибораҳои рехтаи **қилу қол, чапу чилеб, боғу роғ, каму кост** ва ҳ.к.з. Ибораҳои рехтаи **кирму чирм** ба маънои «ҳама гуна ҳашароти нопок», **каму кост** ба маънои «нуқсони андак, ночиз», **дору дарахт** ба маънои умумии «растаниёт» ба кор бурда мешаванд. Ба назари мо низ ибораҳои рехтаи фразеологӣ ҳам дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва ҳамчунин англисӣ дар аксарияти ҳолатҳо ибораҳои идиоматикианд. Барои мисол якчанд ибораҳои рехтаи фразеологиро дида мебароем:

Идиомаи **be (all) at sixes and sevens** дар фарҳанги «Англо-русский фразеологический словарь» (А.В.Кунин) бо чунин маъно корбаст шудааст: 1) *находиться в беспорядке; быть в запущенном состоянии, вверх дном, тагу рӯ, чаппаву роста, чаппагардон (шуда)* ‘We had an awful rush today’, Daphne explained wearily. ‘Fifty men for lunch and more for dinner, and everything in the kitchen **at sixes and sevens.**’ (K.S. Prichard, ‘Winged Seeds’, ch. XXIV) – Имрӯз барои мо боз рӯзи пурҳарорат омад, баён кард Дафнаи хаста шуда. – Барои наҳорӣ панҷоҳ нафар одам ҷамъ омаданд, барои хӯроки нисфирӯзӣ аз он ҳам бештар. Дар ошхона ҳама чиз *чаппаву роста*! (Г.Б.). 2) *расходиться (во мнениях, вкусах и т.п.)* ‘We’re **all at sixes and sevens**, cried Weatherley one day in despair… ‘Unless we’re careful, the project will drop to pieces’ (W. Locke, ‘The House of Baltazar’, ch. XVIII) [I. 17, с.693]. – Ҳамаи мо дорои ақидаҳои гуногунем, – хитоб намуд боре Уэзерли дар ҳолати ноумедӣ … – Агар мо бо эҳтиёт амал накунем, дар он сурат лоиҳаи мо ноком мешавад [Г.Б.]. Ибораи рехтаи **set one’s cap at (**амер**. for) smb**. дар фарҳанг ба чунин маъно шарҳ дода шудааст: *разг. завлекать кого-л., охотиться за женихом; вешаться кому-л. на шею* «вешаться на шею» - 1. «*худро ба гардани касе андохтан*»; 2. «*бисёр шилқин (дилбазан) шудан; мурдаи худро ба болои (гардани) касе андохтан*». Муодили ибораи дар боло зикргардида дар забони тоҷикӣ чунин аст: **мурдаи худро ба болои (ба сари) касе (ё чизе) партофтан**. Дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ибораи мазкур бо чунин маъно корбаст шудааст: 1. *барои ба даст даровардани фоидае, мақсаде ба касе часпида, ба гардани каси дигар бори гарон шудан, 2. тамоми вазниниии кореро ба болои касе партофтан*. – Ман **мурдаи худро ба болои шумоён партофтанӣ** нестам! – гуфт ӯ бо гилаю ҳасратомезона [I. 27, ҷ.I., с.657]. Аз ин «накбат» **мурдаи худро ба сари мо намепартофт**, мусалласи мо ҳам то моҳи ҷавзо мерасид … [I. 27, ҷ.I., с.657]. Mother Sparsit never **set her cap at Bounderly** when he was a bachelor. (*Ch. Dickens, ‘Hard Times, book II, ch. III)* [I. 17, с.125]. Вакте ки модар Спарсит муҷаррад буд, ӯ ҳатто кӯшиши **ба худ ҷалб намудани Баундербиро** накард [Г.Б.]. … the wily old fellow said to his son, ‘Have a care, Joe, that girl **is setting her cap at you**.’ (*W. Thackeray, ‘Vanity fair’, ch. III*) … Хитрый старик сказал своему сыну: “Будь осторожен с этой девушкой, Джо, она **норовит** женить тебя на себе” [I. 17, с.125].

Муйсафеди айёр ба писараш гуфт: «Аз ин духтар боэҳтиёт бош, Джо, **ӯ қасди ба ту издивоҷ карданро** дорад» [Г.Б.]. Ибораи рехтаи **завлечь кого-л.** дар фарҳанги «Русско-таджикский словарь» бо чунин маъно корбаст шудааст: 1. фирефта (аллонда) кашидан; мафтун кардан; 2. *маҷ*. (заинтересовать) диққат ҷалб кардан, ақлу ҳуш рабудан, ба шавқ овардан; норовить – *разг*. қасд (кӯшиш, саъй, ҳаракат) кардан, ҷаҳд (зӯр) кардан [ниг.: I. 5, с.268]. Ибораи рехтаи **to dance attendance on smb**. угодничать; ходить на задных лапках перед кем-л., виться вьюном около кого-л., из кожи вон лезть, стараясь угодить кому-л. дар фарҳанг ба маънои *хушомадгӯи (лаганбардорӣ, чоплусӣ, тамаллуққорӣ) кардан* тафсир карда шудааст [ниг.: I. 5, с.1134]; ходить на задних лапках перед кем-л. ба маънои *чоплусӣ кардан, фармонбардори касе будан* шарҳ дода шудааст [ниг.: I. 5, с.438]; виться вьюном около кого-л. *хушомад задан, дум-думи касе гаштан* [ниг.: I. 5, с.106]; из кожи вон лезть ба маънои *зӯр задан* корбаст шудааст [ниг.: I. 5, с.395]; муодили ибораи рехтаи **пресмыкаться перед кем-л. придворе** ба маънои *хушомадгӯйи (фурӯмоягӣ, чоплусӣ, тамаллуқ) кардан* корбаст шудааст [ниг.: I. 5, с.836]. About him flock, the courtiers, great nobles and ecclesiastics, now deprived both of their powers and their duties, and with nothing to do but **dance attendance at court.** (U. Sinclair, ‘Mammonart’, ch. XLI). Вокруг короля Людовика XIV толпились придворные, видные дворяне и духовные лица, лишенные

власти и обязанностей. Им не оставалось ничего другого, как **пресмыкаться** придворе. [I. 17, с. 53]. Муодили ибораи рехтаи **to dance attendance on smb «пресмыкаться перед кем-л.»** дар мисоли боло ба маънои *хушомадгӯйи (фурӯмоягӣ, чоплусӣ, тамаллуқ) кардан* омадааст [ниг.: I. 27, ҷ.I., с.836]. Дар атрофи шоҳ Людовики XIV аз аҳли дарбориён, аъёну ашрофиёни маъруф ва шахсони руҳонии аз ҳокимият ва вазифа маҳрумшуда гирд омаданд. Барои онҳо ҳеҷ чиз ба ғайри дар назди дарбор **хушомадгӯйи кардан** намонда буд [Г.Б.]. Идиомаи **be at smb.'s beck and call** (*или* **at the beck and call of smb**.) дар фарҳанг бо чунин маъно ифода гардидааст:

1) *«быть на побегушках у кого-л.»* 1. «*дастёр будан, дар пайкор (дар хизматҳои назарногири майда-чӯйда) будан»; 2. мач. «телпакдастёр (навкар, заллабардор, хизматгор) будан».* I cannot lead you to a castle and place crowds of liveried servants **at your beck and call** but I can make you mistress of an honorable English home independent of the bounty of strangers. (B. Shaw, 'Cashel Byron's Profession', ch. IV) [I. 17, с.53]. Ман шуморо дар қаср ҷой додан ва дар атрофататон якҷоя ҷамъ овардани издиҳоми хизматгорони хизматҷомапӯшеро, ки **омодаи ичро намудани ҳар кадом орзую ҳаваси шумо бошанд**, наметавонам, аммо шумо метавонед соҳибхоназани покдомони хонаи англисии новобаста будан аз саховати одамони бегона бошед [Г.Б.].

2) *быть всецело в чьем-л. распоряжении, быть всегда готовым к услугам*; *мач.* «телпакдастёр (навкар, заллабардор, хизматгор) будан». Mum gets a bit annoyed with me sometimes for "running after" Tom, as she says, being always **at his back and call**. (K.S. Prichard, 'Golden Miles', ch. 34) [I. 17, с.73]. Модар каме аз ман барои он ранҷид, ки ман "аз паси Том медавам", тавре ки ӯ мегӯяд: ҳамин ки ӯ маро ҷеғ занад ва ман **гӯё ҳамин ҷо ҳозир бошам** [Г.Б.].

Ибораи дар ҷумлаи боло овардашуда, ба маънои *тут как тут – ҳозир аст, гӯё ҳамин ҷо бошад* тарҷума карда шудааст, ки он муодили дурусти вай маҳсуб меёбад. Идиомаи **to leave smb. in the lurch** дар фарҳанги «Англо-русский фразеологический словарь» чунин шарҳ дода шудааст: *покинуть кого-л. в беде, в трудном положении, бросить кого-л. на произвол судьбы; ба тақдир ҳавола кардан, бенигоҳубин (бепарастор) мондан; дар ҳолати бадбахтӣ (мусибат, бало, фалокат) мондан (гузоштан) касеро*. 'I wouldn't take a penny from him I'd rather starve.' 'But it's monstrous that he should **leave you in the lurch** like this' (W.S. Maugham, 'of Human Bondage', ch. 69) [I. 17, с.474]. – Ман аз ӯ як пули сиёҳ (пучак) ҳам намегирам! Беҳтараш аз гуруснагӣ мемурам. – Аммо охир туро дар ҳолати бадбахтӣ гузоштан даҳшатнок аст! [Г.Б.]. Ҳамин тавр маълум мегардад, ки барои идиомаҳо образнокӣ хусусияти хеле хос маҳсуб меёбад ва образнокӣ дар онҳо хеле равшан мушоҳида карда мешавад. Барои тасдиқи гуфтаҳои дар боло зикргардида, идиомаҳои зеринро дар забонҳои муқоисашаванда дида мебароем.

Дар забони русӣ идиомаи **бить баклуши** мавҷуд аст, ки дар «Школьный фразеологический словарь русского языка» (Жуков В.П., с. 37) чунин шарҳ дода шудааст: *разг. неодобр*. Бездельничать, заниматься пустяками. *Ср.*: валять дурака (*в 1-м знач.*); гонять; лежать на боку; плевать в потолок, считать ворон (*во 2-м знач.*). [Фамусов:] Вот рискают по свету **бьют баклуши**. Воротятся, от них порядка жди. *Грибоедов. Горе от ума*. Хватит **баклуши бить**, пошли работать. *Н. Дементьев. Иду в жизнь*. Предположительно из буквального словосочетания **бить баклуши**, т.е. раскаливать полено на баклуши; иначе говоря. Делать очень простую работу. (**Баклуши** – чурки для токарной выделки ложек с деревянной посуды).

Дар забони англисӣ муодили идиомаи **бить баклуши** *разг. неодобр*. «Бездельничать, праздно проводить время» чунин аст: **to twiddle (sit twiddling) one's thumbs (fingers); to sit picking one's nose** г*руб*. **Twiddle one;s thumbs** бездельничать, лодырничать; ~ *сидеть сложа руки, бить баклуши*. A man who respects himself strikes out on his own and makes something of his life. He doesn't just sit round and **twiddle his thumbs**. No woman ought to respect a man who does that. (*A. Christie, 'Appointment with Death', part I, ch. 5)* [I. 17, с. 759].

Дар забони тоҷикӣ муодили идиомаи **бить баклуши** дар фарҳанги «Русско-таджикский словарь» бо чунин маъно шарҳ дода шудааст: бекорхӯҷагӣ кардан, бекорхӯҷа шуда гаштан [ниг. I. 5, с.63].

Муодили ибораи рехтаи дар боло зикргардида дар «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» (М.Фозилов) бо чунин ибораҳо корбаст шудаанд: **дасти худро ба оби гарму хунук (сард) назадан; дастро ба болои даст монда (ниҳода) нишастан; дасти худро ба бағал андохта нишастан; дасти худро ба бағал андохта (зада) нишастан** ба маънои бекор нишастан, ба коре начаспидан омадааст [I. 27, ҷ.I, с.293]. **Даст болои даст монда намешинанд**, барои шаъну шараф ва обрӯи колхоз мубориза мебаранд. *«Тоҷикистони советӣ»* [I. 27, ҷ.I, с.293]. **Дасти худро ба бағал андохта (зада) нишастан** ба маънои бекор нишастан, ба коре начаспидан корбаст шудааст. Дар муқобили ин ташаббуси хоинонаи бойҳо гурезаи қишлоқ Рӯзимурод **дасташро ба бағал андохта дам нишаст**. *С. Айнӣ «Ятим»* **Даст ба бағал зада нишастанд**. *С. Ғанӣ* «Тӯй» [I. 27, ҷ.I, с.323].

Ибораи **дасти худро ба оби гарму хунук (сард) назадан** ба чунин маъно шарҳ дода шудааст: 1. ҳеҷ кор, меҳнат накардан, 2. ташвиш, машаққати зиндагиро надонистан. 1. Бар болои ин дар хонаи ман хобида **дасташро ба оби гарму хунук назад,** хӯрд, пӯшид. (*С. Айнӣ «Дохунда»)* 2. Агар роҳи пайдову пасандоз меҳнат бошад, чаро ман бо вуҷуди шабу рӯз кор карданам чизе надорам, аммо бой, ки ҳеҷ гоҳ **дасташро ба оби сарду гарм намезанад**, тамоми деҳаро соҳибӣ кардааст? *С. Айнӣ «Ғуломон»* 3. Рӯзҳои ид ва меҳмондориҳо Оиша **дасташро ба оби гарму хунук намезад**, ҳамаи кори ӯро дигарҳо карда медоданд. *Ҷ.Икромӣ «Ман гунаҳкорам»* [I. 27, ҷ.I, с.323].

Аз таҳлилҳои назарияҳои забоншиносони гуногун бармеояд, ки ҳангоми тарҷума аз як забон ба забони дигар мутарҷимон бояд ин хусусиятҳои воҳидҳои идиоматикиро ба назар гирифта, дар вақти тарҷумаи ибораи рехта мувофиқашро аз забони тоҷикӣ ва русӣ ҷустуҷӯ карда истифода баранд, ки дар натиҷа воҳидҳои рехтаи мазкур образнокӣ ва рехтагии худро аз даст надода ҳамчун воҳиди идиоматикӣ боқӣ монанд. Бехтарин тарҷума дар ҳамон ҳолат сурат мегирад, ки воҳиди идиоматикии забони худӣ бо идиомаи забони дигар ифода шавад. Дар ин хусус муҳаққиқи риштаи фразеологияи забони тоҷикӣ М. Мирзоева чунин таъкид мекунад, ки воҳиди фразеологӣ бояд бо фразеологизми забони тарҷумашаванда баргардонида шавад: «Аслан, воҳиди фразеологиро бо фразеологизми забони тарҷумашаванда баргардонидан лозим аст. Ин роҳи фразеологии тарҷума буда, тарҷумаи идеалӣ ҳисоб меёбад. Дар ҳолати дар забони тарҷумашаванда ҷой надоштани муодили мувофиқ усули дигар – роҳи ғайрифразеологии тарҷумаро ба кор мебаранд» [I. 23, с.56].

Хулоса, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки идиомаҳо бо хусусиятҳои хосси худ, яъне таркибҳои тамоман устувори тақсимнашаванда, ифодаи маънои яклухти онҳо аз маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам пайвасту устувори онҳо сар мезанад. Инчунин ҷойҳои ҷузъҳои воҳидҳои идиоматикиро монанди ибораҳои озод иваз кардан мумкин нест ва мо наметавонем ба таркиби онҳо калимаҳои дигарро ҷой диҳем. Ҳамин тариқа, дар идиомаҳои забонҳои англисӣ, тоҷикӣ ва русӣ анъана, таърих, суннат ва дигар расму русуми халқҳои гуногун нуҳуфтаанд. Дар онҳо образнокӣ ва муъҷазбаёнии хеле равшан ба назар мерасад.

Муқарриз: ***Иғболов О.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

I. Адабиёти илмӣ

1. Антрушина, Г.Б. Лексикология английского языка / Г.Б. Антрушина. - М.: Дрофа, 2004. – 288 с.
2. Арбекова, Т.И. Лексикология английского языка / Т.И. Арбекова. – М.: Высш. шк., 1977. – 240 с.
3. Амосова, Н.Н. Основы английской фразеологии / Н.Н. Амосова. – Л: Изд-во ЛГУ, 1963. – 208 с.
4. Арнольд, И.В. Лексикология современного английского языка / И.В. Арнольд. – М.: Высш. шк., 1986. – 295 с.
5. Арзуманов, С.Д. Русско-таджикский словарь / С.Д. Арзуманов, Х.А. Ахрори, М.Бегбуди и др. - М.: Рус. яз., 1985. – 1280 с.
6. Балли, Ш. Французская стилистика / Ш. Балли. – М.: ИЛ., 1961. – С. 87-111.
7. Ball W.J. Colloquial Idioms, Zurich – Wien, 1956.
8. Виноградов, В.В. Обосновных типах фразеологических единиц в русском языке / В.В. Виноградов. Избр. труды. Лексикология и лексикография. – М., 1972. – С.9, 61, 140-161, 236.
9. Виноградов, В.В. Основные понятия русской фразеологии как лингвистической дисциплины / В.В. Виноградов // Избр. труды: Лексикология и лексикография. – М., 1977. – С.118-161.
10. Гранкина, Л.А. Типы фразеологизмов с точки зрения семантической устойчивости (слитности) их компонентов на примере английскогоязыка / Л.А. Гранкина // Филилогические науки. – Москва: Изд-во Грамота, 2012. – С.54-56.

11. Гуревич В.В. Краткий русско-английский фразеологический словарь / В.В. Гуревич, Ж.А. Дозорец. – М.: Рус. яз., 1988 – 544 с.
12. Ғиёсиддин бинни Ҷалолиддин. Ғиёс-ул-луғот - Душанбе: Адиб, 1987. - Ҷ.I. – 139 с.
13. Ғиёсиддин бинни Ҷалолиддин. Ғиёс-ул-луғот. Душанбе: Адиб, 1988. – Ҷ.II. - 173 с.
14. Забони адабии ҳозираи тоҷик. – Душанбе: Маориф, 1982. – Қ. 1. – 462 с.
15. Зоғакова, Г.И. Идиомаҳо дар забони адабии муосири тоҷик (дар асоси маводи осори бадеии С.Айнӣ): автореф. дис. канд. филол. наук / Г.И. Зоғакова. – Душанбе, 2011. – 22 с.
16. Кунин, А.В. Фразеология современного английского языка / А.В. Кунин. – М.: Межд. отнош., 1972. – 288 с.
17. Кунин, А.В. Англо-русский фразеологический словарь / А.В. Кунин. – М.: Рус. яз., 1984. – 944 с.
18. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ.Маҷидов. – Душанбе: Изд. Тадж. гос. ун-та, 1982. – 104 с.
19. Маджидов, Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х.Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006. – 409 с.
20. Молотков, А.И. Фразеологический словарь русского языка / А.И. Молотков. – М.: Рус. яз., 1986. – 543 с.
21. Мюллер, В.К. Англо-русский словарь / В.К. Мюллер. - М.: Рус. яз., 1978. – 888 с.
22. Муслимов, М. Воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷик бо унсурҳои лугавии арабӣ / М.Муслимов. – Душанбе, 2009. – 160 с.
23. Мирзоева, М.М. Вохидҳои фразеологии асарҳои С.Айнӣ ва усулҳои тарҷумаи онҳо ба забони русӣ / М.М. Мирзоева. - Душанбе: Матбуот, 2008. – 160 с.
24. Прокольева, С.М. Механизмы создания фразеологической образности / С.М. Прокольева. - М.: Высш. шк., 1996. – 132 с.
25. Смит, Л.П. Фразеология английского языка / Л.П. Смит. – М.: Учпедгиз, 1959. – 208 с.
26. Смирницкий, А.И. Лексикология английского языка / А.И. Смирницкий. – М.: Изд. лит. на иностр. яз., 1956. – 260 с.
27. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик (Фарҳанги фразеологӣ) / М.Фозилов. – Душанбе: Нашрдавтоҷик, 1963. - 1964. - Ҷ.I – 952 с.; – Ҷ.II – 840 с.
28. Улитина, Л.А. Сравнительно-сопоставительный анализ идиоматических оборотов в современном русском и английском языках: автореф. дис. канд. филол. наук / Л.А. Улитина. – Душанбе, 2006. – 22 с.
29. Харитонова, Н.В. Структурный и семантический анализ английских фразеологических единиц со значением «характер человека» / Н.В. Харитонова. – Саратов: Изд-ва Саратовского социально-экономического института. Языкознание. – Вып. №3 (81). – Саратов, 2018 Ч.2. – С.375-378.
30. Чиненова, Л.А. Английская фразеология в языке и речи / Л.А. Чиненова. - М., 1986. - 99 с.
31. Шанский, Н.М. Фразеология современного русского языка / Н.М. Шанский. – М.: Высш. шк., 1984. – 160 с.

II. Сарчашмаҳо

1. Айнӣ, С. Куллиёт. Ҷ.3. Ғуломон / С. Айнӣ. - Душанбе: НДТ, 1960. - 620 с.
2. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
3. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Қисми 1-2. / С. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1990. - 352 с.
4. Айнӣ, С. Марги судхӯр / С. Айнӣ. - Душанбе: Ирфон, 1978. – 160 с.

ИДИОМАҲО ВА ИБОРАҲОИ ИДИОМАТИКӢ ДАР ЗАБОНҲОИ АНГЛИСӢ, РУСӢ ВА ТОҶИКӢ

Мақсади мақолаи мазкур аз таҳлили муқоисавии идиомаҳо ва ибораҳои идиоматикӣ дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ иборат мебошад. Маводи тадқиқотро асосан ибораҳои идиоматикии аз забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ ба даст овардашуда аз фарҳангҳои якзабона, дузабона ва бисёрзабона дар бар мегиранд. Методҳои асосии тадқиқотро методи интихоби яклухти мавод, методи муқоисавӣ-типологӣ ташкил медиҳанд. Дар чаҳорчубаи мақолаи мазкур таҳлили ибораҳои идиоматикӣ аз нуқтаи назари устувории ҷузъҳои онҳо дар мисоли забонҳои муқоисашаванда мавриди баррасӣ қарор ёфтаанд. Хусусиятҳои хосси ибораҳои фразеологии рехта дар забонҳои англисӣ, русӣ ва тоҷикӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Фразеология, ки мафҳуми асосии он воҳиди фразеологӣ маҳсуб меёбад, ҳодисаи мураккабро ифода мекунад. Истилоҳи «фразеологизм» дар асоси образнокӣ асос ёфта, ба худ усули махсусро бо назардошти талаботи илми забоншиносии муосир талаб мекунад. Мақола маводи зиёди воқеиро аз асарҳои адабиёти бадеии забонҳои англисӣ, русӣ, тоҷикӣ ва фарҳангҳои фразеологӣ дар бар мегирад, ки он бешубҳа қимати кори муаллифро баланд мебардорад.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, таркибҳои фразеологӣ, ягонаҳои фразеологӣ, ибораҳои рехтаи фразеологӣ, контекст, модели сохторӣ-семантикӣ, идиома, ибораҳои идиоматикӣ, образнокӣ, фразеология, таҳлили муқоисавӣ-типологӣ, принсипи семантикӣ.

ИДИОМЫ И ИДИОМАТИЧЕСКИЕ ОБОРОТЫ В АНГЛИЙСКОМ, РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

Цель данной статьи заключается в проведении сопоставительного анализа идиом и идиоматических оборотов в английском, русском и таджикском языках. Материалом исследования послужил корпус идиоматических оборотов английского, русского и таджикского языков, извлеченных из одноязычных, двуязычных и многоязычных словарей. Основными методами работы явились метод сплошной выборки материала: сопоставительно-типологический метод. В рамках данной статьи проведен анализ

идиоматических оборотов с точки зрения семантической устойчивости (слитности) их компонентов на примере сопоставляемых языков. Проанализированы характерные особенности фразеологических сращений английского, русского и таджикского языков. В статье представлены результаты сопоставительного исследования идиоматических оборотов английского, русского и таджикского языков с точки зрения семантической слитности их компонентов. Фразеология, центральным понятием которой является фразеологическая единица, представляет собой сложное явление. Термин «фразеологизм», основывающийся на образности, требует к себе особенного подхода с учетом требований современной лингвистической науки. Статья содержит большой фактический материал, извлеченный из произведений художественной английской, русской и таджикской литературы, фразеологических словарей, что в значительной мере повышает убедительность многих теоретических положений и является несомненным достоинством работы автора.

Ключевые слова: фразеологическая единица, фразеологические сочетания, фразеологические единства, фразеологическое сращение, контекст, структурно-семантическая модель, идиома, идиоматические обороты, образность, фразеология, сравнительно-типологический анализ, семантический принцип.

IDIOMS AND IDIOMATIC PHRASES IN THE ENGLISH, RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

The aim of the present work is to make a comparative study of idioms and idiomatic phrases in the English, Russian and Tajik languages. The material of the research is a list of idioms of the English, Russian and Tajik languages taken from monolingual, bilingual and multilingual phraseological dictionaries. The main methods are the method of complete selection of material and the comparative-typological method. The article is devoted to the study of idioms and the idiomatic phrases from the point of views of semantic stability (unity) of the components on the examples of the comparison languages. The specific characteristics of idioms and idiomatic phrases of the English, Russian and Tajik languages have been analyzed. The results of the comparative study of the idioms of the English, Russian and Tajik languages from the point of views of semantic unity of their components have been presented in the article. Phraseological unit as a subject matter of phraseology is a complex phenomenon, which being based on imagery requires specific approaches, topical for the present-day linguistic science. The article contains a great amount of illustrative material extracted from the English, Russian and Tajik fiction, phraseological dictionaries which greatly enhances the credibility of many theoretical positions and is an undoubted merit of the author's work.

Key words: phraseological unit, phraseological combination, phraseological collocations, phraseological fusion, context, structural and semantic model, idiom, idiomatic phrases, imagery, phraseology, comparative and typological analysis, semantic principle.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Гадоев Барот Мунаваровић*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калон, кафедраи умумидонишгоҳии забони англисӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-56-74-46**

Сведение об авторе: ***Гадоев Барот Мунаварович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель, общеуниверситетской кафедры английского языка. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Тел.: **(+992) 919-56-74-46**

Information about the author: ***Gadoev Barot Munavarovich*** – Tajik National University, Senior Lecturer, Department of English language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **barot60@mail.ru.** Phone: **(+992) 919-56-74-46**

ТДУ: 811.161.1-3 (03)

НАЗАРЕ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ РУСӢ- АВРУПОӢ ДАР ЛУҒОТИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Абдуллоева Г.З.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Дар ҳудуди кишвари мо намояндагони бештар аз 92 -забонҳо истиқомат доранд. Намояндагони аксарияти забонҳо дар Тоҷикистон муқимӣ гаштаанд, аз он ҷумла русзабонҳо низ дар қаламрави кишвари мо умр ба сар бурда, зисту зиндагонии мардуми тоҷик ба онҳо таъсир гузоштааст. На танҳо тарзи зисту зиндагонӣ, инчунин таъсири забон ва лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ ба намояндагони ин забон баръало намоён мебошад. Ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида гирифтем,ки онҳо дар гуфтори ҳамарӯзаашон аз калимаву истилоҳоти тоҷикӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Рӯшан аст, ки аксари ин вожаҳо ифодагари номҳои хӯрок, пӯшок, олами набототу ҳайвонот, суннату анъанаҳои динӣ, расму оинҳои миллӣ ва ғайра ба ҳисоб рафта, тасвири забонии русҳои Тоҷикистонро нишон дода метавонанд. Калимаҳои тоҷикиро ворисони забони русӣ ба меъёрҳои забони адабии муосири рус мутобиқ намуда, сипас дар гуфторашон истифода менамоянд. Дар гӯйиши русҳои муқимии Тоҷикистон дар бештари ҳолатҳо истифодабарии калимаву ибораҳои *барибир* (ба ҳар ҳол), *хоп / майлаш* (хуб, ман розӣ), *руза* (рӯзадорӣ), *курбон байрам* (иди Қурбон), *намаз* (намоз) ба назар мерасанд.

Гарчанде дар забони русӣ ҳангоми муроҷиат ба шахс ному насаб гирифта шуда, ин анъана солҳои тулонӣ миёни ин мардум ҳифз шуда бошад ҳам, аммо бо таъсири гӯйишҳои мардумони водии Ҳисор дар нутқи русзабонҳое, ки дар водии Ҳисор истиқомат менамоянд, ҳангоми муроҷиат калимаҳои *тога* (тағо), *амакӣ* (амак), *апашка* (апа), *холашка* (хола), *янгашка* (янга) ба назар мерасанд. Калимаҳои *шир, катик* (қатиқ), *каймак* (қаймоқ), *чика* (чака), *плов* (палов), *танур* (танур) *манти* (манту), *самса* (санбуса), *курпича* (курпача), *чепан (*чапон) низ аз ҷониби онҳо хеле зиёд истифода бурда мешаванд.

Ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида гирифтем, ки барои мардуми рус бештар қулайтар аст, ки бо лаҳҷаву шеваҳо гуфтори худро ба роҳ монанд, ки ин раванд дар натиҷаи зиндагонии якҷояи ин халқҳо ба зуҳур омадааст.

Гарчанде русзабонҳои Тоҷикистон бо забони тоҷикӣ гуфтугӯ намоянд ҳам, аммо аз сабаби аз меъёрҳои забони тоҷикӣ пурра воқиф набуданашон ба онҳо гуфтор бо забони адабии тоҷикӣ каме мушкилиро пеш меорад. Дар айни замон мушкили муайяне барои намояндагони дигар забонҳое, ки дар ҳудуди Тоҷикистон умр ба сар мебаранд ин аст, ки гуфтори гуфтугӯйӣ аз забони адабии тоҷикӣ хеле фарқ мекунад. Бархе аз забоншиносон ба зуҳур омадани ин равандро дар зиёд будани гурӯҳҳои этникӣ ва лаҳҷаву шеваҳо мебинанд.

Истифодабарии калимаҳои гуфтугӯйӣ дар нутқи русзабонҳо, ки дар муоширати ғайрирасмӣ мавриди истифода қарор мегирад, тавассути вожаҳое, ки аз гӯйишҳои гуногун таркиб ёфтаанд, ба роҳ монда мешавад.

Бояд зикр намоем, ки таъсири байниҳамдигарии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ раванди давомдорест, ки онро худи ворисони забонҳо ҳамчун воситаи муҳимтарини муошират инсоният мепазиранд.

Дар натиҷаи зисту зиндагонии чандинсола тоҷикон низ бо забони русӣ муоширатро ба роҳ монда метавонанд, дар нутқашон калимаву истилоҳоти зиёди русиро мавриди истифода қарор медиҳанд. Истифодаи калимаву истилоҳоти русӣ –аврупоӣ дар нутқи мардуми мо хеле барвақт оғоз ёфтааст. Ин падида дар китоби " Забони миллат- ҳастии миллат" ҳангоми баёни забони асарҳои Аҳмади Дониш чунин зикр ёфтааст: "Масалан, Аҳмади Дониш ҳангоме ки дар бораи сохтор ва низоми давлатдории Русия ва Аврупо сухан меронад, дар нутқи худ **губерниё, губернатур, императур, телегроф, каравот** барин калимаҳои русию аврупоиро низ ба кор бурдааст [15, с.307].

Аҳмади Дониш на танҳо ба ин забон, балки ба ин мардум таваҷҷуҳи хосса дошт. Ин буд, ки дар асари бузургаш "Наводир-ул-вақоеъ" ба муносибате қайд мекунад: "Самараи

сафарҳои Россия на танҳо иборат аз мушоҳидаи қудрати бозуи муҷизотофари заҳматкашони рус буд, балки тарзи идроку иқтидори хулосабарории ман низ пас аз сафар ба ин кишвар такомул ёфтанд” [2, с.12].

Калимаҳои русӣ-аврупоӣ ба забони мо бо сабабҳои гуногун ворид шуданд. Дар луғати забони тоҷикӣ аксарияти ин калимаҳо ҳазм шудаанд, ки истифодабарии онҳо на танҳо дар нутқи мардуми тоҷик ба назар мерасид, инчунин онҳоро шоиру нависандагон бе ягон муболиға дар асарҳояшон корбаст менамуданд. Оид ба ин масъала забоншиноси варзида Н. Маъсумӣ чунин овардааст: “Дар ибтидои асри ХХ дар забони адабӣ калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ боз ҳам зиёд шудан гирифтанд, ки акнун на танҳо дар наср, балки дар назм ҳам кор фармуда шудани онҳо зарурати махсус пайдо кард ва аз ин ҷиҳат ҳамчун нормаи адабӣ қабул карда шуда буд” [5, с.115].

Мусаллам аст, ки масъалаҳои хешигарии забонҳо ҳамеша таваҷҷуҳи забоншиносонро ба худ ҷалб намуда буд. Аз сабаби он ки забони русӣ низ ба оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ шомил аст, аксарияти калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ мавриди истифода қарор мегиранд, тарзи талаффузашон ба забони русӣ монандӣ доранд, аз қабили *брат*-бародар, *растанӣ*- растение, *мама*- ма ва ғайра. Гарчанде дар гузашта дар гӯйиши мардуми ин мавзеъҳо истифодабарии калимаҳои *болшивик* (большевик), *ревалусия* (революция), *меншивик* (меньшевик), *губернатор* ва монанди инҳо ба назар расанд ҳам, аммо ин калимаҳо дар айни замон ба гурӯҳи калимаҳои ғайрифаъол дохил шудаанд, зеро онҳо бо инқилоби Октябр иртибот доштанд.

Истифодабарии калимаҳои иқтибосии русӣ -аврупоӣ на танҳо дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор, инчунин дар дигар лаҳҷаву шеваҳо низ ба назар мерасанд. Лаҳҷашинос Р. Сангинова диду нигоҳи худро оид ба ин раванд чунин иброз намудааст: “Дар лаҳҷаи Конибодом чунин калимаҳои иқтибосӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки асоси ин ё он қонуни муайяни маънидод намудани таркиби онҳо кори чандон саҳлу осон нест. Масалан, вожаҳои русии катӯшка (картошка), грешка (гречка), посаҷил (пассажир), бошпурт (паспорт), духтур (доктор) ва ғ.” [10, с.137]. Дар ҳақиқат, гуфтаҳои Р.Сангинова хеле бамаврид аст, зеро ин калимаҳо то андозае шакли лаҳҷавӣ касб намудаанд, ки ҳатто баъзе аз намояндагони забони тоҷикӣ низ барои ба луғати забони русӣ шомил намудани онҳо каме муболиға менамояд.

Луғоти забонҳо далелҳои робитаҳои этникӣ, робитаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии байни ҷомеаҳоро дар забон инъикос мекунад.

Бештари калимаҳои русӣ ифодагари мафҳумҳои соҳаи техникӣ аз қабили *мошин* (мошина), *самалёт* (самолёт), *вертайлот* (вертолёт), *инҷинир* (инжинер), *пирараб* (прораб), *римон* (ремонт) ва монанди инҳо буданд [3, с.114]. Калимаи ремонт дар дохили феъли номии римонт каран омада, сермаъноиро ба худ касб намуда, ба маънои “тавассути задан тарбия намудан” низ омада метавонад: Духтараката йа *римонт* кара мон, дига дуюмвора ин беақлиҳакаша намекунад (Ш.Т.).

Барои ҳазм шудан, калимаҳое, ки аз забони ғайр омадаанд, бояд дар забони нав барои худ ҷой бигиранд, ба луғати он забон устувор ворид шаванд. Аксари забоншиносон бар ин назаранд, ки хусусияти асосии вожаҳои ҳазмгардида воридшавии одии онҳо ба забони воридгардида набуда, дар таркиби луғавии ин забон, тобеъияти комили онҳо ба меъёрҳои ин забон ба ҳисоб мераванд. Раванди мутобиқшавии калимаҳои қабулшуда дар ҳар сатҳи забон бо хусусиятҳои муайяни хос мутобиқ гардида, дар робита ба азхудкунии пурраи вожаҳои қабулшуда имкониятҳои гуногун дорад.

Иқтибосшавии калимаҳо забонро бою ғанӣ мегардонад ва маъмулан агар назар афканем ба асолати он халал намерасонад, зеро онҳо луғати асосии забон, сохти грамматикии хосси ин забонро нигоҳ дошта, конунҳои дохилии инкишофи забонро вайрон намекунанд. Равандҳои пуршиддати иҷтимоӣ ва таърихӣ таъсирашонро на танҳо ба забони адабӣ, балки ба лаҳҷаву шеваҳо расонида, боиси ба тағйироти назарраси фонетикӣ гирифтор гардидани баъзе аз онҳо шудаанд, ки дар баъзе ҳолатҳо ворисони лаҳҷа онҳоро ҳамчун моли худӣ пиндошта истифода менамоянд.

Ҳангоми шунидани калимаҳои *пӯшта* (почта), *очур* (очередь), *истакон* (стакан), *шакалот* (шоколад), *малмалот* (мармелад), *лампӯшка* (лампочка), *шӯт* (счёт) дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор моли забони русӣ будани онҳо ба назар намерасад. Аммо ба

андешаи бархе аз донишмандон ин ҳодиса мутобиқшавӣ ба меъёрҳои забон ва лаҳҷаву шеваҳо набуда, балки вайрон гаштани шакли калима ба ҳисоб меравад. Масалан, муҳаққиқ М.Муродова ҳангоми таҳқиқи забони ҳикоёти Додарҷон Раҷабӣ ба ин гурӯҳи калимаҳо диққати махсус дода чунин овардааст: «Бархе аз калимаҳои русиро нависанда дар ҳамон шакли русии вайроне, ки дар забони тоҷикӣ талаффуз мешаванд, истифода намудааст, счёт дар шакли шӯт» [16, с.136]. Дар нутқи мардуми кӯҳансол бештар истифодабарии калимаи пӯшта ба маънои “банк” ба назар мерасад: Йа пӯштайа хавар гирам, йа –ду сумак шотим, ки гузаштошад (Б.Т.)

Бар хилофи андешаҳои муҳаққиқ ҳаминро иброз намуданием, ки ин калимаҳо калимаҳои вайроншуда набуда, балки ба меъёрҳои забони тоҷикӣ мутобиқгашта мебошанд. Дар китоби «Забони миллат - ҳастии миллат» низ ин гурӯҳи калимаҳоро муаллиф ҳамчун калимаҳои вайроншуда шаҳр надодааст. Дар бобати истифодаи ин калимаҳо аз ҷониби Аҳмади Дониш чунин овардааст: «Аз ҷониби дигар, адиб дар баъзе ҳолатҳо агар аз ин ду роҳ калима ва ё таркиби муносиб пайдо накард, дар он сурат онҳоро дар шакли забони асл бо мурооти савтиёт ва талаффузи забон ба кор мебарад, монанди ...*пуштахона* (почта), *импиратур* (император), *азбук* (азбука), *закун* (закон) ва ғайра» [15, с.309].

Теъдоди ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои ҳунармандӣ ва маишӣ дар гӯйиши мардумони водии Ҳисор чунин зиёд ба назар мерасанд, ки танҳо тавассути гурӯҳбандӣ метавонем мавқеи истифодабарии онҳоро муайян намоем.

А) Калимаву истилоҳоти русӣ-аврупоии ифодакунандаи соҳаи ҳунармандӣ

Калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ -аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои чармгарӣ. Ҳангоми таҳлили мавод исбот намудем, ки дар гӯйишҳои ин мардум ба мисли забони адабӣ истифодабарии чаҳор ҳарф, ки ба низоми фонетикии забони тоҷикӣ номувофиқ аст ба назар намерасад ц, ы, щ, ь: *ременӣ* (ремент), *сӯмкача* (сумка), *шилопка* (шлёпанцы), *макасинак* (мокасины), т*ӯфлӣ* (туфли), *сапошка* (сапожки) ва ғайра. Чи тавре собит намудем, дар аксарияти ин калимаҳо мавҷуд будани овозҳои ц, щ, ы ба мушоҳида мерасанд, ки инро профессор Ҳ. Маҷидов нишонаҳои назарраси савтӣ, наҳвӣ ва маъноӣ ҳисобида чунин овардааст:«Дар як идда калимаҳои русию аврупоӣ овозҳои хосси забони русӣ ц, щ, ы, мавҷуданд» [4, с.118]. Аз ҳамаи калимаҳои зикргардида бештар истифодабарии калимаи тӯфлӣ ба назар мерасад: *Тӯфлиҳако*и туйпӯшакама йа тоза накарӣ, қизон (Н.Ш.).

Калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ –аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои оҳангарӣ. Дар соҳаи оҳангарӣ калимаву истилоҳоти зиёди иқтибосшуда аз забони русӣ ба назар мерасанд, аз қабили *малатук (*малаток), *истанок* (станок), *мед* (мед), *серибро* (серебро), *алумин* (алюминый), *лапатка* (лапотка) ва ғайра. Истифодабарии ин калимаҳо дар ҳамаи лаҳҷаву шеваҳо якранг нест, зеро хусусиятҳои хосси лаҳҷаву шеваҳо барои якранг истифода намудани ин гурӯҳи калимаҳо каме монеаро пеш меорад. Намояндагони чор шевае, ки дар ҳудуди кишвари мо умр ба сар мебаранд, гуфторашон гуногун аст, аз ин лиҳоз, калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ – аврупоӣ ба меъёрҳои лаҳҷаву шеваҳои воридшудаашон мутобиқ мегарданд. То имрӯз асари мукаммали илмие ба майдони илм наомадааст, ки маҳз ба омӯзишу пажуҳиши калимаҳои иқтибосии русӣ аврупоӣ бахшида шуда бошад, гарчанде лаҳҷашиносон ҳангоми омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ ба ин масъала даст заба бошанд ҳам, аммо онҳо фарогири тамоми ҷанбаҳои мавзуи мазкур буда наметавонанд

Чи тавре ки донишманди рус В.С. Расторгуева овардааст: «Ҳамаи ин лаҳҷаҳо ҳанӯз дар адабиёти илмии оид ба диалектологияи тоҷик ба қадри кифоя инъикос наёфтаанд» [4, с.118].

Калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ-аврупоии ифодакунандаи мафумҳои сохтмон ва меморӣ. Аз сабаби он ки сохтмон ва меъморӣ шуғли дӯстдоштаи мардумони ин мавзеъ мебошад, аз ин лиҳоз, теъдоди ин гурӯҳи калимаҳо назар ба калимаҳои дигар зиёдтаранд, аз қабили *абой* (обои), *симент* (цемент), *алибастир*, (алибастер), *караска* (краска), *пол* (пол), *паталок* (потолок), *шифир* (шефир), *туруба* (труба), *паластики* (пластика), *тёпли пол* (тёплый пол) *фанерка* (фанер), *шикатӯрка* (шкатурка)*, билила* (белила), *щӯтка*

(щётка), кьран / киран (кран)*, клей, олифа, замазка, сементт, мастирок, рейка* ва ғайра. Ба мушоҳида гирифтем, ки барои мардумони маҳаллӣ истифодабарии калимаи абой бар ивази калимаи зардевори қулайтар аст: Хънаҳора абой, ки задем ба аруса мефрорем (Т.Ҳ.).

Бояд ҳаминро зикр намоем, ки дар як гурӯҳ феълҳое, ки бо калимаҳои русӣ-аврупоӣ сохта шудаанд, ду- се ҳамсадо паси ҳам омада метавонанд, ки ин хусусият барои забони тоҷикӣ бегона аст, аз ин лиҳоз, шакли ин калимаҳо тағйир ёфтаанд: *истяшка каран, шкатӯрка/ шкатурка каран, шпаклёвка каран* ва ғайра.

Калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ- аврупоии ифодакунандаи мафҳумҳои дӯзандагӣ: фурма/ *фӯрма* (форма), *какетка* (кокетка), *варатник* (воратник), пиростин (простины), *пододеял* (пододеяльник), *пиҷак* (пиджак), *кастун* (костьюм), *бурук* (брюки), *сарафан* (сарафан), *пиҷама* (пиджама), *шерсак* (шерст), *каверкот* (каверкот), *съкна* (сукно)*, гирбишинак* (крепдешин), *кревсатин* (крепсатин), *паланой* (плотно), *марлиҳак* (марлия), сатинак (сатин), *шифон* (шифон) ва ғайра. Дар ин маврид калимаи "каверкот" каме шарҳу тафсир мехоҳад. Гарчанде дар мадди аввал ин калима калимаи русӣ намояд ҳам, аммо ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки ин калима ба забони англисӣ дар шакли covert koat –боронӣ/плаш ворид гашта, шакли covert-болопӯшро гирифтааст [16].

Дар гузашта коверкотро аз риштаҳои пашмини ғавс тавассути чангак (крючок) мебофтанд ва ҳамчун кӯрпаи рӯй истифода менамуданд. Либоси пашмини бофташудаи ғафсро низ коверкот меномиданд. Аммо баъдтар ин калима ба худ мафҳуми нав касб намуд, яъне матое, ки аз пашм омода менамоянд ва аз он либосҳои гарми болопӯш медӯзанд коверкот меноманд. Ин калима ба тағйироти фонетикӣ гирифтор гашта, дар нутқи мардумони водии Ҳисор шакли "каверкот"-ро гирифтааст.

Калимаву истилоҳоти иқтибосии русӣ – аврупоии ифодакунандаи соҳаи пухтупаз. Аз чӣ лиҳоз бошад, ки аксарияти калимаҳои марбут ба соҳаи пухтупаз дар гӯйиши мардумони ин мавзеъҳо пасванди – ак-ро ба худ қабул мекунанд, ба монанди *пичинак* (печенье), *пирогак* (пираги), *шакалотак* (шоколад), *тортак* (торт), *хворостак* (хворост), *кексак* (кекс), *пирожниҳак* (пирожное) ва ғайра. Ин ҳодисаи забонӣ бештар дар шеваи шимолии ҳисорӣ ба мушоҳида мерасад, зеро намояндагони ин шева назар ба шеваи ҷанубии ҳисорӣ нутқрониашон нармтар аст. Калимаҳои *маска* (масло), *смитан* (сметана), тварог (творог), сир (сир) низ дар соҳаи пухтупаз васеъ истифода бурда мешаванд.

Калимаи "маска" бидуни ин маънӣ дар забони тоҷикӣ боз ба маънои "жанри мусиқии англисӣ, ки дар асри XVII ба авҷ расид", низ маъмул аст [1, с.100].

Калимаву истилоҳоти иқтибосии ифодакунандаи зебу зиннат ва ороишоти занон: *касмитика* (косметика), *фасон/фасун* (фасон), рисничка (ресничка), *пудра* (пудра), *касметик* (косметика), *гумношка* (губная помада*), кирем* (крем), *тен* (тени), *румиян* (румяна) ва ғайра. Инчунин, дар ин маврид бештар истифодабарии калимаи иқтибосии русӣ-аврупоии *чолка* (мӯйи пешонии буридашуда) ба назар мерасад. Гарчанде бархе аз забоншиносон ин калимаро моли забони русӣ шуморанд ҳам, аммо дар назари мо ин калима аз забони форсӣ-тоҷикӣ дар шакли "чол" ба забони русӣ ворид шуда, шакли "чолка"-ро гирифтааст. Дар гузашта ин калима дар забони тоҷикӣ ба маънои "мӯйи асп" корбурд мешудааст, ки ин маъноияш дар луғатҳои пешин дарҷ гардидааст:" Чол-ҳар чизи думӯйро гӯянд ва умуман: аспе, ки мӯйи он сурху сафеди дарҳам омехта бошад" [6, с.335].

Дар нутқи мардуми куҳансоли водии Ҳисор ба маънои "мӯйи сар" низ корбаст мешавад. Да (р) *чолъкут* ҷунъм бра як чика овъм биёр (Б.Т). Ин калима дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои он боз ба дигар маъноҳо низ корбаст мешавад. Масалан, забоншиноси варзида С. Раҳматуллозода иброз намудааст, ки калимаи *чолак* дар нутқи мардумони шеваи ҷанубӣ ифодакунандаи мафҳуми "арчаи сабз" мебошад [9, с.22]. Ба назари мо ин маънои калимаи чол дар заминаи маънои аввалаи он ба зуҳур омадааст, зеро баргҳои арча ба мисли мӯй борику зебоянд. Ин калима дар нутқи гуфтугӯии мардуми тоҷик ба маънои шавҳар низ корбаст мешавад, аммо дар ин маврид калимаи "чол" ба маънои "шавҳар" моли забони туркӣ-ӯзбекӣ маҳсуб ёфта, бо калимаи "чол"-и ифодакунандаи мафҳуми "мӯйи сар" ва "ёли асп" ягон иртибот надорад: *Чолу* камир рошетон рафтем, йа сирға да(р) кулваҳаки фақиронаи ман шишта мебетон (Д.Т.).

Дар гӯйиши ин мардум дар калимаҳои русии луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва майишӣ ҷойи зада низ иваз гардидааст, зеро зада дар забони тоҷикӣ, одатан дар ҳиҷои охири калима меафтад, аз қабили - *картошка, майка, икра, булка, будулик* ва ғайра.

Б) Соҳаи маишӣ

Ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида гирифтем, ки теъдоди ин калимаҳо назар ба калимаҳои ифодакунандаи мафҳумҳои соҳаи ҳунармандӣ зиёдтаранд. Ҳатто ин гурӯҳи калимаҳо ба зеҳни мардумони водии Ҳисор хуш омадаанд, ки аксарияти номи маросимҳои хонаводагиро бо истифода аз калимаҳои русӣ-аврупоӣ номгузорӣ намудаанд. Аз қабили ибораи *туйи камсамолӣ* дар ифодаи “тӯйи замонавӣ” дар нутқи мардумони ин мавзеъ хеле сермаҳсул аст. Ин калима бештар хусусияти этнолингвистиро зоҳир менамояд. Фарқи туйи камсамолӣ аз тӯйи одӣ дар он аст, ки хароҷоташ камтар аст.

Инчунин, калимаи денраждени, ки дар забони русӣ дар шакли “день рождения” дар ифодаи мафҳуми рӯзи таваллуд/мавлуд хеле зиёд корбаст мегардад: Денраждениҳаки отаҳакатба йа чакаҳак шӯрвоча андозетон бас, унқа одами бисёр намебиёд (Ҷ.Т.).

Аслан, урфу одатҳое миёни тоҷикон вуҷуд доранд, ки ба ақидаи бархе аз одамон гузаронидани онҳо дар маросими тӯйи ақди никоҳ ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Масалан, анъанаи додани маҳр ва сару либос ба ин дохил мешавад. Дар айни замон ҳатто номҳои ин либосҳоро бо забони русӣ номбар менамоянд, аз қабили *фата, накидка*, пончо, *шарф, плаш, палто, безрукофка* ва ғайра. Ин урфу одати тоҷикон, ҳатто дар асарҳои илмие, ки аз тарафи донишмандони шинохта нашр гардидаанд зикр гардидааст.

Калимаву истилоҳоте, ки ба бахши сиёсат дахл доранд*: камунист* (коммунист)*, испалком* (исполнителний комитет), *райкум* (райком), *депутат* (депутат), *министир* (министр)*, закун* (закон)*, делигат* (делегат) ва ғайра. Ҳангоми таҳлили мавод ба мушоҳида гирифтем, ки дар айни замон ин калимаҳо ба маъноҳои дигар дар гӯйиши мардумони ин водӣ корбаст мешаванд. Аз сабаби он ки ҷойи калимаи “райкум”-ро калимаи “раиси ноҳия” гирифтааст, ин калима ба маънои “шахси сарватманд” дар айни замон корбаст мегардад: Духтаракама да йа *райкум* шуба метиям, насиб (Ш.Т.).

Калимаҳое, ки ба мактабу маориф иртибот доранд: *институт* (институт), *унверсет* (унверситет), *училиш* (училище), *яслӣ* (ясли), *экзамин* (экзамен*),завич* (завуч), *интернат* (интернат), *дедо* (детский дом), *кадр* (кадр), *лагир* (лагер), *вожат* (вожатый), *рушка* (ручка), *дела* (дело), *фурма* (форма), *галастук* (галстук)*, садик* (детсад) ва ғайра.

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки азхудшавии фонетикии унсурҳои иқтибосӣ, махсусан иқтибосии русӣ дар заминаи тағйирот ё худ мувофиқати овозии онҳо бо қоидаҳои дохилии худи лаҳҷаҳои мазкур ба вуқуъ мепайванданд. Чунин ҳодисаҳои забониро профессор Ғ.Ҷӯраев дар мисоли маводи шеваи ҷанубӣ ба мушоҳида гирифта, дар ин бобат андешаи худро чунин баён намудааст: чунин тағйироти калимаҳои иқтибосӣ маҳсули ду ҳолат буда метавонад: а) аз рӯйи тақлид аз рӯйи калимаҳои ҳамвазну ҳамоҳанге, ки дар шеваи забони қабулшуда ҷой доранд; б) аз рӯйи шуниди нодуруст. Аммо ҳар чӣ бошад, сабаби вайронии онҳоро дар асоси баъзе қонунҳои фонетикии шева маънидод кардан мумкин аст” [12, с.272].

Калимаҳое, ки номи асбобҳои рӯзгорро ифода мекунанд: каструлка (*кострюлка*)*, графин* (графинак), *карзинака* (карзина), *метир* (метр), *дарошка* (дорожка), *шикаф* (шкаф), *миска* (миска), *истакан* (стакан), *стол* (стол) *устал* (стул), *учочик* (счетчик)*, шинур* (шнур), *яшук* (ящик), *тарелка* (тарелка), *адёл* (одеяло), *сумка* (сумка), *каравот* (кравать), *тумбушка* (тумбочка), *чойник* (чайник) ва ғайра. Ин калимаҳоро баробари ворид шудан шоиру нависандагон низ дар таълифоташон корбаст менамуданд.

Чи тавре дар боло зикр намудем, ин калимаҳо на танҳо дар нутқи мардуми тоҷик дар истифода қарор доштанд, инчунин шоиру нависандагон дар назму наср ин гурӯҳи калимаҳоро васеъ истифода менамуданд. Роҷеъ ба ин масъала дар китоби “Забони миллат-ҳастии миллат” чунин ишора шудааст: “Ҷиҳати бисёр ҷолиби иқтибосҳои луғавии русиву аврупоии ин айём дар ҳамин зоҳир мешавад, ки аз сабаби аз забони умумумӣ гирифта шудани чунин калимаҳо имло ва талаффузи онҳо сирф тоҷикӣ буданд” [15, с.387].

Калимаҳое, ки ба соҳаи тиб мансубанд: вирач (*врач), духтур* (доктор), *афтик* (аптека), *бинт* (бинт)*, гарелка* (грелка), *бонка* (банка), *испирт* (спирт), *грипп*, (грипп) *давлени* (давление), *жилудка* (желудка), *зараза* (зараза), *зубной* (зубной), *типиркулос* (туберкулез), *язва* (язва), *кампрес* (компресс), *наркос* (наркоз), *витамин* (витамин), *искорӣ* (скорая)*, апарастка* (операция) ва ғайра.

Калимаҳои соҳаи кишоварзӣ: *вадакачка* (водокачка), *бирғат* (бригадир), *насос* (насос)*, табил* (табел), *силитир* (селитра), *фасфор* (фосфорт), *капуст* (капуста*), укроб* (укроб), *редиска* (редиска), *картишка* (картошка), *сафхоз* (савхоз) *калхоз* (колхоз), *пилон* (план) ва ғайра. Тавассути ин калимаҳо дар забони тоҷикӣ дар аксарияти ҳолатҳо пайдо шудани калимаҳои нав дар лаҳҷаву шеваҳо ба мушоҳида мерасад, аз қабили трактирчӣ мошинсозкун, камбайнчӣ ва ғайра. Ин калимаҳоро ҳанӯз дар асарҳояш устод С. Айни хеле зиёд истифода намудааст. Ин падидаро донишманди варзида Х.Ҳусейнов ҳангоми омӯзишу пажуҳиши осори устод С.Айнӣ ба мушоҳида гирифта, чунин зикр намудааст: “Дар асоси калимасозии забонамон аз калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ калимаҳои нав ҳам сохта шудаанд: заводчӣ, инҷилобчӣ, мошинхона ва ғ. [11, с.34].

Ҳангоми таҳлили мавод собит намудем, ки калимаҳои иқтибосии русӣ-аврупоӣ дар гӯйиши ин мардум аломати фонетикии дигари худро аз даст додаанд, масалан нарм талаффуз шуданро, аз қабили *апрель, контироль, альбом, альманах, артель, альпинист, альтернатива, альбатрос, посылка* ва ғайра.

Баъзе исмҳо дар забони тоҷикӣ ва лаҳҷаҳои водии Ҳисор ба сифат мубаддал гаштаанд. Дар ташаккули калимаҳои *туйи камсамолӣ, пахтаи зовутӣ, орди магазинӣ, маъракаи саристолӣ, араи светӣ,* ки маҳз ба соҳаи маишӣ марбутанд, исмҳои аз забони русӣ иқтибосшудаи комсомол, завод, магазин, стол, свет саҳми босазоеро бозидаанд Аз таҳлили мавод бармеояд, ки калимаҳои русӣ –аврупоӣ дар дохили луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ як қабати калонро ташкил дода, дар мавридҳои зарурӣ калимаҳои тоҷикиро иваз карда метавонанд. Ин калимаҳо ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои мазкур мутобиқ гаштаанд.

Ихтисораҳо: Т.Ҳ.-деҳаи Туда, ноҳияи Ҳисор, Н.Ш.-деҳаи Навобод, ноҳияи Шаҳринав, Ч.Т- деҳаи Чиртак, ноҳияи Турсунзода, Ш.Т. –деҳаи Шунук, ноҳияи Турсунзода, Б.Т. –деҳаи Батош, ноҳияи Турсунзода, Д.Т. –деҳаи Дащбед, ноҳияи Турсунзода.

Муқарриз: ***Назарзода С.*** – д.и.ф., профессори ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, З.Ф. Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ дисс...канд.филол наук / З.Ф. Абдуллоева. – Душанбе, 2019. – 144 с.
2. Аҳмади Дониш. Бадоеъ- ул- вақоеъ. - Душанбе, 1988.- 12 с.
3. Гадоев, Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов / Н. Гадоев. – Душнбе: Ирфон, 2012. – 208 с.
4. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик (Луғатшиносӣ) / Ҳ. Маҷидов. - Душнбе: Ирфон, 2007. – 242 с.
5. Маъсумӣ, Н. Асарҳои мунтахаб. Ҷ.2 (забоншиносӣ) / Н. Маъсумӣ. – Душанбе, 1980. – 349 с.
6. Муродова, М. Нигоҳе ба забони ҳикоёти додарҷони Рақабӣ / М.Муродова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – №4/1(95). – С.136-140.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. - Душанбе: Адиб, 1993. – 280 с.
8. Расторгуева, В.С. Очерки по таджикской диалектологии, вып.2 (Шайдан Ашт, Чуст, Кассансай) / В.С. Расторгуева. – Москва: Академиии наук СССР, 1952. – 322 с.
9. Раҳматуллозода, С. Таҳқиқи лингвистии морфемаҳои грамматикӣ лингвистии морфемаҳои грамматикӣ / С. Раҳматуллозода. - Душанбе: Матбаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2021. - 119 с.
10. Сангова, Х.Р. Сохти грамматикии истилоҳоти тиббӣ дар забони лотинӣ. / Х.Р. Сангова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. – №7 – С.57-62.
11. Ҳусейнов, Х. Забон ва услуби “ Одина”-и устод Айнӣ / Х. Ҳусейнов. – Душанбе, 1973. - 253 с.
12. Ҷӯраев, Ғ. Лексика. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Ҷ.1. / Ғ.Ҷӯраев. – Душанбе, 1980. – 272 с. .
13. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ.3 / Раҳмон Э. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 512 с.
14. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 1 / Раҳмон Э. – Душанбе, 2016. – 516 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат. Китоби 2 / Раҳмон Э. – Душанбе, 2020. – 431 с.
16. m.wiktionaru.org. Коверкот- Вики словарь

НАЗАРЕ БА КАЛИМАҲОИ ИҚТИБОСИИ РУСӢ- АВРУПОӢ ДАР ЛУҒОТИ СОҲАИ ҲУНАРМАНДӢ ВА ҲУНАРМАНДӢ ВА МАИШӢ ДАР ЛАҲҶАҲОИ ВОДИИ ҲИСОР

Дар мақола зикр гардидааст, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагони забонҳо ва лаҳҷаву шеваҳои гуногун истиқомат доранд. Намояндагони аксарияти забонҳо дар Тоҷикистон муқимӣ гаштаанд. Русзабонҳо низ дар қаламрави кишвари мо умр ба сар бурда, зисту зиндагонии мардуми тоҷик ба онҳо таъсираш гузоштааст. На танҳо тарзи зисту зиндагонӣ, инчунин таъсири забон ва лаҳҷаву шеваҳои тоҷикӣ

ба намояндагони ин забон баръало намоён мебошад. Таъсири забони русӣ низ дар нутқи намояндагони забони тоҷикӣ баръало намоён аст. Инчунин, муаллиф овардааст, ки дар лаҳҷаҳои водии Ҳисор теъдоди зиёди калимаҳои иқтибосии русӣ- аврупоӣ ба назар мерасанд. Ин калимаҳо бештар дар луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ ба мушоҳида расиданд. Аксарияти калимаҳои русӣ-аврупоӣ ба меъёрҳои лаҳҷаву шеваҳои водии Ҳисор мутобиқ гашта, шаклашон тағйир ёфтаанд. Дар мақола муаллиф, инчунин дарҷ сохтааст, ки баъзе исмҳои аз забони русӣ ба лаҳҷаҳои водии Ҳисор воридшуда, ба сифат мубаддал гаштаанд. Дар ташаккули калимаҳои *туйи камсомолӣ, пахтаи зовутӣ, орди магазинӣ, маъракаи саристолӣ, арои светӣ,* ки маҳз ба соҳаи маишӣ марбутанд, исмҳои комсомол, завод, магазин, стол, свет саҳми назаррас доранд. Муаллиф инчунин ба хулоса омадааст, ки калимаҳои русӣ –аврупоӣ дар дохили луғоти соҳаи ҳунармандӣ ва маишӣ як қабати калонро ташкил дода, дар мавридҳои зарурӣ калимаҳои тоҷикиро иваз карда метавонанд. Ин калимаҳо ба меъёрҳои забони тоҷикӣ ва лаҳҷаву шеваҳои мазкур мутобиқ гаштаанд.

Калидвожаҳо: лаҳҷа, шева, забони тоҷикӣ, забони русӣ, калимаҳои иқтибосӣ, водии Ҳисор, гӯйишҳои маҳаллӣ, меъёр, нутқи гуфтугӯӣ.

ВЗГЛЯД НА РУССКО-ЕВРОПЕЙСКИЕ ЗАИМСТВОВАНИЯ В РЕМЕСЛЕННОЙ И ПРОМЫСЛОВОЙ ЛЕКСИКЕ В ГОВОРАХ ГИССАРСКОЙ ДОЛИНЫ

В статье отмечается, что на территории Республики Таджикистан проживают представители разных языков, диалектов и говоров. В нашем родном Таджикистане обосновались представители большинства языков. На территории нашей страны проживали и русскоязычные, и образ жизни таджикского народа смог повлиять на них. Отчетливо видно не только образ жизни, но и влияние таджикского языка и диалектов на представителей этого языка. Влияние русского языка также отчётливо видно в речи представителей таджикского языка. Также автор упомянул, что в говорах Гиссарской долины имеется большое количество слов русско-европейского происхождения. Эти слова в основном встречаются в ремесленно-промысловой лексике. Большинство русско-европейских слов изменили свою форму в соответствии со стандартами диалектов и говоров Гиссарской долины. В статье автор также отметил, что некоторые существительные, привнесенные из русского языка в диалекты Гиссарской долины, превратились в прилагательные. Существительные комсомол, завод, магазин, стол, свет сыграли значительную роль в образовании слов *туйи камсомолӣ, пахтаи зовутӣ, орди магазинӣ, маъракаи саристолӣ, арои светӣ* родственных бытовому сектору. Автор пришел к выводу, что русско-европейские слова составляют большой пласт в ремесленно-бытовой лексике и в необходимых случаях могут заменить таджикские слова. Эти слова адаптированы к стандартам таджикского языка и диалектов.

Ключевые слова: диалект, говор, таджикский язык, русский язык, цитируемые слова, Гиссарская долина, местные диалекты, норма, разговорная речь.

LOOK AT THE RUSSIAN-EUROPEAN QUOTATION WORDS IN THE DICTIONARY OF CRAFTS AND HANDICRAFTS AND HOUSEHOLD ITEMS IN THE DIALECTS OF THE HISAR VALLEY

It is mentioned in the article that representatives of different languages, dialects and styles live in the territory of the Republic of Tajikistan. Representatives of most languages have settled in our dear Tajikistan. Russian-speakers have also lived in the territory of our country, and the way of life of the Tajik people has been able to influence them. Not only the way of life, but also the influence of the Tajik language and dialects on representatives of this language is clearly visible. The influence of the Russian language is also clearly visible in the speech of representatives of the Tajik language. Also, the author mentions that in the dialects of the Hisar valley there are a large number of Russian-European derived words. These words are mostly found in the vocabulary of crafts and household. Most of the Russian-European words have changed their form in accordance with the standards of dialects and styles of the Hisar valley. In the article, the author also noted that some nouns introduced from the Russian language into the dialects of the Hisar Valley have turned into adjectives. The nouns komsamol, zavod, magazin, table, svet have played a significant role in the formation of the words "Kamsamol wedding", "zovuti cotton", "shop flour", "saristol campaign", "sveti saw", which are related to the household sector. The author has come to the conclusion that Russian-European words form a large layer within the vocabulary of handicrafts and household and can replace Tajik words in necessary cases. These words are adapted to the standards of the Tajik language and dialects.

Key words: dialect, style, Tajik language, Russian language, quoted words, Hisar Valley, local dialects, norm, colloquial speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи забони тоҷикӣ. Суроға: 734019, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.Муҳаммадиев, 17/6. Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Сведения об авторе: ***Абдуллоева Гулрухсор Зиёдуллоевна*** – Таджикский международный университет иностранных языков имени С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент, кафедра таджикского языка. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6.
Тел.: **(+992) 917-11-64-26**

Information about the author: ***Abdulloeva Gulrukhsor Ziyodulloevna*** – Tajik State Institute of Languages named after S.Ulughzoda, candidate of Philology, associate Professor of the Department of Tajik language. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Muhammadiev Str., 17/6. Phone: **(+992) 917-11-64-26**

ТДУ: 811.21/.22-56

ФРАЗЕМАҲОИ МУБОЛИҒАВӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Забирзода Ш.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷикӣ мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ намоён аст, ки миёни онҳо муболиға ҷойгоҳи хосса дорад. Истилоҳи муболиға дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» чунин шарҳ ёфтааст: **муболиға** *а.* 1 **مبالغه.** аз ҳад берун таърифу тавсиф кардани чизе, аз ҳад гузаронидан дар таъриф (*дар сухан*); **бидуни муболиға** бе ҳеҷ тавсифи зиёдатӣ, бидуни болобардории зиёд; **муболиға кардан** аз будаш зиёд нишон додан; ба таърифу тавсифи аз ҳад зиёд роҳ додан. 2**.** *адш.* яке аз воситаҳои тасвири бадеӣ буда, аз ҳадди эътидол гузаронидани мадҳ ё мазаммат асоси он мебошад (*таблиғ, иғроқ ва ғулув аз навъҳои он аст*) [18, с.823].

Дар баробари санъати маҷоз, ташбеҳ, тавсиф ва киноя низ санъати муболиға дар адабиёти хаттӣ ва шифоҳӣ хеле сермаҳсул мебошад. Ҳар кадоме аз ин воситаҳои тасвири бадеӣ дар алоқамандӣ бо якдигар мақсад ва моҳияти матлабро ба хонанда боз мушаххастару возеҳтар гардонида, тобишҳои махсуси баҳодиҳиро тавлид мекунанд. Вожаи **муболиға** дар забони зиндаи халқ ба маънои “сухани воҳиманок ва муҳобот” ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Бо истифода аз чунин воситаи тасвир нависандагон хулқу атвор ва ҳолати руҳии қаҳрамонони асарҳои худро ба хонанда ба таври ошкоро ва ё пардапӯшона ифода менамоянд. Диққатҷалбкунанда будани забони асари бадеӣ маҳз дар заминаи тасвирҳои офаридаи худи нависанда ба вуҷуд меояд, ки сарчашмаи ҳамаи онҳо дар мавқеи муносиб кор фармудани санъатҳои бадеӣ мебошад.

Дар илми адабиётшиносӣ санъатҳои бадеиро дар навбати худ ба санъатҳои маънавӣ ва санъатҳои лафзӣ ҷудо намудаанд. Ҳама он санъатҳое, ки дар боло ишора намудем, ба гурӯҳи санъатҳои маънавӣ дохил мешаванд. Вобаста ба ин масъала донишманди тоҷик Т. Зеҳнӣ чунин қайд намудааст: «Санъатҳои маънавӣ дар асоси ба назар гирифтани маънои калима, ибора ва ҷумлаҳо сохта мешаванд. Аммо санъатҳои лафзӣ ба шакли калимаву ибораҳо асос ёфтаанд. Мо дар ин асари худ санъатҳое, ки бисёртар аз калимабозӣ, ҳарфбозии маҳз иборатанд, ба гурӯҳи лафзӣ мансуб дониста, боқимондаро ба гурӯҳи маънавӣ дохил кардем» [8, с.61].

Аз ин бармеояд, ки вазифаи аввалиндараҷаи санъатҳои маънавӣ хоҳ ба маънои аслӣ ва ғайриаслӣ (маҷозӣ) кор фармудани калима, ибора ва ҷумлаҳо мебошад, ки дар байни онҳо нақши муболиға хеле калон мебошад. Дар муболиға ҳамчун воситаи тасвир, аз як ҷиҳат, тобишҳои таърифу тавсиф ва ситоиш мушоҳида шавад, аз ҷониби дигар, лаҳзаҳои манфии пастзанию тамасхур нисбат ба субъекту объект дар назар дошта мешавад. Дар мавриди санъати муболиға адабиётшиноси тоҷик Х. Шарифов чунин ибрози андеша намудааст: «Дар ситоиш ё накуҳиш (гап задан), сифати касе, ё чизе аз андозаи аслу ҳақиқат берун раванд, то он сифатшавандаро бузургу барҷастатар ё пасту ночизтар нишон дода бошад» [20, с.96].

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки санъати муболиғаро дар воҳидҳои бузургтари забон – ибора ва ҷумла бештар дучор шудан мумкин аст. Маълум аст, ки дар шаклгирии ибораву ҷумла калима ҳамчун масолеҳи сохтмонии забон истифода мешавад. Он ҳамчун воҳиди меҳварии забон дорои маъно ва сохтори ҷудогона буда, тобишҳои гуногуни маъноиро соҳиб мебошад. Яке аз маъноҳои калима маънои эҳсосотӣ мебошад, ки ба туфайли он шахс ҳолати руҳии худ: хурсандиву болидаруҳӣ, ғаму дард, боварӣ, нафрат, тамасхур, дудилагӣ, таҳқир, пастзанӣ, нописандӣ, масхара ва монанди инҳоро ифода менамояд. Профессор Ҳ. Маҷидов дар масъалаи ин гурӯҳи маъноии калимаҳо чунин менигорад: «Дар ин гуна калимаҳо эҳсосоти мухталиф, аз қабили шодӣ, нафрат, райъ, изтироб бе иловаи ягон олоиши маъноии дигар ифодаи мушаххаси худро ёфтаанд» [10, с.26].

Калима он маъноҳоеро, ки дар алоҳидагӣ соҳиб аст, дар таркиби ибораву ҷумла вобаста ба ҳамнишинии доираи маъноии худ соҳиб буда наметавонад. Доираи маъноии

калима дар таркиби ибора ва ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ хеле фарох ва серпаҳлу мебошад. Дар мавриди ҳамчун ҷузъи доимии воҳиди фразеологӣ ва ҳамнишин гаштан бо калимаҳои дохили фразеологизмҳо доираи маъноии онҳо дар заминаи қолаби мушаххаси тарҳрезишуда маҳдуд мегардад. «Маҳдудшавии доираи ҳамнишинии маънои ҷудогонаи луғавӣ ва ба ин васила сифатан тағйирёбии он маънои вобастаи фразеологиро ба вуҷуд меоварад. Маънои вобастаи фразеологии калима дар ҳамнишинии ноҷунбони калима бо калима ва ё калимаҳои дигар зоҳир мешавад» [10, с.29].

Воҳидҳои фразеологӣ дар заминаи таркиб, ибора ва ҷумлаҳои озоди синтаксисӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, бо рехтагиву устуворӣ ва ноҷунбонии ҷузъҳои таркибии худ аз онҳо ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар баробари гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ нақши гурӯҳҳои маъноии онҳо хеле калон буда, бо муъҷазию рангорангии худ дар байни онҳо фарқияти бештареро мушоҳида намудан мумкин аст. Онҳо аз ҷиҳати маъно ба идиома, фразема ва фраземаҳои ғайриидиоматикӣ ҷудо мешаванд. Дар сохтмони ин навъи фаразеологизмҳо падидаи ба маънои аслӣ, маҷозӣ ва ё аслии дар қолаби муайян рехташудаи калимаҳо ҳамчун ҷузъи ҳамешагии воҳидҳои фразеологӣ муҳим мебошад.

Яке аз ҷиҳатҳои муассиру таъсирбахш ифода гардидани воҳидҳои фразеологӣ дар ҳамбастагии санъатҳои маънавию лафзӣ созмон ёфтани онҳо мебошад. Воситаҳои тасвири бадеии маънавӣ дар ташаккули маъноии таркиб, ибора ва ҷумлаҳои фразеологии забони тоҷикӣ нақши муҳим дошта, ба ин васила тавассути онҳо дар заминаи тасвирҳои бадеии гуногуни офаридаи нависандагон маънои воҳидҳои фразеологӣ як андоза пуробуранг гардида, ҷилоҳои гуногуни услубиро соҳиб мегарданд. Истифода гардидани санъатҳои зикршуда дар воҳидҳои фразеологӣ мутаносибию ҳамнишинии овозҳои ҷузъҳои таркиби онҳоро ба вуҷуд оварда, дар натиҷа ҳамоҳангӣ ва ё хушовозии онҳоро таъмин мекунад. Аз ин метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки дар шаклгирии воҳидҳои фразеологӣ нақши воситаҳои тасвири бадеӣ хеле муҳим мебошад. Бештари фразеологизмҳои забонамон тобишҳои гуногуни маъноиро дар заминаи санъатҳои бадеии гуногун тавлид менамоянд. Муассирию пуробурангӣ ва экспрессияи (ифоданокӣ)-и воҳидҳои фразеологӣ маҳз дар ҳамбастагӣ бо чунин воситаҳо ба вуҷуд меояд. Дар шаклгирии фразеологизмҳои забони тоҷикӣ нисбат ба дигар воситаҳои муассирӣ унсурҳои муболиға, ташбеҳ, киноя ва тавсиф бештар ба назар мерасанд.

Бояд ҳаминро қайд намуд, ки истифодаи муболиғаро дар баробари жанрҳои гуногуни лирикӣ, инчунин дар воҳидҳои фразеологӣ ва зарбулмасалу мақолҳо бештар мушоҳида намудан мумкин аст. Воҳидҳои фразеологӣ ҳамчун ифодаҳои дар қолабҳои пешакӣ рехтаву устуворгардида дар забони назму наср низ мавриди истеъмол қарор доранд. Доираи истеъмоли ин воҳидҳои дар қолабҳои муайян шаклгирифтаи забон нисбат ба забони назм дар забони наср нисбатан васеъ ва озод мебошад. Офарандагони каломи бадеъ дар мавриди тасвирҳои гуногуни бадеӣ ва офаридани образ мавриди таърифу тавсиф ва пастзании қаҳрамонони асарҳои худ аз воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бо як маҳорати баланди эҷодӣ истифода намуда, ба ин восита майлҳои иродавӣ ва ё эҳсосоти мухталифи шахсро ба хонанда нишон медиҳанд. Вобаста ба тахайюлоти нависанда дар воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ низ асли воқеият як андоза аз буди муқаррарӣ зиёдтар қаламдод мешавад. Дар мавриди воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ муҳаққиқи ҷавон Ҳ. Дӯстов ба таври зайл қайд намудааст: «Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ як навъи серистеъмоли ифодаҳои рехтаи забони тоҷикиро ташкил медиҳанд. Ёдовар мешавем, ки чунин ном гирифтани ин гурӯҳи фразеологизмҳо ба нисбати дар сохтор ва мундариҷаи маъноии онҳо ҷой доштани санъати муболиға мебошад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бештар дар қолаби ибораҳои фразеологии феълӣ сохта шудаанд. Дар созмони ин навъи фразеологизмҳо нақши ҳиссаҳои гуногуни нутқ ва, хусусан, феъл назаррас мебошад. Ин навъи воҳидҳои фразеологӣ, асосан, дар мавридҳое истифода мешаванд, ки нависанда ё соҳибзабон мехоҳад мақсадро дар либоси ғайривоқеӣ ва муболиғаомезу мутантан ифода намояд» [6, с.17].

Дар ин мақола мо лозим донистем, ки санъати муболиғаро дар яке аз гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ – фраземаҳо мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Фраземаҳо дар таснифоти гурӯҳҳои маъноии фразеологизмҳо баъд аз идиомаҳо қарор доранд. Онҳо ҳам ба мисли идиомаҳо дорои маънои яклухт, сохту таркиби устувор ва мундариҷаи пуробурангу муассир мебошанд. Дар шаклгирии онҳо нақши ҷузъҳое, ки ба маънои аслӣ ва маҷозӣ кор фармуда мешаванд, муҳим ба ҳисоб меравад. Махсусиятҳои ин гурӯҳи маъноии воҳидҳои фразеологиро профессор Ҳ. Маҷидов чунин меорад: «Агар маънои бутуни ифодаҳои идиоматикӣ дар натиҷаи тағйирёбии куллии маънои ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд ояд, пас мундариҷаи яклухти фразема дар заминаи маҳдудшавӣ, дигар шудан, тағйирёбӣ, вобаста шуда мондани маъно ва ё доираи истеъмоли як ё якчанд ҷузъи таркибӣ сурат меёбад» [9, с.32].

Таҳлили мавод нишон медиҳад, ки яке аз гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавиро фараземаҳои муболиғавӣ ташкил медиҳанд. Фраземаҳои муболиғавӣ ба монанди дигар фраземаҳои фразеологӣ дар заминаи гурӯҳҳои ҷудогонаи воҳидҳои фразеологӣ ба вуҷуд омада бошанд ҳам, бо таркиб ва сохтори ҷузъҳои дохилии худ аз онҳо фарқ мекунанд. Дар фраземаҳо яке аз ҷузъҳои таркибии онҳо ба маънои луғавии худ кор фармуда мешавад. Калимаи ба маънои луғавӣ омада мумкин аст, ки ба синоними дигари худи ҳамон калима иваз карда шавад. Фраземаҳои муболиғавӣ ба монанди гурӯҳҳои дигари маъноӣ дар заминаи қолабҳои муайян тарҳрезӣ шуда бошанд ҳам, сохт ва таркиби на он қадар устувор доранд. Масалан, дар ифодаҳои **гапи пухта - гапи маъқул, ҷилави суҳбат -мавзуи суҳбат, сухани обдор - сухани пуртаъсир** чунин махсусиятҳоро мушоҳида намудан мумкин аст.

Тавре дар боло ишора намудем, яке аз хусусиятҳои муҳимми муболиға ин баҳодиҳии мусбат ва манфӣ нисбат ба мафҳум мебошад, ки ҳангоми таснифоти воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ин навъи фраземаҳои муболиғавиро зиёд дучор гардидем. Мувофиқи сарчашмаҳои мавҷуда муболиға ба навъҳои таблиғ, иғроқ ва ғулув ҷудо мешавад. Дар асоси маводи адабиёти бадеӣ мо зарур донистем, ки фраземаҳои муболиғавӣ ва навъҳои онро муайян намуда, вобаста ба ифодаи баҳогузорӣ онҳоро ба тобишҳои баҳодиҳии мусбат ва манфӣ ҷудо намоем.

Дар аввал фраземаҳои муболиғавие таҳлил карда мешаванд, ки дар онҳо лаҳзаҳои баҳодиҳии мусбат мушоҳида мешаванд. Зарур донистем, ки вобаста ба баҳодиҳии мусбат навъҳои муболиғаро дар фраземаҳои муболиғавӣ гурӯҳбандӣ намоем. Яке аз навъҳои муболиға таблиғ мебошад, ки дар ин навъи муболиға таърифу тавсиф ва мутантанӣ бе ҳеҷ як болобардории зиёд ифода меёбад, ки ба ҳақиқати воқеӣ созгор мебошад. «Агар муболиға ба ақлу мантиқ мувофиқ ва ҳаётӣ бошад, муболиғаи таблиғ ё ки танҳо муболиға меноманд» [8, с.93]. Чунончи, фразеологизмҳои **суҳбати касе шира баст** «суҳбати бардавом», **ба олами суҳбат фурӯ рафтан** «ба суҳбат дода шудан», **дар як нафас** «дар як лаҳза», **ба кор ғӯтида мондан** «серкор будан», **бо табассуми гарм** «табассуми самимӣ» ба ин назария мисол шуда метавонанд:

Шаб то даргоҳ **суҳбати ёрон** аз рӯзгори гузаштаву аҷоиботи кӯҳистон **шира мебаст** [14, с.93]. Ҳамрохон шоирро боз гирди дастархон хонданд ва барои ёрони содиқ, ҷонӣ ва боҳиммату беғараз пайк бардошта, **бо олами суҳбат фурӯ рафтанд** [14, с.57]. **Дар як нафас** ҳавлии Фазилатбибӣ пур аз одам шуд [2, с.26]. Ман **ба кор ғӯтида** бехабар мондаам… [14, с.43]. Ва ба Анвар **бо табассуми гарм** нигоҳ кард [4, с.20].

Навъи дигари муболиға иғроқ буда, дар он васфу ситоиш ва ё танқид ба тарзе ифода мегардад, ки аз доираи фаҳму тасаввури инсонӣ каме берун мемонад. «Агар муболиға ба ақл мумкин буда, вале ба одату воқеъ мумкин набошад, онро муболиғаи иғроқ, ё ки мухтасаран иғроқ мегӯянд» [8, с.93].

Фрзеологизмҳои **ба фикру хаёл ғӯта зада**н «ба фикри дурударозе бадан гардидан», **хабари пухта** «хабари қобили қабул ва бомаслиҳат», **меҳнати сиёҳ** «меҳнати хеле зиёд, тоқатфарсо», **шишаи армони касе шикаст** «ба орзую армонҳои худ нарасидан»:

Шояд вай ҷавоб дода натавонад, шояд вай **ба фикру хаёл ғӯта зада**, дар худаш ҳеҷ як истеъдодро наёбад! [7, с.219]. – Аз рӯйи **хабарҳои пухтае**, ки ҳаррӯза ба ман расида истодааст, кори мо он қадар хуб нест [1, с.222]. … падарам, ки буду нобудаш аз даст рафта, дасту пояш аз замину осмон меканад, ночор ба хизмати бой медарояд, то вақти мурданаш як рӯз сер бошад, ду рӯз гушна **меҳнати сиёҳ** карда умр мегузаронад [1, с.50]. Гӯё сухан намонда, андешаҳо мурда, **шишаи армонҳо** шикаста… [15, с.370].

Навъи дигари муболиғаро ғулув ном мебаранд. Дар ин навъи муболиға мафҳум ба тарзе ифода меёбад, ки аз доираи фаҳмиши инсонӣ тамоман берун мемонад. Онро тасаввур кардан ғайриимкон мегардад. «Лекин муболиға на ба ақлу муҳокима ва на ба одату ҳаёт мувофиқ наояд, муболиғаи ғулӯ (ғулув) ном мебаранд ё ки кӯтоҳ карда ғулӯ мегӯянд» [8, с.93]. Ин навъи муболиғаро дар фраземаҳои забони тоҷикӣ бештар мушоҳида намудан мумкин аст. Аҳли қалам дар мавриди офаридани образ ва тасвирҳои гуногуни бадеӣ аз воҳидҳои фразеологие, ки истифода менамоянд, дар онҳо ифодаи баҳодиҳии мусбат даҳ бар чанд нишон дода мешавад. Чунончи, **суҳбати касе тафсид** «суҳбати бардавом», **фиғони касе ба осмон печид** «фиғони бениҳоят баланд», **илмро об карда хӯрдан** «шахси бениҳоят донишманд», **аз чашмони касе ханда мерехт** «хандаи бо ғам олуда», **ба дил орзу тарошидан** «дар бораи орзуҳои худ фикр кардан»:

Қадаҳи аввал таъсири хуб бахшид, иштиҳо овард ва **суҳбатро тафсонид** [7, с.213]. **Фиғони** Сабоҳат **ба осмон печид** [16, с.230]. – Ҳа, ин бадбахти зеҳнаш тез, **илмро об карда хӯрдааст**, ношукриаш, илмаш пеш-пешу худаш аз ақиб [11, с.293]. Механдид, ба ғӯзаҳои оташгирифта нигариста механдид, ба ман нигоҳ мекарду механдид, **аз чашмонаш ханда мерехт, хандаи тар!** [12, с.38]. «Акнун дили Назоката ёфтан даркор», мегуфту вай ба дил нақшаҳо мекашид, **орзуҳо метарошид** [19, с.185].

Баробари баҳодиҳии мусбат инчунин дар фраземаҳои муболиғавӣ мавридҳои зиёдеро дучор гардидан мумкин аст, ки дар онҳо баҳодиҳии ифодакунандаи маънои манфӣ дошта ҳам мавқеи хосса доранд. Ин навъи воҳидҳои фразеологиро профессор Ҳ. Маҷидов ба қатори вулгаризмҳои фразеологӣ дохил намудааст, ки онҳо маъниро дар шакли дурушту дағал ифода мекунанд. «Дар онҳо характеристикаи манфӣ, тобишҳои мухталифи истеҳзо, масхара, нафрат, таҳқир, густохӣ ва амсоли инҳо мавҷуд аст. Онҳо муносибати манфии гӯянда ё нависандаро нисбат ба предмет ё ҳодисаҳо ифода кардаанд» [9, с.82].

Дар фраземаҳои муболиғавӣ бо тобишҳои баҳодиҳии манфӣ ҳам навъҳои гуногуни муболиғаро метавон мушоҳида намуд. Ба ин восита шоирону нависандагон хислату сифатҳои манфии қаҳрамонони асарҳои худро дар либоси бадеият ҷой намуда, ба таври муболиғаомез ба хонанда пешниҳод менамоянд. Ба навъи якуми фраземаҳои муболиғавӣ, яъне таблиғ он воҳидҳои фразеологие дохил мешаванд, ки тавассути онҳо таҳқир, нафрат, пастзанӣ, нописандӣ ва ба ин монанд эҳсосоти манфии гӯянда дар шакле пешниҳод мегардад, ки ба ҳақиқати ҳол наздикӣ доранд. Чунончи, фраземаҳои **хандаро дар гулӯи касе зиндонӣ кардан** «касеро аз ханда маҳрум намудан», **муҳаббати талх** «ишқу муҳаббати барбодрафта», **суханҳои сӯзон** «суханҳои пуртаъсир», **ишораи хунук** «ҳаракати нозебои маънидор»:

Ман **хандаро дар гулӯям зиндонӣ кардам** [2, с.26]. Мактубҳо месӯхтанд; чӣ қадар орзуву умед, орзуҳои ҷавонӣ, орзуҳои ширин, **муҳаббати талх** ва дар айни ҳол туҳмату буҳтон, масхараву макру фиреб месӯхт, ки ин ҳамаро духтур нахонда буд [15, с.13]. **Суханҳои сӯзон** гуфт. Ба дарбон сахт расид [15, с.314]. Вай ҷавони «сергап» ангуштонашро дар ҳаво бозӣ дошта, ба сӯйи Зулфия чи **ишораҳои «хунук»** карда, гап мезад [4, с.100].

Ба навъи дуюми фраземаҳои муболиғавии маънои манфӣ дошта – иғроқ дохил мешавад, ки ин навъи муболиға ба ақлу дарки кас тасаввуршаванда буда, амалӣ гардидани чунин фразеологизмҳо аз имкон берун аст. Ифодаҳои **айши касеро талх кардан** «касеро дар вақти хурсандию болидаруҳӣ безобита кардан», **обурӯи касеро ба замин задан** «касеро беобрӯй кардан», **хашми касеро ба ҷӯш овардан** «касеро бисёр ба қаҳр овардан», **сухани касеро шикастан** «сухани касеро гӯш накардан», **ҳаёти касеро сӯзондан** «дар ҳаёти касе бадбахтиҳои зиёдро овардан»:

Акнун **айши ҷавонҳоро талх кардан** ҳоҷат набудагист [3, с.157]. Барои он ки дар пеши мардум **обрӯятро ба замин назанӣ**, ту бояд ҳар чизеро, ки Тиллохон ойим талаб кунад, муҳайё созӣ… [17, с.197]. Ин гап **хашми босмачиёнро ба ҷӯш овард** [17, с.187]. – Аҳли ин ҷамоа ҳама соҳибэътибору молдоранд, - мегуфт ясавулбошӣ, - **суханашонро шикастан** ва хилофи раъйи эшонро кардан нағз намешавад [5, с.119]. … медавам, шармандаю беобрӯ мекунам, суд мекунонам, **ҳаётамро сӯхтӣ**, фиреб додӣ» - шӯру мағал мехезонд [11, с.120].

Ба навъи дигари фраземаҳои муболиғавии маънои манфӣ дошта ғулув дохил шуда, он фразеологизмҳоеро дар бар мегирад, ки дар онҳо ифодаи баҳодии манфӣ дар шакли бениҳоят пасти тамасхур, нафрат, таҳқир ва ба ин монанд тобишҳои гуногуни маъноӣ дошта ба вуҷуд омадаанд. Воҳидҳои фразеологии ба сари касе **борони таънаю маломат рехтан** «касеро таънаю маломати зиёд намудан», **ба пойи касе пайтобаи туҳмат печонидан** «ба сари касе туҳмати зиёдеро бор намудан», **касеро аз сад ман ба як ман фаровардан** «ғурури касеро паст намудан», **ба сари касе ғазаби худро рехтан** «қаҳру ғазаби худро ба сари касе холӣ кардан», **чалпаки замин шудан** «ба замин ҳамвор шудан»:

Он шаб тағояшу занаш дер гоҳ ба сари онҳо **борони таънаю маломат рехтанд** [13, с.20]. Ин маротиба ҳам Аҷик ҳамчун дузди зӯр соҳиби говро бастанӣ шуда**, ба пойи Қурбон пайтобаи туҳмат печонида,** лекин гуноҳаш зиёдтар шудааст [13, с.42]. Бегоҳӣ холаи Сафина духтарашро мисли ҳавои зимистон сард пешвоз гирифт ва **ғазабашро бар сари ӯ рехт** [13, с.86]. Аз зарбаи муштҳои путкмонандам ҳар ду баҳодур дар як нафас **чалпаки замин шуданд** [13, 96].

Хулоса, муболиға ҳамчун санъати маънавӣ дар ташаккули гурӯҳҳои сохторӣ ва маъноии воҳидҳои фразеологӣ нақши муҳим дорад. Дар байни гурӯҳҳои маъноии воҳидҳои фразеологӣ фраземаҳои муболиғавӣ нисбат ба идиомаҳои фразеологӣ каммаҳсул мебошанд. Онҳоро аҳли қалам ҳамчун ифодаҳои тайёри дар қолабҳои муайян шаклгирифта, мавриди офаридани образ ва тасвирҳои гуногун вобаста ба тахайюлоти эҷодӣ дар асарҳои худ корбаст менамоянд. Бо истифода аз ин навъи фразеологизмҳо нависандагон ҳолатҳои гуногуни эҳсосоти мухталифи шахс, аз қабили ғам, шодӣ, нафрат, писханд, пастзанӣ ва монанди инҳоро ба хонанда дар либоси бадеият ҷой намуда, аз ин воситаҳои тасвири бадеӣ ҷиҳатҳои эстетикии асарҳои худро боз ҳам рангинтар мегардонанд.

Мукарриз: ***Дӯстзода Ҳ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 432 с.
2. Акобиров, Ҷ. Хирмани ситора: Маҷмуаи ҳикояҳо / Ҷ.Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1985. - 208 с.
3. Акобиров, Ҷ. Пазмонӣ / Ҷ.Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 320 с.
4. Акобиров, Ю. Норак / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 368 с.
5. Акобиров, Ю. Дунё ба умед / Ю. Акобиров. – Душанбе: Ирфон, – 1984. – 336 с.
6. Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2019. – №4. – С.17-20.
7. Икромӣ, Ҷ. Зоғҳои бадмур / Ҷ. Икромӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 352 с.
8. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
9. Маҷидов, Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе, 1982. – 103 с.
10. Маҷидов, Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Ҷ.I. - Луғатшиносӣ / Ҳ.Маҷидов. - Душанбе, 2007. – 242 с.
11. Мирзоев, К. Нишони зиндагӣ / К. Мирзоев. – Душанбе: Адиб, 1993. – 496 с.
12. Раҳимзод, С. Доғҳои офтоб / С. Раҳимзод. – Душанбе, 2003. – 296 с.
13. Самадов, А. Баъд аз сари падар (повест ва ҳикояҳо) / А. Самадов. – Душанбе: Маориф, 1982. – 112 с.
14. Самадов, А. Ёд дар бари ёр / А.Самадов. – Душанбе: Адиб, 2007. – 568 с.
15. Сорбон. Куллиёт. Ҷ.XI. - Душанбе: Истеъдод, 2010. – 448 с.
16. Турсун, С. Се рӯзи як баҳор / С. Турсун. – Душанбе: Адиб, 1988. – 464 с.
17. Улуғзода, С. Субҳи ҷавонии мо / С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 447 с.
18. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – Ҷ.1. – 949 с.
19. Фирӯз, Б. Тору пуд / Ф. Баҳром. – Душанбе: Маориф, 1985. – 208 с.
20. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

ФРАЗЕМАҲОИ МУБОЛИҒАВӢ ДАР ЗАБОНИ АДАБИИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

Дар мақола доир ба як навъи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ – фраземаҳои муболиғавӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ маълумот дода шудааст. Муқаррар карда мешавад, ки муболиға ҳамчун воситаи тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ мавқеи назаррас дорад. Онҳоро аҳли қалам ҳамчун ифодаҳои тайёри дар қолабҳои муайян шаклгирифта, мавриди офаридани образ ва тасвирҳои гуногун вобаста ба тахайюлоти эҷодӣ дар асарҳои худ корбаст менамоянд. Зикр мегардад, ки дар таснифоти маъноии муболиғаҳои фразеологӣ мавқеи асосиро идиомаҳо ва баъдан фраземаҳои муболиғавӣ ишғол мекунанд. Аз ин ҷост, ки дар захираи фразеологии забони тоҷикӣ миқдори фраземаҳои муболиғавӣ нисбат ба дигар қабатҳо камтар ба назар мерасанд. Дар ташаккули ин қабил ифодаҳои рехта саҳми унсурҳои луғавие, ки бо маънои луғавӣ истифода мешаванд, хеле калон аст.

Калидвожаҳо: воҳиди фразеологӣ, муболиға, воҳиди фразеологии муболиғавӣ, баҳодиҳии мусбат, баҳодиҳии манфӣ, фраземаҳои фразеологӣ, маъно, сохтор, забони адабии муосири тоҷикӣ.

ГИПЕРБОЛИЧЕСКИЕ ФРАЗЕМЫ В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКСКОМ ЛИТЕРАТУРНОМ ЯЗЫКЕ

В статье представлена информация о значимом типе гипертрофированных фразеологизмов – гиперболических фразеологизмов в современном таджикском литературном языке. Установлено, что гипербола как средство художественного выражения в структуре фразеологизмов играют большую роль. Писатели используют их в своих произведениях как готовые выражения, сформированные по определенным структурам, для создания различных образов в зависимости от своего творческого воображения. Отмечается, что в классификации значений фразеологических гипербол основное место занимают фразеологизмы, а затем гиперболические словосочетания. Именно поэтому количество гиперболических словосочетаний во фразеологическом резерве таджикского языка меньше, чем в других пластах. В образовании таких выражений очень велик вклад лексических элементов, употребляемых с лексическим значением.

Ключевые слова: фразеологизм, гипербола, гиперболические фразеологизмы, положительная оценка, отрицательная оценка, значение, структура, современный таджикский литературный язык.

HYPERBOLIC PHRASES IN MODERN TAJIK LITERARY LANGUAGE

The article provides information about a significant type of hypertrophied phraseological units - hyperbolic phraseological units in the modern Tajik literary language. It has been established that hyperbole as a means of artistic expression plays an important role in the structure of phraseological units. Writers use them in their works as ready-made expressions, formed according to certain structures, to create various images depending on their creative imagination. It is noted that in the classification of the meanings of phraseological hyperboles, the main place is occupied by phraseological units, and then hyperbolic phrases. That is why the number of hyperbolic phrases in the phraseological reserve of the Tajik language is less than in other layers. In the formation of such expressions, the contribution of lexical elements used with lexical meaning is very large.

Key words: phraseological unit, hyperbole, hyperbolic phraseological units, positive assessment, negative assessment, meaning, structure, modern Tajik literary language.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Забирзода Шаҳло Маҳмадамин*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи забони адабии муосири тоҷик. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел.: **(+992)** 93-922-08-02

Сведения об авторе: ***Забирзода Шахло Махмадамин*** - Таджикский национальный университет, соискатель кафедры современного таджикского литературного языка. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Тел.: **(+992) 93-922-08-02**

Information about the author: ***Zabirzoda Shahlo Mahmadamin*** - Tajik National University, applicant for the Department of Modern Tajik Literary Language. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. Phone: **(+992) 93-922-08-02**

ТДУ: 811.21/.22-5+811.111

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ АМНИЯТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Илёсова Ф.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Васоити ахбори оммаи кишвар, яке аз ҷузъҳои таркибии муҳимми имрӯзаи он, яъне шабакаҳои иҷтимоӣ, аз рукнҳои устувори ҷомеаи демократӣ маҳсуб меёбанд ва дар инъикоси воқеии ҳаёти соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат, бунёди Тоҷикистони навин, баланд бардоштани имиҷи миллӣ дар арсаи байналмилалӣ, роҳандозии ислоҳот дар ҷомеа, ҳифз ва рушди фазои иттилоотӣ, амнияти иттилоотӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, таъмини дастрасии шаҳрвандон ба иттилоот метавонанд нақши боризи худро гузоранд.

Ба ақидаи В.И. Дал “амният – ин ҳолати устуворӣ, шароити мусоид ва бехатарӣ (яъне мавҷуд набудани хатар)” [8, с.28] мебошад. Ожегов С.И. қайд мекунад, ки “амният ҳолате мебошад, ки дар шароити мавҷудияти он ба чизе ва ё ба касе ҳеҷ чиз таҳдид намекунад [8, с.28].

Дар луғати Ф.А. Брокгауз ва И.А. Ефрон моҳияти амният чунин баён гардидааст: “Ба воситаи пешгирӣ намудани хатарҳое, ки ба шаҳрвандони алоҳида ва давлату ҷомеа таҳдид менамоянд, амният ба вуҷуд оварда мешавад. Таъмини амният ба воситаи амалӣ намудани як қатор меъёрҳои ҳуқуқию сиёсӣ ба роҳ монда мешавад” [8, с.28-29]. Амният кафили рушди инсоният ва мазмуни мавҷудияти давлат мебошад. Дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” мафҳуми амният чунин маъноҳоро ифода намудааст: “осоиштагӣ, оромӣ, тинҷӣ, бехавфӣ, бехатарӣ” [11, с.60].

Дар луғати энсиклопедии “Британика” амният чунин шарҳ ёфтааст: “Амният низоми махсуси воситаҳо ва усулҳоест, ки бо ёрии он одамон ва моликияти онҳо аз хавфу хатарҳои гуногун эмин нигоҳ дошта мешаванд. Амият шароити мувофиқ ва ҳолати ороме мебошад, ки дар он одамон аз ҳар гуна хавфу хатарҳо озоданд” [8, с.28-29].

Дар луғати англисии Оксфорд хусусиятҳои амниятро чунин баён намудаанд: “а) вазъияти ором, боэътимод ва устувор; б) ҳолати ҳимояшавандагӣ аз таҳдиду хатарҳо; в) ҳимояи манфиатҳои давлат, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида аз таҳдиду хатарҳо; г) озод будан аз шакку шубҳа ва мавҷудияти эътимод ва боварӣ; ғ) озод будан аз изтироб ва хавфу хатарҳо; д) эҳсоси ҳолати ҳимояшавандагӣ аз хавфу хатарҳо ва ё мавҷудияти бехатарӣ. Дар луғати фаронсавии муносибатҳои байналхалқӣ бошад, амният ҳолати ҳимояшавандагӣ муаррифӣ гардидааст. Ҳамин тариқ, таҳлили луғатҳо ва донишномаҳо нишон медиҳад, ки мафҳуми “амният” сермаъно, хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу буда, дар умум маънии ҳифзи инсон, моликияти шахс ва давлатро ифода мекунад. Вожаи амният аз ҷиҳати мақсад ва маром ба шохаҳо тасниф мешавад [8, с.28-29].

Дар мақолаи мазкур тасмим гирифтем, ки ба таври муқоисавӣ истилоҳоти соҳаҳои амниятро дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар мисоли ахбори сиёсии ВАО-и кишвар мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳем:

*18 августи соли 2022 дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷаласаи чоруми вазирони корҳои дохилӣ ва **амнияти ҷамъиятии** давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) баргузор гардид, ки дар кори он Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода иштирок намуд.*

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/

*Yesterday, the Minister of Internal Affairs of Tajikistan Ramazon Rahimzoda attended and delivered speech in the fourth meeting of the ministers of internal affairs and **public security** of the member states of the Shanghai Cooperation Organization in Tashkent.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khovar)

Истилоҳи **амният** дар ФТЗТ чунин маънидод гардидааст: **“осоиштагӣ, оромӣ, тинҷӣ, бехавфӣ, бехатарӣ”** [11, с.60]. Вожаи **ҷамъиятӣ** дорои чунин маъниҳо мебошад: **“ҷамоатӣ, иҷтимоӣ, умумӣ”** [11, с.581].

Ибораистилоҳи **“амнияти ҷамъиятӣ” дар забони англисӣ** бо ибораи **“public security”** баргардон шудааст. Калимаи “**public”** дар фарҳанги англисӣ чунин шарҳ ёфтааст: “1) **аҳл, аҳли ҷамъият**; 2) **ҷомеа**; 3) **мардум**, **ҷомеа**, **иҷтимоъ**; 4) **умум**, **ҳамагон**, **ом** [9, с.647]. Истилоҳи “**security**” ба маъноҳои “1) амният, амнӣ; 2) хотирҷамъи, беҳаросӣ, пуштгармӣ, итминони хотир, таъмин; 3) васиқа, гарав: what security will you offer against this loan. – Ба ивази қарз чӣ васиқа хоҳед монд? ” шарҳ ёфтааст.

Ибораи мазкур дар садаи XXI мавриди истеъмол қарор гирифта, аз ҷиҳати этимологӣ вожаҳои “**амният”** ва **“ҷамъият”** арабӣ буда, аз онҳо ибораи изофии **амнияти ҷамъиятӣ** сохта шудааст.

Дар ҷаласа вазирон ва намояндагони вазоратҳои корҳои дохилӣ ва амнияти ҷамъиятии кишварҳои узви СҲШ, инчунин мақомоти доимии СҲШ, намояндагони давлатҳои нозири СҲШ ва созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ИНТЕРПОЛ, Маркази зиддитеррористии ИДМ ширкат доштанд.

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/

*The meeting was attended by ministers and representatives of the ministries of internal affairs and **public security** of the SCO (Shanghai Cooperation Organization) member states, as well as permanent bodies of the SCO, representatives of the SCO observer states and international organizations, including Interpol, CIS (Commonwealth of Independent States) **Antiterrorist** Center.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khovar)

Сифати мураккаби **зиддитеррористӣ** солҳои охир расонаӣ гардидааст ва он ба маъноҳои: **“мухолиф, муқобил, хилоф/ - и террористӣ”** [11, с.519] ташреҳ ёфтааст. Истилоҳи мазкур дар забони англисӣ бо истилоҳи **“Antiterrorist”** дар шакли **“зиддитеррористӣ”** [Фарҳангӣ электрони Миюлер] тарҷума шудааст, ки ҳаммаъност. Истилоҳи зиддитеррористӣ аз ду вожа ва пасванди –ӣ: зидди+террорист+ӣ таркиб ёфта, серистеъмол аст.

*Зимни вохӯрӣ вазирони корҳои дохилӣ дар фазои ошкоро ва дӯстона доир ба масъалаҳои **амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ**, рушди минбаъдаи ҳамкорӣ дар соҳаи мубориза бо **терроризм**, **ифротгароӣ** ва **ҷудоихоҳӣ**, мубориза бо **ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ** табодули афкор намуданд.*

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/

*The interior ministers exchanged views on issues of **international and regional_security**, further development of cooperation in the field of **countering terrorism**, **extremism**, **separatism**, and **transnational organized crime**.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khovar).

Дар ин ҷумла истилоҳибораҳои *амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, истилоҳоти терроризм, ифротгароӣ ва ҷудоихоҳӣ (сепаратизм)* истифода гардидаанд. Ибораи **амнияти байналмилалӣ** дар ФТЗТ дар ин шакл вуҷуд надорад, вожаи **“байналмилалӣ”** чунин маънидод гардидааст: **1. байни миллатҳо, байни халқҳо; 2) иттиҳодияи байналхалқии калон, интернатсионал: байналмилалӣ; 3) байналхалқӣ; ҷаҳонӣ; калимаҳое, ки барои аксари забонҳои миллии дунё умумианд** [11, с.121]. Ибораистилоҳи **амнияти байналмилалӣ ба** маънои **бехатарии умумӣ**, **суботи фарогир** ва **оромии умумиҷаҳонӣ** истифода мешавад.

Ибораи **“амнияти байналмилалӣ”** дар ВАО дар қолаби **“international security”** тарҷума ва корбаст мегардад. Вожаи “**international**” дар фарҳанги забони англисӣ чунин шарҳ ёфтааст: **байналмилалӣ, байналхалқӣ, ҷаҳонӣ: international court – додгоҳи байналмилалӣ, international law** [9, с.447].

Ибораи **амнияти минтақавӣ** имрӯз чун истилоҳоти соҳаи амният серистеъмол аст. Вожаи **минтақа** дар ФТЗ чунин маънидод гардидааст: **“1) камарбанд, миёнбанд; 2) як қисми (қитъаи) дар байни ду хатти арз воқеи рӯйи Замин, ки аз ҷиҳати иқлим фарқ мекунад: минтақаи ҷанубӣ, минтақаи шимолӣ; 3. минтақа; вақти минтақавӣ”** [11, с.804]. Вожаи мазкур чун ҷузъи ибораи **амнияти минтақавӣ** маъниҳои **бехатарии минтақа** ва **оромии минтақави**ро ифода кардааст.

Ибораи **“амнияти минтақавӣ”** дар забони англисӣ бо ибораи **regional security** ҳаммаъност.

Истилоҳи **терроризм** аз ҷиҳати этимология ба забони лотинӣ мансуб аст. Истилоҳи **терроризм** дар ФТЗТ чунин маънидод гардидааст: **“сиёсати тарсондан ва фурӯ нишондани душманони сиёсӣ, мазҳабӣ ва ғ. Бо роҳи зурӣ, нобудсозӣ ва куштор”** [11, с.340]. Он дар забони англисӣ чунин тарҷума шудааст: “**terrorism**” ва дар **ФАТ** чунин маънидод гардидааст: 1) терроризм, эҷоди тарс ва ваҳшат дар мардум, мардумтарсонӣ, ҳаматарсонӣ: political terroriesm – терроризми сиёсӣ [9, с.832].

Истилоҳи **ифротгароӣ** дар ФТЗТ чунин маънидод гардидааст: **“ифроткорӣ: экстремизм**”. Он аз решаи **“ифрот – а**з ҳад (андоза) гузаштан дар коре: ифрот кардан (намудан) аз ҳадди эътидол гузаштан (гузарондан), дар коре зиёдаравӣ кардан” [11, с.566] гирифта шудааст. Аз ҷиҳати сохтор вожаи ифротгароӣ аз исми арабии *ифрот*, вожаи аслии *гароидан* ва пасванди муштараквазифаи –ӣ таркиб ёфтааст. Он бо истилоҳи англисии *political extremism – ифротгароии сиёсӣ* ҳаммаъност [9, с.307]. Истилоҳи **“ҷудоихоҳӣ”** дар забони англисӣ чунин тарҷума шудааст: **“separatism”** ва дар **ФАТ** чунин маънидод гардидааст: **separate** – ҷудо, ҷудогона, алоҳида; **separation** – ҷудоӣ, ҷудосозӣ, тақсимот; **separatist** – ҷудоихоҳ, ҷудоиталаб, ҷудоигаро [9, с.729].

Ибораи таркибии **ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ аз** истилоҳи **“ҷиноят”**, **“гуноҳи ҷиддӣ, ҷурм ва хатои зараровар, ки сазовори ҷазои сахт бошад**: **ҷиноят кардан**” [11, с.593], вожаи **муташаккил**: **1)** ба шакл ва сурати махсус даромада, ташаккулёфта. **2)** ба ҳолати ташкилот даромада; боинтизом, батартиб [11, с.854] ва вожаи мураккаби **фаромиллӣ** таркиб ёфтааст. Ибораистилоҳи мазкур дар асри XXI мавриди истеъмол қарор гирифтааст. Калимаҳои ибораи “**ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ”** - ро аз ҷиҳати этимологӣ чунин тақсимбандӣ кардан мумкин аст: вожаҳои **ҷиноят** ва **муташаккил** арабӣ ва **фаромиллӣ** калимаи мураккаби тоҷикӣ мебошад.

Ибораи **“ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ”** дар забони англисӣ бо ибораи: **“transnational organized crime”** тарҷума кардаанд, ки ҳаммаъност.

Истилоҳи **сепаратизм** дар ФТЗ чунин маънидод гардидааст: **“ҷудои+талаб+ӣ**” [11, с.232]. Аз калимаи мураккаби лотинӣ гирифта шуда, маъноҳои ҷудоихоҳӣ, ҷудоиандозӣ ва миллатгароӣ дар байни мардумро мефаҳмонад.

*Иштирокчиёни ҷаласа хостори тақвияти минбаъдаи ҳамкорӣ дар доираи СҲШ тавассути вазоратҳои корҳои дохилӣ ва **амнияти ҷамъиятии** кишварҳои узв бо назардошти афзояндаи **бесуботӣ** дар арсаи байналмилалӣ шуданд.*

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/.

*The meeting participants spoke in favor of further strengthening cooperation within the SCO through the ministries of internal affairs and **public security** of the participating countries, taking into account the growing **instability** in the international arena.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khovar)

Имрӯзҳо дар забони васоити ахбори омма, шабакаҳои иҷтимоӣ истилоҳоти “**бесуботӣ”** чун ифодакунандаи маънои мухолиф зиёд корбаст мегардад. Истилоҳи “**бесуботӣ”** дар ФТЗТ ба маъниҳои **“мухолиф, муқобил, хилоф/ - и террористӣ”** [11, с.519] шарҳ ёфтааст ва тарҷумаи англисии истилоҳи **“Antiterrorist”** дар шакли **“зиддитеррористӣ”** тарҷума шудааст **[Фарҳанги электрони Миюлер].**

*Вазири корҳои дохилӣ Рамазон Раҳимзода зимни суханронӣ изҳор дошт, ки «мо бояд кӯшишҳои худро дар якҷоягӣ бар зидди се зуҳуроти номатлуб — **терроризм, экстремизм** ва **ҷудоихоҳӣ, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ** равона намоем, зеро ин хатару таҳдидҳо ба **амният**у суботи тамоми ҷаҳон, аз ҷумла ба фазои кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай таҳдид менамоянд.*

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/.

*The ministers stressed that the expansion of cooperation in the **fight against terrorism**, **extremism** and **separatism**, **illicit trafficking in drugs** and **psychotropic substances**, as well as in the protection of peace, stability and **security** in the SCO space is a very priority and important.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khova).

Дар ин хабар калима ва ибораҳои амниятии зерин: “**терроризм**”, “**экстремизм**”, “**ҷудоихоҳӣ**”, “**муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир**”, “**амният**” истифода гардидаанд, ки дар матни англисӣ бо истилоҳоти: “**fight against terrorism**”, “**extremism**”,

“**separatism**”, “ **illicit_trafficking in drugs**”, “**psychotropic substances**”, “**security**” баргардон гардидаанд.

Ибораистилоҳи “**муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир”** дар ин қолаб дар ФТЗТ вуҷуд надорад, аз ин рӯ вожаҳои таркиби онро дар алоҳидагӣ шарҳ хоҳем дод: вожаи **“муомилот/ муомалот** дорои чунин маъниҳост: 1) муомила// муомала; 2) муносибатҳои пулӣ, равобити тиҷоратӣ: муомилоти пул, гардиши пул: андоз ва муомилот, андоз ва гардиши пул: андоз ва савдо” [11, с.840].

Вожаи мураккаби **“ғайриқонунӣ”** чунин шарҳ ёфтааст**:** хилофи қонун; бидуни риояи қонун, қонунро риоя накарда: кори ғайриқонунӣ, роҳи ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ шуморидан” [11, с.367]; **мавод(д). 1. модда; маводи мухаддир// маводи нашъаовар,** моддаҳои кайфовар (аз қабили героин, ҳашиш, афюн...); **маводи сухт, сузишворӣ**; 2) маҷмуи маълумот, маъхазҳо ва баъзе далелу хулосаҳо, ки барои ҳалли масъалае асос шуда метавонад: **мавод ҷамъ кардан** [11, с.735]; **“мухаддир”:** суст ва беҳушкунанда; нашъаовар, кайфовар, масткунанда (чун банг, кӯкнор, героин, кокаин) [11, с.857].

Ибораистилоҳи **“муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир”** дар **ФАТ** дар шакли пурраш тарҷума нашудааст, аммо дар забони рӯзнома ва маҷаллаҳо чунин тарҷума гардидааст:**“ illicit trafficking in drugs”**. Калимаи “**illicit”** ба маънои “ғайриқонунӣ, манъкардагӣ, мамнуъ” [9, с.422], “**trafficking/ traffic**”: 1) доду ситад, муомила, савдогарӣ, бозоргонӣ, хариду фурӯш, тиҷорат; 2) мубодила, бигиру бистон, табодул; 3) робита; 4) ҳаракат, рафтуомад, омаду рафт, нақлиёт (дар кӯча, роҳи оҳан ва ғ**.) [9, с.855]** калимаи “**drug**”: 1) дору, даво; 2) маводи мухаддир; 3) моли камтақозо дар бозор [9, с.271] ташреҳ ёфтааст.

*Дар ҷараёни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои ҳамкориро дар самти **мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ**, ҷустуҷӯйи **ҷиноятқорони** дар кофтуков қарордошта, **пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир**, **муҳоҷирати ғайриқонунӣ** ва **амнияти иттилоотӣ**, инчунин омода намудани кадрҳои баландихтисос мавриди баррасӣ қарор доданд.*

ДУШАНБЕ, 19.08.2022 /АМИТ «Ховар»/

*The meetings focused on issues of cooperation in the field of **combating crime**, searching for wanted **criminals**, **preventing drug trafficking**, **illegal migration** and **information security**, as well as training highly qualified personnel.*

DUSHANBE, 19.08.2022 (NIAT Khovar)

Дар ин хабар калима ва иборахои амниятии **“мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ”, “ҷиноятқорон”, “пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир”, “муҳоҷирати ғайриқонунӣ”, “амнияти иттилоотӣ”** мушоҳида гардиданд, ки дар забони англисӣ чунин тарҷума шудаанд: – “**combating crime**”, “**criminals**”, “**preventing drug trafficking**”, “**illegal migration**”, “**information security**”.

Ибораистилоҳи амниятии **“мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ”** имрӯз дар забони ВАО серистеъмол аст.

Ибораи амниятии “**пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир”** ба маънои пеши роҳи амали номатлубро бездоштан корбаст шудааст.

Ибораи **“мубориза бар зидди ҷиноятқорӣ”** дар забони англисӣ дар **ФАТ** дар ин қолаб ҷой надорад, аммо онро дар забони рӯзнома ва маҷаллаҳо чунин тарҷума кардаанд: **“combating crime”**, вале калимаи “зидди” фурӯгузор шудааст: Калимаи “**combat”** дар **ФАТ** чунин маънидод гардидааст: 1) набард, разм, муҳориба, барҳӯрди низомӣ, ҳарб; 2) пайкор, мубориза: **We must combat corruption**. – Мо бояд бар зидди ришвахӯрӣ мубориза барем, **single combat**. 1) ҷанги якка ба якка, ҷанги тан ба тан; **2)** размӣ, ҷангӣ, ҳарбӣ; **3**) мубориза бурдан (ба муқобили, барои), набард кардан, размидан” [9, с.170]. Калимаи “**crime**”дар фарҳанги англисӣ чунин шарҳ ёфтааст: 1) ҷиноят; **to confess of the crime** – ба содир кардани ҷиноят иқрор шудан ; **crimes against humanity** - ба муқобили башар; 2) ҷиноятқорӣ; **3)** ҷиноят кардан [9, с.207]. Вожаи “**ҷиноятқор”** дар **ФАТ** чунин тарҷума ва шарҳ ёфтааст: “**criminal**” 1) ҷиноятқор, гунаҳгор: **a war criminal – ҷиноятқори ҳарбӣ**; 2) ҷиноӣ: **a criminal intention** – мақсади ҷиноӣ; **a criminal case** – парвандаи ҷиноӣ [9, с.207]. Ибораи амниятии “**пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир”** дар забони рӯзнома чунин тарҷума шудааст: **preventing drug trafficking** .

Ибораистилоҳи амниятии “**муҳоҷирати ғайриқонунӣ”** дар ФАТ дар дар ин қолаб вуҷуд надорад, вале дар забони рӯзнома чунин тарҷума шудааст: **illegal migration.** Калимаи **муҳоҷират** дар ФАТ чунин таҳлил шудааст: **migration**: 1) миграсия, муҳоҷират, кӯчиш, кӯч; 2) парвоз (парандаҳо) [9, с.523]. Ибораи “**амнияти иттилоотӣ”** дар забони рӯзнома чунин баргардон шудааст: “**information security**”. Вожаи “**иттилоот” –** “**information**” дар ФАТ чунин шарҳ ёфтааст: 1) иттилоъ, огоҳӣ, огоҳдод: **for your information** – барои иттилои шумо; маълумот, ахбор; 2) дониш, додаҳо, хабардорӣ, бохабарӣ, воқифшавӣ**: our information about nature** – дониши мо дар бораи табиат; 3) иттилоот [9, с.438].

*Дар машқҳои махсуси тактикӣ тарзи ташкил ва тарҳрезӣ намудани амалиёти десантчиён, бурдани **разведкаи заминиву фазоӣ**, интиқоли қувва ва воситаҳои гурӯҳҳои баталионӣ-тактикии Бригадаи ҳамлаовари десантӣ ба минтақаи иҷрои вазифаҳои ҷангӣ, бо тактикаву усулҳои хос тасарруф ва нобудсозии **пойгоҳи террористӣ**, тавассути чархболу ҳавопаймо дар баландиҳои гуногун ва талу теппаҳои ноҳамвор бо усули ҷаҳидану тариқи парашутҳо аз ақибгоҳи душман фуруд овардани десанти фазои тактикӣ, ҳангоми муқовимати мусаллаҳона таъмини ҳайати шахсӣ бо воситаҳои моддиву техникӣ, пурра торумор намудани гурӯҳҳои ғайриқонунии мусаллаҳ ва дигар унсурҳои **зиддитеррористӣ** амалан иҷро гардиданд.*

ДУШАНБЕ, 02.08.2022 /АМИТ «Ховар»/.

*Special tactical exercises demonstrated methods of organizing and planning operations of paratroopers, conducting **ground and space reconnaissance**, transferring forces and assets of battalion tactical groups of an air assault brigade to areas where combat missions are performed, capturing and destroying a **terrorist base** with special tactics and methods, by means of helicopters and aircraft at various heights and difficult hills by jumping and parachuting from the rear of the enemy, landing in tactical space with armed resistance, providing personnel with material and technical means, complete destruction of illegal armed formations and other **anti-terrorist** elements.*

DUSHANBE, 02.08.2022 (NIAT Khovar)

Дар ин хабар рӯзноманигор истилоҳоти амниятии “**разведкаи заминиву фазоӣ**”, “**пойгоҳи террористӣ**”, “**зиддитеррористи” -** ро истифода намудааст. Дар матни англисӣ вожаҳои мазкур бо истилоҳоти: “**ground and space reconnaissance**”, “**terrorist base**”, **“anti-terrorist”** баргардон шудаанд, ки бо муродифҳои тоҷикияшон ҳаммаъноянд.

Ибораи амниятии **“разведкаи заминиву фазоӣ”** аз се ҷузъ иборат буда, ба маънои ба даст овардани маълумот корбаст гардидааст.

Ибораи **“разведкаи заминиву фазоӣ”** дар забони англисӣ дар **ФАТ** дар ин қолаб мушоҳида нагардидааст, аммо онро дар забони рӯзнома ва маҷаллаҳо чунин тарҷума шудааст: **“ground and space reconnaissance”**.

Калимаи “**ground”** дар **ФАТ** чунин маънидод гардидааст: 1) замин, сатҳи замин, хок, сарзамин: The ground is very rocky here. – Хоки ин ҷо серсанг аст; 2) қитъаи замин, майдон, майдонча – a sports grounds. Майдончаи варзиш; the school grounds – ҳавлии мактаб [9, с.380]. Вожаи “**space**”дар фарҳанги англисӣ чунин шарҳ ёфтааст: 1) фазо, сипеҳр, гардун, фарози осмон: There was a narrow space between their house and the next. 2) ҷой, макон, фароҳа: space for the new table – ҷой барои мизи нав; 3) фосила, масофа, дурӣ: for the space of two miles – дар масофаи ду мил [9, с.771]. Вожаи “**reconnaissance”** дар **ФАТ** чунин тарҷума ва шарҳ ёфтааст: 1) шиносоӣ, иктишоф, таҳқиқ, тафтиш; 2) дастаи иктишофӣ [9, с.669].

Ибораи амниятии “**пойгоҳи террористӣ”** дар забони рӯзнома ва маҷалла чунин тарҷума шудааст**: terrorist base.**

*Маркази матбуоти Раёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии **амнияти миллии** Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд изҳор медорад, ки новобаста аз тавофуқоти ҳосилшудаи дуҷониба дар хусуси роҳ надодан ба муноқишаҳои навбатӣ дар сарҳади давлатии Тоҷикистону Қирғизистон, ходимони сиёсӣ ва низомии Ҷумҳурии Қирғизистон бо муроҷиатҳои моҷароҷӯёнаи худ ба **барангехтани кинаву адовати миллӣ** мусоидат карда, ба муносиботи байниҳамдигарӣ ва байналмилалӣ зиён мерасонанд.*

ДУШАНБЕ, 20.10.2022 /АМИТ «Ховар»/

“Despite the agreements to prevent the escalation of new conflicts on the Tajik-Kyrgyz state border, the military and political figures of Kyrgyzstan are continuing to contribute to ***inciting ethnic hatred****, harming interstate relations,” the Directorate of the State Committee for* ***National Security*** *in Sughd said in its statement.*

DUSHANBE, 20.10.2022 /NIAT «Khovar»/.

Ибораи амниятии **“амнияти миллӣ” д**ар ФТЗТ чунин маънидод гардидааст: мансуб ба **миллат**: ҳар чизе марбут ба миллат: **масъалаи миллӣ, сиёсати миллӣ, гӯштини миллӣ, даромади миллӣ, бонки миллӣ, либоси миллӣ, мактаби миллӣ, руҳи миллӣ, тақсимоти ҳудуди миллӣ, ташкили ҳукумати миллӣ, миллӣ кардан//миллӣ кунонидан:** аз моликияти хусусӣ ба моликияти давлатӣ гузаронидани муассисаҳои калони саноатӣ, замин ва умуман ягон соҳаи хоҷагии халқ [11, с.802]; Ибораи амниятии “**барангехтани кинаву адовати миллӣ”** дар ФТЗТ чунин таҳлил шудааст: **барангехтан:** 1) шӯронидан, ба шӯр овардан, таҳрик кардан: ба ҷӯш овардан, тез кардан; ба по хезондан; 2) иғво андохтан, шӯр андохтан [11, с.133]; **кина: 1) кин: кина гирифтан (доштан)** дар дили худ нисбат ба касе адоват парваридан; 2) чашмзахм, чашмрасӣ, суқ [11, с.610]; **“адоват”** калимаи арабӣ буда, ба маънои **душманӣ, хусумат, бадхоҳӣ, кина:** мухолифат: **кинаю адоват**, қаҳру ғазаб, адовату хусумат**: адоват доштан, кина доштан, душманӣ кардан: тухми адоват коштан,** киноя аз ихтилоф андохтан байни одамон [11, с.39].

Ибораи амниятии “**амнияти миллӣ”** ба забони англисӣ чунин тарҷума шудааст: **national security.** Вожаи “**national”** дар ФАТ чунин шарҳ ёфтааст: **national: 1.** 1) шаҳрванд, табаа: two Tajik nationals – Ду шаҳрванди Тоҷикистон; 2) ҳамватан, ҳамдиёр; **2. 1)** миллӣ, мардумгонӣ: the national flag. парчами миллӣ; a national liberation movement – ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ; the national economy – хоҷагии халқ; 2) ватанӣ, миҳанӣ, ҳамагонӣ, умумӣ, марбут ба сартосари кишвар: a national newspaper – рӯзномаи умумимиллӣ [9, с.543].

Дар хабари мазкур истилоҳоти амниятии “**амнияти миллӣ**”, “**барангехтани кинаву адовати миллӣ**” корбаст шуданд, ки ба забони англисӣ чунин тарҷума шудаанд: “**national security**”, “**inciting ethnic hatred**”.

Истилоҳи амниятии “**барангехтани кинаву адовати миллӣ”** ба забони англисӣ бо ибораи **“inciting ethnic hatred”** баргардон шудааст, ки айнан ҳамин маъниро медиҳад. Вожаи англисии **“inciting”** чунин маъниҳоро дорост: 1) барангехтан; 2) иғво андохтан, ошӯбангезӣ кардан, шӯронидан [9, с.430]; **ethnic(al):** 1) қавмӣ (вобаста ба дастаи мардум, одатан ақаллият буда, дорои забон ва фарҳангу таъриху гоҳе миллат ва нажоди муштарак мебошанд): ethnical minorities. ақаллиятҳои қавмӣ; 2) қабилавӣ [9, с.296]; **hatred:** 1) нафрат, адоват, безорӣ; 2) кин, кина, хусумат; hatred is blind, as well as love. – Зарб. – Муҳаббат мисли нафрат кӯр аст [9, с.393].

Хулоса, дар забони васоити ахбори омма истилоҳоти амниятӣ дар матнҳои тоҷикӣ ва англисӣ зиёд истифода гардидаанд. Ҳангоми таҳлил ва муқоисаи матнҳои забонҳои муқоисашаванда мушоҳида намудем, ки баъзе истилоҳот таҳтуллафзӣ ва баъзеи дигар саҳеҳ тарҷума гардидааст. Инчунин, мушоҳида гардид, ки тарҷумаи истилоҳоти амниятӣ дар фарҳангҳо якранг сурат нагирифтаанд.

Муқарриз: ***Низомова С.Ф.*** – д.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Агентии миллии иттилоотии Тоҷикистон «Ховар» [сарчашмаи электронӣ] URL: https://www. Khovar tj. (санаи мурочиат: 20.10.2022)
2. Дар бораи таъсис додани Кумитаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барҳам додани Кумитаи амнияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Маҷмуи қарорҳои Президент ва Девони Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 1991. - № 12 (392).
3. Ифтихорӣ, Асғар. Мароҳили бунёдини андеша дар мутолиоти амнияти миллӣ / Асғар, Ифтихорӣ. – Теҳрон, 1381.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 15.03.2016, №1283.
5. Ленин, В.И. Полное собрание сочинение. Т 44 / В.И. Ленин. – Москва, 1982.
6. Лубянка. Органы ВЧК-ОГПУ-НКВД-НКГБ-МГБ-МВД-КГБ (1917-1991). Справочник. – Москва, 2003.
7. Маҳмадов, А.Н. Амният ҳамчун падидаи системаи иҷтимоӣ (таҷрибаи таҳлили иҷтимоию сиёсӣ) / А.Н. Маҳмадов, Ш.А. Раҷабов. – Душанбе, 2007. – 104 с.
8. Маҳмадов А.Н. Амнияти миллӣ / А.Н. Маҳмадов, Х. Қ. Сафарализода. – Душанбе, 2019.

9. Мамадназаров, А. Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ / А.Мамадназаров. – Душанбе: Эр-граф, 2021. – 1016 с.
10. Сафаров, Х.С. Актуальные проблемы законодательного регулирования и квалификация терроризма (на материалах Республики Таджикистан и стран СНГ) / Х.С. Сафаров. – Душанбе, 2006.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Иборат аз 2. ҷилд. Ҷ.1. – Душанбе, 2008.
12. Циганков, П.А. Теория международных отношений. Учебное пособие / П.А. Циганков. – М.: Гардарики, 2005.
13. Шаваев, А.Г. Разведка и контрразведка. Фрагменты мирового опыта истории и теории / А.Г. Шаваев, С.В. Лекарев. – Москва, 2003. – С.25.
14. Хлобустов, О. Госбезопасность от Александра I до Путина / О.Хлобустов. – Москва, 2005.
15. Ятимов, С.С. Политический субъект и национальная безопасность / С.С. Ятимов // «Народная газета». – 2018. – 25 июля. – №30 (20156).

КОРБУРДИ ИСТИЛОҲОТИ АМНИЯТӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур ба таври муқоисавӣ мафҳумҳо оид ба соҳаи амният ва корбурди истилоҳоти амниятӣ дар забонҳои муқоисашаванда мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ мафҳумҳои соҳаи амниятие, ки дар васоити ахбори омма истифода мешаванд, бо забонҳои муқоисашаванда, яъне бо забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муқоиса ва шарҳ додааст. Ҳарчанд тарҷумаи истилоҳоти соҳавӣ, махсусан калима ва мафҳумҳои соҳаи амниятӣ дар фарҳангҳо якранг нестанд ва ба таври комил вуҷуд надоранд, аммо муҳаққиқ кӯшиш намудааст, ки ҳар яки онҳоро дар алоҳидагӣ тарҷума, муқоиса ва баррасӣ кунад. Дар мақола усулу равишҳои замонавӣ ва самаранок дар самти омӯзиши истилоҳоти амниятӣ муайян ва пешкаш намуда шудааст. Муаллиф равиши классикии омӯзиши забон ва истилоҳоти хориҷиро бо рушди технологияи муосир омезиш додааст.

Калидвожаҳо: зиддитеррористӣ, амнияти байналмилалӣ ва минтақавӣ, терроризм, ифротгароӣ, сепаратизм, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, бесуботӣ, экстремизм.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕРМИНОВ БЕЗОПАСНОСТИ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье в сравнительном порядке исследуются понятия, относящиеся к сфере безопасности, и употребление терминов безопасности в сопоставимых языках. Исследователь сравнил и объяснил концепции безопасности, используемые в средствах массовой информации в сопоставимых языках, то есть в таджикском и английском языках. Хотя перевод полевых терминов, особенно слов и понятий сферы безопасности, не единообразен в культурах и не существует в совершенстве, но исследователь старался перевести, сравнить и обсудить каждый из них в отдельности. В статье определены и представлены современные и эффективные методы и подходы в направлении изучения терминов безопасности. Автор сочетает классический подход к изучению иностранных языков и терминологии с развитием современных технологий.

Ключевые слова: антитеррористическая, международная и региональная безопасность, терроризм, экстремизм, сепаратизм, транснациональная организованная преступность, нестабильность, экстремизм.

USING OF SECURITY TERMS IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, concepts related to the field of security and the use of security terms in comparable languages are investigated in a comparative manner. The researcher compared and explained the security concepts used in mass media in comparable languages, that is, in Tajik and English languages. Although the translation of field terms, especially the words and concepts of the security field, are not uniform in cultures and do not exist perfectly, but the researcher tried to translate, compare and discuss each of them separately. In the article, modern and effective methods and approaches in the direction of studying security terms are defined and presented. The author combines the classical approach to learning foreign languages and terminology with the development of modern technology.

Key words: Anti-terrorist, international and regional security, terrorism, extremism, separatism, transnational organized crime, instability, extremism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Илёсова Фарангис Туйчиевна*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи забонҳои хориҷӣ, факултети журналистика. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **farangis.jon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-42-49**

Сведения об авторе: ***Илёсова Фарангис Туйчиевна*** – Таджикский национальный университет, соискатель, кафедра иностранных языков, факультет журналистика. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **farangis.jon@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-26-42-49**

Information about the auther: ***Ilyosova Farangis Tuychievna*** – Tajik National University, competitor of the department of foreign languages, faculty of journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave. 17. E-mail: **farangis.jon@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-26-42-49**

ТДУ: 811.21/.22.54+811.111

ВИЖАГИҲОИ МУҲИММИ ВОСИТАҲОИ ЁВАР ДАР ТАШАККУЛИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Шарифова А.Ш.
Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ғайр аз воситаҳои асосӣ як гурӯҳ калима-морфемаҳое ҳастанд, ки дар ташаккули ҷумлаи мураккаб чун воситаи ёвар саҳм мегиранд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаб тобеияти наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла қавитар аст.

Ҷонишину бандакҷонишинҳо ва ҳиссачаҳо чун воситаи ёвари наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат мекунанд.

Ҷонишин ва бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ҳам дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда чун воситаи ёвар нақши муайяне доранд. Онҳо ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада, робитаи шаклию маъноии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро истеҳком мебахшанд.

Чуноне ки А.К. Арендс ишора карда буд, дар алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб бо пайрави пуркунанда ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, бандакҷонишинҳо саҳм доранд.

“Баъзан ҷонишинҳои ишоратие, ки бо ҳиссаи номии хабари сарҷумла дар таркиби изофӣ меоянд, пасоянди –ро мегиранд ва пуркунанда будани худро равшантар зоҳир мекунанд” [2].

*Ғами **онро** мехӯрем, **ки** сарвати маънавии бебаҳои мо ҳамеша пурҷило, гуворо ва ғанӣ бошад[1].*

Вале дар чунин ҷумлаҳо ҳам баъзан ҷонишини ишоратӣ хусусияти услубӣ дошта, барои таъкиди амали ҷумлаи пайрав истифода мешавад. Вазифаи тобеъ кардани ҷумлаи пайрав асосан ба маънои сарҷумла ва махсусан хабари он вобаста аст. Чунончи: ***Ҳеҷ кас** ҳадди **онро** надошт, **ки** аз болои онҳо ба ҷое рафта арз кунад [10].*

Метавон гуфт, ки дар таркиби изофӣ ба вазифаи хабар омадани ҷонишинҳои ишоратӣ, баръакси ибораи типи **падарро орзу, Одинаро умед** мебошад.

Ҷонишинҳои пештар номбаршударо низ бо алоқаи вобастагӣ /бо пасоянди –ро/ овардан мумкин аст, дар он сурат маънои объектӣ доштани ҷумлаи пайрав равшантар мегардад.

*Ҳафтаҳо дар интизори **он** будам, **ки** муаллим кай дарсро аз ман мепурсида бошад... Ҳафтаҳо **онро** интизор будам**, ки** муаллим кай аз ман дарсро мепурсида бошад [10]. Savannah realized **too** late **that** she wanted to ask **him** about **his** grandmother -but the dismissal in **his** voice had been unmistakable. There was **also** her article on hospice care **that still** lacked a bit of polishing before it could be sent off…. Some vital bit of information **that only** Dexter knew, **which** would flesh out the picture **of this** incredibly interesting man [15].*

Вале ин на ҳамеша қобили қабул аст. Масалан, дар мисоли типи зерин чунин таркибро ҷумлаи пайрави хабар ташреҳ медиҳад. Ҳангоми ибораи изофиро ба ибораи вобастагӣ /бо пасоянди –ро/ иваз кардан, маънои ҷумлаи пайрав дигар шуда, объекти сарҷумла – ҷумлаи пайрави пуркунанда мешавад.

*Дар сарзамини мо бо меҳрубонӣ ва меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтани меҳмонҳо шоҳиди он аст, ки мардуми советӣ ҷидду ҷаҳд доранд. Дар сарзамини мо бо меҳрубонӣ ва меҳмоннавозӣ пешвоз гирифтани меҳмонҳо онро шоҳид аст, ки мардумони советӣ ҷидду ҷаҳд доранд. It was a fine distinction, however, and **one that** made no difference whatsoever. **Still**, there was **noting** wrong with dreaming.” **What** I said was **that** I wouldn’t publish it”. And if she was very quiet, she wouldn’t disturb **anyone else**. Oh, **that’s just what** we need, she told herself. And **after that**…she wasn’t sure she’d mind, no matter **what** he did. She was standing in the middle **of his** living room wearing a pair of tailored satin pajamas, **which** suddenly felt very sexy indeed, and hoping he’d wake up and find **her there**, **just so** she could see **what** would happen [15].*

Бояд гуфт, ки дар чунин ҷумлаҳо ҷонишинҳои ишоратӣ ҳам дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайраву сарҷумла саҳми калон доранд ва ҳам ҷанбаи услубӣ дошта,

барои таъкид истифода мешаванд. Бинобар ин, дар сарҷумлаи чунин ҷумлаҳо ҷонишини ишоратӣ ҳатмӣ аст, зеро дар сурати истифода намудани он маъною вазифаи ҷумлаи пайрав тағйир меёбад: *Вай тарси* ***онро*** *дошт,* ***ки*** *дар бозгашт Зайнаб ӯро аз боғал мегирад [9].*

Қобили қайд аст, ки дар мисоли боло ҷонишини ишоратии он ба вазифаи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла омадааст. Агар ин ҷонишин фурӯгузор гардад, маъною вазифаи ҷумлаи пайрав дигар мешавад, зеро ҷумлаи пайрав объекти сарҷумла нашуда, сабаби иҷроиши амали сарҷумларо мефаҳмонад.

Чи тавре ки А.К.Арендс ишора карда буд, дар алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб бо пайрави муайянкунанда ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, бандакҷонишинҳо саҳм доранд. «В …определительных предложениях, где имеется подлежащее в русском языке «который» стало бы в косвенном падеже, там соответственно будут находится описательные косвенные падежи личных местоимений.

Для неодушевлённых в единственном числе ещё и указательное местоимение он, имеющего здесь релятивное значение. Вместо них могут быть употреблены также местоименные суффиксы» [2].

Сипас, муҳаққиқони дигари забони форсӣ (2) ва туркӣ (1, 2) ба ҳамин ақида иктифо намуда, онро густариш додаанд.

Мавриди зикр аст, ки яке забоншиносони тоҷик М.Н. Қосимова ҷонишинҳо ва бандакҷонишинҳоро ба гурӯҳи воситаҳои ёридиҳандаи тобеъкунанда дохил намуда, мавриди тадқиқ қарор додааст: “Ҷонишин ва бандакҷонишинҳо низ воситаҳои ёридиҳандаи тобеъкунанда шуда метавонанд ва барои алоқамандии ҷумлаи пайрави шартӣ бо сарҷумла ва ҷумлаҳои пайрави дигар ёрӣ мерасонанд [11].

Ӯ таҳқиқоти хешро идома дода барҳақ таъкид менамояд, ки “дар ҷумлаи пайрав калимаи асосӣ омада, дар таркиби сарҷумла он калима бо ҷонишин ё бандакҷонишинҳо оварда мешавад, ки дар натиҷа алоқамандии ҷумлаи пайрави шартӣ ва сарҷумла ба вуҷуд меояд” [2]. С.Атобуллоев бар чунин ақида буд, ки “воситаи дигари алоқаи грамматикии байни ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеи пайрави мубтадодор ҷонишинҳои шахсӣ, ишоратӣ, нафсӣ, бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва калимаҳои мустақилмаънои дигар мебошанд...” [3]. Сипас муҳаққиқ ба вазифаи субъект, объект/пуркунанда/, муайянкунандаи ҷумлаи пайрави мубтадо омадани бандакҷонишинҳои соҳибӣ ва ба вазифаи муайянкунандаи ҷумлаи пайрав омадани ҷонишини нафсии “**худ”**-ро бо бандакҷонишини соҳибии **–ашон** нишон додааст [2].

Қобили қайд аст, ки дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ҷонишин ва бандакҷонишинҳо ба вазифаи пуркунандаи /бавосита, бевосита/-и сарҷумла меоянд:

Ҳар он кас ки *шуд комрон дар ҷаҳон,*
*Парастиш кунанд****аш*** *кеҳону меҳон [12].*

Ҳар кас *аз аҳолӣ ба муқобили* ***инҳо*** *дам занад, аз дами тег ... мегузаронид****аш*** *[4];* ***Ҳар касе*** *ба назди Ҷомӣ меомадааст, шоири бузург бо ӯ менишастааст .*

Кунун ***ҳар чӣ*** *гуфтам,* ***ҳама*** *гӯш дор,*
Суханҳои хуб андар огӯш дор [9].

Savannah looked up ***so*** *fast* ***that her*** *neck snapped. The diamond pattern knitted into the sweater added breadth to* ***his*** *shoulders* ***that*** *made* ***him even*** *more formidable than usual. Savannah supposed she shouldn’t be terribly surprised* ***that*** *she wasn’t to be allowed any privacy to make* ***her call [15]****.*

Бояд гуфт, ки ҳиссачаҳо низ чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда хизмат карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубу нобоваріро қувватнок мекунанд.

Ҳиссачаи **“-ку”** дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда чун воситаи ёвар саҳм дорад, ҳамон тавре ки маълум аст, муҳаққиқони таърихи забон дар форсии миёна /паҳлавӣ/ истифода шудани пайвандакҳои **“ка”,”ки”-ро** нишон додаанд [1, с.39/. В.С. Расторгуева ҳамчунин таъкид мекунад, ки “В более редких случаях в качестве подчинительного союза в этом сложноподчинённых предложений исползовались: 1/ вопросительно-относительное местоимение «ки» /»**кто**»/…» [8].

Е.К. Молчанова илова мекунад, ки дар забони форсии миёна, “Ҳолатҳои якдигарро иваз кардани пайвандакҳои **“ка”, “кӣ”,”кё”** мушоҳида мешавад [7].

Ҳиссачаҳои **танҳо, фақат** барои аз миёни ҳодисаю воқеаҳои зиёд ҷудо кардани он чӣ, ки дар ҷумлаи пайрав гуфта шудааст ва барои таъкид кардану заруртар будани он истифода мешаванд: *... фақат ҳаминро илова кардан мехоҳам, ки ... амалдорон ва наздикони амир... ба муқобили стансияи Қизилтеппа ҳаракат сар кардаанд [5]. “For a person **who** although he may not have done **these** murders, must have had **something** to do **with them**. «**That** was **what** they said». Among **those who** spent **too** much money, I spent more; and added new forms of wrongdoing to the older ones already known well at the university. I learned and used **all** the evil skills of **those** men **who** make a living by playing cards [14].*

Ҳиссачаи **“ҳам”** барои таъкиди ҷонишини ишоратӣ истифода шудааст, ки тавассути он диққати шунаванда /хонанда/ ба ҷумлаи пайрав ҷалб мешавад*; **Инро ҳам** ифтихору сарбаландии худ медонам**, **ки ин** хазинаи мероси пурсаховати сухан – забони адабии тоҷик, дар радифи забонҳои зиёди Ватан ва забонҳои дигари эронӣ арзи ҳастӣ мекунад ва инкишоф меёбад [13]. **Ҳаминро ҳам** бояд иқрор кунам, муҳаббати ман бардурӯг ... бошад, **ҳам** самимӣ ва аз қалби ҷавонии соф омадани муҳаббати ӯ маълум шуда меистод [10]. It was the grave sound of **those** two, **simple,** well-known words, spoken in a whisper**, which** reached into my soul. I learned **that** for family reasons he had suddenly left the other school on the afternoon of the day I **myself** had gone. I felt such wonder and **even** terror of **him that** I believed **myself** to be weak and helpless [14].*

2. Гурӯҳи дигар ҷонишинҳое мебошанд, ки дар таркиби сарҷумла омадани онҳо ҳатмист. Маҳз ба туфайли ин ҷонишинҳо, ки ба вазифаи пуркунанда /-и бевосита ё бавосита/-и сарҷумла омадаанд, маъною вазифаи ҷумлаи пайравро равшан карда, дуруст тасниф кардан мумкин аст. Дар сурати фурӯгузор шуданашон он ҷумлаи мураккаби тобеъ чун воҳиди наҳвӣ ё мавҷудияти худро аз даст медиҳад, ё маъною вазифаи ҷумлаи пайрав дигар мешавад. Бинобар ин метавон гуфт, ки онҳо як унсури асосии ташаккули чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеанд. Дар ин хели ҷумлаҳои мураккаби тобеъ баъзан ҷонишинҳои ишоратии **он, ин, ҳамин, ҳамон** муайянкунандаи ҷузъи номии хабари сарҷумла шуда меоянду ҷумлаи пайрави пуркунандаи бевосита бар эзоҳи онҳо: *Ҳафтаҳо дар интизори он будам, **ки** муаллим кай дарсро аз ман мепурсида бошад... [1]. Ҷавон бештар мафтуни **он** буд, **ки** дар давоми чандин моҳҳо аввалин бор субҳ дар пеши назари ӯ ин гуна ором, зебо ва навозишкорона медамид [10].*

“Баъзан ҷонишинҳои ишоратие, ки бо ҳиссаи номии хабари сарҷумла дар таркиби изофӣ меоянд, **пасоянди –ро** мегиранд ва пуркунанда будани худро равшантар зоҳир мекунанд” [2].

*Ғами **онро** кам мехӯрем**, **ки** сарвати маънавии бебаҳои мо ҳамеша пурҷило, гуворо ва ганӣ бошад [13]. Тавассути калимаи мазкур хостем, **ки** ҳастии миллати тоҷик, вазъи сиёсии **онро** дар аснои парешонию сарсониҳои миллатҳои дигар нишон диҳем. Маънои дигари ин калима ташкилоти сиёсии як **ҷомеаро**, ки созмонҳояш умури **онро** идора мекунанд, мебошад[13].*

Вале бояд зикр намуд, ки дар чунин ҷумлаҳо ҳам баъзан ҷонишини ишоратӣ хусусияти услубӣ дошта барои таъкиди амали ҷумлаи пайрав истифода мешавад. Вазифаи тобеъ кардани ҷумлаи пайрав асосан ба маънои сарҷумла ва махсусан хабари он вобаста аст. *Чунончи: **Ҳеҷ кас** ҳадди **онро** надошт**, **ки** аз болои онҳо ба ҷое рафта арз кунад [4]. Маънои дигари **ин** ҷумла аз **он** иборат аст, **ки** ба мардуми тоҷик, дар ҳақиқат, яздони пок давлати бепоён**ро** ато намудааст [13].*

Ҳиссачаҳои “**наход”, “чаро”** дар таркиби ҷумлаи пайрав омада, чун воситаи қувватдиҳандаи алоқаи наҳвӣ саҳм мегиранд. Он ба ҷумла маънои тааҷҷуб, пурсиш ва суолро медиҳад. *Бигӯед, **наход** дар зарфи се сол **ақаллан** нимрӯза фурсат ёфта натавонистед [6]. Бигӯ, **чаро** гоҳо дар идора, дар ҷойи кор як хел гап мезанию берун аз идора дигар хел [1]. Медонед, **чаро** аз шумо одам мегиранд [5].*

Ҳиссачаҳо бештар дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи бепайвандак кор фармуда мешаванд. Чунин ҷумлаҳо дорои хусусияти баланди эмотсионалӣ-экспрессивӣ буда, ҳангоми гузоштани пайвандак ин хусусияти онҳо аз байн меравад. Ҷумлаҳои мураккаби

тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда, ки дар онҳо ҳиссачаҳо чун воситаи ёвари алоқаи наҳвӣ хизмат мекунад, хосси услуби гуфтугӯӣ мебошанд.

Дар забони тоҷикӣ ба сифати унсурҳои забонии диққатҷалбкунанда ва муассиркунандаи матнҳои мазкур бештар ҳиссачаҳо, ҷумлаҳои саволию хитобӣ, нидоҳо, калима, ибора ва ҷумлаҳои модалӣ ва воҳидҳои ба нутқ воридкунанда меоянд, ки онҳоро ҳаддалимкон аз назар мегузаронем:

Дар ин вазифа хелҳои зиёди ҳиссачаҳо истифода бурда мешаванд:

а). **Ҳиссачаҳои ишоратӣ**: **ин, он, ҳамин, ҳамон, чунон, ончунон, чунин**, **мана, ана**. Ҳиссачаҳои ишоратӣ дар забони тоҷикӣ сервазифа мебошанд. Онҳо на фақат барои ишорат хизмат мекунанд, инчунин барои ҷалб кардани диққати хонанда (шунаванда), барои бо қувваи зиёд таъкид намудан, ҷудо кардани ин ё он маъно (калимаю ибора) ва фикр ё фикрҳои яклухти ҷудогона кор фармуда мешаванд. Чунончи: *Ин хосият сабаби як ҳодисаи нодири табиӣ, яъне "нурҳои раҳгум" аст, ки дар асоси ин хурофоте пайдо шудааст, ки **гӯё** руҳи мурдаҳо аз гӯр мебаромада бошад[1].*

б). **Ҳиссачаҳои маҳдудӣ (ҷудокунанда**): **фақат, танҳо, маҳз, лоақал**, **ақаллан** ва ҳоказо. Ҳиссачаҳои мазкур низ барои ҷудо кардан ва нишон додани порчаҳои муҳимми матн оварда мешаванд. Онҳо ҳам хусусияти диққатҷалбкунӣ доранд:

Фақат гандум, ҷав, ҷавдор, олуболу ва бисёр растаниҳои дигар як тухммуғча, пахта бошад, даҳҳо тухммуғча дорад.

в). **Ҳиссачаҳои таъкидӣ - таъинӣ**: **ҳатто, то ҳатто, охир, ҳам, низ, боз ҳам**, **хусусан, махсусан, алалхусус, расо.** Ҳиссачаҳои номбурда бо мақсади таъкид намудан ва аниқ муайян кардани фикри муҳимми матн аз тарафи муаллиф оварда мешаванд:

*Қариб ҳар як қишлоқи кӯҳсори мамлакатамон чароғи электрикӣ дорад: **охир,** стансияҳои электрикии дар дарёҳои кӯҳӣ сохташуда ба миқдори зиёд энергияи арзони электр медиҳанд. Машғулияти асосии сокинони кӯҳҳо парвариши чорво аст. **Охир**, заминҳои васеи ҳамвор, ки одамон бояд бо зироат машғул шаванд, дар кӯҳу камар, **ҳатто** парандаҳо даррандаро, ки баъзеҳо зарарнок мешуморанд, бояд ҳимоя кард. Чунки онҳо **ҳам** аҳаммияти хоҷагӣ, санитарӣ-беҳдоштӣ, зебоӣ доранд [3].*

г). **Ҳиссачаҳои тасдиқӣ (ҳа, оре, бале, ал-ҳақ**) андешаву мулоҳизаҳои муҳимтарини муаллифро тасдиқ мекунанд, онро қувват медиҳанд ва бо ҳамин васила ба он тобиши муассирӣ мебахшанд.

д). **Ҳиссачаҳои инкорӣ (не, на, ҳеҷ, ҳаргиз)** қатъият ва дар фикру ғоя устувор будани муаллиф ё шахси дигарро ифода намуда, бо оҳанги махсус ва баландтар садо медиҳанд ва бо ҳамин диққати хонандаро ба порчаи матн ё порчаи муҳимми он ҷалб менамоянд:

***Ҳеҷ** нашунидаем, ки он аз ҳаво сохта ё таркиб ёфта бошад. Майдони ҳавоӣ дар забони тоҷикӣ **ҳеҷ гоҳ** аэропортро ифода карда наметавонад [11].*

е). **Ҳиссачаҳои саволӣ: -мӣ, -чӣ,-ку,-наход (ки), магар, на ин ки** ва ғайра маънои гумон, шубҳа, нобоварӣ, ҳайратро ифода мекунанд ва ба фикру мулоҳизаҳои муаллифи матн диққати хонандаро ҷалб менамоянд: Масалан, "*Калима маҷмуи овозҳоест, **ки** маъно дорад*". ***Магар** суффиксу префиксҳо ҳам маҷмуи овозҳо ва маъно надоранд? "Калима таркиби овозҳоест, **ки** мафҳумро мефаҳмонад".*

Калимаю ибора ва ҷумлаҳои туфайлие, ки ба кӣ тааллуқ доштани фикр, сарчашмаю баромади онро нишон медиҳанд. Чунончи: **тавре ки ... таъкид мекунанд, маълум мешавад, шумо медонед, мо гуфта метавонем (медонем), аз рӯйи гуфти фалон олим, мувофиқи ҳисоби фалон муҳаққиқ, баробари инкишофи (комёбиҳо, дастовардҳо)-и ин ё он фан, аз рӯйи маълумоти ин ё он соҳаи илм, аз рӯйи маълумоти фалонӣ** ва ҳоказо.

Қобили қайд аст, ки дар забони англисӣ ҳиссачаҳо мисли забони тоҷикӣ ба вазифаи алоқамандсозии калимаҳо, аъзоҳои пайрав ва гурӯҳи калимаҳо меоянд. Ҳиссача яке аз ҳиссаҳои номустақили нутқ аст, ки дорои маъноҳои эмотсионалӣ - эмфатикӣ ба дигар калима, ё гурӯҳи калимаҳо, ё ҷумлаҳои пайравро соҳиб мебошанд.

Ҳиссачаҳои забони англисӣ ҳам чун ҳиссачаҳои забони тоҷикӣ дар ҷумла вазифаи мустақилро доро нестанд.

Мувофиқи маъно ва мазмун ҳиссачаҳои забони англисӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо мешаванд:

1. **Ҳиссачаҳои маҳдудӣ:** ***only, just, but, alone, solely, merely, barely,*** *etc.*

*I **only** wanted to make you speak.*

***Just** one question, Mrs. Dartie. Are you **still** fond of your husband? [6].*

*Soames was **but** following in the footsteps of his father.*

*Her name **alone** was almost enough for one who was terribly suscepctible to the charm of words [6].*

*He had taken up with it **solely** because he was starving [7].*

*She (Ruth) thought she was **merely** interested in him (Martin) as an unusual type possessing various potential excellences, and she **even** felt philanthropic about it [6].*

*They were spreading not **merely** on the surface, but within [14].*

*He **barely** acknowledged the young fellow's salute [6].*

*2. **Ҳиссачаҳои маҳдудӣ: simply, still, just, yet, all, but, only, quite, even,** etc.*

*He made plans to renew this time in places **still** more delightful [14].*

*He **just** did dislike him [15].*

*They did not **even** know that he was married [15].*

*If Jo were **only** with him! [6].*

But out there he'll simply get bored to death [14].

*3. **Ҳиссачаҳои пайвасткунанда: too, also.***

*Higgins comes in. He takes off the hat and overcoat **too**.*

*Pickering comes in. He **also** takes off his hat and overcoat.*

He (James) was silent. Soames, too, was silent [6].

4. **Ҳиссачаҳои инкорӣ*: not, never.***

***No**, he was **not** afraid of that [15].*

*She looked round her. Nothing – **not** a thing**, no** tiniest disturbance of her hall, **nor** of the dining room [14].*

*I **never** spoke to him except to ask him to buy a flower off me.*

*Баъзе ҳиссачаҳо сермаъно ҳастанд чун ҳиссачаи **Just, only.***

*That's **just** his way of talking [14].*

***Why,** I think, that's a terribly price to ask for it, **just** awful [6].*

*French people **only** come to England to make money [6].*

*If **only** there were a joyful future to look forward to!*

Лозим ба ёдоварист, ки тақрибан ҳамаи ҳиссачаҳо бо дигар ҳиссаҳои нутқ якмаъно (омоним) ҳастанд, махсусан бо зарфҳои **simply**, вале бо пайвандакҳои **but,** ҷонишинҳои **all**, ва сифатҳои **only** ҳаммаъно ҳастанд. Ҳиссачаҳои **else, solely, merely** калимаҳои ҳаммаъно (омоним)-ро доро нестанд.

Ҳиссачаҳо низ чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубу нобоваро ифода мекунанд.

Ҳиссачаи **"-ку"** дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда чун воситаи ёвар саҳм дорад, ҳамон тавре ки маълум аст, муҳаққиқони таърихи забон дар форсии миёна /паҳлавӣ/ истифода шудани пайвандакҳои **"ки", "ки"**-ро нишон додаанд.

Дар забони адабии тоҷик **"-ку"** чун ҳиссача мансуб шуда, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ду вазифаро иҷро мекунад.

1.Чун воситаи ёрирасон дар алоқаи ҷумлаи пайрав бо сарҷумла хизмат мекунад.

2. Тобишҳои гуногуни маъноиро ифода мекунад.

Ҳиссачаҳои **–ку, -мӣ, -чӣ, -дия, -наход, -чаро,** барои пурқувват намудан ва ба таври махсус қайд кардани факт, воқеа ё ҳодисае, ки гӯянда дар бораи он сухан меронад, хизмат мекунанд. Онҳо барои ифодаи хашму ғазаб, эътироз ё ишораю таъкиди махсуси фикри гӯянда, пурсиш, тааҷҷуб ба кор бурда мешаванд.

Ҳиссачаҳои **"-ку", "-мӣ", "-чӣ", "-дия", "наход", "чаро"** дар таркиби сарҷумла меоянду ба ҳодиса, воқеа ё фикре ишора карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубро қувватнок мекунанд.

Ҳиссачаи "-ку" дар таркиби сарҷумла меояд ва ба ҳодиса, воқеа ё фикре ишора мекунад: *Гуфта будам-**ку**, дилам ким – **чӣ** хел суст шудагӣ. Ҳой калла, гуфтам –**ку**, ҳавои тоза мехӯрӣ [7].*

Ин ҳиссача ҳамеша дар охири феъл – хабари сарҷумла меояд. Бинобар ин, пас аз хабар ҷойгир шуда, дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда бо сарҷумла саҳм мегирад: *...ман ба ту гуфтам-**ку**, аз ҳамин рӯз эътиборан ту аз отряд озод ҳастӣ (11). Гуфтаанд-**ку** оқилон... духтари саросема ба дасти шавҳари ноаҳл меафтад (3).*

Дар ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда ҳиссачаи **“-ку”** тобишҳои зеринро ифода мекунад.

а) Барои тасдиқи фикри пешина кор фармуда мешавад. –Не ман ба шумо гуфтам-**ку**, ман комсомолка, чӣ кор кунам. Гуфтам-**ку** барои чилим кашиданаш амри маъруф карда будам [11].

Бояд гуфт, ки чунин ҷумлаҳои мураккаб хосси забони гуфтугӯӣ буда, дар нутқи персонажҳо низ дида мешаванд. Дар ин хели ҷумлаҳои мураккаб задаи ҷумла ба хабари сарҷумла, ки ҳиссачаи “-ку” ба он алоқаманд аст, меафтад ва ҷумла дорои хусусияти баланди экспрессивӣ – эмотсионалӣ мешавад.

Бинобар ин, дар чунин ҷумлаҳои сода асосан ба маънои пурсиш истифода шавад ҳам, дар ҷумлаҳои мураккаб бо пайрави пуркунанда ғайр аз маънои суолу пурсиш маъноҳои ба ёд овардан, таъкид, ишора, гумону тахмин ва огоҳиро низ ифода мекунад. Дар алоқаи грамматикии ҷузъҳои ҷумлаи мураккаби тобеъ саҳм мегиранд. Мисолҳо:

*Медонед – **мӣ**, ман ҳамаро қоил кунондам. Медонед – **мӣ**, ман дар вақти каланди дуюм табгир шуда хобида будам. Охир, гӯед намешуд – **мӣ**, нӯги гап дар ин ҷой буд [8].*

Мисолҳо гувоҳи онанд, ки ин тарзи ҷумласозӣ хосси забони гуфтугӯист.

Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ одатан ҳиссача бо хабари сарҷумла меояд. – Медонӣ – **мӣ** ... баъд аз ду рӯзи воқеа маҷлиси умумии колхоз шуд [10]. – Марги хоб, - гуфт Салимбой, - хобро, ки мегӯяд, ҳар шаб аст, фардо вақт мешуд – **мӣ**, ки шумо ба ман саргузашти худатонро гуфта диҳед.

Ҳиссачаи **“-чӣ”** дар охири сарҷумла омада маънои амру фармонро пурқувват мекунад. Гӯй – **чӣ**, дар ҳамон вақт ҳам кори зараррасонандагии худро медиҳӣ, ё не? [11].

Дар чунин ҷумлаҳои мураккабе, ки ҳиссачаи “чӣ” чун воситаи ёвари алоқаи наҳвӣ омадааст, гузоштани пайвандаки “-ки”, аввалан, ҳиссачаро ихтисор мекунад, сониян оҳанги гуфтор (интонатсия)-ро тағйир дода, тобиши маъноии ҷумла аз байн меравад.

*Равшан карда **гӯӣ – чӣ**, чӣ гуна натиҷа охир. Канӣ бинем, ки ба сари ман кӣ мушт мебардоштааст [9].*

Ин ҳиссача ҳам, ҳамеша дар охири сарҷумла меояд ва ҷумлаи пайрави пуркунанда одатан баъд аз сарҷумла ҷойгир мешавад.

Ин ҳиссачаҳо дар охири феъли сарҷумла меоянд. Бинобар ин, пас аз хабар ҷойгир шуда, дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда бо сарҷумла саҳм мегиранд.

Хулоса, ҷумлаи пайрави пуркунанда бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла низ меояд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пуркунандаи сарҷумла бо ҷонишинҳое ифода меёбанд, ки маънои умумӣ доранд, маънои мушаххаси онҳо маҳз тавасути ҷумлаи пайрав равшан мегардад.

Муқарриз: ***Ризоева Г.И.*** – н.и.ф., дотсенти ДТИТ

А Д А Б И Ё Т

1. Айнӣ, С. Ёддоштҳо / С.Айнӣ. Қ.II-III. - Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1954. – 325 с.
2. Арендс, А.К. Наҳви мухтасари забони муосири адабии форсӣ / А.К. Арендс. - М., Л.: Нашр. АИ ИҶШС, 1941. - С.957 с.
3. Атобуллоев, С. Ҷумлаҳои пайрави мубтадо ва хабар дар забони адабии ҳозираи тоҷик / С.Атобуллоев. - Душанбе: Дониш, 1957. – 193 с.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. - Сталинобод, 1956. – С.8-10.
5. Икромӣ, Ҷ. Шодӣ / Ҷ.Икромӣ. – Сталинобод: Нашрдавлтоҷик, 1954. – 236 с.
6. Маслова, А.М. Забони англисӣ барои донишгоҳҳои тиббӣ / А.М. Маслова ва диг. - Москва, 2014. – 336 с.
7. Молчанова Е.К. Асосҳои наҳви забони форсии миёна: автореф: дис.ном.илм.филол. / Е.К. Молчанова. - М., 1963. – 19 с.
8. Расторгуева, В.С. Среднеперсидский язык / В.С. Расторгуева. – М.: Наука, 1938. – С.133-149.
9. Тоҷиев, Д.Т. Калимаҳои бо пайвандакҳо ҳамнисбат дар ҷумлаҳои мураккаби тобеи забони адабии тоҷик / Д.Т. Тоҷиев. - Душанбе,1966 – 224 с.
10. Улуғзода, С. Навобод / С.Улуғзода. - Сталинобод: нашр. давл. Тоҷикистон, 1953. – 456 с.

11. Қосимова, М.Н. Ҷумлаи пайрави шартӣ дар забони адабии тоҷик / М.Н. Қосимова. - Сталинобод: Нашр.АИ ИҶШС, 1961. – 236 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Ашъори гузида / Шерозӣ, Ҳофиз. - Душанбе: Ирфон, 1971. – 568 с.
13. Эмомалӣ Раҳмон. Президенти мо. – Душанбе, 2006. – 309 с.
14. E Poe.Six tales of fear / Poe Edgar. – Washington, 1993. – 128 p.
15. Leigh Michael. Taming a Tycoon / Michael, Leigh. - Canadian trade marks office, 1995. – 186 p.

ВИЖАГИҲОИ МУҲИММИ ВОСИТАҲОИ ЁВАР ДАР ТАШАККУЛИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ ПУРКУНАНДА ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда ғайр аз воситаҳои асосӣ як қатор калима-морфемаҳое ҳастанд, ки дар ташаккули ҷумлаи мураккаб чун воситаи ёвар саҳм мегиранд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаб тобеияти наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда ба сарҷумла қавитар аст. Ҷонишину бандакҷонишинҳо ва ҳиссачаҳо чун воситаи ёвари наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат мекунанд. Ҷонишин ва бандакҷонишинҳои шахсӣ-соҳибӣ ҳам дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо пайрави пуркунанда чун воситаи ёвар нақши муайяне доранд. Онҳо ба вазифаи пуркунандаи сарҷумла омада, робитаи шаклию маъноии сарҷумлаю ҷумлаи пайравро истеҳком мебахшанд. Ҳиссачаҳо низ чун воситаи ёвари алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави пуркунанда хизмат карда, маънои таъкид, пурсиш ва тааҷҷубу нобоваріро қувватнок мекунанд. Ҳиссачаи **“-ку”** дар алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави пуркунанда чун воситаи ёвар саҳм дорад, ҳамон тавре ки маълум аст, муҳаққиқони таърихи забон дар форсии миёна /паҳлавӣ/ истифода шудани пайвандаки **“ка”, “ки”**-ро нишон додаанд. Ҳиссачаҳои **танҳо** ва **фақат** барои аз миёни ҳодисаҳою воқеаҳои зиёд ҷудо кардани он чӣ, ки дар ҷумлаи пайрав гуфта шудааст ва барои таъкид кардану заруртар будани он истифода мешаванд. Ҳиссачаи **“ҳам”** барои таъкиди ҷонишини ишоратӣ истифода шудааст, ки тавассути он диққати гӯянда (шунаванда) ба ҷумлаи пайрав ҷалб мешавад. Хулоса ҷумлаи пайрави пуркунанда бар эзоҳи пуркунандаи бевоситаи сарҷумла низ меояд. Дар чунин ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пуркунандаи сарҷумла бо ҷонишинҳое ифода меёбад, ки маънои умумӣ доранд, маънои мушаххаси он тавассути ҷумлаи пайрав равшан мегардад.

Калидвожаҳо: ҳиссача, таъкидӣ, эмотсионалӣ, экспрессивӣ, тобишҳо, синтаксис, алоқа, маъноӣ, ғазаб, эътироз, ифода, грамматика, феъл, хабар, сарҷумла, ҷумлаи пайрав, пуркунанда, тобеъ.

ВАЖНЫЕ ОСОБЕННОСТИ ВСПОМОГАТЕЛЬНЫХ СРЕДСТВ ПРИ ОБРАЗОВАНИИ СЛОЖНОПОДЧИНЁННЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ С ПРИДАТОЧНОЙ ЧАСТЬЮ ДОПОЛНЕНИЯ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В сложных предложениях с придаточной частью допонение имеется ряд слов-морфем, которые способствуют образованию сложного предложения в качестве вспомогательного средства, помимо основного средства. В таких сложных предложениях сильнее грамматическая подчиненность сложного предложение с придаточной частью дополнения. Местоимения, сослагательные местоимения и частицы служат грамматическими вспомогательными средствами для сложного предложения с придаточной частью. Местоимения и лично-притяжательные местоимения также играют определенную роль в образовании сложноподчинённого предложения с придаточной частью дополнения в качестве вспомогательного средства. Они выступают в роли дополнение главной предложения и усиливают связь между формой и смыслом сложного предложения и придаточной частью дополнения. Частицы также служат вспомогательным средством грамматической связи сложных придаточных предложений с придаточной частью дополнения, усиливая значение ударения, вопроса, удивления и недоверия. Причастие **«-ку»** способствует грамматической связи сложного предложения в качестве вспомогательного средства. Как известно, исследователи истории языка показали употребление союзов **«ка», «ки»** в среднеперсидском/ Пехлеви/. Только частицы используются для того, чтобы выделить сказанное в следующем предложении из множества событий, подчеркнуть и сделать его более необходимым. Причастие **“также”, “тоже”** используется для подчеркивания указательного местоимения, посредством которого внимание говорящего (слушающего) обращено на придаточное предложение. В заключение сложное предложение с придаточной частью дополнения также употребляются для комментирования прямого придаточного дополнительного предложения. В таких сложноподчиненных предложениях с придаточной частью дополнения в главном предложении присутствуют местоимения, имеющие общее значение, их конкретное значение уточняется придаточным предложением.

Ключевые слова: частица, эмфатический, эмоциональный, экспрессивный, тон, синтаксис, связь, значение, гнев, протест, выражение, грамматика, глагол, сказуемое, подлежащее, придаточное предложение, заполнитель, придаточное предложение.

IMPORTANT FEATURES OF AUXILIARY MEANS IN THE FORMATION OF THE OBJECT CLAUSE SENTENCE IN TAJIK AND ENGLISH

In complex subordinate clauses with a object clause there are a number of morpheme words that contribute to the formation of a complex sentence as an auxiliary means, in addition to the main means. In such complex sentences, the grammatical subordination of the object clause sentence to the subject is stronger. Pronouns, subjunctive pronouns, and particles serve as grammatical aids for the object clause. Pronouns and personal possessive pronouns also play a role in the formation of a complex sentence with a object verb as an auxiliary. They act as principle sentence and reinforce the connection between the form and meaning of the sentence and the subsequent sentence. Particles also serve as an aid in the grammatical connection of complex subordinate clauses

with the subsequent object clause, reinforcing the meaning of stress, question, surprise, and incredulity. The participle **"-ku"** contributes to the grammatical connection of the compound sentence as an aid, as is known, the researchers of the history of the language have shown the use of the particles "**ka", "ki"** in Middle Persian / Pahlavi. Only particles are used to highlight what is said in the compound sentence from the many events and events and emphasize and make it more necessary. The particle **"also"** is used to emphasize the demonstrative pronoun, through which the attention of the speaker (hearer) is drawn to the object clause sentence. In conclusion, the subsequent object clause sentence also comes to the notice of the direct object clause sentence. In such complex sentences, the object of the sentence is represented by pronouns that have a general meaning, its specific meaning is specified by the compound sentence.

Key words: particle, emphatic, emotional, expressive, tone, syntax, connection, meaning, anger, protest, expression, grammar, verb, predicate, subject, subordinate clause, filler, subordinate clause.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳо. **Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, кӯч. К.Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Сведение об авторе: ***Шарифова Адолатхон Шарифовна*** - Медико-социальный институт Таджикистана, кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедры языков. **Адрес:** Республика Таджикистан, Душанбе, ул. К. Сеткина 2. Тел.: **(+992) 918-30-57-17**

Information about the author: ***Sharifova Adolatkhon Sharifovna*** - Medical and Social Institute of Tajikistan, candidate of philological science, docent, the Head of department of languages. **Address:** Republic of Tajikistan, Dushanbe, K. Setkina Str., 2. Tel.: **(+992) 918-30-57-17**

ТДУ: 811.21/.22.53+811.111

СОХТОРИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Ҳаитов А.Ҷ.
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил меёбад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад. Ин таъриф чунин маъно дорад, ки таркиби ҷумлаи мураккаб аз ду ҷумлаи сода кам намешавад, вале зиёд шуданаш мумкин аст. Дар ҷумлаи мураккаб амалу ҳодиса ва фикри шахси гӯяндаю нависанда батафсил ва барҷастатар зикр мегардад: **Рӯз сафед шуд, босмачиён гирди қалъа ҳам шитобкорона ба тарафи пушти қароргоҳи худ медавиданд** (С. Айнӣ, Дохунда).

Ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи сода ба куллӣ фарқ мекунад. Ҷумлаи сода аз як калима ва гурӯҳи калимаҳои бо ҳам алоқаманд, ки дорои як мубтадою як ё якчанд хабар мебошанд, ташкил меёбад.

Ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб бо ду роҳ алоқаманд мешаванд: пайваст ва тобеъ.

Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои сода нисбатан озод ва мустақил мебошанд: **Армияи советӣ чун офтоб аз Шарқ ба Ғарб мерафту душман монанди соя аз он мегурехт** (Р. Ҷалил, Бозгашт аз биҳишт).

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ як ҷумлаи сода ба зарурати пуррашавии маъно аз мазмуни ҷумлаи содаи дигар зикр мегардад: **Пётр, пеш аз он ки равад, хотири ҳанӯз осуда нагаштаи ятими бекасу кӯйро ҷамъ карданӣ шуд** (Р. Ҷалил, Одамони ҷовид).

Аз ин рӯ, ҷумлаҳои содаро аз ҳам ҷудо хонем, ё нависем ҳам, аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати гуфтору оҳанг онҳо ноқису норавшан меноманд.

Дар забоншиносии тоҷик ҷумлаҳои мураккабро аз ҷиҳати сохту таркиб ва ифодаи маънову мазмун ва воситаҳои алоқа ба се гурӯҳ ҷудо мекунанд: ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ва ҷумлаҳои мураккаби омехта.

Ҷумлаҳои мураккаби пайваст аз ду ва зиёда ҷумлаҳои содаи мустақил таркиб меёбанд.

Мустақилиятии ҷумлаҳои сода, агар аз як тараф, ба худи маъно ва мазмуни онҳо вобаста бошад, аз тарафи дигар, ба воситаҳои алоқаи грамматикӣ вобастаанд: **Боз хомӯшӣ сар шуд, пас аз чанд дақиқа ба манзил наздик расиданд** (С. Айнӣ, Дохунда). **Суруд ба охир расид ва мардум як-як аз пайи корҳояшон рафтанд** (М. Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар).

Ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаҳои мураккаб тавассути се хели воситаи алоқа васл мегарданд: пайвандакҳои пайвасткунанда, интонатсия ва мутобиқати шаклҳои феълӣ (хабари ҷумлаҳо).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз ҷиҳати муносибати маъноии байни ҷумлаҳои сода ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки ҷумлаҳои содаи онҳо воқеа ва ҳодисаҳои бо ҳам алоқамандро инъикос кунанд ҳам, новобаста ба тақозои мазмуни аъзоҳои якдигар васл мешаванд ва агар яке истисно шавад, дигаре мазмунан зиёне намебинад: Мурод **бо шунидани ин воқеа дар хаёл фурӯ рафт ва бой барои баровардани Мурод аз ҳар гуна хаёлот боз давом намуд** (С. Айнӣ, Ятим).

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки дар онҳо як ҷумлаи сода бо тақозои маъно ва мазмуни ягон аъзои ҷумлаи содаи дигаре васл мегардад: **Ас пас мошини дигаре меомад, ба он низ ҳамсафарони мо савор буданд** (Ф. Муҳаммадиев, Дӯстон тоҷи сар).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро аз ҷиҳати дарбаргирии миқдори ҷумлаҳои сода низ ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст.

1. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки фақат аз ду ҷумлаи сода таркиб меёбанд: **Маҷлис тамом шуд, ҳама таҳоратҳоро тоза карда барои адои намози худ тайёр шуданд** (С. Айнӣ, Дохунда).

2. Ҷумлаҳои мураккаби пайвасте, ки таркибан аз якчанд ҷумлаи сода иборатанд: **Шаб торик, барф меборад, лою барфи яхкардаи кӯчаҳои Душанбе то миёни аспу одам мебаромад** (С. Айнӣ, Дохунда).

Хусусияти дигари ҷумлаҳои мураккаби пайваст ин аст, ки дар баъзеи онҳо як ҷумлаи сода нопурра буда, дар ҷумлаи содаи минбаъда таркибан пурра тасаввур карда мешавад ё баръакс. **Ӯ аз ман як шеър талаб кард ва ман аз ӯ (С. Айнӣ**, Ёддоштҳо). **Мӯйҳои ҳама як тараф буданду мӯйҳои Солеҳа гуфтагӣ як дугонаи ҷамолакиям як тараф** (Р. Ҷалил, Бозгашт аз биҳишт).

Ҷумлаҳои мураккаби пайвастро мувофиқи дараҷаи истифодашавии воситаҳои алоқа, банду баст ва тарзи ташаккулёбиашон ба хелҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст: ҷумлаҳои мураккаби пайвасти пайвандакдор, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти бепайвандак, ҷумлаҳои мураккаби пайвасти феъли ҳолӣ ва ҷумлаҳои эзоҳӣ.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ аз ҷумлаҳои мураккаби пайваст ба куллӣ фарқ мекунанд. Дар ҷумлаҳои мураккаби пайваст ҷумлаҳои сода нисбатан баробарҳуқуқанд. Аммо дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ як ҷумлаи сода ба ҷумлаи содаи дигар тобеъ аст. Ҷумлаи тобеъкунанда сарҷумла буда, ҷумлаи тобеъшаванда, ҷумлаи пайрав мебошад, ки сарҷумларо аз ягон ҷиҳат: тарзи иҷрои амал, замону макон, сабабу мақсад ва ғайра шарҳу эзоҳ медиҳад. Дар наҳви ҷумлаҳои сода, чунон ки аз назар гузаронидем, сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав мавҷуданд. Дар наҳви ҷумлаҳои мураккаб вобаста ба он сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрав ҷумлаҳои пайрав мушоҳида мегарданд. Агар аъзоҳои пайрав ба воситаи калима, таркиб ё ибораҳои гуногун ифода ёбанд, ҷумлаҳои пайрав бо ҷумлаҳои сода ифода ёфта, ба сарҷумлаҳои худ тобеъ мегарданд. Ин ду ҳиссаи наҳвӣ ҳам фарқ доранду ҳам умумият. Умумияташон ин аст, ки ба як хел савол ҷавоб мешаванд, фарқашон ин аст, ки яке дар таркиби ҷумлаҳои сода меояд, дигаре дар таркиби ҷумлаи мураккаб.

Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ панҷ хели воситаи алоқа мушоҳида мегардад, ки ҷумлаҳои пайрав тавассути онҳо ба сарҷумлаҳо тобеъ мегарданд: **Пайвандакҳо, мутобиқати шаклҳои феълӣ (**хабари сарҷумлаҳо ва ҷумлаи пайрав**), калима ва таркибҳои ҳамнисбат, оҳанг** ва **ҷойи сарҷумлаҳою ҷумлаҳои пайрав.**

Морфология ва синтаксис ҳодисаҳои гуногуни грамматикиро омӯзанд ҳам, ба якдигар алоқаи мустаҳкам доранд. Аз ҳамин сабаб бисёр ҳодисаҳои грамматикии забонро маҳз дар заминаи алоқамандии морфология ва синтаксис шарҳ додан мумкин аст. Чунончи, масъалаи артикл, ки ба категорияи грамматикии муайяниву номуайянӣ мансуб аст, бе синтаксис пурра ҳал карда намешавад. Хусусияти ишоратии ин аломат, ки дар ин маврид ҳамчун муродифи калимаҳои ишоратӣ зоҳир мешавад, танҳо дар заминаи ҷумлаи пайрави муайянкунанда метавонад дуруст таъин гардад. Алоқамандии ин ду қисми грамматика ҳамчунин дар мутобиқати шаклҳои феълии хабари ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби тобеъ, дар ифодаи калимаи асосии ибора ва аъзоҳои ҷумла мушоҳида мешавад. Дар забони тоҷикӣ аломатҳои морфологии баъзе ҳиссаҳои нутқ чандон барҷаста нестанд. Хусусияти луғавию грамматикӣ ва муносибати чунин калимаҳо маҳз дар дохили ҷумла равшан ба зуҳур меояд. Алоқаи синтаксис ва морфология дар он ҳам равшан воқеъ мешавад, ки калима мавзи омӯзиши ҳардуи онҳо ба шумор меравад.

Ҷумлаи мураккаб воҳиди олии ташаккули синтаксис аст, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва интонатсия мебошад. Ҷумлаи мураккаб низ монанди ҷумлаи сода воситаи ахбор буда, барои ташкил додан, ифода намудан ва фаҳмидани фикр хизмат мекунад, ба ҳастии реалӣ чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нишон медиҳад. Аммо ҷумлаи мураккаб идроки мураккабтари ҳастӣ, тасаввуроту робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои онро ифода мекунад ва табиист, ки интишору истифодаи он ба даврaҳои нисбатан инкишофёфтаи ҷамъият-забон ва тафаккури инсон вобаста аст.

А.А. Реформатский бошад дар китоби муқаддимаи забоншиносӣ чунин нигоштааст, ки: «Нутқи мо тавассути ҷумла сурат мегирад ва ин дар назар чунон одӣ менамояд, ки таърифи ҷумла хеле осон аст. Аммо таърифи ҷумла моро ба мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ месозад. Таърифи одии ҷумла дар мактаб: «Ҳамбастагии калимаҳо ё калимаҳои алоҳида, ки фикри тамомшударо мефаҳмонанд, ҷумла номида мешавад»-

нодуруст нест, аммо номафҳум аст. Чунон ки дар ин ҷо як номафҳумӣ (ҷумла) ба воситаи дигар номафҳумӣ (фикри тамомшуда) муайян карда мешавад, яъне ***x*** ба воситаи ***y*** ошкор мешавад ва мафҳуми ***y*** бошад нокушода мемонад. Ғайр аз ин, ҷумлаҳое ҳастанд, ки на танҳо мақсад, балки ҳиссиёт ва хоҳишро ифода мекунанд. Агар мо муайян кунем, ки предикатсия ва синтагмаи предикативӣ чистанд, пас аз ин истифода карда, мо таърифи дурусти ҷумларо (гарчанде иддаои мукаммал надошта бошад ҳам, аммо комилан чун формулаи мувофиқ барои истифода лоиқ аст) дода метавонем. Пас, ҷумла ин баёни фикр, ки дар худ синтагмаи предикативиро нигоҳ медорад, мебошад» [10, с.330-332].

Забоншинос В.В. Бабайтсева [3, с.160] дар яке аз китобҳои худ ҷумларо аз рӯйи се хусусият (вазифа) таҳлил кардааст: аз ҷиҳати ифодаи маъно (ҷумла ҳамчун воситаи асосии ташаккули фикр); аз ҷиҳати хусусияти актуалӣ (ҷумла ҳамчун воситаи муносибат); аз ҷиҳати синтаксисӣ (ҷумла ҳамчун воҳиди грамматикӣ). Азбаски, масъалаи омӯзиши хабар дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлили мо қарор дорад, мо омӯзиш ва тадқиқи ҷиҳати таркиби синтаксисии ҷумларо интихоб намудем, ки дар он, пеш аз ҳама, ҷиҳати маъноифодакунӣ ва сохтори он муайян карда мешавад. Аз ин ҷо бармеояд, ки хусусияти маъноифодакунӣ ва сохтори синтаксисии ҷумла ба ҳам алоқаи зич доранд. Маҳз чунин хусусияти ҷумла характери сохторӣ- семантикӣ ва мундариҷаи маъноии онро муайян мекунад. Аз ин рӯ, ҷумла воҳиди коммуникативии забон ва нутқ буда, маҷмуи калимаҳо (баъзан як калима) ё ҳатто калима – морфемаҳоест, ки аз рӯйи имкониятҳои тавъамияташон ба ҳам алоқаманд мегарданд ва аз рӯйи структура ба воситаи оҳанг ва предикативият муттаҳид карда мешаванд [3, с.105].

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд, ки дар забонҳои ҷойдошта мафҳум ва ифодаёбии якхела доранд:

а) ҷумлаҳои сода;

б) ҷумлаҳои мураккаб.

Чунонки А.А. Реформатский мегӯяд: «Ҷумларо бо мавҷудияти худ монанди «ибораҳои мустақил» чун як шакл дар байни ҷумлаҳои сода ва мураккаб пиндоштан мумкин аст. Аслан, ҷумлаҳои мураккаб дар натиҷаи ба ҳам пайваст шудани ҷумлаҳои сода ба вуҷуд меоянд. Дар ҷумлаҳои сода агар ба вазифаи муайянкунандаи аъзоҳо ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ва ҳамбастагиҳои онҳо оянд, дар ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаи содаи гуногуноҳангу таркиб ба ҳам васл шуда меояд» [10, с.334-335]. Яъне ба ақидаи ӯ, ҳамаи ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои сода ба вуҷуд меоянд. Муқоиса кунед:

Мисол:

Ҷумлаи содае, ки мубтадои он бо ибора ифода ёфтааст.

Бачаи дар назди омӯзгор гап задаистода, дӯсти ман аст.

Зани дар назди тиреза истода хоҳари ман аст.

Ҷумлаи мураккаби тобеъ.

Бачае, ки дар назди омӯзгор гап зада истодааст, дӯсти ман аст.

Зане, ки дар назди тиреза истодааст, хоҳари ман аст.

Дар забони англисӣ низ ҳамчунин аст:

The boy speaking near the teacher is my friend.

The woman standing near the window is my sister**.**

The boy who is speaking near the teacher is my friend.

The woman who is standing near the window **is my sister**

Қолабҳои ифодаи дар сутунчаҳо овардашуда гуногун бошанд ҳам (сутунчаи якум – ибораи номӣ, сутунчаи дуюм - ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави муайянкунанда), мазмунан яканд. Шояд дуруст бошад, гӯем, ки қолаби дуюм (ҷумлаи пайрави муайянкунанда) аз қолаби якум (ибораи номӣ) ба вуҷуд омадааст.

Бояд тазаккур дод, ки «ҷумла дар натиҷаи ҳамгироии семантикию синтаксисии ду аъзои ҳамнисбат – хабар ва мубтадо ташаккул меёбад. Ин ҳар ду ҷузъ таҳқурсии (ядрои) созмони ҷумла маҳсуб меёбанд. Дар грамматика инҳоро «ҳамбастагии гурӯҳи предикативӣ» меноманд.

Ӯ инчунин ин ду аъзои ҷумларо ифодагари категорияи синтаксисии предикативият номида, муносибати мазмуни гуфторро, ки аз се рукн иборат мебошад, ҷонибдорӣ менамояд:

а) **шахс** - ба кӣ ё ба чӣ тааллуқ доштани мазмуни гуфтор;

б) **замон** - муносибати шаклҳои замонии феъл ба мазмуни гуфтор;

в) **воқеӣ будан ё набудани ҳодисаи зикршуда**.

Аслан, ҷумла, пеш аз ҳама, вазифаи коммуникативиро ба иҷро мерасонад. Ҷиҳати коммуникативии ҷумла воситаи ифодакунандаи ахбор (фикр, маълумот, хабар) ба шумор меравад. Ин хусусияти асосии ҷумла бо ҷиҳати муҳимтарини ҷумла - предикативнокӣ ифода мешавад, сурат мегирад.

Дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ҷумлаи мураккаб нисбат ба ҷумлаи сода воҳиди ба дараҷаи олӣ ташаккулёфтаи синтаксис аст, ки «аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил ёфта, дорои ягонагии маъно, сохт ва савту оҳанг (интонатсия) мебошад» [1, с.230]:

Мисол:

Солҳо пайи ҳамдигар мегузаштанд <u>ва</u> меҳри ӯ рӯз ба рӯз дар дили ман туғён мекард.

Чунон шамоле вазид, <u>ки</u> дар шохи дарахтон ягон барге ҳам намонд. Ҳарорати баданаш баланд буд, <u>аммо</u> ӯ худро мардона нигоҳ медошт.

Дар забони англисӣ низ ҳамин чизро айнан воҳӯрдан мумкин аст:

I don't know <u>what</u> you mean.

I don't know <u>how</u> you do it. Love me, love my dog.

It never rains <u>but</u> it pours.

He laughs best <u>who</u> laughs last.

A cold wind was blowing <u>and</u> a snowstorm began.

Ҷумлаҳои мураккаб дар асоси се навъи алоқаи грамматикӣ - пайваст (паратаксис), тобеъ (гипотаксис) ва пайрави ҳол ташкил меёбанд.

Дар алоқаи пайваст қисмҳои таркибии ҷумлаи мураккаб ба андозае мустақилияти маъноӣ ва шаклии худро нигоҳ медоранд, яъне нисбатан озод ва баробарҳуқуқ мебошанд.

Дар алоқаи тобеъ, ифодаи як ҳиссаи ҷумлаи мураккаб ба воқеияти ҳиссаи дигари он вобаста аст.

Ҷумлаи пайрав бошад, яке аз воситаҳои муҳимми синтаксисии ифодаи алоқаи тобеиӣ буда, ба сохт ва маънои ҷумлаҳои мураккаби тобеъ вобаста аст.

Онҳо ба ҳамдигар сахт пайванд ва вобаста буда, яке барои шарҳу эзоҳи дигаре хизмат мекунад.

Дар ҳар ду забони ба ҳам муқоисашаванда ҷумлаи мураккаб аз ҷумлаи сода фарқ дорад. Ҷумлаҳои мураккаб камаш аз ду ҷумлаи содаи ба ҳам алоқаманд ташкил меёбанд. Қисмҳои таркибии ҷумлаи мураккаб бо хабарҳо ва субъектҳои гуногун ифода меёбанд, бинобар ин, ҳар як ҷумлаи мураккаб дорои якчанд мубтадо ва хабар буда, дар ҷумлаи сода аксар вақт як мубтадо ва як хабар кор фармуда мешавад. Ҷумлаҳои мураккаб низ монанди ҷумлаҳои сода воситаи ахбор буда, барои ташкил додан, ифода намудан ва фаҳмонидани фикр хизмат мекунанд, ба ҳастии реалӣ чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нишон медиҳанд. Аммо ҷумлаҳои мураккаб ифодакунандаи идроки мураккабтари ҳастӣ, тасаввуроти робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои он мебошанд ва табиист, ки мустаъмал гардидани онҳо ба давраҳои нисбатан инкишофёфтаи забон ва шуури инсон вобаста аст. Ҷумлаи мураккаб воҳиди полипредикативии нутқ ба шумор меравад, яъне он аз ду ва ё зиёда қисмҳои предикативӣ иборат мебошад. Ҳар яке аз ин қисмҳо асоси грамматикии худро доранд ва ба қолиби ҷумлаҳои сода монанданд. Аммо онҳоро шартан «ҷумлаи сода» меноманд, чунки онҳо дорои аломатҳои асосии ҷумла (хусусиятҳои модалӣ ва предикативӣ) бошанд ҳам, фақат мустақилияти нисбии структуравӣ дошта, аз ҷиҳати маъно ва интонатсия ҳанӯз нотамом мебошанд. Аз ин рӯ, онҳо аз лиҳози мазмун ва сохти грамматикии худ ба ҳамдигар хеле алоқаманд ва вобаста мебошанд.

Ҷумлаҳои мураккаб аз рӯйи муносибати маъноӣ ва алоқаи грамматикӣ байни ҷумлаҳои содаи таркиби худ ба хелҳои зерин ҷудо мешаванд: **ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ** ва **ҷумлаҳои мураккаби омехта**.

Ҷумлаҳои содаи таркиби ҷумлаҳои мураккаби пайваст, ки як андоза мустақилияти нисбии грамматикӣ ва маъноии худро нигоҳ медоранд, дар асоси алоқаҳои нисбатан

одии грамматикӣ, алоқаи пайиҳам, хилофӣ, муқоисавӣ, ҷудоӣ муттаҳид мегарданд. Ин робитаҳо бештар ба воситаи пайвандакҳои пайвасткунанда сурат мегиранд.

Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои ҳастиро ифода мекунанд, аз ин сабаб ҷумлаҳои содаи таркиби онҳо низ дар асоси алоқаҳои мураккабтари мантиқии байни ашёҳо ва ҳодисаҳо ба ҳам алоқаманд мегарданд. Қисмҳои таркибии ҷумлаҳои мураккаби тобеъ байни худ муносибати тобеӣ доранд.

Воситаҳои алоқаи грамматикии ҷумлаҳои мураккаб дар забони адабии ҳозираи тоҷик пайвандакҳо ва калимаҳои пайвандакӣ, оҳанг (интонатсия), тартиби ҷойгиршавии қисмҳои ҷумлаи мураккаб, мутобиқати шаклҳои феълӣ — хабарҳо, калимаҳои ҳамнисбат ва як миқдор воситаҳои луғавию грамматикӣ мебошанд.

Ҷумлаи пайрав ҷумлаест, ки тобеи сарҷумла буда, барои эзоҳи ягон аъзо ва ё такмили он истеъмол мешавад.

Сарҷумла ҷумлаи содаи мустақилест, ки бояд аз ягон ҷиҳат эзоҳ ва такмил ёбад. Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷойи сарҷумла ва ҷумлаи пайрав муайян аст. Дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ ҷумлаи пайрав ҳолату вазъияти предмети муайяншавандаро ҳамчун аломат нишон медиҳад.

Ҷумлаи пайрави ҳол аз ҷиҳати маънову муносибат ва вазифааш ба хелҳои зерин ҷудо мешавад: ҷумлаи пайрави ҳоли замон, макон, натиҷа, мақсад, сабаб, тарзи амал, шарт ва ғайра.

Дар илми забоншиносӣ, қисми синтаксис, ба ҳар як аъзои ҷумла, ба таълими онҳо диққати махсус дода мешавад. Чунин тарзи омӯзиши грамматикӣ ва таълими аъзоҳои ҷумла аз даврaҳои нисбатан пештар инҷониб давом карда меояд.

Дар забоншиносии аксарияти халқҳо ба таҳлилу тадқиқ ва омӯзишу таълими сохт ва шакли калима эътибор дода, ҳар як аъзои онро ба таври махсус дида мебароянд.

Чунонки қайд карда гузаштем, дар забонҳои муқоисашаванда ҷумлаҳо ба ду гурӯҳи калон ҷудо мешаванд, ки дар забонҳои мавриди назар мафҳум ва ифодаёбии якхела доранд:

а) ҷумлаҳои содда;

б) ҷумлаҳои мураккаб.

Ҷумлаҳои мураккаб дар натиҷаи ба ҳам пайваст шудани ҷумлаҳои сода ба вуҷуд меоянд, ки аз сарҷумла ва ҷумлаи пайрав иборатанд. Дар ҷумлаҳои сода агар ба вазифаи муайянкунандаи аъзоҳо ҳиссаҳои мустақилмаънои нутқ ва ҳамбастагиҳои онҳо оянд, дар ҷумлаҳои мураккаб ҷумлаҳои содаи гуногуноҳангу таркиб ба ҳам пайваст шуда меоянд. Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳамаи ҷумлаҳои мураккаб аз ҷумлаҳои сода ба вуҷуд меоянд.

Муқарриз: ***Асадова М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Андреева, И.Л. Учебник английского языка / И.Л. Андреева. – М., 1960.
2. Аракин, В. Д. Сравнительная типология английского и русского языков [Текст]. Учеб. пособие для студентов пед. ин-тов по специальности "Иностранные языки" / В.Д. Аракин. - Л.: Просвещение, 1979. - 259 с.
3. Бабайцева, В.В. Явления переходности в грамматике русского языка / В.В. Бабайцева. - Москва: Дрофа, 2000. – 638 с.
4. Бархударов, Л.С. Грамматика английского языка / Л.С. Бархударов, Д.А. Штирлин. – М.: Высшая школа, 1973. – 428 с.
5. Вейхман, Г.А. Новое в английской грамматике / Г.А. Вейхман. – М.: Астрель, 2001. – 128 с.
6. Зверева, Е.А. Модальные глаголы в английском языке / Е.А. Зверева, О.Н. Труевцева, Н.С. Щукарева. – Л.: Наука, 1967. – 240 с.
7. Исмоилзода Э. Грамматические особенности конструкций с модальными глаголами в таджикском и английском языках [Текст]: автореф. на соискание уч. степ. канд. филологич. наук / Э. Исмоилзода. - Душанбе, 2011. - 26 с.
8. Қосимова М.Н. Инкор дар ҷумлаҳои сода / М.Н. Қосимова // Масъалаҳои филологияи тоҷик. - Душанбе, 1974. - С.15-32.
9. Норматов, М. Усули таҳлили синтаксисӣ (Дастур барои донишҷӯёни факултетҳои филологияи мактабҳои олӣ) / М.Норматов. – Душанбе, 1991.
10. Реформатский А.А. Введение в языковедение: Учебник для вузов / А.А. Реформатский. Под ред. В.А. Виноградова. - М.: Аспект Пресс, 2001. -536 с.
11. Смирницкий, А.И. Морфология английского языка / А.И. Смирницкий. – М., 1959. – 440 с.

12. Усмонов, К. Грамматикаи назарии забони англисӣ (Раҳнамои таълим) / К. Усмонов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2006. - 131 с.
13. Шахобова, М.Б. Опыт сопоставительного исследования строя таджикского и английского языков / М.Б. Шахобова. – Душанбе: Дониш, 1985. – 252 с.

СОХТОРИ ҶУМЛАҲОИ МУРАККАБ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА АНГЛИСӢ

Дар мақолаи мазкур сохтори ҷумлаҳои мураккаб ва муқоисаи он дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегирад. Муаллиф дар раванди таҳқиқ ҷумлаҳои мураккабро вобаста ба сохтору маънояшон таҳлилу муқоиса намудааст. Бояд гуфт, ки ҷумлае, ки аз ду ва зиёда ҷумлаҳои сода ташкил меёбад, ҷумлаи мураккаб номида мешавад. Мавриди ба зикр аст, ки масъалаи фавқ дар илми забоншиносӣ яке аз мавзуъҳои калидӣ маҳсуб меёбад. Ҷумлаи мураккаб низ монанди ҷумлаи сода воситаи ахбор буда, барои ташкил додан, ифода намудан ва фаҳмидани фикр хизмат мекунад ва ба ҳастии реалӣ чӣ гуна муносибат доштани гӯяндаро нишон медиҳад. Аммо ҷумлаи мураккаб идроки мураккабтари ҳастӣ, тасаввуроту робитаҳои мураккабтари байни ҳодисаҳои онро ифода мекунад ва табиист, ки интишору истифодаи он ба даврaҳои нисбатан инкишофёфтаи ҷамъият - забон ва тафаккури инсон вобаста аст.

Калидвожаҳо: забон, забони тоҷикӣ, забони англисӣ, муқоиса, ҷумла, ҷумлаи мураккаб, ҷумлаи сода, таҳлили сохтории ҷумлаҳои мураккаб, таҳлили семантикӣ, хусусиятҳои грамматикии ҷумлаҳои мураккаб.

СТРУКТУРА СЛОЖНЫХ ПРЕДЛОЖЕНИЙ В ТАДЖИКСКОМ И АНГЛИЙСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье анализируется структура сложноподчиненных предложений и ее сопоставление в таджикском и английском языках. В процессе исследования автор проанализировал и сравнил сложные предложения по их структуре и значению. Следует сказать, что предложение, состоящее из двух и более простых предложений, становится сложным предложением. Стоит отметить, что вопрос о трансцендентности является одной из ключевых тем в лингвистике. Сложное предложение, как и простое предложение, является средством общения, служит для организации, выражения и понимания мысли, показывает, как говорящий относится к действительности. Однако сложное предложение представляет собой более сложное восприятие бытия и более сложные связи между его событиями, и естественно, что его издание и употребление зависят от периодов относительного развития общества, языка и мышления человека.

Ключевые слова: язык, таджикский язык, английский язык, сравнение, предложение, сложноподчиненное предложение, простое предложение, структурный анализ сложноподчиненного предложения, семантический анализ, грамматические особенности сложноподчиненного предложения.

STRUCTURE OF COMPLEX SENTENCES IN TAJIK AND ENGLISH LANGUAGES

In this article, the structure of complex sentences and its comparison in the Tajik and English languages is analyzed. In the research process, the author analyzed and compared complex sentences based on their structure and meaning. It should be said that a sentence consisting of two or more simple sentences becomes a complex sentence. It is worth mentioning that the question of transcendence is one of the key topics in linguistics. A complex sentence, like a simple sentence, is a means of communication, serves to organize, express and understand thought, and shows how the speaker relates to reality. However, the complex sentence represents a more complex perception of existence and more complex connections between its events, and it is natural that its publication and use depends on the relatively developed periods of society, language and human thinking.

Key words: language, Tajik language, English language, comparison, sentence, complex sentence, simple sentence, structural analysis of complex sentences, semantic analysis, grammatical features of complex sentences.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ҳаитов Аминҷон Ҷумахонович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, муаллими калон, кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734003, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 121. E-mail: **aminjon.khaitov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-00-69-43**

Информация об авторе: ***Хаитов Аминджон Джумахонович*** - Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, старший преподаватель, кафедра иностранных языков. **Адрес:** 734003, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 121. E-mail: **aminjon.khaitov@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 985-00-69-43**

Information about the author: ***Khaitov Aminjon Jumakhonovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, senior teacher Department of foreign languages **Address:** 734003, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 121. E-mail: **aminjon.khaitov@mail.ru.** Phone: **(+992) 985-00-69-43**

ТДУ: 811.21/.22.3 (03)

МАҚСАДИ ТАДВИНИ «ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛИИ ТОҶИКӢ БАРОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»

(дар асоси як номаи Айнӣ ба Лоҳутӣ)

Одинаев А.И., Наимова Ф.М.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар асри гузашта як гурӯҳе қадам ба арсаи илму адаб ниҳоданд, ки сарнавишти забону адабиёти форсии тоҷикии Вароруд барояшон аз ҷумлаи масъалаҳои мубраму ҳалталаби замон ба шумор мерафт ва ҳифозату рушди рукни ҳастии миллат, яъне забонро рисолати хеш медонистанд. Фаъолияти илмиву адабии асосгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айнӣ, ки забон ва масоили марбут ба он дар меҳвари он қарор доштанд, дурустии андешаи моро таъйид месозад.

Дар баробари дигар ҷанбаҳои адабиву илмӣ, номанигорӣ, ки дар адабиёти форсу тоҷик собиқаи куҳану пурбор дорад, дар фаъолияти устод Айнӣ аз мавқеи муҳим бархӯрдор аст. Ин анъанаи деринро ӯ дар адабиёти қарни худ инкишофу равнақ бахшида, дар мактубҳояш муҳимтарин лаҳзаҳои таърихи миллатро бозкушоӣ мекунад. Яке аз масъалаҳое, ки дар номаҳои ӯ бо адибон мавриди баррасиву арзёбӣ қарор гирифтааст, вазъи амалкарди забон ва сатҳи забондониву офаринандагии адибони ҷавони ҳамзамонаш мебошад. Махсусан дар мукотиботе, ки бо Абулқосим Лоҳутӣ анҷом додааст, мо инъикоси ин масъаларо бештар ба мушоҳида мегирем.

Муҳиммияти номаҳои Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ дар он зоҳир мегардад, ки аксарияти онҳо инъикоскунандаи тартиби эҷодкории адиб маҳсуб ёфта, ҳолати руҳии устод Айниро ба таври барҷаста ва эътимоднок баён намудаанд.

Аз чанд ҷиҳат арзишманд будани фаъолияти забоншиносии Садриддин Айниро аз тавзеҳи калимаҳои гуногуни таркиби луғавии забон ва таваҷҷуҳи вежа зоҳир намуданаш нисбат ба забону услуби навқаламон фаҳмидан мумкин аст. Устод Айнӣ, ҳамчунин, ба тобишҳои нави маъноии калимаҳо дар замони муосир мароқ зоҳир карда, яке аз сабабҳои таълифи луғатномаи хешро ба ин масъала марбут медонад.

Як ҷиҳати бисёр муҳимми кори эҷодии устод Айниро дар соҳаи забоншиносӣ тартиби «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» қаламдод кардан мумкин аст. Ин шоҳкории нависанда ба адибони ҷавони асри гузашта ёрии амалӣ расонида, дар эҷоди аввалин намунаҳои осори лексикографӣ дар қарни ХХ ба сифати як сарчашмаи муътамад хидмати босазо кардааст. Устод Айнӣ барои дар шакли дилхоҳ омода гардидани «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» дар солҳои 1936 - 1938 басе заҳмат кашида, китоби мазкурро тадвин намудааст.

Азбаски дар замони омода намудани ин асари лексикографии худ ба устод Лоҳутӣ иртиботи муттасил дошт, тафсилоти тартиби ин луғатро дар номаҳояш баён кардааст. Ин номаҳо нишон медиҳанд, ки устод дар кори омодасозии луғат беш аз пеш дақиқкортар шуда, барои дуруст ба итмом расонидани он бисёре аз корҳои дигари эҷодиашро канор гузоштааст ва машаққати ёфтани манбаъҳо ва сарчашмаҳоро, ки ба гуфтаи худаш беназму тартиб буданд, таҳаммул намудааст.

Гуфтан ба маврид аст, ки илми луғат як қисми муҳимми таълимоти забоншиносии устод Айнӣ буда, дар ин доира низ бисёр бодиққат барои тавзеҳи калимаҳои классикон ва таъбирҳои халқӣ кор кардааст. Ӯ ҳамчун луғатдону луғатшинос онҳоро аз ҳамдигар тамйиз намуда, дар роҳи дуруст ворид кардани онҳо ба забони тоҷикии адабӣ хидмати шоистаи таҳсинро анҷом додааст.

Устод дар кори тартиби луғат, пеш аз ҳама, ба ду чиз аҳаммияти ҷиддӣ додааст: якум, бо тартиб ва мувофиқи алифбо ҷой додани калимаву иборот, дувум, дуруст интихоб кардани воҳид ва таркибҳои лаҳҷавӣ ва ёфтани баробарҳои дақиқи онҳо дар забони адабӣ.

Бо дарназардошти аҳаммият ва арзиши баланди лексикографӣ луғатномаи мазкурро айнишиносон эътироф намудаву дар ҷилди дувоздаҳуми Куллиёти устод Айнӣ

ҷой додаанд. Чунонки аз гуфтаи муҳаррирон дар муқаддимаи китоб маълум аст, устод Айнӣ барои омода намудани ин асар солҳо вақт сарф кардааст. Тазаккур дода шудааст, ки замони ба нашр омода намудани Куллиёт (ҷилди 12) аз бойгонии устод сиёҳнависҳои луғат пайдо гардидааст, ки он шоҳиди мӯйшикофиву боришбинии устод дар интихобу ташреҳи вожаҳо мебошад.

Устод Айнӣ дар шароити нави таърихӣ масъалаи демократӣ кардан ва ба омма наздик намудани забони адабии тоҷикро бо ин луғатномааш ба таври қатъӣ ба миён гузошта, он аносири луғавии пешинаро, ки тамоман маъноҳои худро гум кардаанд, баъзеашро мувофиқи талаботи замон маънидод намуда ва вожаҳоеро, ки дар фарҳангномаҳои пешина дохил нашуда буданд, бо камоли эҳтиёткорӣ ҷамъоварӣ ва ба онҳо шарҳу эзоҳи пурқимат навиштааст. Ӯ барои тартиб додани ин кор, пеш аз ҳама, лексикаи барҷастаи забони зиндаи халқро дар китоб фароҳам овардааст, ки А. Маҳмадаминов доир ба ин масъала чунин андешаронӣ мекунад: «Устод Айнӣ ҳамчун донандаи беҳамтои забони адабиёти классикӣ ва забони зиндаи халқ дар луғати худ калимаҳоро бо тамоми нозукиҳояш маънидод кардааст. Муаллиф калимаҳоро бо камоли маҳорат хеле содаву фаҳмо шарҳ дода, барои равшантар шудани маънои онҳо аз адабиёти хаттӣ ва аз забони гуфтугӯ шоҳид ва далелҳои боэътимоду қатъӣ овардааст.

Мақсади Айнӣ аз навиштани луғат маърифатнок кардани оммаи меҳнаткаш, омӯзиши мероси пурсарвати гузашта, тадқиқи ҳарҷонибаи забони тоҷикӣ, ба кори эҷодӣ ҳидоят намудани адибони ҷавон ва ба ин восита тараққӣ додани адабиёт ва маданияти нави тоҷик мебошад» [5, с.36-37].

Дуруст аст, ки чунин шоҳкории устод Айнӣ барои васеъ гардидани забони илмӣ ва адабии тоҷик хазинаи пурбаҳоест, ки ба аҳли қалами замони худ хидмати назаррас намудааст.

«Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»,- навиштааст Р. Шарофов, - бештар барои истифода аз адабиёти классикӣ тартиб дода шудааст. Дар луғат дар паҳлуи калимаи асосӣ тарзи навишти он ба алифбои арабии тоҷикӣ дода шудааст. Мураттаб ёфтани луғат аз тарафи устод Айнӣ барои минбаъд аз бар кардани таърихи забон ва махсусан лексикологияи таърихӣ аҳаммияти беандоза дорад» [11, с.134].

Дар воқеъ, пас аз мутолиаи мактуби Садриддин Айнӣ ба унвони Абулқосим Лоҳутӣ заҳамоти дақиққириву масъулиятпазирии ӯ барои чунин шоҳкориро ба итмом расонидан, бештар маълум мешавад.

Дар мактуби 7 октябри соли 1938, ки устод Айнӣ ба Абулқосим Лоҳутӣ ирсол намудааст, бо баёни муфассал доир ба «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» бо дилгармӣ сухан рафтааст. Соҳиби ин асари мондагор вожагони забони зиндаи халқ, забони классикӣ ва дигар луғатҳои муҳимро бо душвориву ранҷ барои ба ин ганҷина ворид намудан ҷудо карда, дар роҳи бевосита ҷамъ овардани вожаҳои тоза аз гӯйиши мардум эҳтимом намудааст, ки то замони ӯ касе анҷом надодааст. Ин кӯшиши устод Айнӣ барои ҳимояи забони тоҷикӣ дар фаъолияти илмӣ ва адабии нависанда яке аз қисмҳои муҳимми кори эҷодии ӯ ба шумор меравад ва ақидаҳои нависандаро оид ба калимаҳои забони тоҷикӣ нишон медиҳад ва аз ин лиҳоз, омӯхтани ин ҷиҳати мактубҳои устод Айнӣ аҳаммияти калонро молик аст.

Аз мақсад ва аҳдофи устод Айнӣ зимни тадвини луғатномаи мавриди назар метавон дарк намуд, ки ӯ баъди иваз шудани алифбои тоҷикон ба назди худ вазифа гузошт, ки луғати наверо ба хотири пайванд додани забони муосири тоҷикӣ ба гузаштаи он таълиф намояд. Мусаллам аст, ки устод ин кори худро тибқи аҳдномае, ки бо Нашриёти давлатии Тоҷикистон баста буд, анҷом додааст.

Аз ин нуктае, ки устод дар мактуби мазкури хеш таъкид менамояд, мақсаду маромашро аз тартиб додани «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» ба хубӣ метавон дарёфт: «Худам имрӯзҳо ба кори луғат машғулам. Ман ба Тоҷгиз соли 35 - ум як муоҳида баста будам, ки як луғати тоҷикии нимтафсила тартиб диҳам. Медонед, ки дар дасти тоҷикони Осиёи Миёна ду - се луғат ҳаст, машҳуртарини онҳо «Ғиёс» ва «Бурҳони қотеъ» аст. Аммо ҷавонон, ҳатто арабидонҳои онҳо ҳам аз ин луғатҳо фоида бурдан наметавонанд, зеро тартиб бисёр куҳна ва луғатҳо бо чизҳое, ки ҳаргиз даркор намешаванд, пуранд. Бинобар ин, барои кофта ёфтани як луғати матлуб

варақҳоро гардонидан ва саҳифаҳоро хондан лозим меояд, аммо ҷавононе, ки дар замони охир саводнок шудаанд ва арабиро намедонанд, аз он луғатҳо ҳеҷ фоида бурда наметавонанд. Бинобар ин, хостам, ки ба асоси ҳамон луғатҳои куҳна як луғати тоҷикӣ ба тоҷикӣ бо усули замонӣ тартиб диҳам» [2, с.30].

Ҷараёни тартиби кори устодро дар идомаи нома мебинем, ки чӣ гуна будааст. Устод менависад: «Корро ба ин тартиб пеш гирифтам: Аз луғатҳои куҳна ҳар чизеро, ки мурда буд ва ба забони мо даркор намешавад, партофтам, чизҳои даркориро гирифтам. Чизҳои даркорӣ ҳам ду қисманд: як қисми онҳо барои таҳрир ва мутолиаи адабиёти имрӯза ба кор мераванд ва қисми дигарашон барои мутолиа ва фоида бурдан аз адабиёти классикӣ. Медонед, ки ба ин сабаб хеле луғатҳои арабӣ ва форсии қадим, ки дар адабиёти классикӣ ҳастанд, гирифта мешавад ва манбаи дигари ман халқ аст. Ҳар кадом бобро ба забони халқ, ки то ҳол дар ягон луғат дида нашудааст, аммо миёнаи мардум зинда ва дар гуфтушунид аст, пур мекунам.

Дар тафсили луғатҳои куҳна ҳам маънии куҳнаашро, ки дар адабиёти классикӣ ва дар забони имрӯза нест, партофтам ва он маъниҳояшро, ки имрӯз зинда аст, гирифта истодам» [6, с.31].

Аз иқтибоси мазкур метавон фаҳмид, ки С. Айнӣ пеш аз интихоби калимаҳо зарурияти шарҳи онро ҳаматарафа месанҷад: куҳнаву замонавӣ будани онҳо, даркору нодаркор, лозим ё нолозим буданашонро барои шарҳи забони осори классикӣ. Ҳамчунин, забони зиндаи халқро манбаи дигари тартиби луғати худ шинохта, барои ворид кардани калимаҳои лаҳҷавӣ ба луғаташ интихоби вожаҳои дурустро вазифаи худ донистааст. Устод Айнӣ ба ин нукта имони комил дошт, ки гӯйишҳо сарчашмаи хушкнашавандаи забони адабӣ буда, дар тули таърихи дароз вожаҳои куҳани асливу иқтибосии зиёдеро дар батни худ нигоҳ доштаанд, ки на ҳамеша онҳо дар забони адабӣ боқӣ мондаанд.

Садриддин Айнӣ бо камоли эҳтиёткориву масъулиятшиносӣ ба тадвини ин луғатнома машғул гардида, аз ҳамин сабаб, то поён ёфтани ин асари гаронарзиш, ба дигар кор худро водор намекунад, ки ин ҳама аз дақиққориву мӯйшикофии ӯ ва иштиғол насохтани ҳофизаи худ ба дигар чизҳо шаҳодат медиҳад.

Дар интиҳои мактуб аз гурӯҳи забоншиносони ҳамонвақта гиламанд шудааст, ки вақти тартиби кори луғатро ду сол кашол ва бар замми ин пули зиёди давлатро ба талаф додаанду ин рафтори онҳо ҳеҷ самара набахшидааст: «Агар ба тамом кардани ин кор комёб шавам, гумон мекунам, ки барои ҷавонон ва забони адабии имрӯзаи тоҷик хазинаи калон ба вуҷуд ояд. Табиист, ки таҷриба ва кори аввалӣ бо хеле нуқсонҳо омехта мешавад. Бо вуҷуди ин, як асосе, ки дар оянда такмил ва ислоҳ кардани он осон аст, гузошта мешавад. Ман хаёл кардам, ки то тамом шудани кор ба кори дигар даст назанам, то ки чизҳои пеш - пеш навиштаам аз ёд набаромада, кор нисбатан зудтар ва осонтар тамом шавад. Ин коре, ки ман ба танҳоӣ сар кардам, корест, ки Бектош бо роҳбарии Нисормуҳаммад бо як дастаи калони «забоншиносон» сар карда, ду сол «кор карданд» ва садҳо ҳазор суми давлат харҷ шуду дар натиҷа чизе ҳам нашуд» [6, с.31].

Аз нукоте, ки дар номаи мазкур тазаккур ёфтааст, донишманди беназири забони тоҷикӣ будани устод Айнӣ возеҳ аст. Ӯ бо тадвини луғатномаи мавриди назар худро ғамхору дилсӯзи забон муаррифӣ намуда, ба мутахассисони соҳаи луғат дар таҳияи асарҳои лексикографӣ ёрии амалӣ расонид. Устод Айнӣ, пеш аз ҳама, барои бароварда сохтани эҳтиёҷоти мардумаш ба ин кор машғул шуда ва ин муроди худро танҳо ба шоири инқилобӣ Абулқосими Лоҳутӣ арз кардааст. Аз ҳамин ҷост, ки ин мактуби устод як ҷиҳати таърихи адабиёти тоҷикро ва махсусан, тарзи эҷодкории устодро доир ба таълифи китоби мазкур аз ҳамон давра равшан мекунад.

Устод Айнӣ дар муқаддимаи ин китоб низ хатоҳои ҷиддии дар забони форсии тоҷикӣ мавҷуд бударо нишон дода, доир ба вазъи амалкарди забон дар он замон ва зарурати тадвини луғатномаи хушро чунин тавзеҳ дода буд: «Ман вақте ки ба тартиб додани «Луғати нимтафсилии забони адабии тоҷик» даромадам, аз ҳама пештар эҳтиёҷи оммаи босаводшудаи Тоҷикистон ва ҷавонони таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олӣ дидаистодаи тоҷикро ба назар гирифтам. Имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Револютсияи Кабири Октябр котибони қозӣ ва ҳакимон бо ҷамъ кардани нусхаи

панҷоҳ иншои гуногуншакли якрангмазмун вайро дар бар мегирифтанд, имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки муллоҳои мадраса ба воситаи дар токчаи ҳуҷра гузоштани «Ғиёс-ул- луғот» ва «Мунтахаб-ул-луғот», «Забони илмидон» мешуданд ва инчунин имрӯз забони адабии тоҷик он забон нест, ки пеш аз Револютсияи Сотсиалистӣ шоиртарошон ё ин ки шоиршавандагон бо ёд кардани панҷ - шаш ғазал ва навиштани се - чор мувашшаҳ «устоди забон» мегардиданд» [2, с.14].

Аз иқтибоси мазкур ба хубӣ метавон фаҳмид, ки муаллиф ба забони форсии тоҷикии қабл аз Инқилоби Октябр чӣ назар дорад ва ин асари лексикографиро барои кадом қишри ҷомеа таҳия кардааст. Аз ин ишораи устод Айнӣ маълум аст, ки сатҳи забондонии «оммаи босаводшудаи Тоҷикистон ва ҷавонони таҳсили ибтидоӣ, миёна ва олӣ дидаистодаи тоҷик» дар сатҳи матлуб қарор надошта, асари мазкур барои ғановат бахшидан ба фонди луғавии эшон ва баланд бардоштани савияи илму дониши онҳо рӯйи кор омадааст.

Устод Айнӣ дар роҳи таълифи луғат ба ояндаи нек менигарад ва бештар ба омӯзонидани ҷавонон меандешаду суханашро давом дода мегӯяд: «Имрӯз барои васеъ кардани забони илмӣ ва адабии тоҷик ва барои фаҳмида хондани оммаи босаводшудаи тоҷик ва ҷавонони таҳсилдидаи ӯ ба китобҳои луғати гуногун муҳтоҷем: мо бояд дар ҳар фан луғатҳои алоҳидаи илмӣ ва барои таъмин кардани талаби ҷавонони бодониш шудаистодаи тоҷик қомусҳо дошта бошем;- инчунин, - навиштааст ӯ, - мо китоби луғате дошта бошем, ки хазинаи забони халқро дарбар гирифта бошад ва забони зиндаи халқро ба пеши коркунони илмӣ ва адабӣ мисли материал тайёр карда монад» [2, с.14].

Манзури устод Айнӣ аз зикри нукоти фавқ густариш додани забони илмии ҷавобгӯ ба талаботҳои замони муосир ва дар ҳар соҳа таҳия намудани фарҳангномаҳои истилоҳӣ мебошад, ки хушбахтона, бо гузашти солҳои тулонӣ луғатҳои терминологӣ дар соҳаҳои мухталиф ба вуҷуд оварда шуданд. Ҳамчунин ҷамъоварӣ ва коркарди аносири луғавии гӯйишҳо ва ба худи мардум пешниҳод намудани онҳоро махсус гӯшзад менамояд, ки бо дарназардошти ин тавсия фарҳангҳои гӯйишии чанде аз манотиқи тоҷикнишин таҳия ва ба ҷомеа пешкаш гардиданд. Аммо ҳанӯз дурдонаҳои зиёде дар гӯйишҳои забони тоҷикӣ маҳфуз ҳастанд, ки ба тадқиқу коркарди ҷиддӣ ниёз доранд ва коркард намудану ба забони мутадовил ворид намудани онҳо вазифаи муҳаққиқони соҳаи забон мебошад.

Садридддин Айнӣ бо луғатҳои ҷамъовардааш ва шарҳи мукаммалу мураттаб доданаш ба онҳо комёб шудааст, ки барои дуруст дарк намудани китобҳои пешин ва ҳозира ба дигарон раҳнамое ҳадя карда бошад.

Бояд тазаккур намуд, ки фаъолияти луғатнигории устод Айнӣ таҷрибаи аввалин дар давраи нави инкишофи забони адабӣ ба ҳисоб рафта, сазовори баҳои баланди донишмандони бузурги Шарқу Ғарб, аз ҷумла Е.Э. Бертелс низ гардидааст. Мактубе, ки Е.Э. Бертелс ба устод Айнӣ бо унвони «Устоди донишманди муаззам!» фиристодааст, далели ин гуфтаҳост. Е.Э. Бертелс бо эҳтиром менависад: «Дар ин рӯзҳо рафиқ Зингер дар шуъбаи ленинградии Нашриёти тоҷик шоҳкории нави Шуморо ба ман нишон додааст, яъне «Луғати забони адабии тоҷик» -ро. Баъзе қисматҳои онро хонда баромадам ва гуфта метавонам, ки ғайр аз Шумо, ҳеҷ каси дигар аз уҳдаи чунин коре наметавонад барояд. Ин китоб як ганҷинаест аз ҷавоҳири гаронбаҳо, моломоли як асарест, ки ҳазорон мардум метавонанд солҳои дароз аз он истифода кунанд. …Бо он ҳама баъд аз хонда баромадани он баъзе шубҳаҳо пайдо шуд ва мехоҳам Шуморо аз он иттилоъ бидиҳам. Рафиқ Зингер гуфта буд, ки ман бояд ин китобро таҳрир (редаксия) кунам. Ба назарам, ин таҳрир аз тарафи ман ғайр аз рафъ кардани ғалатҳои чопӣ ҳеҷ чизе дигар нахоҳад буд, чунки маълумоти ман дар соҳаи забони тоҷикӣ назар ба маълумоти Шумо маълумоти як бачаи ҳафтсола барин мебошад назар ба маълумоти Ҳаким Абуалӣ Сино» [3, с.10-12].

Яъне, заковату бартарӣ ва дониши беҳамтои устод Айнӣ дар соҳаи забондонию нозукиҳои калом ва тарзи баёни тоҷикӣ аз назари Е.Э. Бертелс хуб таъкид ёфтааст.

Мулоҳизаҳои устод Айнӣ дар мисоли мактубҳояш ба Абулқосим Лоҳутӣ дар хусуси «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» аз ҳар ҷиҳат арзишманд буда, ба сифати дастур ва нишондод доир ба хусусиятҳои тартиби кори эҷодӣ ва махсусан луғат ва тартиби он барои пешравии адабиёт то кунун самараи хубе медиҳанд.

Аз нуктаҳое, ки устод Айнӣ дар ин номаи хеш тазаккур додааст, метавон ба хулосае расид, ки «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик» бо чанд мақсад навишта шудааст:

1. Луғатномаҳои тадвиншуда то замони ӯ ба талабот ҷавобгӯ набуда, наметавонистанд ниёзҳои ҷомеаро бароварда созанд.

2. Насли наврасе, ки дар он замон ба воя мерасид, аз хатти арабиасоси форсӣ бехабар буданд ва наметавонистанд аз луғатномаҳое, ки бо ин хат тадвин шуда буданд, истифода намоянд. Зеро дар соли 1928 дар бораи бекор кардани ин хат, ки беш аз ҳазор сол мавриди истифода қарор дошт, қарор қабул карда шуд.

3. Луғатномаҳои мавҷуда асосан аз калимаҳое ташаккул ёфта буданд, ки доираи истифодаи як қисми калонашон маҳдуд буда, дар забони адабии кунунӣ қариб корбаст намешуданд ва бештар хусусияти архаистӣ доштанд.

4. Бо гузашти замони мадид як қатор аносири луғавӣ тобишҳои маъноии нав ба худ касб намуда, дар забони зиндаи халқ соҳиби вазифаи нав гардида буданд.

5. Бояд бо дарназардошти дастовардҳои лексикографии замони муосир луғатномаи замонавие таълиф карда мешуд, ки дар он тартиби алифбо ба инобат гирифта шуда, дарёфтани вожаҳо аз рӯйи ҳарфашон осон бошад.

Муқарриз: ***Абдураҳмонова М.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Аз мукотибаи Садриддин Айнӣ ба адибони тоҷик (Ба чоп тайёркунанда: Х. Айнӣ) [Матн] // Шарқи сурх. – 1962. – № 12. – С.88-98.
2. Айнӣ, С. Куллиёт [Матн] / С. Айнӣ. Ҷилди 12. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 816 с.
3. Бертелс, Е.Э. Ба устод Айнӣ. Устоди донишманди муаззам! [Матн] / Е.Э. Бертелс // Адабиёт ва санъат. – 2015. – 5 ноябр. – С.12.
4. Лоҳутӣ, А. Номаҳо (Мураттиб ва муаллифи тавзеҳот: Хуршеда Отахонова) [Матн] / А. Лоҳутӣ. – Душанбе: Адиб, 2004. – 112 с.
5. Маҳмадаминов, А. Садриддини Айнӣ – олим [Матн] / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 64 с.
6. Мукотибаи Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ. Нашри дувум бо такмил ва иловаҳо (Ба чоп тайёркунанда ва муаллифи тавзеҳот: Х. Отахонова) [Матн]. – Душанбе: Деваштич, 2003. – 140 с.
7. Отахонова, Х. Чанд масъалаи забон дар мактубҳои устод Айнӣ [Матн] / Х. Отахонова // Ҷашнномаи Айнӣ. Ҷилди IX. – Душанбе: Дониш, 2002. – С.150-161.
8. Рустамов, Ш. Сабақҳои Айнӣ доир ба забон [Матн] / Ш. Рустамов // Забон ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1981. – С.170-209.
9. Ҳалимов, С. Садриддин Айнӣ ва баъзе масъалаҳои инкишофи забони адабии тоҷик [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе: Ирфон 1974. – 135 с.
10. Ҳошим, Р. Сухан аз устодон ва дӯстон [Матн] / Р. Ҳошим. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 269 с.
11. Шарофов, Р. Луғати нимтафсилии Айнӣ [Матн] / Р. Шарофов // Масъалаҳои назариявӣ ва амалии таълими забон ва адабиёти тоҷик. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 134 с.
12. Шукуров, М. Айнӣ ва забони халқ [Матн] / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1967. – №5. – С.124-135.
13. Шукуров, М. Бузургии Айнӣ аз бузургии халқ [Матн] / М. Шукуров // Коммунисти Тоҷикистон. – 1978. – №4. – С.23-32.
14. Шукуров, М. Садриддин Айнӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 304 с.
15. Шукуров, М. Пайванди замонҳо ва халқҳо [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.

МАҚСАДИ ТАДВИНИ «ЛУҒАТИ НИМТАФСИЛИИ ТОҶИКӢ БАРОИ ЗАБОНИ АДАБИИ ТОҶИК»

(дар асоси як номаи Айнӣ ба Лоҳутӣ)

Дар мақола раванд ва мақсади тадвини «Луғати нимтафсилии тоҷикӣ барои забони адабии тоҷик»-и устод Садриддин Айнӣ дар асоси мактубаш ба Абулқосим Лоҳутӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Тазаккур дода шудааст, ки дар асоси ин мактуб метавон аз мақсади мураттаб намудани луғатномаи мазкур, равиш ва усули кори устод Айнӣ, замони ба вуҷуд омадани он ва тарзи интихоби вожаҳову сарчашмаи онҳо иттилоъ ба даст овард. Муаллифон дар асоси андешаҳои Садриддин Айнӣ, ки дар ин нома дарҷ гардидаанд, чунин натиҷагирӣ намудаанд, ки асарҳои лексикографие, ки то солҳои сиюми қарни XX рӯйи кор омада буданд, дигар наметавонистанд ниёзҳои мардумро бароварда созанд, зеро унсурҳои луғавии таркиби онҳо аксаран хусусияти архаистӣ доштанд ё тобишҳои нави маъноӣ ба худ касб намуда буданд. Ҳамчунин, таъкид гардидааст, ки бояд бо истифода аз дастовардҳои лексикографии замони муосир фарҳанги замонавие таълиф карда мешуд, ки дар он дарёфтани вожаҳо аз рӯйи ҳарфи аввалашон осон бошад ва ба ҳамин хотир устод Айнӣ ин луғатномаро мураттаб намуд.

Калидвожаҳо: мактуб, лексикография, мақсади тадвин, тартиби луғат, забони тоҷикӣ, забони зиндаи халқ, Айнӣ ва Лоҳутӣ.

ЦЕЛЬ СОСТАВЛЕНИЯ «ПОЛУПОДРОБНОГО ТАДЖИКСКОГО СЛОВАРЯ ДЛЯ ТАДЖИКСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО ЯЗЫКА»

(на основе письма Айни к Лохути)

В данной научной статье рассматривается процесс и цель составления «Полуподробного таджикского словаря для таджикского литературного языка» Садриддином Айни на основе его письма к Абулкасыму Лахути. Подчеркивается, что на основании этого письма можно получить информацию о цели составления этого словаря, подходе и методе работы Садриддина Айни, времени его создания и способе выбора слов и их источников. Основываясь на мнениях Садриддина Айни, которые включены в данное письмо, авторы пришли к выводу, что лексикографические произведения, выпускавшиеся до 30-х годов XX века, уже не могли удовлетворить потребности народа, поскольку лексические элементы данных в основном были архаичными или приобрели новые значения. Также подчеркивается, что современный словарь должен создаваться с использованием лексикографических достижений современной эпохи, в которых легко найти слова по первым буквам, и по этой причине Айни составил этот словарь.

Ключевые слова: письмо, лексикография, цель составления, порядок словаря, таджикский язык, живой язык народа, Айни и Лахути.

THE PURPOSE OF THE COMPLETION OF «TAJIK SEMI-DETAIL DICTIONARY FOR THE TAJIK LITERARY LANGUAGE»

(based on a letter by Aini to Lohuti)

The article discusses the process and purpose of the completion of «Tajik semi-detail dictionary for the Tajik literary language» by Ustod Sadriddin Aini based on his letter to Abulqosim Lohuti. It was noted that on the basis of this letter, it is possible to obtain information about the completion of this dictionary, the approach and method of work of Ustod Aini, the time of its occurrence and the ways of choosing words and their sources. The authors, based on the ideas of Sadriddin Aini outlined in this letter, came to the conclusion that lexicographic works that used in the thirties of the XX century could no longer meet the needs of people, since the meadow elements of their composition often had an archaic character or acquired new semantic shades. It is also emphasized that a modern dictionary should be created using the lexicographic achievements of the modern era, in which it is easy to find words by the first letters, and for this reason Aini compiled this dictionary.

Key words: Letter, lexicography, the purpose of the completion, the order of the dictionary, the Tajik language, the living language of the people, Aini and Lohuti.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Одинаев Абдуманон Иброҳимович*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи умумидонишгоҳии забони тоҷикӣ. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар. Мавлонбеков, 1

Наимова Фарзона Меҳрубоновна - Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи филология ва забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734055, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Борбад, 73А. Тел.: **(+992) 987-34-32-54**

Сведения об авторах: ***Одинаев Абдуманон Иброхимович*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, общеуниверситетская кафедра таджикского языка. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, проезд. Мавлонбекова, 1

Наимова Фарзона Мехрубоновна – Таджикский государственный институт культуры и искусства, преподаватель кафедры филологии и иностранных языков. **Адрес:** 734055, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Борбада, 73А. Тел.: **(+992) 987-34-32-54**

Information about the authors: ***Abdumanon Ibrokhimovich Odinaev*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, candidate of philological sciences, associate professor, university-wide department of the Tajik language. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, pas. Mavlonbekova, 1

Naimova Farzona Mekhrubonovna – Tajik State Institute of Culture and Art, teacher at the Department of Philology and Foreign Languages. **Address:** 734055, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Str., Borbada, 73A. Phone: **(+992) 987-34-32-54**

ТДУ: 81

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ЧАНДЕ АЗ КОСМОНИМИКАИ “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО”-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Файзуллоев А.А.
Донишгоҳи давлатии Данғара

Топонимика (аз юн. tópos – маҳал, макон ва onyma – ном), як ҷузъи ономастика буда, таъриху пайдоиш, инкишоф, маъною мундариҷа ва макони интишори номҳои ҷуғрофӣ (топонимҳо)-ро меомӯзад. Барои шумораи номи маҳалҳои калон истилоҳи «макротопоним», барои номи маҳалҳои хурд «микротопоним»-ро истифода мебаранд. Топонимика ба ҷузъҳои дигар – гидронимика (илмест оид ба номи объектҳои табиӣ ва сунъии об), космонимика (илмест оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ), ойконимика (илмест оид ба номи маҳалҳои аҳолинишин), оронимика (илмест оид ба номи унсурҳои релефи рӯйи замин) низ тақсим машавад [2, с.308].

Дар ин мақола мо тасмим гирифтем доир ба космонимикаи “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ таҳқиқот анҷом бидиҳем. Тавре дар боло зикр намудем, космонимия як қисми топонимика буда, мавзуи баҳси он оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ мебошад.

Вожаи сайёра дар “Фарҳани забони тоҷикӣ” чунин шарҳ дода шудааст:

Сайёра –سیاّرٌ ҳар як аз ҳафт ситорае, ки мувофиқи тасаввури ситорашиносони қадим гирди Шамс (Офтоб), чарх мезадаанд: Қамар (Моҳ), Уторид (Тир), Замин, Зӯҳра (Ноҳид), Миррих (Баҳром), Муштарӣ (Бирҷис), Зуҳал (Кайвон).

То ки шуд махдуми ман дар лашкари ман паҳлавон,
Чарх лашкаргаҳ шуду сайёрагон лашкар маро [10, с.177].

Сайёра а. سیاّرٌ нуҷ. ҷирми осмонӣ, ки гирди офтоб чарх мезанад ва аз он нур ва гармӣ мегирад [12, с.194].

Дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ “Тазкират-уш-шуаро” чор маротиба вожаи “сайёра” дар саҳифаҳои (53), (97), (154), (368) мавриди истифода қарор гирифтааст, ки метавон ба чунин тарз мисол овард:

Алами хусрави сайёрагон баланд шуд ва тарки суннати нописандида менамуд. Подшоҳи исломро номуси мулк домангири давлат буд, бонг бар шоҳзода Ҷӯкӣ зад, ки: Дарой. Он шоҳзодаи ҷавонбахти камонсахти ҷилвасози тирандоз саманди хушкоми мурассаълаҷомро барангехт.

Байт:

Тири аввал зи шасти зеҳгираш,
Бар каду зад, ки ду шуд аз тираш [4, с.368].

Дар ҷойи дигар ба чунин навъ мисол овардан мумкин аст:

...Дар ин боб ба мазаммати мардуми Исфаҳон мегӯяд:

Эй Худованди ҳафт сайёра,
Кофареро фирист хунхора.
То Дари Даштро чу дашт кунад,
Ҷӯи хун ронад ӯ зи Ҷӯбора.
Ададди мардумон биафзояд,
Ҳар якеро кунад ба сад пора [4, с.154].

Дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ номи чанде аз ҷирмҳои осмонӣ, аз он ҷумла сайёрагон баръало дида мешавад. Яке аз ин сайёрагон сайёраи “зуҳал”, ки дар фарҳангҳо ба чунин маъно омадааст:

Ба мадҳи Шарвоншоҳ қасидае гуфта, лиллоҳи дарру қоилиҳи:

Сипеҳри маҷду маонӣ, муҳити нуқтаи олам,
Ҷаҳони ҷуду маонӣ, чароғи дудаи Одам.
Хидеви кишвари панҷум, ягона ҳаштуми анҷум,
Ҷами дувум ба тааззум, худойгони муаззам.
Зуҳалмаҳаллу қазояд, қадармуроду фалаккин,
Шамолтабъу сабофар, масеҳдину малакдам [4, с.113].

Зуҳал- زحل - яке аз сайёраҳои калони низоми офтоб, ки онро ба форсӣ Кайвон мегӯянд ва мунаҷҷимон онро наҳс ҳисоб мекарданд [9. с.530].

Дар асар ду маротиба (82), (113) корбаст шудааст.

Ғамзаи ту ошиқонро дил бидӯзад бар ҷигар,
Ҳамчу хусрав бар Зуҳал дӯзад ба нӯги тир тир [4, с.82].

Вожаи “айюқ” дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ “Тазкират-уш-шуаро” чор маротиба (23), (399), (413), (468) оварда шудааст.

Чун қадами Қуръон ба зирваи Айюқ расид, фусаҳои араб сар дар зери гилеми хамулу идбор кашиданд, кирми шабтоб пеши чашмаи офтоб ва пораи қасаб ба нури моҳтоб чӣ тоб оварад?! Шайхи ориф Низомӣ, раҳматуллоҳи алайҳи, муносиби ин ҳол мефармояд:

Байт:

Аршу шаръу шеър аз ҳам хостанд,
Кори олам з-ин се пас оростанд [4, с.23].

Ба манобеи сарчашмаҳо вожаи айюқ – номи ситораест сурхранг, ки дар тарафи рости Каҳкашон воқеъ аст.

Рояти ҷаҳондорӣ ба аҳди ӯ ба зурваи айюқ расид. Лашкаре дошт ороста ва ҷавонони пурдил ва навхоста, таҷаммуле, ки Искандар ба хоб надидаву сипоҳе, ки Фаредун овозаи он ба гӯш нашнида... [4, с.399].

Зуҳра дар сарчашмаҳо ва фарҳангҳо бо чунин тарз маънидод шудааст:

Зуҳра - нуҷ. сайёраи ба Замин наздиктарини низоми Офтоб, ки бо номҳои «Ноҳид», «ситораи саҳарӣ» ва «ситораи субҳ» машҳур аст; шоирон онро «мутриби фалак» меномиданд ва юнониёни қадим онро «илоҳаи ишқу зебоӣ» мешумориданд [11, с.531].

Зуҳра – сайёраи Ноҳид, ки онро мутрибон фалак меноманд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешуморанд.

Зи тори тараб Зӯҳра бигсаст чанг,
Ки бар мутрибон айш аз ӯ гашт танг [9, с.446].

Дар фарҳанги “Бурҳони қотеъ” сайёраи Зуҳра ба чунин маънӣ шарҳ дода шудааст: Зуҳра- ситораи маъруф, ки онро Ноҳид хонанд [6, с.112].

Дар “Тазкират-уш-шуаро” вожаи зуҳра як маротиба (413) корбаст шудааст:

Юсуфрухе чу меҳр гирифтори чоҳи Далв,
Юнусваше чу Тир зи моҳӣ дар изтироб.
Аз базми Зуҳра то ба Сурайё ҳамерасид,
Афғони уду бонги наю нолаи рубоб... [4, с.413].

Вожаи “Уторид”, ки яке аз ҷирмҳои осмонӣ ба ҳисоб меравад, дар “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ ду маротиба мавриди истифода қарор дода шудааст.

Ҳаст чу шамъе ба рӯз рӯи Уторид зи рашк,
То ки ба тавқеъ дид килки туро дар банон... [4, с.124].

Сайёраи уторид//аторуд дар фарҳанги забони тоҷикӣ чунин шарҳ дода шудааст: Уторид/аторуд – сайёраи Тир, Меркурий, ки дар истилоҳи ҳаёти қадим дабири фалак номида мешуд.

Ба қалаб гашта бо Уторид ҷуфт,
Кори шамшер худ чӣ бояд гуфт [10, с.397].

Дар асар вожаи уторид ҷое бо чунин қасида баён шудааст:

Кӣ кард кори карам мардвор дар олам?
Кӣ кард асоси макорим мумаҳҳиду муҳкам?
Имоди олими одил, савори соиди мулк,
Асоси торами ислом, сарвари олам,
Малакулувву уторидулуму меҳрато,
Симокрумҳу асадҳамлаву ҳилолалам [4, с.212].

Замин ягона сайёраест, ки дар он мавҷудоти зинда умр ба сар мебаранд. Аз ҷиҳати лексика сайёраи Замин аз як реша иборат буда, дар фарҳангномаҳо ба маънии арз, тул омадааст.

Мехост дӯш узри ҷафоҳои ӯ хаёл,
Сад тири оҳи нимкашам дар камон бимонд.

Хусрав зи оҳи гарм бар оташ ниҳод наъл,
Бар ҳар замин, ки аз суми аспаш нишон бимонд [4, с.232].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ сайёраи Замин чунин маъниҳоро соҳиб аст: Замин زنیم.1.хок. 2. масоҳате, ки ба қитъаҳо ҷудо карда, дар он киштукор мекунанд, киштзор, мазраа; кураи арз, яке аз сайёраҳое, ки мо, инсонҳо, дар он ҳаёт ба сар мебарем. Мамлакат, кишвар; замину замон тамоми дунё; ҷаҳон [11, с.505].

Гар рӯи замин ба ҷумла обод кунӣ,
Чандон набувад, ки хотире шод кунӣ.
Гар банда кунӣ ба лутф озодеро,
Беҳтар, ки ҳазор банда озод кунӣ [9, с.433].

Дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ “Тазкират-уш-шуаро” калимаи замин 66 маротиба мавриди истифода қарор гирифтааст. Дар ин асар сайёраи Замин ба таври васеъ корбаст шудааст, ки метавон чанде аз он мисол овард:

Агарчи қабои баҳодурӣ ва сафдарӣ бар қади қадри ӯ зебост, аммо аз рӯйи маонӣ ва сухангустарӣ малик-ул-калом ва амир-уш-шуарост.

Дами теғаш ба даме рӯи замин рангин кард,
Найи килкаш ба ҳунар таъми сухан ширин кард [4, с.474].

Дар фарҳанги форсии Амид ба чунин тарз маънидод намудаанд:

Замин- زنیم- хок, рӯйи хок, сатҳи курае, ки зери пойи мо ҳаст ва қитъае аз он ки махсус зироат бошад ё дар он хона бисозанд ё афтода ва боира (замини корношоям) бошад. Кураи хок, кураи мутаҳаррик, ки мо рӯйи он зиндагӣ мекунем ва яке аз сайёроти ҳаштгона аст, ки баъд аз Зуҳра воқеъ шуда [13, с.606].

...Ва Шоҳ Шуҷоъ ин рубоӣ муносиби он воқеа мегӯяд.

Рубоӣ:

Маҳмуд бародарам шаҳи шери макин,
Мекард хусумат аз паи тоҷу нигин.
Кардем ду бахш, то биосояд халқ,
Ӯ зери замин гирифту ман рӯи замин.

Султон Увайси Ҷалоир дар ҷавоби ӯ гӯяд:

Эй Шоҳ Шуҷои миллату давлату дин,
Худро ба ҷаҳон вориси Маҳмуд мабин.
Дар рӯи замин агарчи ҳастӣ ду-се рӯз,
Биллаҳ, ки ба ҳам расед дар зери замин [4, с.282].

Сайёраи дигар, ки ном бурда мешавад моҳ, аз як реша иборат буда, дар фарҳанг бо маъниҳои қамар, киноя аз рӯйи зебо, чеҳраи хушрӯйи маҳбуба. Дар фарҳанги Бурҳони қотеъ сайёраи Моҳ чунин маънидод шудааст: Моҳ - ماه бар вазни шоҳ; ба маънии найириаи асғар аст, ки арабон қамар хонанд; ва тарҷимаи шаҳр ҳам ҳаст ва он аз дидани ҳилоле то дидани ҳилоли дигар аст, ки як ҳисса аз дувоздаҳ ҳиссаи сол бошад, ва ба забони паҳлавӣ, шаҳр ва мамлакатро гӯянд [7, с.78].

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,
Мир наздат меҳмон ояд ҳаме.
Мир моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме [4, с.49].

МОҲ//МАҲ - ماه радифи наздиктарини Замин, ки даври он мегардад ва аз акси нури Офтоб тобон аст, қамар [11, с.817].

Дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ вожаи моҳ 15 маротиба корбаст шудааст: Маҷнун гуфт: «маро чашме бахш, ки ғайр аз Лайлӣ дар назараш хуб нанамояд». Халифа гуфт: «Агар беҳтар аз Лайлиро бубинӣ, ӯро нахоҳӣ?» Маҷнун гуфт: «Ман худ ғайри ӯ касеро набинам».

Байт:

Хун бод дидае, ки бубинад ҷамоли дӯст
В-он гаҳ назар кунад ба рухи офтобу моҳ [4, с.322].

Офтоб آفتاب – бар вазни моҳтоб; ба ҳасби луғат тобиш ва рӯшанӣ ва партави меҳр аст ҳамчу моҳтоб, ки тобиш аз рӯшании моҳ бошад; ва баъзе гӯянд маънии таркибии он офт-об аст; ва ба ҳасби истилоҳ шамсро гӯянд; ва ба маънии рӯз ҳам омадааст; ва киноя

аз шароби ангурӣ ҳам аст; ва назди арбоби сулук аз офтоб руҳ мурод аст ва моҳтоб нафс [5, с.57].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ Офтоб бо чандин шарҳу тавзеҳот оварда шудааст.

Офтоб آفتاب ситораи нурдиҳанда, маркази низоми шамсӣ, ки равшаниву ҳарорати замин аз он ҷост; Хуршед, меҳр, Шамс [12, с.43].

З-он пеш, к-офтоб сар аз кӯҳ барзанад,
Бояд майе ба бӯи гулу ранги арғувон.
Он бодаи ба нури маҳу акси офтоб,
К-аз офтобу моҳ диҳад рӯзу шаб нишон [4, с.126].

Космонимияе, ки дар ин асар хеле зиёд мавриди истифода қарор гирифтааст, ин сайёраи Офтоб аст. Дар "Тазкират-уш-шуаро" тақрибан 47 маротиба бо маъноҳои гуногун ва дар мавқеъҳои гуногун корбаст шудааст. Метавон мисоле аз асар доир ба ин навъи космоним овард:

...Ва ҳукамо тире муҷавваф кардаанд, аз симобу адвия пур карда ва қувват дода, то дар вақти тулӯи офтоб муқобили офтоб андохт ва ҳарорати офтоб онро ҷазб карда ва аз ҳудуди Омул ба Марв расид [4, с.75].

Муштарӣ مشتري - номи бузургтарин сайёраи манзумаи Офтоб, ки мунаҷҷимони қадим онро муборак мешуморанд, Бирҷис, Ҳурмуз, Саъди Акбар, Қозии фалак (Юпитер) [11, с.867].

Бар офтоб танз куниву мусалламӣ,
Бар Муштариву Моҳ бихандиву барҳақӣ.
Гар моҳ дар либоси кабуди мунаққат аст,
Ту шоҳ дар либоси насиҷи муфаррақӣ [4, с.167].

Ин навъи космоним дар асар шаш маротиба (32), (98), (156), (167), (335), (436) мавриди истифода қарор гирифтааст:

Мутрибу таббоху наълу котибаш,
Зӯҳраву Хуршеду Моҳу Муштарӣ [4, с.156].

Ҳамин тариқ, муаллиф тавонист то дараҷае доир ба чанде аз космонимикаи "Тазкират-уш-шуаро"-и Давлатшоҳи Самарқандӣ маълумоте матраҳ намояд ва ногуфта намонад, ки дар асар космонимика чандон зиёд нестанд, вале доир ба космонимикаи Замин, Қамар (Моҳ), Уторид (Тир), Зуҳра (Ноҳид), Муштарӣ (Бирҷис), Зуҳал (Кайвон), Шамс (Офтоб) аз ҷиҳати лексикӣ-семантикӣ дар ин мақола маълумоти мухтасаре оварда шудааст. Тавре дар боло қайд намудем, космонимика илмест оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ, ки тамоми сайёрагону ситорагон ва дигар ҷирмҳои осмониро мавриди омӯзиш қарор медиҳад.

Муқарриз: ***Абдуманнонзода М.А.*** - н.и.ф., ДДД

А Д А Б И Ё Т

1. Алимӣ, Ҷ. Ономастика (назария ва амалия) / Ҷ.Алимӣ. – Душанбе, 2017. - 552 с.
2. Бобомуродов Ш. Фарҳанги истилоҳоти забоншиносӣ / Ш.Бобомуродов, З.Мухторов. - Душанбе, 2016. - 428 с.
3. Ғафуров, О. Тафсири мухтасари номҳои чуғрофӣ / О.Ғафуров. – Душанбе: Маориф, 1983.
4. Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. – Хуҷанд, 2015. – 544 с.
5. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.1. – Душанбе: Адиб, 1993. – 416 с.
6. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.2. - Душанбе: Адиб, 2004. - 424 с.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ. Ҷ.3. – Душанбе: Адиб, 2014. - 400 с.
8. Фарзонаи Саидумрон. Фарҳанги ном. – Душанбе: Адиб, 2014. - 336 с.
9. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ.1. – Москва: Нашриёти «СОВЕТСКАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ», 1969. - 951 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Ҷ.2. – Москва: Нашриёти «СОВЕТСКАЯ ЭНЦИКЛОПЕДИЯ», 1969. - 950 с.
11. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ.1. – Душанбе, 2008. - 950 с.
12. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷ.2. – Душанбе, 2008. - 945 с.
13. Ҳасан Амид Фарҳанги форсии Амид. – Теҳрон, 1389. - 1088 с.

ХУСУСИЯТҲОИ СЕМАНТИКИИ ЧАНДЕ АЗ КОСМОНИМИКАИ "ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО"-И ДАВЛАТШОҲИ САМАРҚАНДӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф доир ба мавқеи истифодабарии космонимика, ки аз қисматҳои муҳимми илми топонимика ба ҳисоб меравад, маълумот додааст. Омӯзиши ном ва номшиносӣ имрӯзҳо дар илми забоншиносӣ аҳаммияти бузургӣ амалӣ касб кардааст ва ҷиҳати таҳлилу таҳқиқи ономастикаи осори бадеӣ ва такони тоза бахшидан ба омӯзиши номҳои асарҳои манзуму мансур муаллиф номҳои ҷирмҳои осмониро дар асари гаронбаҳои таърихи адаби форсу тоҷик – “Тазкират-уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ мавриди омӯзиш қарор додааст. Космонимия илмест оид ба номи ҷирмҳои осмонӣ, ки дар асари Давлатшоҳи Самарқандӣ ҷойгоҳи худро дорад. Дар мақолаи мазкур космонимикаи асар ба гурӯҳҳо ҷудо шуда, ҳамзамон бархе аз онҳо дар такя ба фарҳангномаҳою луғатномаҳо шарҳу тавзеъ ёфтаанд. Барои тақвияти фикри худ муаллиф аз асари мазкур мисолҳо овардааст. Омӯзиши номҳои ҷирмҳои осмонӣ дар “Тазкират-уш-шуаро” аз манфиат холӣ набуда, барои омӯзиши ономастикаи ин асари гаронбаҳо қадаме ҷиддӣ ва фоидаовар хоҳад буд.

Калидвожаҳо: космонимика, топонимика, асар, офтоб, моҳ, муштарӣ, замин, забоншиносӣ, вилоят, мамлакат.

СЕМАНТИЧЕСКАЯ ХАРАКТЕРИСТИКА НЕКОТОРЫХ КОСМОНИМОВ В “ТАЗКИРАТ-УШ-ШУАРО” ДАВЛАТШОХА САМАРКАНДИ

В данной статье автор отметил важность использования космонимики, которая является одной из основных частей науки топонимики. В области языкознания, в современных условиях изучение имен и наименований имеет большое значение в области языкознания и исследования особенностей ономастики художественных произведений - это новый путь к изучению географических названий мест, которые взяты из произведений об истории персидско - таджикской литературы “Тазкират-уш-шуаро” Давлатшоха Самарканди. Космонимия – это наука о небесных телах, космонимики, о них говорится в произведении Давлатшоха Самарканди. В статье автор указал, что произведения разделены на группы, некоторые из них нашли разъяснение в толковых словарях. Автор для укрепления своего мнения привел примеры из этого произведения. Изучение небесных тел в “Тазкират- уш- шуаро” не случайность, так как для изучения ономастики данное произведение является первым полезным и серьезным шагом.

Ключевые слова: космонимы, топонимика, произведение, солнце, луна, Юпитер, земля, языкознание, область, страна.

SEMANTIC CHARACTERISTICS OF SOME COSMONICS IN “TAZKIRAT-USH-SHUARO” DAVLATSHOKH SAMARKANDI

In this article, the author noted the importance of using choronymy, which is one of the main parts of the science of toponymy. In the field of linguistics, in modern conditions, the study of names and appellations is of great importance in the field of linguistics and the study of the features of artistic onomastics produced is a new impetus to the study of geographical names of places, which the author showed in his work on the history of Persian-Tajik literature “Tazkirat-ush-Shuaro” by Davlatshokh Samarkandi. Cosmonymy is the science of celestial bodies, which have their place in the work of Davlatshokh Samarkandi. In the article, the names of the named work are divided into groups, some of them are explained in explanatory dictionaries. The author cited examples from this work to strengthen his opinion. The study of celestial bodies in “Tazkirat-ush-shuaro” is not accidental, since this work is the first useful and serious step for the study of onomastics.

Key words: cosmonyms, toponymy, product, sun, moon, jupiter, earth, linguistics, region, country.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Файзуллоев Абдурозиқ Абдулҳакимович*** – Донишгоҳи давлатии Данғара, муаллими калон, кафедраи забон ва адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735320, ш.Данғара, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч.Шарифов, 3. E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-38-93-92**

Сведения об авторе: ***Файзуллоев Абдурозик Абдулхакимович*** – Дангаринский государственный университет, старший преподаватель, кафедра таджикского языка и литературы. **Адрес:** 735320, Дангара, Республика Таджикистан, ул. Шарифова, 3. E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.** Тел.: **(+992) 900-38-93-92**

Information about the author: ***Faizulloev Abduroziq Abulhakimovich*** – Dangara State University, senior teacher of the Department of Tajik language and literature. **Address:** 735320, Dangara, Republic of Tajikistan, Sharifova, Str., 3. E-mail: **Abduroziq.1995@mail.ru.** Phone: **(+992) 900-38-93-92**

ТДУ: 811.21/.22.53+811.112.2

ҶАНБАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГИИ ОМОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ УРФУ ОДАТ ВА ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Л. Зафардухт, Ғоибова Г.
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

Пас аз Истиқлоли давлатӣ илми забоншиносии тоҷик низ ба мисли дигар илмҳо бесобиқа рушду такомул ёфта истодааст. Ҳар гоҳ сухан дар бораи забон ва адабиёти тоҷик меравад мо бевосита ифтихор менамоем, ки дорои чунин арзишҳои миллии куҳан ҳастем. Ифтихор аз таърих, фарҳанг, забон ва анъанаҳои наҷибу ҷовидонаи миллат як рукни бисёр муҳимми истиқлолият давлатӣ мебошад [15, с.5].

Таркиби луғавии забони тоҷикӣ бо гузашти асрҳо хеле ғановатманд гардидааст. Бою ғанӣ гардидани забон аз таъриху фарҳанги миллат сахт вобастагӣ дорад, зеро дар забон арзишҳои миллии қавму қабилаҳо баръало инъикос мегарданд. Чӣ ҳодиса ва рӯйдодҳое, ки дар ҳаёти ҳамарӯзаи инсон ба вуқӯъ мепайванданд, маҳз дар забон инъикоси худро мегузоранд. Забон падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад [13, с.5].

Чи тавре маълум аст, забон аз унсурҳои гуногун ташаккул меёбад. Яке аз манбаъҳои такомули таркиби луғавӣ ва сохти грамматикии забони адабии тоҷик ин бою ғанӣ гардонидани забон аз ҳисоби истилоҳоту вожаҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросимҳо низ ба шумор меравад.

Ин навъи вожаҳо ҳангоми гузаронидани ҳар як анъанаю суннатҳои мардумӣ пайваста дар истифода буда, ба худ бо гузашти замон маъноҳои гуногун пайдо мекунанд, ки дар бисёр маврид маъниҳои иловагии онҳо зимни маҷоз ба вуҷуд меоянд. Аз рӯйи маводи ҷамъовардаи мо ва таҳқиқоте, ки дигар забоншиносон ба сомон расонидаанд, маълум мегардад, ки воҳидҳои луғавии сермаъно дар лексикаи ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросимҳо бештар ба чашм мерасанд ва ҳамеша дар истифодаанд.

Лексикаи ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросимҳо бештар калимаҳоеро дар бар мегирад, ки онҳо хусусиятҳои ба худ хосси миллӣ дошта, маънаван тасвири забонии ҷаҳони ҳар як қавму қабилаи алоҳидаро инъикос мекунанд. Аз қабили *сешӯён* (маросиме, ки пас аз се рӯзи марг сару либоси шахси фавтидаро мешӯянд), *бахткушоён* (маросиме, ки бахшида ба тӯйи арӯсӣ гузаронида мешавад), *васкакча* (камзӯли арӯсӣ), *занона* (маросиме, ки дар он чодари арӯс дӯхта мешавад), *саршӯён* (маросиме, ки се рӯз пеш аз тӯйи арӯсӣ гузаронида мешавад), *кӯрпадӯзон* (маросиме, ки дар он кӯрпаю болишти арӯс дӯхта мешавад), *рӯкушоён* (маросими арӯсбинӣ), *хусурсалом* (маросиме, ки як рӯз пас аз тӯйи арӯсӣ гузаронида мешавад) ва ғайра.

Ҳаматарафа омӯхтану таҳқиқ намудани қабатҳои лексикӣ-семантикии калимаҳо ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросимҳо аз рӯйи таҳқиқоти гузарондаи забоншиносон масъалаи хеле муҳим ба шумор меравад. Зеро ба ҳамин восита мо метавонем умумияти лексикаи мазкурро бо лексикаи дигар соҳаҳо муайян намоем ва фарқияти онро аз дигар забонҳо нишон диҳем.

Барои ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор додани ҳар як воҳиди луғавӣ бояд паҳлуҳои гуногуни маъноии онҳоро омӯхта, беҳтарину маъмултаринашро ба оммаи васеи хонанда пешкаш намоем. Инак, яке аз чунин луғатҳо луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим ба шумор меравад. Ин навъи вожаҳо дар забони тоҷикӣ мавқеи асосӣ дошта ҳангоми гузаронидани ҷашну маросимҳои мардумӣ корбаст мешаванд. Истилоҳоту калимаҳое дучор мешаванд, ки фарогири маъноҳои якхела ё ба ҳам наздиканд, гурӯҳи дигар дар ифодаи мафҳумҳое ба кор мераванд, ки хилофи якдигаранд, гурӯҳи сеюму чорум шаклан якхела бошанд ҳам, дар ифодаи маъниҳои мухталиф ба кор мераванд. Аз ин рӯ, онҳоро ба гурӯҳҳои алоҳида ҷудо мекунем.

Омонимҳо низ яке аз воҳидҳои забон буда, тавассути онҳо ҷойҳои холигии забон пурра ва ғановатманд мегарданд. Омонимҳо ҳамчун гурӯҳи махсуси луғавӣ –маъноӣ

маҳсули давраҳои дуру дарозӣ таърихӣ мебошанд. Вобаста ба эҳтиёҷоти фарҳангию маишии мардум, риояи низоми муошират аз ҷониби одамон як гурӯҳи калони калимаҳо дар забон аз нигоҳи овозӣ бо ҳам монандӣ пайдо мекунанд, дар байни маъниҳои гуногуни унсурҳои сермаънӣ ҷудоӣ ба амал меояд, ё ин ки баъзе маъниҳои онҳо тамоман аз байн мераванд, ки ҳамаи ин ба пайдоиш ва афзоиши омонимҳо дар нутқ бурда мерасонад [5, с.276].

Боиси зикр аст, ки омонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим низ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, аз бою ғанӣ будани таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда дарак медиҳанд. Мутаассифона, ин мавзуи ниҳоят муҳим, ки на танҳо ҷанбаи забоншиносӣ, балки ҷанбаи этнографию таърихӣ низ дорад, дар забоншиносии тоҷик ба таври алоҳида дар шакли як рисолаи илмӣ то имрӯз мавриди диду боздид ва ҷамъбасти илмӣ қарор дода нашудааст. Бинобар ин, мақолаи мо пас аз мақолаву асарҳои илмии Ғ.Ҷӯраев [1980, 242-248], Ш.Исмоилов [2018, 276-286], Н.Гадоев [2009, 10-11] ва Г.Абдуллоева [2017, 142-155] тадқиқоти махсусе мебошад, ки ба омӯзиши вожаҳои омонимӣ равона гардидааст.

Луғати калимаҳои омонимиро дар забони тоҷикӣ забоншинос Ш. Кабиров соли 1992 мураттаб сохтааст, гарчанде ки ин луғат аз 240 саҳифа иборат бошад ҳам, аммо тамоми омонимҳои забони тоҷикиро фаро гирифта наметавонад.

Ин луғат на фақат омонимҳои луғавии забони адабии муосири тоҷик, ҳамчунин маводи калимаҳои ҳамовози форсии классикиро низ дар бар гирифтааст. Аз ин сабаб дар он чунин ҷуфтҳо, сегонаҳо ва чоргонаҳои омонимӣ низ ҷой дода шудаанд, ки дар забони адабии муосири тоҷик дар истеъмол нестанд. Баъди ҳар як моддаи луғавӣ оварда шудани шакли навишти арабии онҳо, ки дар асл имлои онҳо хусусиятҳои аз ҳам фарқкунанда доранд, равшан мегардад. Ин имконият медиҳад, ки омонимҳои пурра аз омофон, омограф ва омоформҳо дар забони тоҷикӣ ҷудо карда шаванд.

Омонимҳои забони олмонӣ дар корҳои муҳаққиқони рус А.М. Искоз ва А.Ф Ленкова“ Deutsche Lexikologie”. О.И. Москалской “Grammatik der Deutschen Gegenwartssprache” ба риштаи тадқиқ кашида шудаанд.

Инчунин, забоншиноси дигари рус О.Косенко дар мақолаи хеш “Хусусиятҳои муҳимми омонимҳо дар забонҳои сохторашон гуногун (дар асоси маводи забони русӣ, англисӣ ва японӣ)” чунин дарҷ намудааст: “Қариб дар ҳамаи забонҳо омонимҳое, ки аз калимаҳои аслии забон ташаккул ёфтаанд ва ҳам омонимҳое, ки аз калимаҳои аслию иқтибосӣ дар натиҷаи таъсири байнизабонӣ ташаккул ёфта, ба назар мерасанд” [7, с.981].

Дар луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим ҳам ин навъи омонимҳо хеле зиёд ба назар мерасанд: Масалан, *пар* (пари паранда), *пар* (паре, ки ҳангоми худро оро додан арӯс дар тоқиаш мечаспонад), *пар* (буғи ҳаммом): *Парҳоро* ба тоқии арӯс часпондед. Арӯсро *парба* дароред, то ин ки пеш аз никоҳ тозаю озода тобад. Калимаи “пар” дар ифодаи “буғи ҳаммом” калимаи иқтибосии русӣ буда, дар луғат низ дар ҳамин шакл тарҷума шудааст. Бархе аз забоншиносон чунин ақида доранд, ки калимаҳои иқтибосӣ бо калимаҳои русӣ-аврупоӣ омоним шуда наметавонанд. Аммо дар забони тоҷикӣ чунин ҳодисаҳои забонӣ хеле зиёд ба чашм мерасанд, зеро дар забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде ба назар мерасанд, ки бо калимаҳои русӣ-аврупоӣ ҳамшакланд. Хосияти назарраси калимаҳои русиву аврупоиро муаллифи китоби “Забони миллат-ҳастии миллат” дар ифода намудани мафҳумҳои ҳаётан муҳимми иқтисодӣ, маишӣ ва фарҳангӣ мебинад” [14, с.387].

Дар забони олмонӣ низ омонимҳои зиёде ба назар мерасанд, ки дар ифодаи урфу одат ва ҷашну маросим корбаст мешаванд. Масалан, вожаи ***“die Feder”*** дар забони олмонӣ ба маъноҳои “*муҳаррик*”, “*пари паранда*”, “ *хомае, ки тавассути он менависанд”* корбаст мешавад.

Боиси зикр аст, ки дар байни мардуми Олмон урфу одати аз “пар*” “die Feder”* тайёр намудани болишт то ҳанӯз маҳфуз мондааст. Аз ин бармеояд, ки аз воҳиди луғавии ***“die Feder”*** - пар дар забони олмонӣ калимаи мураккаби ***die Federкissen*** - болишти пар, ки дар луғати ифодакунандаи урфу одат хеле сермаҳсул аст, сохта шудааст. Инчунин, калимаҳои “*бар”* (бари курта) ва калимаи иқтибосии “*бар”* (ҷойи шаробу майнӯшӣ, ки бештари вақт маъракаи ақди никоҳ дар он ҷой гузаронида мешавад) низ дар забони

тоҷикӣ хусусияти омонимиро зоҳир менамоянд: Тӯйи Азизаро дар *бари* “Самандар” мегузаронем. *Бари* куртаи кӯдоро тангтарак гиред.

Хусусиятҳои омонимҳои забони русиро ба инобат гирифта забоншиноси рус О. Косенко оид ба ин гурӯҳи калимаҳо чунин овардааст: Дар семантикаи забони олмонӣ калимаҳои омонимӣ мавқеи муайян доранд, ки инро мо дар мисоли омонимҳои *Reif* (ҳалқа), *Reif* (расидагӣ, пухтагӣ); *Mahl* (хӯрок), *Mal* (як бор), *Mal* (хол) эҳсос карда метавонем [7, с.980].

Бояд қайд кард, ки дар энсиклопедияи “Brock Haus” маънои нави вожаи *“Reif”- po* дар забони олмонӣ пайдо намудем, ки чунин аст*: Reif* (*Niederschlag aus feinen Eisteilchen bei Kälte* - дар вақти яхбандӣ таҳшиниҳое, ки аз порачаҳои ях ба вуҷуд омадаанд) [4, с.840].

Калимаҳои омонимӣ чунин хусусият доранд, ки аз ҷиҳати овозӣ ба ҳамдигар монанд буда, маъно ва мафҳумҳои гуногунро ифода мекунанд [3, с.23].

Чи тавре маълум аст, калимаҳои омонимӣ дар забони тоҷикӣ метавонанд аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ низ ташаккул ёбанд. Масалан, калимаи *даромад* ба маънои “аз дар даромадан”, яъне ба феъл мансуб аст, аммо *даромад* “маблағ ё музди ба дастомада” ба исм мансуб буда, дорои категорияҳои исм мебошад. Воқеан, шакли якхелаи овозӣ доштану дар маъниҳои гуногуни луғавӣ ба кор рафтани калимаҳо яке аз омилҳои фарқкунандаи омонимҳо аз дигар категорияҳои луғавии забон мебошанд.

Дар ҳақиқат, омонимҳо дар луғати ифодакунандаи урфу одат, ки бештар хусусияти гуфтугӯйӣ доранд, ба мисли забони адабӣ гардиш мекунанд. Оид ба ин ҳодисаи забонӣ дотсент Г. Абдуллоева чунин ибрози ақида намудааст: “Агар зуҳурот ва манобеи ташаккули омонимҳоро дар лаҳҷаҳо ба муоина гирем, метавонем бубинем, ки омонимҳои лаҳҷавӣ аз забони адабӣ то ҷое фарқ карда меистанд. Аз ин хотир, вақте ки сухан аз боби манбаъҳои зуҳурот ва ташаккулу таҳаввули омонимҳо ба миён кашида мешавад, пеш аз ҳама, ҳамин масъала мебояд дар мадди назари муҳаққиқ қарор дошта бошад” [1, с.51]. Калимаҳои омонимии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забон бо роҳҳои гуногун пайдо мешаванд, ки маъмултарини онҳоро ба таври зерин метавон номбар кард:

1. **Аз нигоҳи талаффуз тасодуфан бо якдигар ҳамшакл гардидани калимаҳои гуногунмаъно**: Масалан, *гузаштан* (аз ягон ҷой гузаштан), *гузаштан* (бо дунё падруд гуфтан); *оқсақол* (роҳбар, маслиҳатчӣ, калони деҳа), *оқсақол* (ҷавчӣ); *хонадор* (соҳиби хона), *хонадор* (оиладор); *доира* (асбоби мусиқие, ки дар тӯю маъракаҳо менавозанд), *доира* (нақше, ки дар куртаи чакан медӯзанд), *доира* (фигураи геометрӣ); *гурум* (тӯйро бо шодию хурсандии беандоза гузаронидан), *гурум- гурум* задан (бо зарба роҳ гаштан); *ёдбуд* (маъракае, ки дар рӯзи тавлиди шахси мурдагӣ пас аз маргаш гузаронида мешавад), *ёдбуд* (ёдгор); *тумор* (дуои навишташуда, тумору таштоб), тумор (ороиши заргарие, ки дар пеши бари занҳо овехта мешавад), *тумор* (ба маънии китобат ва нома) [9, с.51]; *арақ* (модаи бадбӯйи бадан ҳосил менамояд*), арақ* (ҳар шаробе, ки онро чаконанд ва ин аз аҳли забон ба таҳқиқ пайваста) [9, с.53]; *яктаҳ* (сарбанди арӯсон), яктаҳ (куртаи мардона). Муодили “яктаҳ” (куртаи мардона) дар забони русӣ калимаи “рубашка” ба ҳисоб меравад [12, с.16].

Ҳангоми таҳлили мавод маълум гашт, ки калимаи “*хонадор*” дар забони тоҷикӣ ба ду маъно корбаст мешавад, ки яке ба дигаре хусусияти омонимӣ дорад: Ҳайитбой бист сол мешавад, ки дар орзӯи *хонадор* шудан аст, аммо пуле надорад, ки хона созад. Зудтар дасташро ҳалол карда ба қатори мардум дарор; Худо расонад, пас аз ду сол сарашро ба ягон ҷо банд карда дар пайи *хонадор* карданаш афтодан даркор аст [2, с.50].

Воҳиди луғавии *оқсақол* бошад, дар нутқи гуфтугӯйӣ ба тағйироти фонетикӣ гирифтор шуда шакли *осақолр*о гирифтааст. Маънои дуюми ин калима бештар миёни тоҷикон маъмултар аст: Ҳар чӣ бошад,- гуфт *оқсақол,* ин гапро ба ин маҷлис кушодан дуруст нест, зеро сухан дар миёнаи омма овоза мешавад, бе он ки таги корро кованд [2, с.118].

Албатта, дар ин маврид тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон мавқеи калонро бозида, ҳангоми тарҷумаи ҷумлаи якум бо забони олмонӣ калимаи «хонадор» ба маънои «соҳиби хона шудан» ба монеа дучор намешавем: Heitboi treumte Zwanzig Jahre lang uber ein Haus,aber er kein Geld dafuer hatte. Аммо ҳангоми тарҷумаи ҷумлаи дуюм бо забони

олмонӣ каме ба монеа дучор мешавем, зеро калимаи «хонадор» ҳангоми тарҷума бо забони олмонӣ маънои «оиладор шудан»- ро дода наметавонад.

Ҳангоми таҳлили мавод исбот намудем, ки дар забони тоҷикӣ калимаҳое ба назар мерасанд, ки тасодуфан аз ҷиҳати талаффуз бо якдигар ҳамшакл гардида, омонимҳоро ташкил медиҳанд. Ҳангоми тарҷумаи онҳо бо забони олмонӣ дар аксарияти ҳолатҳо он маъноҳое, ки ба мо лозиманд гирифта наметавонем, зеро тасвири забонии ҷаҳони тоҷикон аз олмониён фарқ дорад.

2. Дар натиҷаи аз асоси худ канда шудани яке аз маъноҳои калимаи сермаъно ва дур рафтани он аз маъниҳои дигари калима. Масалан, маънии луғавии *чодар* дар забони адабии тоҷик ба ҳама аён аст, аммо дар луғати ифодакунандаи урфу одат зимни кӯчиши маънӣ вай боз мафҳуми "*сарбанд*" (матое, ки занҳо дар сар мепартоянд), *бурҷома* (матое, ки кӯрпаю болини арӯсро дар он мебанданд) ва "чимилиқ" (пардае, ки арӯсу домод дар паси вай менишинанд)- ро низ ифода карда метавонад.

3. Бо роҳи калимасозӣ пайдо шудани омонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим: *гирдак* (ноне, ки дар тӯю маъракаҳо омода месозанд), *гирдак* (тоқие, ки арӯсон дар тӯй мепӯшанд); *шабгардак* (духтари бебок, шабгард) ва *шабгардак* (базме, ки дар тӯйи арӯсӣ барпо менамоянд); *овак* (малоҷаи сари тифли навзод), *овак* (навъи ангурро меноманд), *овак* (захми об пайдокарда); *чиллагӣ* (номи дастурхони ҷашни Сада), *чиллагӣ* (харобу лоғар шудани кӯдаки навзод).

Вожаи "*шабгардак*"-ро Мавлонои Бузург дар осори хеш мавриди истифода қарор додааст: "аз баҳри сапедрӯии абадии ин падар ва аз они худ ва аз он ҳама қабила хотири эшонро азизи азиз дорад ва ҳар рӯзрову ҳар шабро чун рӯзи аввал ва *шабгардак* донад дар сайд кардан ба доми дилу ҷон" [8, с.114].

Мусаллам аст, ки маънои асосии вожаи *чилла* дар забони тоҷикӣ «зеҳи камон, ресмони камон» ба шумор меравад, аммо дар луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим ба чанд маъно корбаст мешавад:1. Ҳангоми тавлиди тифл ба муддати чиҳил рӯз дар чилла нишастан; 2. Ҳангоми барпо намудани тӯйи арӯсӣ чиҳил рӯз чилла нишастан; 3. Пас аз чил рӯзи марги инсон худоие бо номи чил барпо кардан: *Чиллаат,* ки гузашт чиллагурезонак ба хонаи мо биё. Вай арӯса тоқа нагузоред, ки ҳоло *чиллааш набаромадааст*, чилланок аст. Имрӯз Саидакбара *чилли* будашро медиҳанд.

Чи тавре маълум гашт, лексикаи ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим калимаву истилоҳоти зиёдеро дар бар мегирад, ки дар мавридҳои муайян мавриди истифода қарор мегирад. Дар таркиби луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим як гурӯҳи калимаҳое ба чашм мерасанд, ки онҳо ё аз нигоҳи маънӣ бо ҳамдигар қаробат доранд ва ё аз нигоҳи таркиби овозӣ бо ҳам якхела буда, номи ҳодисаву ашёи гуногунро ифода мекунанд. Инчунин, вожаҳое, ки аз ниҳоди онҳо маъниҳои гуногон ба берун меоянд, низ дар ифодаи дину оин, расму русум ва анъанаҳои мардуми тоҷик кам нестанд. Ба ин гурӯҳ калимаҳои *эшон, маърака, мавриd, мома, чилпо* ва монанди инҳоро дохил кардан мумкин аст.

Вожаи **эшон** дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ҷонишини шахси сеюми ҷамъ, дар мавриди эҳтиром барои ифодаи *"шахси сеюми танҳо*", "*мулло, шайх*" омадааст [11, с.616]. Бояд зикр кард, ки исмҳои "*мулло" ва "шайх*" ба луғати ифодакунандаи мафҳумҳои динӣ марбут мебошанд: *Эшон* аз кардаи худ пушаймонанд. *Эшони* деҳаи худамон арӯсу домодро никоҳ кард.

Вожаи "*маърака*", гарчанде дар осори адибони классикиву муосир ба маънои муҳориба, майдони ҷанг бештар корбаст шавад [10, с.666] ҳам, аммо дар луғати ифодакунандаи урфу одат, ба маънои "чорабиние, ки ҳангоми тӯю мурда барпо менамоянд" мавриди истифода қарор дорад.

Аз ҳама аҷиб омоним шудани калимаи *"мавриd"* мебошад, ки маънои асосии он "ҳангом", "мавқеъ" буда, инчунин дар нутқи гуфтугӯйӣ ба маънои "туй", "базм", "хурсандӣ" ва инчунин ба маънои "маъракаҳое, ки ба муносибати маргу мотам баргузор менамоянд," мавриди истифода қарор дорад: *Мавриди* имрӯза хеле хуб гузашт, қудоҳо хурсанд шуда рафтанд. Умед барои *мавридои* мӯйсафеди падарашро гузаронидан каме пул аз Россия равон кардааст.

Вожаи *мома* дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар ифодаи «мом, модар, доя» маъмул аст, аммо дар луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар ифодаи “як қувваи некие, ки аз тарафи ӯ ба амал меояд” корбаст мешавад. Инчунин, миёни мардуми тоҷик одати *момагӣ* (алобу алас намудан) то ҳол маҳфуз мондааст: *Момаи* Дилфуза имрӯз 50 - сола мешавад. Назирая бояд имрӯз пеши қушноч бурда *момогӣ* кунем. Дар рӯзи сешанбе саратро нашӯй, ки мӯйи сарат ба косаи *момоҳо* меравад.

Вожаи *чилпо* аслан мураккаб буда, аз решаҳои чил ва по(й) сохта шудааст. Ин калима дар забони адабии тоҷик ба маънои “ҳашароте, ки пойҳои бисёр дорад, ҳазорпой корбаст мешавад, аммо дар луғати ифодакунандаи урфу одат ҷашну маросим бештар дар ифодаи сифати арӯси беҳудагард истифода мебаранд Ин *чилпоро* аз кӯчо келин карда овардед, на шаб дар хона асту на рӯз.

Ҳамин тавр, омонимҳо дар луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забони тоҷикӣ хеле зиёд буда, як қабати махсусро ташкил медиҳанд, аммо бояд гуфт, ки аксарияти он калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ дар ифодаи урфу одат ва ҷашну маросим омоним мешаванд, дар забони олмонӣ муодили худро надоранд. Сабаби асосиаш гуногун будани тасвири забонии ҷаҳони миллати тоҷик ва олмониҳо мебошад.

Муқарриз: ***Абдуллоева Г.З.*** – н.и.ф., дотсенти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, Г.З. Лексикаи лаҳҷаи Қаратоғ / Г.З. Абдуллоева. - Душанбе, 2017. – 190 с.
2. Айнӣ, С. Дохунда / С. Айнӣ. – Душанбе, 2017. –384 с.
3. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Қ.1. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 451 с.
4. Der grosse Brockhaus in einem Band. F.A.Brockhaus. – Leipzig, Mannheim, 2005. - 1175 s.
5. Искоз, А.М. Deutsche Lexikologie / А.М. Искоз, А.Ф. Ленкова. – Ленинград, 1970. – 176 с.
6. Исмоилов, Ш. Лексика лаҳҷаи водии Рашт / Ш. Исмоилов. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 306 с.
7. Косенко, О.Н. Характерные особенности омонимов в языках разных типов (на материале русского, английского и японского языков) / О.Н. Косенко // Современные научные исследования и инновации. – М., 2015. – №12(56). – С.980-983.
8. “Мактубот”-и Ҷалолуддин Муҳаммад машҳур ба Мавлавӣ, муқаддима, ҳавошӣ ва тадқиқот. – Теҳрон, 1336ҳ. – 114 с.
9. Сироҷиддин Алихони Орзу. Чароғи ҳидоят / Орзу, Сироҷиддин Алихон. – Душанбе, 1992. - 238 с.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 951 с.
11. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.1. – М.: Советская Энциклопедия, 1969. – 947 с.
12. Ҳакимов, Н. Хусусиятҳои забоншиносии фарҳангӣ, ташаккул ва рушди забон дар доираи либосҳои мардонаи тоҷикӣ ва мӯд дар охири асри XIX аввали асри XX / Н. Ҳакимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. - Душанбе, 2015. – № 2-3(18- 19). – С.15-18.
13. Э.Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат / Э. Раҳмон. – Душанбе: Таъминотчӣ, 2016. – 516 с.
14. Э.Раҳмон. Забони миллат ҳастии миллат / Э. Раҳмон. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 516 с.
15. Э.Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор / Э. Раҳмон. – Душанбе: Эр-Граф, 2016. – 363 с.

ҶАНБАҲОИ ЗАБОНШИНОСИИ ФАРҲАНГИИ ОМОНИМҲОИ ИФОДАКУНАНДАИ УРФУ ОДАТ ВА ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ОЛМОНӢ

Дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки омонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим низ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ мавқеи муайянро ишғол намуда, аз бою ғанӣ будани таркиби луғавии забонҳои муқоисашаванда дарак медиҳанд. Муаллиф дарҷ намудааст, ки калимаҳои омонимии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забонҳо бо роҳҳои гуногун пайдо мешаванд. Масалан, аз нигоҳи талаффуз тасодуфан бо якдигар ҳамшакл гардидани калимаҳои гуногунмаъно дар натиҷаи аз асоси худ канда шудани яке аз маъноҳои калимаи сермаъно ва дур рафтани он аз маъниҳои дигари калима. Бо роҳи калимасозӣ пайдо шудани омонимҳои ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим низ дар забони тоҷикӣ ба назар мерасад. Дар мақола қайд гардидааст, ки лексикаи ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим хеле калимаву истилоҳоти зиёдро дар бар мегирад, ки дар ҳолатҳои муайян мавриди истифода қарор мегирад. Дар таркиби луғати ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим як гурӯҳи калимаҳое ба чашм мерасанд, ки онҳо ё аз нигоҳи маънӣ бо ҳамдигар қаробат доранд ва ё аз нигоҳи таркиби овозӣ бо ҳам якхела буда, номи ҳодисаву ашёи гуногунро ифода мекунанд. Муаллиф ба хулосае омадааст, ки калимаҳои омонимии ифодакунандаи урфу одат ва ҷашну маросим дар забони тоҷикӣ хеле зиёд буда, як қабати махсуси луғати ин забонро ташкил медиҳанд, аммо бояд гуфт, ки аксарияти он калимаҳое, ки дар забони тоҷикӣ дар ифодаи урфу одат ва ҷашну маросим омоним мешаванд, дар забони олмонӣ муодили худро надоранд.

Калидвожаҳо: забон, забони тоҷикӣ, забони олмонӣ, лаҳҷа, шева, лексика, омоним, калима, ибора, урфу одат, ҷашну маросим, халқ, миллат.

ЛИНГВОКУЛЬТУРОЛОГИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ОМОНИМОВ ОБОЗНАЧАЮЩИХ ОБЫЧАИ И ТРАДИЦИЙ, ЦЕРЕМОНИИ И ОБРЯДЫ В ТАДЖИКСКОМ И НЕМЕЦКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье написано, что омонимичные слова, обозначающие обычаи и традиций, церемонии и обряды в таджикском и немецком языках занимают определённое положение, что свидетельствует о богатстве лексической структуры сопоставимых языков. Автор утверждает, что омонимичные слова, обозначающие обычаи и традиции, церемонии и обряды, появляются в языках разным путём. Например, случайное совпадение в произношений. Вследствие разрыва от одного из значений многозначного слова и его отхода от других значений слова. Образование омонимов, обозначающих обычаи и традиции, церемонии и обряды, с помощью словообразования. В статье отмечено, что лексика, обозначающая обычаи и традиции, церемонии и обряды, содержит много слов и терминов, которые используются в определённых ситуациях. В составе лексики, обозначающей обычаи и традиции, церемонии и обряды, наблюдается группа слов, которые похожи по смыслу, или с точки зрения звуковой композиции, идентичные, представляют собой названия различных событий и объектов. Автор сделал вывод, что омонимичные слова, обозначающие обычаи и традиции, церемонии и обряды, представляют собой особый языковой пласт, но нужно отметить, что большая часть слов, которые являются омонимы в таджикском языке, не имеют эквивалента в немецком языке.

Кючевые слова: язык, таджикский язык, немецкий язык, диалект, говор, лексика, омоним, слово, словосочетание, обычаи и традиции, церемонии и обряды, народ, нация.

LINGUISTIC AND CULTURAL ASPECTS OF HOMONYMS DENOTING CUSTOMS AND TRADITIONS, CEREMONIAL AND RITUALS IN THE TAJIK AND GERMAN LANGUAGES

This article says that homonymous words denoting customs and traditions, ceremonial and rituals in the Tajik and German languages occupy a certain position, which indicates the richness of the lexical structure of comparable languages. The author argues that homonymous words denoting customs and traditions, ceremonial and rituals appear in languages in different ways. For example, a coincidence in terms of pronunciation. As a result of a break from one of the meanings of a polysemantic word and its departure from other meanings of the word. The formation of homonyms denoting customs and traditions, ceremonial and rituals by word formation. The article notes that the vocabulary denoting customs and traditions, ceremonial and rituals contains many words and theremin that are used in certain situations. The author concluded that homonymous words denoting customs and traditions, ceremonial and rituals are very often observed and occupy a special language layer, but it should be noted that most of the words that are homonyms in the Tajik language do not have an equivalent in German.

Key words: language, Tajik language, German language, dialect, dialect, vocabulary, homonym, word, phrase, customs and traditions, ceremonial and ritual, people, nation.

Маълумот оид ба муаллифон: ***Лузинаи Зафардухт*** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, ассистент, кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Адрес:** 734019, г.Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 908-88-01-33**
Ғоибова Гулсифат - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, ассистенти кафедраи забонҳои романӣ-германӣ. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева,17/6. Тел.: **(+992) 555-56-37-13**

Сведения об авторах: ***Лузинаи Зафардухт*** – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, ассистент кафедры романо-германских языков. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 908-88-01-33**
Гоибова Гулсифат - Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, ассистент, кафедра романо-германских языков. **Адрес:** 734019, г. Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Мухаммадиева, 17/6. Тел.: **(+992) 555-56-37-13**

Information about the authors: ***Luzinai Zafardukht*** - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzod, Assistant of the Department of Romano-Germanic Languages. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str. Muhammadiev, 17/6. Phone: **(+992) 908-88-01-33**
Goibova Gulsifat - Tajik International University of Foreign Languages named after Sotim Ulugzoda, Assistant of the Department of Romano-Germanic Languages. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str. Mukhammadieva, 17/6. Phone: **(+992) 555-56-37-13**

ТДУ: 81.2.

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВАҶҲИ КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ СОМАТИКИИ “ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ” БО ЛАҲҶАҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

(дар мисоли вожаҳои меҳварии марбут ба узвҳои дохилӣ)

Азимова У.А.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Муқоисаи воҳидҳои фразеологии таърихномаи Байҳақӣ бо ҳамин гуна ибораҳои устувори шакли меъёрии забони муосири тоҷикӣ ва лаҳҷавияш аз он шаҳодат медиҳад, ки гурӯҳи калони онҳо аз рӯйи хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои услубӣ бо забони адабии имрӯза мувофиқат карда, тафовуташон танҳо дар сохти грамматикӣ аст. Инчунин мушоҳидаҳо нишон доданд, ки қисме аз воҳидҳои фразеологӣ дар шеваҳои маҳаллӣ дорои маъноҳои нав шудаанд.

Ҷузъи феълии ин гуна воҳидҳои рехтаи асари мазкур ва муодилҳои лаҳҷавии онҳоро калимаҳои *афтодан*, *рехтан*, *кашидан*, *гуфтан*, *додан*, *расидан*, *бурдан*, *буридан*, *задан*, *рафтан*, *кардан* ва даҳҳои дигар ташкил медиҳанд.

Таҳлили ҷузъи номии чунин воҳидҳои рехта нишон медиҳад, ки дар ин вазифа унсурҳои луғавии марбут ба узви инсон ё мавҷудоти зиндаи дигар ҳамчун калимаҳои меҳварӣ нақши муҳиммеро иҷро кардаанд. *Дил* аз ҷумлаи ҳамин гуна вожаҳои соматикӣ аст, ки бо иштироки он дар таърихномаи Байҳақӣ як қатор ибораҳои феълии фразеологӣ сохта шудаанд. Ин ҷо ба сифати намуна метавон ибораи рехтаи *дил бар чизе бастан*ро зикр намуд, ки дар асари номбурда дар ифодаи маънои «ба касе, чизе меҳр мондан, дилбастагӣ доштан» ба кор рафтааст: Гуфт: «Агар мо *дил дар ин диёр бандем*, кор душвор шавад ва чандин вилоят ба шамшер гирифтаем ва сахт боном аст» [3, с.64].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ ибораи мазкур дорои се маъно аст: 1) ба касе меҳр мондан, касеро нағз дида мондан, дӯст доштан; 2) қарор додан; 3) розӣ шудан, тан додан [11, ҷ.1, с.362].

Вале дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ин унсури луғавӣ танҳо ба як маънои мушаххас ба кор меравад. Ин аст, ки муҳаққиқони воҳидҳои фразеологии баъзе лаҳҷаҳои шимолӣ ва ҷанубӣ маънои *дил бастан*ро «дӯст доштан, меҳрубон гаштан, унс гирифтан» (вай *кор-ба дил баст-ам*, кор-ам пеш рафтос, рачӯт намекун-ам) [6, с.101], «меҳр бастан, ошиқ шудан» (йаке *дил ба муй мабанд*-у йаке *дил ба шуй)* [8, с.231] эзоҳ додаанд.

Ин навъи воҳидҳои фразеологии «Таърихи Байҳақӣ» монанди хелҳои дигари он аз ҷиҳати дараҷаи истифода дар як поя қарор надошта, баъзеяшон фаровон ва бархеи дигар кам ба кор рафтаанд. Масалан, Абулфазли Байҳақӣ ибораи *касеро дилгарм кардан* ё мувозии дигари он-*дили касеро гарм кардан* / *гардонидан*ро дар чанд маврид ба маънои «дар касе ҳисси меҳру муҳаббати чизеро ба вуҷуд овардан» истифода намудааст: Мо ҷавоб фармудем ва Алиро ва ҳама аъёнро ва ҷумлаи лашкарро *дилгарм кардем*…[3, с.127]. ...ва туркмононро *дилгарм карду* ба Хумортош супурд ва он гоҳ сӯйи Рай бирафт [3, с.319]. Хоҷа вайро *дилгарм карду* некуйӣ гуфт ва бозгардонид…[3, с.321]. Боз омадам ва он чӣ рафта буд, боз рондам бо Хоҷа ва Масъадиро Хоҷа *дилгарм кард*…[3, с.362]…ва сухан неку гуфт ва ҳамагонро *дилгарм карду* биронд ва халқи беандоза ба наззора рафта буданд [3, с.585]. …Масъуди Лайсро наздики ӯ фиристод, то дили ӯро хуш гардонад ва бирафту рост наёмад, то амир ӯро бихонду ба мушофаҳа *дилгарм кард* [3, с.649]…ва мо бандагон ӯро бо қавми ӯ, ки бо ӯ буданд, *дилгарм кардем*, то қароре пайдо омад…[3, с.687] …ва Олтунтошро *дилгарм кард*, то боре он ҳашам ба бод нашавад ва тадбире сохта ояд, то эшон хешро ба Тирмиз натавонанд афканд…[3, с.687].

Чунон ки ба мушоҳида мерасад, аз байни чанд шакли ибораи мавриди таҳлил муаллифи таърихнома беш аз ҳама мувозии *касеро дилгарм кардан*ро мавриди истифода қарор додааст, вале шаклҳои *дили касеро гарм кардан* ё *дили касеро гарм гардонидан*ро басо кам ба кор бурдааст: …чун вақт бошад, *дили вайро гарм бояд гардонид* ва бояд, ки вайро неку дошта ояд [3, с.463]. Пӯшида наздики фарзандони бародарам Муҳаммад рав ва эшонро савгандони гарон бидеҳ, ки дар хидмат рост бошанд ва мухолафат накунанд

ва нек эҳтиёт кун ва чун аз ин фароғат уфтод, *дили эшон аз мо гарм кун* ва бигӯй, то хилъатҳо бипӯшанд… [3, с.695].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ ибораи мазкурро аҳли адаб ба се маъно: 1) касеро ба коре ҷазм кардан; 2) дар касе ҳисси меҳру муҳаббати чизе, касберо ба вуҷуд овардан; 3) ҳусни таваҷҷуҳи касеро ба худ ҷалб намудан мавриди истифода қарор додаанд [11, ҷ. 1, с.366].

Имрӯз дар лаҳҷаҳои ҷанубии тоҷикӣ ибораи мазкур дар шаклҳои *дилгарми' /дилгарми' кардан* ба маънои «ба касе муносибати самимона кардан, дӯстӣ пайдо кардан» (дътар у-ра авал намехост, неки мъло *дългарми'-ш кад)* [8, с.235] ва дар лаҳҷаҳои шимолӣ ба ҳамин маъно ба гунаи *касеро дилгарм каран / кадан* дар гардиш қарор дорад.

Дар минтақаи Кӯлоби лаҳҷаҳои ҷанубӣ инчунин ибораи рехтаи *дългарм шидан* ба маънои «руҳбаланд шудан, барои иҷрои коре аз сидқи дил кӯшиш намудан» истифода мегардад [4, с.195].

Баръакси ибораи болои таърихномаи Байҳақӣ истифодаи ифодаи рехтаи *дил нохоҳон будан* «ба касе, чизе майлу рағбат надоштан» бисёр кам ба кор рафтааст: Ва ҳарчанд *дили султон нохоҳон аст*, Арёруқрову Ғозиро хоҳон, чун дар шароб омаданд ва раъноиҳо мекунанд, *дили султонро* аз Ғозӣ ҳам *тавон гардонид* [3, с.278].

Аз ҷумлаи боло аён аст, ки муаллифи асар ба ҷуз ибораи мавриди таҳлил ибораи фразеологии *дили касеро аз каси дигар гардонидан*ро дар ифодаи маънои «тағйир додани фикр ё назари шахс» истифода намудааст.

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ ибораи *бо дили нохоҳам* дар ифодаи маъноҳои: 1) бе шавқу рағбат; 2) нохоҳам, маҷбуран дучор мегардад [11, ҷ.1, с.378], вале дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла ҷанубӣ он ба гунаи *ба дъли нохоҳам кардан* ба маънои «бе майлу рағбат, аз ноилоҷӣ иҷро намудани коре» мустаъмал аст [4, с.220].

Ибораи *дил ба касе / чизе бисӯхтан* низ аз ҷумлаи таъбироти кам бакорравандаи таърихномаи зикргардида ба шумор меравад: *Дилам бисӯхт* ва бо худ гуфтам, аз ин оҳубара чӣ хоҳад омад? [3, с.259]. Чун бигрифташ, *дилаш бар вай бисӯхт* ва бар канор бинҳод вайро ва даст бар сари вай фуруд овард… [3, с.260].

Аз таҳлили чанд ибораи рехтаи «Таърихи Байҳақӣ» ва қиёси онҳо дар шаклҳои меъёриву лаҳҷавии забони тоҷикӣ аён аст, ки чунин воҳидҳои луғавӣ дар асари мазкур ва лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ бештар ба як маънои мушаххас, аммо дар забони адабии муосири тоҷикӣ ба чанд маъно истифода шудаанд. Ибораи *дил ба касе / чизе бисӯхтан*, ки Абулфазли Байҳақӣ онро дар ифодаи маънои «ба нафаре тараҳҳум намудан» ба кор бурдааст, низ дорои ҳамин хусусият аст. Яъне онро адибони имрӯза ба маъноҳои: 1) ба касе, чизе тараҳҳум, дилсӯзӣ кардан, ғамхорӣ кардан; 2) ба ҳоли касе афсӯс кардан мавриди истифода қарор додаанд [11, ҷ. 1, с.359], аммо дар бархе лаҳҷаҳои тоҷикӣ он дар шаклҳои *дил сӯхтан* [6, с.131] ё *дъл сухтан* ба маънои «афсӯс хӯрдан» ба кор меравад: Бачай почо-ра бъсйор *дил-уш сухт*, дур шидани дхътарда [4, с. 46; 10, с.219; 8, с.233].

Дар бархе лаҳҷаҳои шимолӣ, монанди Хуҷанд ин ибора боз ба гунаи *дил-у ҷигар сӯхтан* истифода гардида, дорои маъноҳои: 1) сахт ташна мондан (ҳаво ганда гарм шут, а кор кадан-а *дил-у ҷигар-ам* сӯхтос, а халадилник об-и хунук-а бийор), 2) нисбат ба касе ниҳоят дилсӯзӣ кардан (ҳар бор бачаҳо-ш-а бен-ам, *дил-у ҷигар-ам месӯзад)* [6, с.110] истифода мешавад.

Абулфазли Байҳақӣ маънои «пайваста дар ранҷ будан, ҳамеша меҳнат кардан»-ро бо ёрии ибораи *як рӯз дили хуш надидан* ифода намудааст: Ва сӣ соли тамом меҳнат бикашид, ки *як рӯз дили хуш надид* ва осору ахбору аҳволаш он аст, ки дар «Мақомот» ва дар ин таърих биёмад [3, с.632].

Имрӯз бошад, дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ маънои «ранҷ кашидан» бо ёрии ибораи *рӯз надидан* [4, с.46], дар лаҳҷаҳои шимолӣ тавассути *рӯзи рӯшноӣ надидан* баён карда мешавад.

Муаллифи таърихнома маънои «маъюс, ноумед шудан»-ро ба воситаи ду шакли як ибора: *касеро дил бишикастан* / *дили касеро бишикастан* ифода намудааст: Ва…як чӯбаи тир ба ҳалқи вай зад ва ӯ бад-он кушта шуд ва аз он бурҷ бияфтод, ёронашро *дил бишикаст* ва ҳисорро бидоданд [3, с.160]. Ва Ғуриёнро *дил бишикаст*, гурехтан гирифтанд [3, с.164]. Ва мулаттафаҳо расид аз Лоҳур сахт муҳим, ки Аҳмади Яноltагин қалъа

бистадӣ, аммо хабар шуд, ки Тилаки ҳинду лашкари қавӣ бисохт аз дастеву рӯй ба ин ҷониб дорад, ин махзулро *дил бишикаст* ва дугурӯҳӣ уфтод миёни лашкари ӯ [3, с.462]…аммо ҳиндувон сустӣ карданд ва пушт ба ҳазимат бидоданд, дигаронро *дил бишикаст* ва Аҳмадро ба зарурат бибояд рафт [3, с.469]…ва ғулом ҷон бидоду дигаронро *дил бишикаст* ва туркмонону ғуломони қавӣ даромаданду наздик буд, ки халале бузург уфтад [3, с.659].

Дар забони меъёрии имрӯзаи тоҷикӣ ибораи мазкур дар ифодаи се маъно: 1) касеро ранҷонидан, озурдан; 2) ғамгин намудан; 3) маъюс, ноумед кардан истифода мегардад [11, ҷ. 1, с.401], вале дар лаҳҷаҳо ба ҳамон гунаи зикршуда ё дар шакли *дъли касеро шикастан* [4, с.221] фақат ба маънои нахусти зикрёфта гардиш дорад.

Аз ҷониби Абулфазли Байҳақӣ ибораи *касе / чизе ба ҷон расидан*, ки ниёгон онро дар шаклҳои *корд ба ҷон расидан*, *корд ба устухон расидан* низ истифода намудаанд [5, ҷ. 7, с.10624], дар ифодаи маънои «чора ва сабру таҳаммулро аз даст додан» ба кор рафтааст: Чун ба якдигар расиданд, Бӯнасрро гуфт: «Абдус, аҷаб коре дидам, дар марде печидаву уқобайн ҳозир оварда ва кор *ба ҷон расида* ва пайғоми султон ба он ҷумла расида…» [3, с.404].

Ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ [11, ҷ. 1, с.567], дар осори нависандагоне, чун С. Айнӣ ибораи *корд ба устухон расидан*, *кор ба ҷон* ва *корд ба устухон расидан* ба маъноҳои: 1) ниҳоят ба тангӣ, сахтӣ мондан, ба сутӯҳ омадан, сахт ба азобу уқубат мондан; 2) аз ҷони худ сер ва безор шудан» дида мешавад.

Дар лаҳҷаҳои алоҳидаи шимолӣ ҳоло ибораи феълии *ҷон-ба растан / расондан* ба маънои «безор кардан; аз ҳад хирагӣ намудан; касеро хеле ташвиш додан» дучор меояд.

Маънои «азобу машаққат кашидан; аз зиндагӣ безор шудан»-ро сокинони ҷанубӣ кишвар ба воситаи ибораи *ба ҷун расидан* ифода менамоянд [4, с.46, 282].

Ибораи *ба касе (хуни касе) ташна будан* маънои «хоҳони марги касе будан»-ро дорад [5, ҷ.4, с.5917]: Амир…ҳар касро аз аъён некуиҳо мегуфт, хосса Қозӣ Имом Соидро, ки устодаш буд ва мардумон *бад-ин малик ташна буданд* [3, с.83]. Ва дилам аз ҷиҳати вай фориғ шуд, ки ба дасти ин беҳурматон наяфтод, хосса Бӯсаҳли Завзанӣ, ки *ба хуни вай ташна аст*…[3, с.116]. Худованд…ба Хоразм мебошаду *ба хуни Хоразмшоҳ ташна аст*, мулаттафае нависад, то вай тадбири куштану фурӯ гирифтани ӯ кунад [3, с.360]. Ва бандаро мумкин нашуд бо эшон рафтан, ки Сурӣ *ба хуни банда ташна аст*… [3, с.577].

Ҳоло дар забони адабии тоҷикӣ таъбири *ба касе ё чизе ташна будан* мавҷуд буда, бо ёрии он мафҳуми «иштиёқ, майл доштан ба касе, чизе» ифода карда мешавад [11, ҷ.2, с.182]. Дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, аз ҷумла ҷанубӣ ибораи фавқ ба гунаи *ташнайи дидор шидан* дучор гардида, маънояш «ёд кардан, ба касе пазмон шудан» аст: *Ташнайи дидор шидам*, неки бача-м номад [8, с.676].

Аз таҳлили корбурди иддае аз чунин ибораҳои таърихномаи Байҳақӣ маълум мегардад, ки ба баъзе маъно ба кор рафтани он танҳо хосси асари мазкур аст. Чунончи, дар ҷумлаи зерин ибораи *заҳра бирафтан* ба назар мерасад, ки маънояш, ғолибан, «бо дили қавӣ рафтан» аст: Ва Аҳмади Янолтегин бар иғро ва *заҳра бирафт* [3, с.441].

Аз ин ҷиҳат таҳиягарони матни кириллии асар дар ҳошияи он ба чунин маъно мавриди истифода қарор гирифтани ибораи мазкурро махсус таъкид намудаанд.

Имрӯз дар лаҳҷаи Хуҷанд таъбири *за(ҳ) рав-у задда надоштан* ба назар мерасад, ки маънои «ору номус, виҷдон, шарму ҳаё надоштан»-ро мефаҳмонад: Ҳозирангӣ бач(ах)-онда *за(ҳ)ра-йу задда-ш-ам нес(т)* [6, с.129-130].

Заҳра битарқидан дар осори ниёгон ба маъноҳои: 1) сахт тарсидан; 2) мурдан ба кор рафтааст [5, ҷ.8, с.11485]. Абулфазли Байҳақӣ дар ҷумлаи зер ибораи мазкурро ба маънои дувум истифода кардааст: Ва ин ҳоҷибро аз ғам *заҳра битарқид* чун ба Марвуррӯд расиданд [3, с.659].

Дар забони адабии муосири тоҷикӣ таъбири *заҳраи касе кафидан* ба маънои «сахт тарсидан» дар гардиш қарор дорад [11, ҷ. 1, с.472]. Ба чунин маъно дар лаҳҷаи Исфара ибораи *зарра дар'идан* мавҷуд аст, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо вуҷуди мавҷуд будани вожаи *зӣрадор* ба маънои «ҷасур, нотарс, бебок, далер, диловар» унсури луғавии мазкур ё мувозиҳои дигари он ба мушоҳида нарасид [8, с.271].

Абулфазли Байҳақӣ дар чанд маврид маънои «аз гуфтани сухане худдорӣ кардан»-ро бо шаклҳои тасдиқӣ ва инкории ибораи *забон нигоҳ доштан* ифода кардааст, ки то имрӯз ҳамчун унсури луғавии фаъол дар гардиш аст: Ва кори вазир Ҳасанак ошуфта гашт, ки ба рӯзгори ҷавонӣ нокарданиҳо карда буд ва *забон нигоҳ нодошта* ва ин султони бузурги муҳташамро хир-хир биёзурда [3, с.108]. Ва чокарону бандагонро *забон нигоҳ бояд дошт* бо худовандон, ки муҳол аст рӯбоҳонро бо шерон ҷаҳидан [3, с.231].

Ин ибора низ дар забони адабии муосири тоҷикӣ ҳамчун воҳиди сермаъно ба кор рафта, дорои маъноҳои: 1) сухани худро қатъ кардан, хомӯш шудан; 2) аз гуфтани чизе худдорӣ намудан, мулоҳиза намудан; 3) сирреро ошкор накардан [11, ҷ.1, с.453] аст, аммо дар лаҳҷаҳои тоҷикӣ, монанди гуфтори мардуми ҷанубии Тоҷикистон фақат ба маънои «худдорӣ намудан» гардиш дорад [4, с.247].

Доираи маъноии бархе аз ибораҳои рехтаи дар «Таърихи Байҳақӣ» мавҷуда, ки дар асар танҳо ба як маънои мушаххас ба кор рафтаанд, дар забони адабии имрӯза ва лаҳҷаҳои шимолӣ назар ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ вусъатнок мебошанд. Чунончи, ибораи *дандон тез кардан*, ки ниёгон онро ба маънои «хусумат варзидан, кина хостан» истифода намудаанд [5, ҷ.7, с.9796], далел ба чунин гуфтаҳо буда метавонад: Ва ин ду озодамард ҳамеша бо Бӯсаҳл механдидандӣ, ки *дандон тез карда буданд* соҳибдевони рисолатро ва асрати ӯ меҷустанд…[3, с.663].

Имрӯз ибораи мазкур дар забони адабии тоҷикӣ ба ҷуз маънои ишорагардида боз ба маънои «тамаъ доштан» низ ба кор меравад [11, ҷ.1, с.278].

Дар лаҳҷаи Хуҷанд ин ибора ба гунаи *дандон тез када гаштан* истифода гардида, дорои ду маъно аст: 1) ба чизе ё амале дам поида гаштан (бештар барои нобуд кардани касе): Котиб-и патком кай-ҳо боз зидди мудир-и ферм-и калхос *дандон тес када гаштагӣ буд*-у дам-и қулай найофтагӣ бут; 2) интизори зиёфат хӯрдан будан: Кай тӯй мекунӣ, Сайидҷон, мо *дандон-а тес када* гаштим [6, с.88].

Дар як қатор лаҳҷаҳои шимолӣ, аз ҷумла гуфтори тоҷикони Бухоро ибораи номбурда ба гунаи *дандон тез каран* ба маънои «ғазаб кардан, хашм гирифтан (барои ниқоргирӣ)» дучор меояд: Амир ҷадидо ба *дандон тез мекард* [10, с.79].

Дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ таъбири *ба касе дандун тез кадан* маънои «ба касе кинаю адоват доштан»-ро дорад [4, с.48, 247].

Таҳлилу муқоиса нишон медиҳад, ки бархе аз ин гуна ибораҳои рехтаи «Таърихи Байҳақӣ» ҳоло дар як қисми лаҳҷаҳои тоҷикӣ қисман дигар шудаанд ё яке аз ҷузъҳои таркиби онҳо дар чанд мувозӣ дар истифода ҳастанд. Чунончи, муаллифи асари номбурда дар як маврид таъбири *ба касе дандон намудан*ро ба кор бурдааст: Ва амир ҷавоб фиристод, ки: «Чунин кунам ва Алӣ маро ба кор аст шуғлҳои бузургро ва ин молише ва *дандоне буд*, ки *бад-ӯ намуда омад*» [3, с.106].

Хулоса, таҳлили ҳаматарафаи мо оид ба мавзуи мавриди қиёс нишон дод, ки як силсила унсурҳои луғавии марбут ба узви инсон ё мавҷудоти зиндаи дигар ҳамчун калимаҳои меҳварӣ нақши муҳиммеро иҷро кардаанд. Бояд гуфт, ки таҳиягари матни кириллии таърихномаи зикргардида дар ҳошияи асар маънои *ба касе дандон намуданро* оварда. Дар лаҳҷаҳои шимолӣ барои ифодаи мафҳуми *ба газаб омадан* ибораи *дандони касе ғиҷиррос задан* истифода мешавад, дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бошад, ҷузъи *дандон* дар шаклҳои *дандон / дандун / дъндун* ба кор рафта, ибораи *дандон / дандун / дъндун гиз кардан* ба маъноҳои *дандон нишон додан; ба газаб омадан* дар гардиш қарор дорад.

Муқарриз: ***Қӯзиева Н.М.*** – н.и.ф., дотсенти ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Ашрапов, Б.П. Вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди вазнҳои арабӣ дар таркиби сифатҳои мураккаби забони адабии тоҷикии қарнҳои XIX-XX / Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2022. - №6. - С.91-96.
2. Ашрапов, Б.П. Таҳлили қиёсии вежагиҳои морфологии зарфҳои мураккаб (дар мисоли асари «Туҳфат-ул-хонӣ»-и М.Карминагӣ ва «Баҳористон»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ) / Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2022. - №5. - С. 117-122.
3. Байҳақӣ, Хоҷа Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн. Таърихи Байҳақӣ. Таҳиягари матн, муаллифи муқаддима, ҳавошӣ ва феҳристҳо Сайфуллоҳи Муллоҷон. – Душанбе: Бухоро, 2014. - 774 с.
4. Гадоев, Н. Хусусиятҳои луғавию семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ (минтақаи Кӯлоб): дисс. ...докт. илмҳои филол: 10.02.22 / Н. Гадоев. - Душанбе, 2019. - 335 с.

5. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатнома / Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон: Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1373. - Ҷ.1. - 1532 с.; - Ҷ.2. - 3068 с.; - Ҷ.3. - 4616 с.; - Ҷ.4. - 6170 с.; - Ҷ.5. - 7722 с.; - Ҷ.6. - 9274 с.; - Ҷ.7. - 10826 с.; - Ҷ.8. - 12378 с.; - Ҷ.9. - 13930 с.; - Ҷ.10. -15482 с.; - Ҷ.11. - 17034 с.; - Ҷ.12. - 18586 с.; - Ҷ.13. - 20138 с.; - Ҷ.14. - 21149 с.
6. Зоҳидов, А. Фарҳанги воҳидҳои фразеологии лаҳҷаи Хуҷанд / А. Зоҳидов, Б. Осимова. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2013. - 391 с.
7. Исмоилов, О.Б. Вежагиҳои сарфӣ ва ваҷҳи корбурди пасвандҳои исми маънисоз дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII / О.Б. Исмоилов, Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2022. - №5. - С.18-23.
8. Маҳмудов, М. Фарҳанги лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ / М. Маҳмудов, Ғ. Ҷӯраев, Б. Бердиев. - Душанбе, 2012. - 946 с.
9. Мирмухамедов, О.Т. Баъзе мулоҳизаҳо роҷеъ ба унсурҳои вожасоз дар забони адабии тоҷикии қарни XVIII (дар мисоли пешвандҳои феълсоз) / О.Т. Мирмухамедов, Б.П. Ашрапов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. - 2022. - №6. - С.36-42.
10. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, А. Маъсумӣ. - М.: Советская энсиклопедия, 1969. - Ҷ.1. - 949 с.; - Ҷ.2. - 951 с.
11. Фозилов, М. Фарҳанги ибораҳои рехта. / М. Фозилов. -Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. - Ҷ.1. - 952 с.; - 1964. - Ҷ.2. - 802 с.; Фозилов, М. Фарҳанги зарбулмасал, мақол ва афоризмҳои тоҷикию форсӣ. Ҷ.3. / М. Фозилов. - Душанбе: Нашри Камол, 2014. - 638 с.
12. Ҳодизода, Р. Самарқандиён чӣ мегӯянд. Луғатномаи мухтасари лаҳҷаи форсии Самарқанд. Чопи якум / Р. Ҳодизода. - Машҳад, 1382. - 192 с.

ТАҲЛИЛИ ҚИЁСИИ ВАҶҲИ КОРБУРДИ КАЛИМАҲОИ СОМАТИКӢ ДАР ТАРКИБИ ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ФЕЪЛИИ “ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ” БО ЛАҲҶАҲОИ МУОСИРИ ТОҶИКӢ

(дар мисоли вожаҳои меҳварии марбут ба узвҳои дохилӣ)

Мақола роҷеъ ба омӯзиши масоили таҳлили қиёсии ваҷҳи корбурди калимаҳои соматикии “Таърихи Байҳақӣ” бо лаҳҷаҳои муосири тоҷикӣ (дар мисоли вожаҳои меҳварии марбут ба узвҳои дохилӣ) бахшида шудааст. Қайд карда мешавад, ки таҳлилу қиёси воҳидҳои фразеологии таърихномаи Байҳақӣ бо ҳамин гуна ибораҳои устувори шакли меъёрии забони муосири тоҷикӣ ва лаҳҷавияш аз он шаҳодат медиҳад, ки гурӯҳи калони онҳо аз рӯйи хусусиятҳои семантикӣ ва вазифаҳои услубӣ бо забони адабии имрӯза мувофиқат карда, фарқашон танҳо дар сохти грамматикӣ мебошад.Таҳлилу баррасии воҳидҳои рехта нишон медиҳад, ки унсурҳои луғавии марбут ба узви инсон ё мавҷудоти зиндаи дигар ҳамчун калимаҳои меҳварӣ нақши муҳиммеро иҷро кардаанд. Бавежа, калимаи *дил* аз ҷумлаи ҳамин гуна вожаҳои соматикӣ аст, ки бо иштироки он дар забони таърихномаи қиёсшаванда як қатор ибораҳои феълии фразеологӣ сохта шудаанд. Ин ҷо ба сифати намуна метавон ибораи рехтаи *дил бар чизе бастан*ро зикр намуд, ки дар ифодаи маънои *ба касе, чизе меҳр мондан, дилбастагӣ доштан* ба кор рафтааст. Бояд қайд намуд, ки доираи маъноии бархе аз ибораҳои рехтаи дар «Таърихи Байҳақӣ» мавҷуда танҳо ба як маънои мушаххас ба кор рафтаанд, вале дар забони адабии имрӯза ва лаҳҷаҳои шимолӣ назар ба лаҳҷаҳои ҷанубӣ вусъатнок мебошанд. Чунончи, ибораи *дандон тез кардан*, ки ниёгон онро ба маънои «хусумат варзидан, кина хостан» истифода намудаанд.

Калидвожаҳо: таҳлили қиёсӣ, ибораҳои феълии фразеологӣ, вожаҳои соматикӣ, унсурҳои луғавии марбут ба узви инсон, «Таърихи Байҳақӣ».

СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СОМАТИЧЕСКИХ СЛОВ В СОСТАВЕ ГЛАГОЛЬНЫХ ФРАЗЕОЛОГИЧЕСКИХ ЕДИНИЦ В «ТА`РИХИ БАЙХАКИ» И СОВРЕМЕННЫХ ТАДЖИКСКИХ ДИАЛЕКТАХ

(на примере основных слов, относящихся к внутренним органам)

Статья посвящена исследованию вопросов, связанных со сравнительным анализом уровня употребления соматических слов в «Та`рихи Байхаки» и современных таджикских диалектах (на примере основных слов, относящихся к внутренним органам). Подчеркивается, что анализ и сопоставление фразеологизмов исторического труда Байхаки с такими устойчивыми выражениями нормативной формы современного таджикского языка и его диалектной формы свидетельствует о том, что большая их группа соответствует современному литературному языку в плане семантических особенностей и стилистических функций и различаются только по структуре грамматически. Проведенный анализ и рассмотрение фразеологизмов показывает, что лексические элементы, относящиеся к телу человека или другим живым существам, занимали важную роль в качестве ключевых слов. В частности, слово *дил* (сердце) считается одним из таких соматических слов, что при его участии в языке сравнительно-исторического производства образовался ряд фразеологических единиц, здесь в качестве примера можно привести фразеологизм *дил бар чизе бастан* означает: *ба касе, чизе меҳр мондан, дилбастагӣ доштан*. Следует отметить, что диапазон значений некоторых выражений, встречающихся в «Та`рихи Байхаки», употребляется лишь в специфическом значении, в современном литературном языке и северных диалектах он более обширен, чем в южных. Например, слово *дандон тез кардан*, к которому предки прибегали в значении *хусумат варзидан, кина хостан*.

Ключевые слова: сопоставительный анализ, глагольные фразеологизмы, соматические слова, лексические элементы, связанные с телом человека, “Та`рихи Байхаки”.

COMPARATIVE ANALYSIS OF THE USAGE OF SOMATIC WORDS IN VERBAL PHRASEOLOGICAL UNIT`S COMPOSITION OF "TA`RIKHI BAYHAQI" WITH MODERN TAJIK DIALECTS

(on the example of core words related to internal organs)

The article dwells on the study of the issues concerned with comparative analysis of the level of usage of somatic words in "Ta`rikhi Bayhaqi" with modern Tajik dialects (on the example of core words related to internal organs). It is underscored that the analysis and comparison beset with the phraseological units of Bayhaqi`s historical trace with such set of expressions of the normative form of modern Tajik language and its dialect one indicates that a large group of them correspond to modern literary language in terms of semantic peculiarities and stylistic functions and differ only in the structure grammatically. The conducted analysis and consideration of the phraseological units shows that the lexical elements dealing with the human body or other living beings occupied an important role as the core words. In particular, the word *dil* (heart) is considered to be one of such somatic ones that with its participation in the language of comparative historical production a number of phrasal verbal units were composed here one can adduce the phraseological unit as an example *dil bar chize bastan* means: *ba kase, chize mehr mondan, dilbastagi doshtan*. It is worth mentioning that the range of meaning of certain expressions found in "Ta`rikhi Bayhaqi" is used only in a specific sense, in today`s literary language and northern dialects, it is more extensive than the southern ones. For example, the word *dandon tez kardan* which was resorted to by the ancestors in the meaning of *xusumat varzidan, kina xostan*.

Key words: comparative analysis, verbal phraseological units, somatic words, lexical elements related to the human body, "Ta`rikhi Bayhaqi".

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Азимова Умедаҷон Абдумавлоновна*** - Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, кафедраи илмҳои гуманитарӣ ва ҷомеашиносии шуъбаи ғоибона. **Суроға:** 735700, ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар.Мавлонбеков 1.
E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-57-33-03**

Сведения об авторе: ***Азимова Умедаджон Абдумавлоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент, кафедра гуманитарных наук и социологии при заочном отделении. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, пр.Мавлонбекова, 1.
E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Тел.: **(+992) 927-57-33-03**

Information about the author: ***Azimova Umedajon Abdumavlonovna*** – Khujand State University named after academician B.Gafurov, candidate of philological sciences, Associate Professor of the chair of humanities and sociology attached to the distance tuition department. **Address:** 735700, Khujand, Tajikistan Republic, Mavlonbekov, Pas., 1. E-mail: **bahodur.ashrapov@mail.ru.** Phone: **(+992) 927-57-33-03**

ТДУ: 811.21/.22.3 (03)

КОРБУРДИ МУРОДИФОТ ДАР ИСТИЛОҲОТИ МАЪМУРИЮ КОРГУЗОРӢ

Давлатов И.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Истилоҳоти маъмурию коргузорӣ яке аз ҷузъҳои муҳимми низоми коргузории замони муосир ба ҳисоб меравад. Чун соҳаи мазкур шомили услуби расмист, пас бояд истилоҳоти марбут ба он мушаххас ва дур аз гунаи синонимӣ бошанд. Мутаассифона, дар соҳаи мавриди назар ҳолати мазкур ба мушоҳида мерасад, ки хилофи меъёри истилоҳпазирист ва истифодабарандаро дар мавриди интихоби шакли дуруст ба душворӣ мувоҷеҳ мегардонад.

Дар ҳақиқат, вазъи истилоҳотро мусбат гуфта наметавонем, зеро дар истифодаи истилоҳот хусусиятҳои сермаъноӣ, муродифшавӣ, омонимӣ ва серсоҳавӣ мушоҳида мегардад. Он бояд хусусияти якмаъноӣ дошта, мафҳумро дақиқ фаҳмонида тавонад.

Истилоҳот дорои хусусиятҳои луғавӣ мебошад, аз ин ҷиҳат ҳангоми истифода намудан бояд тамоми ҷанбаҳояш ба инобат гирифта шавад. Вале, бо вуҷуди он ки дар мавриди истилоҳот таълифоти зиёд мавҷуд аст, мутаассифона, ҳангоми интихобу корбаст меъёрҳои истилоҳгузинӣ ба инобат гирифта намешавад. Яке аз омилҳои пайдоиши истилоҳоти нав дар забон ташаккули илму техника буда, дар мавриди таъҷилан муодилҷӯйӣ накардан зарбаи шадид ба забон мерасад. Аз ин рӯ, то ба ҳадди ниҳоӣ тарҷумаи истилоҳ зарур буда, дар мавриди пайдо нагардидани калимаи мувофиқ иқтибос ба савтиёти забон мувофиқ гардонида шавад.

Устод А. Деҳотӣ дар ду мақолаи худ таҳти унвони «Дар хусуси имло, истилоҳ ва забони китобии тоҷикӣ» ва «Истилоҳотро аз куҷо гирем?», дар бобати санҷида гирифтани истилоҳот, меъёрҳои истилоҳсозӣ ва аз ҳисоби унсурҳои хосси тоҷикӣ такмил додани боби истилоҳоти забони тоҷикӣ андешаҳои ҷолиб баён кардааст. Ин ду мақола дар «Куллиёт»-и ӯ нимаи дувуми солҳои 60-уми асри XX бори дигар ба табъ расиданд [6, с.310-324].

Ҳангоми иқтибосгирии истилоҳот нахуст ба назар гирифтани қолабҳои суннатии вожасозӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар даврони Шуравӣ дар корбурди истилоҳот чун имрӯз мушкилоти ҷиддӣ вуҷуд надошт, зеро аксаран истилоҳоти иқтибосӣ, аз ҷумла истилоҳот аз забони русӣ мувофиқи савтиёти забони тоҷикӣ истифода мегардид, ки он ҳам аз ҷониби Кумитаи забон ва истилоҳот назорат мешуд, вале мавриди таҳқиқу таҳлили илмӣ қарор надошт.

Яке аз масъалаҳои муҳим, ин риояи меъёрҳои корбурди истилоҳот аст, ки он бар ақидаи забоншинос Д. Саймиддинов бояд дар пояи илмӣ ва осори адабиву таърихӣ бо доштани шоҳидҳои муътабар устувор гардад. Ҳама гуна истилоҳоти маснуӣ, ки тарҷумаи вожа ба вожаи хориҷист, бояд бар асоси равишҳо ва қолабҳои вожасозии забони тоҷикӣ танзим карда шаванд.

Ҳолатҳое низ ҷой дорад, ки истилоҳ ҳам дар қолаби иқтибосӣ ва ҳам дохилизабонӣ ба таври баробар мавриди истифода қарор дорад, ки дар мисоли “Лицензия” ва “Иҷозатнома” метавон муайян намуд.

Ба ақидаи забоншинос Мадиброҳим Норматов истилоҳот бояд дорои чунин нишонаҳо бошанд:

«1. Истилоҳҳо аксар якмаъно мешаванд.

2. Истилоҳҳо оммафаҳм нестанд, зеро онҳо соҳагианд.

3. Истилоҳҳо ба маънои маҷозӣ намеоянд.

4. Истилоҳҳо асосан синониму антоним надоранд.

5. Аксарияти истилоҳҳо серистеъмол нестанд.

6. Истилоҳҳо мисли калимаҳои одӣ аз забонҳои дигар ба осонӣ ва озод тарҷума намешаванд» [13, с.59].

Дар ҳақиқат, шаш аломатеро, ки забоншинос зикр намудааст, барои дақиқ ифода ёфтани истилоҳот зарур аст.

Муҳаққиқони рус бошанд, ҳангоми муайян намудани хусусиятҳои истилоҳ ду ақидаро ба назар мегиранд:

Ҷонибдорони ақидаи якум (Г.О. Винокур, В.Г. Гак, Б.Н. Головин ва дигарон) чунин меҳисобанд, ки истилоҳшавӣ хусусияти хосси воҳиди луғавӣ мебошад, вале аз нуқтаи назари ҷонибдорони ақидаи дувум (А. С. Гард, О. С. Ахманова) истилоҳ навъи махсуси воҳиди луғавӣ набуда, балки усули истифодаи хосси он мебошад [8, с.3]. Вақтҳои охир ҷонибдорони ин ақида афзуда истодааст.

Дар аксари назарияҳо оид ба истилоҳот ҳам дар забоншиносии тоҷик ва ҳам хориҷ якмаъноии истилоҳот зикр гардидааст. Масалан, олимони рус А.А. Реформатский, Д.С. Лотте, В.Н. Головин, В.С. Кулебакин, Я.А. Климовитский ва дигар муҳаққиқони соҳаи истилоҳот, ҳангоми тавсифи хусусиятҳое, ки истилоҳ бояд дошта бошад, дар ҷойи аввал якмаъноиро мегузоранд. Азбаски дар бисёр мавридҳо якмаъноӣ риоя карда намешавад, баъзе аз муҳаққиқони рус ҳодисаи сермаъноиро дар истилоҳот тарафдорӣ мекунанд.

Дар раванди инкишофи забон бисёре аз истилоҳот маънои нав касб мекунанд, ки ин боиси пайдоиши полисемияи луғавӣ мегардад. Ҳодисаи полисемияро дар соҳаи истилоҳот муҳаққиқон В.Н. Прохорова, В.П. Даниленко, Н.З. Котелова, У.Н. Толикина ва дигарон қайд кардаанд [8, с.4].

Забоншинос Д. Саймиддинов дар мақолааш «Истилоҳотро танзим бояд кард», асосан, дар хусуси истифодаи бемавриди истилоҳот дар матни «Тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ибрози ақида намудааст. Мавсуф барои исботи далелҳо аз фарҳангу луғатҳо истифода кардааст. Муаллиф дар мавриди истифодаи истилоҳвожаҳои маълумот ва таҳсилот муфассал андешаронӣ намуда чунин меорад: “Дар забон ва гуфтори мардум калимаи «маълумот» ба маънои «огоҳӣ», «иттилоъ» дар таъбирҳои «маълумот доштан» - «огоҳӣ доштан», «маълумот надоштан» - «огоҳӣ надоштан», «касеро маълумот додан» - «дар бораи касе хабар ё иттилоъ додан», «маълумот навиштан» - дар бораи касе ё чизе хабар ё иттилоъ навиштан, ё калимаҳои «маълумотбоз», «маълумотнавис», «маълумотдеҳ», «маълумотчӣ», «маълумотнома», «маълумот дар бораи обу ҳаво», «маълумот дар бораи фаъолияти меҳнатӣ» ва ғайра вуҷуд дорад [15, с.70-71].

Дар ибтидои асри XX, пас аз пирӯзии инқилоби Октябр вазъият дар баъзе аз риштаҳои ҳаёти мардумони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Дар ин давра бевосита аз забони русӣ ё тавассути забони русӣ аз дигар забонҳо истифода шудани истилоҳоти тайёри илмӣ дар забони тоҷикӣ расмият ёфт. Яке аз поягузорони илми истилоҳшиносии тоҷик устод С. Айнӣ дар пешгуфтори луғати нимтафсилаи худ, ки онро дар давоми солҳои 1935-1938 мураттаб сохтааст, истилоҳоти экономика, картина, политика, коммунизм, интернатсионал, оригинал ва мисли инҳоро истифода намудааст [1, с.14-20]. Чунин равияро дар навиштаҷоти дигар олимону адибони ҳамон давра низ мушоҳида намудан мумкин аст.

Умуман, истилоҳ ҳамчун илм дар садаи бистум мавриди омӯзишу таҳқиқотҳои илмии олимони соҳаи забоншиносӣ қарор гирифт. Баҳсу мунозираҳо дар атрофи масъалаҳои забони тоҷикӣ, хусусан истилоҳот, дар солҳои 1929-1930 ба миён омаданд. Устод Айнӣ ва пайравони ӯ, аҳли илму маориф Юсуфзода М., Ализода С., Ҳошим Р., Азизӣ Б., Исматӣ О. ва дигарон дар мақолаҳояшон перомуни истилоҳоти соҳаҳои мухталиф изҳори ақида намудаанд [7].

Инчунин, дар мураттаб сохтани фарҳангҳои маъмурию коргузорӣ камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд, яъне ин ҷо низ дар корбурди истилоҳот бештар тарҷумаи таҳтуллафзӣ ба кор бурда шудааст.

Истилоҳоти коргузорӣ як ҷузъи муҳимми истилоҳотгузинӣ мебошад. Пас аз соҳибистиқлолии кишвар истилоҳоти зиёди коргузорӣ ба вуҷуд омаданд, аммо аз тарафи коршиносон дар мавриди истифодаи истилоҳот низоми ягона муқаррар карда нашудааст. Ба ақидаи забоншинос Т. Шокиров «Забон ҳамон вақт забони илм шуда метавонад, ки ҳар як вожаву истилоҳи он мушаххас омӯхта шуда бошад. Ташхису таснифи дақиқи истилоҳот яке аз талаботи ҳатмии забони илм маҳсуб меёбад» [22, с.30]. Агар дақиқтар ба масъалаи интихобу корбурди истилоҳот нигарем, ҳодисаи сермаъноӣ,

муродифшавӣ, омонимшавӣ, серсоҳавӣ шудани он зиёд ба назар мерасад ва хонанда намедонад кадомеро қабул намояд.

Бо вуҷуди ҳодисаҳои сермаъноӣ, синонимӣ, омонимӣ хосси истилоҳот набуда, ҳолати мазкур дар истилоҳоти маъмурию коргузорӣ ба мушоҳида мерасад. Инро мо дар мисоли истилоҳи «бароварда» дида метавонем. Истилоҳи мазкур ба маънои ҳисоби тахминии хароҷот корбаст мешавад. Ҳолати дар шакли «хароҷот» истифода гардиданаш низ мавҷуд аст. Дар радифи он ҳамчун синоним калимаи «смета» низ истифода мегардад. Калимаи «бароварда» аз забони мардуми ҳамҷавори мо эроният ворид шудааст. Аслан, калимаи «бароварда» асоси замони гузаштаи феъл буда, аз ҷиҳати таркиби морфологӣ сохта аст (бар+оварда).

«Дар асоси ҳуҷҷатҳои сметавӣ - лоиҳавӣ сохтмони иншооти мазкур қобили истифода мебошад» [17, с.17].

Дар забони муосири тоҷикӣ калимаҳои «асоснома» ва «оиннома» ба таври мувозӣ кор бурда мешаванд. Ҳол он ки калимаи «оиннома» маъмул буда, ба ҳама фаҳмост ва ҳоҷат ба корбурди «асоснома» нест.

Калимаи «баст» ба маънои «навбат, кор, смена» истифода мегардад. Истилоҳи мазкур дар ФЗТ ба маъноҳои «1. паногоҳ, ки одамон аз хатар паноҳ мебаранд, садд, варғи сарбанд, 2. густурдан, вусъат, баён кардан [18, с.157]; дар ФТЗТ 1. баста, банд, 2. як навбат кор, ки баъд аз он коргарон иваз мешаванд; ҳайати корӣ, штат, шумораи кормандон аз рӯйи вазифаи корӣ, басти кормандони як муассиса, 3. қаду баст [19, с.151] тафсир шудааст. Дар «Луғати русӣ - тоҷикӣ» «смена» ба маънои «ивазкунӣ, дигаркунӣ, бадалкунӣ; сменаи якум ё дуюм» [9, с.1020] маънидод шудааст. Аз таҳлилу тасниф маълум гардид, ки калимаи «баст» дар забони тоҷикӣ маъноҳои гуногунро дорост. Имрӯз ҳам ба маънои «штат» (як басти корӣ) ва ҳам «смена» (басти якум) истифода мегардад. «Штат»-ро бо калимаи «саҳм» низ ифода мекунанд. Зарур аст, ки як истилоҳро дар як соҳа истифода барем.

«Сохтор ва теъдоди штатии Раёсати кадрҳоро тибқи тартиби муқарраргардида роҳбари мақоми давлатӣ тасдиқ мекунад» [10, с.35].

Калимаи «бахш» низ ҳамчун истилоҳ ба маъноҳои «қисм, ҳисса, шуъба» истифода мегардад. Агар истилоҳи мазкурро танҳо ба як маъно ба кор барем беҳтар аст. Он ба маънои «шуъба» имрӯз маъмултар буда, дар тамоми муассисаҳо мавриди истифода қарор дорад, вале дар матбуоти даврӣ дар қолаби «бахш» низ ба мушоҳида мерасад.

Ба ҷойи калимаи «квота» калимаҳои «бурс, роҳҳати таҳсилӣ, ҳисса, саҳм»-ро ба кор мебаранд.

Чунин вазъиятро дар истифодаи истилоҳоти коргузорӣ зиёд мушоҳида намудан мумкин аст: васоят-васигӣ, парастории, вазифа ва фаъолияти васӣ; вом-қарз, иқтибос; геополитикӣ - ҷаҳоншумулӣ, умумиҷаҳонӣ, сартосарӣ; гирдиҳамоӣ - намоиш, ҷамъомад, митинг; гумрукхона - идораи гумрук, боҷхона, пости гумрук; дабир-котиб, муншӣ; дарснома - маводи дарсӣ, лексия; дастандаркорон - масъулон; саркарда - созмондиҳанда; дастгоҳ - аппарат, асбоб, олат ва ё ҳайати иҷрокунандаи корҳои идоравии мақомот, инчунин, муассисаи давлатӣ; дафтар - идора, маркази идоракунандаи ягон соҳаи кор ва ё утоқи кор, маҳалли кор, дафтари сабти аҳвол ва ғайра.

Имрӯз дар забони тоҷикӣ истилоҳи «довталаб» ба маънои «ихтиёрӣ, дохилшаванда, абитуриент» корбаст мегардад. Худи калимаи «довталаб» хусусияти омонимӣ пайдо намудааст. Он ба маънои «довталаби курсии президентӣ, мақом ё ҷое» истифода мегардад.

Дар ФТЗТ чунин тафсир ёфтааст: «довталаб талабгори гирифтани унвон ва мақоме дар мусобиқаю озмунҳо; бо майлу иродаи худ анҷоми кореро ба уҳда гирифтан» [19, с.456].

«Ҳуҷҷатҳои довталабони медали тилло ва нуқраро аз тариқи комиссияи таҳлилгардидаи махсус санҷида, сазовор будан ё набудани довталабонро муайян сохта, ба мушоваре Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намоянд» [10, с.57].

Аз нимаҳои асри гузашта соҳибзабонон ва, хусусан, аҳли қалам ба масъалаи покиза нигоҳ доштани сарватҳои луғавии забони модарӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда, кӯшиши зиёд ба харҷ доданд, ки калимаю истилоҳоти безарурат аз забонҳои дигар

иқтибосшударо санҷида, имкон бошад, бо калимаю истилоҳоти забони тоҷикӣ иваз намоянд. Ин амал бештар дар истеъмоли истилоҳот ва дар навбати аввал дар кор фармудани калимаю истилоҳоти маишӣ, иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию фарҳангӣ вусъат пайдо намуд. Дар зарфи даҳ - понздаҳ соли охир як миқдор истилоҳи русию байналхалқӣ тоҷикӣ шуда, дар истеъмоли умум роиҷ гардиданд: гражданин - шаҳрванд; паспорт - шиноснома; валюта - арз, асъор; компенсация - ҷуброн; таможный - гумрук, инспекция - бозрасӣ; диагностика - ташхис; перспектива - дурнамо ва ғайраҳо [12, с.20].

Ба ақидаи забоншинос С. Назарзода истилоҳот бояд дорои чунин сифатҳо бошад: дақиқӣ, шаффофият, тасрифпазирӣ ва иштиқоқпазирӣ, сохтори дастурӣ, кӯтоҳии калима, зебоӣ ва мақбулият [12, с.328-329]. Албатта, дар ҳолати риояи чунин аломатҳо истилоҳоти забони мо ба танзим медарояд ва инкишофу такмил меёбад.

Истилоҳвожаҳои зиёди маъмурию коргузориро мушоҳида намудан мумкин аст, ки бештари онҳо калимаҳои иқтибосии арабӣ ва русӣ - байналхалқӣ буда, дар мавриди интихоби синоними тоҷикиашон ба чунин ҳолат дучор гардидаанд: маҷмаа - ҷамъомад, маҷлис, ассамблея; идрор - идрорпулӣ, мададмаоши донишҷӯ, сабақмаош, стипендия; мустанад - ҳуҷҷатӣ, бо санадҳо асосёфта, филми мустанад, филми ҳуҷҷатӣ; муҷозот // муҷозо - ҷазо, ҷазодиҳӣ, танбеҳ; нахуствазир - сарвазир, раиси вазирон, садри аъзам; ниҳод - муассиса, созмон, орган, институт; номнависӣ - сабти ном, бақайдгирӣ ва ғайра.

Ҳангоми интихоби калима барои номгузории ашёи нав ё мафҳум бояд эътибори ҷиддӣ дод ва аз байни вожаҳои пайдошуда, саҳеҳу мувофиқашро интихоб намуд, ки аз ҷиҳати ифодаи маъно, зарурат, доира, дараҷа, сохтор, тобишу ҷило, муассирӣ ҳадафи истифодаи хосро доро бошад. Масалан, аз истилоҳҳои дар боло зикршуда чунинашро интихоб намудан мувофиқтар аст: стипендия - идрорпулӣ, сабти ном, ҷазодиҳӣ, созмон, сарвазир ва ғайра.

Истилоҳи «эълон»-ро дар коргузорӣ бо гунаҳои «иттилоия», «огаҳӣ» ва «эълом» мушоҳида менамоем. Эълон дар ҳуҷҷатнигорӣ истилоҳи маъмулӣ гардидааст ва зарурати муодилсозиро дар худ надорад.

Истилоҳи «презентатсия» ба маънои «пазироии калони расмӣ» (гоҳо бо оростани зиёфат) бо мақсади реклама кардан ва муаррифӣ намудани ягон ширкат, созмони навташкил» истифода мегардад. Хуб мешуд мо ба ин маъно калимаи «рӯйнамо»-ро истифода намоем, ки тоҷикист.

Санад низ дар баробари калимаи ҳуҷҷат чун синоним истифода мегардад, аммо мафҳуми васеъ дошта, ҳамчун навъи ҳуҷҷат низ дар истифода қарор дорад. Санад истилоҳи арабист ва дар замони Шуравӣ бо муодили «акт» мавриди истифода қарор гирифта буд. Истилоҳи мазкур дар шакли «таъйиднома» низ истифода мешавад. Таъйид низ калимаи арабӣ буда, бо ҷузъи нома истилоҳ сохтааст. Санадро метавон бо се ном дар ҳуҷҷатнигорӣ мушоҳида кард. Ба назари мо, «таъйиднома», ки бо яке аз қолабҳои истилоҳсозии тоҷикӣ сурат гирифтааст, истифода шавад беҳтар аст. Дар китоби «Дастури мухтасари коргузорӣ» истилоҳи акт ба чунин тарз шарҳ ёфтааст: «акт – санад, акт, даъвонома» [5, с.5], яъне ба муодилҳои мавҷудбуда, «даъвонома» илова мегардад.

Ҳуҷҷати дигар, ки бо қолабҳои мухталиф мавриди истифода аст, «зиндагинома» мебошад. Ин ҳуҷҷат бо номҳои «тарҷумаи ҳол», «ҳолнома» ва «шарҳи ҳол» маъмул аст, ки хилофи меъёр аст. Истифодабарандаи ҳуҷҷат як мазмунро бо чор ном ба мушоҳида мегирад. Албатта, дар қолаби «зиндагинома» мувофиқи мақсад аст.

Истилоҳи русии «доверенность» дар забони тоҷикӣ бо се муодил: «ваколатнома, боваринома, эътимоднома» [5, с.10] дар истифода мебошад, ки хилофи меъёр аст.

Истилоҳи «раводид», ки ба маънои «иҷозати расмие, ки дар шиносномаи хориҷӣ барои ворид шудан ба кишваре ё хориҷ шудан аз он қайд мешавад, иҷозатномаи хуруҷу вуруд» [20, с.140] омадааст ва дар қолаби «виза» низ маъмул аст. Дар баробари ду шакли ифодаёфта бо номи «амрия» [5, с.7] низ ифода ёфтааст.

«Протокол» низ яке аз санадҳои маъмулии коргузорист, бо муродифҳои «суратҷаласа» ва «суратмаҷлис» васеъ истифода мешавад. Масъала дар ин ҷост, ки бояд як истилоҳ мавриди корбурд қарор гирад. Бинобар ин ки дар таносуби калимаҳои иқтибосии забони тоҷикӣ мавқеи калимаҳои арабӣ устувор аст, истифодаи калимаи суратмаҷлисро ба мақсад мувофиқ медонем. Воқеан, ҳар ду ҷузъи калимаи мазкур бо

вуҷуди иқтибосӣ будан, дар забони тоҷикӣ ҳазм гардидаанд ва бегона будани он эҳсос намешавад, вале калимаи «протокол» худ таҷассумкунандаи иқтибосӣ буданаш аст.

Истилоҳи дигар «қарордод» аст, ки муодилҳои «паймоннома», «аҳднома» ва «шартнома» мавриди истифода қарор дорад. Қайд кардан зарур аст, ки бо вуҷуди маъмулӣ будан истилоҳи «қарордод» ва «шартнома» дар таносуби «паймоннома» калимаи пурра тоҷикӣ нестанд. Аммо «паймоннома» калимаи тоҷикӣ буда, корбурдаш дар ҳамин қолаби истилоҳӣ мувофиқ аст. Дар ин баробар гунаи чорум, яъне «созишнома»-ро низ дар коргузорӣ метавон мушоҳида намуд.

Созишнома дар луғат ба маънои «ҳуҷҷат дар бораи созиш дар масъалае» зикр шудааст [20, с.257].

«Мувофиқи созишномае, ки дар байни ҳукумати Россия ва амир баста шуда буд, ҳукуматдорони Бухоро ҳақ надоштанд, ки раияи Россияро бо гуноҳе ва айбе дастгир намоянд» [2, с.480].

Шартнома ба маънои паймоннома, аҳднома, қарордод истеъмол мешавад [20, с.628]. Аз ин вожа дар забони тоҷикӣ феъли таркибии шартнома бастан ба маънои уҳдадорӣ бастан, аҳднома бастан, аз феъли шартнома бастан исми амали шартномабандӣ ба маънои қарордод бастан, сифатҳои шартномавӣ ба маънои мансуб ба шартнома, шартномадор ба маънои дорои шартнома, бо шартнома ва шартномапазир ба маънои қобили шартнома будан дар истеъмоланд [20, с.628].

«Дуруст аст, ки, -гуфт Бобо Собир, -шумо барои бист таноб пахта бо ҳукумат шартнома бастед, тухму бӯнакро ҳам гирифтед» [3, с.366].

Аҳднома маънои «шартнома ва қарордод»-ро дорад [18, с.118; 19, с.100]. Аҳднома як андоза қолабҳои куҳнашударо дар худ дорад, чунки дар таносуби синонимҳояш камистеъмол аст. Вале бо вуҷуди ин ҳолат бояд дар қолаби меъёр яке қабул ва мавриди корбурд қарор гирад.

«Ва ҳол он ки дар бозорҳои Бухоро ва Туркистон, чунон ки ба сифати ғуломӣ хариду фурӯши сунниён мамнуъ буд, инчунин, бинобар аҳдномае, ки он вақтҳо дар миёни Бухоро ва Афғонистон баста шуда буд, ба сифати ғуломӣ харидуфурӯш кардани табааи Афғонистон ҳам маън карда шуда буд» [3, с.31].

Истилоҳи «иҷозатнома» бо «литсензия» низ ба таври мувозӣ мавриди корбурд қарор доранд. Дар як қисми ҳуҷҷатҳо агар дар қолаби иҷозатнома истифода гардад, дар гурӯҳи махсуси дигар қолаби иқтибосии худро нигоҳ доштааст. Ҳамчунин, дар шакли «ҷавоз» [11, с.43] низ мавриди истифода қарор дорад, ки иқтибосӣ арабист. Истилоҳи мазкур дар шакли таърихии парвона дар ФТЗТ дарҷ гардидааст. Тафсири калимаи парвона дар «Бурҳони қотеъ» ба маънои «ҳукму фармони салотин» [4, с.234] омадааст.

«Тавсифнома» низ синонимҳои зиёд дошта, аз ин ҷиҳат ба меъёрҳои қабули истилоҳот мувофиқат намекунад. Ин истилоҳ бо муодилҳои «хислатнома» ва «муаррифинома» дар низоми коргузорӣ мавриди истифода қарор дорад.

Тавсифнома (хислатнома) санадест, ки аз тарафи маъмурияти муассиса ба хонанда ё корманд (ҳангоми шомил шудан ба муассисаҳои омӯзишӣ, сафар ба кишварҳои хориҷӣ, пешниҳод ба вазифа) дода мешавад. Дар тавсифнома дар бораи фаъолият дар таҳсил, сатҳи донишандӯзӣ, фаъолияти корӣ, маҳорати касбӣ, сифатҳои ахлоқию сиёсӣ, муносибат ба кор, дараҷаи такмили маҳорати касбӣ, иштирок дар корҳои ҷамъиятӣ, муносибат бо атрофиён ва ғайра маълумот дарҷ гардида, дар охири он таърихи рӯз, имзо ва муҳри роҳбари муассиса гузошта мешавад [21, с.37-38].

Се истилоҳи ифодакунандаи як мафҳум аз ҷузъҳои арабию тоҷикӣ сохта шудаанд. Дар ин маврид эътибори асосӣ ба истилоҳе нигаронида мешавад, ки дар байни истифодабарандагон маъмултар аст. Бинобар ин, мо қолаби «хислатнома»-ро мувофиқтар медонем, чунки тамоми ҷиҳатҳои шахс дар ин ҳолат бояд нишон дода шавад. Дар қолаби «тавсифнома», ки маънои калимаи васфу баёну шарҳро дорад, бояд ҷиҳатҳои манфии шахс дарҷ нагардад.

Мисоли дигар «шаҳодатнома» (сертификат) аст, ки бо номҳои коғази қурбнок, коғази арзишнок, коғази қурбдор ва ё гувоҳинома маъмул аст.

«Ман нозири нигоҳдории тандурустии Ҳукумати советҳои халқии Бухоро мебошам, - гӯён Мирзо Абдулвоҳид барои исботи ин гуфтаи худ ва дурусттар ҷалб

кардани диққати инженер ба худ шаҳодатномаи аз тарафи ҳукумат ба худаш додашударо ба ӯ нишон дода давом кардааст…» [2, с.452].

Истилоҳи маъмулии дигар даъватнома мебошад, ки бо муодили кайфархост низ мавриди истифода қарор дорад. Давъатнома истилоҳи маъмулӣ буда, дар қолаби кайфархост зиёд истифода намешавад. Ҳамчун синоними ҳамдигар ҳатто дар фарҳангҳо низ мавриди истифода қарор доранд.

Баённома чунин шаҳр ёфтааст: «варақа ё эъломияест, ки дар он маром ё мақсади ҳизб ё ҳукумате шарҳ дода шудааст, изҳорнома, деклоратсия» [19, с.119]. Дар ҳақиқат, таҳлилҳо нишон доданд, ки истилоҳи мазкур бо се муродиф дар истифода қарор дорад. Ҳатто бо эзоҳнома муродиф гардидани истилоҳи мазкур мушоҳида мешавад.

«Баённома ва газетаҳое, ки дар тарафи мо омада истидааст, магар ба тарафи шумо ҳам меравад? Меравад, ба ҳар тараф меравад, ба Чорҷӯй, Каркӣ, Қаршӣ, Шаҳрисабз ва ба тарафҳои Ҳисор ҳам рафта истодааст…» [3, с.222].

Барнома низ хусусияти сермаъноӣ дорад. Масалан, ба маънои кори муайян (барномаҳои давлатӣ), бахши муайян (барномаи телевизионӣ) ва фармонҳои соҳавӣ (барномаи компютерӣ) тафсир мешавад. Дар гузашта қисми оғози номаҳо ё китоб фаҳмида мешуд [4, с.171]. Ҳамчунин, дар шакли “варнома” низ истифода мегардид. Вале ҳамчун истилоҳи коргузорӣ “ҳуҷҷате, ки самтҳои асосии кори муассиса ва ё корхонаро ба давраи муайян ва ё даврaҳо, муҳлати амалигардонии корҳо, санҷиши калонро маънидод мекунад» [16, с.162].

«Дар асоси стандартҳои ягонаи давлатии таълимӣ нақша ва барномаҳои таълимӣ таҳия намуда, тартиби гузаронидани таҷрибаомӯзии истеҳсолии хонандагону донишҷӯёни муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбиро тасдиқ менамояд» [10, с.5].

Истилоҳи дигари коргузорӣ, ки хусусияти синонимӣ касб намудааст имзо мебошад. Истилоҳи мазкурро дар қолаби соядаст мушоҳида намудем:

«То муҳокимаи масъала шахсони масъули муассисаи таълимӣ, раёсат ва шуъбаҳои маориф, муассисаҳои тобеъ даъват шуда, бо маълумотнома ва лоиҳаи қарор шинос шуда, соядаст мегузоранд» [10, с.29].

Вазифа низ бо муродиф дар санадҳо истифода мешавад. Аслан вазифа ба маънои «1. кори муайянест, ки иҷрояш ба уҳдаи касе вогузор шудааст; коре, ки кас ба иҷрои он уҳдадор аст, кори ҳаррӯза, уҳдадорӣ, хизмат, амал; 2. шуғли расмӣ, мансаб» [19, с.256] шарҳ дода шудааст. Аз ин калима дар забони тоҷикӣ калимаҳои вазифагир, вазифадор, вазифахоҳ, вазифахӯр, вазифашинос, вазифашиносӣ сохта шудаанд. Дар ин баробар, истилоҳи мансаб дар истифода аст. Дар луғат ба маънои «рутба ва маъмурияти давлатӣ, мақом; ҷоҳ; шуғли расмӣ» [19, с.755] омадааст.

«Азбаски кӯкнориҳо тарсончак мешаванд ва вазифаи миршаб бошад, нотарсона бо дуздон мубориза бурдан аст, Аҳмади Дониш ин кори амирро ҳачв карда, он расмро кашида будааст» [2, с.546].

Қиссаи «Марги судхӯр» аз ҷиҳати мавзуъ, фарогирии хислати инсонӣ ва лаҳзаҳои нотакрори тасвир асари ҷовидонӣ мебошад. Дар бораи паҳлуҳои гуногуни асар, аз ҷумла, мазмуну муҳтаво, образи судхӯр, поэтика ва услуб, арзиши бадеии қисса, муқоисаи Қориисмат бо образҳои монанди адабиёти дигар халқҳо, муҳаққиқону адабиётшиносони зиёди ватаниву хориҷӣ изҳори ақида кардаанд.

Намунаи типи инсони хасис будани қаҳрамони марказии асар Қорӣ-ишкамба ва дар шароити конкрет тазоҳур намудани ӯ арзиши умумибашарии қиссаро афзуда, нависандаро дар радифи адибони бузурги олам дар офаридани асари ҳаҷвӣ гузоштааст. Маҳз дар заминаи қиссаи «Марги судхӯр» умумияту тафовути маҳорату истеъдоди ҳаҷвнигории устод Айнӣ ба асарҳои ҳаҷвии В. Шекспир, Молер, О. Балзак, А.С. Пушкин, Н.В. Гогол, С. Шедрин, Содиқ Ҳидоят ва дигар адибони маъруфи олам қиёсан таҳқиқ мешавад. Образи Қорӣ-Ишкамба ба образи Шейлок, Гарпагон, Гранд, Гобсек, Плюшкин, Иудушка Головлев, Ҳоҷӣ-оғо қиёс гардида, шабоҳату афзалияти характерҳои хасисиву ҳарисии онҳо таъкид меёбад.

Қиссаи «Марги судхӯр» аз нигоҳи сохтор ва бандубаст низ ҷолиб мебошад. Дар назари аввал сохтори повест дар қиёс бо дигар асарҳои нависанда содатар менамояд, ки сабаб дар мадди аввал қарор гирифтани тинати қаҳрамон аст. Мутолиаи асар хонандаро ба чунин хулоса меорад, ки тасвирҳо ҷанбаи воқеӣ доранд, ҳол он ки дар тасвири лаҳзаҳо ва амали образҳо муболиға хеле зиёд мушоҳида мешавад. Ҳамин табиӣ ва воқеӣ будани мундариҷаи асар гувоҳи бузургии нависанда аст.

Дар бораи афзалияти ҷанбаи реалистии осори устод Айнӣ нависандаи маъруф Чингиз Айтматов низ андеша рондааст: «Равияи Айнӣ бисёр сода, зоҳиран орому бешитоб аст, аммо ӯ дар қаҳрамонони худ чӣ қадар ғазаби одилона, эҳтироми бузургро дарёб менамояд, ки одатан ин мутафаккири оқили Шарқи мо онҳоро дар даврaҳои гардиши пурзиддияти таърихӣ нишон медиҳад» [1].

Иштироки муаллиф ба ҳайси яке аз қаҳрамонҳои асар низоми бандубаст ва сохтории асарро устувор ва таҳким бахшидааст. Ровии асар аз ибтидо то анҷом дар мундариҷа, лаҳзаҳову воқеаҳо, пайдоиш ва вусъати воқеаҳо, пайванди амали қаҳрамонҳо, замону фазои бадеии қисса хеле фаъолу назаррас мебошад.

Асоси композитсияи асарро низоми иҷтимоии Бухоро дар алоқа бо судхӯрӣ, инкишофу такмили амали судхӯрӣ аз муносибати одии одамон бо мақоми як унсури комили иҷтимоӣ, ба сатҳи маъмурӣ ва давлатӣ расидани он ташкил медиҳад. Нависанда чунин муносибату муомиларо тадриҷан дар атрофи Қорӣ-Ишкамба ва фаъолияти судхӯрии ӯ пайванд намуда, пайиҳам фаъол мегардонад. Амали судхӯрӣ ба сатҳи давлатӣ ва дар шакли вексел ба мақоми байналмилалӣ мерасад. Вусъат ва пайиҳам омадани силсилаи воқеаҳо бо ҳаёти Қорӣ-Ишкамба тавъам буда, натиҷаи тафаккур, муносибати иҷтимоӣ ва иродаи нависанда мебошад. Ҳамин андеша дар муқаддимаи нашри дуюм ба унвони «Як ду сухан дар бораи «Марги судхӯр» навиштаи муаллиф равшану возеҳ таъкид шудааст [4, с.9].

Аз муқаддима маълум мегардад, ки С. Айнӣ дар асари худ на қиссаи ҳаёти як судхӯр ва атрофиёни он, балки мавқеи судхӯриро дар зиндагии иҷтимоии ҷомеа баён менамояд.

Дар низоми воқеаҳо ва сужети асар, бандубасти таърихи зиндагии қаҳрамони марказӣ муҳим аст. Ҳамаи лаҳзаҳо ва ҳодисаҳои асар атрофи зиндагии ӯ пайвастагӣ ва рабт мегиранд. Образи Қорӣ-ишкамба аз образҳои марказии «Одина», «Дохунда», «Ғуломон» бо он тафовут дорад, ки қаҳрамонҳо дар он асарҳо аксаран вобаста ба пешомадҳои рӯзгор амал менамоянд. Аммо дар «Марги судхӯр» қаҳрамон дар ҳамаи амалҳои қабеҳу зишташ мустақил мебошад ва бисёр лаҳзаву ҳодисаҳо аз фаъолияти ӯ сар мезананд.

Сужети қисса дар заминаи равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии воқеаҳои замон ва шахсияти қаҳрамони марказӣ фароҳам омадааст. Аммо вобастагии ӯ ба муҳит ва вазъи иҷтимоӣ ба дараҷаи романҳои нависанда нест. Дар ин ҷо асоси хатти сужетро қаҳрамони марказӣ ба вуҷуд меорад. Конфликти иҷтимоӣ низ дар қиёс бо «Одина», «Дохунда» ва дигар асарҳои нависанда саросари воқеаҳоро фаро нагирифтааст. Зиддиятҳои иҷтимоӣ аз фаъолияти судхӯрии қаҳрамони марказӣ дар шаҳри Бухоро оғоз меёбад. Зиддият ва ихтилоф бештар миёни ахлоқу ҳарисии беҳудуд, худхоҳии нафси бадтинат ва озодагию озодманишӣ мебошад. Нависанда барои вусъату инкишофи сужет хонандаро низ шарики ин моҷарои инсонӣ мегардонад.

Майдони амали қаҳрамон дар қиссаи «Марги судхӯр» шаҳри Бухоро ва деҳоти атрофи он мебошад. Саҳнаи воқеаҳо дар асар низ тадриҷан намоён мешавад. Гиреҳбандии воқеаҳо дар қисса тулонӣ аст, ки ин услуби хосси нависанда мебошад. Чунончи, ҷустуҷӯи як толибилми мадраса Қорӣ-ишкамбаро ба хотири ҳуҷрааш хеле тул мекашад. Ё ин ки вуруди Раҳими қанд – персонажи дигар ба асар бо нақли чанд ҳикоят ба воситаи ӯ, ки ин ҳикояҳо метавонанд асари мустақил бошанд, гиреҳбандии сужаро ба дарозо бурдаанд.

Масъалаи дигаре, ки таъкиди онро зарур мешуморем, таносуби тасвири симои зоҳирӣ ва ботинии Қорӣ-ишкамба мебошад. Тасвири портрети Қорӣ-ишкамба дар асар ҳунари олии нависандагии устод Айнӣ маҳсуб меёбад. Шуруъ аз интихоби номи қаҳрамон ҳар як ҷузъиёте, ки дар симои зоҳирии Қорӣ-ишкамба ба тасвир омадааст, ягон паҳлуи характер ва мазмуну маънои муайянеро ифода намудааст. Тасвири қиёфаи Қорӣ-ишкамба дар асар аз қадду қомат, шикам, гардан, риш, сар, мӯйи сар, дастор, чашм, лаб, роҳгардӣ, лаҳзаҳои нонхӯрӣ, ошхӯрӣ, дандонковӣ, фарбеҳӣ, хароб шудан ва ғайра ба олами ботинии қаҳрамон ва консепсияи умумии асар мутобиқати куллӣ дорад. Нависанда ба ҳар як ҷузъиёти қиёфаи Қорӣ-ишкамба ҷанбаи иҷтимоӣ дода, дар мундариҷаи образ маҷмуи муносибатҳои иҷтимоии судхӯрони охири асри XIX ва ибтидои асри XX – ро муҷассам гардондааст.

Нуқтаи кулминатсионии асар анҷоми кори Қорӣ-ишкамба ба воситаи марги ӯст, ки комилан асоси мантиқӣ дорад. Тамоми ҳирсу майлу хоҳиш ва ҳастии ӯ ба ҷамъ овардани пул равона шуда буд. Ҷараёни хабарҳои зиёд оид ба инқилоб, вазъи мушкили банкҳо, хавфи тамоман аз даст рафтани дороияш ӯро ба вартаи марг мерасонад. Ҷудоӣ аз пулҳояш ба марги ӯ баробар аст. Ин пайванди ҷону равони Қорӣ-ишкамбаро бо пул нависанда бо завқу маҳорати баланд ифода кардааст, ки чунин тасвири образи мумсику хасис дар адабиёти ҷаҳон нотакрор аст: «Қорӣ-ишкамба аз мурдан наметарсид, агар ӯ медонист, ки баъд аз мурданаш пулҳояшро ҳамроҳи мурдааш бурда дар гӯр як ҷой мегӯронанд, ин гуна маргро бо хурсандӣ пешвоз мегирифт. Аммо ӯ аз ин гуна марг метарсид, ки бимираду ба сабаби мурдан аз пулҳояш ҷудо шавад. Ҳар гоҳ ки ба хотири ӯ ин гуна марги «пурдаҳшат» мерасид, афсӯсхӯрона байти зерини Мирзо Абдулқодири Бедилро, ки ба маҳбубааш хитобан гуфтааст, ӯ ба пулаш, ки назар ба ақидааш аз ҳар гуна маҳбуба маҳбубтар аст, нисбат дода замзама мекард:

Дар дами мурдан маро бар зиндагӣ афсӯс нест,
Ҳайфи домонат, ки аз дастам раҳо хоҳад шудан» [4, с.175].

Бо фоҷиа анҷом ёфтани қиссаи «Марги судхӯр» ҷамъбасти консепсияи марказии асар маҳсуб меёбад. Марги Қорӣ-ишкамба фоҷиаи танҳо як шахс ё як қишри ҷомеа нест. Фоҷиаи судхӯр заволи муносибатҳои иҷтимоии замон, сохти сиёсиву давлатдории амирони манғитияи Бухоро, ки зиёда аз якуним аср ҳукмронӣ доштанд, дар маҷмуъ заминаҳои пайдоиши низоми нави давлату давлатдорӣ аз нигоҳи нависанда дар қисса мебошад.

Қиссаи дигаре, ки номи устод Айниро миёни хонандагон маъруфу машҳур гардондааст, «Ҷаллодони Бухоро» мебошад. Ин асар соли 1920 дар арафаи воқеаҳои сиёсиву инқилобии Аморати Бухоро таълиф гардида, саргузашти талхеро аз сар гузаронидааст. Қисса ба забони тоҷикӣ навишта шуда, барои чоп ба нашриёти давлатӣ супорида мешавад, вале мутаассифона, рӯйи чопро намебинад. С.Айнӣ дар сарсухани нашри якуми тоҷикии қисса навиштааст: «Вақте ки сабаби чоп нашуданашро пурсидам, мудири нашриёти мазкур «асаратон гум шуд, бинобар ин чоп нашуд» гуфта ҷавоб дод. Пеш аз он ҳодиса – дар моҳи июни соли 1920 «Фоҷиаи алимаи як ҷавони бухороӣ» ном як ҳикояти аввалинам дар Тошканд гум шуда буд, ки мусаввадаи он ҳам дар дастам намонда буд. Бар болои он ин «гумкунӣ» барои ман як фалокати дигар шуда ба ман таъсири хеле бад кард. Хайрият мусаввадаи ин дар дастам монда буд, ки маро хеле тасаллӣ медод» [5, с.103].

Дар натиҷаи чунин муносибат асар бо забони тоҷикӣ дастраси хонанда нагардид ва бори нахуст бо забони узбекӣ дар журнали «Инқилоб» дар шумораҳои 3, 4, 5, 6, 7, 8 чоп шуд. Нависанда баъдан ҳангоми ба тоҷикӣ омода сохтани қисса асари худро аз нав таҳдиди назар намуда, бо таҳрир, ихтисор, илова ва такмил соли 1936 ба чоп пешниҳод менамояд.

Қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» ба воқеаҳои муҳимми ибтидои асри XX дар қаламрави Аморати Бухоро бахшида шудааст. Дар остони қарни XX ҳаракату ҷунбишҳои гуногун дар Осиёи Миёна авҷ гирифт ва намояндагони ин ҳаракату ҷунбишҳо кӯшиши ба даст овардани ҳокимиятро дар Аморати Бухоро карданд. Ғалабаи Инқилоби Октябр дар Русия соли 1917 ва таъсиси Ҷумҳурии Туркистони Шуравӣ 30 апрели соли 1918 барои амалишавии ҳадафҳои сиёсии онҳо заминаи мусоид ба вуҷуд овард. Тезутундшавии муносибати Россияи болшевикӣ бо Аморати Бухоро, забти хонигарии Қуқанд аз ҷониби аскарони сурх, авҷгирии ихтилофи ҳаракати Ҷавонбухориён бо ҳукуматдорон сабаби оғози ҳуҷуми қушунҳои Ҷумҳурии Шуравии Туркистон ба Аморати Бухоро гардид. Бо дархости роҳбарияти ҳаракати Ҷавонбухориён қушунҳои ҳукумати Туркистон бо роҳбарии Ф.И. Колесов 2 марти соли 1918 ба Бухоро ҳуҷум карданд, ки дар таърих бо номи «воқеаи Колесов» машҳур аст. Бо сабабҳои омодагии ҷиддӣ надоштан, маълумотҳои нодуруст оиди вазъи сиёсии кишвар ва нобаробарии қувваҳо инқилобчиён шикаст хӯрданд ва иштирокчиён, ҷонибдорону хайрхоҳони он аз ҷониби ҳукуматдорони Бухоро гирифтори ҳабсу қатлу истибдод гардиданд. Дар ин байн бародари устод Айнӣ Сироҷиддин низ дастгир ва бо баҳонаи иштирок дар табаддулот ба қатл расонида шуд. Ҳамин воқеаҳои мураккаби инқилобӣ, қатлу куштор, ҳабсу таъқиб дар маҷмуъ

ихтилофҳои шадиди сиёсии замон дар қаламрави Аморати Бухоро асоси мазмуну мундариҷаи асарро ташкил додаанд.

Тасвири ҳодисаву воқеаҳо дар қиссаи «Ҷаллодони Бухоро» ҷанбаи устувори ҳаётӣ дорад. Амали қаҳрамонҳо, макону замони фаъолияти онҳо низ воқеиянд. Нависанда дар чанд ҷойи қисса ба ин масъала ишораҳо менамояд. Персонажи марказии қисса Маҷиди каҳкашонӣ низ ҳамин маъниро таъкид кардааст: «Ман шуг намегӯям, чизҳоеро гуфта медиҳам, ки ҳамаи онҳоро ба чашми худ дидаам» [5, с.161].

С. Айнӣ ҳамин воқеаҳоро дар шакли дигар дар асарҳои таърихии худ - «Таърихи амирони манғитияи Бухоро», «Бухоро инқилоби таърихи учун материаллар» низ баён кардааст. Аммо дар «Ҷаллодони Бухоро» ин воқеаҳо бо тарзу усули тоза, пайвастсозии мантиқии ҳодисаҳо, мавқеъгирии сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии муаллиф, нигоҳи танқидиву ошкорсозии персонажҳо ба тасвир омадааст.

С.Айнӣ дар «Ҷаллодони Бухоро» бори нахуст ба сабки бадеии баёни маърифат ва ҳақиқат гузаштааст ва дар мавриди таъини роҳу равиши пешгирифтаи адиб арзиши асар хеле муҳим мебошад. Нависанда ба як қолаб ва сабки баёни хеле мувофиқ ба инъикоси паҳлуҳои манфӣ ва харобиовари аморати Бухороро пардохтааст. Дар асари начандон бузург аз рӯзгору ахлоқ ва муносибати деҳотиён, шаҳриён, атрофиён, зиндониён, толибони мадраса, ҳаннотон, ҷаллодону амир ва наздикони ӯ хабар медиҳад. Агар сабку услуб ва шаклу қолаби дуруст пайдо намешуд, ин мазмуну мундариҷаро дар як асари нисбатан кучак ҷой додан аз имкон берун буд.

Дар бораи сохти асар академик М.Шукуров менависад: «Ин аст, ки повести «Ҷаллодони Бухоро» аз ҷиҳати сохт «Ҳазору як шаб», «Чор дарвеш» ва мисли инҳоро ба хотир меорад, яъне ба услуби анъанавии ҳикоят андар ҳикоят навишта шудааст» [7, с.74].

Дар «Ҷаллодони Бухоро» вазифаи қиссаи василаро баёни кори шабонаи ҷаллодон ва дар фосилаи рафтану омадани аробаҳо суҳбати онҳо ташкил кардааст. Ин шакли маъруфи қисса андар қисса мебошад, ки дар адабиёти мо анъанаи қадима дорад. Дар адабиёти классикӣ низом ғолибан чунин буд, ки муаллиф асарро дар асоси қиссаву сужети маълум ё дидаву шунидаҳояш эҷод мекард. Аммо дар «Ҷаллодони Бухоро» нависанда яку якбора ба озодии гуфтору созандагӣ гузаштааст ва ин як навъ таҳаввулот дар тарзи андешаи ӯ ба нияти эҷод кардан ва мақсади ниҳоии баҳои худӣ додан ба рӯйдодҳо аст. С.Айнӣ ин ҳодисаҳоро пора-пора ва қисм-қисм медонист, шунида ва дида буд ва дар хотир нигоҳ медошт. Нависанда ҳамаи онҳоро дар ин асар ба нияти маҳкум сохтани режими аморати Бухоро ва дар руҳияи ба хонанда тақвият бахшидани афкори бадбинона ҷамъ овардааст. Аз ин ҷост, ки қисми зиёди ҳодисаҳо дар асар пора-пора ва канда мебошанд. Маҳорати нависандагӣ ва фаросати бузурги эҷодии ӯ дар ҳунари ҷамъ овардани ҳамаи онҳо дар як асари пайваставу муназзам зоҳир гаштааст. Навигарии асари Айнӣ тақлиди ошкорои қолаби қисса андар қисса набуда, пайванди ҷузъиёти зиёд дар як асари ягона мебошад.

Сужети қиссаҳо ва қисми васлкунандаи асар моҷарои ягона надорад. Дар қисми васила, даромад бо тафсил ва гуфтугӯи ҷаллодон пайвандгари қисмҳои дигар шудааст. Ягонагии ин қисм аз ваҳдати мавзуъ ва маҳдудаи замонӣ-фазоӣ, амали ҷаллодон ва вақти амал ба вуҷуд омадааст. Дар асар қувваи неку бад, ки асоси низои бадеӣ мебошад, нест. Ҳамаи ин бадиро нависанда дар шакли ногувору кароҳатангез дар рӯбарӯйи хонанда мегузорад, ки бо ақлу ахлоқи солим бишносад. Дар зеҳни С.Айнӣ ҳанӯз муборизаҳои синфӣ, қаҳрамони мусбату манфӣ пайдо нашудааст. Худи мавзуъҳо, тасвир ва нақли ҳодисаҳо манфӣ мебошад. Мундариҷаи ҳикоят, нақлу қиссаҳо аз ибтидо то анҷом моҳияти танқидиву шикоятӣ ва ошкорсозӣ доранд.

«Ҷаллодони Бухоро» асарест, ки миёни анъанаву суннатҳои насри классикӣ ва ҷустуҷӯйҳои эҷодии замони нав қарор гирифтааст. Устод Айнӣ бо ин асар қолабҳои устувори адабиёти пешинро таҷдид намуда, марҳилаи нави адабиётро оғоз бахшидааст. Образу қолабҳои анъанавӣ, сабку услуби ҳикояпардозӣ ва дигар воситаву унсурҳои адабӣ бо фарогири мазмуну муҳтаво ва замону макони реалӣ, ҳодисаву шахсони ҳаётӣ тавассути маҳорату истеъдоди фавқулодаи нависанда роҳу равиши ҷадидро дар адабиёт пешниҳод кард. Аҳаммияту муҳиммияти асар боз дар он зоҳир гаштааст, ки инъикоси замону макони мушаххас, ҳодисаҳои таърихӣ, шахсону лаҳзаҳои воқеӣ ҳадафи асосии

асар буда, дар хонанда на танҳо ҳисси нафрату бадбинӣ, ҳамчунин андешаи ислоҳотхоҳиву нексириштиро ба хотири бунёди ҷомеаи ободу бомаърифат, мутараққиву соҳибистиқлол парвариш менамояд.

А Д А Б И Ё Т

1. Айтматов Ч. Два мастера // Литературная газета. – 1968, 4 сентября.
2. Муллоджанова, З. «Смерть ростовщика» С. Айни на русском языке / З.Муллоджанова. – Ҷашнномаи Айнӣ. – Душанбе, 1971. - Ҷ.IV. – С.134.
3. С.Айнӣ. Марги судхӯр. Порчаҳо аз мусаввада. – Бойгонии нависанда – 36, в.ҳ. 29, в.1.
4. С. Айнӣ. Куллиёт. - Ҷ.4, – Сталинобод, нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. – С.9, 175.
5. С.Айнӣ. Куллиёт. Ҷ.1. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. - С.103, 161.
6. Панкина, В. Повесть «Смерть ростовщика» - одно из высших достижений творчества С. Айни / В.Панкина // Известие отделения общественных наук, 1957. – №15. – С. 61.
7. Шукуров, М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷ.4. / М. Шукуров. – Душанбе: Дониш, 1980. - С.74.

ДОСТОНИ СИРИШТ ВА ФОҶИАИ ИНСОНӢ

Дар мақола сухан дар бораи қиссаи «Марги судхӯр»- и С.Айнӣ меравад. Муаллифон иброз медоранд, ки дар адабиёти муосири тоҷик асареро ба мисли қиссаи «Марги судхӯр» пайдо кардан маҳол аст, ки чунин шуҳрати умумиҷаҳонӣ пайдо карда бошад. Ин асар дар кутоҳтарин муҳлат бо забонҳои гуногун тарҷума ва бо теъдоди зиёд нашр гардидааст. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки қиссаи «Марги судхӯр» аз чиҳати мавзуъ, фарогирии хислати инсонӣ ва лаҳзаҳои нотакрори тасвир асари ҷовидонӣ мебошад. Дар бораи паҳлуҳои гуногуни асар, аз ҷумла, мазмуну муҳтаво, образи судхӯр, поэтика ва услуб, арзиши бадеии қисса, муқоисаи Қориисмат бо образҳои монанди адабиёти дигар халқҳо, муҳаққиқону адабиётшиносони зиёди ватаниву хориҷӣ изҳори ақида кардаанд. Қиссаи дигаре, ки номи устод Айниро миёни хонандагон маъруфу машҳур гардонидааст, «Ҷаллодони Бухоро» мебошад, ки ба воқеаҳои муҳимми ибтидои асри XX дар қаламрави Аморати Бухоро бахшида шудааст. Аҳаммияту муҳиммияти ин асарро муаллифон дар он мебинанд, ки инъикоси замону макони мушаххас, ҳодисаҳои таърихӣ, шахсону лаҳзаҳои воқеӣ ҳадафи асосии асар буда, дар хонанда на танҳо ҳисси нафрату бадбинӣ, ҳамчунин андешаи ислоҳотхоҳиву нексириштиро ба хотири бунёди ҷомеаи ободу бомаърифат, мутараққиву соҳибистиқлол парвариш менамояд.

Калидвожаҳо: «Марги судхӯр», «Ҷаллодони Бухоро», қисса, мазмун, муҳтаво, хасис, судхӯр, танқид, шикоят, зулм, истибдод, фоҷиа.

ПОЭМА ЧЕЛОВЕЧЕСКОЙ ПРИРОДЫ И ТРАГЕДИИ

В статье речь идёт о повести «Смерть ростовщика» С.Айни. Авторы подчёркивают, что в современной таджикской литературе сложно найти произведение, равное этой повести в мировой известности. Повесть была переведена на множество языков в кратчайшие сроки и издана огромными тиражами. Так же отмечено, что повесть «Смерть ростовщика» по теме, описанию характеров и художественным достоинствам, стала произведением на все времена. Многие отечественные и зарубежные исследователи и литературоведы высказали свое мнение о различных аспектах произведения, в том числе о содержании, образе ростовщика, поэтике и стиле, художественной ценности повести, сравнивая Корисмата (главного героя) с похожими образами в литературах других народов. Ещё одно произведение, прославившее С.Айни среди читателей, это повесть «Бухарские палачи» посвящённая судьбоносным событиям начала XX века в Бухарском Эмирате. По мнению авторах, главной целью произведения является отражение конкретного времени и места, исторических событий, реальных людей и моментов и оно воспитывает в читателе не только чувство неприятия ненависти, но и зарождает идеи реформ и прогресса для построения процветающего, образованного, прогрессивного и независимого общества.

Ключевые слова: «Смерть ростовщика», «Бухарские палачи», сюжет, контекст, содержание, жадный, ростовщик, критика, жалоба, притеснение, тирания, трагедия.

A POEM OF HUMAN NATURE AND TRAGEDY

The article is about the story “The Death of a Moneylender” by S. Aini. The authors emphasize that in modern Tajik literature it is difficult to find a work equal to this story in world fame. The story was translated into many languages in the shortest possible time and published in huge editions. It is also noted that the story “The Death of a Moneylender”, in terms of its theme, description of characters and artistic merits, has become a work for all times. Many domestic and foreign researchers and literary scholars expressed their opinions on various aspects of the work, including the content, the image of the moneylender, poetics and style, the artistic value of the story, comparing Korismat (the main character) with similar images in the literatures of other nations. Another work that made S. Aini famous among readers is the story “Bukhara Executioners”, dedicated to the fateful events of the early twentieth century in the Bukhara Emirate. According to the authors, the main purpose of the work is to reflect a specific time and place, historical events, real people and moments, and it instills in the reader not only a sense of rejection of hatred, but also generates ideas of reform and progress for building a prosperous, educated, progressive and independent society.

Keywords: “Death of a Moneylender”, “Bukhara Executioners”, plot, context, content, greedy, moneylender, criticism, complaint, oppression, tyranny, tragedy.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, академики АМИТ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17
Набиева Меҳрангез Назаровна - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., ассистент, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. Тел: **(+992) 988-61-61-08**

Сведения об авторах: ***Имомзода Мухаммадюсуф Сайдали*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, академик НАНТ. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр.Рудаки, 17
Набиева Мехрангез Назаровна - Таджикский национальный университет, к.ф.н., ассистент, кафедра теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Тел: **(+992) 988-61-61-08**

Information about the authors: ***Imomzoda Muhammadyusuf Saidali*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor, Academician of NAST. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17
Nabieva Mehrangez Nazarovna - Tajik National University, candidate of philological sciences, assistant, Department of Theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 988-61-61-08**

ТДУ: 891.550

ИБТИКОРОТИ МАВЛАВӢ ДАР ВАЗН ВА ҚОЛАБИ ШЕЪР

Тоиров У.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Султонулуламо (Шоҳи олимон) Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Хатиби Бакрии Балхӣ, ки бо унвонҳои Мавлонои Рум, Мавлонои Балх, Мавлавӣ, Муллои Рум ва ғайра низ шуҳрат дорад, аз бузургтарину тавонотарин адибони мутасаввиф ва аз орифони номвару офтоби фурӯзандаи осмони адаби форс-тоҷик аст.

Ҷалолуддини Балхӣ 6-уми рабеъулаввали соли 604 ҳиҷрӣ (3-юми сентябри соли 1207 мелодӣ) дар Балх ба дунё омадааст, ки ин маконро Мазори Шарифи имрӯзаи Афғонистон қайд кардаанд. Вале донишманди барҷастаи Эронӣ- Бадеъуззамони Фурӯзонфар ӯро аз қаламрави Вахши Тоҷикистон медонад. Румӣ насаб гирифтани Ҷалолуддин аз он сабаб аст, ки умраш асосан, дар Осиёи Сағир (Туркия) сипарӣ шудааст, ки он вақтҳо бо номи Рум шуҳрат дошт.

Ҷалолуддини Балхӣ дар мадрасаҳову таълимгоҳои зиёди он рӯзгорон илм омӯхтааст ва аз ҷумла, дар шаҳрҳои Бағдод, Димишқ, Ҳалаб ва маконҳои илмию фарҳангии замони худ касби илму ирфон кардааст. Дар Ҳалаб аз донишманди маъруф – Умар ибни Аҳмад ибни Ҳабаттуллоҳ улуми адабиёт, фалсафаву ҳикмат, таърих, ҳадис ва ғайраро омӯхтааст.

Поёни умри бузургвор Ҷалолуддини Балхӣ дар Қуния сипарӣ гардида, ӯ дар ҳамин ҷо соли 672 ҳиҷрӣ (1274 мелодӣ) олами фониро падруд гуфтааст.

Аз Ҷалолуддини Балхӣ ашъори зерин ба ёдгор мондааст: “Маснавии маънавӣ” (дорои 36 ҳазор байт), “Куллиёт”-и Шамс ё “Девони кабир” (дорои ҳафт ҷилд, 57 ҳазор байт). Аз ҷумла 3229 ғазал (34662 байт), 44 тарҷеъбанд (1675 байт), 2 қитъа (17 байт), 2000 рубоӣ (4000 байт) ва ғайра.

Осори мансури ӯ аз “Фиҳӣ мо фиҳӣ”, “Макотиб” ва “Маҷолиси саъба”, ки мавқеи ин симои нотакрорро дар насри форс-тоҷик муайян месозад, иборат аст.

Агар мероси адабии Мавлавии Ҷалолуддини Балхӣ ҷиддитар омӯхта шавад, маълум мегардад, ки ӯ ба ҳар навъи адабие, ки даст зада бошад, ҳатман ба тозакорӣ, ба кашфиёте ворид шудааст. Ана, ҳамин ҷиҳат худ гувоҳи он аст, ки ӯ осори бузургони гузаштаю муосири худро ба тамоми нозукиҳою ҷузъиёт омӯхтааст. Ҷалолуддини Балхӣ эҷодиёти худро дар заминаи сарчашмаҳои муқаддаси ислом: “Қуръон”, аҳодиси набавӣ, суннат, адабиёти шифоҳии мардум, шеваю лаҳҷаҳо, мақолу зарбулмасалу мақолҳо, луғоту таъбирот, фарҳангу маънавиёти мардумӣ ва ба хусус, мероси сӯфия заминагузорӣ кардааст. Дар рушду такомулоти эҷодиёти Мавлавӣ аз шуарои мутасаввиф нақши Ҳаким Саноии Ғазнавӣ ва Аттори Нишопурӣ хеле бузург аст. Ин нуктаро низ худи Мавлавӣ чунин таъкид кардааст:

Аттор рӯҳ буду Саноӣ ду чашми ӯ,
Мо аз пайи Саноиву Аттор омадем.

Ва ё:

Ҳафт шаҳри ишқро Аттор гашт,
Мо ҳанӯзам дар хами як кӯчаем.

Ҷалолуддини Балхӣ аз эҷодиёти шифоҳии мардуми форс-тоҷик, аз ин ғановати маънавӣ хеле устодона кор гирифтааст, ки дар чунин поя ва ба чунин устодӣ то ба даврони мутафаккир, дар даврони ин нобиға ва пас аз ӯ низ касе натавонистааст бо ӯ ҳампанҷаӣ бикунад.

Ҳазрати Мавлавӣ ҳикоёту латифаҳо, мақолу зарбулмасалҳо, афсонаю ривоятҳо, қиссаю нақлҳо, ифодаю таъбирҳои халқиро дар тамоми ашъораш ба кор бурдааст, ки тобиши маъноии онҳо, таъсирнокии онҳо, равонию содагии онҳо, азхудкунию ҳифзи онҳо хеле гуворотару осонтар гардидаанд. Чанд намуна:

Узри аҳмақ бадтар аз ҷурмаш бувад,
Узри нодон заҳри ҳар дониш шавад.

Панд гуфтан бо ҷуҳули хобнок,
Тухм афкандан бувад дар шӯрахок.

Баҳри кайке навгилеме сӯхтан,
Нест лоиқ аз ту дида дӯхтан.

Бо кабӯтар боз кай шуд ҳамнафас,
Кай шавад ҳамроз анқо бо магас.

То нарӯяд риши ту, ай хушзақан,
Бар дигар содазанах таъна мазан.

Истифодаи калимаҳои гуфтугӯйӣ –халқӣ дар ашъори Мавлавӣ ниҳоят фаровон буда, аз ҳунару дониш, истеъдоду маҳорат, малакаву санъат, табъу тавон, омӯзишу қиёс, хиради ғановати зеҳнӣ, ҷустуҷӯю ибтикороти ӯ башорат медиҳанд. Мафҳумҳои гила, алам, бӯ бурдан, сар хоридан, нимкора, ҳайҳой, ҳамроҳ, дамдама, боҷ, раҳбон, побаст, пешум, лум-лум, қум-қум, ғала, ҳолӣ, оғо, ногӯё, нолоиқ, алаф, офат, поиз, лоф, полиз, баҳона, хокдон, новадон, перор, мубоҳ, колева, адли баҳор, яла ва ғайра ғолибан дар забони гуфтугӯйии халқӣ ба кор бурда мешаванд, ки Мавлавӣ аз онҳо ба таври фаровон истифода кардааст.

Ҳарчанд Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад дертар, яъне аз 39 ё 40- солагӣ ба шеъргӯйӣ, хусусан, ба эҷоди ғазал оғоз кардааст, вале дер омадаву шер омадааст. Зеро чи аз нигоҳи шакл, чи аз ҷиҳати мазмунсозиву хаёлбофӣ, чи аз нигоҳи ҳунар ва шеваи баёну сабки гуфтор ҳамрадифе надорад. Ӯ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ, хусусан, дар ғазал ва таълифи “Маснавӣ” дар олами эҷод ғулғулае ба ҳамешагӣ афканд. Ҳол он ки ӯ худ аз ин ҳунари хеш чандон ифтихор надорад, ки мегӯяд:

Шеър чӣ бошад бари ман, то ки аз он лоф занам,
Ҳаст маро фанни дигар ғайри фунуни шуаро.
Шеър чӣ абрест сияҳ, ман паси он парда чу маҳ,
Абри сияҳро ту махон моҳи мунаввар ба само.

Аз чунин тарзи гуфтори Мавлавӣ бармеояд, ки ӯ бузургтарин марди комили мумтозест, ки марҳалаҳои камолоти инсониро бо дараҷоти маориф хеле устоворона паймудааст.

Ӯ тавассути шеър, каломи мавзун, манзум, мураддаф ва мухайял аз роҳи дигар ворид шуд. Донишманди маъруфи эронӣ – Хуррамшоҳӣ дар хусуси эҷодиёти Мавлавӣ ва Хоҷа Ҳофиз ҳангоми воридшавии онҳо ба майдони адабиёт барҳақ менависад, ки Ҷалолуддини Балхӣ аз роҳи шеър ба ирфон рафт.

Бояд гуфт, ки зуҳури Мавлавӣ ва ба шеъру адаби форсӣ рӯ овардани ин симои нотакрор бозори шеъру адабро тобишҳои рангоранг бахшид ва ӯ яке аз бузургтарин соҳибандешагону соҳибфикрон аст. ки бо назардошти парвози хаёл, ҷилои андеша, ҷавлони фикр, ҷаҳонбинии орифонаву густариши маъною мазмуни шеър дар олами адабии форсигӯёни ҷаҳон муъҷизаи илоҳист.

Ибтикороти Мавлавӣ дар мавриди анвоъи адабӣ хеле аҷиб аст. Ӯ, ғолибан, вақте ки барои ифодаи ин ё он мафҳум қолаби ифодаи мувофиқ пайдо намекунад, худ меёбад ва месозад ва ин ихтирои вай хеле шигифтангез, ҳайратовар ва дилнишину гуворост, зеро хонандаю шунаванда гӯё бо дарёфти он қолаби муносиб, он мафҳуми зарурӣ ташнагии маънавии худро шикаста, аз афтодагиву беҳолӣ ғаюру ҷасур мегардад ва ниҳоят шодоб мешавад.

Дар “Куллиёти Шамси Табрезӣ” ба чанд шеъре дучор шудем, ки дар қатори ғазалиёту қасоид ҷой дода шудааст. Алалхусус, шеъре, ки бо матлаъи:

Ай нӯш карда хешро, бехеш кун бохешро,
Бохеш кун бехешро, чизе бидеҳ дарвешро.

навишта шудааст, дар асл ин шеър мусаммати мураббаъи тарҷеъ ё тарҷеъбанди мувассат аст ва бояд онро дар шакли зерин пешкаши хонанда кард:

Ай нӯш карда нешро ,

Бехеш кун бохешро.
Бохеш кун бехешро,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ташриф деҳ ушоқро
Пурнур кун афоқро,
Бар заҳр зан шарёқро,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Бо рӯйи ҳамчун моҳи худ,
Бо лутфи мискинхоҳи худ.
Моро ту кун ҳамроҳи худ,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Чун ҷилваи маҳ мекунӣ,
В-аз ишқ огаҳ мекунӣ,
Бо мо чи ҳамраҳ мекунӣ.
Чизе бидеҳ дарвешро.
Дарвешро чӣ буд нишон.
Ҷону забони дурфишон,
Не далқи сад пора кашон.
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ҳам одаму он дам туӣ.
Ҳам Исою Марям туӣ,
Ҳам розу ҳам маҳрам туӣ,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Талх аз ту ширин мешавад.
Куфр аз ту чун дин мешавад,
Хор аз ту насрин мешавад,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ҷони ману ҷонони ман!
Куфри ману имони ман!
Султони султонони ман,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ай танпарасти булҳазан,
Дар тан мапечу ҷон макан,
Мангар ба тан, бингар ба ман,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Имрӯз, ай шамъ, он кунам,
Бар нури ту ҷавлон кунам,
Бар ишқ ҷонафшон кунам,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Имрӯз гӯям чун кунам,
Якбора дилро хун кунам
В-ин конро яксун кунам,
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ту айб, моро кистӣ?
Ту мор ё моҳистӣ?
Худро бигӯ, ту чистӣ?
Чизе бидеҳ дарвешро.
Ҷонро дарафкан дар адам,
Зеро нашояд, ай санам,
Ту муҳташам, ӯ муҳташам,
Чизе бидеҳ дарвешро.

Маълум аст, ки тарҷеъбанд навъи адабиест, яъне шеърест, ки аз чанд банд иборат буда, бандҳо ба воситаи байти восила (байти восита, байти васила) ба ҳам пайваст мешаванд. Тарҷеъбанд аз таркиббанд бо он фарқ мекунад, ки байти восилаи он баъди ҳар банд айнан такрор меёбад. Сабаби тарҷеъбанд номидани ин навъи шеър низ аз ҳамин

ҷост, яъне байти восилаи он ҳамеша тарҷеъ (такрор) мешавад. Аммо дар ашъори халқӣ бештар тарҷеъбандҳое дучор мешаванд, ки баъди ҳар банд байти восила не, балки мисраъи восила меояд. Мисол:

Ман ошиқи девонаам,
Андар ҷаҳон афсонаам,
Ту шамъу ман парвонаам,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Гуфтам, ки ман лолои ту,
Қурбони сар то пои ту,
Чашмони ман шуд ҷои ту,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Абдулазиз дилхоҳи ту,
Абрӯи нав чун моҳи ту,
Ман ёри некӯхоҳи ту,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Гар ман бимирам дар ғамат,
Хунам фитад дар гарданат,
Фардо бигирам доманат,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Як шаб туро меҳмон кунам,
То ҷону дил қурбон кунам,
Ҷои ту дар чашмон кунам,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?
Э ҷони ман, ҷонони ман,
Наздам биё, хубони ман,
Шав як нафас меҳмони ман,
Аз ман ҷаро ранҷидаӣ?
Ман ошиқи зори туам,
Бо ҷон харидори туам,
То зиндаам, ёри туам,
Аз ман чаро ранҷидаӣ?

Чи тавре ки дар боло қайд кардем, Мавлавӣ эҷодиёти шифоҳии мардумиро бо тамоми нозукиҳояш омӯхта буд ва дар эҷодиёти худ хеле фаровон истифода ҳам кардааст. Ҳеҷ ҷои баҳс нест, ки ӯ аз ашколи шеъри адабиёти шифоҳӣ низ хуб бохабар будааст ва тарҷеъбандҳое эҷод кардааст, ки дар байни бандҳо байти восила не, балки мисраъи восила ҷой гирифтаанд. Мисли ин тарҷеъбанд:

Риндон саломат мекунанд,
Конро ғуломат мекунанд,
Мастӣ риҷомат мекунанд,
Мастон саломат мекунанд.
Дар ишқ гаштам фоштар
В-аз ҳамгинон қиллоштар,
В-аз дилбарон хушбоштар,
Мастон саломат мекунанд.
Ғавғои рӯҳонӣ нигар,
Селоби тӯфонӣ нигар,
Хуршеди раббонӣ нигар,
Мастон саломат мекунанд.
Афсун маро гӯяд касе,
Тавба зи ман ҷӯяд касе,
Себе чу ман бӯяд касе,
Мастон саломат мекунанд.
Ай орзуи орзӯ
Он бурдаро бардор рӯ
Ман кас намедонам чу ӯ

Мастон саломат мекунанд.
Ай абри хушборон, биё,
В-ай мастии ёрон, биё
В-ай шоҳи тарроронон, биё,
Мастон саломат мекунанд.
Ҳайрон куну беранҷ кун,
Вайрон куну пурганҷ кун,
Нақди абадро санҷ кун,
Мастон саломат мекунанд.
Шаҳре зи нав зеру забар,
Ҳам беҳунар, ҳам бохабар
В-ай аз ту дил соҳибҳунар,
Мастон саломат мекунанд.
Он мири маҳрӯро бигӯ
В-он ҷисми ҷодуро бигӯ
В-он шоҳи хушхӯро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он мири ғавғоро бигӯ
В-он шӯру савдоро бигӯ
В-он сарви хизроро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он ҷо, ки як бо хеш нест,
Як маст он ҷо беш нест,
Он ҷо тариқу кеш нест,
Мастон саломат мекунанд.
Он ҷони бечунро бигӯ
В-он доми Маҷнунро бигӯ
В-он дурри макнунро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он доми одамро бигӯ
В-он ҷони оламро бигӯ
В-он ёру ҳамдамро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он баҳри Миноро бигӯ
В-он чашми биноро бигӯ
В-он Тури Синоро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он тавбасӯзамро бигӯ
В-он хирқадӯзамро бигӯ
В-он нури рӯзамро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Он иди Қурбонро бигӯ
В-он шамъи Қуръонро бигӯ
В-он фахри Ризвонро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
Ай шаҳ Ҳисомуддини мо,
Ай фахри ҷумла авлиё,
Ай аз ту ҷонҳо ошно,
Мастон саломат мекунанд.

Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ донандаи хуби илми арӯз низ буд. Ба тарҷеъбандҳои ӯ назар андозед, мебинед, ки ӯ асосан, аз рукни асосии баҳри Рачаз - мустафъилун (- - v -) ва зиҳофҳои матвию (- v v-) махбуни (v –v -) он истифода кардааст. Байти аввали тарҷеъбанди мувассати (мусаммати мураббаъи тарҷеъ)-и болоро тақтеъ мекунем:

Риндон саломат мекунанд,
Хокро ғуломат мекунанд

Мустафъилун/ мустафъилун
- - v -/ - - v –

Тарҷеъбанди мувассат (мусаммати мураббаъи тарҷеъ)-и зер бошад дар баҳри Раҷази мураббаъи матвии махбун эҷод шудааст:

Бе ҳамагон басар шавад,
Бе ту басар намешавад.
Муфтаъилун/ мафоъилун
- v v -/ v - v –

Худи тарҷеъбанди мувассат (мусаммати мураббаъи тарҷеъ)-и Мавлавӣ аз 13 банд иборат аст:

Бе ҳамагон ба сар шавад,
Бе ту ба сар намешавад,
Доғи ту дорад ин дилам,
Ҷойи дигар намешавад!

Дидаи ақли масти ту,
Чархаи чархи пасти ту,
Гӯши тараб ба дасти ту,
Бе ту ба сар намешавад!

Ҷон зи ту ҷӯш мекунад,
Дил зи ту нӯш мекунад,
Ақл хурӯш мекунад,
Бе ту ба сар намешавад!

Хамри ману хумори ман,
Боғи ману баҳори ман,
Хоби ману қарори ман
Бе ту ба сар намешавад!

Ҷоҳу ҷалоли ман туйӣ,
Мулкату моли ман туйӣ,
Оби зулоли ман туйӣ,
Бе ту ба сар намешавад!

Гоҳ суйи вафо равӣ,
Гоҳ суйи ҷафо равӣ,
Они манӣ, куҷо равӣ?!
Бе ту ба сар намешавад!

Дил биниҳанд, барканӣ,
Тавба кунанд, бишканӣ,
Ин ҳама худ ту мекунӣ,
Бе ту ба сар намешавад!

Бе ту агар ба сар шудӣ,
Зери ҷаҳон забар шудӣ,
Боғи Ирам сақар шудӣ,
Бе ту ба сар намешавад!

Гар ту сарӣ, қадам шавам,
В-ар ту кафӣ, алам шавам,
В-ар биравӣ, адам шавам,
Бе ту ба сар намешавад!

Хоби маро бибастайӣ,
Нақши маро бишустайӣ
В-аз ҳамаам гусастайӣ,
Бе ту ба сар намешавад!

Гар ту набошӣ ёри ман,
Гашт хароб кори ман,
Мӯнису ғамгусори ман,
Бе ту ба сар намешавад!

Бе ту на зиндагӣ хушам,
Бе ту на мурдагӣ хушам,
Сар зи ғами ту чун кашам?!
Бе ту ба сар намешавад!

Ҳар чи бигӯям, ай санад,
Нест ҷудо зи неку бад,
Ҳам ту бигӯ ба лутфи х(в)ад,
Бе ту ба сар намешавад!

Мавлавӣ тарҷеъбанди мувассате (мусаммати мураббаъи тарҷеъ)-е дорад, ки байти аввалаш ҳамқофия нест, аммо мисраъҳои охири тамоми бандҳо (7 банд) такрор шудаанд ва вазни он Рачази мураббаъи матвии махбун аст. банди аввалаш чунин аст:

Зуҳраи ишқ ҳар саҳар,
Бар дари мо чӣ мекунад?
Душмани ҷони сад қамар
Бар дари мо чӣ мекунад?
Муфтаъилун/ мафоъилун
- v v -/ v - v –

Муаллифи “Анвоъи адабӣ”-донишманди маъруфи эронӣ – доктор Сируси Шамисо тарҷеъбандҳои мувассат (мусаммати мураббаъи тарҷеъ)-ро “тарҷеъ-ғазал” ё “мусаммат-тарҷеъ” номида, менависад: “Абёт қофияи дарунӣ доранд ва дар поёни ҳар байт иборате тӯлонӣ такрор мешавад, ки наметавон бад-он радиф гуфт, зеро қабл аз он қофия нест. Аз тарафи дигар, наметавон ба ин гуна ашъор тарҷеъбанд гуфт, зеро дар тарҷеъбанд байте бояд такрор шавад.

Ин гуна ашъор дар девони Рӯдакию Саноию Мавлавию Саъдӣ дида мешавад ва аз ҳама бештар Мавлоно дорад. Носихони (нусхабардорони) давовин (девонҳо) ин ашъорро ба сурати ғазал сабт кардаанд, аммо ба назари мо, бояд дар нигориши онҳо таҷдиди назар кард” (8, 325-326).

Дар “Куллиёти Шамси Табрезӣ” ғазале ҷой дода шудааст, ки матлаъи он чунин аст:

Рав, он рубобиро бигӯ, мастон саломат мекунанд
В-он мурги обиро бигӯ, мастон саломат мекунанд.
Мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун/ мустафъилун
- - v -/ - - v –/- - v -/ - - v –

Агар абёти ғазалро, ки матлаи онро дар фавқ овардем, ба таври зерин нависем:

Рав, он рубобиро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
В-он мурги обиро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
В-он мири сокиро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
В-он умри боқиро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
В-он мири ғавғоро бигӯ,
Мастон саломат мекунанд.
В-он суду савдоро бигӯ,

Мастон саломат мекунанд.
Ай маҳ зи рухсорат хиҷил,
Мастон саломат мекунанд.
Ай роҳату ороми дил,
Мастон саломат мекунанд.
Ай ҷони ҷон, аэй ҷони ҷон,
Мастон саломат мекунанд.
Ай ту чунину сад чунон,
Мастон саломат мекунанд.
Ай орзу, ай орзу,
Мастон саломат мекунанд.
Он бардаро бардор з-ӯ,
Мастон саломат мекунанд.

Як навъи мустазод ба вуҷуд меояд, зеро дар он фикраи “Мастон саломат мекунанд” ба сурати тарҷеъ такрор шудааст.

Ҷалолуддини Муҳаммади Балхӣ дар анвоъи гуногуни баҳрҳои Ҳазаҷ, Рамал, Раҷаз, Мутақориб, Қариб, Музореъ, Мушокил, Хафиф, Муҷтасс, Сареъ, Мунсареҳ, Муқтазаб ва анвоъи баҳрҳои Вофир, Комил, Тавил, Мадид, Басит шеър эҷод кардааст. Илова бар ин, дар авзоне ғазал гуфтааст, ки то ӯ касе шеъре нагуфтааст. Донишмандони Эрон Масъуди Фарзод, дуктур Шафеъи Кадканӣ ва Муҳаммад Фишоракӣ авзони ғазалиёти Мавлавиро ба ду гурӯҳ ҷудо кардаанд. Яке авзони маъмулӣ, ки яксари шуаро дар навъҳои он шеър гуфтаанд (Мисли Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф- мафоъӣлун/ мафоъӣлун/ фаъӯлун, Рамали мусаммани маҳзуф-фоъилотун/ фоъилотун/ фоъилун ё фоъилон, Ҳазаҷи мусаммани солим- ҳашт бор мафоъӣлун дар як байт, Рамали мусаммани махбуни маҳзуф ё мақсур- фаъилотун/фаъилотун/фаъилотун/ фаъилун ё фаъилон, Музореъи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф ё мақсур- мафъӯлу/ фоъилоту/ мафоъӣлу/ фоъилун ё фоъилон, Ҳазаҷи мусаммони мақбуз- ҳашт бор мафоъилун (V-V-)дар як байт, Раҷази мусаммани матвӣ- ҳашт бор мафтаъилун, Ҳазаҷи мусаммани ахраб- мафъӯлу/ мафоъӣлун/ мафъӯлу/ мафоъӣлун, Раҷази мусаммани матвии махбуни мақтӯъ – муфтаъилун, фаъӯлун, Раҷази мустаммани матвии махбун- муфтаъилун / мафаъилун муфтаъилун/,мафоъилун, Рамали мусаммани машкул-фаъилоту/ фоъилотун/ фаъилоту/ фоъилотун/), дигар авзоне, ки то замони Ҷалолудддини Муҳаммади Балхӣ касе шеъри алоҳидае эҷод накардааст.

Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ дар 54 навъи вазни арӯз шеър эҷод кардааст ва илова бар ин, дар авзони буҳури алоҳидаи арӯз шеърҳое гуфтааст, ки яке аз ин авзон баҳри Вофири мусаммани солим (мафоъилатун/ мафоъилатун/ мафоъилатун/ мафоъилатун) аст. Мисол:

Тану дили мо мусаххири ӯ, ки менабарад ба ҷуз бари ӯ,
Аҷаб хабаре, ки медиҳадаш даму ғами ӯ, кару фари ӯ.
V-VV-/ V-VV- / V-VV- / V-VV-

Ин ғазал дароз аст ва дар санъати муламмаъ гуфта шудааст, ҳамаи мисраъҳои аввал арабӣ ва ҳамаи мисраъҳои сонин байтҳо тоҷикист. Мо барои мисол ду мисраъи тоҷикӣ овардем. Дар рисолаҳои арӯз фақат дар “Ал-муъҷам” як байти Вофири мусаддаси мақтуф (мафоъилатун/ мафоъилатун/ фаъӯлун) ва дар “Меъёр-ул-ашъор” як байт барои Вофири мусаддаси солим (мафоъилатун- шаш бор) мисол оварда шудаасту халос

2. Баҳри Муҷтасси мусаммани матвии мураффали махбун (муфтаъилотун/ фаъилотун/ муфтаъилотун/ фаъилотун). Мисол:

Аз дари баста чу биранҷӣ, шева кунӣ, зуд ба кунҷӣ,
Шева макун, кунҷ раҳо кун, паст кун он сар, ки бигунҷӣ.
-vv- -|vv- -| -vv- -|vv--

3. Баҳри Ҳазаҷи мусаммани мақбузи муханнақ (мафоъилун/ мафъӯлун/ мафоъилун/ мафъӯлун). Мисол:

Баро ба бом, ай хушхӯ, ба боми мо овар рӯ,
Ду-се қадам бари ин сӯ, ризои ин меҳмон ҷӯ.

Байти болоро вобаста ба шакли овозии мафоъилун (V-V-) мафъӯлун (- - -) баҳри Раҷази мусаммани махбуни мақтӯъ ва Мунсареҳи мусаммани махбуни макшуф номидан

мумкин аст, зеро шакли овозии мафоъилун (V-V-) дар баҳри Ҳазаҷ мақбуз, дар баҳри Рачаз махбун, дар баҳри Мунсареҳ махбун ва шакли овозии мафъӯлун (- - -) дар баҳри Ҳазаҷ ахрам ё муханнақ, дар баҳри Рамал мушаасс, дар баҳри Рачаз мақтӯъ, дар рукни мафъӯлоту (- - -) макшуф ном дорад.

4. Баҳри Рачази мусаммани матвии мураффал (муфтаъилотун/ муфтаъилотун/ муфтаъилотун/ муфтаъилотун/). Мисол:

Чархи замин шуд, чархи замин шуд, ҷаннати маъзо, роҳати ҷонҳо,
То ки баромад, то ки баромад бар кӯҳи Ҷудӣ хайлу сипоҳаш.
-vv--|-vv--| -vv--|vv--

5. Баҳри Рачази мураббаъи матвии мураффал (муфтаъилотун/ муфтаъилотун/). Мисол:

Ҷони ман аст ӯ, ҳай мезанедаш,
Они ман аст ӯ, хай мебаредаш
-vv--|-vv--

6. Баҳри Комили мураббаъи солим (мутафоъилун/ мутафоъилун/). Мисол:

Хамуш ин нафас, дами дил мазан,
Ки фидои ту дилу ҷони мо.
vv-v-|vv-v-

7. Баҳри Ҳазаҷи мусаммани ахрами муханнақ ё Рамали мусаммани мушаъасс, ё Рачази мусаммани мақтӯъ (мафъӯлун/мафъӯлун/ мафъӯлун/ мафъӯлун/). Мисол:

Афтодам, афтодам, дар обе афтодам,
Гар обе хурдам ман, дилшодам, дилшодам.
Дар ишқи дилдоре монанди гулзоре
Ҷон дидам, ҷон дидам, дил додам, дил додам.
- - -|- - -| - - -|- - -

8. Баҳри Мушокили мусаммани махбуни маҳзуф (фаъилун/ фаъӯлун/ фаъилун/ фаъӯлун/). Мисол:

Дили ман, ки бошад, ки туро набошад,
Тани ман, ки бошад, ки фано набошад.
Ба даруни ҷаннат, ба миёни неъмат,
Чи шиканҷа бошад? Чи лиқо набошад...
vv-|v--|vv-|v--

Агар ғазали болоро ба таври мутафоъилотун/ мутафоъилотун тақтеъ кунем, баҳри Комили мураббаъи мураффал ба вуҷуд меояд.

9. Баҳри Мутадорики мусаммани махбун (фаъилун/ фаъилун/ фаъилун /фаъилун). Мисол:

Дили ман, дили ман, дили ман бари ту,
Рухи ту, рухи ту, рухи бо фари ту.
Санамо, санамо, агар ҷон талабӣ,
Бидиҳам, бидиҳам, ба ҷону сари ту.
Кафи ту, кафи ту, кафи раҳмати ту,
Лаби ту, лаби ту, лаби шакари ту.
Дами ту, дами ту, дами ҷонваши ту,
Майи ту, майи ту, майи чун зарри ту.
vv-|vv-|vv-|vv-

Дар “Ал-муъҷам” – Шамси Қайси Розӣ барои ин вазн байте чун шоҳид оварда шудааст, аммо хеле нохуш ва нозебост.

10. Баҳри Рамали мусаммани аслам (фоъилотун/ фаълун/ фоъилотун/ фаълун). Мисол:

Ҷони ҷони моӣ, хуштар аз ҳалвоӣ,
Чархро пур кардӣ зинату зебоӣ.
Ваъда кардӣ, к -оям, ваъдаро мепоям,
Ай қамарсимоям, ту киро мепоӣ?
Вақти бахшиш ҷонӣ, конию дарёӣ,
Вақти гуфтам моно, ки шакар мехоӣ.

-v--|--|-v--|- -

11. Баҳри Ҳафифи мусаммани махбун(фаъилотун/ мафоъилун/ фаъилотун/ мафоъилун/). Мисол:

Дили гардун халал кунад, чу маҳи нав ниҳон шавад.
Чу расад тири ғамзаат, ҳама дарҳо камон шавад.
vv--|v-v-|vv--|v-v-

12. Баҳри Раҷази мусаддаси матвии мутаввал (муфтаъилун/муфтаъилун/ муфтаъилотон/) ё Раҷази мусаммани матвии аҳаззи мақсур (муфтаъилун/муфтаъилун/муфтаъилун/фаъ).Мисол:

Дӣ саҳарӣ баргузарӣ гуфт саро ёр,
Шефтаи бехабарӣ чанд аз ин кор.
-VV-|-VV-|-VV-|-

13. Баҳри Амиқи мусаммани солим (фоъилун/фоъилотун/фоъилун/ фоъилотун/) ё Рамали мусаммани маҳзуф (фоъилун/фоъилотун/фоъилун/ фоъилотун/), ё инк и Мақлуби Мадид. Мисол:

Бурда он ҷоми ҷонро, соқиё, бори дигар,
Нест дар дину дунё ҳамчу ту ёри дигар.
-v-|-v--|-v-|-v--

14. Баҳри Рамали мусаммани мақсур (фоъилотун/фоъилот/фоъилотун/ фоъилот/), ё Рамали мусаммани мақфуф, ё ин ки Мадиди мусамммани солим (дар сурате, ки ба таври фоъилотун) фоъилун/фоъилотун/фоъилун/ тақтеъ шавад. Аҷоибии кор дар он аст, ки худи Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ ғазали мазкурро ба таври фоъилотун/фоъилот/фоъилотун/ фоъилот (-v--|-v~|-v--|-v~) тақтеъ кардааст. Мисол:

Ман куҷо будам аҷоиб, бе ту ин чандин замон,
Дар паи ту ҳамчу тир, дар кафи ту чун камон.
Фоъилотун/фоъилот/фоъилотун/фоъилот/
-v--|-v~|-v--|-v~

15. Баҳри Ҳазаҷи мусаммани мақбузи маҳзуф (мафоъилун/фаъӯлун/ мафоъилун/фаъӯлун/). Мисол:

Дили дили дили ту, дили маро маранҷон,
Чаро, чаро, чӣ маънӣ? Маро кунӣ парешон.
Биё, биёву боз о, ба сулҳ сӯи хона,
Марав, марав, зи пешам, китф чунин маҷунбон.
v-v-|v--|v-v-|v--

16. Баҳри Раҷази мусаммани матвии мураффал (муфтаъилотун/ муфтаъилотун/муфтаъилотун/ муфтаъилотун). Мисол:

Дӯш ҳама шаб, дӯш ҳама шаб гаштамбар боми ҳабибе,
-v--|-v--|----|-v--
Ахтару гардун, ахтару градун бурда зи Зуҳра ҷоми ҳабибе.
-v--|-v--|-v--|-v--

Навоварии дигаре, ки дар ин ғазал мушоҳида мешавад, ин аст ки Мавлавӣ дар рукни ҳашви дуюми мисраъҳои якуму чаҳоруму даҳум ба ҷои рукни муфтаъилотун (-v--) рукни муфъӯлотун (----)-ро истифода намудааст, ки ба қоидаи арӯз (ду ҳиҷои кӯтоҳ ба ҷои як ҳиҷои дароз омада метавонад, зеро ҳарду сабаб мебошанд - яке сабаби хафиф , дигаре сабаби сақил мувофиқат мекунад.

17. Баҳри Мутадорики мусаммани мақтӯъ (фаълун/ фаълун/фаълун/фаълун) ё баҳри Мутақориби мусаммани аслам (фаълун/ фаълун/фаълун/фаълун). Мисол:

Чун дил, ҷоно, биншин, биншин,
Чун ҷон бе ҷо биншин, биншин.
Умре гаштӣ ҳамчун киштӣ,
Андар дарё биншин, биншин.
Афлотунӣ, Ҷолинусӣ,
Бишкан сафро, биншин, биншин.
Чун май, чун май, талхӣ то кай?
Ҳамчун ҳалво биншин, биншин.

Хунам хурдӣ, то кай гардӣ,
Як дам боз о, биншин, биншин.
Дафъам ҷӯӣ, фардо гӯӣ,
Пеш аз фардо биншин, биншин.
Ёри нағзам, андар мағзам
Ҳамчун саҳбо биншин, биншин.

--/ --/ --/--

18. Баҳри Басити мусаммани махбун (мустафъилун/ фаъилун/ мустафъилун/ фаъилун) ё Рачази мусаммани марфӯъи махбун, ё ин ки Мунсареҳи мусаммани матвии махбуни макшуф. Мисол:

Дар лутф агар биравӣ, шоҳи ҳама чаманӣ,
Дар қаҳр агар биравӣ, куҳро зи бун биканӣ...
Ман масти неъмати ту, доим зи раҳмати ту,
К -аз ман ба ҳар гунаҳе дилро ту барбиканӣ.
Тоҷи ту бар сари мо, нури ту дар бари мо,
Бӯи ту раҳбари мо, гар роҳи мо бизанӣ.
--v-|v v -|--v-|v v –

Чи тавре мебинед, Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ дар 18 навъи баҳрҳое, ки то ӯ дар адабиёти форс-тоҷик шоире шеъре нагуфта буд, ғазал эҷод кардааст. Магар кас арӯз ва нозукиҳои онро хуб надонад, метавонад дар авзони нодир шеър эҷод кунад? Албатта, не. Аз ин рӯ, “Мавлавии Рум надонад арӯз” гуфтани Туғрал сухани хатост ва ин мақоларо бо байти худи Туғрал ба поён мерасонем, ки чунин аст:

Нест ҳасад шеваи аҳли ҳунар,
Аз сари инсоф гузаштан хатост.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳодии Қандил дуктур Асъод. Фунуни шеъри форсӣ / Тарҷумаи Фотимаи Суҳонфикр. – Теҳрон, 1369. – 303 с.
2. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Куллиёти Шамси Табрезӣ. Чопи дуввум / Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммади.. – Теҳрон: Пайки Эрон, 1363 ҳ.ш.
3. Муҳаммад Ҳуқуқӣ. Шеър ва шоирон / Ҳуқуқӣ, Муҳаммад. – Теҳрон, 1368. – 494 с.
4. Некубахт Носир. Таҳлили шеъри форсӣ / Носир, Некубахт. – Теҳрон, 1383. – 188 с.
5. Раҳмонов, Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввулоти он / Ш.Раҳмонов. – Душанбе: Дониш. - 170 с.
6. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт / Шерозӣ, Саъдӣ. Чопи Қазвинӣ. – Теҳрон, 1325 ҳ.ш.
7. Саъдии Шерозӣ. Матни комили девони Шайхи Аҷал - Саъдии Шерозӣ. – Теҳрон, 1340 ҳ.ш. – 1338 с.
8. Сируси Шамисо. Анвоъи адабӣ / Шамисо, Сирус. – Теҳрон, 13486 ҳ.ш. – 360 с.
9. Сонеъӣ Шаҳиндӯст. Ғизоли гурезпои ғазал (Ҷойгоҳи Сойиби Табрезӣ ва Саййидои Насафӣ дар адабиёти форсӣ ва тоҷикӣ) / Шаҳиндӯст, Сонеъӣ. – Теҳрон, 1390.
10. Тоиров У. Анвоъ ва авзони шеъри форсӣ-тоҷикӣ / У. Тоиров. - Душанбе: Пайванд, 2007. – 140 с.
11. Тоиров У. Меъёр ва андозаҳои шеър / У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – 320 с.
12. Тоиров У. Каломи манзум / У.Тоиров, Б. Ибодов ва Ш.Тоиров. – Душанбе: Шарқи озод, 2005. – 456 с.
13. Тоиров У., Солеҳов М. Мавҷи тӯфони хирад / У.Тоиров, М.Солеҳов. – Душанбе: Эр-граф, 2020. – 232 с.
14. Фролов, Д.В. Классический арабский стих / Д.В. Фролов. – М., 1991. – 360 с.
15. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Шерозӣ, Ҳофиз. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 672 с.
16. Ҳусейнзода Ш. Баҳс ва андеша / Ш.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 264 с.
17. Шарифзода Х. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ / Х.Шарифзода. – Душанбе: Адиб, 2012. – 352 с.
18. Шарифов Х. Назмшиносӣ / Х.Шарифов, У.Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳусайн, 2017. – 386 с.
19. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.1. – Душанбе, 1989. – 544 с.
20. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1989. – 560 с.
21. Энсиклопедияи миллии тоҷик. Ҷ.2. – Алмаато, 2013. – 644 с.

ИБТИКОРОТИ МАВЛОНО ДАР МАВРИДИ ВАЗН ВА ҚОЛАБИ ШЕЪР

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад ибни Султонулуламо Баҳоуддин Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Хатиби Бакрии Балхӣ аз бузургтарин адибони адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад. Аз осори манзуму мансури ӯ маълум мешавад, ки вай эҷодиёти худро дар асоси адабиёти шифоҳии мардум, шеваю лаҳҷа, зарбулмасалу мақол, луғоту таъбирот, фарҳангу маънавиёти мардумӣ ва ба хусус, мероси суфия бою ғанӣ гардонидааст. Дар мақола муаллиф дар асоси ашъори фаровони Мавлавӣ ибтикороти ӯро дар интихоби вазн ва қолаби шеър муайян намудааст.

Калидвожаҳо: шеъри форсӣ-тоҷикӣ, анвоъи адабӣ, авзони шеър, баҳр ва навъҳои он, байти восила, тарҷеъбанду таркиббанд, мусаммат, мустазод, тарҷеъбанду мувассат, мусаммати мураббаъ.

ИЗОБРАЖЕНИЯ МАВЛЯНО В ОБЛАСТИ МЕТРИКИ И СТИХОТВОРНОЙ ФОРМЫ

Мавлоно Джалалуддин Мухаммад ибн Султонулуламо Бахоуддин Мухаммад ибн Хусайн ибн Ахмад Хатиб Бакри Балхи относится к числу выдающихся деятелей персидско-таджикской литературы. Его поэтическое и прозаическое наследие свидетелствует о том, что он обогатил своё творчество народной литературой, диалектизмами, пословицами и поговорками, словами и выражениями, народной культурой, в особенности суфийском наследием. В статье автор на основании богатого стихотворного наследия Мавляно, установивает его изображения в выборе размера и стихотворной формы.

Ключевые слова: персидско-таджикская поэзия, литературные жанры, поэтические размеры, метр и его разновидности, бейт восила, тарджебанд и таркиббанд, мусаммат, мустазод, тарджебанд мувассат, мусаммат мурабба.

IMAGES OF MAVLANO IN THE FIELD OF METRICS AND POETIC FORM

Mavlono Jalaluddin Muhammad ibn Sultonululamo Bahauddin Muhammad ibn Husayn ibn Ahmad Khatib Bakri Balkhi is one of the outstanding figures of Persian-Tajik literature. His poetic and prosaic legacy bears witness to the fact that he enriched his creativity by folk literature, dialectisms, proverbs and sayings, words and expressions, folk culture, especially the Sufi heritage. In the article, the author, on the basis of the rich poetic heritage of Mavljano, establishes his images in the choice of size and poetic form.

Key words: Persian-tajik poetry, literary genres, poetic dimensions, meter and its varieties, beit vosila, tarjeband and tarkibband, musammat, mustazod, tarjeband muvassat, musammat murabba.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Тоиров Урватулло*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 17

Сведения об авторе: ***Тоиров Урватулло*** – Таджикиский национальный университет, доктор филологических наук, профессор кафедры истории таджикской литературы филологического факультета. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17

Information about the author: ***Toirov Urvatullo*** – Tajik National University, Doctor of Philology, Professor of the Department of the History of Tajik Literature of the Philological Faculty. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17

ТДУ: 891.550-1+82

АФКОРИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “ИШҚИ САРХӮР” - И К. МИРЗО

Кӯчарзода А., З.Абдулҳамид
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ

Афкори иҷтимоӣ дар романи “Ишқи Сархӯр” (2020) мавқеи марказӣ дорад ва ин масъала дар асар тавассути мавзуъҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ ва оилавӣ, зиндагии одиву хоксоронаи мардумро нишон медиҳад.

Нависандаи халқии Тоҷикистон Карроматуллоҳи Мирзо дар давоми умри бобаракати хеш чун “Шабе дар Кабудҷар”, “Дарди ишқ”, “Дар орзуи падар”, “Нишони зиндагӣ”, “Марги бегуноҳ”, “Деҳаро хоб мебинам” асарҳои зиёде эҷод кардааст, ки аксаран ба мавзуъҳои давраи нав бахшида шуда, масъалаҳои иҷтимоии ҷомеаи тоҷиконро дар бар кардаанд. “Аз машҳуртарин қиссаҳои К. Мирзо “Дарди ишқ” таҳқиқи бадеии ҳаёти яке аз хоҷагиҳои дастҷамъии Тоҷикистонро дар давоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва қабеҳтарин кирдорҳои раиси худписанду фосиқи он Мансури Калтаро дар бар мегирад,” – қайд кардааст А. Сайфуллоев дар ҷилди дуюми “Уфуқҳои тозаи наср” [7, с.196].

Воқеаҳои романи “Ишқи Сархӯр” (2020) дар солҳои охир дар деҳоти Сафедоб, Шоҳмансур ва шаҳри Душанбе мегузаранд. Дар роман образҳои зиёде аз қабили Исфандиёр (Сархӯр), Лутфия, Фахрӣ, Муниса, Нигора, Санам, Давлатмурод, Гулрез, бобои Абдураҳим, Ӯзбакхоҷа... фаъолият мекунанд, ки амалиёти онҳо дар гирди муносибатҳои иҷтимоии деҳотиён, махсусан ҳаёти оилавии онҳо чарх мезанад.

Оғози ин роман аз аҳаммияти Қарори ҳукумат дар масъалаи никоҳи хешутаборӣ сар мешавад. Нависанда таъкид мекунад, ки ин як ғамхорӣ, як роҳнамоест ба ҷавонони оилабарпокунанда. Аз оқибати ногувори никоҳи хешутаборӣ бештар тифлон зарар дида, ҷисману руҳан носолим ба дунё меоянд. Як умр дастнигару муҳтоҷ мегарданд. Ин амал теша ба решаи солимии миллат мезанад. Ҷавонони камтаҷриба ҳамчунин созомади карда натавониста, ҷудо мешаванд. Дар байни падару модар ва хешу акрабо ҷанҷолу дилсиёҳии якумра боқӣ мемонад.

Дар роман воқеаи қудо шудани дугоникҳо Фотимаю Зуҳро нишон дода шудааст. Аз ҳамон рӯзе, ки фарзандони худро хонадор карда буданд, ҳамон дугоникҳое, ки дар батни як модар ҷо гирифта буданд, ҳоло душмани якдигар гардида буданд. Чунки дар байни духтари хола ва писари хола муҳаббату самимияти воқеӣ вуҷуд надошт. Онҳо аз ҳам ҷудо шуданд. Байни дугоникҳо апаю хоҳарӣ намонд. Нодиду қаҳри аз дунё гузаштанд [5, с.5].

Ин воқеа барои Меҳринисо дарси ибрат гардида буд. Ӯ намехост, ки бо хоҳараш Макнуна қудо шавад. Фоҷиаи нангини ба сари Фотимаю Зуҳро омада аз ёдаш нарафтааст. Ӯ дар дунё танҳо як хоҳар дошт. Намехост, ки душмани якумраи ҳамдигар бошанд.

Афкори иҷтимоии роман аз зиндагии хоксоронаи деҳотиён оғоз мегардад. Расму русуми ниёгон бо нигоришҳои ҳақиқӣ тасвир гардидааст. Никоҳи хешутаборӣ Фотимаю Зуҳро мушкилиҳои дар ин раванд ҷойдоштаи мардуми деҳотро нишон медиҳад. Аз нигоҳи адиб никоҳи хешутаборӣ оқибати хуб надошта, дилсиёҳии якумраро ба бор меорад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намудааст. Мо мардуми тоҷик ин ҳуруфотпарастиро бояд решакан намоем. Чунки илми тиб ва технологияи муосир исбот намудааст, ки аз никоҳи хешутаборӣ фарзанди маъюбу маслуқ ба дунё меояд. Онҳо як умр дар азоб мемонанд. Ҳамаи ин ғаму дардро волидон бар дӯш мегиранд. Барои ҳамин дар ин масъала бояд падару модар эҳтиёткор бошанд. Фарзандони худро ба хотири молу сарват ба мушкилиҳои вазнин рӯ ба рӯ насозанд.

Дар роман ду образи маркази Фахрӣ ва Лутфия амал мекунад. Нависанда ин образҳоро аз нигоҳи ҳақиқати воқеӣ офаридааст. Профессор Саъдуллоев Асадулло чунин андеша дорад: “Меъёри асосии асарофарии К. Мирзо бо тариқи образи бадеӣ иброз доштани ҳақиқат мебошад” [6, с.57]. Лутфия дар ишқ устувор буда, Фахриро сидқан дӯст медошт. Фахрӣ ҷавони сабуксор ва булҳавас буда, дар баробари Лутфия боз

духтарони дигарро низ фиреб медиҳад. Фахрӣ бо духтари вазир Муниса низ ишқварзӣ мекард, ки чунин булҳавасии ҷавонӣ ба сари Фахрӣ чандин балоҳоро меорад.

Лутфия бо тамоми ҳастияш бо Фахрӣ изҳори муҳаббат менамояд. Ҳамон шабе, ки Лутфия бо Фахрӣ дар таги дарахти зардолу суҳбат доштанд, басо хотирмон тасвир гардидааст. Адиб ишқи пок ва суханҳои бовариноку таъсирбахши маъшуқаро нисбат ба ошиқ овардааст. Фахрӣ суханҳоро бо диққат гӯш мекард, вале ба эътибор намегирифт. Ин ҷо як ҷиҳати гуфтори Фахрӣ боисӣ дастгирӣ аст, ки вай пайваста таъкид мекард, никоҳи хешутаборӣ номумкин аст.

Манзараи изҳори муҳаббати ҷавонони деҳоти айнан ҳамин тавр мегузарад. Ин афкори иҷтимоиро нависанда дар симои Фахрию Лутфия нишон додааст. Модар сади роҳи ишқи духтараш Лутфия мегардад. Вай аз балое, ки ба сари ҳамсояшон омада буд, меҳаросид. Вале дар дили Лутфия ҳавою ҳаваси дигар буд. Дилаш моили Фахрӣ гашта оила бунёд кардан мехоҳад. Зиндагии орому осуда дошта бошад, барояш беҳтарин ганҷи дунё буд. Модар дар чӣ хаёлу духтар дар чӣ хаёл. Ба ақидаи адабиётшинос Шарифов Худоӣ: “Инсон дар чунин шароит, ки зиндагӣ ном дорад, коре карда наметавонад ва раҳоӣ надорад” [9, с.444].

Адиб ин манзараҳоро воқеъбинона тасвир кардааст. Модари Лутфия ҳафтаи гузашта дар ҳолати говҷӯшӣ суханҳои ошиқонаи духтарашро шунида буд. Аз ин ҳолат модар дар ғазаб шуд. Дар пеши роҳи Лутфия ду қувваи бузург меистод. Яке ишқи писари холааш Фахрӣ, дигаре дасти дуои модар. Ҳал кардани ин мушкилиҳо хеле душвор буд. Дар назари Лутфия ҳарду масъала баробарҳуқуқ мебошанд. Лутфия бояд қарзи фарзандиро назди падару модар иҷро кунад ва маърифати баланди оилабунёдкуниро дошта бошад. Модари духтар шояд аз аҳаммияти Қонуни никоҳи хештаборӣ он қадар огоҳӣ надошта бошад. Ӯ бештар аз таҷрибаи зиндагӣ хулосабарорӣ мекард ва таҷрибаи модар, ки аз ҳаёт сарчашма гирифтааст, ҷавононро дар роҳи андеша кардан, барои бунёди оилаи солим водор месозад.

Лутфия бо вуҷуди сахтгириҳои модараш мувофиқи маслиҳати пешакӣ бо Фахрӣ шабона аз хона гурехта меравад. Дар деҳаи Сафедоб як ҷарие бо номи Говкуш будааст. Ба он ҷо бояд мерафтанд. Лутфия чизҳои даркорияшро гирифта ба ҷойи ваъдагӣ ҳозир шуд. Баъди чанде Фахрӣ низ меояд. Онҳо ба лаби ҷарии Говкуш мераванд. Бештар Лутфия фаъол буд. Яъне, ӯ бештар сухан мегуфту амал мекард. Танҳо ба хотири ишқи Фахрӣ ҳар сухани ошиқонае медонист, мегуфт. Аз ин суханҳо Фахрӣ он қадар розӣ набуд. Фахрӣ ӯро мегӯяд, сабр кун, ба худ биё, тавба кун, худамонро ба ғор напартоем ва ғайраю ва ҳоказо. Вале пеши чашми маъшуқаи ҷигарсӯхта Лутфияро пардаи сиёҳ гирифта буд. Ширинии ин ҷаҳонро дар ишқу муҳаббат медид. Лутфия худашро ба ҷарӣ ҳаво медиҳад. Фахрӣ дар ин ҳолат чӣ шуданашро надонист. Баъд фаҳмид, ки аз Лутфия духтари холааш ному нишоне нест. Дар ин бозии зиндагӣ ҳамроҳи Фахрӣ дӯстдори дигараш, Муниса низ иштирок дошт.

Ин ҷо масъалаи муносибати ҷавонон ба падидаи ишқу муҳаббат пайдо мешавад. Муҳаббат дар вуҷуди инсон қувваи бузург аст. Решаҳои он аз қалби инсон маъво мегирад. Танҳо ақли солим ва хираду азалӣ метавонад, ки ин решаҳоро бунёдкорона, устувору бегазанд тарбия намояд. Агар Лутфия аз модар тарбияи хуби инсондӯстӣ ё гуманистӣ мегирифт, шояд ба сари худ ин балоҳоро намеовард. Яъне, модарон дар масъалаи ишқу муҳаббат ва дигар ҷанбаҳои иҷтимоии оиладорию зиндагӣ ба духтарони худ мураббию раҳнамо шуда метавонанд.

Нависанда ба модарон муроҷиат карда мегӯяд, ки бо духтарони қадраси худ бо ҷангу ҷанҷол не, балки бо забони ширин мушкилиҳои оиладориро фаҳмондан лозим аст. Чунки духтарон танҳо ширинихои зиндагиро тасаввур мекунанд. Онҳо намедонанд, ки зиндагӣ қонунҳои нонавиштаи худро дорад. Аввал онҳоро омӯзондан лозим аст. Модарон дар ин қонунҳо таҷрибадоранд бояд духтаронро ба онҳо омода созанд. Чунончи: “Нависанда модарро ҳамчун зани андешапарвар тасвир менамояд,” – мегӯяд А. Сайфуллоев [6, с.151]. Модарон садди роҳи ишқи онҳо нашаванд, балки ишқи онҳоро ба ишқи ҳақиқӣ табдил диҳанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд омадааст: “Падару модар вазифадоранд, ки тибқи арзишҳои миллӣ ба фарзандони худ номи нек гузоранд, барои

саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ ва ахлоқии онҳо ғамхорӣ намоянд ва фарзандонро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, эҳтироми падару модар ва риояи арзишҳои миллию умумибашарӣ тарбия намоянд” [4, с.14-15].

Дар рафти амалиёти образҳои роман симои Сархӯр пайдо мешавад. Маҳз ҳамин Сархӯр Лутфияро аз ҷарӣ наҷот дода, умри дубора мебахшад. Дар бораи Сархӯр ном гирифтани бача андешаҳо гуногун буданд. Аз рӯзи ба дунё омадани Сархӯр ба сари оилаи онҳо бадбахтиҳои зиёд омадан мегирад. Яъне, ҳафтаҳои зиёд дар хонаашон мотам мешуд. Модараш беҳушу беёд мехобид. Гӯё дар ин хонадон наҳс ё бадбахтие пайдо шуда бошад.

Модар ба ӯ Исфандиёр ном гузошта буд. Вале ӯро дар хона, мактаб, ҳама ҷо Сархӯр меномиданд. Ӯро аз даврони кӯдакияш Сархӯр мегуфтанду вай он қадар аҳаммият намедод. Гоҳ-гоҳ ба худаш меандешид, аз кӣ пурсон шавад, то ҷавоби аниқи номашро ёбад. Омӯзгораш ба хотираш омад, лекин шарм мекард. Бобои Ӯзбакхоҷа ба онҳо ҳамсояи нағз буд. Сархӯр ба корҳои ӯ ёрӣ мерасонд. Исфандиёр қарор дод, ки ҳақиқати ҳолро аз бобои Ӯзбакхоҷа мепурсад.

Як рӯз мӯйсафед Ӯзбакхоҷа аз Сархӯр ёрӣ талаб кард. Сархӯр аввал масъалаи номмонии худро ба миён гузошт ва гуфт: ман аз шумо як чизро мепурсам, росташро мегӯед. Бобо дар ҳайрат монд. “Росташро гӯед, бобо, чаро маро Сархӯр мегӯянд” ? Пирамард гуфт: “Баъди ба дунё омадани ту як оилаи орому осуда барҳам хӯрда ба нестӣ рафтанд. Падарат сар ба болин монду вафот кард. Ду духтари қадрас - Фотимаю Зуҳро ба садама дучор шуда, аз олам гузаштанд. Ҳамаи ин бадбахтиҳоро мардум аз пайи қадами ту мебинанд”. Исфандиёр баъди шунидани ин суханҳо ба Сархӯр ном гирифтани худ тан дод. [5, с.20-21].

Ҳаёти мардуми деҳот дар ҳақиқат рангину пурмоҷаро буда, дар раванди зиндагӣ ҷараён меёбад. Барои кушодани масъалаҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти мардум таҷрибаи зиндагӣ ва гоҳе таҳлилҳои воқеъбинона лозим аст. Ҳар як лаҳзаи зиндагии ин мардум ширину гуворо ва гоҳ мушкилу номуносиб мегузарад. Ҳаёти иҷтимоии онҳо мушкил ва печ дар печ мебошад. Адабиётшинос Зулфиев Г. оид ба К. Мирзо чунин ақида дорад: “Адиб зиндагии мардумонеро, ки аз ҳаёти онон навиштааст, хубу возеҳ медонад” [2, с.170].

Як паҳлуи дигари муносибатҳои иҷтимоие, ки адиб дар роман матраҳ намудааст, дуномагии одамон мебошад. Ин як одати қадимаи миллати тоҷик аст. Аз ҷиҳати дӯстдории бисёр баъзе одамон ба тифлони навзод номҳои иловагӣ мемонанд. Персонажи роман Сархӯр ҷиҳати манфии ин номро соҳиб гардидааст. Шояд камтаҷрибагӣ ё содалавҳӣ, кам хондани асарҳои бадеӣ, ҷаҳонбинии танг ва дигар омилҳое бошанд, ки нисбат ба одамон баъзан номи мувофиқ намеёбанд. Ин хурофот ё одати қадимаест, ки аз зеҳни мардум баровардан хеле мушкил аст. Дар замони муосир ин раванди номатлуб оҳиста-оҳиста нест мегардад. Сари ин масъала имрӯзҳо тамоми мақомоти дахлдор чорабиниҳо намуда истодаанд. Махсусан расонаҳои хабарӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳо ин масъаларо пайгирӣ доранд. Дар ин хусус академики АМИТ М. Имомзода чунин гуфтааст: “Мебояд номгузориву ному насаби тоҷикӣ дар ҳавзаи миллӣ, маъноӣ, ҳамнишиниву баҳамоӣ, хушоянду хушоҳангӣ, қоидаву меъёрҳои муайяни забонӣ ва қолаби мувофиқ сурат бигирад” [3, с.54].

Наслҳои имрӯза аз наслҳои пештара хеле фарқи калон доранд. Онҳо дар масъалаи номгузорӣ ҳушёру зирак мебошанд. Аз шабакаҳои иҷтимоӣ, расонаҳои хабарӣ ва рӯзномаю маҷаллаҳо истифода карда, маънои асосии номҳоро меёбанд, баъд ба номгузорӣ шуруъ менамоянд. Назари нависанда дар ин афкори иҷтимоӣ саривақтӣ мебошад.

Бо вуҷуди Сархӯр ном доштани бача ин образи мусбат аст. Нависанда бисёр ҷиҳатҳои қаҳрамонии ӯро нишон медиҳад. Аз ин бармеояд, ки мо инсонҳо ҳар пайомади неку бадро аз якдигар набинем. Вале бояд донем, ки тақдири инсонҳо дар дасти Худованд аст. Мо бояд ба якдигар лақабҳои бечо ва бемаъно нагузорем. Чунки он шахс аз мо ва атрофиён норозӣ мегардад. Як умр дар дилаш кинаву адоват боқӣ мемонад.

Аз рӯзе, ки Сархӯр худро шинохт, модари ғамзадаро дид. Бо ин модари зор азоб мекашид. Дар хонаҳои одамон мардикорӣ мекард. Бори гарони зиндагиро мекашид.

Агар лозим ояд, ба обу оташ мепарид. Ӯ дар ин руҳия тарбия ёфта буд. Аз ҳама муҳим муҳтоҷи дари хонаи мардум набуд. Ин сифатҳои олии ҷавонмардиву далерии Сархӯр мебошанд.

Бо назардошти ин дар асар корнамоиҳои хурду калони Сархӯр баён ёфтааст. Яке аз инҳо наҷот додани гову гӯсолаи бобои Наврӯз мебошад. Гову гӯсола дар камари кӯҳ дармемонанд. Сархӯр бо азобе гову гӯсоларо аз камари кӯҳ бармегардонад. Бобои Наврӯз бо ҳамсараш кампири Низорамоҳ дар ҳайрат мемонанд. Онҳо ба Сархӯр чизи бисёр ваъда мекунанд. Вале Сархӯр қабул намекунад. Бобои Наврӯз ӯро ба фарзандӣ гирифтан хост. Гулзираи набераашро ба Сархӯр доданӣ шуд. Инро ҳам Сархӯр қабул накард. “Ман гӯсоларо мегирам” гуфт Сархӯр. Ҳама дар ҳайрат афтоданд. Ӯ гӯсоларо ба хонаашон овард.

Адиб ин ҷо афкори иҷтимоии гузоштани пойдевор ё мустаҳкам кардани базаи моддӣ ва маишии оилаҳои деҳотиро таҳлил кардааст. Мардуми деҳот бо заҳмату талошҳои вазнин умр ба сар мебаранд, бо роҳҳои чорводорӣ, кишоварзӣ ва ғайра зиндагии худро сомон медиҳанд. Албатта, кор кардан дар замин ва парвариши чорво мушкил аст. Вале файзу баракати ин корҳо зиёд аст. Ҳар коре, ки заҳмати зиёд талаб мекунад, натиҷааш низ фаровон мебошад. Дар асар Сархӯр дар кор обутоб ёфта, ба қуллаи мурод мерасад. Ба ақидаи адабиётшинос Ҷ. Бобокалонова: “Нависанда қаҳрамони худро дар кӯраи зиндагӣ обутоб дода, бо бархӯрдҳои мураккаби руҳӣ-психологӣ рӯ ба рӯ меорад” [1, с.34].

Хонандаи закӣ дарк мекунад, ки танҳо меҳнати ҳалол пойбарҷо мемонад. Рӯзҳои гарми тобистон аз қафои гову мол гаштан осон нест. Дар саҳро кор кардан низ душвориҳои худро дорад. Муаллифи роман ин мушкилиҳоро кушоду равшан нишон медиҳад.

Сархӯр Нигора ном як ҳамсинф дошт. Рӯзе хонаи онҳо оташ мегирад. Ҳар қадар кӯшиш мекунанд, ӯро озод карда наметавонанд. Ҳама ноумед мегарданд. Дар ҳамин вақт Сархӯр пайдо мешавад. Чанд сатили обро ба сари худ мерезад ва ба оташ медарояд. Қулфи дарро шикаста, Нигораро наҷот медиҳад. Худ дар беморхона бистарӣ мегардад. Модари Нигора духтарашро дар назди издиҳом ба Сархӯр бахшида буд.

Одамон дар он рӯзи вазнин ҳама ба ёрии волидони Нигора омада буданд. Вале об намеёфтанд. Сарбанди обро Фурқати беандеша баста буд. Гӯё ӯ Нигораро дӯст медоштааст. Ин гуна ошиқонро хиёнаткор меноманд. Онҳо ишқу муҳаббатро дар симои духтари зебо як василаи айшу ишрат медонанд. Ҳамаи ин воқеаҳоро падару модари Нигора ба чашми сар мединданд. Модар духтарашро ба Сархӯр бахшида буд. Падар бошад, бо баҳонаи дӯст доштан ӯро ба Фурқат додан мехост. Модари Нигора ба диловариву нотарсии Сархӯр аҳсан мехонд. Падар аз бахти духтараш андеша мекард. Сархӯр худ бадбахту шумқадам аст. Чӣ тавр метавонад, ки Нигораро хушбахт гардонад. Вай мехост, ки домодаш Фурқат бошад. Вале дӯстдории Фурқат ҳақиқиву воқеӣ набуд. Падари духтар инро намедонист. Аз он рӯзе, ки модараш Нигораро ба Сархӯр бахшида буд, ҳолати руҳии Нигора рӯз то рӯз тағйир меёфт. Ӯ дигар бо Фурқат гап задан намехост, дар дилаш ишқи Сархӯр буд. Ба корҳои модари Сархӯр гоҳ-гоҳ ёрӣ мерасонд. Исфандиёр Нигораро аз бачаҳои ҳамсоя ҳимоя мекард, вале ба духтар кордор намешуд.

Сархӯрро ҳама табрик мекарданд. “Соҳиби зани зебо мешавӣ” мегуфтанд, вале Сархӯр мегуфт, ки “онҳо одамони бадавлат мо бошем, камбағал. Мо бо ҳам мувофиқ нестем.” Модари Нигора ба ин суханҳо бовар намекард. Исфандиёрро бачаи боақл мегуфт.

Сархӯр падари Нигораро дар истгоҳ дид. Халтаҳои пурбор дошт. Дар истгоҳ мошин набуд. Нисфи одамон рафта буданд. Якчанд ҷавони авбошнамо дар зери дарахте нишаста буданд. Чашми онҳо бегона буд. Дили Исфандиёр ба падари Нигора сӯхт. Ӯро то дари хонааш овард. Ҳарчанд падараш бо Нигора хоҳиши чойнӯшӣ карданд, вале Сархӯр рад кард. Нигора аз думболи ӯ то дами дарвоза рафт. Лаҳзае дар зери дарахти тути назди дарвоза истоданд. Ҳарду ором буданд. Духтар дар дил орзуҳои зиёд дошт, вале гуфта наметавонист. Ниҳоят Сархӯр хайр гуфта аз Нигора ҷудо шуд. Дар ин лаҳзаи асар ҳолати руҳӣ ва равонии Сархӯр ва Нигора ҳунармандона тасвир ёфтааст: “Ниҳоят, ба забон омад Сархӯр, овозаш баланд шуд. Чӣ ҳарфе гуфт? Ҳарфе, ки Нигораро хиҷил

сохт. Ҳарфи сард, “хайр” гуфту рӯ ба роҳ шуд. Ҳарфи “хайр” дар гӯши Нигора монд” [5, с.34].

Овозаи ҳусни зебои Нигора дар деҳа паҳн гардид. Ҷавонони зиёд паси дарвозаи Нигорашон омада, ӯро азоб медоданд. Боз Сархӯр пайдо шуда ба онҳо корҳоро баробар мекунад. Падари Нигора ҳамаи ин ҳодисаҳоро мебинад. Махсусан, буздиливу тарсончакии Фурқатро мушоҳида мекунад. Баъди ин ҳодиса Сархӯр гуфтааст, ки Нигораро намегирам. Чунки ба хонданӣ мерафтааст. Аз ин хабар Фурқат хурсанд мешавад.

Аз оташ наҷот додани касе ё чизе ин қаҳрамонии бемисл аст. Инҳо ҳодисаҳои табиат мебошанд. Адиб ҳушдор месозад, ки ба сари фарзанди инсон хатарҳои зиёде меояд. Башарият новобаста аз қавму миллату нажод ин воқеаҳоро мебинад. Бояд дар ин ҳолатҳои вазнин дастгиру мададгори якдигар бошанд.

Дар асар тасвири баланди нависанда масъалаҳои зиёди иҷтимоиро воқеъбинона матраҳ менамояд. Романи “Ишқи Сархӯр” дар таърихи адабиёти муосири тоҷик бо ошкор сохтани камбудиҳои дар ҷомеа ҷойдошта ва нишон додани роҳҳои зиндагии оқилонаву огоҳонаи одамон дорои мақоми баланди таълимиву тарбиявӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобокалонова, Ҷ. Аз баландиҳои кӯҳи сабаланд / Ҷ.Бобокалонова. – Душанбе: Адиб, 1992. - 270 с.
2. Зулфиев, Г. Мавқеи услубии калима ва ибораҳои халқӣ - гуфтгӯйӣ дар романи “Дар орзуи падар” - и К. Мирзоев / Г.Зулфиев // Паёми донишгоҳи миллӣ. Бахши филологӣ. - 2015. - № 4/7. (180). - С.170-173.
3. Имомзода, М.С. Пажуҳише дар номшиносӣ ва номгузорӣ / М.С. Имомзода. - Душанбе: Эр – гарф, 2019. – 132 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд. – Душанбе, 2010. – 32 с.
5. Мирзо, К. Ишқи Сахӯр / К.Мирзо. – Душанбе: Адиб, 2020. – 240 с.
6. Сайфуллоев, А. Ҷону ҷаҳони наср / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 583 с.
7. Сайфуллоев, А. Уфуқҳои тозаи наср / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2012. – 512 с.
8. Саъдуллоев, А. Хосияти адабиёт / А.Сайфуллоев. – Душанбе: Адиб, 2000. – 256 с.
9. Шарифов, Х. Сухане чанд аз адабиёти миллӣ / Х.Шарифов. – Душанбе. – 2009. – 476 с.
10. Шарифов, Х. Омилҳои камолоти эҷодии нависанда / Х.Шарифов // Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ дар адабиёти ҳозираи тоҷик. - Душанбе. - 1988. – С.152-159.
11. Шарифов, Х. Маънавияту харобии маънавӣ / Х.Шарифов // Адабиёт ва санъат. - 1999. - 3 октябр.
12. Шерба, А.И. Современный русский литературный язык / А.И. Шерба // Русский язык в школе. - 1939. - № 4. – С.24-35.
13. Шеърдӯст, А. Адиби соҳибсабки тоҷик / А.Шеърдӯст // Чароғи роҳнамо. - Душанбе: Адиб, 2012. – С.6-11.
14. Шукуров, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷики садаи ХХ / М.Шукуров. - Душанбе: Пайванд, 2006. – 455 с.
15. Эмомалӣ, Сироҷиддин. Ҷанбаи таърихии романи “Восеъ” - и Сотим Улуғзода / Сироҷиддини Эмомалӣ // Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - 2015. - № 419 (185) - С.159-160.

АФКОРИ ИҶТИМОӢ ДАР РОМАНИ “ИШҚИ САРХӮР” - И К. МИРЗО

Дар мақола сухан дар бораи романи “Ишқи Сархӯр”-и Карокатуллоҳи Мирзо меравад. Афкори иҷтимоӣ дар роман мавқеи марказӣ дорад ва ин масъала дар асар тавассути мавзуъҳои тарбиявӣ, ахлоқӣ ва оилавӣ, зиндагии одиву хоксоронаи мардумро нишон медиҳад.

Муаллифон иброз медоранд, ки воқеаҳои романи “Ишқи Сархӯр” (2020) дар солҳои охир дар деҳоти Сафедоб, Шоҳмансур ва шаҳри Душанбе мегузаранд. Дар роман образҳои зиёде фаъолият мекунанд, ки амалиёти онҳо дар гирди муносибатҳои иҷтимоии деҳотиён, махсусан ҳаёти оилавии онҳо чарх мезанад. Ба андешаи муаллифон афкори иҷтимоии роман аз зиндагии хоксоронаи деҳотиён оғоз мегардад. Расму русуми ниёгон бо нигоришҳои ҳақиқӣ тасвир гардидааст. Як паҳлуи дигари муносибатҳои иҷтимоие, ки адиб дар роман матраҳ намудааст, ба қавли муаллифон ин дуномагии одамон мебошад. Наслҳои имрӯза аз наслҳои пештара хеле фарқи калон доранд. Онҳо дар масъалаи номгузорӣ ҳушёру зирак мебошанд, маънои асосии номҳоро фаҳмида, баъд ба номгузорӣ шуруъ менамоянд. Ҳамин тавр, дар асар тасвири баланди нависанда масъалаҳои зиёди иҷтимоиро воқеъбинона матраҳ менамояд.

Калидвожаҳо: роман, масъалаҳои иҷтимоӣ, ҳаёту зиндагии мардуми деҳот, дуномагии одамон, хурофот, инсондӯстӣ, қаҳрамонӣ.

ОБЩЕСТВЕННЫЕ МЫСЛИ В РОМАНЕ «ИШКИ САРХУР» К. МИРЗА

Статья посвящена роману К.Мирза «Ишқи Сархӯр». Общественная мысль занимает в романе особое место, и эта проблема показана в произведении через воспитательную, нравственную и семейную темы, а также обычную и скромную жизнь народа. Авторы констатируют, что события романа «Ишқи Сархӯр» (2020) происходят в селах Сафедоб, Шахмансур и городе Душанбе в последние годы. В романе много

персонажей, действия которых вращаются вокруг социальных отношений жителей села, особенно их семьи и жизни. По замыслу авторов, общественная мысль романа начинается со скромной жизни деревенских жителей. Картины и обычаи предков изображены реально, правдиво. По мнению авторов, еще одним аспектом общественных отношений, который упомянул писатель в романе, является двойственность людей. Сегодняшние поколения сильно отличаются от предыдущих поколений. Они насторожены и сообразительны в деле называния, понимают основной смысл имен и тогда начинают называть. Таким образом, в произведении высокий образ писателя реалистично поднимает многие социальные вопросы. Роман «Ишқи Сархӯр» имеет высокий образовательный и просветительский статус в истории современной таджикской литературы, раскрывая недостатки общества и показывая пути разумной и сознательной жизни людей.

Ключевые слова: роман, социальные проблемы, жизнь сельских людей, двойственность людей, суеверия, гуманность, героизм.

SOCIAL THOUGHTS IN THE NOVEL "ISHQUI SARKHUR" K. MIRZA

The article is devoted to the novel "Ishқi Sarkhur" by K. Mirza. Social thought occupies a special place in the novel, and this problem is shown in the work through educational, moral and family themes, as well as the ordinary and modest life of the people. The authors state that the events of the novel "Ishii Sarkhur" (2020) take place in the villages of Safedob, Shakhmansur and the city of Dushanbe in recent years. The novel has many characters whose actions revolve around the social relationships of the villagers, especially their family and life. According to the authors, the social idea of the novel begins with the modest life of the villagers. The pictures and customs of the ancestors are depicted realistically and truthfully. According to the authors, another aspect of social relations that the writer mentioned in the novel is the duality of people. Today's generations are very different from previous generations. They are alert and smart in the matter of naming, they understand the basic meaning of names and then begin to name. Thus, in the work, the high image of the writer realistically raises many social issues. The novel "Ishқi Sarkhur" has a high educational and enlightening status in the history of modern Tajik literature, revealing the shortcomings of society and showing the ways of rational and conscious life of people.

Key words: novel, social problems, life of rural people, duality of people, superstitions, humanity, heroism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Кӯчарзода Аламхон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, д.и.ф., профессор, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17
Зайниддини Абдулҳамид – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, унвончӯйи кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯч. С.Сафаров, 16. Тел.: **(+992) 988-76-40-41**

Сведения об авторе: ***Кучарзода Аламхон*** – Таджикский национальный университет, д.ф.н., профессор, кафедра теории и новейшей персидско-таджикской литературы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17.
Зайниддини Абдулхамид – Кулябский государственный университет имени А. Рудаки, соискатель кафедры таджикской литературы. **Адрес:** 735360, г. Куляб, Республика Таджикистан, ул. С. Сафарова, 16.
Тел.: **(+992) 988-76-40-41**

Information about the author*:* ***Kucharzoda Alamkhon*** – Tajik National University, Doctor of Philology, professor, Department of Theory and modern Persian-Tajik literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17.
Zainiddini Abdulhamid – Kulyab State University named after A. Rudaki, applicant for the Department of Tajik Literature. **Address:** 735360, Kulyab, Republic of Tajikistan, Str. S. Safarova, 16. Phone: **(+992) 988-76-40-41**

ТДУ: 891.550

ТАШАККУЛИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ДАВРАИ НАВ: ПРОБЛЕМА, МУШКИЛӢ, ВИЖАГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОССИ ОН

Мурувватиён Ҷ.Ҷ.
Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдулло Рӯдакии АМИТ

Тарҷумаи бадеӣ дар солҳои 50-ум бо вуҷуди он ки ба василаи тавонои идеологӣ табдил ёфта буд, дар баробари ин ба адибони тоҷик имконият фароҳам меовард бо киноя суханашонро, ки дар матни асл ҳеч гоҳ аз сензура намегузашт, бигӯянд. Аз ин лиҳоз, адабиёти русӣ барои қисми зиёди намояндагони пешқадами ҷамъият ба ганҷинаи бепоёни ғояҳои пешқадам, "мактаби якумдараҷаи реализм, маҳорати бадеӣ" табдил ёфт [12, с.12].

Матни тарҷумаҳои он даврон аз таҳрири шадиди идеологӣ мегузаштанд, ки ин сабаби коҳиш ёфтани арзиши эстетикии асари бадеӣ мешуд. Дар ин давра, ки осори аслии адибон зери фишори сензура қарор мегирифт, барои аксарияти адибони тоҷик тарҷума ягона сарчашмаи ҳастиашон буд. Чунин фишорҳои идеологӣ ба ходимони фарҳанг, таъқиб дар матбуот адибон ва шоирони барҷастаро водор кард, ки ба тарҷума рӯ оранд ва ин дар навбати худ барои рушди тарҷумаи адабӣ дар Тоҷикистон такон дод.

Маҳз дар ҳамин солҳои пурошӯб, ки кишвар пур аз ҳар гуна мансабпарастон, мунофиқон, иғвогарони арсаи сиёсӣ буд ва онҳо ҳамеша омода буданд, ки барои ба мақсадҳои ғаразноки хеш расидан – ба қуллаҳои баланди мансаб "рақибонашонро" бераҳмона нобуд созанд, зиёиёни тоҷик бо сарварии С. Айнӣ заҳмати мутарҷимиро ба дӯш гирифтанд ва ба шарофати онҳо шаклҳои нави робитаҳои адабии байналмилалӣ, аз қабили тарҷумаи ашъори инқилобӣ, роману достонҳо ва ғ. ба вуҷуд омаданд [23, с.229].

Асарҳои адибони тоҷик на танҳо ба забони русӣ, балки ба забони ӯзбекӣ ҳам тарҷума шудаанд - дар Ӯзбекистон С. Айнӣ дар баробари Ҳамза Ҳакимзода яке аз бунёдгузорони назми инқилобии ӯзбек ба ҳисоб мерафт [23, с.232]. Худи С. Айнӣ ду қисми "Ёддоштҳо"-и худро ба забони ӯзбекӣ тарҷума карда, аз рӯйи матнҳои тоҷикӣ ва ӯзбекии романи "Ғуломон" ва қиссаи "Марги судхӯр" тарҷумаи муаллифии онҳоро анҷом додааст. Аслан, чунонки У.Б. Абдуллоева дар рисолаи номзадиаш "Билингвизми бадеӣ дар эҷодиёти Садриддин Айнӣ" (2010) низ хотиррасон мекунад, дузабонӣ дар адабиёти тоҷикӣ падидаи нав набуд: "Дар асри XIV анъанаи дузабонӣ дар адабиёти тоҷикиву ӯзбекӣ рушди беандоза дошт. Асрҳои XV-XVI ҳамчун давраи мустаҳкам шудани робитаҳои адабӣ ва пайдоиши анъанаҳои дузабонӣ ба шумор меравад. Дар ин давра ба шарофати дӯстӣ ва ҳамкории Ҷомӣ ва Навоӣ робитаҳои адабии тоҷику ӯзбек мустаҳкам гардида, барои рушди минбаъдаи онҳо замина гузошта мешавад". Алишер Навоӣ, ки парвардаи мактаби адабии Ҳирот ва ошиқу шефтаи шеъри форсии тоҷикӣ буд, ба дастовардҳои он баҳои баланд дода, забони форсиро ба таври комил медонист ва бо ин забон асарҳои барҷаста эҷод кардааст. "Девони ашъори шоир ё "Чаҳор девон" ба забони форсӣ дар байни халқи тоҷик шуҳрати зиёд дорад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки Навоӣ ба шоирони туркзабон низ тавсия додааст, ки "агар қудрати онро доранд, бо ду забон – бо забони модарӣ ва форсӣ бинависанд" [19, с.142-143]. Бояд илова кард, ки ӯ рисолаи илмии "Муҳокимат-ул-луғатайн"-ро навиштааст. Ба гуфтаи У.Б. Абдуллоева дар асрҳои XVIII-XIX ин падида "чунон вусъат ёфта, шуҳрат пайдо намудааст, ки қариб тамоми шоирони номдор осори худро ба ду забон баробар эҷод мекарданд. Дар нимаи дуюми асри XVIII ва нимаи аввали асри XIX тақсимшавии Осиёи Миёна ба хонигариҳои Хива, Бухоро ва Қӯқанд низ боиси густариши ин падидаи адабӣ гардид, Дар ҳар як аз ин хонигариҳо доираҳои адабӣ ташкил меёбанд ва дар натиҷаи баробар шудани мавқеи забонҳо тақрибан ҳамаи шоирон ба анъанаи дузабонӣ рӯй овардаанд. Шоирони ӯзбектабор Машраб, Тӯрдӣ, Нодира, Адо, Нозил, Хиҷлат, Увайсӣ, Амирӣ ба забони модарии худ ва тоҷикӣ асарҳо эҷод мекарданд. Ғозӣ, Махмур, Ҳотиф, Нола, Холис, Рамзӣ, Парӣ, Риндӣ, Касрат, Гулханӣ, Дилшоди Барно,

Қамбархони Хуҷандӣ, Муаттархон ва Анбар Отин низ шоирони маъруфи дузабонаи он замон буданд” [1, с.22].

Дар солҳои 30-ум таваҷҷуҳи хосси мутарҷимони тоҷик ба асарҳои адабии санъаткорони пешини рус - ёдгориҳои даври қадим равона буд, ки дар ҷустуҷӯйи шаклу жанрҳои нав маводҳои хубе дар худ доштанд. Санъаткорони тоҷикро дар он даврон дар адабиёти русӣ маҳорати “баёни зиндагӣ дар он шакле, ки дар шуури қаҳрамон инъикос ёфта ба худ ҷалб мекард ва ин боиси қавӣ гардидан ва фарох шудани вазифаҳои “сухани каҳрамон гардид” [23, с.256]. Яке аз сабабҳои дар тарҷумашиносии тоҷик кам будани маводи назарӣ, ба фикри мо он аст, ки адибони тоҷик, мутаассифона, “дар суханрониву мақолаҳои хеш аз ошкор кардани “сирру асрори” лабораторияи эҷодии худ, таърихи таълифи осори худ, далелҳои робитаҳои эҷодиашон бо дигар адибон ва ғ., ки барои муаррихони адабиёт дар муайян кардани хусусиятҳои хосси баъзе равандҳои умумии адабӣ” муҳим мебошанд, худдорӣ мекунанд [23, с.235], вагарна дар бораи таъсири адабиёти русӣ ва хориҷӣ ба эҷодиёти онҳо далелҳои шавқоваре пайдо кардан мумкин буд. Масалан, Ҷ. Икромӣ дар яке аз суханрониҳои худ ба хотир меорад, ки қиссаи “Чӣ бояд кард?”-ро дар зери таъсири повести Сулаймони Рустам (“Кто знает, может быть...”) “Кӣ медонад, шояд...”, ки дар охири солҳои 20-ум мутолиа карда буд, таълиф кардааст. Ё Сотим Улуғзода дар соли 1962 зимни тавсифи намунаҳои романи аввалинаш “Навобод” зикр мекунад: “Фаромӯш набояд кард, ки дур шудан аз тасвири ҳақиқати характерҳои инсонӣ, асоси психологӣ надоштани рафтору кирдори қаҳрамонҳо барои асари бадеӣ хавфноктар ва ҳатто харобиовар аст нисбат ба роҳ додани хатоиҳо дар вақти овардани далелҳо, масалан, дар санаҳо, тасвири макон, объектҳо, манзараҳо. Зимни мулоҳиза дар бобати қисми аввали чопшудаи романам маънои маслиҳатҳои Гёте, ки дар ин бора дар “Суҳбати Эккерман бо Гёте” хонда будам, ба ман муяссар гардид. Маънои маслиҳатҳои ӯ ба нависандагони ҷавон ва навкор ин буд: то даме, ки шумо соҳиби таҷрибаи кофии нависандагӣ нашавед, беҳтараш аз эҷод кардани сужетҳои шахсии худ даст кашед ва каму беш аз сужетҳои тайёри ҳаёт истифода баред” [19, с.117]. Шояд бо ин изҳороташ нависанда ба мавзуъҳои муосир рӯй оварданашро дар эҷодиёташ шарҳ доданӣ буд, вале хеле тааҷҷубовар аст, ки ӯ дар ин самт ба муваффақияти назаррас нарасидааст.

Микдори зиёди чунин изҳороти адибони тоҷикро дар бобати муносибат ва таъсири адабиёти ғайр ба эҷодиёти онҳо мисол овардан мумкин аст. Бояд қайд кунем, ки қисми зиёди онҳо дар таълифоти А. Сайфуллоев “Проблемаҳои ҳамкориҳои мутақобилаи адабиётҳо” (Душанбе, 1976) ва М. Шукуров “Навсозӣ” (Москва, 1986) зикр шудаанд. Ҳамчунин пажуҳишгарони тоҷики солҳои 70-80 оид ба таъсири мутақобилаи адабиёти тоҷикӣ бо адабиёти халқҳои дигар мақолаҳои зиёде навиштаанд, ки дар асоси онҳо вазъи тарҷумаи бадеиро дар кишвар пай бурдан мумкин аст. Вале мавзуи асосии ин таълифоти илмӣ ба мавзуи идомаи анъанаҳои адабӣ, мақоми баланд ва арзишҳои ғоявии онҳо бахшида шуда буданд [14; 16; 15; 4; 6; 9; 11; 10]. Ҷ. Икромӣ дар мақолаи (“Мосты через века”) “Пулҳои миёни асрҳо” қайд мекунад, ки: “Ҳазорон торҳо адабиёти халқҳои ҷаҳонро бо ҳам мепайвандад. Масалан, пайдоиши истилоҳи “ориентализм” тасодуфӣ нест, чунки он дар адабиёти русӣ маънои истифода бурдан аз оҳангҳо ва воқеиятҳои Шарқро дорад.

Дар вақти гузариш аз як минтақа ба минтақаи дигар, аз як уфуқи таърихӣ ба уфуқи дигар анъанаҳои адабии ин ё он халқ тағйир ёфта, анъанаҳои нав, самтҳои навро ба вуҷуд оварданд. Аз ин нигоҳ робитаи адабиёти арабӣ, форсии тоҷикӣ ва ҳиндӣ ба қадри кофӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст: замони пастиву баландиҳои гузариш ба қабатҳои мухталифи “Панчатантра”, қиссаҳои арабӣ дар бораи “Лайливу Маҷнун” ва бисёри дигар маълум аст” [13, с.141].

Дар даврaҳои мухталифи садаи ХХ номҳои адибони рус бо адабиёти тоҷикӣ пайваста буданд, монанди Леонид Соловёв, Борис Пилняк, Петр Сажин, Сергей Бородин, Павел Лукнитский, Владимир Луговской, Борис Лапин ва Захар Хатсревин, Ярослав Смеляков, драматург Евгений Швартс бо “Рӯзномаи Душанбе” ва даҳҳо дигар шоирон, носирон ва публитсистони намоёни рус.

Насрнавис Арнолд Одинтсов дар замони нависандаи баркамол буданаш ба республика омада, то поёни умраш тақдири худро бо он пайвастааст. Дар Тоҷикистон ба камолоти эҷодии худ шоира Мариана Фофанова, насрнавис Минел Левин, тарҷумон ва пажуҳишгари фолклори тоҷикӣ Мирра Явич, тарҷумон Лев Кандинов расидаанд. Ҳамчунин Дмитрий Молдавский, Владимир Жуковский ва Сергей Корнеев фаъолияти эҷодии худро дар ҳамин ҷо оғоз намуданд. Дар солҳои охир дар республика сафи насли нави адибони рус, ки фаъолияти эҷодӣ, публитсистӣ ва тарҷумонии онҳо бо ҳаёти имрӯзаи Тоҷикистон бевосита алоқаманд аст, ба таври назаррас афзуд ва мустаҳкам гардид. Шоирон Марина Некрасова ва Леонид Пашенко, носирон Борис Пшеничный, Михаил Табачников, Александр Яблоков ва Валерий Талвик аз он зумра мебошанд. Дар шуъбаи русии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон гурӯҳи фаъоли адибони боистеъдод, аз қабили Иван Машин, Людмила Басова, Виктор Чередниченко ба фаъолият оғоз карданд.

Дар қатори онҳо як силсила ҷавонони нави боистеъдоди тоҷиктаборе, ки забони эҷодашон забони русӣ аст, ба майдони адабиёт қадам мегузоранд. Монанди шоира Гулбаҳор Мирзоева, насрнавис Ҳафиз Сайфуллоев ва дигарон" (Вазъияти нав. Баррасии осори адибони руси Тоҷикистон дар Москва // "Помир", 1987. - No 6. - С.136).

Моҳи апрели соли 1979 дар Украина дар китобхонаи ба номи Иван Франко аввалин маҳфили "айнихонӣ" дар доираи мавзуи "Айнӣ ва Украина" баргузор гардид. Дар бораи робитаҳои адабии Садриддин Айнӣ бо адибон, файласуфон, фолклоршиносони украин ва мухлисони сершумори китобҳои ӯ яке аз хонандагони асарҳои ӯ А. Романенко дар мақолаи "Гулчанбари дӯстӣ" ("Садриддин Айнӣ ва робитаҳои фардӣ ва эҷодии ӯ бо Украина") менависад: «Садриддин Айнӣ – нависанда ва олими беҳамто, дар Украина шуҳрат ва меҳру муҳаббати калон дошт ва худ низ ба халқи украин, ба аҳли фарҳанг, адабиёт, санъат ва илми он бо таваҷҷуҳ ва эҳтироми зиёде муносибат мекард. Ӯ орзу дошт, ки ба Украина сафар кунад, то дар соҳили Днепре бошад, ки дар васфаш адибони барҷаста Гогол ва Шевченко шеър сурудаанд, то бо чашми худ заминеро бинад, ки рӯйи он Тараси ҷавон қадам ниҳодааст".

Мутаассифона, домуллои тоҷик натавонист, ки орзуяшро амалӣ гардонад. Монеаи ин кор фаъолияти ҳартарафаи ӯ, моҳиятан фаъолияти энсиклопедиаш буд. То чӣ андоза он аз гузаштаи дури пешазинқилобии адабиёти тоҷикӣ фарқ дорад! Муъмин Қаноат бо асосе чунин изҳор мекунад: "Беихтиёр ба ёд меорем, ки дар гузашта роҳи шахсони боистеъдод чӣ қадар сангин ва дар танҳоӣ мегузашт. Ду аҷдоди барҷастаи мо - Ҳофиз ва Камоли Хуҷандӣ, ки дар як давраи таърихӣ умр ба сар бурда, бо як забон кору фаъолият мекарданд, дар тули умри худ бо ҳам вохӯрда натавонистанд. Рӯдакӣ ва Ибни Сино, Румӣ ва Саъдӣ ҳам ба дидори якдигар нарасидаанд" (Қаноат М. – "Коммунисти Тоҷикистон", 1977, 22 сентябр).

Китобҳои С. Айнӣ дар он солҳо ба ҳамаи забонҳои халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва тақрибан 40 забони кишварҳои хориҷӣ нашр шудаанд. Вақте ки повести "Одина"-ро Сергей Бородин – нависанда ва донишманди нуқтасанҷи забон ва ҳаёти Шарқ ба забони русӣ тарҷума кард, Айнӣ хеле хушҳол шуда буд.

Дар он даврон тарҷумаи А.С. Пушкин ба таври муназзам ба забони тоҷикӣ аз ҷониби шоирону нависандагон А. Лоҳутӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Раҳимӣ, Ҷ. Суҳайлӣ, М. Турсунзода, Р. Ҷалил, С. Улуғзода ва ғ. сурат гирифта буд (Шукуров, М. Асарҳои Николай Василевич Гогол ба забони тоҷикӣ // "Мактаби советӣ", 1952. - № 3.; Самад, В. Ещё раз о первом переводе Пушкина // "Памир", 1975. - № 10.; Холов, Х.Р. История и принципы перевода лирической поэзии А.С. Пушкина в таджикской литературе: дис. уч.ст.канд.филол.н. - Душанбе, 1999. - 143 с.; Амонзода, Р. Гогол-тараннумкунандаи ҳақиқат.// "Тоҷикистони сурх", 1952. - 26 феврал; Асрорӣ В. Ҳаҷв дар адабиёти тоҷик. Дар маҷ.: Ҳаёт ва адабиёт. – Сталинобод: Нашр.дав.тоҷик, 1959. – С. 134 – 142; Отахонова Х. Любимый писатель. // "Коммунист Таджикистана"", 1952 -4 март.; Аҳрорӣ, Х. Кори эҷод ё як навъ касби одӣ. Дар кит.: Аҳрорӣ. "Тӯйхӯрии муйсафедон". - Душанбе: "Ирфон", 1984. – 157 с.; Аҳрорӣ Х. Суҳбат аз санъати тарҷума. [Беседа о переводческом искусстве] / Ҳ. Аҳрорӣ. - Душанбе: "Ирфон", 1984. - № 5. - С.165-166.; Брагинский, И.С.

Исследования по таджикской культуре (К проблеме межлитературных связей народов Советского Востока / И.С. Брагинский; АН Тадж. ССР – М.: “Наука”, 1977. - 288 с.; Давронов, А. Художественный перевод и национальное мышление) // Исследования по культуре -. Душанбе, 2000. - С. 144-166; Икромӣ, Д. Проблемы перевода русской литературы в Иране / Дилафрӯз Икромӣ; муҳ. масъул А. Абдуманнонов; АИ РССТ, Инст.шарқшинос. - Душанбе: “Дониш”, 1988. – 142 с.; Икромӣ, Ҷ. Таъсири эҷодиёти Гоголь // “Ҷавонони Тоҷикистон”, 1952. - 5 март.; Нурҷонов Н. «Ревизор» дар саҳнаи тоҷик // Тоҷ. сурх, 1952, 14 март; Раҳмонов, З., Саъдуллоев, Ҷ. Ҳаҷвнигори маҳбуби халқ. Ба муносибати 175 -солагии зодрӯзи Н.В. Гоголь // “Комсомоли Тоҷикистон”, 1984, 30 март; Розенфельд, А.З. Произведения Гоголя на персидском языке. Дар кит.: Н.В. Гоголь. – УДЛ (ЛГУ), 1954. – 394 с.; Сайфуллоев А. “Асарҳои Гоголь ба забони тоҷики” // “Тоҷикистони советӣ”, 1959, 1 апрел.; Сайфуллоев А. “Сарчашмаҳо ва омилҳои асосии пайдоиши насри советии тоҷик”. - дар кит..: “Таърихи адабиёти советии тоҷик. Инкишофи жанрҳо”. Дар 6 ҷилд, ҷ.1. Насри солҳои 20. - Душанбе: “Дониш”, 1984. – 640 с.; Султанова, Ш.У. У истоков культурных связей с Россией // Ситораи Шарқ (Звезда Востока), 1986. - №3; Табаров С. “Гоголь ва адабиёти тоҷик” // “Шарқи сурх”, 1952. - № 3.; Ҳодизода Р. “Гоголь нависандаи бузурги рус”. - Дар кит.: Гоголь Н.В. Асарҳои мунтахаб, иборат аз 3 ҷилд, ч. I. - Душанбе: “Ирфон”, 1985.; Ҳошим, Р. Айнӣ ва адабиёти рус // “Садои Шарқ”, 1968, № 4.; Ҳошим, Р. “Адибе, ки таровишҳои қаламаш ҳукми обиҳаётро дорад”. [Писатель, плоды пера которого напоминают источник жизни] / Р. Ҳошим. Шарқи сурх. [Красный Восток] - Душанбе: “Адиб”, 1960. №4, С. 224; Шодиқулов Х. “Пири устодони сухан”. [Старейшина мастеров слова]. / Х. Шодиқулов // Толстой Л.Н. Асарҳои мунтахаб: дар 8 ҷилд. [Избранные произведения в 8 т.]. - Т.1. - Душанбе: “Ирфон”,1978. – 583 с.; Шодиқулов Х. “Устоди шуҳратманди ҳаҷв”. - Душанбе: “Дониш”, 1976, 22 с.; Шодикулов, Х. Пушкини насри рус. Дар кит.: А.П. Чехов. Асарҳои мунтахаб дар 4 ҷилд. қ.1. - Душанбе: “Ирфон”, 1986. - с. 5-21.; Шодиқулов, Х. “Пайвандҳои адабии халқи тоҷик” / Х. Шодиқулов, А. Давронов. - Душанбе: “Ҳумо”, 2003. - 124 с.; Шукуров, М. “Асарҳои Николай Василевич Гоголь ба забони тоҷикӣ” // “Мактаби советӣ”, 1952. - №3.; Бадалов, Б.К. История переводов произведений Н.В. Гоголя и опыт сравнительно-типологического исследования в таджикской литературе: дис...канд. филол. н.: 10.01.03. - Душанбе, 2004. - 167 с.; Шукуров, М. Опыт русского реализма и таджикская реалистическая проза). — дар кит.: Истоки, формирование и развитие социалистического реализма в литературах Советского Востока). - Тошкент: “Фан”, 1976. - С.153 – 157); *осори Л. Толстой* (Тошматов Р.Л. “Нависандаи дӯстдоштаи Тоҷикистон” (Любимый писатель Таджикистана) // Р.Л.Тошматов // Ҳақиқати Ленинобод (Ленинабадская правда), 1960. - 20 нояб.; Самад, В. Лев Николаевич Толстой. Энсиклопедияи советии тоҷик. [Таджикская советская энциклопедия] в 8 т.Т.7. - Душанбе: “Ирфон”, 1982. - 382 с.; Самад, В. «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский. [«Шахнамэ» Фирдоуси и Чернышевский] / Самад Валӣ. –Душанбе: “Адиб”, 2005.- 399 с.; Шодиқулов, Ҳ. “Тарҷумаҳои тоҷикии «Бандии Кофқоз»” / Ҳ. Шодиқулов // “Маориф ва маданият”. - Душанбе, 1978. - 18 окт. - с.4.; Улуғзода, С. “Чашмаи хушкнашавандаи маҳорати бадеӣ” /С. Улуғзода // “Шарқи сурх”. [Красный Восток], 1960. - № 11. – С.170-171; Хомидова, Н.Ш. Некоторые вопросы художественного перевода поэзии в современной таджикской литературе: на примере переводческой деятельности Лоика Шерали и переводов его поэзии на русский язык): автореферат рис. н. и. ф. - Хуҷанд, 2009. - 26 с.; Аҳрорӣ, Ҳ. [Беседа из переводческого искусства] / Ҳ. Аҳрорӣ. - Душанбе: Ирфон, 1984. - № 5. - С.165-166; Абдулхаев, Ҷ., Л.Толстой // “Коммунисти Тоҷикистон” (Коммунист Таджикистана), 1960. - 24 нояб. - С.3; Бартолд, В.В. История изучения Востока в Европе и в России) / В.В. Бартолд. - Л: “Художественная литература), 1925. – 154 с.).

Моҳияти суханҳои дар боло зикршуда дар он аст, ки мисли ҳар падидаи наве, ташаккули тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷикии давраи нав **проблема, мушкилӣ, вижагӣ ва хусусияитҳои хосси** худро дошт. Аз ҷумлаи мушкилоти раванди ташаккули тарҷумаи адабӣ ҷараёни ивази алифбо, ки дар асоси хатти арабӣ буда, аввал ба лотинӣ ва сипас ба сириллик ба шумор меравад (соли 1922 дар Москва, дар назди Комиссариати халқӣ доир

ба кори миллатҳо, ки Сталин таъсис мекард, комиссияи махсусе таъсис ёфт, ки мақсади асосии он ислоҳоти хат ва ба ҳам наздик кардани халқу миллатҳои гуногун бо ин васила буд). Тибқи қарори комиссияи махсус ба зиёиёни тоҷик тавсия мешуд, ки алифбои навро ҳарчи зудтар омӯхта аз худ кунанд, саркашӣ ҷиноят дониста мешуд.

Дар солҳои 30-ум ин ҷараён боз ҳам шадидтар гашт. Агар касе соҳиби китобҳо бо хатти арабиасос мебуд ва ё аз ин хат истифода карданаш ошкор мешуд, ӯро "душмани халқ" эълон карда, ба ҷавобгарӣ мекашиданд. Аммо алифбои лотинӣ дар байни аҳолӣ бо душвории зиёде паҳн мешуд, вале истифода бурдани хатти арабӣ, алалхусус дар сохторҳои давлатӣ, ҳамчун амали зараровар эълон гардид [8, с.125]. "Моҳи августи соли 1935 роҳбарияти КМ ПК (б) Тоҷикистон фармони дар бораи аз чаҳорчӯби қонун берун будани хатти арабиасосро имзо кард. То он дам, аллакай, як гурӯҳи калони роҳбароне, ки хатти арабиро балад буданд, аз сохторҳои ҳизбиву давлатӣ ронда шуданд. Ба "душманони халқ" ҳукми гуноҳ бароварда шуд, боқимонда мавқеи бетарафиро интихоб карданд. Илова бар ин, дар даврони таъқиботи оммавӣ ва фишорҳои сиёсӣ на танҳо мухолифони алифбои лотинӣ, балки онҳое, ки китобу дигар маводи чопии бо ин хат чопшударо нигоҳ медоштанд, низ ҷафо кашиданд" ("Тоҷикистони Сурх", 19 октябри 1933).

Ин амалҳо ба нобуд кардани фарҳанги куҳан нигаронида шуда, касе дар бораи муҳтавои ин китобҳо андеша намекард ва аз ин рӯ, хунсардона шумори зиёди нусхаҳои китоби рубоиёти Хайём, девони ғазалиёти Ҳофиз, "Маснавии маънавӣ"-и Мавлонои Балхӣ ва ҳазорон дастнависҳои дигар оташ зада шуданд. Нависанда Раҳим Ҳошим ёдовар мешавад, ки дар давоми се моҳи зимистон дар зиндонҳои Ӯротеппа (Истаравшан) печҳоро бо китобҳои аз аҳолӣ мусодирашуда, ки аксар вақт намунаҳои ганҷинаи фарҳанги қадимаи халқҳои Шарқ ба ҳисоб мерафтанд, гарм мекарданд (Муҳаммадиев Ш. Силсилафилмҳо дар мавзуи: "Ҳақиқати таърихӣ - ҳақиқати ҳаёт". www.1tv.tj, (2000-2012).

Гузариши босуръат ба алифбои дигар ва меъёрҳои дар асоси он муқарраршудаи забони навишторӣ ба падидаи навзуҳури тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷикӣ бетаъсир монда наметавонист. Ин гуна мушкилиҳо сабаби якрангии услуби тарҷумаҳои солҳои 20-30-уми асри XX мегарданд. Аз ин лиҳоз, аз рӯйи онҳо муайян намудани услуби хосси муаллифони асарҳои аслӣ мушкил буд. Чунин якрангӣ ва номуайянии сабк забони он асарҳоро дар тарҷума ба ҳам монанд кардааст, масалан, забони А. Гайдарро ба забони асарҳои В. Катаев. Аз ин лиҳоз, ба фикри мо, зимни баҳо додан ба тарҷумаҳои он даврон каме мулоҳиза бояд кард, зеро он носозгориҳову норасоиҳои зиёди забоние, ки имрӯз ба назари мо мерасанд, на ҳама вақт натиҷаи бемасъулиятии тарҷумон нисбат ба матни аслӣ ва ё паст будани маҳорати он мебошад. Дар ин мавридҳо бояд дар назар дошт, ки тарҷумаҳои ӯ дар асоси меъёрҳои имлои муқарраргардидаи забони он даврон анҷом ёфтаанд, ки он ба шарофати ҷидду ҷаҳди дастгоҳии идеологии шуравӣ он замон шакл гирифта буд ва нақши калидиро дар он сензура мебозид.

Низоми сензурӣ танҳо тарҷумаҳои аз ҷиҳати идеологӣ санҷидашударо ба забони тоҷикӣ мегузаронд ва Худо накунад, ки мутарҷиме дар кори худ аз имкониятҳои ғании забони модариаш ба пуррагӣ истифода кунад – дарҳол ба миллатгароӣ муттаҳамаш мекарданд. Ҳамин тавр, забони тарҷумаи тоҷикӣ ба меъёрҳои забони русӣ ҳарчи бештар наздик карда мешуд. Дар ин шароит шахсияти муаллифи асар нақши асосиро мебозид ва бинобар ин, на ҳар муаллифи матни аслиро тарҷума кардан мумкин буд.

Бегуфтугӯ, барои тарҷума танҳо муаллифони асарҳои аслие, ки ба режими ҳукмрон ва идеологияи он таҳдид намекарданд, интихоб мешуданд. Ин ба он оварда, ки мутарҷимони тоҷики нимаи аввали асри XX аз тарси ҷони худ бештар ба тарҷумаи осори адабиёти классикӣ рӯ меовардаанд. Бояд қайд кард, ки дар он замон асарҳое, ки ба қалами нависандагони аз мамлакатҳои "дӯстони идеологӣ", ки ба лагери мамлакатҳои сотсиалистӣ тааллуқ доштанд, бе маҳдудият тарҷума мешуданд. Вале мувофиқати тарҷумаи асарҳои муаллифони мамлакатҳои капиталистӣ ҳатман ба талаботи идеологияи ҳукмрон санҷида мешуданд.

Аммо бо вуҷуди тамоми ҷиҳатҳои таъсири манфии идеологияи сиёсӣ тарҷума дар адабиёти тоҷикӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз ҷиҳати сифат инкишоф меёбад. Мисоли равшани афзоиши тарҷумаҳо дар Тоҷикистон дар солҳои 1920-1930 мебошад (чунонки мо дар боло қайд кардем), ки **ғояи асосии он** идеяи интернатсионализм буд.

Бояд тазаккур дод, ки дар атрофи ин ғоя кулли халқҳои шомили Иттиҳоди Шуравӣ муттаҳид шуданд ва забони русӣ забони асосии воситаҳои ахбори оммавӣ гардид. Ин вазъият барои фаъолияти васеи мутарҷимон шароит фароҳам овард - дар солҳои 20-30 аксарияти асарҳои адабиёти гурҷӣ, арман, туркман, қирғиз, қазоқ, инглис, испанӣ, фаронсавӣ аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, вориди хазинаи фарҳанги тоҷикон шуданд. Дар он даврон дар ҷумҳурӣ маҷаллаҳо, нахустин маҷмуаҳои тарҷума, китобҳо, дастурҳои таълимӣ барои бачагон, ки асарҳои классикони русро низ дар бар мегиранд, ба табъ расиданд. Ҳамчунин дар ин солҳо адабиёти сиёсӣ, илмию техникӣ, кишоварзӣ, асарҳои классикони марксизм-ленинизм ва ғайраҳо фаъолона тарҷума мешуданд.

Мақсади асосии тарҷумаҳои он давра бо ҳам пайвастани маънавияти халқҳо буд. Дар мавриди арзиши бадеии тарҷумаҳои он даврон сухан бигӯем, дар аксари мавридҳо тарҷумаҳои таҳтуллафзӣ ва аз ҷиҳати бадеӣ ноқис буданд ва ё аз ҷиҳати бадеӣ комил, вале дур аз матни асл буданд. Сабаби ин дар малакаи кофӣ ва инчунин тайёрии назарии зарурӣ, ки барои омӯхтани ин соҳаи эҷод зарур буд, надоштани мутарҷимони ҷавон буд. Агарчи маҳз бо шарофати мутарҷимони ҷавони тоҷики давр гуногунии жанрҳои адабӣ дар тарҷумаи солҳои 20-30-ум таъмин гардид, ки майлу хоҳиш ва талаботи асосии хонандаро қаноат мебахшид. Натиҷаи таъсири бузурги мусбии фаъолияти тарҷумонӣ ба вуҷуд омадани жанрҳои тоза дар адабиёти тоҷикӣ - романи таърихӣ, романи пурмоҷаро, фантастика, повест, драма, назми реалӣ ва ғайра мебошад.

Ҳамин тавр, тарҷума барои Тоҷикистон таъсири хуби духӯра дошт: он ҳам боиси хеле ғанӣ шудани адабиёти тоҷикӣ ва ҳам боиси боз ҳам бештар ба ҳам наздик шудани халқҳо гардид. Тавре ки дар боло зикр шуда буд, имрӯз ба ин матнҳо аз нигоҳи талаботи муосир ба тарҷумаҳои бадеӣ баҳо додан дуруст нест, аммо бояд эътироф кард, ки маҳз ҳамин тарҷумаҳо сабаби ба вуҷуд омадани осори назарраси нодир ба забони тоҷикӣ ва ҳам шаклҳои нави жанрҳои адабӣ дар адабиёти тоҷикӣ шуданд.

Дар солҳои 30-юм дар Тоҷикистон бо кори тарҷумонӣ асосан намояндагони насли аввали адибони тоҷик машғул буданд ва танҳо дар солҳои 50-ум онҳо ба мутарҷимони касбӣ ва нависандагони ҳирфаӣ тақсим шуданд.

Хизмати аввалин мутарҷимони тоҷик дар он буд, ки онҳо тамоми боигарии забони модариашонро ба куллӣ истифода бурда, бе мамоният чизи аз ҳама заруриро, аз ҳама мувофиқтарро, аз ҳама дурусттарро интихоб карданд ва тавонистанд матни нави тарҷумаи бадеиро офаранд.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоева, У.Б. Художественный билингвизм в творчестве Садриддина Айни: на примере таджикского и узбекского текстов «Смерть ростовщика»: автореф. дис. ... канд. филол. наук: 10.01.03 / У.Б. Абдуллоева [Место защиты: Тадж. гос. нац. ун-т]. - Душанбе, 2010. - 22 с.
2. Абдулхаев, Дж. Л.Толстой / Дж. Абдулхаев // Коммунист Таджикистана, 1960. - 24 нояб. - С.3.
3. Ахрори, Х. Беседа из переводческого искусства / Х. Ахрори. - Душанбе: Ирфон, 1984. - № 5. - С.165-166.
4. Ахметов, З.А. Садриддин Айни и развитие таджикско-казахских литературных связей / З.А. Ахметов // Айнинские чтения. Вып. VII. - Душанбе, 1991. - С.129-139.
5. Бадалов, Б.К. История переводов произведений Н.В. Гоголя и опыт сравнительно-типологического исследования в таджикской литературе: дис...канд.филол. наук: 10.01.03 / Б.К. Бадалов. - Душанбе, 2004. - 167 с.
6. Бакозода, Дж. Ступени содружества: (о взаимодействии лит. народов Средн. Азии и Казахстана) / Дж.Бакозода // Памир, 1983. – № 3. - С.90-94.
7. Бартольд, В.В. История изучения Востока в Европе и в России / В.В. Бартолд. - Л: Художествнная литература, 1925. – 154 с.
8. Бобохон, У. Дарахте аз решааш барканда / У.Бобохон // Садои Шарқ, 1991. - № 7. - С.125.
9. Вахидов, С. Литературные связи таджикского и узбекского народов в XV в. / С.Вахидов. - Душанбе, 1974. -132 с.

10. Гвахария, А.А. Значение грузинских переводов персидских памятников для освещения некоторых вопросов персидско-таджикской литературы [Текст]: канд. филол. наук; Акад. наук Груз. ССР. Ин-т груз. литературы им. Ш. Руставели / А.А. Гвахария. - Тбилиси: Изд-во Акад. наук Груз. ССР, 1960. - 16 с.
11. Гейзер, А.Р. Восточная тема в английской литературе XVIII века: дис. ... канд. филол. наук: 10.01.05 / А.Р. Гейзер. – Л., 1984. - 186 с.
12. Ивашин, В.В. М. Горький и белорусская литература начала XX века [Текст]. Акад. наук Белорус. ССР. Ин-т литературы и искусства / В.В. Ивашин. - Минск: Издво Акад. наук БССР, 1956. - 199 с.
13. Икрами, Д. Мосты через века / Д. Икрами. - Памир, 1984. - № 1. - 159 с.
14. Мухтор, Ш. Франция читает «Гулистан» [Текст]: (история изучения и перевода «Гулистана» Саади во Франции) / Ш.Мухтор. Отв. редакторы А. Маниязов, П.А. Клубков; Душанбинский гос. пед. ин-т им. Т. Г. Шевченко, АН ТаджССР, Ин-т яз. и лит. им. Рудаки. - Душанбе: Дониш, 1987. – 148 с.
15. Османова, З.Г. Художественная концепция личности в литературах Советского Востока [Текст]: (Традиция и современность). АН СССР. Ин-т мировой литературы им. А.М. Горького / З.Г. Османова. - М.: Наука, 1972. - 266 с.
16. Самад, В. Сила незримых связей [Лит. связи тадж. народа с др. народами СССР] / В. Самад. - Душанбе: Адиб, 1989. – 203 с.
17. Пушкин и мир Востока: К 200-летию со дня рождения А. С. Пушкина / РАН. Отд.-ние лит. и яз. [Сост. и общ. ред. Е. П. Челышева]. - М.: Наука, 1999. - 430 с.
18. Самад, В. «Шохнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский. [«Шахнамэ» Фирдоуси и Чернышевский] / В.Самад. –Душанбе: Адиб, 2005. - 399 с.
19. Улугзода, С. Единение [Текст]: Избр. статьи и очерки / С.Улугзода. - Душанбе: Таджикгосиздат, 1963. - 200 с.
20. Ҳодизода, Р. Гогол нависандаи бузурги рус / Р.Ҳодизода // Гоголь Н.В. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷ. I. - Душанбе: Ирфон, 1985.
21. Хомидова, Н.Ш. Некоторые вопросы художественного перевода поэзии в современной таджикской литературе: на примере переводческой деятельности Лоика Шерали и переводов его поэзии на русский язык): автореферат дис. к.ф.н / Н.Ш. Хомидова. - Хуҷанд, 2009. - 26 с.
22. Шодиқулов, Х. Пайвандҳои адабии халқи тоҷик / Х. Шодиқулов, А. Давронов. - Душанбе: Ҳумо, 2003. - 124 с.
23. Шукуров, М. Обновление. Таджикская проза сегодня: Монография / М.Шукуров. - М.: Советский писатель, 1986. - 272 с.

ТАШАККУЛИ ТАРҶУМАИ БАДЕӢ ДАР АДАБИЁТИ ТОҶИКИИ ДАВРАИ НАВ: ПРОБЛЕМА, МУШКИЛӢ, ВИЖАГӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН

Дар мақолаи мазкур мушкилоти тарҷумаи бадеӣ дар Тоҷикистон дар нимаи аввали садаи 20 мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф кӯшиш кардааст, ки хусусиятҳои ташаккул, ҳадафҳо, вазифаҳо, андешаҳо, вижагиҳо ва мушкилоти онро муайян намояд. Ба гуфтаи муаллифи мақола, тарҷумаи адабӣ дар ин солҳо на танҳо як воситаи тавонои идеологии ҳизб буд, балки ба адибони тоҷик имкон дод, ки дар бораи он чизе, ки дар осори худ ошкоро гуфта наметавонистанд, дар шакли истиоравӣ ҳарф зананд. Дар он солҳо тарҷумаро асосан нависандагон ва шоирон анҷом медоданд - ин дар шароите, ки эҷодиёти аслии онҳо зери сензураи сахт қарор мегирифт, ягона манбаи рузгор буд. Гуфта мешавад, ки ба таври ғайриоддӣ, маҳз ҳамин фишори идеологӣ ба фарҳангиён, таъқиб дар матбуот, ки адибон ва шоирони бузургро маҷбур ба рӯ ба тарҷума кард, як такони муҳимми рушди тарҷумаи адабӣ дар Тоҷикистон гардид. Муайян карда шуд, ки барои тарҷума танҳо он муаллифони асарҳои аслӣ интихоб шудаанд, ки ба режими ҳамон вақт ва идеологияи он хатаре надошта бошанд. Ҳамаи ин ба он оварда расонд, ки тарҷумонони тоҷик дар нимаи аввали садаи 20 аз тарси ҷони худ бештар ба тарҷумаи осори адабиёти классикӣ рӯ меоварданд, мутаассифона, ин мутарҷимон дар баромаду мақолаҳои худ аз гуфтани «сирру асрор» -и лабораторияи эҷодии худ хеле худдорӣ мекунанд. Ташаккули тарҷумаи бадеӣ дар адабиёти тоҷик мисли ҳар як падидаи нав мушкилот, вижагиҳҳо ва махсусияти хосси худро дошт, аз ҷумла раванди ғояи асосии ин падида ғояи интернатсионализм буд. Мақсади асосии тарҷумаҳои ин давра ба ҳам наздик шудани маънавии халқҳо буд.

Калидвожахо: тарҷумаи бадеӣ, тарҷумонҳои тоҷик, хусусиятҳо, проблемаҳо, гояҳо, интернатсионализм, алифбо.

ФОРМИРОВАНИЕ ХУДОЖЕСТВЕННОГО ПЕРЕВОДА В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ НОВОГО ПЕРИОДА: ПРОБЛЕМЫ, ТРУДНОСТИ, СВОЙСТВА И ОСОБЕННОСТИ

В данной статье рассмотрены проблемы художественного перевода в Таджикистане в первой половине XX века, где автор пытается выявить особенности его становления, цели, задачи, идеи, специфику и проблемы. По мнению автора статьи, художественный перевод в эти годы был не только мощным идеологическим орудием партии, он также давал возможность таджикским литераторам в иносказательной форме говорить о том, о чем они не могли сказать открыто в своих произведениях. Переводом в те годы тогда в основном занимались писатели и поэты – это было единственным источником существования в условиях, когда оригинальное их творчество подвергалось жесткой цензуре. Утверждается, что, как ни парадоксально, но именно такое идеологическое

давление на деятелей культуры, гонения в печати, вынуждавшие крупных писателей и поэтов обращаться к переводу, стали существенным толчком в деле развития художественного перевода в Таджикистане. Выявлено, что для перевода выбирались только те авторы оригинальных произведений, которые не несли угрозы для существовавшего тогда режима и его идеологии. Все это привело к тому, что в страхе за свою жизнь, таджикские переводчики первой половины XX века все больше обращались к переводу произведений классической литературы, к сожалению, эти переводчики в своих выступлениях и статьях очень неохотно делятся «секретами» своей творческой лаборатории. Как и любое новое явление, становление художественного перевода в таджикской литературе имело свои проблемы, трудности, специфические черты и особенности, в числе которых процесс перевода алфавита, действовавшего тогда на основе арабской графики, сначала на латинскую, а затем и на кириллицу. Главной идеей этого явления была идея интернационализма. Основной целью переводов данного периода стало духовное сближение народов.

Ключевые слова: художественный перевод, таджикские переводчики, специфика, проблемы, идеи, интернационализм, алфавит.

FORMATION OF LITERARY TRANSLATION IN TAJIK LITERATURE OF THE NEW PERIOD: PROBLEMS, DIFFICULTIES, PROPERTIES AND FEATURES

This article discusses the nature of literary translation in Tajikistan in the first half of the twentieth century, where the author tries to identify the features of its formation, goals, objectives, ideas, specifics and problems. According to the author of the article, literary translation during these years was not only a powerful ideological tool of the party, it also enabled Tajik writers to speak in an allegorical form about what they could not say openly in their works. Translation in those years was then mainly done by writers and poets - this was the only source of existence in conditions when their original work was censored. It is argued that, paradoxically, it was precisely such ideological pressure on cultural figures, persecution in the press, which forced major writers and poets to turn to translation, became a significant impetus for the development of literary translation in Tajikistan. It was revealed that only those authors of original works who did not pose a threat to the then existing regime and its ideology were selected for translation. All this led to the fact that in fear for their lives, Tajik translators of the first half of the 20th century increasingly turned to the translation of works of classical literature, unfortunately, these translators in their speeches and articles are very reluctant to share the "secrets" of their creative laboratory. Like any new phenomenon, the formation of literary translation in Tajik literature had its own problems, difficulties, specific features and peculiarities, including the process of translating the alphabet, which then operated on the basis of Arabic script, first into Latin, and then into Cyrillic. The main idea of this phenomenon was the idea of internationalism. The main purpose of the translations of this period was the spiritual rapprochement of peoples.

Key words: literary translation, Tajik translators, specifics, problems, ideas, internationalism, alphabet.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Мурувватиён Чамила Чамол*** - Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ, доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи адабиёти муосир. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиё. Рӯдакӣ, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Сведение об авторе: ***Мурувватиён Джамила Джамол*** - Институт языка и литературы им. Рудаки НАНТ, доктор филологических наук, главный научный сотрудник отдела современной литературы. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.** Тел.: **(+992) 93-760-22-33**

Information about the author: ***Muruvvatiyon Jamila Jamol*** - Institute of Language and Literature named after A. Rudaki of the NAST, Doctor of Philology, Leading Researcher of the Department of Contemporary Literature. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 21. E-mail: **Alika - xan@mail.ru.**
Phone: **(+992) 93-760-22-33**

ТДУ: 891.550

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ҲИМОЯИ БЕНАВОЁН ДАР МАҶМУАИ " تنہا تنہا " “ТАНҲО - ТАНҲО” – И АҲМАД ФАРОЗ

Қурбонов Ҳ.А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мусаллам аст, ки тамоми шоирони пешқадам дар ҳимояи бенавоён, ҳатман, бо ягон навъе ибрози ақида кардаанд. Маҳз инсондӯсти воқеӣ будани ин ё он адиб шӯҳрати ӯро зиёд ва маҳбубияташро афзун кардааст. Барои шоири боистеъдод васфи зиндагӣ, фаъолият ва олами эҳсосоту чеҳраи инсон мисли васфи ишқу ошиқӣ, гулу булбул, гармою сармо ва ғайра, бешак, душвор нест, вале муҳим боз ин аст, ки вай ба инсони бенаво, бадқисмат, ҷабрдида, нотавон ва дар чорсӯи зиндагӣ маъюсу ғамзада чи гуна назар дорад. Ин нуқта низ муҳим аст, ки кӯшиши ин ё он адиб ҳангоми баён кардани ғамхориҳояш ба инсон тасодуфӣ намебошад. Он дилсӯзии воқеист, ки бо амри виҷдон пас аз ошноии наздик бо зиндагии ҳамин гуна одамон сурат мегирад.

Шоири машҳури покистонӣ Аҳмад Фароз (1931-2008) мисли садҳо адибони дигар дар ҳар вазъу муҳити мухталиф аз аҳволи инсони бенаво лаб кушода, бо ин васила ба ӯ ҳамдард будани худро нишон додааст. Ҳамасрони шоир низ дар ин бахш хомӯшӣ ихтиёр накардаанд. Ба инсони бенаво рӯ овардан ва дар ҳимояи ӯ пуштибон будан, барои Аҳмад Фароз хусусияти тасодуфӣ надорад ва кӯшиши идомаи анъана низ нест. Барои ба ин мавзӯъ ва ба ин монанд мавзӯҳо муроҷиат кардан, фақат як хоҳиш доштан, албатта кофӣ нест, боз ҷуръат низ бояд ҳамроҳ шавад.

Чи тавре ки маълум аст, шибҳқораи Ҳинд дар асри ХХ таърихи пурфоҷиаро аз сар гузаронидааст. Дар ҳама кашмакашиҳо, хунрезиҳо, бедодгариҳо ва ноустувории иқтисодию сиёсӣ ҳатман як осебе ба сари мардум, алалхусус мардуми бенаво мерасид ва ҷафодидагон аз оддитарин ҳимоя дур мемонданд. Эҷодиёти ғанӣ ва рангоранги Аҳмад Фароз нишон медиҳад, ки ин адиби мушоҳидакор ба паҳлӯҳои гуногуни зиндагӣ ва тақдири табақаҳои мухталифи ҷомеа хуб ошно будааст. Ҳамин ошноӣ ва нисбати баду неки одамон бетараф набуданро ӯ вазифаи бошарафонаи худ донистааст:

جس آگ سے جل اُٹھا ہے جی آج اچانک
پہلے بھی مرے سینے میں بیدار ہوئی تھی
جس کرب کی شدّت سے مری روح ہے بے کل
پہلے بھی مرے ذہن سے دو چار ہُوئی تھی
جس سوچ سے مَیں آج لہُو تھوک رہا ہوں
پہلے بھی مرے حق میں یہ تلوار ہُوئی تھی(14, 19)

Аз он оташе, ки имруз ногахон бархостааст,
Аввал он дар синаи ман бедор шуда буд.
Аз шиддати дарду ғами ӯ руҳи ман беқарор шуда аст.
Аввал дар зеҳни ман дучор омада буд,
Ки аз фикри он имрӯз ман хун мегирям.
Қаблан ҳам ин шамшер дар истифодаи ман буд.

Аввалин маҷмуаи ашъори Аҳмад Фароз бо номи “Танҳо -танҳо”(**تنہا تنہا**) дар солҳои дар коллеҷ таҳсил карданаш эҷод шудааст. Ин замоне буд, кишвари Ҳинд аллакай истиқлолиятро ба даст дароварда буд ва дар ин сарзамин давлатҳои алоҳида ба монанди Ҳиндустон ва Покистон таъсис ёфта буданд.

Дар маҷмуаи “Танҳо - танҳо” аслан масъалаҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ, шикоят аз замона, нодорию қашшоқӣ, дарду андуҳи бенавоён ва ғайра инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла, бедор кардани мардум аз хоби ғафлат низ акси худро ёфтаанд. Шоир кӯшиш кардааст, ки тавассути ашъораш, норасогиҳои ҷомеа ва бедодгариҳои истисморгарони хориҷиро, ки бар сари мардум бор шуда буданд, мавриди танқид қарор диҳад. Забони ин гуна ашъор низ ҷолиби диққат аст. Аҳмад Фароз дар шеърҳояш бештар аз калимоте истифода намудааст, ки он замон хеле

оммафаҳм, таъсирбахш, серистеъмол ва вирди забони омма қарор доштанд. Дар ашъори шоир калимаҳои «сахтӣ, зиндагӣ, ғунча, соғар, зиндон, даркӯбӣ, шароб, заҳр, афсона, гулу гулзор, баҳор» ва ғайраҳо дар маркази диққат гузошта шуда, назари шоир доир ба ҳар яке аз ин калимот возеҳу равшан баён гардидааст:

اک راہ طویل اک کڑی ہے یارو
افتاد عجیب آ پڑی ہے یارو
کس سمت چلیں کدھر نہ جائیں آخر
دورا ہے یہ زندگی کھڑی ہے یارو[14, c.37]

Як роҳ дароз, як роҳ сахт аст, ёрон,
Азоб аҷиб ногаҳон омадааст, ёрон.
Ба кадом самт биравед, куҷое наравед охир,
Зиндагӣ ҳамин аст, холӣ аст ёрон.

Яке аз шеърҳои Аҳмад Фароз, ки «Шоир» ном дорад, аз ҷумлаи беҳтарин шеърҳои адиб буда, дар он дилсӯзии беинтиҳои ӯ нисбат ба тиҳидастон равшану дақиқ ифода ёфтааст. Ин ҷо муҳим боз он аст, ки шоир танҳо аз зиндагии бенавоён сухан оғоз накардааст. Фароз рӯзгори мардумони дар зинаҳои мухталифи ҷамъият ҷой гирифтаро, аз ҷумла, бенавоёнро чӣ дар дохили ватанаш ва чӣ хориҷи он бо диққат омӯхтааст. Чӣ тавре ки аз ашъораш маълум мешавад, худи ӯ низ як умр дар тангдастӣ зиндагӣ ба сар бурдааст:

دربار کی تفریح کا ساماں تھا مرا فن
ہاتھوں میں مرے ظرفِ گدا لب پہ غزل تھی
شاہوں کی ہوا خواہی مرا ذوقِ سخن تھا
ایوانوں کی توصیف و ثنا اوجِ عمل تھی
اور اِس کے عوض لعل و جواہر مجھے ملتے
ورنہ مرا انعام فقط تیغِ اجل تھی[14, c.21]

Санъати ман як воситаи ҳаловат бурдани дарбор буд.
Дар дастонам зарфи гадоӣ, дар лабонам ғазал буд.
Хоҳиши шоҳон завқи сухани ман буд,
Дар толорҳо тавсифу ситоишҳо дар авҷи амал буданд.
Бар ивазаш ман тиллову ҷавоҳирот мегирифтам.
Ва гарна, мукофоти ман танҳо марг буд.

Аз ҳамин сабаб ҳам, ӯ бе мушкилӣ метавонист аз дарду ҳасрати дили бенавоён ба зудӣ огаҳӣ ёбад. Фароз бо мақсади ҳар чи қадар равшантару таъсирбахш баён кардани фикру андешаҳои худ дар шеъри « Вайронӣ » (کھنڈر) ду зиндагиро бо ҳам муқобил гузошта, роҷеъ ба ҳар яке аз он чизеро ки лоиқ дидааст, ҳамонро гуфтааст. Аввало, аз пеши назари хонанда қасру дарборҳои амирон ва сарватмандон бо тамоми шаҳомату савлаташон мегузарад:

یہاں سنگِ سرخ اور مر مر کے بے مثل و نادر محلاّت
گلکاریوں سے مرصع تھے معراجِ فن تھے
یہاں بے بہا اور نایاب قالین فرشِ رہِ کاخِ فرمانروائے زمن تھے
یہاں ریشم و اطلس و پرنیاں اور دیبا و زربفت و سنجاب و کمخواب
کے بے نظیر اور عریاں ذخیرے شکن در شکن تھے
یہاں لہلہاتے ہوئے گلستاں رشکِ باغِ عدن تھے[14, c.30]

Дар ин ҷо қасрҳои нодир аз санги сурх ва мармар мавҷуданд.
Онҳо бо гулкориҳо ороста шуда буданд, меъроҷи санъат буданд.
Дар фаршҳои қаср қолинҳои бой ва нодир паҳн шуда буданд.
Ҳама ҷо матоъҳои абрешиму атлас, зарабофту кимхо,
Захираи зевароти беназир пошида шуда буданд.
Гулистонҳо мавҷзанон мисли боғи Адан буданд инҷо.

Пас, аз тасвир кардани давлату савлати амирон ва ширинком шудани танҳо мардуми доро, сайру гашти бароҳати онҳо ва дар айшу фароғати хос буданашон дар ин айём тасвир карда мешавад:

یہاں لہلہاتے ہوئے گلستاں رشکِ باغِ عدن تھے

یہاں سونے چاندی کے ڈھیروں میں لعل و جواہر میں
تلتی کنیزوں کے گلرنگ چہرے فضا تاب سینے سنہرے بدن تھے
اور ان کی حفاظ کی چوبی صلیبیں تھیں زندانِ آہن تھے دار و رسن تھے[14, c.31]

Гулистонҳо мавҷ мезаданд, мисли боғи Адан буданд.

Дар ин ҷо дар тӯдаҳои тилло ва нуқра дар лаълу ҷавоҳирот ғарқшуда,

Чеҳраҳои зебои канизакони паричеҳра бо баданҳои тиллоирангашон,

Ва салибҳои чӯбини посбонони онҳо, зиндонҳои оҳанин ва занҷирҳо буданд.

Вақте ки навбати тасвири ҳоли бенавоён дар ин айём мерасад, тамоман манзараи дигар пеши назар меояд. Манзараи зиндагии онҳое, ки дар тангдастӣ умр ба сар мебаранд. Зиндагии онҳое, ки бо сабаби тангдастӣ дар кулбаҳои вайронаашон аз шаҳд чашидан ва дидани лаззату зебоии дунё бенасиб мондаанд. Он чи дар харобиҳои пас аз ҷангӣ ба сар бурда, ҳамеша бо ҷайби холӣ хуни дил хӯрдан аст:

کبھی تورماں اور نادر کی جرار فوجوں نے یلغار کی شہر لوٹے جلائے
تباہی کے دف صورِ محشر کی صورت ہر اک سمت بھونچال لائے
بگولوں کے دامن میں امن و سکوں کے درخشندہ فانوس جلنے نہ پائے
اور اپنی روایات کے تلخ و تیرہ دھوئیں چھوڑ کر بجھ گئے مٹ گئے ہیں[14, c.32]

Ҷойе лашкарони Турмон ва Нодир шаҳрро ғорат карда, сӯзонданд,

Зарб задани дафи харобиовар дар ҳар тараф изтироб ба амал меовард.

Дар пояи тундбодҳо дурахшидани чароғи сулҳу сукун маълум набуд.

Ва онҳо дуди талхи урфу одатҳои худро хӯрда, хомӯш буданд.

Билохира, шеър бо чунин ҷамъбасту хулосабарорӣ поён меёбад, ки инсони бенавою бечораро насибу қисмат хушӣ нест ва ҳеҷ ҳоҷати марҳамате аз ин дунёи бемеҳр ҷустан низ маънӣ надорад:

یہ کہنہ روایات جن کی گھنی ظلمتوں میں نہ جادہ نہ منزل
غبارِ رواں کی طرح چھا رہی ہیں
دلوں کو دماغوں کو نظروں کو بھٹکا رہی ہیں
اور ان کی جلو میں نہ لیلا نہ محمل
نہ جذبِ تجسّس کا حاصل
یہاں کچھ نہیں کچھ نہیں ہے
فقط کچھ کھنڈر ابنِ آدم کی تاریخ پہ منفعل ہیں[14, c.32]

Ин анъанаҳои куҳна дар зулмати шаб, на ҷодаву на манзил,

Мисли ғубор паҳн шуда истодаанд.

Дилҳо, ақлҳо, назарҳоро гумроҳ кардаанд.

Ва дар гузари онҳо на Лайло ҳасту на муҳаббат.

На ҳосили ҷосусӣ.

Дар ин ҷо чизе нест, чизе нест.

Танҳо баъзе харобаҳои таърихии Ибни Одам аст, ки фаъол нестанд.

Ба осонӣ ва хеле зуд равшан мешавад, ки шоир дар шеъри «Вайронӣ» ду зиндагиро васф кардааст. Вақте ки ҳаёти сарватмандонро ба қалам медиҳад, калимаю ибораҳои «шодӣ», «суруру ханда», «лаззати умри азиз», «тангаю тилло» ва амсоли инҳо истифода мешаванд, ки эҳсоси роҳату фароғатро бедор мекунанд. Ва ҳамон лаҳзае, ки вай ба тасвири ҳаёти бенавоён мегузарад, ҳар сатри ин шеър аз калимаҳои «ғарибон», «оҷизон», «харобаҳо», «дасту ҷайби холӣ» ва мисли инҳо лабрез мегардад. Дар як лаҳза дунё тамоми зебоӣ ва лаззатбахшии худро гум мекунад, гӯё рӯзи сафед ба шаби сиёҳ мубаддал мегардад. Шоир ба фиғони осмонпечи ғарибон ҳамовоз шуда, хонандаро ба ҳақиқати ҳол ошно мекунад. Ҳақиқати зиндагии талху пурмашаққати мардуми камбағал аз назари Аҳмад Фароз пӯшида намондааст. Вай ҳар гуна мушкилотро дар зиндагии худ ва ҳамватанонаш дида, ба лаб мӯҳри хомӯшӣ назадааст ва офаридани чунин шеърро ба мисли «шоир» зарур донистааст. Лекин баробари ин барои нигоҳдории шаъну шарафи инсони одию нодор кӯшидааст. Шоир борҳо таъкид мекунад, ки аз нодории худ набояд ор кард:

اب دل پہ جو گزرے گی وہ بے ٹوک کہوں گا

اب میرے قلم میں کوئی زنجیر نہیں ہے[14, c.23]

Ҳоло, ки аз дилам ҳар чӣ мегузарад, беист мегӯям,
Ҳоло қалами маро ягон занҷире нест.

Дар ҷойи дигар инсони комил ҳамонро меҳисобад, ки соҳиби сарват нест ва фахрро дар нодорӣ мебинад на дар дороӣ:

اور آج شکستہ ہُوا ہر طوقِ طلائی
اب فن مرا دربار کی جاگیر نہیں ہے[14, c.23]

Ва имрӯз шикастааст ҳар як тавқи тиллоӣ ,
Ҳоло санъати ман аст, на заминдории дарбор.

Аҳмад Фароз барои инсон молу мулк ва сарвату зар доштанро аз ҷумлаи боигарии бузург намешуморад ва нисбат ба ин ҳиммати мардонаву табъи тавонгар доштанро афзалтар донистааст, яъне олиҳимматиро беҳтарин хислат ва боигарии беинтиҳо шуморида, ҳамеша ба ҷаҳонпаноҳ такя карданро зарур донистааст. Дар шеъри “Ба номи Бону” чунин гуфтааст:

مگر یہ تخت یہ سلطاں یہ بیگمات یہ قصر
مؤرخین کی نظروں میں بے گناہ رہے
بفیضِ وقت اگر کوئی راز کھُل بھی گیا
زمانے والے طرفدار کجکلاہ رہے
ستم کی آگ میں جلتے رہے عوام مگر
جہاں پناہ ہمیشہ جہاں پناہ رہے[14, c.51]

Аммо ин тахт, ин султон, ин хонумон, ин қаср,
Дар назари муаррихон бегуноҳ монданд.
Бо мурури замон агар ягон сир ошкор шавад,
Мардуми замона тарафдори каҷкулоҳон шаванд.
Мардум дар оташи зулму ситам сӯзанд, вале,
Ҷаҳонпаноҳ ҳамеша ҷаҳонпаноҳ боқӣ хоҳад монд.

Накӯкорӣ, олиҳиммат, ғурур, шарафмандӣ, поквиҷдонӣ, вафодорӣ ва мисли ин хислатҳои наҷибро чун дороии бемисл васф намудани шоир худ то андозае як навъ ҳимояи ҳамин гуна одамони бенаво мебошад.

Аҳмад Фароз, гарчӣ худ тангдастӣ кашида бошад ҳам, ҳеҷ гоҳ қасди ҳамёни хешро аз пайса пур кардан надоштааст. Ашъори ӯ шаҳодат медиҳад, ки фикри беҳбудии дигарон ҳамеша аз ёди ӯ намерафтааст ва тасвири он дар ҷои аввал меистодааст. Ӯ ба забон гирифтани шиори бештар барои дигарон кӯшидан ва дар роҳи беҳбудии бенавоён ҳамеша ҷонсупорӣ карданро ба худ раво дида, аз дигарон низ ҳаминро талаб мекунад:

دنیا نے تڑپ کر مرے شانوں کو جھنجھوڑا
لیکن مرا احساس غمِ ذات میں گُم تھا
آتی رہیں کانوں میں المناک پکاریں
لیکن مرا دل اپنے ہی حالات میں گُم تھا
مَیں وقت سے بیگانہ زمانے سے بہت دُور
جام و مے و مینا و خرابات میں گُم تھا [14, c.20]

Дунё ба ҷумбиш омада, шонаҳои маро биларзонд,
Аммо эҳсосоти ман дар ғами одамизод гум буд.
Нидои фоҷиавӣ ба гуши ман пайваста садо медод,
Аммо дили ман дар ҳолати худ гум буд.
Ман аз вақту даврони бегона дур ҳастам,
Дар ҷому маю минову харобот гум буд.

Шоир нисбат ба тақдири халқу ватани худ ҳеҷ гоҳ бетафовутӣ накардааст ва ҳамеша ба нафъи ватан хизмат карданро гӯшрас мекунад. Барои ҳамин ҳам дар шеъри ба Фароз бахшидаи Файз Аҳмад Файз омадани мисраҳои зайл низ аз ҳақиқат дурӣ надоранд:

وہ کوہکن تو نہیں تھا لیکن
کڑی چٹانوں سے لڑ چکا ہے [15]

Вай куҳкан набуд, вале
Бо қуллаҳои сангин ҷангидааст.

Албатта, мо наметавонем чунин гӯем, ки аз хайрхоҳии Аҳмад Фароз нисбат ба оҷизон шӯру шарри инқилобӣ бармеояд, лекин инсондӯстии ӯ бешак равшану возеҳ мегардад. Муҳаббату дилсӯзӣ ва хайрхоҳӣ ба кулфатзадагон, ятимон, маъюбон, нотавонҳо, ғарибон ва беваю бечорагон нишонаи он аст, ки шоир худро аз дарду иллатҳои ҷомеа дар канор нагирифтааст ва ба ҷомеа ба ҳар роҳе ки набошад, манфиат расонидани худ ва ҳар як шахси огоҳро ҳатмӣ мешуморад. Дилсӯзии Фароз, хусусан дар шеъри « Оташ » (آگ) бештар аён шудааст:

کیا کہا؟ "خانماں برباد ہوئے جاتے ہیں
دم بدم آگ کے بے رحم لپکتے شعلے
اپنے بوسیدہ مکاں راکھ کیے دیتے ہیں
خاک ہی خاک ہوئی جاتی ہے دنیا اپنی
اور اس آتش و ظلمات کے سیلاب میں ابھی
اسی پندار اسی شان سے استادہ ہیں
کیا خدا صرف غریبوں پہ ستم ڈھاتا ہے"[14, c.46]

Чӣ гуфт? "Хонумон барбод шуда мераванд.
Шуълаи беҳаёнаю бераҳми оташфишон,
Хонаҳои пӯсидаашонро сӯзонда хокистар мекунанд,
Тамоми дунё хок мешавад,
Ҳоло дар ин селоби оташу зулмот.
Бо ҳамин пиндор, бо ҳамин шуҳрат истодааст,
Оё Худо танҳо фақиронро ситам медиҳад?»

Мо ин ҷо фақат муносибат, дақиқтараш дилсӯзии Аҳмад Фарозро нисбат ба бенавоён ёдовар шуда истодаем. Вале аз рӯи инсоф намешавад, агар маҳз дар ҳамин ҷо ёдовар нашавем, ки шоир на танҳо ғами як тӯдаи муайяни мардум, дар айни ҳол мардуми бенаворо хӯрдааст, балки бо ҳамон имконияте, ки худаш чун як фарди ҷамъият дорад, дилсӯзиро ба тамоми мардуми мазлум зарур медонад:

مفلسو! اپنے مقدّر کی شکایت نہ کرو
اِس سے انسان کے ایمان میں فرق آتا ہے
ہم تو ناچیز سے بندے ہیں ہمیں کیا معلوم
کونسی بات میں کیا مصلحتِ یزداں ہے
کتنے گمراہ و گنہگار ہوئے جاتے ہو[14, c.46]

Муфлисон! Аз сарнавишти худ шикоят накунед,
Ин дар имони инсон тафриқа меандозад.
Мо бандаи ночизем, чиро медонем?
Дар чӣ гапу кор, оё маслиҳати Яздон аст?
Чӣ қадар гумроҳу гунаҳкор шуда меравӣ.

Солҳои панҷоҳуми асри гузашта солҳое будаанд, ки мардумони Ҳинду Покистон аз дигар вақтҳо дида зиёдтар мушкилиҳои зиндагӣ ва тирарӯзиҳои иҷтимоӣ доштаанд. Пас аз ба даст овардани истиқлолият мардуми бенавои ин кишварҳо боз бештар зери ҷабри нодорӣ ва гирифтори бадбахтӣ буданд, азоби беадолатӣ мекашиданду мӯҳтоҷи дармонбахше умри худ кӯтоҳ мекарданд. Бешак ҳамин гуна вазъ сабаб шудаасту Аҳмад Фароз маҳз дар он солҳо ба масъалаи ба бенавоён рӯ овардану ба онҳо кӯмак карданро такрор ба такрор гӯшрас намудааст. Соли эҷоди шеъри « Ҳилоли ид » (ہلال عید) низ ба солҳои панҷоҳуми асри гузашта рост меояд. Дар ин шеър тасвири сияҳрӯзию бадбахтиро шоир ҳатмӣ надонистааст ва зиёдтар даъвати ба мардумони ин гуна зиндагӣ дошта эътибор доданро раво дидааст. Муроҷиати шоир ба онҳое, ки дороянд ё қудрати ба осонӣ мушкилеро осон карда метавонанд, ё барояшон дасти ёрӣ дароз кардан ба мӯҳтоҷон корест осон, на сангин, оҳанге дорад пур аз хайрхоҳиву мардумдӯстӣ. Ҳамаи ин нишони ба ҳалли ҳар навъ масъалаи муҳимми дар ҷомеа ҷой дошта, бисёр ҷиддӣ ва дилсӯзона муносибат кардан аст:

ہلال عید! تجھے غمزدوں سے کیا نسبت
کہ خواجگان جہاں ہی ترے چہیتے ہیں

جو تیرے نام کے ساغر فضا میں لہرا کر
تری کمان کی قوسوں کو موڑ دیتے ہیں
فغاں ، کہ تجھ کو بھی ان بے کسوں سے ربط نہیں
جو اپنے دل کے سفینے لہو میں کھیتے ہیں
تری ضیا بھی ہے گویا کٹی پتنگ جسے
بلند بام خلا ہی میں لوٹ لیتے ہیں
ہلال عید! طرب زا سہی یہ شام مگر
چراغ شوق جلاتے ہوئے لرزتے ہیں
دلوں یہ کل جو قیامت گزرنے والی ہے
اب اس کا دھیان بھی لاتے ہوئے لرزتے ہیں
ہم اہل غم تجھے خوش آمدید کیسے کہیں
جو اپنے دکھ بھی سناتے ہوئے لرزتے ہیں
اگر چہ تجھ پہ نگاہیں جمی ہوئی ہیں مگر
دعا کو ہاتھ اٹھاتے ہوئے لرزتے ہیں[14, c.170]

Ҳилоли ид! Шумо бо ғамзадагон чӣ муносибат доред?
Ки хоҷгони ҷаҳон шуморо зери даст мекунанд.
Ки номҳои шуморо дар фалак мавҷзанон,
Тирҳои камонҳои шуморо мегардонанд.
Фиғон, ки шуморо ҳам бо ин бекасон алоқа надоред,
Ки сафинаашон дар хуни поки дили шумо шино мекунад.
Зиёи шумо низ мисли бодбараки шикаста ,
Дар фазои баланд нобуд мешавад.
Ҳилоли ид! Ин шоми тарабзо аст, магар,
Чароғи шавқ фурӯзон шуда, меларзад.
Дар дилҳо фардо, ки рузи маҳшар гузаштанӣ аст,
Ҳоло ҷалби диққати ӯро ҳам гирифта истода, меларзад.
Мо мотамдорон чӣ тавр шуморо хуш омадед гӯем?
Ки дарду аламамонро шунида, меларзем.
Гарчанде ба ту назарҳо духта шудаанд, аммо,
Ҳангоми дастҳои худро баланд карда, дуо кардан меларзем.

Ҳамин тариқ, Аҳмад Фароз кӯшиш ба харҷ додааст, то дар ҳимояи бенавоён худ низ саҳме дошта бошад. Мисле, ки болотар ишора кардем, вай нисбат ба бадқисматон бетафовут набуд. Шоир қудрати ёрӣ расонидан ба бечорагон надошт ва ҳамин беқудратиро фақат тахмин кардан мумкин аст, ки чи қадар азоби рӯҳӣ кашида, садо баланд кардааст. Ин гуна амал дар кадом зинаи қадрдонии инсон ҷой доштани ӯро ифода кардааст. Тахмин кардан мушкил нест, ки он зина бешубҳа хело баланду басо назаррас мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Алиев, Г.Ю. Персоязычная литература Индии / Г.Ю. Алиев. - М.: Наука, 1968. – 248 с.
2. Алӣ, Сардор Ҷаъфарӣ. Адабиёти тараққипарвар / Ҷаъфарӣ Алӣ Сардор. - Москва, 1962.
3. Брагинский И.С. Проблемы востоковедения / И.С. Брагинский. – М.: Наука, 1974. - 494 с.
4. Васильева, Л.А. Файз Ахмад Файз: Жизнь и творчество / Л.А. Васильева. – М.: Институт востоковедения РАН, 2002. – 340 с.
5. Глебов, Н. Литература урду / Н.Глебов, А.Сухочев. – М., 1967. – 232 с.
6. Елизарова, Р.А. Прогрессивные писатели Пакистана: (на материале литературы урду) / Р.А. Елизарова. – Ташкент: Фан, 1978. – 176 с.
7. Эҳтишам, С.Ҳ. Таърихи адабиёти урду / С.Ҳ. Эҳтишам. – М., 1961.
8. Саҷҷод, Зоҳир. Мунтахабот / Зоҳир Саҷҷод. – Москва, 1960.
9. Турсунзода, М. Мунтахаботи ашъор / М. Турсунзода. – Душанбе, 1961.
10. Файз, Аҳмади Файз. Руҳи озод / Файз Аҳмади Файз. – Душанбе, 1977.
11. Литература Востока в новейшее время, изд. - МГУ, 1977.
12. فیض احمد فیض ۔ شخص اور شاعری ۔ مرتّب اطہر نبی، نئی دہلی1991 .-783 ۔ ص۔
13. ماہ نو ۔ یاد فیض ۔ لاہور، مئی – جون 2008 ص ۔ 376
14. احمد فراز۔ شہر سخن آراستہ ہے۔ اسلام آباد ۔ 2004
15. image: http://www.geourdu.com/wp-content/uploads/2013/01/Zulfiqar-Ali-Bhutto1-320x256.jpg

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАИ ҲИМОЯИ БЕНАВОЁН ДАР МАҶМУАИ " تنہا تنہا " “ТАНҲО - ТАНҲО” – И АҲМАД ФАРОЗ

Дар маҷмуаи “Танҳо-танҳо”, аслан, масъалаҳои ватандӯстиву ватанпарастӣ, шикоят аз замона, нодорию қашшоқӣ, дарду андуҳи бенавоён ва ғайра инъикос ёфтаанд. Масъалаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ, аз ҷумла, бедор кардани мардум аз хоби ғафлат низ акси худро ёфтаанд. Шоир кӯшиш кардааст, ки тавассути ашъораш, норасогиҳои ҷомеа ва бедодгариҳои истисморгарони хориҷиро, ки бар сари мардум бор шуда буданд, мавриди танқид қарор диҳад. Забони ашъори шоир низ ҷолиби диққат аст. Аҳмад Фароз дар шеърҳояш бештар аз калимоте истифода намудааст, ки он замон хеле оммафаҳм, таъсирбахш, серистеъмол ва вирди забони омма қарор доштанд. Дар ашъори шоир калимаҳои «сахтӣ, зиндагӣ, ғунча, соғар, зиндон, даркӯбӣ, шароб, заҳр, афсона, гулу гулзор, баҳор» ва ғайраҳо дар маркази диққат гузошта шуда, назари шоир доир ба ҳар яке аз ин калимот возеҳу равшан баён гардидааст.

Калидвожаҳо: Аҳмад Фароз, ишқ, ростӣ, устуворӣ, дӯстӣ, истиқлолият, ватанпарастӣ, тангдастӣ, зиндагӣ.

ОТРАЖЕНИЕ ПРОБЛЕМ ЗАЩИТЫ БЕСПОМОЩНЫХ В СБОРНИКЕ «ОДИНОЧЕСТВО», «تنہا تنہا» АХМАДА ФАРАЗА

В сборнике «Одиночество» отражены в основном вопросы патриотизма, жалобы на время, нужду, бедность и горести бедняков и т д. Нашли свое отражение и социально - политические вопросы, в том числе пробуждение людей от сна невежества. Посредством своих стихов поэт пытался критиковать недостатки общества и навязанное народу бесчинство иностранных эксплуататоров. Привлекателен и язык стихотворений. Ахмад Фараз использовал в своих стихах в основном такие слова, которые были очень популярны, эффективны, широко употреблялись в языке народа того времени. В стихах поэта в центре внимания такие слова, как «жестокость, жизнь, бутон, темница, пытка, вино, яд, сказка, цветник, весна» и другие, и высказывается мнение поэта по каждому из этих слов.

Ключевые слова: Ахмад Фараз, любовь, истина, незыблемость, дружба, независимость, патриотизм, бедность, жизнь**.**

REFLECTION OF PROBLEMS OF PROTECTING THE HELPLESS IN THE COLLECTION “LONELINESS” «تنہا تنہا», AHMAD FARAZ

The collection “Loneliness” also mainly reflects issues of patriotism, complaints about time, need and poverty, the sorrows of the poor, etc. Social and political issues were also reflected the awakening of people from the sleep of ignorance. The poet tried to criticize the shortcomings of society and the atrocities of foreign exploiters imposed on the people through his poems. The language of the poems is also attractive. Ahmad Faraz used in his poems more words that were very popular, effective, and widely used in the language of the people of that time. In the poet’s poems, the focus is on the words “cruelty, life, bud, wineglass, prison, torture, wine, poison, story, flower garden, spring” and others, are centralized in poet’s opinion, and his thoughts clearly poet expressed on each of these words.

Key words*:* Ahmad Faraz, love, truth, steadiness, friendship, independence, patriotism, poverty, life**.**

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Қурбонов Ҳайдар Абдураҳмонович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, мудири кафедраи филологияи Ҳинд: **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 108-50-05-00**

Сведения об авторе: ***Курбанов Хайдар Абдурахманович*** - Таджикский национальный Университет, кандидат филологических наук, заведующий кафедры индийской филологии. **Адрес**: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 17. E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Тел.: **(+992) 108-50-05-00**

Information about the author: ***Qurbonov Haydar Abdurahmonovich*** - Tajik National University, candidate of Philology, associate Professor, Head of the Department of Indian Philology. **Address:** 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **qurbonov64@mail.ru.** Phone: **(+992) 108-50-05-00**

ТДУ: 891.550+82

БОЗТОБИ МАВЗУИ ПАНДУ АНДАРЗ ДАР АШЪОРИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

Бобомаллаев И.Ҷ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Равияи панду ҳикмат аз анъанаҳои қадимӣ ва пурзӯри адабиёти шифоҳию хаттӣ буда, оинаи ақида, ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсонӣ гардидааст. Таблиғи ахлоқи ҳамида ва инкору маҳкум кардани ахлоқи разила дар таърихи адабиёти ҷаҳон собиқаи хеле куҳан дошта, чи дар давраи антиқа, чи дар асрҳои миёна ва чи давраи нав аз мавзуъҳои меҳварии эҷоди бадеист. Адабиёти классикии форсу тоҷик намунаи олии ин навъи осори адабӣ буда, панду андарзҳои устодони каломи бадеъ – Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино, Абулқосим Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Мавлавии Балхӣ, Хайёми Нишопурӣ, Аттори Нишопурӣ, Саноии Ғазнавӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Абдулқодири Бедил ва дигар мутафаккирон ба ҷаҳониён дарси ахлоқ, хештаншиносию инсонпарварӣ ва раҳнамою дастурамали ибратомӯзи зиндагӣ гардида, чун сарчашмаҳои нодири пандуахлоқӣ хидмат менамоянд. Аз ин рӯ, дар осори илмию назарии бисёр донишмандоне, ки оид ба вижагиҳои ғоявию мавзуии адабиёти гузашта баҳс кардаанд, ба ин масъала таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Маълум мешавад, ки «шеъри пандуахлоқӣ дар гузашта бештар фикру андешаҳоеро, ки оид ба зиндагӣ ва ҳусни ахлоқи одамӣ ё ки ақидаҳои фалсафии амалӣ ва ё назарӣ мебошанд, ифода кардааст» [6, с.234].

Инъикоси бадеии мавзуъҳои пандуахлоқиро яке аз хусусиятҳои барҷастаи адабиёти муосири тоҷик низ донистан мумкин аст. Дар эҷодиёти устодони сухан – Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Абдуррауфи Фитрат, Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ ва дигарон ин анъанаи куҳан зинда ва пойдор буда, онҳо ин равияро бо тарзи нави идроку инъикос идома додаанд. Ш. Ҳусейнзода қайд кардааст, ки «...онҳо дар эҷодиёти худашон ваъзу насиҳатгӯиро асли мақсад қарор надодаанд, балки суханони панду ҳикмат ҳамчун як ҷузъи муҳимми шеър барои муайян ва равшан кардани асли муддао хизмат карда, дар тарбияи маънавии хонанда нақши муҳим гузоштааст» [6, с.234].

Масалан, вақте Мирзо Турсунзода дар шеъри «Нонреза»

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм... [3, с.146].

– мегӯяд, панд додан асли мақсад нест, балки ин суханҳои ҳикматомез ҳосили таҷрибаи рӯзгор буда, муаллиф хонандаро бо замони даравгарию хӯшачинию боғбандӣ, дос дар бар будану ба суруди марди хирманкӯб гӯш андохта, «зарбҳои говрона – чӯбро» шунидан ва хӯрҷин дар китф побараҳнаю дилгурусна сар-сари кӯҳу адир гаштанҳояш ошно намуда, ба ин восита дар тарбияи маънавии хонанда ҳам саҳмгузор мешавад. Бе муҳобот, хонанда пас аз мутолиаи ин шеър ҳарчи бештар қадри нону нонрезаро азиз дошта, онро аз замин бардошта, «дидаву санҷидаву болида» ба чашм мемолад. Ҳамин гуна маънӣ ва хусусан, аз сар гузаронидани ташнагию гушнагист, ки дар шеъри «Шукр»-и Ғаффор Мирзо як қатра об болотар аз дурри дарё ва як пора нон беҳтар аз ганҷи дунё дониста шудааст. Дар баробари ин, тазоди дигаре пайдо шуда, саволи мантиқие сар задааст, ки инсони ташнагиро аз сар нагузаронида ва ё шахси гуруснагиро надидаю дар оянда ҳам ба серӣ мезиста ба қадри ин неъматҳо мерасида бошад? Албатта, ҳамин гуна савол ва андешаҳои фалсафӣ хонандаро ба андеша кардану хулоса баровардан водор мекунанд:

Ташнаро як қатра об аз дурри дарё беҳтар аст,
Гӯшнаро як пора нон аз ганҷи дунё беҳтар аст...
Лек он, ки ташнагиро худ намедонад, ки чист,
Он, ки ӯ сер асту дар оянда хоҳад сер зист,
Он, ки дар гаҳвораи нозасту ғамбемор нест?
Ӯ магар бояд надонад шукри миннатдор чист? [2, с.276].

Аз ашъори Мирзо Турсунзода ва Ғаффор Мирзо ба ҳукми далел овардани чанд байти боло ҳаргиз ба ин маънӣ нест, ки онҳо чунин масъалаҳои муҳимми адабию ҳаётиро танҳо дар як-ду шеър пайгирӣ карда бошанд. Инъикоси мавзуъҳои пандуахлоқиро дар шеърҳои дигари Мирзо Турсунзода («Гуфтугӯ бо худ», «Ошёни баланд», «Кӯҳ», «Дилсиёҳ»...) ва Ғаффор Мирзо («Дӯст», «Қиссаи орувони ҳаромкор», «Об аз боло соф аст», «Баъд»...) мушоҳида намуда, ҳикматҳои ачиберо дарёфтан мумкин аст.

Равияи пандуахлоқии шеър дар дар эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳӣ мавқеи намоён дошта, ин анъана хеле қувват гирифта, ба дараҷот такмил ёфтааст. Шоир дар шеърҳои «Боварӣ», «Маҷлис ва навдаи ток», «Нафаси гарм», «Паҳн шуд овози шӯхи шаршара», «Сел», «Оби ҷонбахш», «Тазоди зиндагӣ», «Нишастам дӯш зери навниҳоле», байтҳои ҷудогона ва рубоию дубайтиҳои зиёде муҳимтарин мавзуъҳои пандуахлоқиро ба риштаи тасвир кашида, аксаран пардапӯшона ва гоҳо ошкоро хонандаро ба неку бад ва ё тазодҳои гуногун, аз қабили хоксорию фурӯтанӣ ва ғуруру ҳавобаландӣ, иродаи қавию заиф, адлу вафо ва ҷабру хиёнат, нафъи кӯтоҳ сухан гуфтан ва зарари зиёдагуфторӣ кардан, ростию ростқавлӣ ва дурӯғу буҳтон, заволи бадию худхоҳӣ ва бақои некию некбинӣ ва ғайра рӯ ба рӯ менамояд. Масалан, шеъри «Нафаси гарм» бо тасвири манзараи дилкаши фасли баҳор – ба рӯйи замин расидани нафаси гарми баҳору дар ҳама сӯ аз сабзаи нав боз шудани қолин ва аз даҳани ғунча бӯса задани боди мушкину роз кушодани лаби пурхандаи гулҳо оғоз ёфта, шоир дар бандҳои баъдӣ аз ҳодисаҳои табиат ба воқеаҳои ҷамъиятӣ гузашта, онҳоро ба ҳам қиёс карда, хулосаҳои ҷолиб баровардааст:

Гар баҳор аз нафаси худ яхи сард об кунад,
Сухани нағз кунад нарм дили ҷононро.
Наҳр агар қаҳр кунад, ҳарчи ба гирдоб кунад,
Шавад ар ром, кунад хизмати ҳар инсонро.

Дар заминкан ҳам агарчанд бувад тираву тор,
Мешавад нешзада сабз гаҳе нӯги пиёз.
Бар тани зинда ҳарорат бидиҳад зӯру мадор,
Бар рутубат бикунад ҷанг паи умри дароз [10, с.54].

Адабиётшинос Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ дар аснои нақду таҳлили ин шеър хулосаи ҷолиб баровардааст: «Ин аст, ки шоир дар ин шеър ғояи олиеро дар назар дорад. Ӯ ҳарорат ва гармиро тараннум мекунад. Ҳамчунон ки нафаси гарми баҳор ба табиат нармӣ ва форамие мебахшад, ҳамчунон ки дар заминкани тираву тор ҳам аз ҳарорат гиёҳе месабзад, шоир мехоҳад, ки сухани ҳароратнок дар ҳама шароити зиндагӣ ҳамеша ҳамсафари ҳар одам бошад ва ба дилҳо нармию роҳат бахшад» [8, с.102].

Ҳодисаҳои гуногуни табиату ҷамъиятро ба ҳам рӯ ба рӯ гузошта, ин ҳодисаҳоро қиёс ва муҳокима кардани шоир хонандаро барои ҳарчи амиқтар дарк кардани ғояи олӣ ва мақсади аслию наҷибе, ки дар бандҳои баъдӣ таҷассум ёфтааст, омода менамояд. Дар ҳақиқат, сухани нағзу самимӣ барои инсон мисли нурпошии хуршед ба боғ зарур ва лозим буда, нафаси гарм ва муомилаи хуб боиси дилгармии инсон ба ҳаёт, оила ва фардои дигар аст. Нафаси сард бошад, ба ҳар хонаву дар дилхунукию бешармӣ меоварад:

Сухани нағзу самимона барои инсон,
Лозим онгуна, ки хандидани хуршед ба боғ.
Нур деҳ бо суханат бар шаби ҳиҷрони касон,
То бигирӣ ту каме ҷои дурахшанда чароғ.

Нафаси гарм бувад воситаи дилгармӣ,
Ба ҳаёт, оила, бар рӯзи дигар, соли дигар.
Нафаси сард фақат дилхунукӣ, бешармӣ
Оварад гаштаву баргашта ба ҳар хонаву дар… [10, с.54-55].

Ҳодисаҳои табиату ҷамъиятиро ба тасвир кашида, қиёс ва муҳокима карда, мавзуи ахлоқиеро таблиғ намудани Аминҷон Шукӯҳӣ дар шеъри «Маҷлис ва навдаи ток» низ ба назар мерасад. Шоир дар фасли баҳор бо нияти бештар ба даст овардани ҳосил буридани навдаи

токро мисол оварда, баъдан ба матлаби аслӣ бармегардад ва таъкид мекунад, ки агарчи сухани бисёр беозор аст, аммо «аз қаду бар» кӯтоҳ кардани он авлотар мебошад. Шоир дар тааҷҷуб аст, ки шимҳо танг ва куртаи занҳо кӯтоҳ шуда, вале то ҳанӯз маҷлисҳои дуру дароз боқист:

Навдаи ток чу бурранд дар айёми баҳор,
Мешавад ҳосили он бештару ширинтар.
Сухани мӯл агарчанд бувад беозор,
Хуб мебуд, ки кутоҳ кунем аз қаду бар.

Шимҳо танг шуда, куртаи занҳо кутоҳ,
Лек то ҳол бувад маҷлиси мо дуру дароз.
Дар сари якпула чиз аз саҳарӣ то бегоҳ
Мешавад гоҳ гапу ҳарф ба сад сӯзу гудоз [10, с.45].

Мазмуни баланди ашъори пандуахлоқӣ бидуни обуранги бадеӣ ва сабки дилписанд ҳосил намегардад. Одатан мақтаи ин навъи ашъор бояд фарогири хулосаҳои қавӣ ва фалсафӣ бошад, зеро бо ин усул хусусияти зеҳнгароии шеър ҳарчи бештар қувват ёфта, хонанда дар меҳвари андешаҳои шоир қарор мегирад. Дар банди охири шеъри «Маҷлис ва навдаи ток» шоир дубора ба ҳодисаи табиат руҷуъ карда, маҷлисро ба навдаи ток шабеҳ сохта, чи аз навдаи ток ва чи аз маҷлис нафъи дучандон гирифтанро дар кӯтоҳ кардани онҳо мебинад ва ба ин натиҷа мерасад, ки дар воқеият фикри хуб ҳам метавонад қурбони сухани бисёр бишавад. Илова бар ин, дар баробари зикри мақсад шоир бо нияти таъкид масалеро ҳам тағйири шакл дода, дар мавқеаш ба кор мебарад:

Маҷлисе, ки зарур аст бувад навдаи ток,
Ҳар кӣ кутоҳ кунад, нафъ дучандон гирад.
Фикри хубе бишавад аз гапи бисёр ҳалок,
Ҳар кӣ кам гуфту амал кард – самар он гирад [10, с.45].

Умуман, инъикосу таблиғи кам гуфтану сара гуфтан яке аз мавзуъҳои асосии ашъори пандуахлоқии Аминҷон Шукӯҳӣ мебошад. Дар дубайтии зерин ҳам шоир пургӯӣ ва таънаи хомӯшонро маҳкум карда, барои ҳарчи нишонрас шудани сухан ба хазинаи боғановати эҷодиёти шифоҳии халқ рӯй оварда, зарбулмасали «гапи бисёр бар хар бор»-ро дар мавқеи муносиб ва дар тақвияти фикр ҳунармандона кор фармудааст:

Касе пургӯй бар худ ор донад,
Гапи бисёр бар хар бор донад.
Хамӯшонро набояд таъна кардан,
Аҷаб не аз ту ӯ бисёр донад [10, с.276].

Дар мавриди дигар дар баробари қиёсу муҳокимаи ҳодисаҳои гуногуни табиату ҷамъият шоир тазодҳоеро пеш меоварад, ки ба ҳеҷ ваҷҳ хонанда наметавонад байни онҳо тафовут нагузошта бошад ва ё нисбат ба ин гуна тазоҳури мухталиф андеша нанамояд:

Ҳар куҷо гар донаи гандум шавӣ,
Гармрӯ бар дидаи мардум шавӣ.
Гар шавӣ чун каҳ сабук дар зиндагӣ,
Рафта ҳар сӯ аз назарҳо дур шавӣ [10, с.64].

Воқеан, мавзуи сабру таҳаммул ва тамкину хоксорӣ агар бо сабки марғуб, қолаби зебо ва бадеъ ифода биёбад, зуд ба зеҳн нишаста, дар амали инсон ҳам таъсиргузор мегардад. Агар шоир дар чанд байту шеърҳои ҷудогонааш мавзуи хоксорию фурӯтаниро дар қиёс бо образи маҷнунбед, ки сархамии он ҳаргиз рамзи сарпастӣ нест, таблиғ бинамояд, дар ҳолати дигар ин масъаларо дар таносуб ба донаю хӯшаи гандум матраҳ кардааст:

Дона то дар хок н-афтад кай ба боло сар кашад,
Қадри одам ҳам баланд аз хоксорӣ мешавад [10, с.216].

Усули ифодаи матлаб дар ашъори пандуахлоқии Аминҷон Шукӯҳӣ танҳо ба як тарзу тамоюл нест. Шоир зимни баррасии мавзуъҳои муҳимми ахлоқӣ аз киноя ва танзҳои нозук ҳам истифода кардааст. Чунончи, обрӯи бо зар ҳосилшуда шабеҳ ба гузариши шохи гов бар хар шуда, муроди аслии шоир ин аст, ки чизи зуд ба дастомада дер напояд:

Обрӯе ин ки бо зар омадаст,

Ҳамчу шохи гов бар хар омадаст.
Зар равад гар, шох ҳам хоҳад шикаст,
Меравад он чи баробар омадаст [10, с.298].

Чуноне ки қаблан ишора рафт, вижагии дигари ашъори пандуахлоқии Аминҷон Шукӯҳӣ дар замина ва тамоюли ҳикматҳои халқӣ гуфта шудани онҳост. Ин ҳолат бештар дар дубайтиҳои шоир ба назар расида, зарбулмасалу мақолу ҳикматҳои халқӣ ҳам дар шакли аслӣ ва ҳам тағйири шаклшуда ба кор рафтаанд. Бидуни тағйирот истифода гардидани ҳикмати халқро дар мисраи охири дубайтии зер мушоҳида мекунем, ки аз таҷрибаи рӯзгор сар зада, як навъ ҷамъбасти бадеии ин таҷриба аст:

Шавад то қулфи мушкилҳо кушода,
Бигир аз домани ақлу ирода.
Ба ҳалли кори некӯ кун таваккал,
«Таваккал нар бувад, андеша мода» [10, с.271].

Дар мавқеи дигар панду ҳикмати халқ андаке тағйири шакл карда, барои барҷаста ва нишонрас ифода ёфтани матлаб истифода шудааст. Чунончи, мисраи дуюми дубайтии зер дар заминаи ҳикмати халқии «бори каҷ ба ҷое намерасад» эҷод шуда, як навъ тазоди мантиқӣ миёни ибораҳои «бори каҷ» ва «гапи ҳақ» ба назар мерасад:

Касе аз некӣ осебе надидаст,
Кадомин бори каҷ ҷое расидаст?
Ба мисли доруи духтур гапи ҳақ,
Агарчи талх бошад ҳам, муфид аст [10, с.248].

«Агар шеър аз ваъзу насиҳати хушку холӣ иборат шавад, – барҳақ таъкид кардааст Муҳаммадҷон Шакурӣ, – он гоҳ таъсири он ҳам чандон муҳим ва самарабахш нахоҳад гардид» [8, с.104]. Аминҷон Шукӯҳӣ ин нуктаро амиқ дарк карда, ба ин нукта таваҷҷуҳ кардааст, ки ашъори пандуахлоқиаш танҳо аз ваъзу насиҳати хушку холӣ фароҳам наоянд. Ашъори пандуахлоқии шоир бо воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ ва ҳикматҳои халқӣ зинат ёфта, дар онҳо натиҷаи таҷрибаю озмоишҳои пайвастаи шоир аз ҳаводиси мухталифи рӯзгор мушоҳида мешавад. Масалан, агар дар шеъри «Сел» бо киноя ва маҷоз чун борони сел гузаранда ва кӯтоҳ будани умри кибру ғурур ба миён гузошта шуда бошад, ҳамин масъала дар дубайтии зерин дар шакли сода, вале таъсиргузор ифода ёфта, ин навъи хулосагирӣ ҳосили таҷрибаи рӯзгор аст:

Агар бо зинаҳо боло баройӣ,
Ба Моҳу Зуҳраю Парвин баройӣ.
Ба ёдат дор ҳар як зинаеро,
Ки бо онҳо ба поён мефароӣ [9, с.17].

М. Шакурӣ «фикри баланди файласуфона, асоси мустаҳками ҳаётӣ ва шакли бадеии софи беғилу ғиш»-ро қонун ва шарти асосии панду ҳикмат маънидод карда, воқеан дуруст қайд кардааст, ки «Агар яке аз ин шартҳо ба ҷо наомада бошад, панду ҳикмат қувваи таъсирашро бой медиҳад» [8, с. 104].

Аз ин нуқтаи назар маълум мешавад, ки ашъори пандуахлоқӣ маҷмуи суханҳои ҳакимона ва шоирона аст. Тазвиҷи андешаҳои ахлоқию фалсафӣ ва ҳунару диди фарохи бадеию ҳаётии Аминҷон Шукӯҳӣ дар ин ришта низ ба мушоҳида мерасад. Ба шакли нав идрок шудани ҳаводиси зиндагӣ, ба ҳам омезиш ёфтани таҷрибаю ҳунари шоирӣ ва бо сабки марғуб баён ёфтани матлаб аст, ки бисёре аз байту дубайтию рубоӣ ва шеърҳои пандуахлоқии шоир ба зудӣ ҳифз шуда, дар хотир нақш мебанданд. Масалан, шоир абадӣ набудани қувваи бозуи ҷавонӣ ва кӯтоҳ будани умри ғурурро тасвир намуда, дар анҷом чунин ҳикмати аҷибу хотирмон меоварад:

Гарчанд, ки бозуи ҷавонӣ зӯр аст,
Мағрур машав чашми ғурурӣ кӯр аст.
Бо ман-манӣ гар мех занӣ ноҷоя,
Фардо сари вай дар даҳани анбӯр аст [10, с.238].

Таъбир ва зарбулмасалу мақолҳои халқиро бо тобиши дигар ва маънои нав кор фармудан яке аз хусусиятҳои барҷастаи лирикаи Аминҷон Шукӯҳист. Шоир аз ҳикмату таҷрибаи халқ

ҳунармандона истифода карда, дар баробари он ба ҳаёт бо чашми тааммуқ нигариста, мушоҳидаҳояшро бо байту мисраъҳое ифода намуда, ки аз як ҷониб, мазмуни зарбулмасалу мақолҳои халқиро қувват ва инкишоф бидиҳанд, аз ҷониби дигар, ба онҳо ҳамоҳангие пайдо кардаанд. Масалан, дар достони «Кӯчабоғи ошиқон» чунин порчаи шеърие ба чашм мерасад, ки дар ҳар мисраи он ҳикмате нуҳуфтааст:

Агар олим шудӣ – такрор бинмо,
Агар деҳқон шудӣ – шудгор бинмо.
Агар раҳбар шудӣ – бар халқ дил банд,
Зи мағрурӣ ҳамеша ор бинмо [11, с.277].

Зимни таҳлилу таъйини хусусиятҳои мавзуию ғоявӣ ва сохти достони «Кӯчабоғи ошиқон» Муҳаммадҷон Шакурӣ маҳз ба ҳамин гуна порчаҳои шеърӣ, мулоҳизаҳои амиқу ҳаётии Аминҷон Шукӯҳӣ диққат дода, аз ҷумла менависад: «Шоир ба ҳикмати классикӣ ва фолклор пайравӣ намуда, порчаҳои хубе эҷод намудааст, ки мисли панди ҳаёт, монанди овози ақлу заковати халқ садо медиҳанд» [7, с.200].

Байтҳои зерин далели дигари ҳамин гуна андешаанд:

Бор агар вазнин набошад, бор нест,
Кор агар мушкил набошад, кор нест.
Аз мунофиқ дуртар будан беҳ аст,
Ёр агар содиқ набошад, ёр нест [9, с.58].

Дар байтҳои фавқ дар мисраъҳои якуму дуюм ва сеюм калимаҳои «бор», «кор» ва «ёр» дар қофиябандии маъмулии охири мисраъҳо ширкат варзида, калимаҳои ҳамқофияи аввали мисраъҳо низ маҳсуб меёбанд.

Бадеияти осори адабӣ тавассути забон ифода мешавад. Забони асар дар баробари сода ва оммафаҳму қобили идрок буданаш ба меъёрҳои забони адабӣ бояд мувофиқат дошта бошад. Илова бар ин, забони асар вақте ғановат пайдо карда таъсиргузор мешавад, ки эҷодкор зимни ҷустуҷӯ ва дар такя ба хазинаи луғавии забон, ҳикмати халқ ва адабиёти шифоҳию хаттӣ дурдонаҳо ва ифодаю таъбирҳои дилчаспу гӯшнавоз пайдо карда, дар шакли суфтаю равон ифода бикунад.

Дар дубайтии зер тачрибаи фардию ҳунари шоирии Аминҷон Шукӯҳӣ бо ҳикмату зарбулмасали халқии «Гапи бисёр ба хар бор» ба ҳам созиш пайдо карда, ақлу заковати хонандаро боло бурда, сухани шоир ҳамчун панди ҳаётӣ садо медиҳад:

Касе пургӯӣ бар худ ор донад,
Гапи бисёр бар хар бор донад.
Хамӯшонро набояд таъна кардан,
Аҷаб не аз ту ӯ бисёр донад [9, с.12].

Муъҷазбаёнии шоир ба омили дигаре ҳам вобаста аст, ки қабл аз ҳама, тақозои хусусияти услубии дубайтист. Ба қавли Аскар Ҳакимов «хусусияти услубии дубайтӣ талаб дорад, ки воқеа, ҳиссиёт дар ҳолати низоаш, кулминатсиониаш ба қалам дода шавад. Шакли ихчам ва минётурии он ба ҳикоя ва тасвиру ифодаи батафсил имконият намедиҳад» [4, с.143].

Ҳамин навъи ихчамбаёнӣ сабаби он гардида, ки шоир дар дубайтии дар фавқ овардашуда аз мисраи аввал ба арзи нияту панди таблиғшаванда бипардозад.

Аминҷон Шукӯҳӣ санъати ташхисро бештар дар инъикоси бадеӣ ва таблиғи мавзуъҳои пандуахлоқӣ ва ҳамчунин ашъори бачагона ҳунармандона ба кор бурдааст. Масалан, дар мунозираи муш ва кӯҳ маҳкум кардани ғуруру худписандӣ ва худхоҳии инсоният дар дубайтии зер хеле хотирмон ба қалам омадааст:

Ба кӯҳе дӯғ мезад муши дарвеш:
– Танатро мекунам ман оқибат реш.
Ба ӯ хандида кӯҳу гуфт: бобот
Ҳамин гап гуфта буд сад сол аз ин пеш! [9, с.8].

Шоир баъзан қолабҳои анъанавию аслии зарбулмасалу мақолҳои халқиро шикаста, онҳоро аз ҷиҳати шакл тағйир медиҳад. Ҳарчанд шакл тағйир ёбад ҳам, вале ҳамоно маънӣ ҳифз мешавад. Чунин панду ҳикматҳо ҷузъи ҷудогонаи шеър нестанд, балки тасвироти шоир ва фикру даъвию ҳукми ӯро тақвият мебахшанд. Шоир дар дар байти боло, ки ҷузъе аз шеъри

«Ба занбӯри беасал» аст, булҳавасию худхоҳию сабукандешӣ ва хиёнати қаҳрамони лирикиро нисбат ба зану фарзандонаш ба воситаи зарбулмасали «Олими беамал – занбӯри беасал» хеле барҷаста маҳкум намудааст. Ё ин ки, дар достони «Кӯчабоғи ошиқон» зарбулмасалу мақолу ҳикматҳо воситаи муҳимми кушодани хислату руҳияи образҳои достон ва шарҳу эзоҳи рӯзгори онҳо мебошанд. Чунончи, байтҳои зер далели онанд, ки шоир ҳолати руҳии қаҳрамони достон Содиқро ба тасвир гирифта, маҳз тавассути ҳикмати зиндагӣ ва дақиқтараш мақоли «Оҳан аз зӯри дасти оҳангар нарм мешавад» ӯро аз вазъияти яъсу ноумедӣ ва дилсардӣ берун овардан хостааст:

Дили одам ба коре гарм гардад,
Ҳамеша мушкилаш мегардад осон.
Чу мум оҳан, бубин, ки нарм гардад
Зи зӯри дасти оҳангар ба сандон [11, с.277].

Ин порча мисоли хубе барои санъатҳои маҷоз ва тазоду иштиқоқ низ буда метавонад. Дар як байт ва ё ду байти шеърии Аминҷон Шукӯҳӣ корбурди чанд санъати бадеӣ зуд-зуд ба чашм мерасад. Масалан, дар дубайтии зерин санъати ташхис ва ирсоли масал омезиш ёфта, барои дар шакли тозаю таъсиргузор ва амиқ ҳикматнок баён ёфтани матлаби шоир мусоидат намудаанд:

Саҳар гул дида занбӯри асалро
Ба шакли дигаре гуфт он масалро:
Ба ҷои нӯш мехоҳам занӣ неш,
Тамоми олимони беамалро [9, с.8].

Ҳанӯз дар нимаи аввали солҳои 50-ум адабиётшинос Юрий Бобоев ба масъалаи дар асоси ҳикматҳои халқӣ сохта шудану таълиф ёфтани ашъори шоир ва ҳикматписандии ӯ дахл намуда, қайд карда буд, «шеърҳои лирикии мақбул ва писандидаи ӯ (Аминҷон Шукӯҳӣ – И.Б.) ҳамонҳоянд, ки дар асоси ҳикматҳои хирадмандонаи халқӣ сохта шудаанд ва ё ҳисси чуқури конкретиро баён намудаанд» [1, с.334].

Дар асоси ҳикмати халқ бунёд ёфтан ва офарида шудани шеърҳои Аминҷон Шукӯҳиро бо масъалагузорию таҳқиқи муфассалу жарфтар муайян кардан мебояд. Масалан, дар қолаби як дубайтӣ бо лаҳни дилнишину маънию саноеии тоза ғунҷоиш додани ҳикмату масалу зарбулмасали халқӣ бозгӯи ҳунари олии суханшиносию суханпардозӣ ва таҷрибаи ғанию ибратомӯзи ҳаётиву инсоншиносии шоир аст:

Касе аз некӣ осебе надидаст,
Кадомин бори кач ҷое расидаст?
Ба мисли доруи духтур гапи ҳақ,
Агарчи талх бошад ҳам, муфид аст [9, с.13].

«Касе аз некӣ осебе надидаст» гуфтани шоир нишони таҷрибаи зиндагию рӯзгордорист. Дар мисраи дуюм зарбулмасали халқии «Бори кач ба манзил намерасад» тағйири шакл карда, ба сухани шоир ғановати маъноӣ бахшидаст. Дар байти дуюм низ бо вуҷуди як андоза тобиши маҷозӣ доштан, мақоли «Гапи ҳақ талх аст» ба тағйироти шаклӣ ва афзудаи шоир дучор омада, илова бар ин, ирсоли масал, ирсоли ду масал ва ташбеҳу тазод барин санъатҳои шеърӣ тавъам ва ё ба ҳамдигар омезиш ёфтаанд. «Гапи ҳақ»-ро ба «доруи духтур» бо ваҷҳи «талх» будани ҳарду монанд кардан ташбеҳи бикру тоза мебошад.

Аз эҷодиёти шоир намунаҳои зиёдеро ба гунаи мисол овардан мумкин аст, ки зимни таъсирпазирӣ аз ҳикмати халқ ва пайравӣ ба таҷрибаи халқ таълиф ёфта бошанд. Вале ин ҷо оид ба ин масъала бо зикру таҳлили як мисоли дигар иктифо менамоем:

Шавад то қулфи мушкилҳо кушода,
Бигир аз домани ақлу ирода.
Ба ҳалли кори некӯ кун тавакkал,
«Таваккал нар бувад, андеша мода» [9, с.48].

Ҳамин тариқ, ашъори пандуахлоқӣ ҷузъи муҳимми эҷодиёти Аминҷон Шукӯҳиро ташкил дода, панду андарз аз ҷумлаи мавзуъҳои меҳварии ашъори ӯ буда, дар онҳо шоир муҳимтарин мавзуъ ва масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва гуфтору кирдори инсониятро бо ҳаводису манзараҳои табиату амали ҳайвоноту хосияти наботот ба қиёс гирифта, бо истифода аз

воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ, ҳикматҳои халқӣ ва тачрибаи зиндагӣ бо услуби дилчаспу равон андешаҳои ибратбахшу омӯзанда ва таъсиргузори ахлоқию фалсафӣ баён кардааст.

Муқарриз: ***Муҳаммадизода Қ.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Бобоев, Ю. Қайдҳо оид ба лирика / Ю. Бобоев // Адабиёти советии тоҷик. (Маҷмуаи мақолаҳо). – Сталинобод, 1954. – С.294-338.
2. Мирзо, Ғ. Ашъори мунтахаб. Китоби аввал / Ғ. Мирзо. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 352 с.
3. Турсунзода, М. Ҳамеша бо Ватан / М. Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 410 с.
4. Ҳакимов, А. Ҳосили тачрибаи рӯзгор / А. Ҳакимов // Садои Шарқ. – 1974. – №6. – С. 140-145.
5. Ҳакимов, А. Шеър ва замон (Масъалаҳои инкишофи назми муосири тоҷик) / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 256 с.
6. Ҳусейнзода, Ш. Адабиёти советии тоҷик дар давраи баъди ҷанг (солҳои 1945-1954) / Ш. Ҳусейнзода // Очерки таърихи адабиёти советии тоҷик. Қисми 1. – Сталинобод: Нашрдавтоҷик, 1956. – С.66-272.
7. Шукуров, М. Анъана, халқият ва маҳорат / М. Шукуров. – Душанбе: Нашрдавтоҷ, 1964. – 230 с.
8. Шукуров, М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он / М. Шукуров // Садои Шарқ. – 1965. – №2. – С. 78-105.
9. Шукӯҳӣ, А. Чормағз (Дубайтиҳо) / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 88с.
10. Шукӯҳӣ, А. Асарҳои мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷ.1. (Шеърҳо, достон, шеърҳо барои кӯдакон) / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 400 с.
11. Шукӯҳӣ, А. Кӯчабоғи ошиқон (Маҷмуаи шеърҳо) / А. Шукӯҳӣ. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 336 с.

БОЗТОБИ МАВЗУИ ПАНДУ АНДАРЗ ДАР АШЪОРИ АМИНҶОН ШУКӮҲӢ

Дар ин мақола яке аз мавзуъҳои меҳварии ашъори Аминҷон Шукӯҳӣ – панду андарз таҳқиқ гардида, муҳтаво, хусусиятҳои бадеӣ ва забону сабки баёни онҳо муайян карда шудааст. Инъикоси бадеии мавзуъҳои пандуахлоқӣ яке аз хусусиятҳои барҷастаи адабиёти классикӣ ва давраи нави тоҷик маънидод гардида, ба ҳукми далел аз ашъори пандуахлоқии Мирзо Турсунзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Ғаффор Мирзо намунаҳо оварда шудаанд. Собит шудааст, ки ашъори пандуахлоқӣ маҷмуи суханҳои ҳакимона ва шоирона буда, тазвиҷи андешаҳои ахлоқию фалсафӣ, ҳунару диди фарохи бадеию ҳаётии Аминҷон Шукӯҳӣ, ба шакли нав идрок шудани ҳаводиси зиндагӣ, ба ҳам омезиш ёфтани тачрибаю ҳунари шоирӣ ва бо сабки марғуб баён ёфтани матлаб аст, ки шеърҳои пандуахлоқии шоир ба зудӣ ҳифз мешаванд ва дар хотир нақш мебанданд.

Калидвожаҳо: таърихи адабиёт, адабиёти давраи нав, шеър, лирика, Аминҷон Шукӯҳӣ, мавзуъ, муҳтаво, сабк, ҳунар, тарзи тасвир, анъана, фолклор, панду андарз, ахлоқ, зарбулмасалу мақол.

ОТРАЖЕНИЕ НРАВСТВЕННЫХ ТЕМ В ТВОРЧЕСТВЕ АМИНДЖАНА ШУКУХИ

В данной статье исследуется одна из центральных тем стихотворений Аминджона Шукухи - совет и нравоучение, определяются их содержание, художественные особенности, язык и стиль изложения. Художественное отражение нравственной темы считается одной из выдающихся особенностей классической и новой таджикской литературы, в качестве доказательства приводятся примеры нравственных стихов Мирзо Турсунзаде, Аминджона Шукухи и Гаффора Мирзо. Доказано, что морально-этические стихи являются собранием мудрых и поэтических слов, отражением нравственно-философских мыслей, художественного и жизненного видения Аминджана Шукухи, нового восприятия жизненных событий, соединения опыта и поэтического искусства, выражением послания в традиционном стиле, что поэтические стихи поэта быстро сохраняются и запечатлеваются в памяти.

Ключевые слова: история литературы, литература нового периода, поэзия, лирика, Аминджон Шукухи, тема, содержание, стиль, искусство, стиль живописи, традиция, фольклор, нравы, пословицы и поговорки.

REFLECTION OF MORAL THEMES IN THE WORK OF AMINDZHAN SHUKUKHA

This article examines one of the central themes of Aminjon Shukukha’s poems - advice and moral teaching; their content, artistic features, language and style of presentation are determined. The artistic reflection of a moral theme is considered one of the outstanding features of classical and new Tajik literature; examples of moral poems by Mirzo Tursunzade, Aminjon Shukukha and Gaffor Mirzo are given as evidence. It has been proven that moral and ethical poems are a collection of wise and poetic words, a reflection of moral and philosophical thoughts, the artistic and life vision of Aminjan Shukukha, a new perception of life events, a combination of experience and poetic art, an expression of a message in a traditional style, that the poet’s poetic verses are quickly preserved and are imprinted in memory.

Key words: history of literature, literature of the new period, poetry, lyrics, Aminjon Shukuhi, theme, content, style, art, painting style, tradition, folklore, morals, proverbs and sayings.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бобомаллаев Илҳомҷон Ҷанобович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми филология, дотсент, кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ilhom-b.89@mail.ru.** Тел.: **(+992) 555-05-15-50**

Сведения об авторе: ***Бобомаллаев Илхомджон Джанобович*** – Таджикский национальный университет, кандидат филологических наук, доцент, кафедра теории и современной таджикско-персидской литературы. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ilhom-b.89@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 555-05-15-50**

Information about the author: ***Bobomallaev Ilkhomjon Dzhanobovich*** **–** Tajik National University, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor, Department of Theory and Modern Tajik-Persian Literature. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ilhom-b.89@mail.ru.** Tel.: **(+992) 555-05-15-50**

ТДУ: 891.550-1+82

ТИМСОЛИ ВУҲУШУ ТУЮР ДАР СУВАРИ ХАЁЛИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Ӯрунова М.Р.
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров

Шеър, ки маҳсули эҳсосоту тафаккури инсонист, аз замони пайдоишу ташаккули хеш дар батни хеш тамоми мафҳумоти табиату коинот, ҳодисоти арзиву самовӣ, зиндагии инсонҳову муносибатҳои онон, ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, асмову падидаҳои олами набототу ҳайвонот ва ҳоказоро маҳфуз дошта меояд, яъне аҳли сухан барои орои андешаҳои гуногунтарҳи худ ба олами имкон муроҷиат намуда, ба василаи мафҳумоти фарогири он суварнигорӣ менамоянд. Дар фазои хаёлоти бадеии суханварон дар баробари номи ашхоси асотириву мазҳабиву таърихӣ, кӯлу дарёву кӯҳҳо ва мавзеъҳои мухталиф, олоту афзори зиндагиву ҳарб ва ҳоказо номи гулу гиёҳҳову дарахтон, парандагону дарандагон ва дигар ҳайвоноти хонагиву ваҳшӣ низ ҷойгоҳи хосса доранд. Аҳли сухан ба василаи корбурди чунин асмо мазмунсозиву маъниофаринӣ карда, ақидаву андешаҳои ахлоқиву фалсафӣ ва иҷтимоиву ахлоқии худро ироа намудаанд. Адабиётшинос Н.О. Османов дар хусуси сабки ашъори суханварони асрҳои IX-X ибрози андеша намуда, таъкид кардааст, ки “тасвири муносибатҳои мутақобилан қавӣ ва заиф дар назми форсу тоҷики асрҳои IX-X ба сӯйи ашёи мушаххас равона гардида, олами парандагону ҳайвонот ҳамчун мавод хизмат менамояд” (Изображение контрастных отношений сильный-слабый в персидско-таджикской поэзии IX-X вв. тяготеет к конкретным предметам, а материалом служит мир птиц и зверей) [5, с.214].

Соиби Табрезӣ дар замоне ба фаъолияти эҷодӣ шуғл варзидааст, ки сабки адабиёт рушду нумуъ карда, шоирон дар мазмунсозиву маъниофарӣ ба дараҷаи эъҷоз расида буданд, ибҳому печидагӯӣ ҳамчун нишондиҳандаи ҳунарӣ эътироф гардида буд, вале масолеҳи эҷоди бадеӣ ҳамоно он мафҳумоте буданд, ки шоирони даврони аввал коргирӣ менамуданд. Тимсоли туюру вуҳуш, мисли мӯр, моҳӣ, ғизол, гург, шер, фил, ҳумо, кабӯтар, самандар, булбул, боз, шоҳин, қумрӣ, каргас, хаффош ва ҳоказо, ки дар радифи дигар асмои ашёву мафҳумот аз ҷумлаи муҳимтарин маводи эҷоди бадеии шуарои даврони аввал маҳсуб меёфт, дар асри XVII ба пуркорбурдтарин масолеҳи эҷоди бадеӣ табдил ёфта, сабабгори тавлиди маъниҳои ғариб гардиданд. Агар дар шеъри сабки хуросонӣ номи вуҳушу туюр барои ифодаи далериву мардонагӣ, дар осори суханварони сабки ироқӣ барои баёни нотавониву оҷизӣ (ормонҳои ишқӣ) бештар хизмат намуда бошанд, дар шеъри шуарои сабки ҳиндӣ барои рӯнамо сохтани андешаҳои ишқии ирфониву ахлоқӣ ва афкору ақоиди фалсафиву иҷтимоӣ бештар хизмат намудааст. Чунончи, Соиби Табрезӣ дар байти зерин шикояти иҷтимоӣ пеш оварда, аз забони қаҳрамони лирикӣ – “ман” таъкид меварзад, ки ҳарчанд барои нафъи мардум хизматҳо ба ҷо оварда бошад ҳам – “аз сояи ӯ ба давлат расидани халқ”, вале мисли ҳумо ақаллан устухоне насиб набурдааст. Байтро номи мурғи афсонавӣ - ҳумо, ки хӯрокаш устухон аст ва хосияти ӯ, ки гӯё ба сари ҳар касе сояи боли вай афтад ба давлат хоҳад расид, шаҳомати маъноӣ бахшидааст:

Аз сояам агарчи ба давлат расида халқ,
Як мушти устухон набувад чун ҳумо маро [10, с.46].

Дар байти дигар бошад Мавлоно Соиб таҳаммулпазирии қаҳрамони лирикии хеш - “ман”-ро нисбат ба мушкилиҳои зиндагиву озорҳои замона изҳор дошта, таъкид бар он дорад, ки чуноне ки мурғи ҳумо бо вуҷуди саъдовар буданаш ғизояш чизи сахт - устухон аст, ӯ низ ин мушкилиҳоро барои хеш саҳл мегирад ва шукргузорӣ менамояд:

Нест ҷони сахти мо аз сахтии даврон малул,
Зиндагонӣ чун ҳумо аз устухон дорем мо [10, с.54].

Афзудан мебояд, ки Мавлоно Соиб дар ғазалиёташ аз байни асмои туюр ба тимсоли мурғи ҳумо таваҷҷуҳи бештаре дорад ва дар мазмунсозиву маъниофарӣ ва тарҳандозии афкору андешаҳои мухталифи хеш пайваста аз ин образ суд меҷӯяд. Чунончи дар байтҳои

зерин ин тимсол дар меҳвари тасвироти бадеии шоир қарор гирифта, маонии зеҳнрасро тавлид кардааст:

Зарраам чашм ба хуршедлиқое дорад,
Устухонам сари пайванди ҳумое дорад [10, с.441].

Ё худ:

Ёди айёме, ки моро бар сар аз озодагӣ,
Сояи боли ҳумо чун сояи ҷаллод буд [10, с.396].

Мавлоно Соиб дар байти зерин, ки мазмуни ирфонӣ дорад, бо истифода аз санъати истиора (девона-ошиқ, саҳро-водии муҳаббат) ва муболиға (аз нола кӯҳ кабки сабукрафтор гардидан) мазмуни ҷолиберо ба ҳам овардааст, ки бадеияти он иртибот бо номи паранда – кабк дорад. Чунончи:

Надорад ҳамчу ман девонае домони ин саҳро,
Ки кӯҳ аз нолаам кабки сабукрафтор мегардад [10, с.364].

Моҳӣ, ки ба зоти хеш далолат ба хомӯшӣ дорад ва туфайли дар зери об чашми боз доштану фулсҳои пурнақшу муҷаллояш далолат ба равшанӣ низ менамояд, дар шеъри шуарои классики форсу тоҷик басомади зиёд пайдо кардааст. Мавлоно Соиби Табрезӣ, ки ашъори пешгомони хешро арҷгузорӣ кардааст, низ аз тимсоли моҳӣ дар мазмунсозиву маъниофарӣ ба касрат истифода намудааст. Чунончи, дар байти зерин бо назардошти хусусияти биноӣ доштани моҳӣ дар зери об тариқи тамсил мазмунсозӣ карда, поксириштиву поктинатии қаҳрамони лирикӣ – "ман"-ро ба намоиш гузоштанӣ шудааст:

Чун дидаи моҳӣ, ки намояд зи таҳи об,
Аз ҷайби садаф суфта барояд гуҳари мо [10, с.47].

Ё худ дар байти дигар низ суханвар бо истифода аз санъати ташбеҳу тамсил, ки дар меҳвари он тимсоли моҳӣ қарор дорад, маънии зеҳнрасеро пайрезӣ намудааст. Дар тасвири шоир дили озурдаи қаҳрамони лирикӣ ба туфайли ҷамъият, яъне хотирҷамъӣ шуҳратёр гардид, мисли он ки моҳиён ба туфайли фулсҳои хеш гӯё гирифтори дом бошанд, ҷамъияти хотири қаҳрамони лирикӣ – "фулси мо" сабабгори дар назари мардум афтодани ӯ, яъне маъруф гардиданаш шуд. Чунончи:

Бар мало андохт ҷамъият дили озурдаро,
Фулси мо чун моҳиён гардид охир доми мо [10, с.95].

Тимсоли мӯрча, ки бештар далолат ба аҷзу нотавонӣ ва меҳнатдӯстиву меҳнатқаринӣ дорад, низ дар тасвири хаёли суханварони форсу тоҷик ҷойгоҳи хосса дорад. Образи мӯрча дар қиссаҳои мазҳабиву достонҳои иҷтимоӣ низ мақоми хосса касб кардааст, ки ниёз ба муаррифӣ надорад. Мавлоно Соиб дар баёни андешаҳои ирфонии хеш аз ин тимсол фаровон истифода карда, ҳиссиёту ҳаяҷони қаҳрамони лирикии хешро равшан инъикос кардааст. Чунончи, дар байти зерин суханвар ба амали мӯрча масал зада, қайд менамояд, ки мӯрча барои дарёфти як дона риёзати зиёд мекашад, аммо "барқи ҷаҳонсӯз"- истиораи Зоти улвӣ "рӯзӣ"-и ниёзи хешро наметавонад бо "дона" бароварда бошад, ӯро "хирман" мебояд. Ҳосили маънӣ ин аст, ки солик барои дарёфти як илтифоти кӯчаки Маъшуқ "хунҳо мехӯрад", вале бо дарёфти он ҳоло наметавонад мавриди назари Маъшуқ қарор гирад, аз он ки барои расидан ба Ӯ бояд "хирман"-ро дарёфт созад ва манзураш гардонад:

Мӯр дар ҳасрати як дона дили хеш хӯрад,
Рӯзии барқи ҷаҳонсӯз ба хирман бошад [10, с.354].

Агар дар байти болоӣ аҷзу нотавонии мӯрча барои дарёфти маънӣ суханварро ёварӣ карда бошад, дар байти дигар тимсоли мазкур новобаста аз кӯчакӣ қудрату тавоноӣ доштани хешро дар иҷрои баъзе амалҳо ба намоиш гузоштааст, яъне Мавлоно Соиб ба қиссаи Сулаймону мӯр талмеҳ мезанад ва сарриштаи корро дар зоҳиршавии лутфи Илоҳӣ ҷустуҷӯ ва дарёфт менамояд. Чунончи:

Эй Сулаймон, ин қадар истодагӣ даркор нест,
Мекушояд нохуни мӯре гиреҳ аз кори мо [10, с.80].

Мавлоно Соиб дар ғазалиёти хеш ба касрат аҳли дил, яъне соҳибдилонро арҷ гузоштаву ба суҳбати онон расиданро маслиҳат дода, аз он ки суҳбати аҳли дил қалбро равшанӣ мебахшад ва барои расидан ба мақсуд раҳкушоӣ менамояд. Бинобар ин,

суханвар хонандаи хешро талқин месозад, ки аз чизҳои беарзиши дунявӣ сарфи назар карда, бо соҳибдилон бипайвандад, то мисли занбӯри асал, ки бо ҳамнишинӣ бо гулҳои бӯстон хонаи хешро аз ангубин пур сохтааст, қалби хешро аз суханони пурмағз таскину тафреҳ бахшида бошад. Чунончи:

Аз хасу хошок бугзар, гирди дилҳо сайр кун,
То чу занбӯри асал пуршаҳд созӣ хонаро [10, с.78].

Тимсоли занбӯри асал низ дар мазмунсозиву маъниофариҳои Мавлоно Соиб ҷойгоҳи хосса дорад ва сабабгори офариниши маъниҳои ҷаззобу латифи шоирона гардидааст, ки ҳатто ниёз ба шарҳу тавзеҳ ҳам надоранд. Чунончи:

То чу занбӯри асал дар чашми ҳам ширин шаванд,
Беҳ, ки бошад хонаҳои дӯстон аз ҳам ҷудо [10, с.79].

Ё худ:

Қаноат кун, к-аз ин гулшан ба бӯе ҳар кӣ қонеъ шуд,
Чу занбӯри асал кошонааш пурнӯш мегардад [10, с.365].

Ё ки:

Оби лаъли ӯ зи хат шуд тира в-арна баъд аз ин,
Софии ин хона шамъи хонаи занбӯр буд [10, с.429].

Ғизол, ки дурусташ ғазол асту муродифи оҳуст, аз образҳои роиҷи адабиёти классикии форсу тоҷик аст. Мавлоно Соиб вожаҳои оҳуву ғизолро ҳам ба маънии аслӣ ва ҳам ба маъноҳои маҷозӣ дар шеъраш зиёд истифода намудааст. Чунончи, дар байти зерин чунин манзараро метавон ба хубӣ мушоҳида кард:

Зи нақши пои ғизолони дашт битвон ёфт,
Ба бӯи мушк паи он ғизоли раъноро [10, с.60].

Дар мисраи якум агар вожаи “ғизолон” тӯдаи оҳувонро ифода сохта бошад, дар мисраи дуюм бошад “ғизол” истиораи маҳбуба аст, ки бо сифати раъно ҳамҷоя омада, барои таъмини бадеияти байт нақш гузоштааст.

Ҷойи дигар бошад, лафзи “ғизолон” истиораи маъшуқагон аст ва қаҳрамони лирикии шоир ҳалқаи чашми эшонро ҳалқаи занҷири хеш меҳисобад ва маҳз назар сохтан ба ҳалқаи чашми маҳбубон сабабгори дар банди гирифторӣ мондани ӯ гардидааст. Чунончи:

Ҳалқаи чашми ғизолон, ҳалқаи занҷири мост,
Доим аз роҳи назар дар банди зиндонем мо [10, с.51].

Ба ин маънӣ, вале дар шакли танҳо дар байти дигар суханвар муродифи ғизол оҳуро корбаст намудааст, ки низ истиораи маҳбуба аст. Байт мазмуни ирфонӣ дошта, дар назди зебоиҳои Маъшуқи азалӣ мақом надоштани карашмаҳои маҳбуби заминӣ бо бадеияти том ифода гардидааст. Чунончи:

Ин чӣ чашм аст, ки аз ғамзаи безинҳораш,
Оби теғ аз сари оҳуи ҳарам мегузарад [10, с.446].

Шер дар адабиёт ҳамчун шоҳи ҳайвонот муаррифӣ гардидааст. То Мавлоно Соиб низ, хоссатан дар ашъори ҳамосӣ, аз ин образ дар маънисозиву манзарапардозиҳои суханварони форсу тоҷик коргирӣ шудааст. Дар ғазалиёти Соиб бошад ин образ бештар дар баёни афкору ақоиди иҷтимоиву ахлоқӣ хизмат намудааст. Чунончи дар байти зерин суханвар аз зуҳди хушки зоҳидони риёкор мулоҳизаронӣ карда, қайд месозад, ки барқи ин беша – риёкорӣ аз чашми шер аст (дар торикӣ барқвор тофтани чашми шер дар назар дошта шудааст – М.Ӯ.), ки асаре надорад, яъне қобили сӯхтану сӯзонидан ва равшаноӣ бахшидан нест:

Мавқуфи як пиёла бувад зӯҳди хушки мо,
Аз чашми шер барқ бар ин беша мехӯрад [10, с.442].

Ҷойи дигар фармояд:

Сияҳрӯзӣ надорад ишқи ӯ чун ман, ки Маҷнунро
Зи чашми шер шамъ аз баҳри болин мешавад пайдо [10, с.76].

Агар дар байтҳои болоӣ чашми шер дар мазмунсозӣ нақш дошта бошад, дар байти поёнӣ садои вай дар ифодаи маънӣ ба кумаки суханвар расидааст. Мавлоно Соиб қаҳрамони лирикии хешро дар ибтидо дар бехабарӣ аз олами ишқу ирфон ба тасвир

оварда, садои найро дар гӯши ӯ шабеҳи садои шер қаламдод менамояд, дар мисраи дуюм бошад ӯро дар ҳолати огоҳиву худшиносӣ инъикос намудааст, ки ҳамакнун садои най варо ёд аз наъраи шерона оварда:

Садои шер буд овози най з-ин пеш дар гӯшам,
Кунун аз най ба гӯшам наъраи шерона меояд [10, с.378].

Дар ҷаҳони тахайюлоти бадеии шоир дар радифи тимсолоти дар боло таҳлилёфта, образҳои фил, гург, гӯсфанд, мор, аждаҳо, асп, нахчир, хар ва ғайра низ барои ифодаи маъниҳои мухталиф коргар омадаанд. Чунончи дар байти зерин тимсоли фил барои ифодаи мазмуни шиквоӣ истифода шудааст, яъне ба андешаи шоир дар дунё мардуми зирак ҳамвора дар ранҷу азобанд, вале мастон – ҷоҳилон андешаи кори ҷаҳонро надоранд. Байни ибораи “фили маст”-у “мардуми ҳушёр” таносубу тазоди зебое ҷой дорад:

Мастон зи фили маст муҳобо намекунанд,
Зӯри фалак ба мардуми ҳушёр мерасад [10, с.428].

Дар меҳвари хаёлоти шоиронаи Мавлоно Соиб тимсоли вуҳушу туюр паҳлуи ҳам омада, маъниву мазмуни ҷаззобу рангин ва нишонрас сохтаанд. Чунончи дар абёти зерин, ки баргирифта аз як ғазаланд тимсоли анкабуту товус дар тасвири хаёли суханвар мақоми хоса касб кардаанд ва дар бунёди васоити тасвири бадеӣ, мисли тамсилу истиораву тавсиф саҳмгир шудаанд:

Аз ҳарисон нест чизе дар ҷаҳон ҷуз оҳи сард,
Ёдгор аз анкабутон риштаи омол монд...
Аз ҷавонӣ нест ғайр аз оҳи ҳасрат дар дилам,
Нақши пое чанд аз ин товуси зарринбол монд [10, с.509].

Суханвар ҳатто дар як байт ду образи ба ҳам зидро дар суварнигорӣ истифода намуда, маъниҳои ҷаззобу андешапарварро тарҳрезӣ кардааст. Чунончи дар байти зерин тавассути санъатҳои ташбеҳу истиораву маҷоз, ки таркибашонро асосан образи ғизолу шер ташкил додааст, маънии хуби ирфониро манзури хонанда кардааст:

Чашми ту ғизолест, ки девонаи моро
Аз панҷаи шерони қавичанг баровард [10, с.512].

Мавлоно Соиб чунон дар корбасти тимсоли вуҳушу туюр мумтоз гардидааст, ки ҳатто дар як мисраъ ва ё абёти мусалсал ду ё зиёда образҳои парандаву ҳайвонотро дар маъниофаринӣ истифода кардааст. Чунончи дар мисраи дуюми байти аввал тимсоли булбулу чуғд, ки хилофи ҳамдигаранд ва дар байти дуюм дар ду мисраъ образҳои кабку шаҳбоз, ки низ ба ҳамдигар тазоданду ҳар ду байт баргирифта аз як ғазаланд, паҳлуи ҳам омада, мазмунро шукӯҳу ҷилои хосса бахшидаанд:

Сӯҳбати ишқу хирад соз нагардад ҳаргиз,
Булбулу чуғд ҳамовоз нагардад ҳаргиз....
Кабк гар хандаи бечо накунад, ман зомин,
Ки гирифтор ба шаҳбоз нагардад ҳаргиз [10, с.527].

Мавлоно Соиб аз тимсоли туюру вуҳуш дар сохтани муродифоти бадеии ин ё он мафҳумот хеле зиёд суд ҷустааст. Масалан, дар байти зерин “тавсани бадрав” (тавсан – аспи саркаши ромнашуда –М.Ӯ.) киноя аз дунёст, ки воқеан ҳам ҷолиб афтодааст:

Макун зи чарх шикоят, ки тавсани бадрав,
Лагад ба кафравӣ аз тозиёна афзояд [10, с.499].

Мавлоно Соиб дар қисме аз ғазалҳояш тимсоли туюру вуҳушро ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои кӯчидаву мармуз истифода намуда, афкору ақоиди мухталифи хешро ироа кардааст. Чунончи, дар байтҳои поёнӣ, ки баргирифта аз як ғазали ишқиву ирфонии шоиранд, образҳои “булбул”-у “парвона”, ки ҳар ду дар шеъри ирфонӣ далолат ба ошиқ доранд, корбаст гардидаанд. Агар дар байти якум ин ду калима маънии маҷозӣ дошта бошад, дар байти сонӣ онҳоро метавон ҳам ба маънои аслӣ ва ҳам ба маънои маҷозӣ шарҳ кард:

Дар гулистон булбулу дар анҷуман парвона бош,
Ҳар куҷо доми тамошое, ки бинӣ, дона бош...
Бе муҳаббат магзарон умри азизи хешро,

Дар баҳорон андалебу дар хазон парвона бош [10, с.549].

Мавлоно Соиб дар маъниофаринӣ чунон дилбастагӣ ба тимсоли вуҳушу туюр дорад, ки ҳатто дар матлаъ ва мақтаи ғазалҳояш аз ин тимсолот фаровон коргирӣ менамояд. Чунончи, дар матлаи зерин, ки оҳанги шиква аз толеву тақдир дорад, суханвар дар мисраи дуюм, ки маҳз ба василаи корбасти вожаҳои “аждаҳо”-ву “мор” бадеияти том касб намудааст, ҳунари истифодаи огоҳонаву ҳунарваронаи хешро аз образҳои вуҳуш ба намоиш гузошта тавонистааст. Қаҳрамони лирикии шоир аз он забони шиква боз наменамояд, ки дар сурати лаб во карданаш ғами ӯ дуболо хоҳад шуд – “мор ба аждаҳо” мубаддал хоҳад гардид:

Шиква аз каҷравии толеи ворун чӣ кунам?

Аждаҳо мешавад ин мор ба афсун, чӣ кунам? [10, с.585].

Дар матлаи ғазали дигар, ки перомуни ишқ суҳбат менамояд, қаҳрамони лирикии шоир – “ман” васфи ҷамоли Маъшуқ кардаву ҳароси хешро аз “холи анбарин”-у “зулфи ёр” зоҳир сохтааст. “Ман”- и шоир таъкид месозад, ки тарси ӯ аз холи анбарини ёр аст ва аз он дида аз зулфи ёр бештар дар ҳарос аст. Мисраи дуюм, ки бадеияти том дошта, дар он образи мору муҳраи мор истифода шудааст, истиораи зулфу холи Маъшуқ аст, ки басо мутаносиб афтодааст:

Зи холи анбарин афзун зи зулфи ёр метарсам,

Ҳама аз мору ман аз мӯҳраи ин мор метарсам [10, с.596].

Мавлоно Соиб ҳусни мақтаи як қатор ғазалҳояшро маҳз тавассути корбасти тимсоли вуҳушу туюр таъмин карда, афкори ҷамъбастии худро бадеияти хос бахшидааст. Чунончи, дар мақтаи зерин, ки як хулосаи афкори ҳикамии суханвар перомуни масъалаи қаноат аст, қаҳрамони лирикии шоир – “ман” ишора ба он менамояд, ки ба бахшидаҳо - “туъмаи касон”, ки хорҳои миннат дорад – “пур аз мӯйи миннат аст”, шабеҳи каргасон чанги ҳирси хешро олуда намесозад, аз он ки миннати касон бурдан зояндаи азобҳои руҳист:

Бар тӯъмаи касон, ки пур аз мӯи миннат аст,

Олуда чанги ҳирс чу каргас намекунам [10, с.623].

Мавлоно Соиб ҳатто дар байтҳои ифтихории хеш низ аз тимсоли туюру вуҳуш истифода кардааст. Чунончи, дар мақтаи зерин, ки тариқи тамсил омадааст, Мавлоно Соиб ба ашъори баландмазмун - ширинсухании хеш ишора намуда, шикоят аз маъшуқи беэътино дорад, то ки бо ӯ бисозад, аз он ки оина аз суҳбати тӯтӣ наметавонад гурезон бошад. Байни оинаву маъшуқ ва тӯтиву суханвар – “Соиби ширинсухан” таносуби муносибе ба назар мерасад:

Оинаро зи сӯҳбати тӯтӣ гурез нест,

Эй сангдил, ба Соиби ширинсухан даро [10, с.149].

Моҷарои ишқу ақл, ки дар ашъори ирфонии кулли суханварони форсу тоҷик мушоҳида мешавад, Мавлоно Соибро низ бетараф нагузоштааст. Суханвар дар мақтаи зерин мегӯяд, ки муддатҳо дар банди ақл буда бошам ҳам, вале дар ин масофа “бо ғизолон сар ба саҳро” низ задаам, яъне дар ҷодаи ишқ ҳам гомҳо бардоштаам:

Умрҳо, Соиб, ба шаҳри ақл будам кӯчабанд,

Муддате ҳам бо ғизолон сар ба саҳро мезанам [10, с.635].

Ишқу алоқаи Мавлоно Соибро бо тимсоли туюру вуҳуш боз як далели дигарест. Суханвар ҳусни матлаъ ва мақтаи як ғазалро ба василаи исми парандагону ҳайвонот таъмин сохтааст. Чунончи, дар матлаи зерин, ки ба васфи маъшуқ бахшида шудааст, қади ёр нисбат ба сарв тарҷеҳ ёфтааст ва барои таъмини бадеият тимсоли фохта ба кумаки шоир расидааст, яъне аз зебоии қади маъшуқ сарв дар хиҷолат шуда, дар зери болҳои фохта, ки унсу ошноӣ бо сарв дорад, пинҳон гаштааст. Дар мақтаъ бошад образҳои булбулу тӯтӣ дар таъмини шеърият хизмат намудаанд. Суханвар таъкид месозад, ки чуноне ки тӯтӣ аз суҳбати оина соҳибсухан мегардад, қаҳрамони лирикии шоир аз нури ҳусни маъшуқ “булбул” шудааст. Шоир таносуби хубе байни партави ҳусну оина ва булбулу сухандон низ дарёфт намудааст. Лафзи “булбул” ба ду маънист, якум ошиқ ва дуюм сухангӯ:

Нахли қадди ту ба боғе ки хиромон гардад,

Сарв дар зери пари фохта пинҳон гардад...
Соиб аз партави ҳусн аст, ки булбул шудааст,
Тӯтӣ аз сӯҳбати оина сухандон гардад [10, с.480].

Афзудан мебояд, ки касрати корбасти тимсоли вуҳушу туюр ба яке аз аломатҳои сабки фардии шоир мубаддал гардидааст. Мавлоно Соиб дар корбасти номи парандагону ҳайвонот чунон завқу салиқае касб намудааст, ки ҳатто дар як мисраъ чунин тимсолотро паиҳам оварда, мазмунро нишонрас сохтааст. Чунончи, дар байти зерин, ки мазмуни ирфонӣ дорад, дарвешу тавонгарро ба ҳам муқобил гузошта, таъкид месозад, ки дарвеши соҳибдил аз урёнӣ аракрезон аст, вале тавонгари хушкмизоҷ бо либоси гарм ҳам дар ларзиш аст:

Зи урёнӣ арақ мерезад аз дарвеши соҳибдил,
Тавонгар дар самуру қоқуму санҷоб меларзад [10, с.325].

Далели қотеъ дар исботи яке аз аносири сабки фардии Мавлоно Соиби Табрезӣ қарор ёфтани корбасти тимсоли вуҳушу туюр ин аст, ки дар девони суханвар метавон бо ғазалҳое дучор гардид, ки аксари абёташ ба василаи асомии парандагону ҳайвонот тарҳрезӣ шудаанд ва дар ҳар байт маҳорати хосси мазмунсозиву маъниофаринии гӯяндаи он равшан ба назар мерасад. Чунончи, дар ғазали зерин, ки ҳамагӣ иборат аз ҳафт байт аст, дар чаҳор байти он аз образҳои “андалеб”, “фохта”, “боз” ва “ғизол” баҳрагирӣ шуда, маъниҳои ҷаззобу латиф пайрезӣ гардидаанд:

Гирифтагии дил аз чашми равшан аст маро,
Гирех ба ришта зи пайванди сӯзан аст маро.
Ғараз зи сайри чаман шӯри андалебон аст,
Вагарна синаи пурдоғ гулшан аст маро.
Миёни фохтагон сарбаланд аз он шудам,
Ки дасти сарви чаман тавқи гардан аст маро.
Касе ки айби маро мекунад ниҳон аз ман,
Агарчи чашми азиз аст, душман аст маро.
Аз он ба ҳифзи назар ҳамчу боз машғулам,
Ки дасту соиди шоҳон нишеман аст маро.
Ғизоле ки маро кардааст саҳроӣ,
Каманди гарданаш аз худгусастан аст маро.
Зи чоки синаи гул аз гирифтагӣ, Соиб,
Назар ба рахнаи девори гулшан аст маро [10, с.117].

Ҳамин тавр, метавон хулоса кард, ки баҳрабардорӣ аз тимсоли вуҳушу туюр дар мазмунсозиву маъниофаринӣ дар адабиёти форсу тоҷик собиқаи дерина дошта, он давра ба давра ба таҳаввулот дучор омадааст. Агар дар ашъори суханварони сабки хуросонӣ образҳои парандагону ҳайвонот бештар ба воқеият наздикӣ дошта, дар сохтани ташбеҳоту истиороти равшан ва тавсифоти воқеӣ ёрмандӣ карда бошанд, дар шеъри шуарои сабки ироқӣ бештар маъниҳои маҷозӣ касб намудаанд. Масалан, образҳои маъмулии “булбул”, “тӯтӣ”, “товус”, “ҳумо”, “анкабут”, “мӯр”, “малах”, “оҳу”, “шер”, “мор”, “аждаҳо” ва ғайра, ки бо бештарашон дар қиссаҳои қуръониву ривоёти марбут ба паямбарону авлиёҳо бархӯрд менамоем, дар ғазал мазомини ирфонӣ касб намуда, барои ифодаи ормонҳои ошиқонаи орифона хидмат кардаанд.

Дар ашъори намояндагони сабки ҳиндӣ, хоссатан ғазалҳои Мавлоно Соиби Табрезӣ, тимсоли вуҳушу туюр басомади зиёд пайдо карда, тарҳандозии маъниву мазомини ишқиву ирфонӣ, фалсафиву ахлоқӣ ва иҷтимоиву тарбиявиро таъмин сохтаанд. Баррасиву таҳлили ғазалиёти суханвар аз нигоҳи баҳрагирӣ аз образҳои парандагону ҳайвонот дар мазмунсозиву маъниёбӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки чунин тарзи суханофаринӣ ба яке аз хусусиятҳои сабки фардии Соиби Табрезӣ табдил ёфтааст.

Муқарриз: ***Тоҷибоев Ш.Ғ.*** – н.и.ф., ДДХ ба номи Б.Ғафуров

А Д А Б И Ё Т

1. Девони Соиби Табрезӣ. Бо эҳтимоми Ҷаҳонгири Мансур. Иборат аз ду ҷилд. - Теҳрон: Муассисаи интишороти Нигоҳ, 1384. - 1896 с.
2. Зеҳнӣ, Тӯрақул. Санъати сухан / Тӯрақул Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1979. - 279 с.
3. Нуров, Н. Поэтикаи ғазалиёти Мирзо Абдулқодири Бедил / Н.Нуров. – Хуҷанд: Ношир, 2020. – 443 с.

4. Нуруллоева, М. Соиби Табрезӣ (пажуҳише дар ҳунари шоирӣ) / М.Нуруллоева. - Хуҷанд: Нури маърифат, 2005. - 78 с.
5. Османов, Н.О. Стил персидско-таджикской поэзии 1Х-Х вв. / Н.О. Османов. - М.: Наука, 1974. – 567 с.
6. Пригарина, Н.И. Индийский стил и ее место в таджикско-персидской литературы / Н.И.Пригарина. - М., 1991. - 212 с.
7. Саъдиев С. Адабиёти тоҷик дар асри ХУП / С.Саъдиев. - Душанбе: Дониш, 985. - 284 с.
8. Соиб ва сабки ҳиндӣ дар густураи таҳқиқоти адабӣ. Бо кӯшиш ва эҳтимоми Муҳаммад Расули Дарёгашт. - Теҳрон, 1371. – 456 с.
9. Соиби Табрезӣ. Куллиёт. Бо муқаддима ва шарҳи ҳоли шоир аз Муҳаммад Аббосӣ. - Теҳрон: Исфанд,1374. - 1834 с.
10. Соиб. Мунтахабот / Соиби Табрезӣ. – Душане: Ирфон, 1980. – 703 с.

ТИМСОЛИ ВУҲУШУ ТУЮР ДАР СУВАРИ ХАЁЛИ СОИБИ ТАБРЕЗӢ

Дар мақола оид ба ҷойгоҳи тимсоли вуҳушу туюр дар мазмунсозиву маъниофариниҳои намояндаи маъруфи сабки ҳиндӣ Соиби Табрезӣ маълумот дода шудааст. Муаллиф аз баррасии мавзуъ ба чунин натиҷа расидааст, ки баҳрабардорӣ аз тимсоли вуҳушу туюр дар мазмунсозиву маъниофаринӣ дар адабиёти форсу тоҷик собиқаи дерина дошта, он давра ба давра таҳаввул ёфтааст. Агар дар ашъори суханварони сабки хуросонӣ образҳои парандагону ҳайвонот бештар ба воқеият наздикӣ дошта, дар сохтани ташбеҳоту истиороти равшан ва тавсифоти воқеӣ ёрмандӣ карда бошанд, дар шеъри шуарои сабки ироқӣ бештар маъниҳои маҷозӣ касб намудаанд. Дар ашъори намояндагони сабки ҳиндӣ, хоссатан ғазалҳои Мавлоно Соиби Табрезӣ, тимсоли вуҳушу туюр басомади зиёд пайдо карда, тарҳандозии маъниву мазомини ишқиву ирфонӣ, фалсафиву ахлоқӣ ва иҷтимоиву тарбиявиро таъмин сохтаанд. Баррасиву таҳлили ғазалиёти суханвар шаҳодат аз он медиҳад, ки образҳои парандагону ҳайвонот дар мазмунсозиву маънигузориҳои шоир ҷойгоҳи махсус пайдо намуда, чунин тарзи суханофаринӣ яке аз шохисаҳои сабки фардии Соиби Табрезиро ташкил додааст.

Калидвожаҳо: Соиби Табрезӣ, сабки ҳиндӣ, ғазалиёт, образофаринӣ, тимсоли вуҳушу туюр, мазмунсозиву маъниофарӣ, ҳунари суханварӣ.

ОБРАЗЫ ПТИЦ И ЖИВОТНЫХ В ВООБРАЖЕНИИ САИБА ТАБРЕЗИ

В статье даны сведения о месте образов птиц и животных в содержательном творчестве и интерпретации известного представителя индийского стиля Саиба Табрези. Изучив тему, автор пришел к выводу, что использование метафор в создании контента и смыслообразовании в персидско-таджикской литературе имеет давнюю историю и время от времени развивалось. Если в стихах носителей хорасанского стиля образы птиц и животных более близки к действительности, они помогают создавать четкие сравнения и метафоры и реалистические описания, то в поэзии иракского стиля они имеют больше метафорическое значение. В стихотворениях представителей индийского стиля, особенно в газелях Мауланы Саиба Табрези, образ птиц и животных стал очень частым, и они придали оформлению романтически-мистический, философско-нравственный, социально-просветительский смыслы. Обзор и анализ поэзии поэта свидетельствует о том, что образы птиц и животных нашли особое место в творчестве и интерпретации поэта, и такой способ речевого творчества является одним из показателей личного стиля Саиба Табрези. .

Ключевые слова: Саиб Табрези, индийский стиль, газели, создание образа, репрезентация искусства, создание содержания и смысла, искусство речи.

IMAGES OF BIRDS AND ANIMALS IN THE IMAGINATION OF SAIB TABREZI

The article provides information about the place of images of birds and animals in the meaningful creativity and interpretation of the famous representative of the Indian style Saib Tabrezi. Having studied the topic, the author came to the conclusion that the use of metaphors in content creation and meaning-making in Persian-Tajik literature has a long history and has evolved from time to time. If in the poems of the speakers of the Khorasan style, the images of birds and animals are closer to reality, they help to create clear comparisons and metaphors and realistic descriptions, then in the poetry of the Iraqi style they have a more metaphorical meaning. In the poems of representatives of the Indian style, especially in the ghazals of Maulana Saib Tabrezi, the image of birds and animals became very frequent, and they gave the design romantic-mystical, philosophical-moral, social-educational meanings. A review and analysis of the poet's poetry indicates that images of birds and animals have found a special place in the poet's creativity and interpretation, and this method of speech creativity is one of the indicators of Saib Tabrezi's personal style. .

Key words: Saib Tabrezi, Indian style, ghazals, image creation, representation of art, creation of content and meaning, art of speech.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Ӯрунова Мавҷуда Рустамовна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти классикии тоҷик. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар. Мавлонбеков, 1

Сведения об авторе: ***Урунова Мавджуда Рустамовна*** – Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, кандидат филологических наук, доцент кафедры классической таджикской литературы. **Адрес:** 735700, г. Худжанд, Республика Таджикистан, проезд. Мавлонбекова, 1

Information about the author: ***Urunova Mavjuda Rustamovna*** – Khujand State University. Academician B. Gafurov, Candidate of Philological Sciences, Associate Professor of the Department of Classical Tajik Literature. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, passage. Mavlonbekova, 1

ТДУ: 891.550-1+82

МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ БАЧАГОНАИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

Лайламои Худойназар
Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Яке аз қисматҳои асосӣ, арзишманд ва ба таҳқиқ ниёзманди осори манзуми Ғаффоралӣ Сафарро ашъори бачагона ташкил медиҳад. Пажуҳиш дар шеъри шоир нишон медиҳад, ки ӯ дар навиштани ин навъи шеър маҳорати хосса дорад. Шеърҳои бачагонаи шоир муассиру дилнишин ва содаву равон буда, ба табъу завқи кӯдакони синну соли гуногун мувофиқ эҷод гардидаанд. Маълум аст, ки Ғаффоралӣ Сафар шоири мушоҳидакор ва дақиқсанҷ буда, пеш аз эҷоди шеърҳои бачагона олами бачаҳоро хеле хуб омӯхтааст ва ҳамин аст, ки ба кӯдакони гуногунсол чӣ гуфтан ва чӣ гуна гуфтанро хеле хуб медонад ва кӯшиш менамояд, ки матлаби ӯ барои хурдсолон фаҳмову ақлрас бошад. Масъалаҳое, ки шоир дар шеърҳои бачагонаи худ ба миён мегузорад, ба дунёи кӯдакону наврасон иртиботи бевосита доранд. Барои мисол, маълум аст, ки барои кӯдак азизтарин ва наздиктарин шахс модар аст, ки касе ва ё чизи дигаре ӯро иваз карда наметавонад ва дар пеши кӯдак қадру манзалати модарро нахоҳад дошт. Ҳамин аст, ки кӯдак тамоми чизи писандида ва барояш дилпазирро ба модар муқоиса менамояд ва бо вуҷуди изҳори мафтунии худ аз ин чизҳо онҳоро дар муқоиса бо модар ночизу беарзиш меҳисобад. Дар шеъри бачагонаи «Ситораи модар» мо ҳамин ҳолатро мушоҳида менамоем:

Боҳарорат, пурҷило
Ситораҳои фазо.
Вале ситорае ҳаст,
Бале, ситорае ҳаст.
Ки гарм асту пурзиё,
Ҳузур диҳад ҷони мо.
Он, ки гарму хуштар аст,
Ситораи модар аст [5, с.3].

Муҳаққиқон борҳо қайд кардаанд, ки навиштани шеъри бачагона кори хеле заҳматталаб ва душвор аст. Шоире ба гуфтани ин навъи шеър қодир аст, ки аз дунёи рангоранги бачаҳо, табъу завқ ва майлу муроди бачаҳо огоҳ бошад ва имкону ҳавсалаи ба ин дунёи зебову рангоранг даромадан дошта бошад. Ба қавли Юсуф Акбаров “бачагони ҳар синну сол табиату завқ ва хислатҳои хос доранд. Бинобар ин, барои навиштани асар барои бачагони ин ё он синну сол тағйироти психологӣ ва тарзи тафаккури онҳоро хуб донистан лозим аст. Дар сурати ғайри риояи ин талабот асари адиб на ба бачагон лозим аст ва на ба калонсолон” [1, с.192].

Таҳқиқи шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин масъала мушкил надорад ва тафовути синнусолии бачаҳоро хеле хуб дарк менамояд. Бо дарки ҳамин муқаррароте, ки аз ҷониби муҳаққиқи адабиёти бачагона – Юсуф Акбаров қайд гардидааст, шоир андозаи фаҳму дарк ва завқу ҳаваси бачагони гуногунсолро ба назар гирифта, барои онҳо шеър мегӯяд. Яъне, агар барои кӯдакони хурдсол шеър гӯяд, аз мураккабаёнӣ ва тафсилоти барзиёд худдорӣ намуда, бештар аз ҳунари тасвиргарӣ ва равону шево сухан гуфтани худ истифода мебарад. Кӯшиш мекунад, ки воқеаи ҳаётӣ ва ё тахайюлии тасвиркардаи ӯ ачибу ақлтасхиркунанда бошад ва кӯдаконро мафтун карда тавонад. Зимни барои кӯдакони синни мактабӣ шеър гуфтан бошад, ӯ бештар ба ҷанбаи таълимӣ ва тарбиявӣ доштани шеъри худ аҳаммият медиҳад.

Маълум аст, ки хурдсолон дунёро ба чашми худ мебинанд ва хулосабарории онҳо низ аз рӯйдоду ҳаводис танҳо махсуси ҳисси дунёшиносии онҳост. Бо вуҷуди он ки ин ҳис аксаран бо иштибоҳ тавъам аст, хаёлоти рангин ва олами афсонавии кӯдакон марғубу дилписанд аст. Барои мисол, дар як шеъри Ғаффоралӣ Сафар, ки “Себи шакархӯр” ном дорад, мо ба ҳамин гуна ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии кӯдакон рӯ ба рӯ мешавем. Сужаи ин шеър ҷолиб ва мароқангез буда, шоир воқеаи хандаовареро нақл мекунад, ки мувофиқи он Шараф ном писарбача бехи дарахти себро кофта, ба он ҷо шакар меандохт.

Вақте ки бародараш аз ӯ сабаби ин амалашро мепурсад, ӯ ҷавоб медиҳад, ки мехоҳад себи туршмаззаашонро ширину бомазза гардонад:

Додарчаи ман Шараф
Беле гирифта ба каф,
Гирди себеро мекофт,
Онҷо шакар меандохт.
Сабабашро ҳамон дам
Аз додарам пурсидам.
Шараф бигуфто:
-Ако,
Ин себи туршамонро
Бехашро қандин кунам,
Таъмашро ширин кунам [5, с.6].

Тавре мушоҳида мешавад, воқеаи тасвиркардаи шоир барои хонандаи хурдсол боварибахш ва ба фаҳм наздик аст ва онҳо аз ин амали қаҳрамони асар ба завқ меоянд.

Маълум аст, ки кӯдакон ниҳоят кунҷков буда, ҳар чизеро ба зудӣ шинохтан ва сабаби ҳар як воқеаеро донистан мехоҳанд. Ҳамин майлу хоҳиш боис мегардад, ки онҳо аксаран аз воқеаву ҳаводис хулосаҳои нодуруст, вале аҷибу диққатҷалбкунанда мебароранд. Кӯдакон бо мушоҳидаи касҳову чизҳо ва ё ҳолатҳои гуногун шабоҳате ба онҳо аз олами иҳотакардаи худ ҷустанӣ мешаванд ва хулосабарории онҳо низ дар асоси ҳамин шабоҳату монандиҳо сурат мегирад. Барои мисол, кӯдакон шояд борҳо аз калонсолон шунида бошанд, ки табхол, ки дар лаб ҳувайдо мешавад, натиҷаи тарсу ваҳми инсон аз ягон рӯйдоди даҳшатангез ва ваҳмовар аст. Дар ҳамин асос қаҳрамони яке аз шеърҳои Ғаффоралӣ Сафар қорчҳоеро, ки баъди садои даҳшатноки тундар дар рӯйи замин пайдо мешаванд, ба табхолҳое монанд кардааст, ки дар лаби замини аз тундар тарсида рӯйидаанд:

Бисёр ҳам баланде
Садои тундар омад,
Аз раҳраву подаҷо,
Аз равзани дар омад.
Чунон тарақ-туруқ кард,
Замин ба ларза омад.
Дар лабаш табхолаҳо
Аз қорчҳо баромад [5, с.12].

Ба ҳамин монанд тасаввури кӯдакона дар шеъри дигари Ғаффоралӣ Сафар, бо унвони “Сармо”, мушоҳида мешавад. Мувофиқи ин тасаввур оби ҷӯй аз сармои зимистон тарсида, дар ҷойи худ шах шудааст ва дар зери пардаи ях худро пинҳон кардааст:

Сармои имсол
Бераҳм омад.
Дуд аз димоғи
Ҷӯйча баромад.
Гурдакаф шуда,
Ҷӯйча шах шудаст.
Аз тарс пинҳон
Зери ях шудаст [5, с.14].

Хурдсолон ботини поку беолоиш доранд ва ҳамин руҳи поку наолуда онҳоро на танҳо бо одамон, балки ба ҳама махлуқот ҳамдарду ғамшарик мегардонад. Кӯдакон нисбат ба дигар афроди ҷомеа ҳассостару таъсирпазиртаранд ва ҳар як рӯйдоди хушу нохуши зиндагӣ ба осонӣ дар руҳияи онҳо асар мегузорад ва онҳо ба ин ҳаводис ба андозаи фаҳму дарк ва қуввату тавони худ вокуниш нишон медиҳанд. Бахусус, таваҷҷуҳи онҳо ба ҳайвоноту парандагони хонагӣ калон аст ва худро як навъ барои нигоҳубин ва ҳифзу парвариши онҳо масъул меҳисобанд. Онҳо бо тақлиду пайгирӣ аз калонсолон ба мурғон обу дон медиҳанд ва аз обу алафи гову гусфандон хабардорӣ менамоянд. Ҳамин ҳолат дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар низ тасвири бадеии худро ёфтааст. Ба қавли устод Р. Амонов, “бедор ва пурқувват кардани ҳисси дилсӯзии бачагон нисбат ба

табиат, нисбат ба ҳайвонот ва парандагон дар ҳамаи замонҳо аҳаммияти махсус дошт” [2, с.85].

Ғаффоралӣ Сафар бо дарки ҳамин масъулияти ба дӯши адиби бачагон вогузоршуда, дар шеърҳои худ дар баробари тасвири ҳисси дилсӯзии кӯдакон ба олами ҳайвоноту наботот ҳамин ҳисро дар вуҷуди онҳо парвариш додан мехоҳад.

Барои мисол, дар шеъри зерин мухотаби қаҳрамони хурдакак мурғи хонагист, ки баъди гаштугузори озодона дар берун ба катак даромадан намехоҳад. Кӯдаке, ки масъули нигоҳубини ин мурғ аст, ӯро бо навозишу дӯстдорӣ ба катак раҳнамоӣ кардан мехоҳад. Дар ин хитобаи ӯ баробари ваъдаи дону об тарс додан аз беҳимоятӣ низ мушоҳида мешавад. Яъне, барои мурғ ягона ҷойи амну бехавф катаки маҳкам аст, вагарна ӯ аз чанги рӯбоҳ наҷот ёфта наметавонад:

Биё, биё, мурғакҷон,
Катак даро, мурғакҷон.
Нарав ту бар ҷои дур,
Донат партофтаам, хӯр.
Ҳоло ки зимистон аст,
Хунукӣ ҳукмрон аст.
Агар ту гум кунӣ роҳ,
Афтӣ ба чанги рӯбоҳ [5, с.14].

Ба қавли мунаққиди пуркор Юсуф Акбарзод: “Диққати бачагонро бештар ҳайвоноту парандагон ба худ ҷалб менамоянд. Бинобар ин, дар асарҳои бачагона парандагону ҳайвонот ба сифати инсон иштирок доранд ва амал мекунанд. Вале бо ин гапҳо масъала ҳал намешавад. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки чунин асарҳо пур аз ҷӯшу хурӯш, шодию фараҳ ва самимият буда, хеле шавқовар, содаю кӯтоҳ ва ба доираи фаҳмиши бачагон мувофиқу мутобиқ бошанд” [1, с.193].

Таҳқиқи шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ аз ин муқаррароту талаботи адабиёти кӯдакону наврасон огоҳ аст ва кӯшиш менамояд, ки шеъри ӯ ба табъу завқи хонандаи хурдсол мувофиқ бошад ва аксари вақт ин саъю кӯшишҳои ӯ ба мақсад мувофиқ сурат мегиранд. Барои мисол, дар яке аз шеърҳои кӯдаконаи ӯ, ки “Кабк” унвон дорад, мо натиҷаи ҳамин саъю кӯшиши муваффақонаро эҳсос менамоем. Шоир дар ин шеъри худ бо алфози содаву равон ва шевову дилнишин ин парандаи зебои кӯҳистони тоҷикро тавре тасвир намудааст, ки дилхоҳ хонандаи хурдсолро ба завқ меорад:

Мисли арӯси зебо
Худатро дода оро.
Ҳай хуб мехиромӣ,
Марғуб мехиромӣ.
Куртаи нақшин дорӣ,
Қақраи ширин дорӣ.
Усмаи абрӯи ту,
Нигоҳи дилҷӯи ту
Зебаки кӯҳсор аст,
Шеъраки обдор аст [5, с.15].

Тавре мушоҳида мешавад, Ғаффоралӣ Сафар саъю кӯшиш кардааст, ки шеърҳои бачагонааш содаю равон ва ба табъу завқи кӯдакон мувофиқ бошанд ва ба ин мақсади худ хеле хуб ноил гардидааст.

Маълум аст, ки мақсади дилхоҳ намояндаи адабиёти бачагона танҳо ба завқ овардани хонандагон ва болидаруҳу хурсанд намудани онҳо нест, балки мақсад ва ҳадафи асосии онҳо дар руҳияи ахлоқи неки инсонӣ тарбия намудани хурдсолон аст. Чунонки устод Рачаб Амонов қайд кардаанд: «Адабиёти бачагона ба ҳамаи он талаботҳое, ки мо нисбат ба эҷодиёти баландсанъат ва пурмазмуни бадеӣ дорем, бояд пурра ҷавоб диҳад. Аз ин ҷиҳат, он аз адабиёти калонсолон қатъан фарқ намекунад. Бо вуҷуди ин, адабиёти бачагона хусусиятҳои хос дорад. Ба зиммаи он, пеш аз ҳама, вазифаи таълиму тарбия вогузошта мешавад, яъне адабиёти бачагона ҳам аҳаммияти таълимӣ ва ҳам аҳаммияти тарбиявӣ касб мекунад» [2, с.21].

Ғаффоралӣ Сафар низ аз моҳияти таълимию тарбиявии адабиёти бачагона огоҳ аст ва ҳамин аст, ки дар ашъори бачагонаи худ масоили гуногуни ахлоқиро ба миён мегузорад ва ҳам то андозае ба кӯдакону наврасон нуктаҳои ибтидоии илму донишро омӯзондан мехоҳад.

Барои мисол, донистани қадру қимати неъматҳои бебаҳое, ки сабабгори зинда монанди инсонанд, аз ҷумла обу нон, аз ҷумлаи масоилест, ки дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар баррасӣ гардидаанд. Дар шеъри "Қадри нон" қаҳрамони ҳадафи тасвир бачаест, ки аз рӯйи таъкиди калонсолон қадру қимати нонро медонад ва ба ҳамин хотир дар зери по дидани онро намехоҳад. Ӯ аз момои худ шунидааст, ки касе қадри нонро намедонад, хору залил ва бечора хоҳад шуд. Маълум аст, ки нон дар маҷмуъ ифодагари тамоми неъматҳои моддист, ки қадршиносӣ аз онҳо эҳтироми ранҷу заҳмати калонсолон аст, ки дар омода кардани ин неъматҳо саҳм гузоштаанд. Яъне, ба василаи эҳтироми нон инчунин кӯдак ба қадри меҳнату заҳмат расиданро меомӯзад:

Дар вақти бозӣ
Бо ҷӯраҳоям
Дар қади кӯча
Дар пеши поям
Нонрезаҳоро
Дида гирифтам,
Аз рӯйи замин
Чида гирифтам.
Ба гуфти момо
Нонро кунӣ хор,
Ба як бурда нон
Ту мешавӣ зор [4, с.12].

Аз хурдӣ кӯдаконро дар руҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардан аз урфу одатҳои ҳамидаи ниёгони мост. Барои он ки кӯдакон ба муфтхӯрӣ ва туфайлихор будан одат накунанд, калонсолон фарзандонашонро дар хурдии онҳо ба навъҳои гуногуни меҳнати дастӣ ошно мекунанд. Гоҳо кӯшиш мекунанд, ки бо коре онҳоро шарики худ гардонанд. Барои мисол, ҳангоми сохтани чизе аз фарзандон хоҳиш мекунанд, ки як гӯшаи онро дошта истанд ва ба ҳамин васила худро дар кори падар шарик ҳисобанд. Ба ҳамин тартиб кӯдак аз кори кардаи худ сарфарозу масрур мегардад ва зимнан кайфияти бо заҳмати худ нон хӯрданро ҳосил мекунад. Вале дар ин миён ҳастанд кӯдаконе, ки аз нозбардории зиёдатии падару модар меҳнатбезору коргурез ба воя мерасанд. Қаҳрамони шеъри "Зӯр"-и Ғаффоралӣ Сафар ба гурӯҳи ҳамин гуна бачаҳои меҳнатбезор мансуб аст. Ӯ дар назди рафиқонаш худро зӯру тавоно нишон диҳад ҳам, аз кор кардан ва заҳмат кашидан метарсад:

- Ман зӯраму ман зӯрам,
Бо зӯриям машҳурам. -
Таъриф мекунад худро
Пеши бачагон Асо.
Вале Асоҷони мо,
Вале паҳлавони мо
Аз кор кардан тарсад,
Чун барги бед ларзад [4, с.27].

Маълум аст, ки шеъри боло хусусияти ҳаҷвӣ дошта, шоир ба василаи ҳаҷву масхараи Асо хонандаи хурдсоли худро аз хислати бади ӯ, яъне коргурезии ӯ барҳазар доштан хостааст. Забони киноямези шеър низ барои хурдсолон фаҳмост ва кӯдакон ба осонӣ мақсаду мароми шоирро мефаҳманд ва дарк менамоянд, ки шоир ҳамчун насли калонсол меҳнатбезору туфайлихор тарбия ёфтани бачаҳоро намехоҳад.

Масъалаи дигари ахлоқие, ки дар шеърҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар баррасӣ гардидааст, некукорӣ ва ёрӣ расондан ба дигарон мебошад, ки ин кирдори шоёни таҳсин миёни мардум бо истилоҳи "кори савоб" маъруф аст. Дар яке аз шеърҳои шоир, ки низ "Кори савоб" ном дорад, писарбачае бо дархости мӯйсафеди раҳгузар ба ӯ як коса об медиҳад ва туфайли ин кори худ шоду хуррам мегардад. Чунки ӯ аз калонсолон

шунидааст, ки об додани як инсони ташна беҳтарин кор аст ва савоби бениҳоят дар пай дорад:

Марди пире раҳгузар
Гуфто ба ман: Эй писар,
Ташнаам, обам биёр,
Беҳоламу бемадор.
Дар коса обаш додам,
Аз кардаи худ шодам.
Ташнаеро диҳӣ об,
Беҳтарин кори савоб [4, с.10].

Маълум аст, ки калонсолон ба василаи тарғиби ҳамин гуна корҳои савоб аз кӯдакӣ фарзандони худро ба некукориву ҷавонмардӣ омӯхта кардан мехоҳанд. Натиҷаи ҳамин навъ тарбия аст, ки минбаъд дар ҷамъияти инсонӣ одамон ба ҳамдигар ба осонӣ созиш мекунанд ва дар ғаму шодии якдигар шарик мегарданд. Агар ҳамин навъ тарбия набошад, носозиву хушунатҳо дар ҷамъият зиёдтар рӯй медиҳанд ва дунё боз ҳам пурошӯбтар мегардад.

Ба қавли донишмандон, кӯдак ба монанди саҳифаи нонавиштаест, ки калонсолон имкон доранд дар он ҳар ҳарфе, ки дилашон мехоҳад, нақш кунанд. Яъне, агар хостгор бошанд, ки фарзанди онҳо дузду роҳзан ва ё мардумфиребу туфайлихор ба воя расад, онҳоро дар ҳамин руҳия тарбия мекунанд, вале агар баръакс некукору ҷавонмард ба воя расонидани фарзандони худро мехоҳанд, ҳамин гуна амалҳои неку савобро ба онҳо меомӯзонанд.

Гоҳо шоир барои таъсирбахштар шудан масоили ахлоқиро дар қолаби тамсил баён менамояд. Ин тарзи ифодаи фикр, дар ҳақиқат, муассир ва диққатҷалбкунандатар аст, чунки бачаҳо шунидани афсона ва ҳар гуна нақлу ривояти ҷолибро дӯст медоранд. Ғаффоралӣ Сафар дар шеъри “Ғуки таърифӣ”, ки дар асоси масали русӣ эҷод гардидааст, хислати худписандиро танқид кардан хостааст. Мувофиқи ин масал ғук аз хоб бархоста, ба сурудхонӣ ва васфу ситоиши худ даромад. Ӯ худро аз ҳама зеботару олуфтатар ва донотару тавонотар тасвир кард, вале ин тавсифу ситоиши бепояи ӯ ба лаклак ҳеҷ нафорид ва лаклак дар ивази рафтори норавои ғук ӯро фурӯ бурд:

Рӯзе баромад аз об
Ғӯке, ки хест аз хоб.
Созу тарона сар кард,
Гӯши ҳамаро кар кард.
Вақ-ваққунон бигуфто:
-Манам чӣ гуна зебо,
Хона лаби ҷӯ дорам,
Ҷомаи хушрӯ дорам.
Лаклак шунид овояш,
Таърифи норавояш,
Чанг заду ӯро бурд,
Ғӯки таърифиро хӯрд [4, с.19].

Масъалаи ахлоқие, ки дар шеъри бачагонаи боло мавриди баррасӣ қарор гирифтааст, танқиди хислати худписандӣ ва ғуруру манманист. Шоир гуфтан мехоҳад, ки шахси мағруру худписанд оқибат ба сазои аъмоли нохуби худ гирифтор мешавад, чунки дар худписандии ӯ дигарон коҳиш дидани иззати нафси худро мебинанд. Ба ҳамин хотир, инсон бояд хоксору фурутан бошад, то касеро нохост озурдаву хашмгин насозад.

Хулоса, асарҳои бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар дар баробари дигар хусусиятҳои писандида аз моҳияти хуби ахлоқӣ бархӯрдор буда, дар тарбияи насли хурдсоли даврони Истиқлолият саҳмгузор хоҳанд буд.

Муқарриз: ***Бобомаллаев И.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров, Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур / Ю.Акбаров. - Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.
2. Амонов, Р. Адабиёт ва бачагон / Р.Амонов. - Душанбе: Ирфон, 1981. – 224 с.
3. Бобокалонова, Ҷ. Материалҳо оид ба адабиёти бачагонаи тоҷик / Ҷ.Бобокалонова. – Душанбе: Маориф, 1975. – 208 с.
4. Ғаффоралӣ Сафар. Офтобаки қолинбоф / Сафар, Ғаффоралӣ. - Душанбе: Адиб, 2006. – 48 с.
5. Ғаффоралӣ Сафар. Кокули зимистон / Сафар, Ғаффоралӣ. - Қурғонтеппа, 2007. – 32 с.
6. .Мирзозода, Х. Назму насри солҳои 20 / Х.Мирзозода, А.Сайфуллоев, А.Абдуманнонов // Таърихи адабиёти советии тоҷик. Ҷилди 1. - Душанбе: Дониш, 1984. – 356 с.
7. Мусулмонқулов, Р. Назарияи адабиёт / Р.Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
8. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷ.1. (Муқаддима ва мавзеҳоти Х. Шарифов, А. Абдусатторов) / З. Сафо. – Душанбе, 2001. – 160 с.
9. Т.Зеҳнӣ. Санъати сухан / Зеҳнӣ, Т. – Душанбе: Адиб, 2007. – 400 с.
10. Файзуллоев, Н. Шеъри атфол дар асри ХХ / Н.Файзуллоев. – Хуҷанд, 2005. – 236 с.
11. Шарифов, Х. Каломи бадеъ / Х.Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991.
12. Шакурӣ, М. Нигоҳе ба адабиёти тоҷикии садаи бист / М.Шакурӣ. – Душанбе, 2006. – 456 с.

МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ АШЪОРИ БАЧАГОНАИ ҒАФФОРАЛӢ САФАР

Ғаффоралӣ Сафар дар баробари осори манзуму мансуре, ки барои калонсолон эҷод кардааст, барои хурдсолон низ як зумра осори гуногунжанри манзум офаридааст. Шеъру сурудҳои бачагона аз ҷумлаи жанрҳое ҳастанд, ки шоир ба василаи онҳо афкори бадеии худро ба хонандаи хурдсоли худ иброз намудааст. Таҳқиқ дар осори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар нишон медиҳад, ки ӯ дар ин самт шоири муваффақ буда, ашъори бачагонааш дар баробари моҳияти завқӣ-зебописандӣ аз аҳаммияту арзиши тарбиявию таълимӣ низ бархӯрдоранд. Муаллифи мақола саъй намудааст, ки ба василаи таҳлилу баррасии намунаҳои шеъри бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар мундариҷаи ғоявии ашъори бачагонаи ӯро муайян ва бозгӯ намояд. Зимни таҳқиқи масъала муаллиф маълум намудааст, ки шоир дар навиштани ин навъи шеър маҳорати хосса дорад. Ашъори бачагонаи Ғаффоралӣ Сафар таъсирбахшу ҳадафрас буда, бо забони дилнишин ва содаву равон навишта шудаанд ва ба табъу завқи кӯдакони синну соли гуногун мувофиқ меоянд. Ғаффоралӣ Сафар шоири мушоҳидакор ва дақиқсанҷ буда, пеш аз эҷоди шеърҳои бачагона олами бачаҳоро хеле хуб омӯхтааст ва ҳамин аст, ки ба кӯдакони гуногунсол чӣ гуфтан ва чӣ гуна гуфтанро хеле хуб медонад ва кӯшиш менамояд, ки матлаби ӯ барои хурдсолон фаҳмову ақлрас бошад. Масъалаҳое, ки шоир дар шеърҳои бачагонаи худ ба миён мегузорад, ба дунёи кӯдакону наврасон иртиботи бевосита доранд.

Калидвожаҳо: шеъри бачагона, олами кӯдакон, тасаввури кӯдакона, масоили ахлоқӣ, некукорӣ, амалҳои нек, моҳияти тарбиявӣ.

СОДЕРЖАНИЕ ДЕТСКИХ СТИХОВ ГАФФОРАЛИ САФАР

Гаффорали Сафар, помимо созданных им стихов и поэм для взрослых, создал также ряд произведений различных жанров для детей. Детские стихи и песни относятся к числу жанров, посредством которых поэт выражал свои художественные мысли юному читателю. Изучение детского творчества Гаффорали Сафара показывает, что он является успешным поэтом в этой области, а его детские стихи, помимо вкуса и красоты, имеют еще и просветительскую и воспитательную ценность. Автор статьи попытался выявить и пересказать идейное содержание детских стихов Гаффорали Сафара, анализируя и рассматривая примеры его детских стихотворений. В ходе исследования вопроса автор выяснил, что поэт обладает особым мастерством в написании данного вида стихов. Детские стихи Гаффорали Сафара эффектны и целенаправленны, написаны душевным, простым и беглым языком и отвечают вкусам детей разных возрастов. Гаффорали Сафар - наблюдательный и точный поэт, и прежде чем создавать детские стихи, он очень хорошо изучил детский мир, и именно поэтому он прекрасно знает, что и как сказать детям разного возраста, и старается сделать так, чтобы содержание его стихов было понятно детям. Вопросы, поднимаемые поэтом в его детских стихах, напрямую связаны с миром детей и подростков.

Ключевые слова: детская поэзия, детский мир, детское воображение, нравственные проблемы, доброта, добрые дела, воспитательная сущность.

CONTENT OF CHILDREN'S POEMS GAFFARALI SAFAR

Gafforali Safar, in addition to the poems and poems he created for adults, also created a number of works of various genres for children. Children's poems and songs are among the genres through which the poet expressed his artistic thoughts to the young reader. A study of Ghafforali Safar's children's works shows that he is a successful poet in this field, and his children's poems, along with the essence of taste and beauty, also have educational and educational value. The author of the article tried to identify and retell the ideological content of Gafforali Safar's children's poems by analyzing and considering examples of his children's poems. In the course of researching the issue, the author found out that the poet has special skill in writing this type of poetry. Ghafforali Safar's children's poems are effective and focused, written in a heartfelt, simple and fluent language that suits the tastes of children of different ages. Gafforali Safar is an observant and precise poet, and before creating children's poems, he studied the children's world very well, and that is why he knows very well what and how to say to children of different ages, and tries to make his content clear and understandable to

children. The questions raised by the poet in his children's poems are directly related to the world of children and adolescents.

Key words: children's poetry, children's world, children's imagination, moral problems, kindness, good deeds, educational essence.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Лайламои Худойназар*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Н.Хусрав, докторанти Ph.D, кафедраи адабиёти тоҷик. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯч. Айнӣ, 67. E-mail: **Lailamo90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-12-99-12**

Сведения об авторе: ***Лайламо Худойназар*** - Бохтарский государственный университет им. Н.Хусрава, докторант Ph.D, кафедра таджикской литературы. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, г.Бохтар, ул.Айни, 67. E-mail: **Lailamo90@mail.ru.** Тел.: **(+992) 907-12-99-12**

Information about the author: ***Laylamo Khudoynazar*** - Bokhtar State University named after N. Khusrav, Ph.D doctoral student of the Department of Tajik Literature. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar, Aini Str., 67. E-mail: **Lailamo90@mail.ru.** Phone: **(+992) 907-12-99-12**

ТДУ: 891.550-1+82

РОБИТАИ НОСИҲУДДИНИ АРҶОНӢ БО БУЗУРГОНУ ФОЗИЛОНИ АСРҲОИ XI-XII

Наимов М.С.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз донишмандон ва шоирони арабизабони номвари нимаи дуюми асри XI ва асри XII Қозӣ Носиҳуддин Абубакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Ҳусайни Арҷонӣ (460 / 1068-544 / 1150) ба шумор меравад, ки бо эҷодиёти арзишманди худ дар тақвияти кохи баланди илму маърифати замонаш нақши муассир гузоштааст [10, с.53]. Арҷонӣ кӯдакӣ ва ҷавонии худро дар асри панҷуми ҳичрӣ (ёздаҳуми мелодӣ) ва куҳансолии хешро дар асри шашум (дувоздаҳуми мелодӣ) гузаронидааст. Арҷонӣ дар қатори дигар шоирони даврони Салҷуқиён таҳти ду ҳокимият – ҳокимияти халифаи Аббосӣ ва ҳокимияти султонҳои Салҷуқӣ қарор ёфта буд.

Аз сарчашмаҳои рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Арҷонӣ бармеояд, ки дар баробари шиносоӣ бо чунин сатҳи баланди қудратмандон, ӯ ҳамчунин бо ҳокимони зердасти онҳо, ба монанди вазирон, шоҳзодагону амирон ва ҳокимони замони худ низ алоқаи хубу наздик дошта, бо бисёре аз онҳо робитаи густарда дошт [11, ҷ.1, с.174].

Таъкид ҷоиз аст, ки сабаби бо бузургони замон робитаи устувор доштани Арҷонӣ, қабл аз ҳама, дар он буд, ки ӯ бо пешаи қозигӣ низ машғул буда, дар Хузистон, Тансар, Аскар, Арҷон ва дигар минтақаҳо ҳамин вазифаро адо намудааст [7, с.173]. Бояд қайд намуд, ки ал-Арҷонӣ аз овони ҷавонӣ то охири умраш дар идораи қозиёт кору фаъолият кардааст.

Аз муносибати Арҷонӣ бо бузургони ду давлат: Аббосиён ва Салҷуқиён дар баробари сарчашмаҳои рӯзгору осори шоир, ҳамчунин ишораҳои худи ӯ дар ашъораш далолат мекунанд. Ишораҳои равшани шоир бо истинодҳои тасдиқкунанда барои таъйиди робитаҳои устувори ӯ бо бузургони замон як санади таърихӣ маҳсуб мешавад. Аз ҷумла, шоир бузургони ҳамзамонашро ба чанд табақа тақсим намуда, бо номҳои халифаҳо, султонҳо, вазирон, ҳокимон, фармондеҳон, лашкариён, нависандагон, шоирон, қозӣ ва уламо тавсиф кардааст. Шубҳае нест, ки ҳамаи онҳо дар доираи васеи муошрату ҳамкориҳо ба ашъор, мавзуъ ва вижагиҳои бадеии эҷодиёти Арҷонӣ таъсири назаррас гузоштаанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Арҷонӣ муосири панҷ халифаи Аббосӣ, аз қабили Муқтадӣ Биллоҳ Абулқосим Абдуллоҳ ибни Муҳаммад (467/1075-487/1095), Мустазҳир Биллоҳ, Мустаршид Биллоҳ, Абуҷаъфар Мансур ибни Мустаршид (529/1135-530/1136) ва Муқтазӣ Лиамриллоҳ Абуабдуллоҳ Муҳаммад ибни Мустазҳир Биллоҳ (530/1136 - 555/1162) ба шумор мерафт [11, ҷ.1, с.174].

Аммо дар маҷмуаи ашъори дар девон омада дар бораи ду халифа чизе ворид нашудааст, ки онҳо Муқтадӣ ва Мустаршид мебошанд. Аз ин ҷо бармеояд, ки Арҷонӣ бо онҳо муносибате надоштааст. Аммо дар баъзе ашъораш ишораҳо ба Муқтафӣ намудааст, ки робитаи маҳдуди шоирро бо халифаи замон нишон медиҳад. Бар мабнои ашъори шоир дар мавриди пайванди қавӣ доштани ӯ бо халифагон Мустазҳир ва Мустаршид метавон маълумоти равшан пайдо намуд. Аз ҷумла, муносибати Арҷонӣ бо Мустазҳир Биллоҳ дар се қасидааш ба таври возеҳ инъикос гардидааст [1, с.16, 112].

Ҳамзамон Арҷонӣ дар чаҳор қасида Мустаршид Биллоҳро мадҳ намуда, родмардиву соҳибкарамӣ ва ҷасорату шуҷоати беназири ӯро васф намудааст. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки ҳарчанд Мустаршид Биллоҳ бо сахову карам ва тавоноию ҷасорати худ машҳур буд, аммо замони хилофати ӯ бо фаровонии мухолифон ва низоъҳо машҳур буд. Қасидаи нахустини ба ин халифа бахшидаи Арҷонӣ дар Исфаҳон соли 518/1125 ва дувум дар Арҷон соли 520/1127 суруда шуда, ҳарду қасида ба халифа ирсол карда шудааст [1, с.13, 72].

Арҷонӣ ҳамчунин ҳамасри се султони бузурги Салҷуқӣ буд, ки онҳо Рукнуддин Абулмузаффар, Барқиёруқ Маликшоҳ (487/1095-498/1105), Ғиёсуддин Абушуҷоъ

Муҳаммад ибни Маликшоҳ (498/1105-511/1118) ва Носируддин (Муинуддин) Абулҳорис Аҳмад ибни Санҷар ибни Маликшоҳ (511/1118-522/1130) мебошанд [11, ҷ.1, с.174].

Дар ашъори шоир мадҳи арбобони давлатӣ хеле зиёд ба назар мерасад, ки аз зумраи онҳо Абумансури Ҳусайн ибни Заҳириддин Абишуҷоъ Муҳаммади Равзароварӣ (ваф. 513/1120) мебошад. Арҷонӣ дар ду қасидаи худ ӯро мадҳ карда, аз асолату шарофати хонаводагии онҳо сухан мекунад ва ӯро миёни ҳокимият ва парҳезгорӣ омехтааст, зеро ӯ ҳукуматдориро аз падар ва бобои худ мерос гирифтааст. Падараш вазири Муқтадӣ буд, ки масъалаи дин ва шариатро ҳифз мекарду сипас дар соли 484/1092 аз вазифааш гирифта шуд [1, с.154, 213].

Нафари дигаре, ки аз миёни бузургони замон шоир ба ифтихори ӯ қасида сароидааст, Ҷалолиддин Абуалӣ Ҳусайн ибни Алӣ ибни Садақа (ваф. 522/1032) мебошад. Ӯ саравваl вазири Мустаршид таъин карда шуда, то соли 522/1032 дар вазорат боқӣ монд. Ҷалолиддин вазири соҳибмаърифат ва соҳибназар буд. Ӯ бо заковату хирадӣ баландаш тавонист, ки ба рафъи ҷудоӣ миёни халифа ва Султон Маҳмуд муваффақ шавад. Арҷонӣ Ҷалолиддинро бо ду шеър [1, с.62, 120, 301] мадҳ намудааст.

Шарафуддин Абулқосим Алии Зайнабӣ (ваф. 538/1144) аз он шахсиятҳои маъруфи ҳамзамони шоир аст, ки имоми фозил ва фақеҳи мазҳаби Имом Абуҳанифа буд. Ӯро Мустазҳир Биллоҳ раиси иттиҳоди Ҳошимиён гардонд ва ба ӯ лақаби «ар-Ризо Зулфахрайн»-ро дод. Ӯ ба ду халифа, аз ҷумла, ба Мустаршид Биллоҳ дар соли 519/1126 ва ба Муқтадӣ дар соли 530/1136 вазир таъин шуд, то ин ки дар соли 534/1140 аз вазифа сабукдӯш карда шуд. Аз ин пас Шарафуддин Зайнабӣ то вафоташ дар соли 538/1144 дар хона машғули таълиму тадрис гардид. Бояд қайд намуд, ки Арҷонӣ ин донишманди аҳд ва вазири соҳибфазилатро бо чаҳор қасида васф кардааст, ки дутои он дар вақти раиси иттиҳод буданаш [1, с.121] ва дутои дигар дар вақти вазорataш ҳамроҳи Мустаршид [1, с.125] суруда шудаанд.

Дар миёни арбобони давлатие, ки Арҷонӣ мадҳ кардааст, вазирони султонҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Чунончи, Тоҷулмулк Абулғаноим Марзбон ибни Хусрави Фирӯз, маъруф ба Ибни Доруст (ваф. 486/1094), ки вазорати фарзандони султонҳоро ба уҳда дошт ва сипас соҳиби хазинаи султон Маликшоҳ ва нозири нақши султон гардид, ҷойгоҳи махсус дорад.

Пас аз кушта шудани Низомулмулк дар соли 485/1093 ӯ дар 10-уми Рамазон вазири султон Маликшоҳ шуд. Лекин ӯ чанде нагузашта дар таърихи 12-уми муҳаррами соли 486/1094 кушта шуд. Шоир Тоҷулмулк Абулғаноимро бо чаҳор шеъраш [1, с.109, 219] мадҳ кардааст, ки яке аз куҳантарин ашъори ӯ мебошад.

Дар радифи сиёсатмадорони дигари замон шоир Абубакр Убайдуллоҳ ибни Низомулмулк (ваф. 495/1102)-ро низ бо се қасида ва порчаҳои шеърии ҷудогона ситоиш намудааст. Абубакр дар замони султон Маликшоҳ девони иншо ва муҳри султонро бар уҳда гирифт ва соли 486/1094 ба унвони вазири султон Маҳмуд ибни Маликшоҳ таъин шуд. Абубакр Убайдуллоҳ ибни Низомулмулк соли 495/1102 дар Ҳамадон кушта шудааст.

Ҳамзамон Арҷонӣ писари калонии Низомулмулк – Фахрулмулк Абулфатҳ Музаффар ибни Низомулмулк (434/1043-500/1107)-ро низ мадҳ кардааст. Ӯ соли 487/1095 вазири Тутуш ибни Алп Арслони Саҷуқиҳои минтақаи Шом таъин гардид. Сипас, дар соли 498/1105 вазири Барқиёруқ ибни Маликшоҳ дар Хуросон шуд.

Яке аз мамдуҳони Арҷонӣ Абулмаҳосин Абдулҷалил ибни Алӣ ибни Муҳаммади Даҳистонӣ (ваф. 495/1102) ба шумор меравад. Абулмаҳосин Абдулҷалил фармондеҳи Бағдод буд. Ӯ то соли 493/1100 вазири Барқиёруқ буда, баъдан дар соли 494/1101 дубора ба мансаби вазирӣ расидааст. Арҷонӣ дар ду шеъраш донишу фазилати ӯро ситоиш кардааст [1, с.111, 203].

Аз зумраи чеҳраҳои таърихие, ки Арҷонӣ ба номаш қасидае сароида ва дар он иродатмандию эҳтиромашро нисбати ӯ ва ҳамчунин равобити устуворашро бо ӯ изҳор доштааст, Хатирулмулк Абумансур Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Аҳмади Майбудӣ (ваф. 515/1122) ба шумор меравад. Ӯ соли 495/1102 вазири Барқиёруқ ва дар вазорати Аҳмад ибни Низомулмулк мансаби муставфиро ба зимма дошт. Майбудӣ ду маротиба вазири

Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ гардидааст: нахуст соли 494/1101 ва баъдан соли 504/1111. Арҷонӣ барои ӯ як қасида сурудааст [1, с.63].

Носиҳуддини Арҷонӣ дар қасоиди худ ҳамзамон аз дӯстию рафоқати худ бо Саъдулмулк Абулмаҳосин Саъд ибни Муҳаммад ибни Алии Обӣ (соли қатлаш 500/1107) ҳарф задааст. Саъдулмулк Абулмаҳосин дар оғози фаъолияти худ бо Тоҷулмулк Абулғаноим ибни Доруст дӯстӣ дошта, сипас бо Муаййидулмулк Убайдуллоҳ ибни Низомулмулк, ки девони истифоъ (молиёт)-ро ба зиммааш вогузор намуда буд, ҳамкорӣ намудааст. Соли 498/1105 вазири Султон Муҳаммад таъин гардида, дар ҳисору фатҳи қалъаи Шоҳдиз дар Исфаҳон ширкат намудааст. Сипас, дар ҳамкорӣ бо душманони Султон Муҳаммад муттаҳам гардида, бо фармони султон кушта шудааст. Шоир ба ифтихори ӯ шаш қасида сурудааст, ки ҳамагӣ инъикосгари ҷойгоҳи баланди ӯ дар байни арбобони замон мебошад [1, с.64, 163, 179, 210, 229, 278].

Вазири дигаре, ки Арҷонӣ дар ашъораш нисбати ӯ таваҷҷуҳи зиёд намудааст, Қавомуддин Абунаср Аҳмад ибни Низомулмулк (ваф. 544/1150) мебошад. Ӯ баъди қатли Саъдулмулк соли 500/1107 ба вазорат расидааст. Ӯ бо муҳорибаҳояш алайҳи ботиния дар қалъаи Шоҳдиз дар соли 500/1107 маъруфият пайдо кардааст. Ӯ соли 504/ 1111 узлатнишинӣ намуда, дар Бағдод зиндагӣ ихтиёр намудааст. Баъдан солҳои 516/1123-517/1124 вазири халифа Мустаршид гардида, сипас то охири умраш хонашин гардидааст. Арҷонӣ дар мадҳи ӯ се қасида сурудааст, ки аз мазмуни онҳо алоқамандии ӯ бо ин сиёсатмадори барҷастаи замон равшан ҳувайдо мегардад [1, с.111, 203, 220].

Аз бузургмардони дигаре, ки Арҷонӣ бо онҳо алоқамандӣ доштааст, Муинуддин Мухтассулмулк Абунаср Аҳмад ибни Фазл ибни Маҳмуд (соли қатлаш 521/1128) мебошад, ки девони молиёт ва расоилро ба уҳда дошт. Солҳои 518/1125-521/1128 ӯ вазири Султон Санҷар таъин гардида, аз дасти ботиниён кушта шудааст. Шоир ба ифтихори ӯ ҳафт қасида сароидааст [1, с.157, 214, 245, 277, 292, 311]. Дар ин қасоид муносибати ӯ бо ин арбоби давлатӣ, ки худ аз донишмандони замон буда, бо аҳли илму адаб равобити густурда дошт, зикр гардидааст. Ҳамзамон Арҷонӣ бо бародари ӯ – Маҷдуддин Убайдуллоҳ ибни Фазл ибни Маҳмуд, ки барояш ду қасида ихтисос додааст [1, с.65, 286] ва писари бародараш – Наҷмуддин Абуабдуллоҳ Фазл ибни Маҳмуд ибни Фазл ибни Маҳмуд, ки барояш як қасида бахшидааст [1, с.246], дӯстӣ доштааст.

Аз вазирони дигаре, ки Носиҳуддини Арҷонӣ бо онҳо риштаи дӯстӣ доштааст, Камолуддин Абутолиб Алӣ ибни Аҳмади Сумайрамӣ (соли қатлаш 516/1123) маҳсуб меёбад. Ӯ нахуст дар давлати Султон Муҳаммад ибни Маликшоҳ мансаби ишрофро бар дӯш дошт ва сипас соли 513/1120 вазири Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ дар Бағдод гардида, баъдан дар он ҷо кушта шудааст. Арҷонӣ ӯро дар чаҳор қасида мадҳ намудааст, ки саршор аз ихлосу муҳаббати ӯ нисбати ин бузургмарди замон мебошад [1, с.27, 236, 254, 264, 268].

Аз бузургони дигаре, ки Носиҳуддини Арҷонӣ ҳусни таваҷҷуҳи хос ва алоқамандии хешро бо ӯ иброз доштааст, Шамсулмулк Усмон ибни Низомулмулк мебошад (соли қатлаш 517/1124). Ӯ нахуст дар вазорати Сумайрамӣ девони молиётро ба зимма дошт ва баъди кушта шудани ӯ соли 516/1123 вазири Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ гардид. Аммо баъдан султон аз мухолифати ӯ дар ҷанги Карҷ дар Шарвон дарғазаб шуда, ӯро ба қатл расонид. Арҷонӣ дар се қасида ва як қитъа ӯро мадҳ намудааст, ки дар онҳо ҳамчун ҳомии аҳли илму адаб ва ривоҷдиҳандаи бозори илму маърифат муаррифӣ гардидааст [1, с.53, 185, 283]. Бино ба тасвири шоир ӯ ба олимону адибон маош таъин намуда буд, ки барои беҳтар гардидани зиндагии онҳо мусоидат менамуд [1, с.181].

Қавомуддин Абулқосим Носир ибни Алии Анбории Даркузинӣ (ваф. 527/1132) аз вазирони дигари маъруфи замон аст, ки Носиҳуддини Арҷонӣ бо ӯ алоқамандии зиёд доштааст. Номбурда котиби Султон Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ ва ноиби Амир Ҳоҷиб Алӣ буда, баъдан соли 518/1125 боз ба хидмати Султон Маҳмуд медарояд ва соли 521/1128 узлатнишинӣ менамояд. Соли 522/1129 ӯ дубора ба хидмати давлатӣ баргашта, миёни Султон Маҳмуд ва амуяш Султон Санҷар қарор мегирад. Соли 526/1133 вазири бародари Маҳмуд – Туғрул таъин мегардад. Арҷонӣ ба ифтихори ӯ ду қасида сароида, дар қасидаи аввал сафари ӯро ба Ҳамадон тараннум намудааст [1, с.108]. Дар

қасидаи дуюм бозгашти ӯро ба вазорат таҳният намуда, беназир будани ӯро дар ҷойи худ таъкид доштааст [1, с.239].

Ҳамзамон Носиҳуддини Арҷонӣ бо яке аз вазирони маъруфи аҳди Салҷуқӣ Шарафуддин Анӯшервон ибни Холиди Қошонӣ (ваф. 533/1139) низ равобити устувор доштааст. Ӯ вазири Мустаршид Биллоҳ ва ду султонҳои Салҷуқӣ – Маҳмуд (521/1128) ва Масъуд (527/1132) ба шумор рафта, соли 530/1135 гӯшанишинӣ ихтиёр менамояд. Арҷонӣ дар мадҳи ӯ шонздаҳ қасида ва як қитъа сурудааст [1, с.69, 71, 104, 107, 148, 180, 202]. Дар қасидаҳои мазкур шоир шахси арзандаю лоиқ будани ӯро ба мансаби вазирӣ ва фаъолияти гуногунҷабҳаашро дар ин самт қайд намудааст. Аз қасоиди шоир бармеояд, ки ӯ чанд маротиба ба дидорбинии Шарафуддин Анӯшервон рафта, ҳамзамон бо ӯ мукотиба низ доштааст. Бино ба маълумоти донишманди тоҷик Раҷабова М.Т. ба қалами вазири мазкур таърихномаи хонаводаи Салҷуқиён таҳти унвони "نفثة المصدور فی فتور زمان الصدور و صدور زمان الفتور" ("Ёддошти мувассақ дар мавриди футури замони вузаро ва вазирони замони футур") мансуб мебошад**.** Он ба забони форсӣ навишта шуда, минбаъд аз ҷониби Имодуддини Исфаҳонӣ ба забони арабӣ тарҷума гардидааст. Китоби мазкур фарогири ҳаводиси таърихии солҳои 464/1072-528/1134 – аз миёнаҳои аҳди Низомулмулк то охирҳои даврони Туғрул ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳ мебошад [10, с.39].

Яке аз мамдуҳони Носиҳуддини Арҷонӣ Муаййидуддин Абуисмоил Ҳусайн ибни Алии Туғроӣ (соли қатлаш 515/1122) мебошад, ки зодаи Исфаҳон буда, дар вазорати Хатирулмулк дар аҳди Султон Муҳаммад дар девони туғро фаъолият менамуд. Сипас муддате гӯшанишинӣ намуда, баъдан соли 513/1120 вазири Султон Масъуд таъин мешавад. Миёни Султон Маҳмуд ва бародараш Султон Масъуд ихтилоф пайдо мешавад ва дар натиҷа байни онҳо ҷанг доир мегардад, ки дар он Султон Маҳмуд ғалаба менамояд. Пас ӯ Туғроиро дастгир намуда, ба қатл мерасонад. Паҳлуҳои мухталифи рӯзгор ва эҷодиёти Туғроии Исфаҳониро донишманди тоҷик Раҷабова М.Т. таҳқиқ намудааст [10, с.55].

Носиҳуддини Арҷонӣ ба ифтихори Туғроӣ шаш қасида сурудааст, ки дар онҳо робитаи устувори шоир бо ин арбобу донишманди забардасти замон таҷассум пайдо кардааст [1, с.88, 182, 215, 216, 226, 249].

Дар радифи вазирони замон Носиҳуддини Арҷонӣ ҳамчунин бо ҳокимону сарлашкарон ва дигар бузургмардони замон алоқамандии зич дошт. Аз ҷумла, дар овони ҷавонӣ бо вазири Аёз Атобак Маликшоҳ ибни Барқиёруқ – Сафиулмулк Абулмаҳосин Масъуд ибни Абдуллоҳ ибни Халафи Нирмонӣ (соли қатлаш 499/1106), ки аз хонаводаи бонуфузи Ҳамадон бархоста буд, дӯстӣ пайдо карда, барояш як қасида эҳдо кардааст [1, с.239].

Аз зумраи ҳокимони маъруфе, ки Носиҳуддини Арҷонӣ бо ӯ робитаю ҳамкорӣ дошт, Амир Атобаки Қароҷои Соқӣ (соли қатлаш 526/1131) аз ҳокимони Салҷуқӣ буда, Султон Санҷар ӯро ҳокими худ дар билоди Форс ва Исфаҳон таъин намуда буд. Баъдан соли 526/1131 бо фармони Султон Санҷар кушта мешавад. Арҷонӣ дар мадҳи ӯ як қасида сурудааст [1, с.255].

Носиҳуддини Арҷонӣ ҳамчунин бо Имодуддин Абулбаракот Абдулвоҳид ибни Абдулазиз, Ибни Саламаи Даркузинӣ, ки дар вазорати яке аз пайвандонаш Абулқосим Носир ибни Алии Даркузинӣ (518/1125-521/1128) дар аҳди Султон Маҳмуд вазифаи сарлашкариро ба зимма дошт, алоқамандӣ дошта, барояш як қасида бахшидааст [1, с.68].

Аз ашъори Носиҳуддини Арҷонӣ бармеояд, ки ӯро бо вазири мутаваллии Исфаҳон Амир Саъдуддавлаи Пурнақши Закавӣ (ваф. 540/1146) – Яминуддин, Макинуддавла Абуалӣ Аҳмад ибни Исмоил (541/1147) низ риштаи дӯстӣ пайванд менамуд. Шоир ба ифтихори ӯ ду қасида сароида, дар онҳо сафарҳои ба хотири дидорбинӣ бо ин арбоби давлатӣ анҷом додаашро тасвир намудааст [1, с.284, 285].

Ҳамзамон Носиҳуддини Арҷонӣ бо раиси шаҳраки Азвора дар Исфаҳон Зиёуддин Абунаср Аҳмад ибни Алӣ дӯстию ҳамкорӣ дошт ва барояш чаҳор қасида [1, с.1, 118, 119, 234] ва ду қитъа [1, с.117, 149] эҳдо намудааст. Дар ашъори шоир беҳтарин сифатҳои мамдуҳ, аз қабили родмардию саховатмандӣ ва ҷуду карами ӯ зикр гардида, ҳамчунин шоир аз сафарҳои худ ва меҳмон шуданаш ба хонаи ӯ қисса мекунад.

Аз шахсиятҳои бисёр барҷастаи замон, ки Носиҳуддини Арҷонӣ бо онҳо аз наздик ошноӣ дошту қаробат пайдо карда буд, Азизуддин Абунаср Аҳмад ибни Абурраҷо Ҳомид ибни Муҳаммад (соли қатлаш 526/1131) мебошад. Ӯ амуи муаллифи тазкираи "Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср" ва вазири Султон Салоҳуддини Айюбӣ – Имодуддини Исфаҳонӣ мебошад. Зимни таҳқиқи рӯзгори донишманди номбурда муҳаққиқи тоҷик Раҷабова М.Т. аз хонаводаҳои бонуфуз ва дар дастгоҳи давлатӣ ҷойгоҳи баланд доштани онҳоро таъкид намудааст [10, с.31-32].

Шоир ба ифтихори ин абармарди замон ва аҳли фазлу хирад ҳафт қасида [1, с.31, 73, 103, 136, 209, 244, 275] ва ду қитъа [1, с.15, 73] сурудааст, ки ҳамагӣ саршор аз меҳру муҳаббат, ихлосу иродатмандӣ ва арзи сипос ҷиҳати дастгирию ғамхории аҳли илму адаб мебошад.

Аз муҳтавои ашъори Носиҳуддини Арҷонӣ метавон дарёфт, ки ӯ бо соири бузургмардону сиёсатмадорон ва фозилони замон, аз қабили Валиуддин Масъуд ибни Заимуддин [1, с.67], Ҳусомуддин Абулхаттоб ибни Садидулмулк Абулмаолии Муфаззал [1, с.266], Зайнулмулк Абулфатҳ Наср ибни Мансур [1, с.171], Сиқатуддавла Абулқосим Ҳасан ибни Абдулвоҳид, маъруф ба Ибни Фақиҳ [1, с.183, 282], Шарафулмулк Абусаъд Муҳаммад ибни Мансур (ваф. 494/1101) [1, с.164], Маҷдулмулк Абулфазл Асъад ибни Муҳаммад ибни Мусои Қуммии Баровистонӣ (492/1099) [1, с.189], Сафиулавҳад Абулқосим Алӣ ибни Насри Солимӣ (527/1132) [1, с.187, 205, 247, 312], Камолуддин Собити Муставфӣ [1, с.120], Муҳаззибуддин Абутолиб ибни Абулбадр [1, с.28, 49], Камолуддин ибни Асир Абуисо [1, с.238, 257, 304], Муваффақуддин Абутоҳири Хотунӣ [1, с.211], Баҳоуддин Абулфазоил Муҳаммад ибни Носир, Ибни Алаҷа (ваф. 534/1140) [1, с.131].

Маълумоти сарчашмаҳои муътамад ва девони шеърии шоир шаҳодати возеҳи онанд, ки воқеан ҳам Носиҳуддини Арҷонӣ бо бисёре аз бузургмардон ва арбобони давлатии замонаш аз наздик ошноӣ дошта, бо баъзе аз онҳо рафтуомад ва қаробат дошт. Аз ин ҷост, ки таъсиру нуфузи замон дар ташаккули шахсияти шоир равшан ба мушоҳида мерасад. Арҷонӣ аз фарҳанги сершумори замони худ огоҳии комил дошта, ин мухтассот дар ашъораш равшан инъикос гардидааст. Ашъори шоирро метавон доиратулмаорифи аср номид, зеро дар онҳо чеҳраҳои маъруфи таърихӣ, халифагону султонҳои замон, вазирону амирон ва ҳокимони замон, ҳаводиси марбут ба ҳукуматдории онҳо нақши бориз пайдо намудаанд.

Муқарриз: ***Раҷабова М.Т.*** – д.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Ал-Арҷонӣ, Носиҳуддин Абибакр Аҳмад ибн ал-Ҳусайн. Дивон. Таҳқиқ Аҳмад ибн Аббос ал-Азҳарӣ / Носиҳуддин Абибакр Аҳмад ибн ал-Ҳусайн ал-Арҷонӣ. - Байрут-Лубнон, 1307/1890. – 458 с.
2. Ал-Аснавӣ, Ҷамолуддин Абдурраҳим. Табақот-уш-шофиъия / Ҷамолуддин Абдурраҳим ал-Аснавӣ. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Кутуби-л-илмия, ат-табъат-ул-уло 1407/1987, адад-ул-аҷзоъ 2, ал-ҷузъ 2. - 406 с.
3. Ал-Атобакӣ, Ҷамолуддин ибн Тағрибердӣ. Ан-Нуҷум аз-зоҳира фӣ мулук Миср ва ал-Қоҳира. Таҳқиқ Муҳаммад Ҳусайн Шамсуддин / Ҷамолуддин ибн Тағрибердӣ ал-Атобакӣ. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Кутуби-л-илмия, ат-табъат-ул-уло, 1413/1992, адад ал-аҷзоъ 8, ал-ҷузъ 5. - 382 с.
4. Алтунҷӣ, Муҳаммад. Ҳаула-л-адаб фи-л-асри-с-Салҷуқӣ / Муҳаммад Алтунҷӣ. - Мактаба Қурино, 1974. - 292 с.
5. Ибн ал-Асир, Иззуддин Абулҳасан ибн Абулкарам. Ал-Комил фи-т-таърих. Роҷааҳу ва Саҳҳаҳаҳу Муҳаммад Юсуф ад-Даққоқ / Иззуддин Абулҳасан ибн Абулкарам ибн ал-Асир. - Байрут-Лубнон: Дор-ул-Кутуби-л-илмия, ат-табъат-ур-робиа, 1424/2003, адад-ул-аҷзоъ - 11, ал-ҷузъ 9. - 504 с.
6. Ибн Халликон, Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибн Муҳаммад. Вафаёт-ул-аъён фӣ анбоъ абнои-з-замон. Ҳаққақаҳу ад-дуктур Эҳсон Аббос / Абулаббос Шамсуддин Аҳмад ибн Муҳаммад ибн Халликон. – Байрут-Лубнон: Дор Содир, адад-ул-муҷалладот - 8, ал-муҷаллад 1. - 493 с.
7. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср фӣ зикр фузало аҳл Форс. Тақдим ва таҳқиқ ад-Дуктур Аднон Муҳаммад Ол Туъма / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. - Теҳрон: Дафтари нашри мероси мактуб, Ойинаи мерос (Миръот-ут-турос), 1419/1999. - 392 с.
8. Ал-Исфаҳонӣ, Имодуддин ал-Котиб. Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср. Қисм шуаро аш-Шом. Таҳқиқ Шукрӣ Файсал / Имодуддин ал-Котиб ал-Исфаҳонӣ. Ал-Матбаъат-ул-Ҳошимия би Димашқ, 1375/1955. Адад-ул-аҷзоъ 3, ал-ҷузъ 1. - 712 с.
9. Нишопурӣ, Заҳируддин. Салҷуқнома / Заҳируддини Нишопурӣ. -Теҳрон: Нашриёти Кулолаи ховар, чопхонаи Ховар, 1332. - 100 с.

10. Рақабова, М.Т. Тазкираи “Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср”-и Имодуддини Исфаҳонӣ ва аҳаммияти адабии он. Монография / М.Т. Рақабова. – Душанбе, 2021. – 200 с.
11. Ас-Самъонӣ, Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-Марвазӣ. Ал-Ансоб. Ҳаққақа нусусаҳу ва ъаллақа алайҳи аш-Шайх Абдурраҳмон ибн Яҳё ал-Маъламӣ ал-Ямонӣ / Абусаъд Абдулкарим ибн Муҳаммад ибн Мансур ат-Тамимӣ ал-Марвазӣ ас-Самъонӣ. - Ал-Қоҳира, ат-табъат-ус-сония, 1400/1980, адад-ул-аҷзоъ - 12, ал-ҷузъ 1. - 422 с.
12. Ас-Сафадӣ, Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ. Ал-Вофӣ би-л-вафаёт. Таҳқиқ ва иътино Аҳмад ал-Арноут ва Туркӣ Мустафо / Салоҳуддин Халил ибн Айбак ибн Абдуллоҳ ас-Сафадӣ. - Байрут-Лубнон: Дор Иҳёи-т-туроси-л-арабӣ, ат-табъат-ул-уло, 1425/2000, адад-ул-аҷзоъ - 29, ал-ҷузъ 1. - 284 с.
13. Ас-Субкӣ, Тоҷуддин Абинаср Абдулваҳҳоб ибн Алӣ Абдулкофӣ. Табақот-уш-шофиъияти-л-кубро. Таҳқиқ Абдулфаттоҳ Муҳаммад ал-Ҳулв ва Маҳмуд Муҳаммад ат-Таноҳӣ / Тоҷуддин Абинаср Абдулваҳҳоб ибн Алӣ Абдулкофӣ ас-Субкӣ. - Дор Иҳёи-л-кутуби-л-арабия, 1383/1964, адад-ул-аҷзоъ - 6, ал-ҷузъ 6. - 560 с.
14. Ал-Хафоҷӣ, Шиҳобуддин Аҳмад ибн Муҳаммад ибн Умар. Райҳонат-ул-алиббо ва заҳрат-ул-ҳаёти-д-дунё. Таҳқиқ Абдулфаттоҳ Муҳаммад ал-Ҳулв / Шиҳобуддин Аҳмад ибн Муҳаммад ибн Умар ал-Хафоҷӣ. – Ҳалаб, 1386/1967, адад-ул-аҷзоъ – 2, ал-ҷузъ 2 -816 с.
15. Ал-Ҷавҳарӣ, Абунаср Исмоил. Ас-Сиҳоҳ Тоҷ-ул-луға ва сиҳоҳи-л-арабия. Таҳқиқ Аҳмад Абдулғафур Аттор / Абунаср Исмоил ал-Ҷавҳарӣ. - Байрут: Дор-ул-Илм ли-л-малойин, ат-табъат-ус-солиса, 1404/1984, адад-ул-муҷалладот - 4. - 2563 с.

РОБИТАИ НОСИҲУДДИНИ АРҶОНӢ БО БУЗУРГОНУ ФОЗИЛОНИ АСРҲОИ XI-XII

Дар мақолаи мазкур таъсири вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии замон ба ташаккули шахсияти Носиҳуддини Арҷонӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҷиҳати равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии замон, ҳавзаҳои илмию адабӣ ва фикру назари бисёре аз донишмандони асримиёнагӣ дар робита ба мероси адабии шоир таҳқиқ гардидааст. Арҷонӣ аз фарҳанги сершумори замони худ огоҳии комил дошта, ин мухтассот дар ашъораш равшан инъикос гардидааст. Аз ҳамин ҷиҳат, мероси адабиаш ба энсиклопедияи таърихӣ наздиктар шудааст, зеро дар он номи халифаҳо, вазирон, қозиён, ҳокимон, фармондеҳон, олимон, донишмандон, шоирон ва нависандагон хеле зиёд зикр шудааст. Бо такя ба нигоштаҳои муаллифони манобеи муътамад чунин натиҷагирӣ гардидааст, ки воқеан ҳам Қозӣ Абубакри Арҷонӣ бо фаъолияти пурсамари худ дар ривоҷи адабиёти арабизабони аҳди худ саҳми назаррас гузоштааст. Андешаҳои донишмандони қадим инъикосгари мафтунию эъҷоб, ҳамду сано ва дар баъзе маврид нақди илмие дар мавриди эҷодиёти Арҷонӣ мебошанд, ки аҳаммияти ашъори шоир ва ҷойгоҳи адабии ӯро таъин менамоянд. Маълумоти ин сарчашмаҳои муътамад шаҳодати возеҳи онанд, ки воқеан ҳам Носиҳуддини Арҷонӣ дар рушду нумуи адабиёти аҳди худ нақши бориз гузоштааст.

Калидвожаҳо: Арҷонӣ, Хузистон, Тансар, Аскар, Исфаҳон.

СВЯЗЬ НАСИХУДДИНА АЛ-АРДЖАНИ С ВЫДАЮЩИМИСЯ ЛЮДЬМИ XI-XII ВЕКОВ

В данной статье рассматривается вопрос о влиянии политико-социальных и культурных событий того времени на становление личности Насихуддина ал-Арджани. С целью освещения этого вопроса исследуется политико-социальное и культурное положение того времени, научно-литературные круги и мнение многих средневековых ученых относительно творчеству поэта. Ал-Арджани имел полное представление о многообразной культуре своего времени, которая ярко отражена в его поэзии. В этой связи, его творческое наследие было ближе к исторической энциклопедии, потому что в нем часто упоминаются имена халифов, казиев, правителей и наместников, командующих армии правительства, учёных, поэтов и писателей. Автор отмечает, что связь Арджони с великими личностями способствовала росту его поэтической деятельности, также становлению личности самого поэта. Отмечается, что Арджони имел связь с высокопоставленными личностями двух династий- Аббасидов и Селджукидов. Причиной в первую очередь является пост самого поэта. Согласно различным источникам и творчеству самого Арджони, он занимал пост кази Хузистана, Тансара, Аскара, Арджана и т.д. Также из наследия Арджони становятся ясны некоторые исторические события и моменты, которые служат пониманию истории литературы, социально-политического положения эпохи поэта. Точки зрения средневековых учёных отражают восхищение и восхваление и в некоторых местах и научные критические рассуждения в отношении творческой деятельности ал-Арджани, они определяют место его литературного творчества в литературе того времени. Сведения данных достоверных источников являются явным свидетельством того, что поистине Насихуддин ал-Арджани сыграл важную роль в развитии литературы своего времени.

Ключевые слова: ал-Арджани, Хузистан, Тансар, Аскар, Исфахан, Багдад.

NASIHUDDIN AL-ARJANI'S CONNECTION WITH THE GREAT AND OUTSTANDING PEOPLES OF THE XI-XII CENTURIES

This article discusses the impact of the socio-political and cultural situation of the time on the formation of the personality of Nosihuddin Arjoni. In order to shed light on this issue, the socio-political and cultural situation of the time, scientific and literary circles and the views of many medieval scholars on the literary heritage of the poet have been studied. Arjani is fully aware of the numerous cultures of his time, and this specialty is clearly reflected in his poetry. In this sense, his literary heritage is closer to the historical encyclopedia, as it contains the names of caliphs, ministers, judges, rulers, commanders, scholars, poets and writers. The thoughts of ancient scholars reflect admiration, praise and, in some cases, scientific criticism of Arjani's work, which determines the

importance of the poet's poetry and its literary place. The information of these reliable sources is a clear evidence that Nasihuddin Arjani did play a significant role in the development of the literature of his time.

Key words: Arjani, Khuzistan, Tansar, Askar, Isfahan.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Наимов Муҳаммадамин Соҳибназарович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D, кафедраи филологияи араб. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17. E-mail: **m.amin2019@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-76-12-55**

Сведение об авторе: ***Наимов Мухаммадамин Сохибназарович*** - Таджикский национальный университет, докторант Ph.D, кафедра арабской филологии. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки 17. E-mail: **m.amin2019@mail.ru.** Тел.: **(+992) 918-76-12-55**

Information about the author: ***Naimov Muhammadamin Sohibnazarovich*** **–** Tajik National University, doctoral candidate of Ph.D of Department of Arabic Philology. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **m.amin2019@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-76-12-55**

УДК: 891.550

РУССКО –ТАДЖИКСКИЕ ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ

(на примере творчества Марины Некрасовой)

Бахтиёрзода М.
Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени М.Осими

Взаимное сближение литератур, их взаимообогащение всегда благотворно сказывалось как на творчестве самих писателей, так и на развитии культуры и литературы целого народа. Существует немало работ, в которых исследуются проблемы западно- восточных литературных связей. Восток во все времена интересовал не только русских, но западных писателей и поэтов. Выдающиеся мыслители Запада, в том числе Шлегель, признавали мысль о том, что «...Восток есть воображение, а Север – разум», и они естественно взаимосвязаны всегда и идут рука об руку, на каждом этапе развития, обогащая друг друга. Ярким подтверждением тому могут быть слова Иоганна Вольфганга Гете из «Западно – восточного дивана»:

В средиземный мир проник
Мир восточный без урона.
Кто Хафиза не постиг,
Не поймет и Кальдерона [15, с.5].

Марина Георгиевна Некрасова (1954), один из известных русскоязычных литературных деятелей с детства жила в солнечном таджикском крае, среди горных застав, где служил ее отец. Первые ее воспоминания о Таджикистане были следующими: «Сколько помню себя, я постоянно куда-то ехала и летела. На высокогорную памирскую заставу — к родителям. С ними в отпуск на поезде, который шёл из Душанбе в Москву больше недели; на пустынных станциях, заметённых песком, продавали лепёшки, катык и верблюжьи носки» [14, с.1].

Вскоре после окончания 1969 году филологического факультета Таджикского государственного университета имени В.И. Ленина Некрасова начала работать журналистом. Долгие годы она возглавляла отдел пропаганды республиканской молодёжной газеты «Комсомолец Таджикистана». Некрасова о своей работе говорила: “Мне всегда нравилась моя неспокойная жизнь и работа, командировки, дежурства до утра, статья «срочно в номер»… Стихи, записанные на пачке сигарет посреди хлопкового поля… Встречи и расставания, новые знакомства, жизнь в центре событий. Люди нам верили, открывали душу, надеялись на помощь нашей газеты, на её справедливый взгляд на события и дела республики, на судьбы людей. Так было много лет. Профессия журналиста была уважаемой, она открывала широкие горизонты. Спасибо ей” [14, с.3].

С ранних лет она интересовалась поэзией. Как вспоминает поэтесса: «…поэтический дар я унаследовала от дедушки, в раннем детстве провела много прекрасных часов, сидя на полу среди книг у дедова книжного шкафа, и с восьми лет начала записывать стихи» [14, с.4].

Первые стихотворения Некрасовой были опубликованы в газете Среднеазиатского пограничного округа «Дзержинец» в 1969 году.

Отец Некрасовой был пограничником, военнослужащим. Как говорила поэтесса, она была влюблена в зеленые фуражки, в романтику пограничной службы, ощущение Родины, ее защиты:

И вот так, как навечно героям бесстрашным
Увенчала могилу звезда,
В моё сердце,
о люди в зелёных фуражках,
Вы вошли навсегда, навсегда, навсегда…

Из этих строк заметно, что поэтессу волнуют бесстрашные, сильные герои, которые ради Родины готовы пожертвовать своей жизнью. Эти герои занимают особое место в ее сердце. Сюда вплеталась любовь к маленькой горной республике, ее природе и народным традициям.

В экстремальных условиях лета
Продолжаем здоровьем сорить.
Душанбе… Это в Азии где-то? -
Обожают друзья говорить.
Раскалённое небо нависнет…
Но советов благих не терплю
В экстремальных условиях жизни,
За которые жизнь и люблю [10, с.6].

«Пограничные заставы Таджикистана, служба мужественных и отважных людей в зелёных фуражках, фантастические пейзажи Памира», - вот истоки моего творчества, говорила сама Некрасова [14, с.4].

Разворачивалась долиной
Поднебесная речка Гунт.
Мы спускались под тополиный
И берёзовый летний бунт.
Там, где ласковый запах хлеба
Осеняет памирский дом,
Нам открылось такое небо,
Что описываю с трудом [10, с.8].

В 1977 году увидела свет ее первая книга стихов «Тюльпаны с далеких застав». О выходе своей первой книги Некрасова говорит: «И вот наступил момент, когда выходила моя собственная первая книга. Это ощущение, эту ответственность не с чем сравнить. Потом будут другие, но первая… Это означало, что ты полностью в профессии, на равных с коллегами. Девчонки-таджички в типографии на стенке среди артистов вывесили мою фотографию… А на прилавках книжных магазинов лежала маленькая белая книжка с моей фамилией» [14, с.6].

Книга «Тюльпаны с далеких застав» ярко выражает ее идейную направленность. Здесь красивая природа, тюльпаны, горы Таджикистана переплетаются одновременно с заставой и военной жизнью, и все больше и краше раскрывают свою сущность:

Я - домой. А ты - на службу.
Пахнет горной чистотой.
Будет лучше или хуже -
Не забудь дороги той…

Поэтические образы, красочное описание местностей, горных долин свидетельствуют о том, что поэтесса имела ясное представление о жизни и культуре таджикского народа и местности.

Узор нехитрый тюбетейки,
Весёлый тополиный ряд,
Ущелий сумрачные тени
Мне были дороги не зря.
Щемило сердце так по-русски
В горах таджикских над водой,
Где дикий лук с неслышным хрустом
Расцвёл малиновой звездой… [5, с.86].

М. Некрасовой дорог этот солнечный край. Она признается в любви чайхане, азиатскому лету, Яванским горам, старцу в красной чалме, красочным узорам мальчишеских тюбитеек, горным рекам и протяжным песням этого народа.

В стихотворении «Я снова здесь, у синих гор», поэтесса искренне и от всего сердца называет себя частью таджикской земли:

Я обниму тебя, земля!
Я каждый хлопка лепесток,
Своим дыханием согрею,
Тебя люблю я, как умею… [11, с.25].

Под пером поэтессы природа Таджикистана оживает и постоянно обращается к ней:

Оглянись – не поверишь глазам,
Оступись – не останется праха!
Здравствуй, путник! Ты здесь как слеза
На неверной реснице Аллаха [11, с.25].

Таджикский язык и таджикские названия всегда звучат для нее завораживающе и притягательно:

Звучит тетивою лука
Отдаленное слово «Бартанг» [11, с.25].

И в лирических стихотворениях, и в поэмах Марина Некрасова обращается к теме Таджикистана, который так дорог ей.

Эти горы грядут из-за гор,
Друг за другом встают перевалы …
Несмываемый этот узор
Неземная рука рисовала [11, с.27].

В 1989 году вышел следующий сборник поэтессы «Ценою весны». Прочитав это название, перед глазами невольно появляются такие понятия, как весна-юность-любовь. Эти слова и суть, в них заключенный смысл всегда были близки для вековой литературной традиции. С первых строк читатель уже может окунуться в поток сердечных излияний и любовных признаний, и эта любовь не только к определенному человеку, а к людям, ее окружающим, к стране, к городу…

Я по улицам этим хожу
Запах пыли, сухой и тревожный
Так по каждому бьет этажу
Что ночами уснуть невозможно!

Стихотворения поэтессы поражают читателя самобытностью, искренностью, однако, это не совсем привычная для нас любовная лирика. Можно смело отметить, что автор склонен изменить предположенному нами стандартному типу женской лирики…

Облетит чешуя тополей –
Только это случится не скоро.
Я сыграю десятки ролей,
Перееду из города в город,
Буду спорить с друзьями о том,
Что такое страна и эпоха,
Неизбежно вернувшись потом
В свой единственный город Востока… [12, с.86].

И ведь какой замах! – страна, эпоха…Ее слова, строки идут не от юношеского задора, хотя в эти годы поэтесса была юна и полна энергии юности, а именно от зрелости ума и чувства. Поэтесса вернется «В свой единственный город Востока» - столько любви и преданности мы наблюдаем в этих строках, зрелой и бесконечной.

Ее следующие строки могут ответить на вопрос, насколько эта зрелость способна найти новые горизонты в осмыслении мира, бытия и места человека в нем.

Я знаю: ничего не повторится.
Все это передумано дотла.
Но сердце неизбежно обратится
К истокам, от каких произошла…

Зрелость эта угадывается в неожиданности и точности слова, в небоязни сурового эпитета, в прямоте вопроса в ее строках. Мир жесткий и холодный открывается поэту в бездорожье судьбы, в неприкаянности скитаний, в опасности людского равнодушия. Этот жесткий и холодный мир безмерен. Он измеряется не километрами, а ветрами и веками.

Над Севером,
ранний и звездный,
Забытый,
седой, ледяной,

Колышется август морозный,
И ветер летит надо мной… [13, с.143].

В этих строках стихотворения «Диалог», где две половины души решают, где им лучше быть – в ледяном ветре или в жгучем зное, в краю холодной прародины или на вновь обретенном обжигающем Востоке… Колебания души поэтессы прослеживаются не только в этом стихотворении, но и почти во всех стихах, строках речь идет о родной земле и о земле, которая стала родной.

Стихотворения Некрасовой привлекает читателя своим обилием особенных «глагольных» образов: «Я в ночь выхожу на заставу…», «Сорвусь в течение арычное…», «Но миную любые запреты напролом…», «Даль поглощает меня», «Уехать! Вдаль! Без промедленья» и ко всему этому еще и присоединить глаголы движения: мчатся, уехать, уйти, кочевать в сочетании образов поезда, машины, которые с большой частотой встречаются на просторах ее стихотворений, то можно уловить удивительный динамизм внутреннего мира стихов Некрасовой. Дорога, путь – она проходит через все творчество Некрасовой, разбрасывая ее по разным уголкам судьбы. Дорога у Некрасовой не только часть пространства, но и свойства души.

В начале 90-х русские покидали Таджикистан, охваченный гражданской войной, и в их числе была семья Некрасовой. В своем сборнике стихов “Без возврата” и “Пересаженное дерево” Некрасова часто упоминала тяжелые годы, годы разлуки, потери - 90-х. «Жизнь в эти годы разделилась на две. Для многих она продолжалась в других городах, а для некоторых она закончилась под пулями каких-нибудь повстанцев», - отмечает поэтесса.

Всё, что было моим, — навсегда
Пусть останется в сердце нетленным.
Но уносят меня поезда
И зимой, и весною, и летом…

Название «Пересаженное дерево» Некрасова дала своему произведению не просто так. Время все бросать, покидать, уезжать. Время пересадить дерево, у которого были здоровые и сильные корни на этой земле. Время начать все с нуля, но как? У поэтессы эта боль выражается в следующих строках:

Оранжевый закат падёт на горы.
Я буду ждать последний самолёт.
Затихнут птицы и умолкнут споры,
И он чуть-чуть помедлит,
но придёт…
Закатные лучи глядеть мешают.
Мотор спугнёт тоскующую тишь.
Толкаются, встречают, провожают.
Сегодня ты ещё не улетишь…
О чём грустишь? Твои какие годы?
Успеется ещё: Москва, толпа.
Твоя велосипедная тропа…

Зачем мы протоптали эту дорогу? Зачем ходили по ней? Почему не собирались возвращаться?.. Всякие были поводы, у кого радостные, у кого и грустные. Возможно, пишет Некрасова, «здесь никто не поймёт этих странных корней…».

В конце 2019 года в московском издательстве «Голос-Пресс» вышла новая и долгожданная книга стихотворений Марины Георгиевны «Атлантида».

Как отмечала сама поэтесса: «Стихи - это голос свободы и, порой, голос истины. И даже символично, что стихи Марины Некрасовой вышли в издательстве с названием «Голос-Пресс».

О Азия, звезда моей души,
Когда мы повстречаемся, скажи?
Я - лишь пылинка твоего убранства.
Но без меня ты - мёртвое пространство [14, с.4].

Парадокс книги «Атлантида» заключается в том, что автор, как чувствительная и в то же время несущаяся комета, отражающая настроения миллионов людей на постсоветском пространстве, во многих своих произведениях тоскует по родине, физически никуда не уезжая, находясь на своей земле, а не на чужбине. А ведь через столько десятилетий поэтесса душой все еще в этом горном крае, в нашем Таджикистане, и читатель, нам кажется, уже сделал вывод, о том, что Некрасова никогда и не забывала эту землю, которая для нее стала родной.

«В этой книге я возвращаюсь к тем моментам нашей общей истории, о которых могу рассказать только я, - пишет Марина Некрасова. - Рассказать, как поэт, а ещё и участник событий, очевидец времени, когда уходила и закрывала за собой еще одну дверь своей истории наша Родина. Это не документ, это стихи и проза. Но в основе любого творения художника всегда - жизнь»:

В этом городе таджикском
со своей тоскою русской
Ощущаю быстротечность
жарких медленных часов.
В приближении неблизком
за кипящей речкой узкой
Горы каменное сердце запирают на засов.

В «Атлантиде» Некрасова рисует картину распада огромной советской империи, рассказывая об этих событиях сквозь призму собственного участия и восприятия. Красная ниточка мысли об утрате, исчезновения счастливых дней проходит сквозь всю книгу. Но речь далеко не только об этом. Перед нами жизнь во всем её многообразии, любовь и разлука, радость и боль, снег и солнце, прошлое и настоящее…

Всё изменится,
Глаза откроются,
Друзья на родину вернутся,
Чтоб больше никогда не обмануться…
Ты размечталась, как во сне.
Луна жестокая в окне.
И никого вокруг, как на Луне.
И никогда уже не обмануться.
И если можешь, жизнь, меня прости
За годы без приюта и привета [14, с.8].

Стоит добавить, что книга была посвящена светлой памяти родителей Марины Некрасовой, и это символично, поскольку сборник - прощание-прощение и с Родиной-СССР, и с родителями, оставшимися молодыми в памяти автора, в том времени, солнечном, жгучем, радостном, безмятежном… Это были люди, которые строили и защищали нашу страну, это было время героев.

Нужны годы, чтобы художник, в широком смысле этого слова, мог осмыслить очередной отрезок современной истории, а дополнительная - если ты живёшь в этом времени и принимаешь непосредственное участие в происходящих событиях.

В восьмидесятые накануне катастрофы, развала страны, автор, еще работая в республиканской молодежной газете «Комсомолец Таджикистана», снова приезжала в тот погранотряд, который помнила с детства. И картина увиденного нарушила хрустальную тишину мира её детства, надежного. Из-за гор повеяло смертельным холодом и ветром горьких перемен:

«На этот раз я увидела огороженный колючей проволокой военный аэродром… Шла афганская война». (из книги «Атлантида») [14, с.7].

Смятение - вот что характерно для конца восьмидесятых - начала девяностых. Но не будем забывать, что мы говорим о книге стихотворений. И поэтичная проза обрамляет и дополняет лирику Марины Некрасовой, как резные рамы искусного мастера составляют одно целое с живописным холстом. Эта лирика - философия непростой жизни:

И звериным чутьём выживая,

Чтобы новую встретить зарю,
Я, дырявую жизнь зашивая,
Царским платьем себя одарю…

Поэзия - это ещё и одиночество, когда, где бы ни был поэт, сколько бы народу его ни окружало, какие бы огромные города ни шумели вокруг, творчество всегда требует самоуглубления, полной самоотдачи, уединения внутри себя. Потому что поэтический процесс - постоянный, для этого не надо сидеть в кабинете за письменным столом, душа продолжает трудиться, где бы ты ни был:

Ты один - от рая и до ада.
Ты, поэт, на всей земле один.
Кто ещё поймёт тебя, как надо?
Ты себе и раб,
И господин,
Ты себе и горе, и отрада,
И волшебной лампы Аладдин…

В Книге «Атлантида» Марины Некрасовой очень ярко выражается ее чувство слова, образы, созданные поэтессой, восприятие событий, непререкаемые понятия чести и патриотизма:

…Уже забытое почти
«Служу Советскому Союзу!»
И те, кто дальше будут жить,
Ему не смогут послужить.
А я, кому ещё дано
Хранить любовь, таить обиды,
Смотрю в туманное окно,
Как опускается на дно
Моя родная Атлантида…

Осмыслив главные направления творческой деятельности поэтессы, проследив, как в ее произведениях осуществляется процесс творческого освоения культуры и литературы таджикского народа, мы убедимся в том, что она внесла значительный вклад в популяризацию таджикской литературы, интерес к ней и ее дальнейшее развитие на современном этапе. Все предметы, окружающие ее, все люди, которые встречались на ее жизненном пути – вошли в ее душу, стали импульсом для ее творчества. Поэтесса, конечно, в своем творческом пути затронула разные темы, однако тему Таджикистана и таджикского народа она пронесла через все свое творчество, и как мы видим, поэтесса до сих пор верна ей.

Рецензент: ***М.Мирзоюнус*** – д.и.ф., профессор ХГУ им.Б.Гафурова

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Баканова, И. Вишневая заря Таджикистана / И. Баканова. – Душанбе: Ирфон, 1982. - 206 с.
2. Брагинский, И.С. Очерки из истории таджикской литературы / И.С. Брагинский. – М., 1956.
3. Брагинский, И.С. 12 миниатюр / И.С Брагинский. – М.,1966.
4. Дун, А.З. Русские писатели в Ленинабаде / А.З Дун. – Сб: Дружба и братство – Ленинабад, 1964.
5. Тартаковский, П.И. Русская советская поэзия 20-х начала 30-х годов и художественное наследие народов Востока / П.И. Тартаковский. – Ташкент, 1977. – 31 с.
6. Гордон, Я.И. Открытие Таджикистана / Я.И. Гордон. – Душанбе, 1988.
7. Гейзер, А.Р. Первые встречи (Русская литература XVIII века и Восток. Источники. «Посредники». Новые факты) / А.Р. Гейзер. - Берлин - Худжанд, 1998. – 48 с.
8. Задорнова, В.Я. Восприятие и интерпретация художественного текста / В.Я. Задорнова. - М.: Высш. шк., 1994. - 152 с.
9. Задорнова, В.Я. Словесно-художественное произведение на разных языках как предмет лингвопоэтического исследования: дисс... докт. филол. наук / В.Я. Задорнова. - М.: МГУ, 1992. - 479 с.
10. Некрасова, М.Г. Без возврата / М.Г. Некрасова. – Душанбе: Адиб, 1989.
11. Некрасова, М. Цикл стихотворений / М.Некрасова // Памир. - 1985. - №7. - С.25.
12. Некрасова, М. Цикл стихотворений / М.Некрасова // Памир. - 1985. - №3. - С.86.
13. Некрасова, М. Цикл стихотворений / М.Некрасова // Памир. - 1987. - №3. - С.143.
14. Некрасова, М. Жизнь и творчества [электронный ресурс]. URL: https://marinanekrasova.ru/ (дата обращения: 20.01.2023 г.)
15. Ходжибаева, Б. Голубая родина Фирдуси…Таджикистан в русской литературе 20-80-х годов XX века / Б. Ходжибаева, М.Мирзоюнус. – Худжанд: Нури маърифат, 2010. – 328с.

РОБИТАҲОИ АДАБИЁТИ РУС ВА ТОҶИК
(дар мисоли эҷодиёти Марина Некрасова)

Дар мақола масъалаи паҳн гардидани адабиёт бо забони русӣ дар Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Мақсади мақола дида баромадани равандҳои пайвастагии мардуми рус бо мардуми Осиёи Марказӣ, муносибатҳои фарҳангӣ ва адабии онҳо мебошад. Муаллиф ҳаёт ва фаъолияти баъзе нависандагон - муассисони адабиёт, ки ба забони русӣ дар Тоҷикистон кору фаъолият намудаанд, аз ҷумла Марина Некрасоваро таҳқиқ намудааст. Муаллиф, дар мисоли эҷодиёти шоири русзабон, Марина Некрасова, ки дар Тоҷикистон солҳои зиёд кору фаъолият намудааст, нишон медиҳад, ки чӣ тавр дар нимсолаи дуюми асри гузашта адабиёт бо забони русӣ инкишоф ёфтааст. Дар Тоҷикистон миқдори зиёди нависандагони дузабона фаъолияти эҷодӣ бурдаанд ва бурда истодаанд, аммо ин равияи эҷодиёти адабӣ дуруст омӯхта нашудааст. Гарчанде ки солҳои охир олимони тоҷик маводи пуразриши илмиро оиди ин масъала ҷамъ кардаанд, аммо системаҳои муосири ин маводҳо то ҳол вуҷуд надорад. Фаъолияти Некрасова дар ин замина як падидаи махсус дар таърихи адабиёти забони русӣ мебошад. Муаллифи мақола таъкид мекунад, ки аҳаммияти омӯзиши ин мавзуъ аз талабот ба омӯзиши мероси адабиёти русзабони Тоҷикистон вобаста аст. Ин масъала то ҳол равшан ва амиқ омӯхта нашудааст, гарчанде аҳаммияти он кайҳо маълум аст.

Калидвожаҳо: адабиёти русзабони Тоҷикистон, робитаҳои адабӣ, шарқшиносон, даврaҳо, назм, жанр, олимон.

РУССКО –ТАДЖИКСКИЕ ЛИТЕРАТУРНЫЕ СВЯЗИ
(на примере творчества Марины Некрасовой)

В статье исследован вопрос распространения литературы на русском языке в Таджикистане. Цель статьи – рассмотреть связь русского народа с народами Средней Азии, их культурно – литературные взаимосвязи. Автор анализирует жизнь и творчество некоторых писателей – основателей литературы на русском в Таджикистане, а именно Марины Некрасовой. Автор на примере произведений русскоязычной поэтессы Марины Некрасовой, которая жила и занималась литературной деятельностью у нас, в Таджикистане, показывает, как развивалась поэзия на русском языке во второй половине прошлого столетия. В Таджикистане осталось очень мало двуязычных литераторов, и эта форма литературного творчества не освещается должным образом. Статья содержит актуальные вопросы, связанные с русскоязычной поэзией, ее появлением и развитием в Таджикистане. Хотя за последние годы таджикскими учеными накоплен достаточный ценный научный материал, но определенная систематизация этих работ отсутствовала. Деятельность Некрасовой в этом контексте представляет собой особое явление в истории русскоязычной литературы Таджикистана. Автор статьи подчеркивает, что актуальность исследования данной темы вызвана востребованностью изучения литературного наследия русскоязычных поэтов Таджикистана. Данная проблема не изучена, хотя актуальность ее давно очевидна.

Ключевые слова: русскоязычная литература Таджикистана, литературные связи, востоковеды, периоды, поэзия, жанр, ученые.

RUSSIAN-TAJIK LITERARY TIES
(on the example of the work of Marina Nekrasova)

The article examines the distribution of literature in the Russian language in Tajikistan. The purpose of the article is to consider the relationship of the Russian people with the peoples of Central Asia, their cultural and literary relationship. The author analyzes the life and work of some writers - the founders of literature in Russian in Tajikistan, namely Marina Nekrasova. The author, by the example of the work of Russian-speaking poetess Marina Nekrasova, who lived and worked in Tajikistan, shows how poetry in Russian developed in the second half of the last century. There are very few bilingual writers left in Tajikistan, and this form of literary work is not adequately covered. The article contains topical issues related to Russian-language poetry, its emergence and development in Tajikistan. Although in recent years Tajik scholars have accumulated sufficiently valuable scientific material, a certain systematization of these works has been lacking. Nekrasova's work in this context represents a special phenomenon in the history of Russian-speaking literature of Tajikistan. The author of the article emphasizes that the relevance of the study of this topic is caused by the demand for the study of the literary heritage of Russian-speaking poets of Tajikistan. This problem is unstudied, although its relevance has long been obvious.

Key words: russian-language literature of Tajikistan, literature relations, orientalists, periods, poetry, genre, scholars.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Бахтиёрзода Мухаббат*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров, унвонҷӯ. **Суроға:** 735700, ш.Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузар. Мавлонбеков, 1.
E-mail: **muhabbat.b.20@mail.ru.** Тел.: **(+992) 923-33-75-65**

Сведения об авторе: ***Бахтиёрзода Мухаббат***– Худжандский государственный университет им. академика Б.Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, г.Худжанд, Республика Таджикистан, про. Мавлонбекова, 1.
Тел.: **(+992) 923-33-75-65**

Information about the author: ***Bakhtiyorzoda Muhabbat*** – Khujand State University named after academician B. Gafurov, applicant. **Address:** 735700, Khujand, Republic of Tajikistan, pro. Mavlonbekova, 1.
Phone: **(+992) 923-33-75-65**

ЖУРНАЛИСТИКА

ТДУ: 070 (575.3)

ПАЙДОИШИ МАТБУОТИ ДУЗАБОНА

Муқимов М.А., Умаров З.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Заминаҳои пайдоиши матбуоти миллии кишварҳои Осиёи Миёна бо ҳам тавъам аст. Аз ин сабаб, ин марҳилаи ташаккули матбуоти даврии тоҷикӣ ва ӯзбекӣ аз ҷониби муҳаққиқони кишварҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон омӯхта шудааст.

Масалан, дар Тоҷикистон М. Бобохонов, И.К.Усмонов ва Д.Давронов, А.Азимов, А.Набавӣ, Қ.Шарифзода, Г.Дадабоева, Х. Андамов, Б.Исомиддинов ва дигарон давраи аввали ташаккули матбуоти даврии тоҷикро таҳқиқ намудаанд.

Ба ин монанд дар Ӯзбекистон А.Авлонӣ, Н. Абдуазизова, Т.Эрназаров, З.Саид, Т.Пидаев, Ш.Ҳасанов, Ҳ.Саидов, С.Ҳалимова, Г.Нишонова ва муҳаққиқони дигар таҳқиқотҳо анҷом додаанд.

Заминаҳои таърихии пайдоиши матбуот дар Туркистон ва баъдан дар Тоҷикистон ба замони ба фаъолият шуруъ намудани матбуоти русии Туркистон рост меояд. Дар ҳудуди Туркистон аввалин рӯзнома бо номи «Туркестанские ведомости» 28 апрели соли 1870 бо забони русӣ ташкил шуда буд. “Рӯзномаи «Туркестанские ведомости» соли 1870 17 шумора баромадааст. Аз соли 1871 он ҳафтае як маротиба, аз декабри соли 1903 ҳафтае чор маротиба ва ниҳоят, аз соли 1907 ҳар рӯз чоп мешуд. Шумораи охирони рӯзнома 1 декабри соли 1917 баромадааст. Дар 47 соли нашр рӯзнома 6406 шумора чоп шудааст” [1, с.86].

Рӯзномаи «Туркистон вилоятининг газети» баъди чанд вақти фаъолияти «Туркестанские ведомости» ҳамчун замимаи он бо забони ӯзбекӣ аз чоп мебарояд. «Дар маҷмуъ, “Туркистон вилоятининг газети” аз соли 1870 то соли 1917 дар 500-600 нусха чоп мешуд. Муҳаррирони нашрия Ш.Иброҳимов (соли 1872 – январи 1883), Х.Чанишев (соли 1883), Н.П.Остроумов (охири соли 1883 – соли 1917) буданд. Аз арбобони фарҳанги маҳаллӣ Зокирҷон Фурқат, Сатторхон Абдуғаффоров, Шоҳимардон Иброҳимов аз кормандони аввалини он ба ҳисоб мераванд» [11, с.286].

Ин рӯзномаҳо вазифаи тарғиби сиёсати Русияи подшоҳиро дар қаламрави Туркистон бар зимма доштанд. Аз ин сабаб, онҳоро матбуоти сирф миллӣ номидан чандон дуруст нест.

“Дар аввали асри ХХ дар Туркистон низ матбуоти миллӣ ба вуҷуд омад. Аз тарафи озодандешони зиёӣ – ҷадидон нашр гардидани рӯзномаҳои “Тараққӣ”, “Хуршид”, “Садои Туркистон”, “Садои Фарғона”, “Наҷот”, “Самарқанд”, “Ҳуррият”, маҷаллаҳои “Ойина”, “Чаён” дар таърихи маънавии халқҳои Туркистон нақши муҳимро соҳиб гаштанд” [19, с.19].

Ин рӯзномаҳо, ки аксаран аз тарафи ҷадидон ба нашр мерасиданд ва ормонҳои миллии халқҳои минтақаро инъикос мекарданд, дар байни мардум шуҳрати зиёд пайдо карданд. Ба сифати рӯзномаи сирф ӯзбекӣ ва миллӣ дар қаламрави Туркистон нашрияи “Тараққӣ” шинохта мешавад.

“Аввалин нашрияи ҷадидон – рӯзномаи “Тараққӣ” дар шаҳри Тошканд бо имзои муҳаррир Исмоил Обидов 27 июни соли 1906 ба чопи худ оғоз кардааст. Маҳз бо ҳамин сабаб имрӯз дар Ӯзбекистон 27 июн ба сифати Рӯзи матбуот ва кормандони воситаҳои ахбори омма тақлил мегардад. Албатта, дар ин давра дар Туркистон барои таъсиси матбуоти миллӣ омилҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд” [2].

Яке аз муҳаққиқони таърихи матбуоти ӯзбек Бойбӯта Дӯстқораев дар мақолаи хеш ба номи «“Тараққий” бошлаб берган йӯл» («Роҳи саркардаи “Тараққӣ”») чунин менависад: «“Тараққӣ” аз шумораҳои нахустинаш ҳаракат мекард, ки ба мардуми маҳаллӣ моҳияти салтанати Русия, чӣ будани истилогарӣ, неъмати бебаҳо будани озодиро фаҳмонад. Муҳаррири газета, ки инсони босавод, боақл буд, кори нашрияро бо

пухтакорӣ сар кард. Аз ҳама муҳим, Исмоил Обидӣ, ки ба фирқаи эсерҳо майл дошт, тавонист дар якҷоягӣ бо роҳнамоии ҷадидони Тошканд Мунаввар қорӣ кор кунад. Онҳоро як чиз муттаҳид мекард: озодӣ аз салтанати золим ва маккор» [3].

Ба таъкиди муҳаққиқи дигари ӯзбек Назира Абдуазизова "Рӯзномаи "Тараққӣ" дар Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ зери рақамҳои инвентарии F-63 - F-73 нигоҳ дошта мешавад" [14, с.78]. Дар ин ҷо 6 шумораи рӯзнома мавҷуд мебошад.

Мунаввар қорӣ, ки яке аз ҷадидони фаъол ба ҳисоб мерафт, ҳамчунин рӯзномаи худро ташкил намуда буд. Ин ҷаридаи "Хуршед" буд, ки бо муҳарририи ӯ 6 сентябри соли 1906 шумораи нахустинаш нашр шудааст. Рӯзнома ҳамагӣ 11 шумора мебарояд ва 16 ноябри соли 1906 нашрашро қатъ кардааст.

Барои рушди матбуот на танҳо равшанфикрону ҷадидон, балки сармоядорону тоҷирон низ ҳиссаи худро гузоштаанд. Намунаи ин рӯзномаи "Туҷҷор" аст, ки бо кӯмак ва роҳнамоии яке аз сарватмандони Тошканд Саидкарим Саидазимбой чоп шудааст. Шумораи аввалини рӯзнома 27 августи соли 1907 ба дасти хонандагон расидааст.

"Ҳадафи аслии он инкишофи бозоргонӣ ва мусоидат ба рушди кори тоҷирон" [15, с.30] будааст. Вале муҳаққиқи таърихи матбуоти ӯзбек Т.Эрназаров бар он андеша аст, ки "Ин рӯзнома газетаҳои "Тараққӣ" ва "Хуршед"-ро, ки аз маъмурони ҳукумат ислоҳ кардани "низоми иҷтимоӣ"-ро талаб карда буд, танқид кард" [24, с.72]. Рӯзнома то он вақте ки дар соли 1908 баъд аз нашри шумораи 36-ум аз чоп бозмонад, мувофиқи мақсади дар боло зикршуда фаъолият намудааст.

Ҳафтаномаи "Шуҳрат" нашрияи дигари ин давра аст. Фаъолияти он ҳам дер давом накардааст, аз 1 декабри соли 1907 то моҳи марти соли 1908 нашр шудааст. Муҳаррири рӯзнома яке аз адибони машҳури ӯзбек Абдулло Авлонӣ буд.

Баъд аз қатъ шудани нашри ҳафтаномаи "Шуҳрат" дар заминаи он зери муҳарририи Аҳмадҷон Бектемиров ҷаридаи дигар ба номи "Осиё" чоп шуд. Шумораи аввалинаш 9 апрели соли 1908 баромадааст. Бо сабаби баста шудани рӯзномаҳои болозикр ва ташкили ҷаридаи "Осиё" "кормандони рӯзномаҳои "Хуршед" ва "Шуҳрат" дар кори рӯзномаи нав фаъолона иштирок менамоянд" [20, с.23].

Агар рӯзномаи "Тараққӣ" ҳамчун нашрияи аввалин ва миллии ӯзбекӣ ба ҳисоб равад, рӯзномаи "Бухорои шариф" ба сифати сароғози матбуоти сирф миллии тоҷикӣ шинохта шудааст.

Вақте дар бораи таърихи ташаккули матбуоти ӯзбекӣ сухан меравад, аз рӯзномаву маҷаллаҳои дузабонаи замони Аморати Бухоро ёдовар шудан зарур аст. Зеро пайдоиши матбуоти дузабона ба таъсис ёфтани рӯзномаи «Бухорои шариф» (11 марти соли 1912), ки аввалин рӯзномаи сирф тоҷикӣ мебошад, вобаста аст. Баъди чоп шудани «Бухорои шариф» ҳамчун замимаи он нашри ҷаридаи ӯзбекии «Тӯрон» низ ба роҳ монда мешавад.

Муҳаққиқи рӯзномаи "Бухорои шариф" Қироншоҳ Шарифзода барҳақ қайд мекунад, ки «…Дар давоми 10 соли пурҳаводиси оғози садаи XX дар Тошканду Самарқанду Фарғона 12 нашрияи ӯзбекӣ, ӯзбекию тоҷикию русӣ, бо ному даъвоҳои гуногун пайдо шуда, аз 10 («Хуршед») то 123 («Садои Фарғона») шумора ба табъ расиданд. Аз миёни онҳо «Бухорои шариф» дар қаламрави аморати Бухоро тани танҳо нашрияи тоҷикӣ буд» [21, с.298].

Аз соли 1994 инҷониб ба ифтихори рӯзи чопи аввалин шумораи рӯзномаи "Бухорои шариф" 11 март дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳамчун Рӯзи матбуоти тоҷик ҷашн гирифта мешавад.

Лозим ба таъкид аст, ки бо дастгирии собиқ ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик Муҳаммадюсуф Имомзода муҳаққиқ Қироншоҳ Шарифзода шумораҳои аслии рӯзномаи "Бухорои шариф"-ро аз Китобхонаи миллии Ӯзбекистон ба номи Алишери Навоӣ нусхабардорӣ намуда, варианти электронии онҳоро ба Китобхонаи миллии Тоҷикистон дастрас намуд.

Ва санаи нашри шумораҳои комили "Бухорои шариф" дар мақолаи Қ.Шарифзода бо номи «Оид ба даврияти чопи "Бухорои шариф"» [22] замима гардидааст.

Рӯзномаҳои "Бухорои шариф" ва "Тӯрон" ба ҳамбастагии матбуоти тоҷикию ӯзбекӣ оғоз бахшид. Гарчанде ин рӯзномаҳо умри дароз надида бошанд ҳам, дар муддати

кӯтоҳ рисолати таърихии худро ба ҷо оварданд. Баъдан намунаҳои аввалини матбуоти ӯзбекӣ чун рӯзномаҳои мустақил ё ин ки замимаи ин ё он рӯзнома арзи вуҷуд менамояд. Пажуҳишгарони таърихи журналистикаи тоҷик ва ӯзбек аз номи чанде аз рӯзномаҳои сирф ӯзбекӣ ё ин ки замимаи ӯзбекии рӯзномаҳои тоҷикиву русӣ ёдовар мешаванд.

“Яке аз аввалин нашрияҳои дузабонаи Туркистон “Самарқанд” аст, ки он дар моҳи апрели соли 1913 ба арсаи вуҷуд омад” [15, с.38]. Муҳаррираш Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ буд. Бо ин рӯзнома Саид Ризо, Ҳоҷӣ Муин, Роҷӣ, Сиддиқӣ, Нурмуҳаммад Бек ӯғлӣ, Нусратулло – Миллӣ, Мулло Иброҳим Саидкамол ӯғлӣ пайваста ҳамкорӣ мекарданд.

Ҳамчунин, дар Самарқанд маҷаллаи дузабонаи “Ойина” аз 20 августи соли 1913 то июни соли 1915 чоп шудааст. “Ойина” ҳам маҷаллаи Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ ба ҳисоб меравад. Маҷалла дар 68 шумораи худ бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ хабару мақолаҳо нашр кардааст.

Дар ин муддат дар водии Фарғона боз ду нашрияи дигар бо номҳои “Садои Фарғона” ва “Садои Туркистон” нашр шуданд. Рӯзномаи “Садои Фарғона” аз 3 апрели соли 1914 нашрашро оғоз карда, то 6 июни соли 1915 123 шумора баромадааст. Ба он Обидҷон Маҳмудов муҳаррир буд. Рӯзномаи “Садои Туркистон” ҳам моҳи апрели соли 1914 нашр шуда, муҳаррираш Убайдуллохоҷа Асадуллохоҷаев буд. Аз 1 апрели соли 1914 то 10 апрели соли 1915 чоп шудааст.

Ин ду рӯзнома низ дар баробари “Тараққӣ” ба сифати нашрияҳои миллӣ шинохта мешаванд. “Ба ин маъно ҳам “Садои Фарғона”, ҳам “Садои Туркистон” ба мисли рӯзномаҳои миллии қаблӣ ба таърихи зиндагии мардуми ӯзбек таваҷҷуҳи бештар зоҳир карданд” [8, с.3].

Воқеан, рӯзномаҳои “Тараққӣ”, “Хуршед”, “Туҷҷор”, “Шуҳрат”, “Бухорои шариф”, “Тӯрон”, “Самарқанд”, маҷаллаи “Ойина”, нашрияҳои “Садои Фарғона” ва “Садои Туркистон” ба сифати намунаҳои матбуоти миллӣ ормонҳо ва мақсаду мароми мардуми маҳаллиро инъикос намуданд, онҳоро барои ҳимоя аз таъриху фарҳанг, анъана, забону адабиёти миллӣ раҳнамоӣ карданд.

Ба таъкиди муҳаққиқи ӯзбек Т.Эрназаров “танҳо дар соли 1918 дар худи Туркистон 11 газетаи ӯзбекӣ нашр мешуд” [24, с.121].

Ҷаридаҳои “Эл байроғи” (“Парчами халқ”, соли 1917 дар Қӯқанд бо ташаббуси Пӯлат Солиев, Ашӯрали Зоҳирӣ), “Кенгаш” (“Шӯро”, соли 1917 дар Тошканд бо ташаббуси Закӣ Валидӣ, Мунаввар қорӣ), “Тӯрон” (соли 1917 дар Тошканд, муҳаррираш Абдулло Авлонӣ), “Улуғ Туркистон” (“Туркистони бузург”, соли 1917 дар Тошканд, муҳаррираш Кабир Бакир), “Турк эли” (“Мардуми турк”, соли 1918), “Шурои ислом” (соли 1917 дар Тошканд), “Тирик сӯз” (“Сухани зинда”, соли 1917 дар Қӯқанд), “Халқ ғайрати” (“Шуҷоати мардум”, соли 1917 дар Қӯқанд, муҳаррир Аҳмад Девишев), “Халқ дорулфунуни” (“Макотиби халқ”, соли 1918, муҳаррир Мухтор Бакир), “Турк сӯзи” (“Сухани туркӣ”, соли 1918 бо иқдоми Темирбек Худоёрхон) аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ҳамчунин, маҷаллаҳои “Ал-ислоҳ” (аз 14 январи соли 1915 то соли 1918, муҳаррираш Абдураҳмон Сайёҳ), “Деҳқон” (соли 1915 дар Тошканд аз тарафи Новиков), “Юрт” (“Диёр”, 1 июни соли 1917 дар Қӯқанд аз ҷониби Ашӯралӣ Зоҳирӣ), “Ишчилар дунёси” (“Дунёи коргарон”, дар Тошканд аз тарафи Юнус 7 шумора баромадааст), “Ал-изоҳ” (аз 15 июни соли 1917 то моҳи марти соли 1918, дар Тошканд, масъул Ҳоҷӣ Абдумалик ибни Абдулло махсум), “Изҳорулҳақ” (аз 20 феврали соли 1918 дар Тошканд, муҳаррир Мулло Садриддинхоҷа ибни Муфтӣ Шарифхоҷа эшон), “Чаён” (“Каждум”, аз моҳи июли соли 1917 дар Тошканд, муҳаррираш Иброҳим Тоҳирӣ) дар ин давра чоп шудаанд, вале умри дароз надида, дар муддатҳои кӯтоҳ баста шудаанд.

Дар ин давр, ҳамчунин рӯзномаву маҷаллаҳои дигар, ба монанди “Байналмилал” (солҳои 1923-1924), «Женщины Туркестана» (“Занони Туркистон”, соли 1921), «Қутулиш» (“Раҳоӣ”, аз 28 июни соли 1920 то 13 августи соли 1920), “Учқун” («Шарора», аз 15 апрели соли 1920), “Тонг” (“Субҳ”, аввали соли 1920), «Бухоро ахбори» (“Навиди Бухоро”, соли 1920) низ бо забонҳои ӯзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ чоп шудаанд ва як навъ барои огоҳонидани мардум аз воқеаву ҳаводиси замон, тарғиби ғояҳои давр хизмат кардаанд.

Дар ин миён дар шаҳри Самарқанд низ нашрияҳои нав ба нав пайдо шуданд. Дар пайравӣ ба нашрияҳои Маҳмудхоҷа Беҳбудӣ рӯзномаҳои “Ҳуррият” (“Озодӣ”) ва “Меҳнаткашлар товуши” (“Садои меҳнаткашон”) чоп шуданд.

«“Ҳуррият” нашрияи адабию илмиест, ки солҳои 1917-1918 дар Самарқанд чоп мешуд. Газета ҳафтае ду маротиба дар ҳаҷми чор саҳифа бо забони ӯзбекӣ мебаромад» [15, с.79],- менависанд муҳаққиқони таърихи матбуоти тоҷик И.Усмонов ва Д.Давронов.

Ба таъкиди муҳаққиқон Ғ.Муминов ва А.Нурматов: «Аз соли 1917 то соли 1918 86 шумораи газетаи «Ҳуррият» ба чоп расид. Аз 28 июли соли 1917 Фитрат муҳаррири он буд. Мақолаҳои эҳтиросӣ ва самимии сиёсии Беҳбудӣ ва Фитрат, ки дар саҳифаҳои ин рӯзнома ба нашр расиданд, мазмун ва самти онро дар сатҳи аъло ифода мекарданд» [11, с.296]. Ҳамчунин, Саидризо Ализода, Ӯрунбой Ӯғлӣ ва Акобир Шомансуровҳо низ муҳаррири рӯзномаи “Ҳуррият” буданд.

Аз маълумотҳои боло бармеояд, ки дар собиқ Туркистон ва Аморати Бухоро матбуоти тоҷикиву ӯзбекӣ ва русӣ бо ҳам робитаи зич доштанд. Ин аз он сабаб аст, ки мардуми ин сарзамин дар руҳияи дӯстиву бародарӣ зиндагӣ менамуданд. Зиёёну рафшанфикрон робитаҳои ҳамкории қавӣ доштанд, ин омил ба пайдоиш ва ташккули рӯзномаҳои дузабона замина гузошт.

Марҳилаи дигари рушди матбуот ба давраи Иттиҳоди Шуравӣ мансуб аст. Ҳизби коммунистӣ ба нақши матбуот аҳаммияти махсус зоҳир мекард. Аз ин хотир тамоми рӯзномаву маҷаллаҳоро дар тобеияти худ қарор дода буд.

Дар солҳои аввали асри XX дар ҳаёти сиёсӣ ва марзиву маъмурии Осиёи Миёна таҳаввулоти бузург ба вуқуъ пайваст. Баъд аз суқути Аморати Бухоро дар давраи Шуравӣ се бор (солҳои 1917-1920, 1920-1924 ва 1924-1929) тақсимоти миллӣ – маъмурии Осиёи Миёна сурат гирифт. Ва дар давраи охиринаш, яъне солҳои 1924-1929 муяссар гардид, ки Осиёи Миёнаро ба ҳудуди миллӣ тақсим намоянд.

Дар Тоҷикистон аввалин рӯзнома 15 марти соли 1925 бо номи “Иди тоҷик” шумораи аввалини худро баровардааст, ки баъдан бо номҳои “Бедории тоҷик” (аз 5 апрели соли 1925), “Тоҷикистони сурх” (аз соли 1928 то 1 январи соли 1955), “Тоҷикистони советӣ” (аз январи соли 1955 то поёни соли 1990), “Тоҷикистони шуравӣ” (аз 1 январи соли 1991) нашр шудааст. Он аз 19 сентябри соли 1991 ба сифати нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон – рӯзномаи “Ҷумҳурият” чоп мешавад.

Баъд аз ин рӯзномаи дуюми Тоҷикистон «Советский Таджикистан» буд, ки моҳи ноябри соли 1925 аввалин бор нашр шуда буд. Ин рӯзнома низ бо номҳои «Советский Таджикистан», “Коммунист Таджикистана” дастраси хонандагон гардидааст. Имрӯз бо номи “Народная газета” чоп мешавад. Баъд аз нашри рӯзномаҳои аввалин ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар баробари ҳамчун як кишвари мустақил дар Иттиҳоди Шуравӣ ташкил шудани Тоҷикистон рӯзномаи ӯзбекӣ таъсис ёфт.

Агар ба таърихи нашрияҳои ӯзбекии Тоҷикистон назар афканем, аввалини он рӯзномаи «Қизил Тожикистон» («Тоҷикистони сурх») аст, ки ҳамчун органи Кумитаи Марказии Партияи Коммунистии Тоҷикистон, Совети Олӣ ва Совети Вазирони Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз моҳи феврали соли 1929 нашр мешавад. Албатта, ин рӯзномаи умумиҷумҳуриявии ӯзбекии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон буд.

Баъд аз ин, дар вилоят ва ноҳияҳои кишвар нашрияҳои ӯзбекӣ ё ин ки саҳифаҳои ӯзбекӣ дар рӯзномаҳои маҳаллӣ ба навбат ташкил шуданд.

Омӯзиш ва таҳқиқи матбуоти маҳаллии Тоҷикистон яке аз бахшҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик ба ҳисоб меравад. Дар пажуҳишҳо ба зарурати омӯзиш ва пажуҳиш, заминаҳои пайдоиш, баъзе ҷанбаҳои таърихӣ, имкон ва неру, моҳияти идеологӣ, мавзуъ ва мундариҷа, рақобатнокӣ дар шароити нав ва омилҳои рушди матбуоти маҳаллӣ зикр шудааст.

Дар китобҳои «Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ», «Фарҳанги рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо», «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон», «Энсиклопедияи советии тоҷик», «Энсиклопедияи миллии тоҷик» ва «Ӯзбек совет энциклопедияси» як навъ маълумоти мухтасар доир ба ном ва чопи рӯзномаву маҷаллаҳои маҳаллӣ, аз ҷумла нашрияҳои бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-ӯзбекӣ ба нашррасида, оварда шудааст.

Тавре муаллифи китоби «Матбуоти Тоҷикистони советӣ» Ҷ. Усмонов қайд мекунад: «Баъд аз съезди XV ВКП (б) дар Тоҷикистон оид ба коллективонидани хоҷагии қишлоқ ва дигаргунсозиҳои сотсиалистии хоҷагии қишлоқ, ба амал баровардани планҳои панҷсола кори ҷиддӣ сар шуд. Дар ин солҳо комитетҳои партиявии районҳо ва комитетҳои иҷроияи районӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ ба нашри органҳои чопии худ шуруъ намуданд» [17, с.11].

Солҳои 30-уми асри гузашта ба сифати сарчашмаи пайдоиши нашрияҳои маҳаллӣ шинохта мешавад. Зеро, дар ин солҳо қариб дар тамоми вилоят ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ нашрияҳои маҳаллӣ ба вуҷуд омаданд. Албатта, дар ин масъала асосан забони мардуми таҳҷоӣ ба инобат гирифта мешуд. Аз ин рӯ, дар ноҳияҳое, ки намояндагони халқҳои гуногун зиндагӣ мекарданд рӯзномаҳои дузабона ташкил мешуданд. Масалан, дар ноҳияе, ки русҳо умр ба сар мебурданд, рӯзномаи тоҷикӣ-русӣ ё ин ки дар шаҳре, ки тоҷикону ӯзбекон буданд, нашрияи тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва ғайра нашр мешуданд. Бештари рӯзномаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва қирғизӣ буданд. Ҳамчунин, «матбуоти маҳаллӣ ҳадафҳои мушаххасе дошт ва дорад» [13, с.271].

Намунаҳои матбуоти солҳои 30-уми асри гузаштаро ба чунин навъҳо метавон ҷудо намуд: тоҷикӣ-ӯзбекӣ, ӯзбекӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ-русӣ.

Аксари рӯзномаҳои ин давр бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ чоп мешаванд. Албатта, рӯзномаҳои ӯзбекӣ-тоҷикӣ бештар дар ноҳияҳои ӯзбекнишин таъсис дода мешуданд. «Таркиби миллии аҳолиро ба назар гирифта, баъзе газетаҳои маҳаллӣ материалҳоро (маколаву хабар) бо ду забон (тоҷикӣ-русӣ, тоҷикӣ-ӯзбекӣ) чоп мекарданд» [23, с.17].

Агар аввалин рӯзномаи маҳаллии Тоҷикистони Шуравӣ 25 марти соли 1930 бо номи «Роҳи колхозчӣ» дар шаҳри Хуҷанд ташкил шуда бошад, нахустин нашрияи маҳаллии ӯзбекии он давра «Қизил нишон» («Нишони сурх») ном дошта, аллакай, 7 ноябри 1930 дар ноҳияи Нов (ҳоло Спитамен) ба чоп расидааст. Дар давоми фаъолияти зиёда 90-солаи худ нашрия бо номҳои гуногун нашр шудааст.

Рӯзномаи «Қизил нишон» ба сифати нахустин нашрияи маҳаллии ӯзбекии Тоҷикистон барои ба камол расонидани журналистон ва шоирону адибони ӯзбекзабони кишвар саҳми арзанда гузоштааст. Он нафароне, ки мактаби рӯзноманигориро дар ин рӯзнома омӯхтанд, аз ҷумла Аширмат Назаров, Назармат Назаров ва Дилмурод Хоҷимуродов баъдан дар рӯзномаҳои ӯзбекии вилоятиву ҷумҳуриявӣ фаъолият намуданд. Ҳамчунин, онҳо ба қатори шоирони шинохтаи ӯзбекзабони кишвар мансуб мебошанд.

Рӯзномаи дигари маҳаллии ӯзбекӣ ҳамчун нашрияи Кумитаи ҳизбӣ ва Кумитаи иҷроияи Шурои намояндагони халқи ноҳияи Пролетар (ҳоло Ҷаббор Расулов) соли 1935 бо номи «Пролетар ҳақиқати» («Ҳақиқати Пролетар») ташкил шуд. Дар ин рӯзнома низ аз соли 1978 маводҳои тоҷикӣ пайдо шудаанд. Аз соли 2010 инҷониб бо номи «Иқбол», бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ интишор мешавад.

Яке аз рӯзномаи маҳаллии ӯзбекии солҳои 30-юм нашрияи «Ленин йӯли»-и Кумитаи ҳизбӣ ва Кумитаи иҷроияи Шурои намояндагони халқи ноҳияи Регар ба шумор меравад, ки ҳоло бо номи «Диёри Турсунзода» нашр мешавад. Агар бевосита ба таърихи пайдоиши ин нашрия назар афканем, муҳаққиқ Қаҳҳори Расулиён чунин гуфтааст: ««Ленин йӯли». Нашрияи Кумитаи ҳизбӣ ва Кумитаи иҷроияи Шурои намояндагони халқи ноҳияи Регар (Турсунзода). Аз соли 1934 ҳафтае се маротиба бо забонҳои ӯзбекӣ ва тоҷикӣ нашр мешуд» [12, с.73].

Муҳаққиқ Қаҳҳори Расулиён соли нашри ин газетаро соли 1934 гуфтааст. Вале муаллифони китоби «Вақтида айтилган сӯз», ки ба муносибати 70-солагии рӯзномаи мазкур соли 2005 чоп шудааст, бар ин ақидаанд: «Соли 1935 дар таърихи ноҳияамон санаи хотирмон аст. Ноҳияи Регар маҳз ана ҳамин сол таъсис ёфтааст. Рӯзномаи «Ленин йӯли» низ дар ҳамин сол ташкил шудааст» [6, с.16]. Ба ақидаи мо на факти овардаи муҳаққиқ Қаҳҳори Расулиён, балки гуфтаи муаллифони китоби болозикр мантиқан дуруст аст.

Ҳамчунин, ин фикрро муаллифони китоби «Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон» низ тақвият медиҳанд. Яъне, нашрияи мазкур «Моҳи феврали соли 1935 бо номи «Ленин

йӯли» ҳамчун нашрияи кумитаи Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон дар ноҳияи Регар таъсис ёфта, аз моҳи марти ҳамон сол ба чоп расидааст» [10, с.142].

Дар аввали солҳои 60-уми асри гузашта, дақиқтараш аз 1 майи соли 1962 то 8 майи соли 1965 бо сабаби барҳам хӯрдани ноҳия нашри газетаи «Ленин йӯли» муваққатан боз дошта шуд.

Рӯзнома бо номҳои «Ленин йӯли» («Роҳи Ленинӣ», 1935-1980), «Халқ минбари» («Минбари халқ», 1980-1991), «Регар» (1991-2004) ва имрӯз (аз соли 2004) «Диёри Турсунзода» ба нашр мерасад.

Муҳаррири аввалини газета Улуғназар Аҳмедов буд. Ӯ аз соли 1935 то соли 1943 ба сифати муҳаррир фаъолият намудааст. Вале дар солҳои 40-уми асри гузашта зуд-зуд иваз намудани муҳаррири газета як навъ ба ҳукми анъана медарояд. Шояд, ин бо мушкилии кадрӣ ё ин ки ба талаби роҳбарияти ҳамонвақтаи кумитаи ҳизбии ноҳияӣ рабт дошта бошад. Ба ҳар ҳол, соли 1943 ба ҷойи Улуғназар Аҳмедов Шароф Рашидов ба вазифаи муҳаррирӣ таъин мешавад. Газета дар соли 1944 бо имзои Р. Болтаев нашр шудааст. Аз аввали соли 1946 нашрия бо имзои муҳаррири масъул Ҳ.Туяков чоп шуда бошад, аз шумораи 31 марти он имзои Хосият Мираковаро дидан мумкин аст. Дар шумораҳои соли 1948 нашршудаи газета имзои чор нафари дигар гузошта шудааст. Яъне аз 15 марти соли 1948 Расул Ортиқов, аз 1 май Қ.Шарипов, аз 31 июл Ф.Ҷабборов ва аз 17 август Тоҷиддин Тӯхтаматов муҳаррири нашрия буданд. Тоҷиддин Тӯхтаматов то соли 1954 газетаро сарварӣ мекунад.

Дар соли 1954 муҳаррири газета Р.Аҳмедов таъин шуда бошад, аз соли 1955 Расул Ортиқов дубора масъулияти муҳарририро бар дӯш мегирад.

Маврид ба зикр аст, ки то ин вақт газета пурра бо забони ӯзбекӣ нашр мешуд. Ва аз соли 1955 дар саҳифаи сеюми нашрия маводҳо бо забони тоҷикӣ нашр шуда, аз ин ба баъд як саҳифаи газета бо забони тоҷикӣ мебаромад.

Агар дар солҳои қаблӣ як саҳифаи рӯзнома маводҳои тоҷикӣ дошта бошад, акнун ҳамин як саҳифа ба забони ӯзбекӣ дода шуд. Яъне рӯзномаи ӯзбекӣ бо гузашти замон ба саҳифаи ӯзбекӣ табдил ёфт. Ҳоло (соли 2023) рӯзнома ҳамчун нашрияи расмии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва маҷлиси вакилони халқи шаҳри Турсунзода бо номи «Диёри Турсунзода» бо шиори «Ваҳдат парчами пирӯзиҳои мост!», моҳе ду маротиба, дар формати А3, дар ҳаҷми 8 саҳифа ба дасти хонандагон мерасад. Адади нашраш 2300 нусха. Сармуҳарриараш Камолиддин Бобоев, ҷонишини сармуҳаррир Акрам Икромов ва масъули саҳифаи ӯзбекӣ Абдуҷалил Ғафуров аст.

«Коммунизм учун». Нашрияи Кумитаи ҳизбӣ ва Кумитаи иҷроияи Шурои намояндагони халқи ноҳияи Шаҳритуз. Аз соли 1933 ҳафтае се маротиба бо забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ нашр мешуд. Баъдан номи «Октябр»-ро ба худ гирифт [12, с.72], - менависад муҳаққиқ Қаҳҳори Расулиён. Вале ин маълумоти овардаи муҳаққиқ ба маълумоти дар рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» чопшуда мухолифат дорад. Яъне ин рӯзнома, ки имрӯз бо номи «Субҳи Шаҳритуз» чоп мешавад, 16 июли соли 2015 шумораи 9 000-уми худро нашр кардааст. Дар ин шумора маълумотҳои хеле зиёд вобаста ба таърихи рӯзнома оварда шудааст. Барои мисол, раиси ҳамонвақтаи ноҳия Абдуалим Исмоилзода ба муносибати нашри 9000-умин шумораи рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» дар паёми табрикотиаш чунин овардааст: «Рӯзномаи мазкур таърихи омӯзандаю пурифтихор дошта, хишти аввали матбааю идораи он аз ҷониби ҷавонмарди ватандӯст Додоҷон Мамадҷонов 13 марти соли 1932 гузошта шудааст. Ӯ моҳи феврали соли 1932 ҳуруфоти арабиасоси форсӣ-тоҷикию дигар таҷҳизоти техникии чопиро аз Душанбе то шаҳри Термизи Ҷумҳурии Ӯзбекистон тариқи қатора ва аз он ҷо то маркази ноҳия ба воситаи шутур ва ароба кашонида оварда, таҷҳизотро насб намуда, дере нагузашта нахустшумораи газетаи ноҳиявӣ бо забонҳои тоҷикию ӯзбекӣ дастраси хонандагон мегардад» [4].

Дар тақвияти суханҳои болозикр сармуҳаррири рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» Азизи Фаттоҳ низ аз моҳи марти соли 1932 ба нашр расидани нашрияро таъкид мекунад: «Рӯзномаи «Субҳи Шаҳритуз» соли ҷорӣ 83-сола шудаю имрӯз 9000-умин шумораи он ба дасти хонандагону ҳаводоронаш мерасад. Он моҳи марти соли 1932 арзи ҳастӣ намуда, дар ибтидо бо номҳои «Шарқ ёруғлиги» («Нури шарқ»), «Коммунизм сари» («Ба сӯйи

коммунизм»), «Коммунизм учун» («Барои коммунизм»), «Октябр», «Садоқат» фаъолият намуда, аз соли 2011 инҷониб ба худ номи «Субҳи Шаҳритуз»-ро гирифтааст» [18].

Аз иқтибосҳои боло маълум мешавад, ки ин рӯзнома низ аз соли таъсис то соли 2011 ба худ номҳои ӯзбекиро касб карда будааст. Аз ин бармеояд, ки қисми зиёди маводҳои онро хабару мақолаҳои ӯзбекӣ ташкил мекард. Зеро ноҳияи Шаҳритуз низ яке аз ноҳияҳои ӯзбекнишин ба ҳисоб меравад. Вале солҳои охир шояд бо сабаби норасоии кадрӣ бошад, маводҳои ӯзбекиаш хеле кам ба назар мерасад.

Қобили қайд аст, ки аз 25 январи соли 2021, №131 қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба иваз намудани номи ноҳияи Шаҳритузи вилояти Хатлон ба ноҳияи Шаҳритус» [5] қабул шудааст. Тибқи он номи ноҳияи Шаҳритуз ба ноҳияи Шаҳритус иваз карда шуд. Аз ин рӯ, ҳоло номи нашрияи ноҳия «Субҳи Шаҳритус» аст.

Нашрияҳои дигари дузабона, аз ҷумла «Колхозчӣ» дар ноҳияи Панҷ 1 майи соли 1932, «Пахта учун» («Барои пахта») дар ноҳияи Дӯстӣ соли 1933, «Қизил байроқ» («Парчами сурх») дар ноҳияи Рӯдакӣ 16 июни соли 1934, «Ҳосил учун» («Барои ҳосил») дар ноҳияи Темурмалик соли 1935 пайдо шудаанд.

Ин ҳашт нашрияи болозикр, ки имрӯз бо номҳои «Паёми Спитамен», «Иқбол», «Диёри Турсунзода», «Субҳи Шаҳритус», «Ҳаёти нав», «Паёми Дӯстӣ», «Насими айём» ва «Пайғом» мебарояд, дар оғози таъсисёбӣ бо номҳои ӯзбекӣ ба вуҷуд омаданд ва бо гузашти айём, хусусан солҳои 50-60-уми асри гузашта дузабона гаштанд. Солҳои охир рӯзномаҳои «Субҳи Шаҳритус», «Ҳаёти нав», «Паёми Дӯстӣ» ва «Пайғом» пурра бо забони тоҷикӣ мавод чоп мекунанд.

Дар шаҳру ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон низ дузабонии матбуот роиҷ буд. Бештари рӯзномаҳои ин минтақа дар оғоз бо забонҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ ва тоҷикӣ-русӣ нашр шудаанд.

Аз ҷумла, дар ноҳияи Кӯшониён рӯзномаи «Байрақи дӯстӣ» соли 1931, дар ноҳияи Вахш рӯзномаи «Зарбдори сохтмони Вахш» соли 1932, дар ноҳияи Данғара рӯзномаи «Зарбдори Данғара» соли 1935, дар ноҳияи Ёвон рӯзномаи «Стахановчии Ёвон» соли 1936, дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ рӯзномаи «Пахта учун» («Барои пахта») соли 1933, дар ноҳияи Қубодиён рӯзномаи «Шараф» соли 1978, дар ноҳияи Ҷайҳун рӯзномаи «Борба за хлопок» соли 1938, дар ноҳияи Фархор рӯзномаи «Пахтачӣ» соли 1935, дар ноҳияи Хуросон рӯзномаи «Нури Илич» соли 1934, дар ноҳияи Носири Хусрав рӯзномаи «Бешкент» соли 1999 ташкил шуданд.

«Рӯзномаҳои ноҳиявию вилоятии ҷанубӣ Тоҷикистон дар солҳои 50-уми асри XX доир ба шаклҳои хоҷагидорӣ, ҳаёту рӯзгори деҳқонони пуркори маҳаллӣ, пешравиҳои кори ТОЗ-у колхозҳо ва дигар соҳаҳои ҳаёти онвақтаи ҷомеа матлабҳои ҷолибу хонданӣ нашр карда, мардумро барои ояндаи дурахшони кишвар раҳнамун месохтанд» [7, с.276]. Албатта, ин мавзуъҳо дар саҳифаҳои ӯзбекии нашрияҳои болозикр низ васеъ инъикос меёфт. Ҳамчунин, онҳо ҳамеша дӯстии халқҳоро тарғиб менамуданд.

Албатта, дар 70 соли Шуравӣ нашрияҳои дузабонаи Тоҷикистон фаъолияти пурсамар доштанд. Вале баъд аз солҳои 90-уми асри гузашта аксарияти ин рӯзномаҳо бо сабаби набудани кадрҳои журналистӣ, донандаи забони ӯзбекӣ, мушкилоти молиявӣ нашри саҳифаҳои ӯзбекиро маҳдуд карданд.

Муҳаққиқ Мурод Муродӣ бар ин андеша аст, ки «Матбуоти даврии маҳаллии Тоҷикистон ҳарчанд молики таърихи нисбатан собиқавӣ ва таҷрибаи тулонӣ аст, аммо дар замони муосир дар ҳолати таҳаввулпазирӣ қарор дорад, ки ба он, пеш аз ҳама, инкишофи техникаву технологияи навин, ҷаҳонишавии иттилоот, ҳамкориҳо, рақобатҳо, таъсирҳо мусоидат мекунад» [9, с.256]. Ва ин омилҳо ба фаъолияти онҳо бетаъсир буда наметавонад.

Имрӯз нисбатан ба рӯзномаҳои дузабонаи вилояти Суғд ва водии Ҳисор нашрияҳои минтақаи ҷанубии Тоҷикистон бо забони ӯзбекӣ кам мавод чоп мекунанд ва он хабару мақолоҳоеро, ки чоп мекунанд, аз саҳву хатоҳо орӣ нестанд. Шояд ин талаботи замону хости ашхоси гуногун бошад, вале дар шаҳру ноҳияе, ки он ҷо мардуми ӯзбекзабон зиёданд ва ҳамсарҳад бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст, бояд рӯзнома, агар имконе набошад саҳифаи ӯзбекиро нигоҳ доштан лозим аст. Ин ҳам як василае аст, ки метавонад

мардумро дар атрофи сиёсати давлату Ҳукумат, ваҳдату иттиҳод ва дӯстиву бародарӣ сарҷамъ намояд. Ҳамаи ин ба воситаи нашрияҳои дузабонаи маҳаллӣ метавонад имконпазир бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуазизова, Н. История национальной журналистики (генезис и эволюция) / Н.Абдуазизова. – Т.: «Sharq», 2012.
2. Алимов, Б. Ӯзбекистон журналистикаси: 150 йиллик тарихга назар / Б. Алимов [Манбаъи электронӣ]. URL: http://beruniyalimov.uz/en/archives/654 (Санаи истифодабарӣ: 22.01.2020).
3. Дӯстқораев, Б. «Тараққий» бошлаб берган йӯл / Б.Дӯстқораев [Манбаъи электронӣ]. URL: https://ziyouz.uz/matbuot/hozirgi-davr-matbuoti/2006-sp-1502665088/ (Санаи истифодабарӣ: 26.01.2020).
4. Исмоилзода А.А. «Субҳи Шаҳритуз» - оинаи ноҳия / А.А. Исмоилзода // Субҳи Шаҳритуз. – 2015. – 16 июл.
5. Қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Оид ба иваз намудани номи ноҳияи Шаҳритузи вилояти Хатлон ба ноҳияи Шаҳритус//Садои мардум. – 2021. – 26 январ.
6. Мансуров С. Вақтида айтилган сӯз (Турсунзода шаҳар мажлиси нашри – «Диёри Турсунзода» нинг 70 йиллик фаолияти (1935-2005) га доир хотиралар) / С.Мансуров. Ш.Ҳожиматов. – Турсунзода. – 2005.
7. Маъмурзода Н.М. Марҳилаҳои инкишофи матбуоти даврӣ дар минтақаи ҷануби Тоҷикистон / Н.М. Маъмурзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе. – 2018. – №2. – С.273-282.
8. Миллий матбуотимизнинг икки дурдонаси. (“Садои Туркистон” ва “Садои Фарғона” газеталарининг ӯзбек халқини эрк ва ҳуррият, миллий бирлик ва тараққиёт ғоялари руҳида тарбиялашдаги ӯрни ва аҳамияти" мавзуидаги Республика илмий-амалий анжумани материаллари 2015 йил 27 май). – Тошкент, 2015. – 104 с.
9. Муродов, М. Баъзе мушкилоти матбуоти маҳаллӣ ва зарурати пажӯҳиши онҳо / М.Муродов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе: Сино, 2015. – №4/7(180). – С.252-257.
10. Муродов, М. Матбуоти маҳаллии Тоҷикистон: Донишнома. Муҳаррир Ш.Комилзода / М.Муродов ва диг. – Душанбе: Аржанг, 2017.
11. Mo‘minov F., Nurmatov A. va boshq. Jahon jurnalistikasi tarixi. Darslik / F. Mo‘minov, A. Nurmatov va boshq. — T.: «Fan va texnologiya». – 2008.
12. Расулиён, Қ. Таърихи матбуоти форсӣ-тоҷикӣ / Қ.Расулиён. – Душанбе. - 2012.
13. Раҳмонова, Ҷ.М. Вазифаҳои дирӯзу имрӯзи матбуоти маҳаллӣ / Ҷ.М. Раҳмонова, А.Х. Қутбиддинов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №1. – С.268-272.
14. Туркистон матбуоти тарихи (1870-1917). Тузувчи Н.А.Абдуазизова. – Тошкент: Академия, 2000.
15. Усмонов, И. Таърихи матбуоти тоҷик. (Дастури таълим барои донишҷӯёни бахшҳои рӯзноманигорӣ ва таърих / И.Усмонов, Д.Давронов. – Душанбе: Маориф, 1997.
16. Усмонов, И. Таърихи журналистикаи тоҷик / И. Усмонов, Д.Давронов. – Душанбе, 2008.
17. Усмонов, Ҷ. Матбуоти Тоҷикистони советӣ / Ҷ.Усмонов. – Душанбе, 1974.
18. Фаттоҳ, А. Ҳамқадами ҳаёт / А.Фаттоҳ // Субҳи Шаҳритуз. – 2015. – 15 июл.
19. Xudoyqulov, M. Jurnalistikaga kirish (O'quv qo'llanmasi) / M. Xudoyqulov. – Toshkent, 2005.
20. Шадманова, С. Архивные документы — важный источник изучения истории периодической печати Туркестана (По материалам Центрального государственного архива Республики Узбекистан) / С.Шадманова // Вестник архивиста. – 2009. – № 3 (107). – С.23-37.
21. Шарифзода, Қ. «Бухорои шариф» - маҳсули афкори маорифпарварӣ / Қ.Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. - С.296-300.
22. Шарифзода, Қ. Оид ба даврияти чопи «Бухорои шариф» / Қ.Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8.
23. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.2. – Душанбе, 1989.
24. Эрназаров, Т. Туркистонда вақтли матбуот (1870—1924) / Т.Эрназаров. - Т.: Ӯздавнашр, 1959.

ПАЙДОИШИ МАТБУОТИ ДУЗАБОНА

Дар мақола сухан дар хусуси таърих ва пайдоиши рӯзномаву маҷаллаҳои дузабона, яъне нашрияҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ меравад, ки дар ҳудуди Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омадаанд. Зикр гардидааст, ки замина ва омилҳои асосии ташкил шудани чунин нашрияҳо ба таъсиси аввалин рӯзномаҳои Русияи подшоҳӣ дар сарзамини Осиёи Марказӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин, оид ба пайдоиши нашрияҳои миллӣ, ба мисли «Тараққӣ» ва «Бухорои шариф» маълумот дода шудааст. Таъкид мегардад, ки дар солҳои охири асри XIX ва аввали асри XX дар ҳудуди Осиёи Марказӣ аксари рӯзномаву маҷаллаҳо хусусияти дузабонӣ доштанд. Бештари нашрияҳо бо забонҳои тоҷикӣ-ӯзбекӣ, ӯзбекӣ-тоҷикӣ ва тоҷикӣ/ӯзбекӣ-русӣ чоп мешуданд. Дар солҳои сиюми асри XX дар Тоҷикистон раванди ташкили рӯзномаҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ авҷ мегирад. Маълум гардидааст, ки бештари нашрияҳои дар ин солҳо таъсисёфта бо ду забон чоп мешуданд. Таъинот, хусусият, мазмун ва муҳтавои нашрияҳои дузабона, раванди ташаккул ва фаъолияти имрӯзаи онҳо таҳқиқ шудааст. Дар вақти пажуҳиш аз адабиёти илмии таърихи матбуоти тоҷик ва ӯзбек истифода шудааст. Инчунин, барои беҳтар гардонидани фаъолияти нашрияҳо тавсияҳо дода шудааст.

Калидвожаҳо: матбуот, таърихи матбуот, журналистика, рӯзнома, маҷалла, фазои иттилоотӣ, нашрияҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

ПРОИСХОЖДЕНИЕ ДВУЯЗЫЧНОЙ ПРЕССЫ

В статье речь идет об истории и происхождении двуязычных газет и журналов, а именно о таджикско-узбекских изданиях, возникших на территории Центральной Азии. Было отмечено, что основные предпосылки и факторы создания таких изданий связаны с созданием первых газет царской России на территории Центральной Азии. Наряду с этим была предоставлена информация о происхождении национальных изданий, таких как «Таракки» и «Бухорои шариф». Отмечается, что в последние годы XIX и начале XX века на территории Центральной Азии большинство газет и журналов носили двуязычный характер. Большинство изданий было опубликовано на таджикско-узбекском, узбекско-таджикском и таджикском/узбекско-русском языках. В тридцатые годы XX века в Таджикистане наблюдается процесс создания городских и районных газет. Стало известно, что большинство изданий, созданных в эти годы, издавались на двух языках. Изучены назначение, характер и содержание двуязычных изданий, процесс их формирования и нынешняя деятельность. Во время исследования была использована научная литература по истории таджикской и узбекской прессы. Также даны рекомендации по улучшению функционирования изданий.

Ключевые слова: пресса, история прессы, журналистика, газета, журнал, информационное пространство, городские и районные издания.

THE ORIGIN OF THE BILINGUAL PRESS

The article deals with the history and origin of bilingual newspapers and magazines, namely Tajik-Uzbek publications that originated in Central Asia. It was noted that the main prerequisites and factors for the creation of such publications are associated with the creation of the first newspapers of imperial Russia in the territories of Central Asia. Along with this, information was provided about the origin of national publications such as "Tarakki" and "Bukhoroi Sharif". It is noted that in the last years of the XIX and the beginning of the XX century, most newspapers and magazines in Central Asia were bilingual in nature. Most of the publications were published in Tajik-Uzbek, Uzbek-Tajik and Tajik/Uzbek-Russian languages. In the thirties of the XX century in Tajikistan there is a process of creation of city and district newspapers. It became known that most of the publications created during these years were published in two languages. The purpose, nature and content of bilingual publications, the process of their formation and current activities are studied. During the research, scientific literature on the history of the Tajik and Uzbek press was used. Recommendations for improving the functioning of publications are also given.

Key words: press, press history, journalism, newspaper, magazine, information space, city and district publications.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Муқимов Муҳамадӣ Аминович*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илми филология, профессор, кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё. Рӯдакӣ, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**
Умаров Зуҳриддин Тоштемирович – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯй, кафедраи журналистикаи байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиё.Рӯдакӣ, 17.
E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Сведения об авторах: ***Мукимов Мухамади Аминович*** - Таджикский национальный университет, доктор филологических наук, профессор, кафедра международной журналистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**
Умаров Зухриддин Тоштемирович – Таджикский национальный университет, соискатель, кафедра международной журналистики. **Адрес:** 734025, г.Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17.
E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Тел.: **(+992) 902-02-62-93**

Information about the authors: ***Muqimov Muhamadi Aminovich*** - Tajik National University, Dr. of Science (Philology Science), Professor of the Department of International Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki, Ave., 17. E-mail: **jovidm@mail.ru**
Umarov Zuhriddin Toshtemirovich – Umarov Zukhriddin Toshtemirovich – Tajik National University, applicant, Department of International Journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17.
E-mail: **sarazm1993@mail.ru.** Phone: **(+992) 902-02-62-93**

ТДУ: 621.397 (575.3)

ТАФСИРИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ОН

Муъминҷонов З., Мирзода З.
Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода
Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода

Дар замони ҷаҳонишавӣ ва пешрафти кайҳонии технологияи иттилоотӣ тавассути шабакаи Интернет бо суръати баланд иттилоот дастраси умум мегардад. Имконияти тавассути телефони мобилӣ на танҳо матни хабарӣ, балки видеонаворҳои таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеиро (дар назар аст, гурӯҳҳои алоҳидаи жанрҳои журналистикаи телевизионӣ) тамошо карда тавонистани бинанда ба миён омадааст. Албатти ин пешрафти технологӣ боиси ба миён омадани имкониятҳои зиёд дар таҳия ва паҳн намудани барномаҳои телевизионӣ гардидааст, аммо онро барои риоя накардани жанрҳои журналистикаи телевизион истифода бурдани баъзе журналистон боиси таассуф аст. Зиёда аз ин бе навиштани сенария ва ҳатто нақшаи сенарӣ ба наворбардорӣ шуруъ намудан ва ё бурдани барномаи телевизионӣ имрӯзҳо ба бемории сироятқунанда дар байни журналистони телевизион табдил ёфтааст, ки натиҷааш ғайрикасбӣ таҳия шудани барномаҳо ва тамошобинро аз даст додани шабакаҳои телевизионӣ гардидааст. Албатта дар ин гуфтаҳо ҳамаи журналистони телевизион дар назар набуда, ба журналистоне тааллуқ дорад, ки маълумоти олии ихтисосӣ надоранду аз дунёи жанрии телевизион фарсахҳо дуранд. Зеро “Журналистика дар телевизион ба хабарӣ, таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеӣ ҷудо мешавад. Ин се тарзи азхудкунии маводи ҳаётӣ бо се гурӯҳи жанрҳо инъикоси худро меёбанд. Аз ин рӯ журналистикаи телевизион берун аз системаи жанрӣ вуҷуд дошта наметавонад. Фаҳмиши ҷиддии жанрҳо аз касбияти журналист дарак медиҳад” [4, с.14].

Дар ин мақолаи илмӣ мо кӯшиш ба харҷ медиҳем, ки дар бораи жанри таҳлилие, ки дар телевизион хеле серистеъмол асту тафсир ном дошта, баъзе журналистон аз махсусиятҳои хоси он бехабар лозим нолозим онро истифода бурда, ба таҳияи ғайрикасбии барномаи телевизионӣ роҳ медиҳанд, андешаҳои олимони соҳа ва хешро баён намоем.

Тафсир калимаи арабӣ буда, дар китоби “Фарҳанги забони тоҷикӣ”[14, с.341] чунин маънидод гардидааст: шарҳ додан, маънидод намудан. Олимони соҳаи журналистикаи телевизион дар Русия ин жанрро чунин шарҳ додаанд: “Комментарий – аз калимаи лотинии “commentarius” – толкование –шарҳдиҳӣ, маънидодкунӣ ё тафсиркунӣ, эзоҳдиҳӣ, таъбиркунӣ гирифта шудааст. Тафсир яке аз намудҳои таъҷилии таҳлилии мавод, фаҳмондадиҳии воқеаи муҳими ҷамъиятӣ – сиёсӣ ва ҳуҷҷатӣ қабулшуда мебошад”[11, с.195]. Жанри тафсир махсусиятҳои ба худ хосро доро мебошад, ки онро дигар жанрҳо надоранд. Намунаеро барои тақвият додани фикр дар шакли сенарияи телевизионӣ дида мебароем.

“Видеонавор:
Кулоҳи барномаи “Ҳафтаи варзиш”
Студия. Дар кадр баранда: Дуруд бинандаи шабакаи “Варзиш”! Ҳафтаи наватон ба хайр бошад. Хуш омадед ба нашри навбатии барномаи иттилоотии барномаи “Ҳафтаи варзиш”. Ҳоло шуморо аз рӯйдодҳои муҳими варзишии кишвар огаҳ мекунем. Пас, биёед ба сархати хабарҳо мутаваҷҷеҳ мешавем. Пасон барномаро идома медиҳем.

Видеонавор:
дар навор аз мусобиқаҳои шиноварӣ ва шоҳмот, каратеэ-до,
баргузории семинар бо доварон,

ҷоизасупорӣ ба варзишгарон, мусобиқаи камонварӣ, мутобиқ ба матн наворҳо намоиш дода мешаванд.

Баранда аз паси кадр ин матнҳоро мехонад: Баргузории мусобиқаи шиноварӣ ва шоҳмот барои дарёфти Ҷоми вазири корҳои дохилӣ дар ноҳияи Темурмалик.

Каратэчиёни тоҷик бо чаҳор нишони фахрӣ аз Туркия баргаштанд.

Николай Месников аъзои комиссия оид ба рушди доварони УЭФА ба доварони тоҷик семинари омӯзишӣ гузашт.

Мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба гӯштини миллии камарбандӣ дар шаҳри Хуҷанд ғолибони хешро пайдо кард.

Мусобиқаи ҷумҳуриявӣ оид ба камонварӣ беш аз панҷоҳ камонварро дар шаҳри Хуҷанд ба ҳам овард.

Перебивкаи барнома.

Дар кадр баранда: Тамошобинони азиз, ҳафтаи варзишии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлонро, ки ҳафтаи гузашта баргузор гардид манзуратон мекунем.

Видеонавор: Номи барнома ва намуди бозиҳои варзишӣ дар фони наворҳо. Маркази вилояти Хатлон ҳавзи шиноварӣ бо намояндагони мақомотҳо, варзишгарон

Баранда аз паси кадр: Дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Ховалинг мусобиқаи кушоди Федератсияи шиноварии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба шиноварӣ байни наврасону ҷавонон ва варзишгарони ғайрикасбӣ барои Ҷоми вазири корҳои дохилӣ баргузор шуд, ки теъдоди зиёди варзишгаронро ба ҳам овард. Шарҳи бештари мавзуъро дар идома пайгир бошед.

Видеонавор: Навор аз баргузории мусобиқаи варзишӣ дар ноҳияи Ховалинг.

Матни пасикадриро (нафари дигар) мухбир мехонад: Ҳафтаи сипаригардида дар доираи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои рушд додани намудҳои варзиши обӣ дар шаҳру деҳот дар ноҳияи Ховалинг барои дарёфти

Ҷоми вазири корҳои дохилӣ
мусобиқаи шиноварӣ теъдоди зиёди
наврасону ҷавонон ва вазишгарони
ғайрикасбиро ба ҳам овард” [18].

Дар ин ҷо шарҳи хабарро баранда баён менамояд. Дар навор кушодашавии чорабинии варзишӣ бо шиноварони касбӣ ва иштироки меҳмонон аз Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар сохторҳо намоиш дода шуда, бо матни пасикадрӣ баранда онро пурра менамояд. Баъдан мусоҳиба бо варзишгари касбӣ-сардовар дар бораи баргузории соли дуюми чорабинии варзишӣ ва дастгирии вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди шиноварӣ дар деҳот иттилоъ медиҳад ва бо навор рафти чорабинӣ ва туҳфаҳои омода гардида барои варзишгарон намоиш дода мешавад.

Чун барнома “Ҳафтаи варзиш” ном гирифтааст, баранда бо наворҳо ва хондани матни пасикадрӣ баргузории чорабиниҳои варзиширо аз шаҳру ноҳияҳо шарҳ медиҳад. Як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки дар хондани матнҳои пасикадрӣ чуноне ки дар сархати барнома матнҳо хонда шуда буданд, қариб ҳамон матнҳо дар шарҳи баранда боз такрор мешаванд. Ба назари мо агар матнҳо каме бо тағйирот аз ҷониби баранда шарҳ дода мешуд, барномаро боз ҳам ҷолибтар мегардонд. Дуруст аст, ки матн танҳо барои пурра кардани навор истифода мешавад, вале аз як матнро дар як барнома такроран шунидан бинанда дилбазан мегардад.

Мо наворҳоро аз телевизион бе матн метавонем тамошо кунем, агар онҳо як мавзуи муайян ва мақсаднок (бо танзим) ба навор гирифта шуда бошанд. Масалан, аз рафти фестивали варзишии “Гӯштини миллӣ”. Дар навор номи фестивал, ҷойи баргузории он, баргузории мусобиқаи гӯштин, дастболо шудани варзишгар, ҷоизасупорӣ дар наворҳои кутоҳ ба мисли ролик мантиқан танзим шуда бошанд. Бо матн танҳо ҳолатҳое, ки имкони бо навор нишон додан нест бояд кутоҳ ифода карда шаванд. Зеро табиати телевизион бештар навор ва камтар матнро мепарастад.

Журналист дар кадр бо мусоҳибаш сардовари мусобиқа аз рафти мусобиқа ва камбудиҳои дар он ҷой дошта пурсон мешаваду сардовари мусобиқа онро ба журналист шарҳ медиҳад. Яъне матн ҳам баробари навор дар ҳолати зарурӣ дар телевизион мавқеи худро дорад.

“Агар жанрҳои хабарӣ ба саволҳои кай? дар куҷо? кӣ? ва ё чӣ? ҷавобгӯ бошанд, жанрҳои таҳлилӣ ба саволҳои: чи хел? барои чӣ? бо кадом мақсад? ва бо кадом сабаб? ҷавоб медиҳанд. Дар жанри хабарӣ факт, ҳодиса на танҳо мавзуъ балки мақсад буда, дар жанри таҳлилӣ фактҳо воситаи асосноккунии мавқеи журналист, санадбиёрӣ барои исботи фикр мегарданд. Асоси ҷудокунии факт аз нуқтаи назар аст, ки иттилоот (факт) – сурати объективии ҳаёт буда ҳар шахс дар бораи он ҳодисот андешаи инфиродии худро мебарорад” [5, с.10].

Дар журналистикаи телевизион жанрҳои мусоҳиба, тафсир, суҳбат, мубоҳиса ва ток-шоу аз ҷиҳати сохт ва тарзи таҳия ба ҳам наздик ва хеле монанд мебошанд. Аслан ин жанрҳо аз ҳамдигар пайдо гашта, дар шакли диалог таҳия мегарданд. Ҳама зодаи диалог ҳастанд. Аз мусоҳиба тафсир, аз тафсир суҳбат, аз суҳбат мубоҳиса ва аз мубоҳиса ток-шоу тавлид шудааст. Бе истифодаи ҷузъиёти ин жанрҳо жанрҳои дигар қариб, ки вуҷуд дошта наметавонанд. “Кадоме аз жанрҳои чи иттилоотӣ, чи таҳлилӣ ва чи публитсистикаи бадеиро нагирем, ҳатман дар дохили онҳо ҷузъиёти жанрҳои диалогиро вомехӯрем. Ин ҳолат ҳеҷ вақт боиси вайрон шудани жанри алоҳида нагашта, баръакс сабаби пуркувват шудани он мешавад. Вале бояд тазаккур дод, ки дар як жанри алоҳида истифода аз ҷузъиёти жанри дигар ҷой ва ҳаду ҳудуди худро дорад. Ин ҳаргиз чунин маъниро надорад, ки ҷузъиёти жанрҳо бемақсаду бемайлон истифода бурда шуда, ба ҳам омехта гарданду унсури муайянкунандаи жанрӣ таҳрифу таҳрис ёбад. Ба ин ҳолат фақат журналистоне, ки жанрҳои телевизионро намедонанд ва ё фарқ карда наметавонанд меафтанд. Ин ғайрикасбиятӣ, аз табиати телевизион бехабар будани журналистро нишон медиҳад. Аз ин хел журналистон барномаи касбии телевизиониро интизор шудан ғайриимкон аст” [6, с.46-47].

Дар телевизион, монанд ба матбуот ва радио, аз рӯйдоде ва ё воқеае иттилоъ дода мешавад. Баъди дидану огоҳ шудан аз рӯйдоде дар бинанда хоҳ нохоҳ хоҳише пайдо мегардад, ки шарҳи ин рӯйдодро фаҳмад. Дар телевизион барои шарҳу эзоҳи рӯйдод аз жанри таҳлилие, ки тафсир, табсира, тавзеҳ ва ё шарҳия меноманд, истифода бурда мешавад. Тафсир (шарҳия) серистеъмолтарин жанр дар журналистикаи телевизион ба ҳисоб меравад.

Намунаи ба талабот ҷавобгӯи жанри тафсирро дар шакли сенарияи телевизионӣ дида мебароем:

Видеонавор:

Студия. Дар кадр баранда: Ба диққати сокинон, меҳмонон ва ронандагони пойтахт расонида мешавад, ки аз соати 5-и субҳи 5 августи соли 2022 то соати 24-и 9-уми августи соли 2022 роҳи мошингарди хиёбони Сомонӣ баста шуда, равуойи тамоми намудҳои нақлиёт тариқи кӯчаву хиёбонҳои дигар ба роҳ монда мешаванд.

Шарҳи ин хабар аз тарафи корманди Маркази матбуотии шуъбаи Бозрасии давлатии автомобили шаҳри Душанбе Носир Ҳасанов пешкаши шумо мегардад:

Видеонавор:

Намуди умумии хиёбони Сомонӣ,
овоз ва равуои нақлиёт, дар
фони ин наворҳо Н. Ҳасанов: Бо сабаби таъмири пурраи роҳи мошингарди хиёбони Сомонӣ аз тарафи сохмончиёни Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, аз соати 5-и субҳи 5 августи соли 2022 то соати 24-и 9 -уми августи соли 2022 баста мегардад. Равуои тамоми намудҳои нақлиёт дар ин давра тариқи кӯчаҳои дигар ба роҳ монда мешаванд.

Баъди таъмири пурраи ин роҳи мошингард дар муҳлати муайяншуда бо эълони пешакӣ ба истифода дода мешавад. Аз тамоми ронандагон эҳтиромона хоҳиш мекунем, ки талаботи Қоидаҳои ҳаракати роҳро риоя намоянд.

Дар ин ҷо шарҳи хабар бо истифодаи мутахассис баён гардидааст. Ин хуб аст ва ё бад? Дар аксар шабакаҳои телевизионии ватанӣ ҳамин хабар бо шарҳаш аз тарафи баранда барномаи «Ахбор» дода мешавад. Ин тарзи шарҳ додан аз тарафи худи баранда ва ё журналист ғалат нест ва қобили қабул аст. Аммо якранг ва таъсирбахш нест. Барои шикастани қолаби доимии ин гуна тафсирҳо аз шарҳи мутахассис ва ё масъули соҳа истифода бурда шавад барои бинанда таъсирбахш ва хотирмон хоҳад шуд. Дар ин ҷо хабари баста шудани роҳи мошингардро шарҳ додани корманди Бозрасии давлатии автомобилӣ дарҳол диққати ронандагонро ба худ мекашад. Хабар ва шарҳи он дар хотир мемонад.

“Тафсир ба публитсистикаи таҳлилӣ дохил мешавад, чунки дар он пеш аз ҳама сабаби воқеа ва оқибати он баён карда мешавад. Тафсири телевизионӣ ин пеш аз ҳама намуди баромад дар кадр аст” [9, с.33]. Ҳол он ки бештар дар телевизион шарҳи (тафсири) пасикадрӣ (наворӣ), бо наворҳои махсус интихобшуда истифода мешавад. Тафсири пасикадрӣ аксаран баъди як рӯзи иттилои рӯйдод дода мешавад. Ин тарзи шарҳи рӯйдод ба таври васеъ истифода мегардад ва аз тарафи бинанда низ хуш қабул мешавад. Ин ҳолатро бевосита бо овардани як тафсири кутоҳи пасинаворӣ дида мебароем:

Видеонавор:
Студия, барандаи ҳафтавор
дар кадр: 2 рӯз пештар тариқи барномаи иттилоотии “Ахбор” хабар дода будем, ки рӯзи якшанбе бо ташаббуси роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бобати паст намудани нархи маводи озуқаворӣ дар бозорҳои пойтахт ярмаркаҳои фурӯши маҳсулоти хоҷагии қишлоқ гузаронида мешаванд. Корвони маҳсулоти хоҷагии қишлоқи вилояти Суғд ба шаҳри Душанбе ворид гардида, рӯзи якшанбе дар бозорҳои пойтахт ба фурӯш бароварда шуданд. То чи андоза ин тадбир нархи бозорро паст намуд, мутаваҷҷеҳ бошед, ба шарҳи мухбирони мо:

Видеонавор:
Корвони мошинҳо, маҳсулоти
гуногун ба монанди пиёз,
картошка, сабзӣ, карам,
помидор, бодиринг, гӯшт…
Шахсони масъули фурӯш,
мусоҳибаи журналист бо онҳо…
Журналист аз паси ин
наворҳо чунин матнро мехонад: Баҳри паст намудани нархи маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, ки дар пойтахт вақтҳои охир якбора баланд гаштааст, аз тарафи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе тадбирҳои мушаххас андешида мешаванд. Аз вилояти Суғд корвони маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ба миқдори қариб 200 тонна ба пойтахт ворид шуд.

Аз мусоҳиба бо масъулони ин чорабинӣ ба мо маълум гашт, ки рӯзи якшанбе аз соати 6-и субҳ дар тамоми бозорҳои шаҳри Душанбе ин маҳсулоти дохилшуда, бо нархи 30-35 фоиз арзонтар аз бозор фурӯхта шуданд. Чунин ярмаркаҳо рӯзҳои якшанбе бо маҳсулоти арзони деҳқонони вилояти Хатлон, ноҳияҳои водии Қаротегин ва ноҳияҳои тобеи марказ низ гузаронида мешаванд, ки ин тадбир ба арзоншавии маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар пойтахт хоҳад овард. Тамоми сокинони пойтахтро ба харидории маҳсулоти арзони деҳқонон даъват мекунем.

Чи тавре аз ин тафсири телевизионӣ дида мешавад. Асоси тафсир- ро ҳамчун жанр баҳои озод ва таҳлили муаллиф (журналист ва ё мутахассис) ташкил медиҳад. Дар конфронсҳои матбуотӣ чунин савол “Шумо воқеаи рӯйдодаро чи хел шарҳ дода метавонед?” дида мешавад. Ин гуна саволгузорӣ дар мусоҳиба бо арбобони сиёсӣ, ҷамъиятӣ, мутахассисони соҳаҳои гуногун шуданаш мумкин аст. Ҳар як ҷавоби ин саволҳо ҳамчун шарҳи хурд, баъзан ҳамчун баромади тафсиршуда буда метавонад, ки

вобаста ба таҳлили чуқур, хулосаи васеъ, ҳақиқатнигорӣ дар аҳамияти ҷамъиятӣ– сиёсии ҳодиса (воқеа) ва факт сурат мегирад.

Видеонавор:
Мусиқӣ, дар фон номи барнома
мебарояд.

Студия, дар кадр журналист: Салом, бинандагон! Аз 1 январи соли 2024 дар ҷумҳуриямон Кодекси нави андоз амал хоҳад кард. Кодекси андоз баъди Конституцияи Тоҷикистон, яке аз муҳимтарин қонунҳои мо ба шумор меравад.
Имрӯз то чи андоза он аз тарафи аҳолӣ ва нозирони андоз омӯхта мешавад ва оянда чи натиҷаҳоро бояд интизор шуд?

Видеонавор:
Дар кадр журналист ва сардори
идораи Кумитаи андози назди
Ҳукумати Тоҷикистон
Самеъ Содиқов

Журналист: Барои ба ин саволҳо ҷавоб гуфтан мо ба студия яке аз муаллифони ин Кодекс, сардори идораи Кумитаи андози назди Ҳукумати Тоҷикистон Самеъ Содиқовро даъват намудем.
Муҳтарам Самеъ Содиқов шарҳ медодед, ки омӯзиши талаботи Кодекси нави андоз аз тарафи нозирони андоз ва махсусан аҳолӣ чи хел ба роҳ монда шудааст?

Дар кадр С.Содиқов: Бояд таъкид кунам, ки Кодекси нави андози Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди муҳокимаи васеи аҳолӣ дар давоми шаш моҳ бо ба ҳисоб гирифтани таклифу пешниҳодҳои аҳолӣ қабул гардида, тариқи воситаҳои ахбори омма ва корҳои фаҳмондидиҳӣ дар корхонаву ташкилотҳо ва шаҳраку маҳалҳо ба роҳ монда шудааст. Тамоми кормандони андоз низ онро омӯхта барои аз рӯи он фаъолият намудан омодагии ҳамаҷониба дида истодаанд. ..
Кодекси андоз ин қонуни тақдирсози мост. Агар хуб амалӣ кунем, зиндагиамон орому осоишта, пешрафти мамлакатамон таъмин мегардад. ...

Дар ин ҷо фақат қисми аввали барномаро, ки дар жанри тафсир таҳия гардидааст, баррасӣ намудем. Мутахассис Кодекси нави андозро ба бинандагон шарҳ медиҳад. Дар шарҳи Кодекси нави андоз дар баробари мутахассис журналист низ андешаҳои худро баён карда метавонад. Дар намуд ба жанри суҳбат монанд аст. Аммо дар асл шарҳи Кодекси нави андоз мебошад, ки дар жанри тафсир ва шакли диалог - суҳбат таҳия гардидааст. “Табсира (шарҳия)-ро барои он ба публит- систикаи таҳлилӣ шомил месозанд, ки шореҳ воқеаро дар фазою вақти фаррох ба таҳлил кашида, ҳамзамон бо мақсади ҳамаҷониба тафсир кардани он робитаҳои мақсаду натиҷа, омилҳои арзи ҳастӣ кардани мавзуъро ҷустуҷу мекунад, воқеаҳо- ро таҳлил ва бо ҳам муқоиса намуда, аз натиҷаҳои эҳтимолии баъдӣ ит- тилоъ медиҳад. Асоси табсираро ҳамчун жанр арзишдиҳии ошкорои му- аллифӣ ва таҳлил ташкил медиҳад” [9, с.33].

Мебояд таъкид кард, ки ҷузъи жанри тафсир дар дохили дигар жанрҳо истифода мегардад, ҳамчуноне ҷузъи жанрҳои дигар дар жанри тафсир истифода мешаванд. Тафсир ҳамчун жанри таҳлилӣ дар шабака- ҳои телевизионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ истифода мегардад. Дар намуд ба жанрҳои хабари васеъ, ҳисобот ва суҳбат монанд аст, аммо дар он воқеа, рӯйдод ва ҳуҷҷати муҳими қабулшуда шарҳу эзоҳ дода шуда, ба ин васила сабабҳои содир шудан ва оқибатҳои эҳтимолии он пешакӣ баён карда мешаванд, ки ин хусусиятҳо дар дигар жанрҳо дида намешаванд.

Телевизион дар баробари яке аз воситаҳои асосии электронии ахбори омма будан, боз санъат низ мебошад. Аз ин рӯ, дар санъат эҷоди ғайрикасбӣ бинанда надорад. Боиси таассуф аст, ки аз чунин минбари пурқувват (барномаҳои шабакаҳои телевизиониро алҳол қариб дар тамоми оилаҳо тамошо мекунанд) самаранок истифода бурда намешавад. Дар ин бобат таъкиди бамавриди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизионҳои “Варзиш”, “Синамо” ва Академияи ВАО 1 мар- ти соли 2016-ро ба хотир мебояд оварда, ки чунин гуфта буданд: “Дар таҳияи матнҳои мукаммали санҷидашуда ва услуби баён, маводи таҳлилии нишонрасу саривақтӣ ва риояи меъёрҳои забони давлатӣ аз кормандони соҳа дониши мукаммали таҳлилӣ ва сатҳи баланди касбиро тақозо менамояд” [16]. Яъне имрӯз тақозои замон аст, ки журналистони телевизион натанҳо маълумоти олии ихтисосии журналистикаи умумӣ, балки ҳамчун журналистӣ соҳавӣ тарбия карда шаванд ва вобаста ба соҳаҳои муайян бо донистани соҳа бо мутахассиси соҳаи муайян суҳбати ихтисосии касбиёна карда тавонанд, то ки он барои бинанда мақбул гардад.

Имрӯз тавассути моҳвора бинанда имкони тамошои садҳо шабакаҳои телевизионии хориҷиро дорад. Агар барномаҳои шабакаҳои телевизионии ватанӣ суст, ғайрикасбӣ ва талаботи завқи бинандаро қонеъ гардонида натавонад, ӯ ба тамошои барномаҳои шабакаҳои хориҷӣ мегузарад ва ҳеҷ кас ӯро маҷбуран ба тамошои барномаҳои шабакаҳои телевизионии ватанӣ водор карда наметавонад. “Асоси журналистикаи телевизионро риояи талаботи жанрӣ, бо дарки табиати телевизион ҳамчун яке аз воситаҳои ахбори оммаи оҷилӣ, нишонрас ва дастрас ташкил медиҳад” [7, с.185]. Аз рӯ, дар ин ҳолат фақат як чиз метавонад бинандаҳоро ба тамошои барномаҳои шабакаҳои телевизионии ватанӣ баргардонад, ин касбияти журналистон-кормандони эҷодию техникии ин шабакаҳо. Ниёз аз ин гуфтаҳо риояи талаботи жанрҳо ва таҳияи касбиёнаи барномаҳо дар шабакаҳои телевизионии Тоҷикистон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Багиров, Э.Г. Основы телевизионный журналистике / Э.Г. Багиров, Р.А. Борецкий, А.Я.Юровский. – М., 1987. – 189 с.
2. Борецкий, Р.А. Телевидение на перепутье / Р.А. Борецкий. – М., 1998. - 159 с.
3. Кузнецов, Г.В. ТВ-журналистика: критерии профессионализма / Г.В. Кузнецов. – М., 2002. – 203 с.
4. Муъминҷонов, З. Жанрҳои хабарии журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2011. – 66 с.
5. Муъминҷонов, З. Жанрҳои таҳлилии телевизион / З. Муъминҷонов. – Душанбе, 2012. – 66 с.
6. Муъминҷонов, З. Жанрҳои журналистикаи телевизион / З. Муъминҷонов. - Душанбе, 2017. – 144 с.
7. Муминджонов, З. Эволюция Таджикского телевидения в годы независимости / З. Муминджонов. – Душанбе, 2021. - 336 с.
8. Муродӣ, М. Асосҳои эҷоди рӯзноманигорӣ / М. Муродӣ, О. Салимзода. – Душанбе, 2022. – 360 с.
9. Саъдуллоев, А. Асосҳои журналистикаи телевизион / А. Саъдуллоев, М. Шоев. – Душанбе, 2007. – 194 с.
10. Телевизионный сценарий. – МГУ, 1975. – 180 с.
11. Телевизионная журналистика. – М. 2008. – 304 с.
12. Усмонов, И.К. Жанрҳои публитсистика / И.К. Усмонов. – Душанбе, 2009. – 139 с.
13. Универсальная журналистика. – М.: Аспект – пресс, 2016. – 418 с.
14. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Ҷ.II. – М., 1969. – 952 с.
15. Шестеркина, Л.П. Современные подходы к формированию структуры жанров телерадиожурналистики / Л.П. Шестеркина // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: http://www.ipk. ru/index. php?id=2115 (дата обращения: 29.08. 2023).
16. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар маросими ифтитоҳи муассисаҳои давлатии телевизионҳои “Варзиш”, “Синамо” ва Академияи воситаҳои ахбори омма [манбаи электронӣ]. mfa.tj/tg/mfin/pajomho-va-sukhanronihoi-prezident (санаи мурочиат 29.08.2023).
17. 17.Veltman K. Edutainment, Technotainment and Culture // URL: http: //www. sumscorp. Com/img /file/2004_Edutainment _Technotainment _and _Culture. pdf (дата обращения: 30.08.2023).

18. Ҳафтаи варзиш. ТВ “Варзиш”. 2023.

ТАФСИРИ ТЕЛЕВИЗИОНӢ ВА МАХСУСИЯТҲОИ ОН

Дар замони пешрафти кайҳонии технологияи иттилоотӣ тавассути шабакаи интернет бо суръати баланд иттилоот дастраси умум мегардад. Имконияти тавассути телефони мобилӣ на танҳо матни хабарӣ, балки барномаҳои таҳлилӣ ва публитсистикаи бадеиро (дар назар аст, гурӯҳҳои алоҳидаи жанрҳои журналистикаи телевизионӣ) тамошо карда тавонистани бинанда ба миён омадааст. Муаллифони мақола кӯшиш ба харҷ додаанд, ки дар бораи жанри таҳлилии серистеъмоли журналистикаи телевизион тафсир бо овардани назари олимони ватаниву хориҷӣ ва андешаҳои илмии хеш махсусиятҳои хоси ин жанрро баён созанд. Барои фаҳмову тақвияти фикри хеш намунаи сенарияҳои жанри тафсири телевизионӣ оварда шуда, он ҳаматарафа таҳлил ва муҳокима гардидааст, ки ин барои донишҷӯёни ихтисоси журналистика ва кормандони телевизион ҳамчун воситаи аёнии омӯзиш ба кор рафтанаш мумкин аст.

Калидвожаҳо: тафсир, жанр, телевизион, журналист, касбият, таҳ- лил, навор, матн, технология, риоя.

ТЕЛЕВИЗИОННЫЙ КОММЕНТАРИЙ И ЕГО ОСОБЕННОСТИ

В эпоху космического развития информационных технологий информация доступна общественности на высокой скорости через Интернет. С помощью мобильного телефона зритель может смотреть не только текст и сюжеты новостей, но и аналитические, и художественно-публицистические телепрограммы (имеются в виду отдельные группы жанров тележурналистики). Авторы данной научной статьи попытались анализировать аналитический жанр телекомментария, приведя взгляды отечественных и зарубежных ученых и их мнения для выражения специфических особенностей этого жанра. Чтобы понять и закрепить его, представлен пример сценария жанра телевизионного комментария, который тщательно проанализирован и обсужден и может быть использован в качестве наглядного средства обучения для студентов-журналистов и сотрудников телевидения.

Ключевые слова: комментарий, жанр, телевизионный, журналист, профессионализм, анализ, видео, текст, технология, соответствие.

TV COMMENTARY AND ITS FEATURES

In the conditions of modern development of information technologies, information is available for distribution at high speeds via the Internet. With the help of a mobile phone, the viewer can watch not only texts and news stories, but also analytical and journalistic television programs (meaning the development of a group of television journalism genres). The authors of this scientific article tried to analyze the analytical genre of TV commentary by citing the views of domestic and foreign scientists and their scientific opinions to express the specific features of this genre. In order to understand and reinforce it, an example of television commentary genre scenarios is presented, and carefully analyzed and discussed, which can be used as a visual learning tool for journalism students and television staff.

Key words: comments, genre, television, journalist, efficiency, analysis, video, text, technology, conformity.

Маълумот дар бораи муаллифон: ***Муъминҷонов Зулфиддин*** – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии факултети журналистикаи телевизион ва радио. **Суроға:** 734032, ш.Душанбе, ҶумҳурииТоҷикистон, хиё. Борбад, 73 а. E-mail: **zulfiddin.m@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-05-14-63**
Мирзода Зулфия – Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, муовини ректор оид ба таълим ва корҳои методӣ. **Суроға:** 734019, ш.Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯч. Ф. Муҳаммадиев, 17/6. E-mail: **mirzoda-z@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-76-47-47**

Сведения об авторов: ***Муминджонов Зулфиддин*** – Таджикский государственный институт культуры и искусств им. М.Турсунзаде, доктор филологических наук, профессор кафедры журналистики телевидения и радиовещание факультета режиссуры, кино и телевидение. **Адрес:** 734032, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Борбад, 73 а. E-mail: **zulfiddin.m@mail.ru.** Тел.: **(+992) 935-05-14-63**
Мирзода Зулфия – Таджикский международный университет иностранных языков им. С.Улугзода, кандидат филологических наук, доцент, заместитель ректора по учебно-методической работе. **Адрес:** 734019, г.Душанбе, Республика Таджикистан, ул. Ф. Муҳаммадиева, 17/6. E-mail: **mirzoda-z@mail.ru.**
Тел.: **(+992) 938-76-47-47**

Information about authors: ***Muminjonov Zulfiddin*** - Tajik State Institute of Culture and Arts named after Mirzo Tursunzade, doctor of philology, professor of the department of television journalism and broadcasting of the faculty of directing, film and television. **Address:** 734032, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Borbad Ave.,73a.
E-mail: **zulfiddin.m@mail.ru.** Phone: **(+992) 935-05-14-63**
Mirzoda Zulfiya – Tajik International University of Foreign Languages named after S. Ulugzoda, Candidate of Philology, Associate Professor, Deputy Rector for Educational and Methodological Work. **Address:** 734019, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Str., F. Muhammadiev 17/6. E-mail: **mirzoda-z@mail.ru**.
Phone: **(+992) 938-76-47-47**

ТДУ: 070 (575.3)

ФАҲМИШИ ҲУВИЯТ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ИЛМИ МУОСИР

Сафарзода Э.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Баҳси ҳувият дар замони муосир

Дар илм истилоҳҳое мавҷуданд, ки аз замони пайдоиш то имрӯз вобаста ба шакл ва маънии устувор доштан мавриди баҳс қарор доранд. Яке аз онҳо истилоҳи «ҳувият» (ба русӣ “идентичность”, ба англисӣ - “identity”, ба лотинӣ – “identitas”) мебошад. Чаро истилоҳи мазкур нав ба вуҷуд омаду мавқеи намоён пайдо кард? Маълум аст, ки бо сабаби ҷаҳонишавӣ ва рушди илму технология дар муқоиса бо илмҳои гуманитарӣ ба фанҳои дақиқ, риёзӣ ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳ бештар шуд. Дар натиҷа мафҳумҳое пайдо шуданд, ки ба ҳар ду шохаи бузурги мазкури илм тааллуқ доранд. Ба андешаи мо, асосан, аз нимаи дувуми асри ХХ ва то ба имрӯз алоқамандии соҳаҳои илм хеле наздик ва печида гашта, илмҳои гуманитарӣ дар алоқамандӣ бо соҳаҳои технология ва ҳатто механикаю табиатшиносӣ омӯхта мешаванд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ба фанҳои гуманитарӣ таваҷҷуҳ кам шудааст. Аммо дар асл чунин нест. Инро дар мисоли яке аз истилоҳҳои серистеъмоли дар назари аввал асосан ба фанҳои гуманитарӣ дахлдор - «ҳувият» низ метавон дид. Дар шарҳу баёни мафҳуми мазкур аз илмҳои гуногун истифода мешавад. Дар натиҷа дар мавриди ҷойи истеъмоли он наметавон ҳадди аниқ гузошт. Дар ин навишта кӯшидем то андозае маънӣ ва мавриди истифодаи мафҳуми мазкурро дар соҳаҳои гуногуни илм мавриди баррасӣ қарор диҳем.

Калимаи «ҳувият» аслан мақула (категория)-и иҷтимоиву гуманитарӣ (дахлдор ба илмҳои равоншиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ, антропологияи фарҳангӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва ғайра) буда, барои тасвири шахс, гурӯҳ ба сифати ягонагии нисбатан устувори *«шабеҳ ба худ»* истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ низ «ҳувият» ба яке аз истилоҳҳои маъмул табдил ёфтааст. Ин калима дар забони форсӣ (тоҷикӣ) аз гузаштаи дур мавҷуд буда, маънии серобуранг дошт. Фарқият дар он аст, ки имрӯз он маънии устувор ба худ гирифт. Он вобаста ба ҳадаф, мавзуъ ва соҳаҳои илм ба маъниҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Дар таҳқиқоти донишмандони мо, асосан, ба мафҳуми «ҳувияти миллӣ» таваҷҷуҳ бештар аст. Аммо таҳқиқоти донишмандони хориҷа собит месозанд, ки «ҳувият» мафҳуми васеъ буда, вобаста ба илмҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор мегирад. Аз он ҷумла, муҳаққиқи тоҷик М.Абдуллоев дуруст таъкид кардааст, ки: «дар давраи имрӯзаи рушд ҷомеаи мо ба омӯзиши илмӣ ва дарки ҷанбаҳои гуногуни мушкилоти ҳувияти миллии тоҷикон… эҳтиёҷи калон дорад» [1, с.4].

Дар луғату фарҳангҳои гуногун «ҳувият» (ба русӣ «идентичность») хосияти руҳии инсон буда, дар тасаввур кардани худ ба гурӯҳ ё маҷмуи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллӣ, касбӣ, забонӣ, сиёсӣ, динӣ, нажодӣ, ё монанд кардани худ ба нафаре, ки ба ин гурӯҳ ё иҷтимоъ дохил аст. Чи тавре аз қоидаи мазкур бармеояд, ин ҷо ҷанбаи асосӣ ҳолати «руҳӣ» мебошад, яъне, ҳувият, пеш аз ҳама, хусусияти руҳӣ, равонӣ дорад. Ҳамчунин, ба масъалаҳои иҷтимоъ, сиёсат, нажод, миллат, забон, фарҳанг, дин ва ғайра дахлдор мебошад. Ҳамин тавр, ҳувият маънии монандкунӣ, баробаркунӣ, мутобиқати пурра, баробарии байни хусусиятҳо, зуҳурот, ашёро дорад. Аз ин бармеояд, ки он ҳам объекти маънавӣ ва ҳам ҷисмонӣ дорад.

Мафҳуми «ҳувият» танҳо дар чанд даҳсолаи охир дар мубоҳисаҳои сиёсӣ, назариявии илмҳои ҷомеашиносӣ, таърих, сиёсатшиносӣ, педагогика ва адабиётшиносӣ ҷойи намоён пайдо кард. Дар «Энсиклопедияи нави философӣ»-и В.М. Малахов ҳувият чун мафҳум (мақула)-и илмҳои иҷтимову гуманитарӣ, барои тасвири фард ва гурӯҳҳо ба сифати «умумияти нисбатан устувор, ки ба хештан шабоҳат дода шудааст» [6, с. 78-79] тавзеҳ ёфтааст. Баробари ин, дар фарҳанги мазкур қайд шудааст, ки ҳувият хусусияти дахлдор ба афрод ва гурӯҳ нест, балки муносибати субъективиест, ки дар рафти муносибати байниҳамдигарии онҳо ташаккул меёбад, яъне, ҳувият ҳамчун хештаншиносии фард фаҳмида мешавад. Аммо афкори дигаре ҳам мавҷуд аст (тарафдорони назарияи Э. Эриксон-равоншинос ва муаллифи истилоҳи «буҳрони

ҳувият»), ки ҳувиятро на танҳо ҳамчун шиносоии субъективии шахс (маъноӣ, арзишӣ, рамзӣ), балки дахлдор бо ҷанбаҳои аҳаммиятноки дигари инсон чун ҷаҳони ботинӣ, стратегияи мутобиқатшавӣ, рафтор ва гуфтор шарҳ додаанд. Ҳамин тавр, дар шарҳи мафҳуми ҳувият ба ақидаҳои гуногун рӯбарӯ шудан мумкин аст. Дар «Энсиклопедияи эпистомология ва фалсафаи илм» яке аз муаллифон М.А. Кукарсева мафҳуми «ҳувият»-ро умумият бахшида, менависад, ки: «ҳувият муносибатест, ки ҳар як ашё ба худ нисбат медиҳад» [4, с.265-266]. Муҳаққиқон дар як масъала ҳамфикранд, ки ҳувият чунин як ҳолати равонии инсон аст, ки фард худро ба хусусияте, ашёе, касе, чизе шабоҳат медиҳад. Ҳамин тавр, ҳувият, пеш аз ҳама, ба равоншиносӣ (психология) алоқаманд аст.

Яке аз муҳаққиқони дигари рус, ки бештар ба масъалаи мавриди назар таваҷҷуҳ намуда, асарҳои ҷолиби диққат таҳия намудааст, В.А. Тишков мебошад.

Ҳувият ва ҳолати руҳии инсон

Дар илми равоншиносӣ (психология) масъалаи ҳувият аз таҳқиқотҳои донишманди намоён З. Фрейд шуруъ мешавад. Ҳарчанд З. Фрейд дар бораи мафҳуми мазкур махсус истода нагузаштааст, аммо дар бораи айният, шабоҳат додани худ аз тарафи фард ба шахс ё гурӯҳи дигар консепсияи алоҳидаро пешниҳод намудааст ва ҳолати мазкурро ба руҳияи инсон вобаста донистааст. Дар баробари ин, имрӯз муҳаққиқон ба он назаранд, ки равоншиносӣ баъд аз замони З.Фрейд хеле рушд кард.

Дар илми муосири равоншиносӣ бошад, се консепсияи ҳувият ҷудо карда шудааст: Якум- нақши асосӣ ба сароғози субъективии инсон. Дар ин категория танҳо мавқеи субъективии инсон дар масъалаи «кистам, ба кӣ монандам?» мавриди муҳокима қарор мегирад. Дувум-шарҳҳое, ки дар онҳо ҳувият чун як ҷавҳар (эссензия), ашёи объективӣ, онтологӣ тасаввур карда мешавад. Консепсияи сеюм бар он аст, ки ҳувият як чизи умумӣ, хабарӣ - аломатҳо, хосиятҳо, муносибат ва алоқа мебошад. Ҳарчанд консепсияҳои мазкур аз ҳамдигар фарқиятҳо доранд, метавон хулоса кард, ки тибқи онҳо ҳувият шакли дониш ва ахборӣ оид ба моҳият, моддиёт, равонӣ, аломатию рамзӣ ва объективӣ дониста шудааст. Ҳамин тавр, ҳувият ба қатори мафҳумҳои умумӣ, маҷмуӣ, нисбӣ ва мавҳумии васеъ дохил шуда, на танҳо маҷмуи донишҳо, балки низоми категорияҳои фалсафиро дар бар мегирад.

Назари кӯтоҳе ба таърихи пайдоиш, ташаккули мафҳуми «ҳувият» басанда аст, ки ба бисёр соҳаҳои илм чун антропология, ҷомешиносӣ, фарҳангшиносӣ, сиёсатшиносӣ, таърих, филология, ҳатто риёзиёт ва табиатшиносӣ низ алоқамандӣ доштани онро дарк кард. Ин алоқамандии онҳоро махсусиятҳои равонӣ ва фалсафии он таъмин месозад. Ҳамин тавр, «назарияи миллат ва ҳувияти миллӣ, ин, пеш аз ҳама, мавзуи илмҳои фалсафаи иҷтимоӣ, антропология, этнология, этнография ва таърих мебошад» [1, с.16]. Яъне, ҷанбаҳои равонӣ ва фалсафии ҳувият дар ҷойи аввал меистад. Махсусияти ҳувият аз сарчашмаҳои субъектӣ ва объектии он бармеоянд. Дар соҳаи илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ, ки ҳувият дар он ҷойи намоён дорад, муомилот, фаъолият ҳамеша дар ҳолати тағйирёбист. Аз он ҷумла, он фаъолияти иртиботӣ (коммуникативӣ), ивази иттилоот, дарки иҷтимоиро дар назар дорад [12, с. 368-369].

Бояд гуфт, ки ҳувият на танҳо дар доираи илм, пеш аз ҳама, илмҳои гуманитарӣ-фалсафӣ, балки дар ҳаёти ҳамарӯза низ мавриди истифода аст. Яъне, ҳастии инсон ҳамеша бо ҳувият алоқаманд мебошад. Ҳувияти инсон аз доираи хурд, гурӯҳҳои кӯчак оғоз меёбад. Дар зиндагии ҳамарӯза инсон бо гурӯҳҳои хурди зиёӣ, дӯстдорони футбол, ошиқони рақсу бозӣ то ҳизбу ҳаракатҳо рӯ ба рӯ мешавад ва муқовимат мекунад. Ҳангоми баррасии чунин ҳолатҳо бори дигар хусусияти асосии ҳувият- категорияи равоншиносӣ ва фалсафии он муайян мегардад.

Баҳси ҳувияти иҷтимоӣ ва инфиродӣ

Ҳамин тавр, дар мавриди ҳувият ҷиҳати муҳимми дигар хусусияти иҷтимоии он ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид мавқеи ҷомеа (иҷтимоъ) дар ҷойи аввал аст. Баробари ин, медонем, ки дар даврaҳои алоҳида шахсиятҳои дигари фардие ба миён меоянд, ки ба доираи меъёрҳои умумӣ ва қоидаҳои таъинкардаи ҷомеа мувофиқ нестанд. Инҳо пайғамбарон, доҳиён, пешвоён, ҳатто шӯришгарон мебошанд. Онҳо барои ақидаву ғояи хеш мубориза мебаранд. Аммо фарди одӣ чунин имконият надорад, вай ночор дар доираи қоидаву қонунҳои муайянкардаи ҳувияти иҷтимоӣ: тобеияти синфӣ, динӣ, қавмӣ

боқӣ мемонад. Бо рушди ҷомеа, шакли нави ҳувият-«иртиботию трансформативӣ» ба вуҷуд омад, ки зинаҳои иҷтимоӣ, вариантҳои интихоб ва худмуайянкуниро инъикос менамояд. Аз оғози асри бистум дар раванди рушди ҳастии иҷтимоӣ шакли нави тахассусии ҳувият бо номи «иртиботию спектралӣ» ба вуҷуд омад, ки аз серҳаракатии инсон, фарҳанги касбӣ, фазоию замонӣ, рафторӣ, фишори иттилоотию иртиботӣ ба ҳаёти инсон бармеояд.

Имрӯз ба сохтори устувори ҳувият қариб тамоми шаклҳо ва механизмҳои ҳозиразамони ҳастии инсон, пеш аз ҳама, бозор муқобил истодаанд. Интернет, фарҳанги оммавии ҷаҳонӣ, фишори душманонаи технологияҳои сиёсӣ ва рекламавӣ шаклҳои наву ҷозиби маъниҳо, арзишҳо, яъне, ҳувиятҳоро ба вуҷуд меоранд. Дар назди фишори онҳо инсони танҳо чӣ тавр тоб меорад?! Дар чунин ҳолат, бо таъсири мазкури омилҳои таъсирбахши беруна, чун ВАО, реклама, технологияи сиёсӣ *ҳувияти инфиродӣ* на танҳо хусусияти гуногунранг, ҳархела пайдо мекунад, балки ноустувор мешавад.

Баробари ин, набояд руҳафтода гашт. Як хусусияти ҳувияти инфиродии замони рушди иттилоот ҷаззобияти он аст; ба афрод рамзҳои гуногун пешниҳод мешаванд, ки маънои васеъ доранд ва одамонро ба худ ҷалб менамоянд. Ба ҷойи ҳувияти инфиродӣ баъзан танҳо рамзе меистад, ки дар амал вуҷуд надорад. Ба онҳо бештар насли ҷавон пайравӣ менамояд. Аммо баробари таъсири манфии ин раванд, яъне, аз байн рафтани ҳувияти инсонӣ, метавонад ҳувияте ба вуҷуд ояд, ки барои инсони маълумотдор, донишманд хос бошад. Ин аз кӯшиш ва ҷаҳони ботинии фард вобаста аст. Муҳим он аст, ки ҳувият дар ҷомеаи имрӯза ҳамчун танзимгари маъноии технологияҳои иттилоотӣ баромад мекунад. Аммо, мутаассифона, чунин ҳолат аз тарафи соҳаҳои иҷтимоӣ, хусусан фарҳанг бо мақсади таҳияи технологияҳои самаранок истифода бурда нашуда истодааст. Вобаста ба ин, дар ҷомеаҳои пешрафта аз ҳозир барои азхудкунии шахсиятҳои боистеъдод-барандагони ғояҳои инноватсионӣ, олимон, барномарезон, менеҷерон, ситораҳои шоу-барномаҳо шикори ҳақиқӣ меравад. Ин ҳам як намуди имрӯзаи ҳувияти инфиродӣ мебошад.

Дар ин маврид дар ҳар кишвар оид ба ҳувияти инфиродӣ ва миллӣ баҳсҳо ба вуҷуд меоянд, ки хусусияти худро доранд. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам дар замони ҷаҳонишавии фарҳангҳо дар назди дуроҳаи интихоб истодааст. Дар ин маврид ҷойи асосиро ҳувияти миллии «тоҷикистонӣ» ишғол мекунад. Ҳувияти иҷтимоии мо шакли муттафиқонаи ҷомеаи инсонӣ бо арзишҳои асосӣ, маънии фарҳангӣ ва таърихӣ, ҷомеаи тоҷикистонӣ, халқҳои Тоҷикистон бояд бошад.

Чи тавре ки зикр шуд, ҳувият ба шахс, гурӯҳи одамон тааллуқдор аст. Бо вуҷуди ин, ҳувият хосият нест, яъне, ба фард аз аввал хос нест, он муносибат аст, ки баъд ба вуҷуд меояд. Он ҳам дар рафти алоқамандии иҷтимоӣ. Ба таври дақиқ ҳувият барои фард хос аст, зеро танҳо фарди алоҳида дорои сифати субъективият мебошад, яъне, мутаносибан чизи *дорои аҳаммияти муайянеро* ба худ хос медонанд ё намедонанд. Ҳувиятро ба гурӯҳи одамон мо танҳо ба маънои маҷозӣ имконпазир медонем. Чунончи, баъд аз охири солҳои 80-уми асри гузашта ҷомеашиносон ва сиёсатмадорон дар бораи субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ монанди рақобати ҳувиятҳое (ҳувияти исломӣ, насронӣ, шарқӣ, ғарбӣ ва ғайра) ба ҳарф задан оғоз намуданд, ки дар асл онҳо хусусияти устувор надоштанд ва дар ҳар маврид ба гурӯҳҳои боз ҳам хурд тақсим шуда, ниҳоят ба дараҷаи фард мерасиданд ва танҳо дар он вақт хусусияти ҳувияти ҳақиқиро таҷассум мекарданд.

Чи тавре ки зикр шуд, ҳувият масъалаи замони имрӯз, модерн аст. Азбаски дар гузашта ҳувияти афрод аз наслу насаби он сар мезад ва онро касе ихтиёри дигар кардан надошт, мушкилоти худмуайянкунӣ ба вуҷуд наомад. Ҳувияти инсони имрӯза бо ҳамоҳангкунии бошуурона барои шакли муайяни зиндагӣ алоқаманд аст. Шакл, услуби мазкурро ҳар шахс худаш «интихоб» намуда, шабоҳати худро ба одамон, гурӯҳи муайян, тарзи зиндагӣ, арзишҳо ташаккул медиҳад. Дар ҷомеаҳои пешрафтаи ҷаҳон бошад, ҳувият боз ҳам хусусиятҳои наву зиёд пайдо мекунад, ки дар байни мамолики рӯ ба тараққӣ чун Шарқ шояд мавҷуд набошад. Дар ҷомеаҳои аз ҳад саноатӣ фард нақши худро дар зиндагӣ мустақилона муайян карда метавонад ва дар натиҷа соҳиби чандин «ҳувият» мегардад.

Дар сохтори ҳувият сатҳҳои фардӣ ва иҷтимоиро ҷудо мекунанд. Агар ҳувияти шахсӣ маҷмуи хусусиятҳои сифати фарқкунандаи инсон бошад, он гоҳ ҳувияти иҷтимоӣ натиҷаи шабоҳатдиҳии фард бо меъёрҳои муҳити иҷтимоист. Албатта, дар байни сатҳҳои мазкур хатти дурушту аниқ кашидан душвор аст. Зеро ҳувияти шахсӣ ба сифати ҳувияти ботинӣ, дар асл, бе натиҷаи таъсироти берунӣ (иҷтимоӣ) буда наметавонад. Баробари ин, меъёр ва одатҳои шахсии фард метавонад ба меъёрҳои иҷтимоӣ мувофиқ наоянд. Ҳамин тавр, «Ман»-и шахсӣ дар натиҷаи бадастории таносуб (баланс) дар байни ҳувияти фардӣ ва иҷтимоӣ ба вуҷуд хоҳад омад. Дар баъзе ҳолатҳо одамони гурӯҳҳои алоҳида (маъюбон, маҳбусон) аз ин қоида истисно буда метавонанд. «Дарки «ман»-и миллӣ дар тоҷикон бошад, ҳам дар қадим ва ҳам дар асрҳои миёна, пеш аз ҳама, ба ҷаҳонбинии динӣ алоқаманд буд» [1, с.20]. Сипас, дар оғози асри бистум он ба маънии миллат, пеш аз ҳама, «миллати ислом», фаҳмида мешуд. Дар натиҷа истилоҳи ба ин монанди «миллати бухороӣ» низ ба вуҷуд омад. Истилоҳи «ҳувияти миллӣ» дар шохаҳои гуногуни илми тоҷик дар охири асри гузашта, асосан дар арафа ва аввали Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ба вуҷуд омада, ташаккул ёфт. Сайри таърихии истилоҳҳои «ҳувият», «ҳувияти миллӣ» дар забони тоҷикӣ мавзуи таҳқиқоти махсус буда метавонад, ки баъдан дар ин масъала фикру андешаҳои худро баён медорем.

Вобаста ба имрӯз дар илм истилоҳи нави «фалсафаи ҳувият»-ро ҷудо кардан лозим аст, ки категорияи мазкур дар доираи илми фалсафа мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Ин ҷо мафҳуми ҳувият маънои гуногунро дорост, ки аз тарафи донишмандон таҳқиқ гардидааст. Чунончи, гоҳо ҳувият бо дунёи мантиқ ё математика алоқаманд мегардад, ки дар он шаклҳои адад, ҷадвал ва муносибатҳои риёзӣ ҷойи асосӣ доранд, баръакс, дар низоми ҳастии иҷтимоӣ (донишҳои иҷтимоию гуманитарӣ) дар доираи ҳувият олами маъниҳо, шаклҳои аломатию рамзӣ, равонӣ ва ҳастии иҷтимоӣ мавқеи асосӣ пайдо мекунанд. Мафҳуми ҳувият чунон васеъ аст, ки он дар низоми донишҳои табиатшиносӣ низ мавриди истифода аст. Дар доираи илми мазкур он аз чунин истилоҳҳое монанди «ҳолати менталӣ», «ҳолати майна», «неруи торик» … истифода мешавад, ки аз он танҳо доираи хурди донишмандони ихтисосманд бархӯрдоранд.

Худшиносӣ-сифати асосии ҳувияти инфиродӣ

Вобаста ба он ки кадом ҷиҳат ё сифат асоси ҳувиятро ташкил медиҳад (касбӣ ё этникӣ, минтақавӣ, сиёсӣ ва ғайра) шаклҳои гуногуни ҳувияти иҷтимоиро ҷудо кардан мумкин аст: касбӣ (духтур, муаллим, эҷодкор, варзишгар…), этникӣ (тоҷик, ӯзбек…), минтақавӣ (суғдӣ, бадахшонӣ…), ҷуғрофӣ (сибирӣ, осиёимиёнагӣ, қафқозӣ…), сиёсӣ (марксист, либерал, демократ, консерватор (анъанагаро), динӣ (насронӣ, буддоӣ…), мазҳабӣ (суннӣ, шиа…) ва ғайра. Бояд гуфт, ки тақсимоти мазкур хусусияти нисбӣ дорад баъзе аз шаклҳои ҳувият дар сохтори шахсият метавонад тағйир ёфта истад. Дар баъзе маврид ва шароит он аҳаммияти назаррас надорад, яъне, дар ҷомеае ба он таваҷҷуҳ нест, аммо дар шароити дигар он тамоми ҳувияти афродро пас гузошта, ба ҷойи аввал мебарояд. Худшиносии ҳар як шахс ба таври нисбат додани худ ба ягон қавм аз як қатор шароитҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ, меъёрҳои мавҷуда нисбат ба қавмҳои хурд ва ғайра вобаста аст. Ба ҳар ҳол, махсусияти ҳувияти миллӣ на аз бедории эҳсоси дар қалб мавҷудаи инсон, балки аз шароити ҷомеа, меъёрҳои мавҷуда вобаста аст. Яъне, ҷиҳати ҳалкунанда дар ифодаи ҳувияти миллӣ дар мамлакатҳои тараққикарда *робитаи иҷтимоӣ* мебошад. Худшиносӣ ба тариқи узви гурӯҳи миллӣ (этникӣ) тибқи меъёрҳои гуногун (баромади умумӣ, анъанаҳо, урфу одат, малакаҳои фарҳангии умумӣ) муайян карда мешавад. Дар ин маврид на таъини беруна, балки худмуайянкунӣ нақши асосиро мебозад. Барои мисол, ному насаби арабӣ, русӣ, ӯзбекӣ ё тоҷикии шахрванди як давлат ҳеҷ вақт асоси муайянкунандаи соҳиби он ҳамчун намояндаи миллати ҳамон кишвар дониста намешавад.

Фарқияти ҳувияти миллӣ аз этникӣ

Сабаби асосии серистеъмол гаштани мафҳуми ҳувият имрӯз дар байни тамоми халқу миллатҳо аз бедории миллӣ ва худшиносӣ дарак медиҳад. Ин аст, ки калимаи мазкур дар забони тоҷикӣ асосан дар таркиби ибораи «ҳувияти миллӣ» мавриди истифодаи зиёд қарор мегирад. Чи тавре ки аз баҳсҳо дарёфтем, бисёр вақт дар адабиёти

илмӣ ва оммавӣ *ҳувияти миллиро* бо *ҳувияти этникӣ* омехта мекунанд. Аммо чунин нест. Худшиносии фард ба сифати узви миллати алоҳида мумкин аст дар асоси болоиқавмӣ ташаккул ёбад (масалан, канадигиҳо, амрикоиҳо, филиппиниҳо, осиёиминагиҳо). Аммо ҳувияти миллӣ худшиносиро бо роҳи ташхиси сиёсӣ (давлати миллӣ) ва ҷомеаи фарҳангӣ (фарҳанги миллӣ) пешбинӣ менамояд. Азбаски имрӯз аксарияти давлатҳо хусусияти сиёсӣ, шаҳрвандию сиёсӣ доранд, дар онҳо ченаки ҳувияти миллӣ аз ҳувияти этникӣ болост.

Яке аз ҳувиятҳое, ки дар иҷтимоиёт мавриди истифодаи зиёд қарор мегирад, *ҳувияти этникӣ* мебошад. Он аз қоидаи худташкилии эҳсос, ки дар хосиятҳои этномонандкунӣ чун аломати суханронӣ, забони ишора ифода меёбад, бармеояд. Ҳувияти этникӣ барои соҳибони забон ва фарҳанги этникӣ умумӣ мебошад. Бояд гуфт, ки ҳувияти этникӣ дорои хусусиятҳои ҳам марказталаб ва ҳам марказгурез аст. Дар ҳар як забон воҳидҳое мавҷуданд, ки танҳо ба дарку фаҳмиши ашхоси фарҳанг ва тобеияти этникии муайян дахл доранд.

Омӯзиши истилоҳи *ҳувияти миллӣ* бе муайян кардани маънои мафҳумҳое чун «миллат» ва «қавм» (этнос) ва таносуби байни онҳо ғайриимкон аст. Дар адабиёти илмии ҷаҳон дар ин бобат шарҳҳои зиёд мавҷуданд, дар баъзе маврид ин мафҳумҳоро аз ҳам ҷудо кардаанд, баъзан хеле ба ҳам шабоҳат додаанд. Бо вуҷуди ин, ба қавли файласуф Х. Тадтаев пурра ҷудокунии онҳо беасос аст, бо вуҷуди наздикӣ ба ҳам байни онҳо фарқияти муайяни маъноӣ мавҷуд аст [9, с.260].

Истилоҳи «миллат» (русӣ-нация, лотинӣ-natio (халқ), аз nasci – зода шудан) дар забонҳои гуногун ва дар давраҳои гуногуни таърихии ҳамон як забон маънии гуногун дорад. Чунончи, агар то Инқилоби Октябр (соли 1917) дар забони тоҷикӣ «миллат» ба маънои «миллати мусулмон» барои қавмҳои гуногун фаҳмида шавад, баъд аз он маънои «миллати тоҷик»-ро пайдо кард. Дар аксарияти давлатҳои мутараққии имрӯза миллат ин на тобеияти этникӣ, балки тобеияти шаҳрвандии ин ё он кишварро мефаҳмонад. Ҳамин тавр, миллат умумияти одамонест, ки барояшон мавҷудияти заминаҳои муайяни объективӣ ва субъективӣ зарур аст. Дар ин маврид аз он ҷумла умумияти забон, фарҳанг, ҳудуд, ҳаёти иқтисодӣ, таърих, худшиносӣ ва ғайра дар назар дошта мешавад. Ба аҳаммияти маънавиёт ва забон дар ташаккули ҳувияти миллӣ муҳаққиқ М. Шакурӣ баҳои баланд додааст: «Маънавият ва забон ду омили бунёдист, ки барои муайян шудани ҳуввияти миллат бештар аз дигар омилҳо, зиёдтар аз дигар хусусиятҳо аҳаммият дорад» [14, с.240].

Аҳаммияти ҳар як аз ин умумиятҳо аз ҷиҳатҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ баҳо дода мешавад. Аз ин ҷиҳат аломатҳои миллие, ки дар замону макони муайян аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, ба қавли Тадтаев дар шароити дигар, метавонанд дуюмдараҷа бошанд [9, с.260].

«Этнос» (юнонӣ-etnos, қавм, халқ) гуфта, аксар вақт умумияти муттаҳидкунандаи одамон фаҳмида мешавад, ки дорои хусусиятҳои махсуси қавмии фарҳанг, ҳамчунин «худшиносии умумӣ» мебошанд. Мафҳуми «миллат» дар тули таърих ба дигаргуниҳои зиёд мувоҷеҳ гашт. То ба ҳол вобаста ба нишондодҳои гуногуни усулӣ истилоҳи «миллат» гоҳо ба категорияи «этникӣ» (халқ), баъзан ба «шаҳрвандият» (миллат-давлат) алоқаманд карда мешавад. Баҳсҳо дар ин маврид аз зарурати ҳалли вазифаҳои муайяни сохтмони миллию давлатӣ бармеоянд. Ҳамин тавр, этнос умумияти таърихии одамон, муттаҳидшуда бо ҳамдигар дар асоси умумияти хусусиятҳои фарҳангӣ, забон, ҳудуд, тачрибаи зиндагии якҷоя, худшиносӣ, дарки хешовандӣ ва фарқият аз чунин гурӯҳҳо мебошад. Этнос ва миллат ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятӣ буда, этнос таърихан аввал ба вуҷуд омадааст. Этнос умумияти ҷамъиятӣ маҳсуб меёбад ва дар асоси шиносоии фарҳангӣ нисбат ба ҷомеаҳои ба ҳамин монанд ташаккул меёбад. Этнос якқавма аст. Миллат дорои омили сиёсист, ки аз ин сабаб шаҳрвандиеро мефаҳмонад, ки дар асоси умумияти майдони ҳуқуқӣ ба вуҷуд омадааст. Чи тавре ки гуфтем, бо мафҳуми давлат ва консепсияи шаҳрвандӣ зич алоқаманд мебошад.

Дар категорияи қавм (этнос) забон ва урфу одат аҳаммияти аввалиндараҷа доранд. Дар ин бобат халқи тоҷик намунаи хуб буда метавонад. Дар даврони садсолаҳо халқи тоҷик ҳамеша давлатдор буд ва агар замоне аз давлатдорӣ маҳрум буд, ҳамчун гурӯҳи

миллӣ аз байн нарафт. Зеро забони ягонае дошт, ки он дар давлатдорӣ мавқеи намоёнро соҳиб буд. Ин аст, ки «бо ин ҳама дар муддати ин ҳазор сол дар Моваруннаҳр нест кардани тоҷикон, аз забон ва ҳувияти миллӣ маҳрум намудани онҳо даст надод» [14, с. 44]. Дар натиҷа «онҳо (тоҷикон) дар ҳама марҳалаҳои мубориза зоҳиран мағлуб ва тобеу дастнигари дигарон, вале моҳиятан пирӯзманд буданд, дар ҳувияти худ ҳамчунон устувор монда, ғолибон ва ҳукмдоронро кам-кам ба фарҳанги эронӣ ва забони форсӣ тобеъ» менамуданд [14, с.45-46].

Дар мавриди фарқияти ҳувияти этникӣ ва миллӣ муҳаққиқ Ю.А. Кожевников таҳқиқоте гузаронида, ба хулосае омадааст, ки онҳо метавонанд дар муносибатҳои зерин бошанд:

-*айният, шабоҳат*. Ҳувияти этникӣ ва миллӣ аксар вақт синоним дониста мешаванд, ба он сабаб, ки этнос (қавм) захираи ҳувияти миллист. Ҳувияти миллии ягона дар дохили як давлат ташаккул меёбад. Бо вуҷуди ин, дар ҷомеа ва матолиби гуногуни илмиву оммавӣ ҳувиятҳои зикршуда бисёр вақт ба ҷойи якдигар омадаанд;

-*шиносоӣ, фарқкунонӣ*. Дар сиёсат ин ба ташаккули миллати сиёсӣ оварда мерасонад, танҳо миллати шаҳрвандӣ ҳуқуқи худмуайянкунӣ ва мустақилияти давлатӣ дорад, халқу миллатҳои дигар зарурати онро эътироф мекунанд ва дар ҳайати миллати дорои ҳуқуқи сиёсӣ мемонанд;

-*зиддият*. Аз ҷиҳати сиёсӣ байни ин ду намуд ҳувият- миллӣ ва этникӣ (қавмӣ) гоҳо мубориза меравад. Дар сиёсат ҳувияти этникӣ барои худмуайянкунии сиёсӣ кӯшиш менамояд, дар фарҳанг барои бедорӣ ва устуворкунии рамзҳо ва хусусиятҳои гурӯҳӣ (эҳёи забон, фарҳанг ва анъанаҳои худӣ).

Исбот шудааст, ки ҳувияти этникӣ ҷонсахт аст. Хусусияти мусбати ҳувияти миллӣ аз он иборат аст, ки мафҳуми васеъро дар бар мегирад, зеро аз афроди баромадашон гуногуни этникӣ иборат аст, аммо аломатҳои фарқияти шаҳрвандони як давлатро аз кишвари дигар нишон медиҳад.

Хусусиятҳои ҳувияти миллӣ

Дар илм назарияи *ҳувияти миллӣ* зиёд мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар ин бобат дар байни муҳаққиқон асосан се равиш мавҷуд аст: *примордиализм, конструктивизм, инструментализм*. Тарафдорони равиши аввал ҳувияти миллиро ҳамчун умумияти фарҳангӣ ва давлатие мебинанд, ки дар асоси маҷмуи хусусиятҳои объективӣ чун умумияти ҳудуд, забон, дин ба вуҷуд омадааст. Онро чун сатҳи рушдёфтаи ҳувияти қавмӣ мешуморанд. Намояндагони равиши мазкур, аз он ҷумла К.Гирс, Ҷ.М.Йингер, Э.Смит, М.Хрох, С.А.Арутюнов, Э.А.Поздняков, Л.Н.Гумилев мебошанд. Яке аз норасоиҳои ин равишро мунаққидони он дар адами меъёрҳои аниқи фарқгузории байни қавм ва миллат медонанд. Дар доираи равиши *конструктивизм* (Б.Андерсон, В.А.Тишков, В.А.Ачкасов…) ҳувияти миллӣ ҳамчун санади кӯшиши бошууронаи инсон ва табиати он мавриди назар қарор дода мешавад. Фарқи равиши сеюм-*инструментализм* аз дувумӣ аз он иборат аст, ки тарафдорони он (А.Коэн, М.Фишер…) дар доираи ҳувияти миллӣ, пеш аз ҳама, воситаи ҳидояти сиёсии ҷомеа барои ба даст овардани мақсадҳо дида мешавад.

Бармеояд, ки ҳувияти миллӣ мафҳуми мураккаби зиёдченакаест, ки таҳқиқи он аз ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иҷтимоиву фалсафӣ, равонӣ, фарҳангӣ ва ғайра иборат аст. Ҳувият ҷавобгӯйи масъалаҳои моҳияти халқ, миллат, ҷой ва мақому вазифаҳои он дар таърих ва шаклҳои имконпазири мавҷудияти он буда метавонад. Ҳувияти миллӣ зинаи муайяни рушди худшиносии миллиро ошкор месозад.

Дар илми мамлакатҳои Ғарб оид ба мушкилоти ҳувият таҳқиқоти зиёд бурда мешавад. Хусусан, дар ин бобат файласуфон, фарҳангшиносон ва ҷомеашиносон К.Поппер, Ю.Хабермас, В.Хесле. А.Гидденс, М.Серто корҳои намоён анҷом додаанд. Аз он ҷумла, донишманди олмонӣ Ю.Хабермас истифодаи истилоҳи «Ман-ҳувият»-ро пешниҳод намудааст. Ба қавли ӯ маҷмуи шахсӣ ҳақиқӣ, воқеист, аммо ҳувияти иҷтимоӣ - дурӯғин мебошад, зеро дар худ тасаввуроти чашмбандиро дорост [13, с. 7]. Аммо айнияти «Ман» дар як вақт ҳам одам чӣ тавре ки ҳаст ва ҳам чӣ тавр будан мехоҳадро инъикос менамояд.

Аммо ба андешаи мо ягон ҷузъи зикршуда барои тасвири моҳияти ҳувият басанда нестанд. Чунончи, М.Хесле танҳо дар асоси нишондодҳои фалсафӣ хулоса мебарорад, аммо масъалаҳои равоншиносиро дур месозад.

Дар раванди баҳсҳо дар мавриди ҳувият масъалаи истилоҳи «монандкунӣ» (идентификация) низ ба миён омад. Ба қавли муҳаққиқони имрӯза *монандкунӣ* (идентификация) ҷанбаҳои афзояндаи ташаккули ҳувият (идентичност)-ро дар бар мегирад. Чунончи, М.В. Заковоротная қайд кардааст, ки: «ҳувият ин натиҷа, ҳимояи худ; монандкунӣ, мутобиқшавӣ, раванди интихоб, қабули меъёр, анъанаҳо, қоидаҳо мебошанд. Дар умум, ба қавли муҳаққиқон, монандкунӣ ин механизми дарк ва фаҳмиши *фарди дигар* буда, ҳадафи асосиаш соҳибшавӣ ба *айният* дар фазои иҷтимоию фарҳангӣ, яъне, бадастории ҳувият мебошад. Ба андешаи файласуф Е.О. Труфанова эҳсоси ҳувият ба шахс имкон медиҳад фаҳмад, ки ӯ кист, гуногунпаҳлуии шахсияти хешро дар муносибат ба дигарон муайян мекунад.

Хусусан, дар замони имрӯза, ки мавзуи буҳрони ҳувият ба миён омадааст, дар ин бобат баҳсҳо зиёд шудаанд. Дар натиҷа мақолаву китобҳои бунёдӣ, шавқовар дар ин мавзуъ ба миён омаданд, ки дар байни онҳо асарҳои В.Г. Федотов, А.С. Мамбеев, Н.В. Антонов, И.В. Романов, В.А. Ядов ва дигаронро номбар кардан мумкин аст.

Ниҳоят, наметавон гуфт, ки аломатҳои аниқ оид ба таъин ва ташаккули ҳувияти миллӣ муайян карда шудаанд. Таҳқиқотҳо оид ба ошкорсозии моҳият, мазмун, вазифа, шакл ва бардошти ҳувияти миллӣ идома доранд. Зеро он ба тақдири халқу миллатҳо, давлатҳо дахл дорад. Дар ковишҳои мавзуи мазкур ғояҳои нави ба талаботи замон ва ҷомеаи гуногунмиллати имрӯза мувофиқ заруранд.

Алоқамандии ҳувият вобаста ба илмҳои равоншиносӣ-фалсафа

Ҳувият, чи тавре ки қайд шуд, дар навбати аввал дар ҷодаи илмҳои равоншиносӣ ва фалсафа мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар ин бобат донишмандони тоҷик таҳқиқоти пуразриш анҷом додаанд. Ҷустуҷӯҳои илмии онҳо аз раванди ҷаҳонӣ ҷудо нест ва дар пайвастагӣ пеш меравад. Чунончи, дар илми равоншиносӣ дар мавриди мафҳуми «ҳувият» шарҳи васеъ дода шудааст. Қайд мешавад, ки:

-дар психология ин раванди дарккунӣ, донистан, таъини тааллуқоти ягон объект;

-дар психоанализ равандест, ки фард тавассути алоқамандиҳои эҳсосӣ худро чун нафари дигари писандидааш рафтор мекунад ё кардан мехоҳад;

-дар психологияи иҷтимоӣ- монандкунии фард хешро ба шахси дигар;

-шабоҳат додани худ (нафаҳмида) ба нафари наздик (масалан падар) ҳамчун намунаи рафтор;

-шабоҳат додани худ ба қаҳрамони асари бадеӣ;

-механизми ҳифзи равонӣ, ки нафаҳмида худро ба объекти тарсовар монанд мекунед;

-акс, ба шахси дигар нисбат додани хислат, ангеза, андешаву эҳсосоти хеш;

-ҳувияти гурӯҳӣ-монандкунии худ ба гурӯҳи иҷтимоӣ, қабули ҳадафу арзишҳои он;

-дар психологияи муҳандисӣ ва ҳуқуқӣ-шинохтан, баҳодиҳии объекте (аз он ҷумла одамон) ба гурӯҳи муайян дар асоси аломатҳои маълум мебошанд [13, с.340-341].

Баъзе донишмандон ҳувиятҳоро ба *табиӣ*- толиб набудан ба ширкаташон дар такрористеҳсолкунӣ ва *сунъӣ*- эҳтиёҷманди ҳамешагии дастгирии ташкилӣ ҷудо мекунанд. Ба гурӯҳи ҳувияти табиӣ ҳувиятҳои қавмӣ, этникӣ, ҳудудӣ, умумиҷаҳонӣ, шаклиро дохил мекунанд; дар гурӯҳи сунъӣ ҳувиятҳои миллӣ, касбӣ, шартномавӣ, мазҳабӣ, минтақавӣ, синфӣ, тақвимӣ, гурӯҳӣ ва ғайраро метавон номбар кард. Баъзе ҳувиятҳо хусусияти ҳар ду гурӯҳ, омехтаро доранд чун гендерӣ.

Мафҳуми аз ҳама серистеъмол дар адабиёти илмӣ имрӯз «ҳувияти миллӣ» (ба русӣ- национальная идентичность, ба англисӣ- National identity) аст.

Фалсафаи ҳувият: ҳувияти зоҳирӣ ва ботинӣ

Дар илми фалсафа оид ба ҳувияти миллӣ ковишҳои зиёд анҷом дода шудааст. Дар давраи имрӯза яке аз мушкилоти асосии илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ ва равоншиносӣ масъалаи ҳувият ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур дар илмҳои зикршуда аз ҷанбаҳои гуногун мавриди баррасӣ қарор мегирад. Ҳарчанд дар илми Шарқ, махсусан, байни ҷомеашиносони тоҷик масъалаи ҳувият, асосан, баъди нимаи дувуми асри ХХ мавриди

муҳокима қарор гирифт, дар бобати мушкилоти бамиёномада бо файласуфон, ҷомеашиносон ва равоншиносони ҷаҳон ақидаи ягона доранд. Ба андешаи ҳамагон ҳувият имрӯз ба буҳрони шадид гирифтор шудааст. Сабаб чист? Аксарияти донишмандон бар онанд, ки сабабгори ин раванди ҷаҳонишавии ақидаҳо, ҳамгироӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки мушкили ҳувият бо мавзуи субъект, шахсият, ҳудуди фаъолияти инсон вобаста аст. Дар ин маврид он масъалаҳои моҳияти инсон, табиат ва озодиҳои рафтор, кирдорҳои имконпазир ва ғайриимкони ӯ, ҳадд ва фарқияти байни инсон будану кирдори ғайриинсонӣ, маънии инсону ҳадафи мавҷудияти он ба миён хоҳанд омад. Яке аз махсусиятҳои ҳувият аз он иборат аст, ки мантиқан он бояд ду объект ва як намуд субъект дошта бошад, ки он монандии ҳар ду объектро таъин, тасдиқ ё рад мекунад. Масалан, фалон шахс ба фалон одам (ду объект) аз ҷиҳати нажод (субъект) монанд аст. Тахмин кардан мумкин аст, ки масъалаи монандкунии ашё ба намунаи худ ба муайянкунии моҳияти ашё равона шудааст. Ин ҷо объекти воқеӣ ба объекти асил (идеалӣ) мавриди муқоиса қарор мегирад, дар натиҷа нақши субъект дар қоидаи монандкунӣ хеле баланд бардошта мешавад.

Дар ин маврид масъалаи монандкунии субъект, ҳувияти он аз ҳама мураккаб ба ҳисоб меравад. Чунончи, субъект метавонад ҳувият дошта бошад, аммо онро танҳо тасаввур мекунад, дарк менамояд. Барои пуррагии ҳувият онро доштан ва дуруст дарк кардан муҳим аст. Чанд марҳалаи дарк ва амалисозии ҳувиятро аз ҷониби субъект метавон ҷудо намуд: худшиносӣ, амалисозӣ ва худмуайянкунӣ. Вобаста ба ин ҳувиятро ҳамчун *худшиносӣ,* худмуайянкунӣ низ метавон фаҳмид. Ҳар инсон мекӯшад худро фаҳмад, донад, дар байни ҳаммонандҳои зиёд, ки онҳоро мебинад ё тасаввур мекунад, худро пайдо намояд. Ҳамин тавр, ҳувият инъикоси олами атроф, тақлид ба объектҳои муҳит мебошад. Он чунин инъикосест фаъол, фаҳмо ва усули мутобиқшавӣ, мувофиқат кардан ба воқеият мебошад. Ҳувиятро метавон усули моделикунонӣ номид, яъне, инсон худро ба воқеият мувофиқ, модел мекунонад, ҳамон тавр мувофиқ мегардонад, ки дар он зиндагӣ карда тавонад. Яъне, чӣ тавре ки мегӯянд: зиндагӣ бо ту насозад, ту бо зиндагӣ бисоз.

Маълум аст, ки инсон аз замони таваллуд ба худ суол медиҳад: кистам ман? Барои он ки ба ин суол ҷавоб ёфт, аввал суоли дигаре бояд ба миён гузошт: ба кӣ (ё чӣ) монанд ҳастам ман? Маҳз ҳамин тавр ҳувият ба амал меояд, донистани худ тавассути муқоиса, қиёс, монандкунӣ ба каси дигар ё чизи дигар. Дар оғоз чунин монандкунӣ ба таври зоҳирӣ, ба далелҳои возеҳ, дидашаванда, объективӣ, воқеӣ, ки дар муҳит ҷойгиранд, ба вуҷуд меояд, чунончи кӯдак худро бо падар монанд мекунад. Оҳиста-оҳиста бо мурури бакамолрасӣ қиёс бо ягон намуна, идеал, ашёи мавҳум (абстракт) сар мешавад. Масалан, наврас худро ба қаҳрамони ягон филм, китоб, ё шахси муқаддас монанд карданӣ мешавад. Дар натиҷа масъалаи ҳувият-худшиносӣ, худмонандкунӣ ба миён меояд.

Чунин монандкунии осон ва одиро метавон *ҳувияти зоҳирӣ* номид. Он ба таври ғайриихтиёр, ногаҳонӣ ба вуҷуд меояд. Субъект аз рӯйи ягон аломати зоҳирӣ дар нисбати ӯ муайян карда мешавад, он метавонад гурӯҳи иҷтимоӣ, миллат, синф бошад. Аммо ногуфта намонад, ки дар ин маврид монандкунӣ ҳам метавонад мутобиқат кунад ва ҳам метавонад аз рӯйи моҳият мутобиқат накунад. Дар чунин монандкунӣ асос монандкунии зоҳирист. Он аз рӯйи шакл, намуд бо аломатҳои гуногун муайян карда мешавад. Мувофиқат метавонад хешовандии воқеӣ, ҳамчунин, тасодуфӣ, ё тақлиди махсус бошад. Дар ин маврид эҳсосот нақши муҳим мебозад. Аммо ба ҳар ҳол, ҳувият бештар монандии зоҳирӣ дар шакл, намуд аст. Дар ин ҷо муҳим он ба ҳисоб меравад, ки монандӣ ба ашёи аниқ, муайян, аҳаммиятнок бошад. Инсон ҳамонро дуруст медонад ва ба он монанд шудан мехоҳад, ки ба анъана табдил ёфтааст. Чунин аломатҳо аз насл, ҷинс, авлод, миллат, дин ва ғайра иборат мебошад. Монандшавӣ ҳам бо мутобиқати зоҳирӣ ба модел, намуна, идеал буда метавонад ва ҳам мутобиқати ботинии ашё, ки бо анъана, қоида, урфу одат ҷорӣ гардидааст. Дар мавридҳои гуногун далелҳое (ҷинс, миллат, забон, фарҳанг) ба назар гирифта мешаванд, аз пеш ба таври воқеӣ мавҷуданд, анъана шудаанд ё маҷбуран бор карда шудаанд. Дар мавриди дигар, ҳувият метавонад аз ҳадаф, идеал,

хоҳиш барои оянда иборат бошад. Масалан, ҳадафи ба миллати ягона табдил ёфтани қавми дар чанд давлат парешон.

Дар ҳар ду маврид ҳам мутобиқаткунонӣ якмаъно ва бебозгашт аст. Зеро дар раванди он чизи асосӣ инъикос, такрори шакл аст. Ҳамин тавр, категорияи асосӣ барои дарки ҳувият қувваи биноӣ: акс, тасаввур, имиҷ, ангеза ба ҳисоб меравад. Яъне, дар ҳувият муҳим монанд будан аст, на будан.

Вобаста ба ин, метавон гуфт, ҳувият ҳамчун монандӣ метавонад ноустувор, шуъбада (иллюзия), сароб бошад. Зеро он ба монандкунии зоҳирӣ, тақлид асос ёфта, ба масоили монандии ботинӣ, моҳияти асосӣ дахолат нахоҳад кард. Ҳувиятро метавон водор намуд, фармуд, ба ягон мақсад қабул намуд. Дар чунин ҳолат номутобиқатии зоҳиру ботин, шакл ва мазмун, ошкор ва моҳият ба вуҷуд меояд. Сабаби асосии шикаст, ба буҳрон гирифтор шудани ҳувият дар ҳамин аст. Дар шароити имрӯза баъзе муҳаққиқон ба буҳрон гирифтор шудани ҳувиятро таъкид созанд ҳам, асли сабаби онро кушода надодаанд. Маълум мегардад, ки на танҳо ҷаҳонишавӣ, балки номутобиқатии зоҳиру ботин низ ҳувиятро ба буҳрон гирифтор мекунад.

Ҳамин тавр, шабоҳати зоҳирӣ, тасаввур, имиҷ ба ҳувияти ботинӣ бояд мутобиқат кунад. Ҳувияти ботинӣ ба ягонагии тарафайн, хешовандӣ, баромади ягона, сарчашмаи ягона асос меёбад. Маҳз чунин ҳувият ифодаи моҳият ва табиати инсон буда метавонад. Ин аст, ки имрӯз дар илми фалсафа масъалаи асоснокии ҳувият, муайянкунии он тавассути категорияҳои субстансия, моҳият, сохтор ва вазифаҳо ба миён гузошта мешавад.

Ҳувияти ботинӣ ин мутобиқат ба асоси ягона, алоқамандӣ, мутобиқати мазмун, моҳият, табиатро дар назар дорад. Ҳамин тавр, монандии ботинӣ аҳаммияти бештар дорад. Агар объектҳо на танҳо зоҳиран ба ҳам монанданд, балки вазифаи ягонаро иҷро мекунанд, пас онҳо яканд. Дар ин бобат мақоли чинӣ ҳаст: «Агар чизе ба саг монанд аст ва аккос мезанад, пас саг аст».

Дар ин маврид байни коршиносон масъалаи нусха, модел ба миён меояд, зеро ин амалиёт имрӯз имконпазир шудааст. Рушди робототехника, нусхасозӣ ҳадди байни инсон ва нусхаи онро торафт кам мекунад, он на танҳо зоҳиран ба одам монанд аст, балки бисёр вазифаҳои вайро ба ҷо меорад. Ҳолати мазкур хатареро ба бор меорад, ки дар баъзе маврид нусха одамро иваз мекунад. Дар ин маврид дар бораи ҳувият сухан ба миён гузоштан корест душвор.

Бинобар ин, *ҳувияти ҳақиқӣ* на танҳо мутобиқати ботинӣ, балки шабоҳати моҳият, баромади ягонаро дорад, яъне, пеш аз ҳама, он бояд инсон бошад, на нусха (робот). Ба ин маънӣ ҳувият ҳамчун наздикӣ, хешу таборӣ, асоси ягона, сарчашмаи ягона, шабоҳат дар баромади табиӣ фаҳмида мешавад. Маҳз бо мавҷудияти талаботи мазкур инсон худро ба гурӯҳи одамон, оила, халқ, нажод шабоҳат медиҳад. Вобаста ба ин, ҷавҳар (субстансия) пеш аз ҳама, бо ҳувияти инсон вобаста аст. Аммо дар даҳсолаи охир исбот шуд, ки дарки ҳувият чун ҷавҳар танҳо барои объектҳо (ашё) хос аст. Ҳувияти ҷавҳарасос шабоҳати инсонро бо объектҳои табиӣ, чун ҷисм, оила, миллат, ягонагии хун, ген ва ғайра дар назар дорад.

Бо вуҷуди ин, дар ҷомеаи пешрафта ва дорои фарҳанги баланд дар фаҳмиши ҳувият на ягонагии моддӣ, табиӣ, балки арзишҳои равонӣ асосӣ ба ҳисоб меравад. Чунончи, инсон худро тавассути ном, рамз, ғояҳо, дин, забон, одатҳо баҳо медиҳад. Ба ин маънӣ, *ҳувияти ҷавҳарасос* (субстанциальная идентичность) ба далелҳое, ки дар ҷавҳари инсон ҷой гирифтааст, асос меёбад. Бо вуҷуди ин, ҳама хоҳишҳо амалишаванда нестанд. Ягон инсон ба чиз, объект, синф ё гурӯҳе пурра шабоҳат пайдо намекунад ва маҷмуи хусусиятҳои табиӣ, сифатӣ ва вазифаҳои иҷтимоӣ намебошад. Ба ин маънӣ, субъект наметавонад бо ҷавҳари худ як бошад, он бештар ҷисмият ва иҷтимоияти худро нигоҳ медорад. Ин масъаларо муҳаққиқ Г.Тулчинский дуруст шарҳ додааст: «Ҳувият ин далели метафизикии худшиносист. Ман чуноне, ки ҳастам новобаста ба доираи иҷтимоию фарҳангӣ, мебошам» [10, с. 218]. Яъне, ҳар инсон новобаста ба он ки ҳувиятеро қоил аст, то ба охир ба худии худ мемонад. Барои инсон, ба қавли равоншиносон, худшиносӣ, инъикоси худ дар худ, ҷустуҷуи ҳайсияти худ муҳимтар аст аз он ки худро ба касе монанд

кунад. Субъект худро ба дигаре на танҳо шабоҳат медиҳад, балки дигареро ба худ қиёс менамояд, худро ба «Ман»-и худ ба «ҷанг» медарорад.

Ҳувият аз ду ҷузъи табиаташон гуногун иборат аст: *мавҷуда ва интихоб*. Мавҷуда ин чизҳоест, ки ба инсон дода шудааст: тан, макон ва замони таваллуд, шароити мавҷуд. Агар амиқ андеша кунем, он ба мафҳуми ҷавҳар ва ба хусусиятҳои маишии инсон, иқлим, табиат, ҳад мутобиқат мекунад. Аммо инсон на танҳо объект, балки субъект аст, яъне, ба ӯ қуввае дода шудааст, ки аз додаҳои худ истифода барад. Аз ин рӯ, барои ӯ имкони интихоб мавҷуд аст: имкониятҳои табиати худро истифода мебарад, маҳдудиятҳоро қабул мекунад ё бо он муқовимат мекунад. Дар ин бобат аз тактика ва стратегияи гуногун истифода мебарад, хусусиятҳои хоҳиш, дархост, ирода, худшиносӣ, фаъолият кори худро мекунанд. Ҳамин тавр, ҳувият мавҷудияти инсон, уфуқҳои фаъолияти онро маънӣ мебахшад. Ҳувият ин таъини ҳадди худ, дарк ва муайянкунии ҳадди худу бегона, воқеӣ ва ғайривоқеӣ, имконпазир ва ғайриимконпазир мебошад.

Дар баъзе мавридҳо инсоне, ки ҳувияти олами берунаро аз даст медиҳад, барои худ ҳувияти ботиниро ба вуҷуд меорад. Дар ин маврид ҳувият ба чизи амиқи ботинӣ, эҳсоси дарунӣ табдил меёбад. Аслан ҳувият то андозае дорои хусусияти дарунӣ аст, зеро ба интихоби шахс вобаста аст ва онро на ҳама вақт рӯшан мекунад. Дар сурати боло гирифтани ҳувияти ботинӣ инсон ҳувияти шахсиро бо амалҳои фаъол оид ба таъини хусусиятҳои писандидаи худ, ки аз ҳувияти анъанавии ҷомеа муайянкарда дур аст, таъмин месозад.

Ҳувият - сокит ё дар ҳаракат?

Вақте ки чунин суол ба миён меояд, дар асоси андешаҳои боло метавон ба хулоса омад, ки ҳувиятро ҳамеша бояд дар ҳаракат баррасӣ намуд. Бо ин ҳувиятро чун ашёи тағйирёбанда метавон тасаввур кард. Дар *ҳувияти муҳаррик* (динамической идентичности) омили асосӣ на ҷавҳар, ҳолати инсон аст. Дар ин маврид инсон барои худ нақше меофарад, лоиҳае месозад ва аз рӯйи он амал мекунад. Дар ҷараёни амалисозии лоиҳа рамз, ҳадафи худро метавонад тағйир диҳад, дар зиндагӣ низ пастию баландиҳо ба вуҷуд оянд. Ҳамин тавр, ҳувият ин хатти ҳаракати инсон дар фазои зиндагист, ки худ барои худ мекашад. Ӯ барои худ мегӯяд: «Ман он ҳастие нестам, ки як хел бимонам. Ин ҳастиест, ки аз худшиносии ман, бадастории ҳувияти худ дар ҳама гуна шароит иборат аст» [5, с. 76]. Дар ин раванд инсон ҳам бурд карданаш мумкин аст ҳам бохт. Инсон ҳамеша кӯшиш мекунад, як чизеро ёбад, ки ба худаш монанд набошад. Яъне, ба он сарҳаде гузарад, ки аз они ӯ нест. Дар натиҷа маънии ҳаёт тағйир меёбад ва дунё монанди оби дарё ҷараён мегирад.

Ҳувият, илова ба ин *робита* (ба русӣ-коммуникация, лотинӣ-communico), амали ягонаро иҷро кардан, пайвандкунӣ мебошад, ки дар фазои ягона ба иҷро расонда мешавад. Инсон аз доираи худ берун мебарояд, дигаронро ба худ ҳамроҳ мекунад, аз ҳадди худ гузашта, дар ҳудуди дигар сарҳад месозад. Ҳамин тавр, ҳувият ҷустуҷӯи дигарон ва дарёфти дигарон мебошад. Агар ба забони образ бигӯем, ин дахолат ба ҳадди дигарон аст, васеъ кардани ҳадди худ. Бо вуҷуди ин, иқрор бояд шуд, ки ин дахолати самараовар мебошад. Зеро он «бегона» барои «Ман» нозарур нест, онро бояд аз худ кард. «Ман» дар натиҷаи омӯхтани таҷрибаи «бегона», аз худ кардани он рушд меёбад. Вохӯрдан бо «бегона» ин то андозае бо ӯ розӣ шудан, аз ҳудуди худ гузаштан аст. Албатта, ин амали осон нест ва уҳда кардан душвор. Одамизод ҳамеша ба чизи номуайян, шахси номуайян таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Ба ин маънӣ ҳувият ин кӯшиши инсон барои баромадан аз доираи танги худ аст. Аз ин рӯ, муҳаққиқ Жижек дуруст қайд кардааст, ки: «Барои бадастории ҳувияти худ субъект шахс бояд аз доираи худ берун барояд, ба нафари дигар шабоҳат ва қаробат ҷӯяд, ҳувияти худро аз дарун берун созад» [3, с. 110]. Ҳамин тавр, гуфтугӯи «Ман» ва «Ту» ба миён меояд. Дар ин раванд на танҳо шахс каси дигарро тағйир медиҳад, балки «бегона» низ аз шумо талаб мекунад, ки тағйир ёбед. Ин ба нафъи ҳар ду тараф аст.

Дар ин маврид ҳувият ҳамчун *худташаккулдиҳӣ* амал мекунад, дар шахс ҷиҳатҳои ифшонашуда ва пӯшида кушода мешаванд. Аз ин рӯ, ин раванд бояд ҳамчун тағйирёбии инсон, бартарафкунии маҳдудият, баландшавии табиати инсон фаҳмида шавад. Аммо бояд дар назар дошт, ки сабаби ин дигаргунӣ талаботи ботинии худи шахс аст. Аз ин рӯ,

танҳо инсони озод, хештаншинос, иродатманд талаботи мазкурро дарк ва амалӣ сохта метавонад. Ҳувиятмандӣ ин эҳёи дукаратаи инсон аст. Субъект аввал аз мушкилоти дар сари роҳаш буда барои иҷрои мақсадҳо раҳоӣ меёбад, ба шинохти моҳияти худ, табиати худ мерасад. Сипас, вобастагии аз табиаташ дахлдорро дур месозад ва рӯ ба хоҳишҳо, озодӣ, эҷодкорӣ меорад. Озодии мазкур ба субъект лаззати зиндагӣ мебахшад. Дар ин маврид ӯ озодии ихтиёрро ба даст меорад. Инсон дар назди худ вазифа гузошта, аз уҳдаи иҷрои он баромада метавонад.

Фақат қадами аввалро гузоштан муҳим аст. Он аз чӣ шуруъ мешавад? Пеш аз ҳама *ба худии худ* будан аст. Худии худ ин хусусияти инсон *(экзистенсия*) аст, ки амали асил, табииро ифода мекунад. Яъне, инсон ба коре бе тайёрӣ якбора шуруъ мекунад, он аз қувваи *ирода* вобаста аст. Дар ин маврид *шахсият* сарчашмаи ирода барои озодист. Шахсият ҳамеша аз табиати инсон болост. Нафаре, ки шахсият надорад, танҳо бо табиати инсонӣ наметавонад ба коре бузург шуруъ кунад, ӯ худро тағйир намедиҳад. Кӯшиши ҳувиятсози инсон ӯро аз доираи ҳастӣ берун месозад, ба арзишҳои нав мерасонад. Имконияте пайдо мешавад, ки инсон шахси дигар шавад. Аҳаммияти кӯшиши ҳувиятсоз дар ҳамин аст, вагарна инсон метавонад дар доираи ҳайвонӣ боқӣ монад. Аз ин рӯ, донишмандон таъкид кардаанд: «Худшиносии ҳувиятсоз яке аз аломатҳои муҳимми мавҷудият ва инъикоси мутлақият мебошад» [10, с.218].

Хуллас, ҳувият ин баромадан аз ҳадди имконпазир аст, ки дар забони илми фалсафа онро *транссендитиз*м мегӯянд. Дар ин бора Ж. Делез менависад: «Инсон дар куҷое метавонист дар набудани Худованд кафолати ҳувияти худро ба даст орад?!» [2, с. 168]. Яъне, ҳувияти асил ин баромадан аз ҳадди имконпазир аст. Инсон на ҳамон аст, ки мавҷуд аст, балки ҳамонест, ки худашро месозад. Аз нуқтаи назари транссендитизм ҳувият бояд бо рафторҳое чун дигаргунӣ, раҳоӣ ва худшиносӣ якҷоя амал кунад.

Дар ниҳоят, бояд қайд кард, ки дар илми иқтисод низ масъалаҳои ҳувият мавриди ҳаллу фасл қарор мегиранд. Намунаи он истифодаи мафҳумҳои *ҳувияти эътибор* (русӣ-идентичности бренда, англисӣ-Brand identity), *ҳувияти корпоративӣ* (русӣ-корпоративная идентичность, англисӣ- Corporate idenity) дар илми иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин рӯ, доираи мафҳуми ҳувият хеле калон аст ва илмҳои гуногунро дар бар мегирад.

Донишмандони илмҳои фалсафа, ҷомеашиносӣ, таърих ва филология оид ба масъалаи ҳувият баъзе таҳқиқот анҷом додаанд. Яке аз соҳаҳое, ки дар ин бобат бештар мавриди назар қарор гирифтааст, муносибат ва алоқамандии ҳувияти миллӣ бо журналистика ва сиёсату ҷомеашиносӣ мебошад. Дар ин бобат таҳқиқоти донишманди тоҷик Масрур Абдуллоев қобили қайд аст, ки дар ин мақола мо аз бардоштҳои мавсуф дар асари эшон «Таджикская публицистика и национальная идентичность (посл. четверть XIX- первая половина XX веков» баҳраи хуб бардоштем. Тезиси мавсуф «Худшиносии миллӣ ва сиёсӣ (ҳувият), аз як тараф ва журналистикаю публитсистика-аз тарафи дигар, байни ҳам зич алоқамандand» [1, с.15] дар ин бобат дуруст мебошад. Баробари ин, муҳаққиқони моро лозим меояд, ки хусусиятҳои дигари ҳувият, аз он ҷумла алоқамандии онро бо илмҳои фалсафа ва равоншиносӣ мавриди баррасӣ қарор диҳанд. Аммо, мо дар қисматҳои баъдӣ алоқамандии ҳувияти миллиро бо дигар фанҳо дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Муқарриз: ***Гулов С.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллаев, М. Таджикская публицистика и национальная идентичность / М. Абдуллаев. – Душанбе, 2014. – 309 с.
2. Делез, Ж. Фуко / Ж. Делез. – М., 1998, – 260 с.
3. Жижек, С. Возвышенный субъект идеологии / С. Жижек. – М., 1999, – 320 с.
4. Кукарсева, М. А. Идентичность / М. Кукарсева // Энциклопедия эпистомология и философии наука. Т.3. – М.: Канон+, 2009, – 430 с.
5. Левинас, Э.Избранное. Тотальности и бесконечное / Э.Левинас. – М.: СПб., 2000, – 302 с.
6. Малахов, В.М. Идентичность / В.М. Малахов // Новая философская энциклопедия. Т.3. – М.: Мысль, 2001, – 480 с.
7. Маҳмадаминов, А. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А. Маҳмадаминов. – Душанбе: Сино, 1998. – 211 с.

8. Табаров, С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ / С. Табаров // Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби 3. – Душанбе: ДДМТ, 1999. – С. 3-22.
9. Тадтаев, Х.Б. Этнос. Нация. Раса. Национальное-культурные особенности детерминации процесса познания / Х.Б. Тадтаев (под ред. С.И. Замогильного). – Саратов, 2001, – 296 с.
10. Тулчинский, Г. Постчеловеческая персонология / Г. Тулчинский. – СПб., 2002, – 360 с.
11. Усмонов, И. Тоҷикон / И. Усмонов. – Душанбе: Деваштич, 2001. – 312 с.
12. Федотова, В.Г. Коммуникация / В.Г. Федотова // Энциклопедия эпистомология и философии наука. Т.3. – М.: Канон+, 2009. – 430 с.
13. Хабермас, Ю. Демократия. Разум. Нравственность / Ю. Хабермас. – М., 1995, – 386 с.
14. Шакурӣ, М. Хуросон аст ин ҷо. Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон. – Душанбе, 1997, – 292 с.
15. Шозимов, П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане / П.Д. Шозимов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 208 с.
16. Эриксон, Э. Идентичность: юность и кризис / Э. Эриксон (пер. с англ.; общ. ред. и предисл. А. В. Толстых). – М.: Прогресс, 1996. – 334 с.

ФАҲМИШИ ҲУВИЯТ ВА ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ИЛМИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур истилоҳи ҳувият аз нуқтаи назари муҳаққиқони ҷаҳон мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Истилоҳи мазкур дар соҳаҳои гуногуни илми тоҷик, махсусан, илмҳои гуманитарӣ-фалсафа, филология, таърих, ҷомеашиносӣ зиёд ба назар расад ҳам, бевосита дар бораи мафҳум, маъно, пайдоиш ва ташаккули он кори назаррас анҷом дода нашудааст. Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки мафҳуми ҳувият танҳо солҳои охир шакл ва маънии устувор пайдо кард. Сабаби ин дар чист? Чаро дар даврони охир истилоҳи «ҳувият» (ба русӣ идентичность) серистеъмол гашт? Дар мақолаи мазкур маҳз масъалаҳои мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Маълум аст, ки бо сабаби ҷаҳонишавӣ ва рушди илму технология дар муқоиса бо илмҳои гуманитарӣ ба фанҳои дақиқ, механика ва табиатшиносӣ таваҷҷуҳ бештар шуд. Ба андешаи муаллиф асосан аз нимаи дувуми асри бист ва то ба имрӯз алоқамандии соҳаҳои илм хеле наздик ва печида гашта, илмҳои гуманитарӣ дар алоқамандӣ бо соҳаҳои технология ва ҳатто механикаю табиатшиносӣ омӯхта мешаванд. Инро дар мисоли яке аз истилоҳҳои серистеъмоли фанҳои гуманитарӣ - «ҳувият» низ метавон дид. Дар шарҳу баёни мафҳуми мазкур аз илмҳои гуногун истифода мешавад. Дар ин мақола кӯшидем то андозае маънӣ, мавриди истифодаи мафҳуми мазкурро дар соҳаҳои гуногуни илм мавриди баррасӣ қарор диҳем. Дар ин маврид аз адабиёти илмӣ, луғату фарҳангҳо ва дигар васоити ахбори умум истифода мешавад. Калимаи «ҳувият» аслан мақула (категория)-и иҷтимоиву гуманитарӣ (дахлдор ба илмҳои равоншиносӣ ва фалсафаи иҷтимоӣ, антропологияи фарҳангӣ, равоншиносии иҷтимоӣ ва ғайра) буда, барои тасвири шахс, гурӯҳ ба сифати ягонагии нисбатан устувори *«шабеҳ ба худ»* истифода мешавад. Дар забони тоҷикӣ низ «ҳувият» ба яке аз истилоҳҳои маъмул табдил ёфтааст. Фарқият дар он аст, ки имрӯз он маънии устувор ба худ гирифт. Он вобаста ба ҳадаф, мавзуъ ва соҳаҳои илм ба маъниҳои гуногун шарҳ дода мешавад. Дар ҳувият ҷанбаи асосӣ ҳолати «руҳӣ» мебошад, яъне, ҳувият, пеш аз ҳама, хусусияти руҳӣ, равонӣ дорад. Ҳамчунин, ба масъалаҳои иҷтимоъ, сиёсат, нажод, миллат, забон, фарҳанг, дин ва ғайра дахлдор мебошад. Он маънии монандкунӣ, баробаркунӣ, мутобиқати пурра, баробарии байни хусусиятҳо, зуҳурот, ашёро дорад. Зарур меояд, ки донишмандони соҳаҳои гуногуни илми тоҷик, пеш аз ҳама, фалсафа, равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, филология, таърих истилоҳи «ҳувият»-ро аз нуқтаи назари илмҳои мазкур шарҳу тавзеҳ бахшанд.

Калидвожаҳо: ҳувият, равоншиносӣ, фалсафа, шабоҳат, якрангӣ, монандкунӣ, миллат, этнос (қавм), фарҳанг, фарқият, ҳувияти инфиродӣ, ҳувияти этникӣ, ҳувияти миллӣ.

ПОНЯТИЕ ИДЕНТИЧНОСТИ И НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕНТИЧНОСТИ В СОВРЕМЕННОЙ НАУКЕ

В данной статье термин «идентичность» обсуждается с точки зрения мировых исследователей. Хотя этот термин часто упоминается в различных областях таджикской науки, особенно в гуманитарных науках – философии, филологии, истории, социологии, но непосредственно его понятие, значение, происхождение и формирование не подвергались специальному исследованию. Прежде всего следует сказать, что понятие идентичности приобрело устойчивую форму и значение только в последние годы. Что является причиной этого? Почему в последнее время широко используется термин «идентичность»? Эти вопросы обсуждаются в данной статье. Известно, что в связи с глобализацией и развитием науки и техники большое внимание уделяется точным наукам, механике и естественным наукам, по сравнению с гуманитарными. По мнению автора, в основном со второй половины 20 века и до сегодняшнего дня взаимосвязь между областями науки стала очень тесной и сложной, а гуманитарные науки изучаются в связи с областями техники и даже механики и естественных наук. Это можно увидеть на примере одного из наиболее часто употребляемых в гуманитарных науках терминов - «идентичность». Для объяснения этого понятия используются различные науки. В этой статье мы попытались обсудить значение, использование этого понятия в разных областях науки. При этом используется научная литература, словари, культурологические и другие средства массовой информации. Слово «идентичность» изначально является социогуманитарной статьей (относящейся к психологическим наукам и социальной философии, культурной антропологии, социальной психологии и др.) и используется для описания человека, группы как относительно устойчивого единства, «подобного себе». В таджикском языке «идентичность» стала одним из популярных терминов. Отличие в том, что сегодня она приобрела устойчивый смысл. Она интерпретируется по-разному в зависимости от цели, темы и областей науки. В идентичности главным аспектом является «психическое» состояние, то есть

идентичность имеет, прежде всего, ментальную, психологическую природу. Это также связано с социальными вопросами, политикой, расой, национальностью, языком, культурой, религией и т. д. Она имеет значение сравнения, уравнивания, полной совместимости, равенства между признаками, явлениями, предметами. Необходимо, чтобы ученые различных областей таджикской науки, в первую очередь, философии, психологии, социологии, филологии, истории, разъясняли термин «идентичность» с точки зрения этих наук.

Ключевые слова: идентичность, психология, философия, сходство, однородность, аналогия, нация, этнос (народ), культура, различие, индивидуальная идентичность, этническая идентичность, национальная идентичность.

THE CONCEPT OF IDENTITY AND NATIONAL IDENTITY IN MODERN SCIENCE

In this article, the term identity is discussed from the point of view of world researchers. Although this term is often mentioned in various fields of Tajik science, especially humanities-philosophy, philology, history, sociology, significant work has not been done directly on its concept, meaning, origin and formation. First of all, it should be said that the concept of identity gained a stable form and meaning only in recent years. What is the reason for this? Why has the term "identity" been widely used in recent times? These issues are discussed in this article. It is known that due to globalization and the development of science and technology, more attention has been paid to exact sciences, mechanics and natural sciences compared to humanities. According to the author, mainly since the second half of the 20th century and until today, the relationship between the fields of science has become very close and complex, and the humanities are studied in connection with the fields of technology and even mechanics and natural sciences. This can be seen in the example of one of the most frequently used terms in humanities - "identity". Various sciences are used to explain this concept. In this article, we tried to discuss the meaning, the use of this concept in different fields of science. In this case, scientific literature, dictionaries, cultures and other mass media are used. The word "identity" is originally a socio-humanitarian article (related to psychological sciences and social philosophy, cultural anthropology, social psychology, etc.) and is used to describe a person, a group as a relatively stable unity "similar to oneself". In the Tajik language, "identity" has become one of the popular terms. The difference is that today it has acquired a stable meaning. It is interpreted in different ways depending on the purpose, topic and fields of science. In identity, the main aspect is the "mental" state, that is, identity has, first of all, a mental, psychological nature. It is also related to social issues, politics, race, nationality, language, culture, religion, etc. It means comparison, equalization, complete compatibility, equality between features, phenomena, objects. It is necessary that the scholars of different fields of Tajik science, first of all, philosophy, psychology, sociology, philology, history, explain the term "identity" from the point of view of these sciences.

Key words: identity, psychology, philosophy, similarity, homogeneity, analogy, nation, ethnos (people), culture, difference, individual identity, ethnic identity, national identity.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Сафарзода Эҳсон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, омӯзгори кафедраи журналистикаи байналхалқӣ, факултети журналистика. **Суроға**: 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **ehson.89@mail.ru.** Тел.: **(+992) 946-40-40-40**

Сведения об авторе: ***Сафарзода Эхсон*** - Таджикский национальный университет, преподаватель кафедры международной журналистики, факультет журналистика. **Адрес**: 734025, ш. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **ehson.89@mail.ru.** Тел.: **(+992) 946-40-40-40**

Information about the author: ***Safarzoda Ehson*** - Tajik National University, lecturer at the department of international journalism of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **ehson.89@mail.ru.** Phone: **(+992) 946-40-40-40**

ТДУ: 17:34

ЭТИКА ВА ҚОНУН: МАРЗ, ШИНОХТ ВА ТАҲЛИЛ

Хушдил Раҳимҷон
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки дар ҳама соҳаҳо ҳамеша мавриди баррасӣ қарор мегирад, этика ва ё ахлоқи касбӣ мебошад. Дар ҳақиқат, этика мавзуест, ки ба ҳама дахл дорад, зеро ҳамчун нахустунсури инсоният шинохта мешавад ва ҳастии инсон низ аз маънавиёти ӯ маншаъ мегирад. Ба ифодаи дигар, ҷузъи аслии ҳастии маънавии инсон ахлоқ аст ва ҳамин аст, ки ахлоқ мавзуи ҷовидонаи инсоният гардидааст.

Зуҳури ахлоқ низ чун нишони ниёзи инсон будааст, ончунонки ҳангоми баррасии умумияти ахлоқ ва қонун ин нуктаро ба қонун низ нисбат медиҳем ва мегӯем, ки пайдоиши қонун низ натиҷаи эҳтиёҷоти ҷомеаи инсонӣ мебошад, зеро ҳаёти инсон дар ҷомеаи ибтидоӣ гувоҳи сухан аст, ки чӣ гуна инсонҳои аввалин дарки ҳамроҳ зистанро карданд ва аз ҳамон лаҳза ахлоқ ба таври табиӣ чун нишони баҳамоии онҳо зуҳур кард. Ба ифодаи дигар, этика ва қонун аз муҳимтарин омилҳои ҳаёти маънавии инсонҳо ва ё кашфиёти онҳост, ки барои расидан ба ормонҳои олии инсонӣ мусоидат мекунанд. Ин ормонҳо тарбияи инсони комил ва таъмини адолату баробарӣ мебошанд.

Ин нукта боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки сарнавишти ҳазоронсолаи инсоният гувоҳ аст, ки озодӣ ба маънои мутлақ ҳеҷ гоҳ вуҷуд дошта наметавонад, зеро озодӣ, пеш аз ҳама, дарки масъулият аст ва ҳамин дарк карданҳо худ ҳадди озодӣ мебошанд ва моҳияти мутлақияти онро аз миён мебаранд.

Воқеан ҳам, шинохти ахлоқ ва қонун яке аз масъалаҳои мубраму доманадори фалсафа ва ҳуқуқ мебошад. Муҳаққиқони зиёде шуруъ аз замонҳои қадим то имрӯз доир ба он изҳори назар кардаанд ва чунин баррасиҳо боз ҳам идома доранд.

Аз ин рӯ, мо ба таври умумӣ ба ин мавзуъ таваҷҷуҳ намуда, мушаххасан вобаста ба шинохти этикаи касбии тахассуси худ изҳори назар менамоем, ҳарчанд ҳамеша дар назар дорем, ки ахлоқи касбӣ низ ҷузъе аз ахлоқи умумӣ аст ва аз он сарчашма мегирад.

Аз нигоҳи мо, назари муҳаққиқи маъруфи журналистикаи тоҷик, профессор Иброҳим Усмонов беҳтарин намунаи шинохти этикаи касбии журналист аст: “Одоби журналистӣ маҷмуи хислатҳое мебошад, ки аз як тараф, хосияти касби журналистиро ташкил медиҳанд ва аз тарафи дигар, онҳо бо хусусиятҳои хосси ҳар шахс пурра шуда, комплекси симои эҷодии нигорандаро ба вуҷуд меоранд. Ин хислатҳо ба сифати матолиби навишташуда таъсир мерасонанд, онро хондanӣ ё мутанаффур, диданӣ ё нописанд мекунанд” [9, с.71].

Воқеан ҳам, чунин шинохт аз ахлоқи касбӣ тавзеҳи комили моҳияти он аст, зеро дар ҳамин шарҳи кӯтоҳ мазмуни одоби касбӣ ифодаи худро ёфтааст. Дар ҳақиқат, одоби касбӣ муаррифгари симои нигоранда аст ва ҳамзамон, ботини ӯро низ ошкор месозад. Ҳамон сухани классикӣ, ки мегӯяд, “то мард сухан нагуфта бошад...” мувофиқ ба ҳамин ҳол аст.

Муҳаққиқи дигари журналистикаи тоҷик Сангин Гулов низ барҳақ таъкид менамояд, ки “Ташаккули ахлоқи касбӣ ҷараёни зинда ва мудовим буда, аз масоили муҳимтарин фаъолияти журналистӣ мебошад. Ба хусус, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, боло рафтани нақши ВАО, пайдоиши имкониятҳои нав дар дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин, дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ, меъёрҳои этикиву ахлоқӣ хеле муҳим арзёбӣ мешаванд. Дар фаъолияти ҳаррӯзаи журналистон мо ҳар лаҳза ба муаммоҳои ҳуқуқӣ ва бештар этикӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дар ҷараёни фаъолияти худ журналистон вазифадоранд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва этикиро риоя кунанд. Меъёрҳои ҳуқуқиро қонунгузориҳо муайян ва танзим мекунанд, аммо дар хусуси меъёрҳои этикиву ахлоқии фаъолияти журналистӣ андешаҳо гуногун ва ҳатто баъзан хилофи якдигаранд. Бо вуҷуди ин, аксарият меъёр ва принсипҳои ахлоқии фаъолияти журналистиро эътироф карда, онҳоро ҳатмӣ медонанд” [5, с.259].

Дар андешаҳои ин муҳаққиқи маъруф, ки солҳои сол ба таълими одоби касбӣ машғул аст, дар як вақт шинохти меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонун),

алоқамандӣ ва тафовути онҳо низ изҳор гардидааст. Аз назари ин муҳаққиқи маъруф низ, меъёр ва принсипҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ ҳатмӣ мебошанд, ҳарчанд доир ба онҳо нуктаҳои назари гуногун вуҷуд доранд.

Чун идомаи мантиқии ин мавқеъ, зикри ақидаи муҳаққиқ Лайло Киёнпурро лозим медонем, ки мегӯяд: "Асри иртибототи маонӣ тарзҳои гуногуне дорад, агар бо рӯйкарди хирадмандона ба он нигариста шавад, метавонад фурсатҳои нав дар баробари инсон кушояд ва агар бар мадори манфиатталабӣ бошад, чизе ҷуз сиёҳӣ ва завол дар пай надорад. Асри иттилоот зистан дар дунёи расонае шудааст, ки ахлоқи касбии расонаӣ бо қонуни ҳирфаиро барои фаъолиятҳои мудовим, ҳадафманд ва низомманд дар ҳавзаи расонаҳо, аз пажуҳиш ва нақд, журналистикаи телевизионӣ, радиоӣ, матбуот ва интернет, барномасозӣ зарурӣ менамояд, ки он баёнгари вазифаҳои ҳирфаӣ ва навъи рафтори расона ва дастандаркорону маворид он ва ҳар мутахассиси иртибот аст ва талош мекунад, то робитаи байни расонаву аудитория ва омилҳои онро нисбат ба ҳам таъйин кунад. Ахлоқи масъулонаи расонаӣ дар ин дунё, ки зиндагӣ дар он ҳам ба ҳам пайваста ва ҳам шикананда аст, ба ҷойи мантиқи қудрат мантиқи ҳақиқатро мепазирад, барои ҷонибдории тарҳе такя мекунад, ба ҷойи барҷастасозӣ ба айниятгароӣ рӯй меоварад ва ба ҷойи якпорчагӣ бар такассургароӣ таъкид дорад" [6, с.11].

Ин муҳаққиқ ҳам, ки асосан вазъи риояи меъёрҳои ахлоқиро дар шабакаҳои телевизионӣ таҳқиқ кардааст, зарурати риояи онҳоро дар ҳама воситаҳои ахбор таъкид менамояд ва дар шароити муосири замон ин заруратро чун талаботи рӯз муаррифӣ менамояд.

Ба назари муҳаққиқ Мутриба Бобоҷонова, "ахлоқ дар фаъолияти касбии журналист нақши ниҳоят муҳим дорад. Ин њолат ҳангоми иҷрои вазифаҳои касбӣ баръало зоҳир мешавад. Аввалан, ахлоқ муносибатҳои журналистро бо ҷомеа, хусусан, ба истеъмолкунандагони иттилоот ба низом медарорад, яъне ин муносибатҳо дар ҷараёни фаъолияти муайян зуҳур мегардад. Дар мураттаб сохтани ахлоқи касбии журналист нақши принсипҳо, талаботи категория ва ғояҳои ахлоқӣ низ муҳим мебошанд, зеро онҳо журналистро дар доираи фаъолияти касбӣ ба идора ва назорат кардани рафтори худ ҳидоят менамоянд. Албатта, чунин низоми рафтор, пеш аз ҳама, ба манфиати журналист аст, зеро ин ҳолатҳо эътибору эътиқоди ҷомеаро ба журналист ва ВАО бештар мегардонад. Ҳар як зуҳуроти беэътиноӣ, беэътиборӣ ба ахлоқ, сарфи назар аз он ки он бо кадом мақсад амалӣ мегардад ба манфиатҳои умумии журналистика ва тамоми ҷамъият таъсири манфӣ мегузорад" [2, с.131].

Воқеан ҳам, дурустӣ ва аҳаммиятнокии андешаҳои мазкур, ки чун нишони шинохту ибрози зарурати мавҷудияту риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ зикрашон рафт, тасаввурпазир ва эътирофшаванда аст.

Дар мавриди меъёрҳои ҳуқуқӣ ё нақши қонун дар журналистика муаллифони дастури таълимии "Муқаддимаи журналистика" менависанд, ки "зимни фаъолияти ҳамарӯзаи худ журналистон ҳамеша бо меъёрҳои ҳуқуқӣ сари кор мегиранд. Дар шароити кунунӣ фаъолияти журналистӣ ба дараҷаи зарурӣ ба низом дароварда шудааст, зеро таъбири ҳуқуқшиносон, ки дар асоси ҳар касб бояд заминаи қонунӣ вуҷуд дошта бошад, амри воқеист" [4, с.37].

Доир ба мазмуни рамзие, ки дар унвони матлаб аст, мехоҳем бо таҳлили як мисол марзи миёни меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқиро дар журналистика муайян намоем.

Ҳафтаномаи "Пайк" дар саҳифаи фейсбукии худ зери унвони "Дар хобгоҳи ДДК шабона чӣ ҳодиса мегузарад?" матлабе нашр гардонида буд, ки ба вокунишҳои шадиди касбӣ дучор шуд. Дар ин матлаб асосан сухан атрофи вохӯрии ноиби ректор оид ба тарбия бо волидони донишҷӯёне буд, ки фарзандонашон дар хобгоҳи донишгоҳ зиндагӣ мекунанд. Дар матлаб пурра аз забони ӯ нақл мешавад. Ин масъули донишгоҳ бо нигаронӣ иброз медорад, ки дар хобгоҳ тартибот риоя намегардад ва як мушоҳидаи худро мегӯяд, ки бо мақсади назорат як нимашабӣ ба хобгоҳ рафтааст ва шоҳиди ҳолати ногувор гардидааст. Пасон, хоҳиш мекунад, ки телефони духтарҳоятонро тафтиш кунед, ба зисту таҳсилашон бепарвоӣ накунед, зери назорат гиред. Ин масъул аз сари эҳсос мегӯяд, ки ҳар шаб мошинҳои сиёҳшишаро мебинам, ки духтарҳо ба онҳо нишаста мераванд. Ба ин монанд, аз ҷониби ӯ боз чанд сухани эҳсосии дигар баён шудаанд.

Ин матлаб фавран аз ҷониби корбарони шабака мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз ҷумла, номзади илмҳои филологӣ, рӯзноманигор, сармуҳаррири нашрияи “Анвори дониш”-и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ дар матлабе зери унвони “Аз барои кайк пӯстинро намесӯзонанд” [11] онро таҳлил намуда, менависад, ки ба назари ман, 6 банди “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” (намунаи соли 2009) ҳангоми таҳияи он сарфи назар шудааст. Аз ҷумла, а) рисолати ВАО ва журналист: ҳақиқатнигорӣ, воқеиятнигорӣ, адолат, гуногунандешӣ ва эҳтироми ҳуқуқи инсон, б) сареҳияти ахбор: ВАО ва журналист бояд назару андешаҳои гуногунро беғаразона ва бидуни таҳриф ба нашр расонанд, в) ақида, далел ва гумону тахмин: ВАО ва журналист дар байни мафҳумҳои ақида, далел (факт) ва гумону тахмин фарқ мегузоранд. Баёни андешаи ашхос мавриди санҷиш ва бозпурсӣ қарор намегирад, г) иффати миллӣ ва эҳтироми фарҳанги ғайр: ВАО ва журналист бояд иффат ва фарҳанги миллиро ҳангоми инъикоси ҳама гуна матолиб пос доранд. Аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии иффати миллӣ мегардад, худдорӣ кунанд, ғ) эҳтироми ҳаёти шахсӣ: ВАО ва журналист ба ҳаёти шахсии афрод эҳтиром мегузоранд. Интишори маълумот бояд бо иҷозати ашхос ва риояи маҳрамии аснод сурат гирад. Лаҳзаҳои ҳаёти хусусии шахсиятҳо, ки арзиши иҷтимоӣ доранд, дар ВАО инъикос шуда метавонанд. Ҳамзамон ҳуқуқи фардии ашхосе, ки дар қазия дохил нестанд, риоя шавад, д) ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахс: Паст задани шаъну шараф ва эътибори шахс бо алфози қабеҳ, калимаю ибораҳои таҳқиромез ва аксу тасвири номуносиб, ҳамчунин туҳмат ва ситоиши нобарҷо хилофи одоби касбии журналист аст.

Ӯ ҳамчунин, менависад, “мардуми одӣ, ки аслан аз касбияти журналистика бехабаранд, ҳарфҳое гуфтанд, ки ҳеҷ ногуфтанӣ. Ман хаёл кардам, ки дар даврони ваҳшоният зиндагӣ дорем” [11].

Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ дар ин матлабаш ҳамчунин, фикру ақидаҳои ашхоси гуногунро меорад: “мутахассисони касбӣ ин мақоларо ғайриҳирфавӣ хондаанд. Масалан, Ҳуринисо Ализода, рӯзноманигори собиқадор менависад, ки “барои як ё ду духтари сабукпо, ки дар ҳама давру замон ва ҳама макон буданду ҳастанд, кӣ ба журналист ҳуқуқ додааст, ки ахлоқи ҳама духтарони донишҷӯро зери суол бибарад? Оё ин муаллифи тезқалам ё ҳангомаҷӯ фикр намекунад, ки барои духтарон, хосса барои духтарони маҳал латма задан ба шаънашон чӣ пайомаде дорад? Дар асри XXI ҳам бошем, шояд ҳамин як даҳсолаи охир масъалаи ба хондан рафтани духтарони минтақаи Кӯлоб ҳалли худро ёфтаву онҳоро барои гирифтани маълумоти олӣ иҷозат медиҳанд. Ин «журналисти таҳқиқотчӯ» масъалаи дигар наёфтааст, ки соати 12 аз паси кадом духтаре мепояду баъд ҳамаашонро «бо як дос дарав» мекунад? Оё намеандешад, ки ин қадар духтарони ДДК падару модар, хоҳару бародар ва хешу акрабову ҳамсояву ҳамдеҳа доранд. Онҳо дар бораи ҳар яки инҳо чӣ фикр мекунанд? Магар дигар ба онҳо бовар карда барои таҳсил иҷоза медиҳанд? Чаро ин гуна масоили тақдирсозро бо чунин сабукфикрӣ расонаӣ мекунед? Дуруст аст, ки ягон номи мушаххас несту касе наметавонад шуморо ба суд бидиҳад. Вале суди виҷдон дар қиболи бадномии кулли духтарони донишҷӯ чӣ? Суолҳо хеле зиёданд, вале ахлоқи касбӣ иҷоза намедиҳад онҳоро ин ҷо гузорем. Вале ҳамчунин матолиби шармандасози бедалел бояд аз саҳифа пок карда шавад. Андеша бояд! Вазифаи журналист шарманда кардан нест. Ин кори ҷомеа аст, ки рафтори ғайриахлоқиро маҳкум кунад. Ин масъаларо бод надиҳед, обрӯи духтарони хушодобро нигаҳ доред. Онҳо хеле зиёдтаранд аз чанд каҷрафтор” [11].

Бобоҷон Шафеъ, рӯзноманигори таҷрибадор гуфтааст, ки “ин чӣ касбият аст, ин чӣ бемаънигӣ? Ин чӣ арзёбист, ки як сабукпоро ба кулли духтарон нисбат медиҳанд? Пас, он падару модари деҳотӣ магар ҳаққи бадгумонӣ аз донишгоҳҳо надоранд? Айб аст ба журналист. Аслан ҳатто як нафар ҳам бошад бояд нанависӣ” [11].

Маҳбуба Камолова, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, рӯзноманигори таҷрибадор бошад, навиштааст, ки “ба фикрам сайди ин журналисти тезқалам барор нагирифтааст, ки чунин маводро омода кардааст. Ҳар як нафар пеш аз навиштани чунин матлаб бояд фаромӯш насозад, ки ин духтар хоҳар ва духтари нафаре аст. Ба ҷавонмард паст задани шаъну шарафи духтарон намезебад. Бовар дорам, ки бародари мо Аҳмади

Иброҳим намегузорад номи духтарон доғдор шавад. Пеш аз расонаӣ кардани чунин мавод андеша бояд кард!” [11].

Саъдӣ Маҳдӣ, номзади илмҳои филологӣ навиштааст, ки “ҳамзамон дар ин масъала ман фикри худро мегӯям, ки ҷонишини ректор оид ба тарбия дар маҷлиси дохилии Донишгоҳ масъалаҳои тарбиявиро, ки бештар хусусияти шахсӣ (обрӯи духтар) доранд, матраҳ кардааст. Мухбири муҳтарам Худойдоди Ислом аз рӯйи этикаи журналистӣ набояд ин масъалаҳоро расонаӣ - оммавӣ мекард ва дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мекард! Ин оқибати ногувор (барои духтар) дошта метавонад. Дӯсти ман Аҳмади Иброҳим — сармуҳаррир, ки масъалаҳои мазкурро аз ман хубтар мефаҳмад, дар маҷлиси дохилии редаксия ин масъаларо бинад, вале ҳаргиз онро оммавӣ накунад! Сипос!” [11].

Афшин Муқим, рӯзноманигор, котиби матбуотии Кумитаи корҳои оид ба дин, анъана ва ҷашну маросимҳо навиштааст, ки “ончи ноиби ректор дар як ҷаласаи маҳдуд гуфтааст, ба падару модарон рабт дорад, аз ин рӯ, набояд расонаӣ мешуд. Ин гапе нест, ки ба умеди як матлаб ба иззати нафси донишҷӯдухтарон расем” [11].

Пас аз зикри ин андешаҳо, Ҷ. Рустамшоҳ менависад: “Аз ин рӯ, аз дӯстам Худойдоди Ислом хоҳиш мекунам, ки ин андешаҳоро аввалан хуб ҳазм кунад, мақоларо покиза намояд ва аз духтарони хобгоҳ узр пурсад. Дигар ягон гапи гуфтанӣ надорам. Қазоват ба худи журналист аст” [11].

Воқеан ҳам, чунин бархӯрди муносибу саривақтии касбӣ боис гардид, ки ин матлаб аз саҳифаи фейсбукии ҳафтанома бардошта шавад.

Алоқамандии бевоситаи ин матлаб, ки мо ба он ба таври муфассал муносибат кардем ва ҳатто шарҳҳои корбарони фаъол ва рӯзноманигорони ботаҷрибаро низ пурра зикр намудем, дар он ифода меёбад, ки тавре Ҳуринисо Ализода, раиси Шурои ВАО-и Тоҷикистон низ мегӯяд, масъалаҳои ахлоқӣ масъалаҳои ҷузъӣ нестанд, бо онҳо сарсарӣ муносибат кардан мумкин нест, зеро онҳо аз масъалаҳои тақдирсоз ба шумор мераванд.

Дар мисоли ҳамин матлаб ба таври возеҳ мебинем, ки то кадом андоза марзи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ муайян мешавад; онҳое, ки дар бораи ин матлаб изҳори назар кардаанд, иброз медоранд, ки дар ин маврид меъёрҳои ҳуқуқӣ чандон нақши назаррас надоранд, зеро ин ҷо ягон ҳуқуқвайронкунӣ нест, ҳеҷ кас аз лиҳози қонунӣ журналистро барои ин матлабаш ба ҷавобгарӣ намекашад, зеро ӯ гӯё вазифаи хабаррасонии худро иҷро намуда, аз як мушкили ҷомеа бонги изтироб задааст. Яъне, ин ҷо бар хилофи ягон моддаи қонунҳои соҳавӣ амал кардан ба мушоҳида намерасад, ҳарчанд ин хулоса аз нигоҳи аввал аст ва таваҷҷуҳ намудан ба ҷузъиёти пешниҳоди маълумот асосҳои ҳуқуқиро пайдо месозад.

Баррасии этика ва қонун ҳамин лаҳзаи ҳассос ва тафовути куллиро нишон медиҳад, ки инъикоси як рӯйдод метавонад аз нигоҳи ҳуқуқӣ ҳеҷ мушкиле надошта бошад, аммо оқибатҳои ногувору ҳатто тасаввурнашавандаи ахлоқӣ дошта бошад. Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба онҳо аз муҳиммиятҳои касбӣ ҳаст ва хоҳад монд.

Намунаи дигар, ки ба марзи этика ва қонун алоқаманд аст, хабари ҳузнангези фавти писари адибони маъруф, шоирони халқии Тоҷикистон Озарахш ва Фарзона аст, ки сомонаи ҳафтаномаи “Оила” ва радиои “Озодӣ” ба ин қазия аз нигоҳи ғайриахлоқӣ муносибат карданд. Радиои “Озодӣ” вобаста ба қазия се маротиба маълумот дод. Аввал бо чунин сарлавҳа хабар дода шуд: “Ҳалокати писари Озарахшу Фарзона дар дарёи Сир” [13]. Баъдан навиштанд, ки “Ҷасади Ҳумоюн Каримовро дар Хуҷанд дафн карданд” [14] ва пас аз он гузориши видеоӣ бо унвони “Достони нонавишта”. Ҳумоюн Каримовро дар Хуҷанд дафн карданд” [15] пахш шуд.

Корбарони шабакаи иҷтимоии Фейсбук, хусусан, журналистони замоне маъруф ин гузоришҳоро низ маҳкум намуда, он ки дар гузоришҳо ба такрор гуфта мешуд, “мақомот ва наздиконаш дар бораи омилҳои марги Ҳумоюн чизе нагуфтанд”, ғайриинсонӣ ва ғайрикасбӣ хондаанд. Ҳамчунин, масъалаи нашри аксу навори Шоири халқии Тоҷикистон Озарахш дар масҷиду қабристон низ маҳкум гардидааст, ки ҳақ ҳам ҳастанд, зеро ин амал низ норавост, зеро он ҳолат набояд аксу наворгирӣ шавад, зеро одитарин талаботи инсонист, ки бояд ҳамдарду ҳамдами падар буд, на ин ки ҳоли зори ӯро навор гирифт.

Масалан, шаби 13 апрел дар шабакаи иҷтимоии Фейсбук дар истинод ба сомонаи ҳафтаномаи “Оила” бо чунин сарлавҳа хабар пайдо шуд: “Худкушии писари Озарахшу Фарзона”. Дар ин хабар гуфта мешуд, бинобар маълумоти яке аз хешовандони ин оила, ки нахост номаш ошкор шавад, писари ягонаи ин шоирони халқӣ бо мақсади худкушӣ худро ба дарёи Сир партофта, ғарқ шудааст.

Ин хабар дар чанд гурӯҳи калони фейсбукӣ аз ҷониби хабарнигори сомона бознашр гардида, ба таҷоҳуми сахти корбарон, хусусан, журналистон дучор гардид. Аксарият ин навъи пешниҳоди маълумотро маҳкум намуда, амали хабарнависро ғайриахлоқӣ ва ҳатто ғайриинсонӣ номида, аз рӯзи бади дигарон ҳангома сохтанро пастию бешарафӣ донистанд.

Журналист Ҷасури Қиёмиддин дар саҳифаи худ бо унвони “Чаро “Оила” ҳангома месозад?” [12] ин амали сомонаро таҳлил намуда, менависад, ки “хабар ягон манбаи муътамад ва ягон далел надорад (агар аз нигоҳи қавоиди журналистӣ назар кунем), ки бо чунин сарлавҳаи сенсатсионӣ нашр шудааст. Муҳтарам ҳамкасбони сомонаи «Оила», аққалан дар ин рӯзҳои мусибат матлабҳои ҳангомасоз (ва дурӯғ) нашр накунед...”.

Журналист Исфандиёр Ҳаитов дар зери ин матлаб навиштааст, ки “баъзеҳо аз рӯзи вазнини одамҳо ҳангома месозанд ва он ҳангомаашон гӯё лаззат мебахшад. Ин на журналистика аст на инсонӣ. Худо ба ҳеҷ кас ин рӯзро нишон надиҳад. Аммо ба ҷойи ҳамдардӣ ҳангома сохтан ин ноодамист! Ҳангомафурӯшон сари бозори замонанд... Войи чунин қалам ва чунин касб, ки ботинаш олудаи разиливу касифиву чиркковист. То ин ҳад пастӣ... (Аммо боз худамонро хабарсоз мегирем)” [12].

Ҳамчунин, даҳҳо журналистони дигар дар зери ин таҳлил шарҳ навишта, аксаран бо лафзи ҳатто қабеҳ ин амали хабарнигорро маҳкум кардаанд.

Журналист Лутфуллои Азиз бошад, ба масъала ҷиддитар муносибат карда, навиштааст, ки “худкушӣ” гуфтани шумо ҷиноят аст, дар ҳоле, ки агар инсон худкушӣ карда бошад ҳам, ӯро ошкор намекунанд...тибқи қоидаҳои инсонӣ ва ҳам русумоти фаъолият, шумо бояд пӯзиш бихоҳед...!” [12]. Ин нуктаи назар ҳам муҳим аст, ҳарчанд дар ҷомеаи мо сатҳи муносибат то ин ҳад нест, ки аз болои чунин хабарнигор шикоят кунанд, аммо ҳолати ахлоқии ҷомеа худ ҳаками одилу бузург аст ва намунаҳои зикршуда гувоҳи онанд, ки хабарнавис дар сатҳи зарурӣ ҷазои худро дид.

Шоистаи таъкид аст, ки дар натиҷаи чунин мавҷи вокунишҳо пас аз чанд соат ин сомона сарлавҳаи худро ба гунаи зер тағйир дод: “Яккаписари Озарахшу Фарзона дар дарё ғарқ шудааст” ва дар охир бо имзои “Аз идора” навишт: “Аҳли эҷоди сомонаи “Оила.тҷ” аз шунидани ин хабар маҳзун гардида, ба оилаи ду шоири забардаст сабри ҷамил мехоҳад” [16]. Ҳол он ки дар намунаи аввал ҳатто изҳори ҳамдардӣ низ набуд. Фикр мекунем, ин натиҷаи вокуниши ҷиддии корбарон буд, ки водор сохт, аввалан аз кардаи худ пушаймон шаванд ва ҳам “инсоният ба харҷ диҳанд”.

Аз ин нуктаҳои назар ва баррасии мисолҳо ба натиҷае расидан мумкин аст, ки шинохти меъёрҳои ахлоқӣ (этика) нисбат ба меъёрҳои ҳуқуқӣ (қонун) масъалаи ниҳоят ҷиддии ҳаёти инсонист.

Аз ҳамин ҷост, аксар муҳаққиқон ҳам мегӯянд, ки меъёри ҳуқуқӣ (қонун) барои мо мегӯяд, ки чӣ раво ва чӣ нораво, аммо этика мегӯяд, ки чӣ бояд кард?

Мо низ ба он назар ҳастем, ки ҳамин “чӣ бояд кард?” муҳимтарин масъалаест, ки ҳамеша бояд пешорӯйи журналистон қарор дошта бошад. Ҳар як нафар бояд эҳсос намояд, ки пеш аз он ки хабарнигор бошад, ӯ инсон аст. Агар аз ҳамин зовия ба рӯйдоду ҳодисаҳо муносибат сурат гирад, ҳеҷ гоҳ ба чунин ҳолатҳои ногувор хабарнависон дучор намешаванд.

Ҳамин тавр, шинохту марзи этика ва қонун, ки ба ҳам алоқамандии бениҳоят зич доранд, аз муҳимтарин масъалаҳои касбии журналистика хоҳанд монд ва ногузирии зарурати ҳамеша баррасӣ гардидани онҳо низ чун воқеияте бармало хоҳад буд.

Муқарриз: ***Гулов С.Н.*** – н.и.ф., дотсенти ДМТ

А Д А Б И Ё Т

1. Авраамов Д.С. Профессиональная этика журналиста / Д.С. Авраамов. – М., 1999.

2. Бобоқонова, М. Муаммои этикаи касбӣ дар матбуоти давраи шӯравӣ / М. Бобоқонова // Номаи донишгоҳ (маҷаллаи илмии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров). – Хуҷанд, 2016. - №4 (49). – С.131-136
3. Ворошилов, В.В. Журналистика / В.В. Ворошилов. – М., 2000.
4. Гулов, С. Муқаддимаи журналистика / С. Гулов, М. Ҷумъаев. – Душанбе, 2016.
5. Гулов, С. Риояи этикаи касбӣ – шарти муҳими фаъолияти журналистӣ / С. Гулов // Паёми ДМТ (маҷаллаи илмӣ, бахши филология) . - Душанбе, 2013. - №4/6(122). – С.259-263.
6. Киёнпур, Л. Риояи меъёрҳои этикаи касбии журналистӣ дар телевизион (дар мисоли ахбори телевизиони ВВС (форсӣ) ва телевизиони садо ва симои ҶИЭ) / Л. Киёнпур. – Душанбе, 2012.
7. Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2009.
8. Усмонов, И. Назарияи публитсистика / И. Усмонов. – Душанбе, 1999.
9. Усмонов, И. Журналистика.Ҷ.4 / И. Усмонов. – Душанбе, 2014.
10. Поттер, Д. Рӯзноманигории мустақил / Д. Поттер. – Душанбе, 2011.
11. Ҷаҳонгиршоҳ Рустамшоҳ. Аз барои кайк пӯстинро намесӯзонанд [Манбаи электронӣ: anvor.tj/2020/12/18/аз-барои-кайк-пӯстинро-намесӯзонанд/. Санаи мурочиат: 03.04.2023]
12. Ҷасури Қиёмиддин. “Оила” чаро ҳангома месозад? [Манбаи электронӣ: ttps://www.facebook.com/profile.php?id=100055300908635 Санаи мурочиат: 15.04.2023].
13. Ҳалокати писари Озарахшу Фарзона дар дарёи Сир [Манбаи электронӣ: https://www.ozodi.mobi/a/32362708.html. Санаи мурочиат: 15.04.2023].
14. Ҷасади Ҳумоюн Каримовро дар Хуҷанд дафн карданд [Манбаи электронӣ: https://www.ozodi.mobi/a/32364084.html. Санаи мурочиат: 15.04.2023].
15. “Достони нонавишта”. Ҳумоюн Каримовро дар Хуҷанд дафн карданд [Манбаи электронӣ: https://www.ozodi.mobi/a/32363936.html. Санаи мурочиат: 15.04.2023].
16. Яккаписари Озарахшу Фарзона дар дарё ғарқ шудааст [Манбаи электронӣ: https://oila.tj/news/yakkapisari-ozarakhshu-farzona-dar-dare-ar-shudaast. Санаи мурочиат:15.04.2023].

ЭТИКА ВА ҚОНУН: МАРЗ, ШИНОХТ ВА ТАҲЛИЛ

Дар ин мақола доир ба яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеа – вазъи меъёрҳои ахлоқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ шуда, муаллиф бо сайри таърихие доир ба шинохти онҳо, марзи этика ва қонун, махсусиятҳои ин меъёрҳо дар олами журналистика пардохта, бо мисолҳои мушаххас ва бо такя ба андешаҳои муҳаққиқони соҳа ин шинохт ва марзи онро аз дидгоҳи худ баён кардааст. Ба назари муаллиф, этика мавзуест, ки ба ҳама дахл дорад, зеро ҳамчун нахустин унсури инсоният шинохта мешавад ва ҳастии инсон низ аз маънавиёти ӯ маншаъ мегирад ва ба ифодаи дигар, ҷузъи аслии ҳастии маънавии инсон ахлоқ аст ва ҳамин аст, ки ахлоқ мавзуи ҷовидонаи инсоният гардидааст. Муаллиф менависад, ки пайдоиши ахлоқ низ чун нишони ниёзи инсон будааст, ончунонки ҳангоми баррасии умумияти ахлоқ ва қонун ин нуктаро ба қонун низ нисбат медиҳем ва мегӯем, ки пайдоиши қонун низ натиҷаи эҳтиёҷоти ҷомеаи инсонӣ мебошад, зеро ҳаёти инсон дар ҷомеаи ибтидоӣ гувоҳи сухан аст, ки чӣ гуна инсонҳои аввалин дарки ҳамроҳ зистанро карданд ва аз ҳамон лаҳза ахлоқ ба таври табиӣ чун нишони баҳамоии онҳо зуҳур кард. Ба ифодаи дигар, этика ва қонун аз муҳимтарин омилҳои ҳаёти маънавии инсонҳо ва ё кашфиёти онҳост, ки барои расидан ба ормонҳои олии инсонӣ мусоидат мекунанд. Ин ормонҳо тарбияи инсони комил ва таъмини адолату баробарӣ мебошанд. Воқеан ҳам, шинохти ахлоқ ва қонун яке аз масъалаҳои мубраму доманадор мебошад. Муҳаққиқони зиёде шуруъ аз замонҳои қадим то имрӯз доир ба он изҳори назар кардаанд ва чунин баррасиҳо боз ҳам идома доранд. Дар журналистика низ ин мавзуъҳо хеле муҳимманд. Баррасиҳои муаллиф ҳам гувоҳи он аст, ки дар шинохти меъёрҳои ахлоқӣ ҳанӯз ҳам мушкилот вуҷуд дорад ва муҳиммияти он чун зарурати ҳамешагӣ барои фаъолияти журналистӣ боқӣ мемонад.

Калидвожаҳо: этика, қонун, марз, шинохт, таҳлил, меъёрҳои ахлоқӣ, меъёрҳои ҳуқуқӣ, журналистика.

ЭТИКА И ПРАВО: ЗНАЧЕНИЕ, ПРИЗНАНИЕ И АНАЛИЗ

В данной статье раскрывается один из важнейших вопросов общества - состояние нравственных норм и правовых норм, а автор методом исторического экскурса определяет, границы этики и права, обращает внимание на особенности этих стандартов в мире журналистики, на конкретных примерах и опираясь на мнения исследователей в этой области. По мнению автора, этика является темой, касающейся всех, потому что она признается первым элементом человечества, а человеческое существование берет свое начало от его духовности, иными словами, основная часть духовного существования человека есть нравственность, поэтому мораль является вечной темой человечества. Автор пишет, что возникновение этики также было признаком потребности человека, так как при рассмотрении общности этики и права мы приписываем этот момент праву и говорим, что возникновение права также является результатом потребности человеческого общества, потому что человеческая жизнь в первобытном обществе является свидетельством того, как первые люди понимали сосуществование, и с этого момента мораль появилась естественным образом как признак их сближения. Иными словами, этика и право являются одним из важнейших факторов духовной жизни людей или их открытиями, помогающими достигать высших человеческих устремлений. Этими целями являются воспитание совершенного человека и обеспечение справедливости и равенства. Действительно, признание этики и права является одним из актуальных вопросов. Его комментировали многие исследователи с древнейших времен до наших дней, и такие обзоры продолжаются до сих пор. Эти темы также очень важны в журналистике. Авторские рецензии также

показывают, что по-прежнему существуют проблемы признания этических норм и сохраняется его важность как постоянная необходимость журналистской деятельности.

Ключевые слова: этика, право, значение, признание, анализ, границы этики и права, журналистика.

ETHICS AND LAW: SIGNIFICANCE, RECOGNITION AND ANALYSIS

This article focuses on one of the most important issues of society - the state of moral norms and legal norms, and the author, with a historical overview of their recognition, the boundaries of ethics and law, draws attention to the features of these standards in the world of journalism, with specific examples and based on the opinions of researchers in this areas have expressed this recognition and its limitations from their point of view. According to the author, ethics is a topic that concerns everyone, because it is recognized as the first element of humanity, and human existence originates from its spirituality, in other words, the main part of a person's spiritual existence is morality, namely why morality is the eternal subject of humanity. The author writes that the emergence of ethics was also a sign of human need, since when considering the commonality of ethics and law, we attribute this moment to law and say that the emergence of law is also the result of the need of human society, because human life in primitive society is evidence of speech, as the first people understood coexistence, and from that moment morality appeared naturally as a sign of their convergence. In other words, ethics and law are one of the most important factors in the spiritual life of people or their discoveries, helping to achieve the highest human aspirations. These goals are the education of a perfect person and the provision of justice and equality. Indeed, the recognition of ethics and law is one of the topical issues. It has been commented on by many researchers from ancient times to the present day, and such reviews continue to this day. These topics are also very important in journalism. The author's reviews also show that there are still problems with the recognition of ethical standards, and its importance remains as a constant necessity of journalistic activity.

Key words: ethics, law, meaning, recognition, analysis, boundaries of ethics and law, journalism.

Маълумот дар бораи муаллиф: ***Хушдил Раҳимҷон*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, н.и.ф., докторанти кафедраи телевизион ва радиошунавонӣ факултети журналистика. **Суроға:** 734025, ш. Душанбе, Ҷумҳурии Тоҷикистон, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 93-489-26-56**

Сведения об авторе: ***Хушдил Рахимджон*** – Таджикский национальный университет, к.ф.н., докторант кафедры телевизион и радиовещания, факультет журналистики. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Тел.: **(+992) 93-489-26-56**

Information about the author: ***Khushdil Rahimjon*** - Tajik National University, candidate of philological sciences doctoral in the TV and radio departament of the faculty of journalism. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. E-mail: **khushdil_09@list.ru.** Phone: **(+992) 93-489-26-56**

ТДУ: 070:322.2 (470)

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

С.Мирзоалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Журналистикаи байналхалқӣ як бахши илми журналистика буда, ба омӯзиши фаъолияти байналмилалии журналистон ва ВАО, муайяннамоии нақши онҳо дар муносибатҳои байналхалқӣ, инъикоси авзои ҷаҳон ва фаъолияти созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ бо риояи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва ахлоқии ҷамъоварӣ, коркард, нигаҳдорӣ ва паҳннамоии иттилоот тавассути ВАО мебошад [2, с.337].

Журналистикаи байналхалқӣ аз журналистикаи одӣ чӣ фарқ дорад? Таваҷҷуҳ ба он аз кадом зовия сурат мегирад? Масъалаҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди борҳо аз назари муҳаққиқон таҳқиқ гаштан, то ҳанӯз қисман норавшан боқӣ мондаанд ва ё бо гузашти замон ва тағйироти ҷомеа муносибат ба онҳо дигар мегардад. Журналистика мафҳуми умумӣ буда, доираи он фарохтар аст, вале журналистикаи байналхалқӣ як шохаи он ба ҳисоб меравад. Ба андешаи муҳаққиқ Я.Н. Засурский «Журналистикаи байналхалқӣ на танҳо ахбор дар хусуси навигариҳои рӯз, балки қисми асосии шинохти пурраи олами мо мебошад» [3, с.6.].

Ба рисолати журналистикаи байналхалқӣ аз ду ҷанбаъ назар кардан мумкин аст: миллӣ ва умумиҷаҳонӣ. Таваҷҷуҳ ба ҷанбаи миллии рисолати журналистикаи байналхалқӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқи рус С.Б. Никонов бештар аст, ба андешаи ӯ давлат бояд мутахассисонеро омода намояд, ки ба талаботи зерин ҷавобгӯ бошанд:

- амнияти иттилоотии давлатро таъмин намуда тавонанд;
- имиҷи мусбати давлати ҳуқуқбунёдро ҳамчун субъекти мустақили қабули қарор дар дохили кишвар ва хориҷ, инчунин дар робита бо дигар кишварҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ созмон дода тавонанд;
- фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти нухбагони сиёсии миллӣ ва хориҷӣ;
-паҳн намудани тасаввуроти дуруст дар бобати асолати таърихии миллат [7, с.56].

Журналистикаи байналхалқӣ иттилоотро дар бораи воқеаҳое, ки дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон рух медиҳанд, ҷамъоварӣ ва коркард мекунад. Вай ба инъикоси рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, рӯйдодҳои ҳарбӣ аз "нуқтаҳои доғ", аз рӯйдодҳои бузурги сиёсӣ, ки ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд, машғул аст.

Муҳаққиқ Е.П. Прохоров вазифаҳои зерини журналистикаро муайян намудааст, ки барои журналистикаи байналхалқӣ низ дахл дорад:

- коммуникативӣ – вазифаи барқарорнамоии робитаҳо, ки муаллиф онро «вазифаи аслии журналистика» меномад;
- вазифаи созмондиҳии бевосита, ки дар он «нақши журналистика ҳамчун «ҳокимияти чорум» дар ҷомеа хеле равшан зуҳур меёбад»;
- вазифаи идеологӣ (тамоюли иҷтимоӣ), ки бо хоҳиши «таъсири амиқ расондан» ба асосҳои ҷаҳонбинӣ ва самтҳои арзишии аудитория, худшиносии одамон, идеалҳо ва ормонҳои онҳо, аз ҷумла ба ҳавасмандгардонии амалҳои рафторӣ» алоқаманд аст;
-вазифаи фарҳангӣ ва маърифатӣ, ки ба қавли муаллиф, «иштирок дар ташвиқ ва интишори арзишҳои баланди фарҳангӣ дар ҳаёти ҷомеа, тарбияи одамон дар намунаҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ва бо ин васила мусоидат намудан ба рушди ҳамаҷонибаи инсон мебошад”;
- вазифаи таблиғотӣ ва маълумотномадиҳӣ, ки ба «қонеъ гардонидани дархостҳои фоидаовар вобаста ба олами маҳфилҳои қишрҳои гуногуни аудитория (кишоварзӣ, сайёҳӣ, коллексия, шоҳмот, ва ғ.)» алоқаманд аст;
- вазифаи фароғатӣ, барои хушгузаронӣ, фароғат, рафъи хастагӣ ва лаззат бахшидан ба эҳсосоти аудиторияро фаро мегирад [14, с.77].

Як вазифаи журналисти байналхалқӣ ба вазифаи «Gatekeeper» - посбон ва «gatewaatcher» -нозир монандӣ дорад. Яъне, журналисти байналхалқӣ ҳамчун

назоратчии беғараз, иштирокчии мустақил амал намуда, ба ҳайси «ҳокимияти чорум» 3 шохаи дигари ҳукуматҳоро назорат ва танқид мекунад.

Ба дӯши намояндаи ҳар як касбу ҳунар вазифаи муайяне афтодааст ва журналисти байналхалқӣ аз дигарон истисно нест. Журналисти байналхалқӣ дар баробари вазифаҳои маъмулии журналистӣ боз вазифаҳои ба худ хос дорад ва мо шартан онҳоро ба 5 гурӯҳ тақсим намудем [9, с.27].

Вазифаҳои журналисти байналхалқӣ инҳоянд:

1) Огоҳ намудани аудитория аз рӯйдоди хориҷи кишвар.

Вазифаи мазкур бо ду тарз аз ҷониби журналистони байналхалқӣ амалӣ мегардад, ки яке бевосита ва дигаре бавосита мебошад.

– журналист бевосита аз ҷойи воқеа ба кишвари худ ахборро мефиристад;

- журналист бо истифода аз маводи ВАО-и дигар аз рӯйдоди ягон кишвар ахбор таҳия менамояд.

2) Огоҳ намудани хориҷиён аз ахбори дохили кишвар.

Ин вазифа аз ҷониби ду гурӯҳи журналистон ба амал бароварда мешавад:

а) Журналистони ВАО-и ватанӣ. Ҷаҳониён ва ё як қисми онҳо тавассути ВАО-и ватанӣ аз навигариҳои кишвар огоҳӣ пайдо менамоянд.

б) Журналистони ВАО-и хориҷӣ ва ё байналхалқӣ. Журналистон ва гурӯҳи эҷодии намояндаи ВАО-и хориҷию байналхалқии муқими кишвар ҷаҳониёнро аз рӯйдодҳои кишвар бохабар менамоянд.

3) Таҳлили авзои кишвар, муаррифии он дар хориҷа ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ.

Вазифаи мазкур аз се бахш иборат буда, иҷрои ҳар яке аз журналисти байналхалқӣ дониш, таҷрибаи ғанӣ ва ҷасоратро талаб мекунад.

-Таҳлили авзои кишвар;

-Муаррифии авзои кишвар дар хориҷа;

-Ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар сатҳи байналхалқӣ.

4) Таҳлили авзои олам ва ҳамоҳанг намудани он ба дид ва мавқеи сиёсии кишвар.

Ин вазифаи журналисти байналхалқӣ аз ду бахши муҳим иборат буда, аз журналисти байналхалқӣ талаб менамояд, ки вазъи сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, ҳарбӣ, иҷтимоӣ, муносибатҳои байналхалқӣ ва дигар соҳаҳои муҳимми оламро дуруст дарк намуда, дирӯз, имрӯз ва ояндаи равобити кишварҳо ва ҷараёни рӯйдодҳои байналхалқиро таҳлил карда, онро мувофиқ ба сиёсати хориҷии кишвар таҳия ва пешниҳоди аудитория намояд. Журналисти байналхалқӣ барои омода намудани чунин мавод метавонад аз кишварҳои дигар бевосита худ мавод ҷамъоварӣ намуда, маводро омода намояд ва ҳам метавонад ба дигар кишварҳо сафар накарда, дар асоси маводи дигар ВАО маводи таҳлилии худро анҷом диҳад.

Вазифаи мазкури журналистикаи байналхалқӣ ба ташаккули афкори омма бештар нигаронида шудааст. Дар шароите, ки ВАО-и давлатҳои алоҳида мехоҳанд тамоми рӯйдодҳои олам дар ҳамбастагӣ бо сиёсати хориҷии кишварҳои онҳо муаррифӣ гашта, мавқеи онҳо ҷаҳонӣ шавад, омодасозии маводи бетарафона ва мувофиқ ба сиёсати хориҷии кишвари худ барои ҳимояи манфиатҳои миллӣ созгор аст. Дар асоси факт ва далелҳои ВАО-и хориҷӣ ва мувофиқ ба сиёсати давлати худ омода кардани маводро бумисозии хабар меноманд. Дар сурати риоя нашудани бумисозии хабар дар масъалаҳои муносибатҳои хориҷӣ интишори чунин мавод метавонад ба равобити кишварҳо зарбаи шадид занад. Дар чунин ҳолат номаи эътирозии сафоратхонаҳои хориҷӣ ба Вазорати корҳои хориҷии ҷумҳуриро метавон интизор шуд.

5) Инъикоси проблемаҳои муҳимми умумиҷаҳонӣ ва ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои мазкур [8, с. 77].

Вазифаи панҷуми журналисти байналхалқӣ аз ду бахш иборат аст:

-инъикоси проблемаҳои муҳимми умумиҷаҳонӣ;

-ҷалб намудани таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои ҳалли масъалаҳои умумиҷаҳонӣ.

Журналистони байналхалқӣ проблемаҳои муҳимми на танҳо кишварҳои алоҳида ва минтақа, балки мушкилоти тамоми ҷаҳонро баррасӣ намуда, таваҷҷуҳи аҳли сайёраи Заминро барои ҳалли ин гуна масоил ҷалб менамоянд. Дар баробари истифодаи маводи

созмонҳои байналхалқӣ, гузоришҳои давлатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин худи журналистони байналхалқӣ низ таҳқиқотҳо мегузаронанд. «Журналистикаи байналхалқӣ сарҳадҳоро убур мекунад» [4, с.2].

Ҳамчунин вазифаҳои журналистикаи байналхалқӣ ба ҳар як вазифаҳои дар пеши ВАО гузошташуда сахт пайвандӣ дорад, ки риояи онҳо боиси рушди босуботи журналистикаи байналхалқӣ мегардад. Дар ин замина риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва стандартҳои байналхалқии журналистика аз ҷониби журналистони байналхалқӣ низ бояд ба эътибор гирифта шавад. Дар ҷаҳони имрӯзаи иттилоотӣ «воситаҳои ахбор имконияти фаровон доранд ва дар самти таҳким ва густариши муносибатҳои байнидавлатӣ нақши муҳим бозида метавонанд» [5, с.252].

Дар журналистикаи байналхалқии босифат ҳамеша нуқтаи назари муайян вуҷуд дорад, аммо дар баробари он ҳамеша ақидаи алтернативӣ мавҷуд аст. Ба андешаи муҳаққиқ Я.Н. Засурский «дар нашрияи «The Economist» на танҳо назари ду ҷониб оварда мешавад, балки назари ҷониби сеюм низ ҷой дода мешавад» [16].

Заминаҳои пайдоиши журналистикаи байналхалқӣ ҳанӯз дар замони зуҳури журналистика гузошта шуда буд, матбуоти аввалин ва баъдӣ аз иттилооти хориҷӣ холӣ набуданд. Навиштаҳои зерини муҳаққиқ далели қайди мазкур аст: «Журналистикаи байналхалқӣ ба фаъолияти хабарнигори хориҷӣ хеле наздикӣ дорад» [15, **с.12**]. Дар робита ба рисолати умумиҷаҳонии журналистикаи байналхалқӣ бояд қайд кард, ки он ҳамчун як фаъолияти ҷамъиятӣ дар назди ҷомеа уҳдадориҳои муайян дорад ва он бо ҳудуди имрӯзаи давлати миллӣ маҳдуд намешавад. Тарафдорони ин муносибат чунин мешуморанд, ки ба сиёсати берунии давлати миллӣ дар баробари сиёсати дохилӣ диққати ҷиддӣ додан мумкин аст. Ҳамзамон ҳангоми инъикоси амали давлати дигар набояд бо баррасии оқибатҳо ба аудиторияи маҳаллӣ маҳдуд шавад, балки манфиатҳои давлати дигар ва баҳси дохилии он кишварро ҳамаҷониба таҳлил кунад, муҳим он аст, ки мувозинат ба даст оварда шавад ва "низоъҳои ноаён"-ро ошкор сохта, ҷомеаро дар бораи мушкилоти ҷаҳонии башарият огоҳӣ ва маърифатнок карда, дар ташаккули афкори умумиҷаҳонӣ саҳм гузорад [6].

Инчунин ҳангоми таҳияи мавод барои ВАО-и байналхалқӣ талаботҳои зеринро низ бояд ба назар гирифт:

- талаботи забоншиносӣ;
- баҳисобгирии психологияи этникӣ;
- омода кардани мавод дар сабкҳои муосир.

Мақсад ва вазифаҳои омода кардани мавод барои аудиторияи байналхалқӣ:

- ба роҳ мондани робита бо аудиторияи байналхалқӣ;
- тарғиби кишвари худ;
- иштирок дар ҳаёти ҷамъиятии кишварҳои хориҷӣ;
- вазифаҳои махсус. Яке аз вазифаҳои махсус иштирок дар ҷангҳои иттилоотӣ аст. «Дар замони муосир ҷанги иттилоотиро асосан кишварҳои абарқудрат барои амалисозии ҳадафҳои геополитикии худ мебаранд» [10, с.268].

Иттилоот ва таблиғоти сиёсати хориҷӣ фаъолияти мақсаднокест, ки аз ҷониби давлатҳо, ҳизбҳо, ҳаракатҳои ҷамъиятӣ, ширкатҳо ва ассотсиатсияҳои хусусӣ, ташкилотҳои ҷамъиятии байниҳукуматӣ ва байналмилалӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма ва дигар шабакаҳои табодули байналмилалӣ ва иртибот бо мақсади паҳн намудани иттилооти онҳо дар арсаи байналмилалӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳадаф аз ташкили чунин маъракаҳои иттилоотӣ паҳн кардани ақидаҳо, ғояҳо ва дастурҳои барномавии онҳо, таъмини вазифаҳо ва манфиатҳои сиёсати берунии худ, оммавӣ гардондани ин тарзи ҳаёт, инчунин безарар гардондани фаъолияти тарғиботии муқобилони сиёсии ин ё он давлат ё ҳаракати ҷамъиятӣ мебошад, ки мухтасар онро контрпропаганда ҳисоб намудан мумкин аст. Истифода аз ВАО-и байналхалқӣ ҳамчун дастгоҳи тарғиботӣ дар ҷангҳои иттилоотӣ хеле маъмул гаштааст ва давлатҳои абарқудрат дар ин самт таҷрибаи бештар доранд. Ба андешаи муҳаққиқ М.А. Муқимов «ИМА аз ҷумлаи кишварҳоест, ки тавассути дастгоҳҳои тарғиботии ҷаҳониаш ба мисли телевизион ва радиои «Садои Америка», Телевизиони «Ал-Ҳурра», Радиои «Сава», радио ва телевизиони Мартӣ, Радиои «Аврупои озод/Радиои «Озодӣ», Радиои «Осиёи

озод», ки зертобеи Оҷонсии глобалӣ (USAGM) мебошанд, ба 61 забони миллӣ ва ба 125 кишвари дунё ҷанги иттилоотии густурда мебарад» [11, с.244].

Омӯзиши амиқи тамоюлҳои асосии инкишофи журналистикаи муосири байналхалқӣ на танҳо вазифаи муҳимми илмӣ, балки натиҷаи ҷиддии амалӣ ҳам дорад, зеро он ба мо имкон медиҳад, ки дар масъалаи ташаккули журналистикаи ватанӣ сиёсати миллии дақиқро ба роҳ монем.

Ҳангоми ҷустуҷӯи мавзуи муҳим ва хуб рӯзноманигори байналхалқӣ бояд маълумотро дар манобеи мухталифи байналхалқӣ дастрас намояд [13].

Манбаъҳои иттилооти байналхалқӣ инҳоянд:

- намояндагиҳои расмии давлатҳо (вазоратҳои корҳои хориҷӣ, сохторҳои дипломатӣ);

- созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ (СММ, ЮНЕСКО, ЮНИСЕФ, Бонки ҷаҳонӣ, ФИФА, ИДМ, СҲШ, СПАД, Иттиҳоди Аврупо, НАТО, Шурои Аврупо ва ғайраҳо);

- ташкилотҳои коршиносӣ ва ҷамъиятӣ (Amnesty International, Human Rights Watch, Табибони бидуни марз, Кумитаи байналмилалии салиби сурх ва ҳилоли аҳмар, Гузоришгарони Бидуни Марз, Оксфам);

- Институтҳои махсусгардонидашуда ва академияҳо (Институти тадқиқотии Гарри С. Трумен барои пешрафти сулҳ);

- ВАО-и байналхалқӣ (Франс Пресс, Ассошиэйтед Пресс, Рейтер, ТАСС, ЮПИ, Синхуа, РИА «Новости», Дойче пресс агентур, Хадамоти Ҷаҳонии Би-Би-Си, Садои Амрико, Раша Тудей, СНН, Евронюс ва ғайра).

Илова бар манбаъҳои маъмулии ахбор дар ВАО-и байналхалқӣ таҷрибаи истифода аз маводи шабакаҳои иҷтимоӣ низ ҷой дорад ва як иддае аз коршиносон шабакаҳои иҷтимоиро ҳамчун манбаи иттилоот қабул доранд. Ин амалро бо он асоснок менамоянд, ки маълумотро аз дасти аввал, аз ҷумла видео, аудио ва сурат ба таври фаврӣ ва аксаран ройгон ба даст меоранд. Инчунин дастрасӣ ба иттилоот аз шабакаҳои иҷтимоӣ аз масофаи ҷуғрофӣ вобаста нест. Ҳамзамон дастрасӣ ба қиссаҳои иҷтимоӣ (ҷустуҷӯи қаҳрамонҳо, қобилияти иқтибос овардани изҳороти хусусӣ) бо истифода аз имконияти шабакаҳои иҷтимоӣ барои журналистони байналхалқӣ дар саросари ҷаҳон осон ва қулай гардидааст.

Шабакаи иҷтимоӣ дар ҳолати маҳдуд будани дастрасӣ ба иттилооти расмӣ дар баъзе кишварҳо ҳамчун воситаи дарёфти қаҳрамон ва иттилоот барои журналистони байналхалқӣ гардидааст. Аз ҷумла, Гулнор Эсфандиёрӣ хабарнигори аршади Радиои Озодӣ дар Вашингтон бо истифода аз имконияти шабакаҳои иҷтимоӣ маълумоти заруриро дар бораи авзои Эрон ва эрониён ба даст овард. Инчунин аз таҳқиқи назарҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ ва блогҳо ӯ чандин маводи худро омода намуд. Нашрияи «The Guardian» маълум намудааст, ки саҳифаи Твиттери Гулнор Эсфандиёрӣ яке аз 10 саҳифаи беҳтарини Твиттери марбут ба Эрон аст.

Ба журналисти байналмилалӣ на танҳо барои фавран интишор кардани ахбор, балки барои беҳтар фаҳмидани вазъи номуайян, пайдо кардани қадамҳои минбаъдаи ҷустуҷӯи иттилоот ва баррасии масъала бо дигар коршиносон маълумот лозим аст [12].

Барои омода кардани маводи баландсифат журналисти байналмилалӣ бояд:

- пойгоҳи сарчашмаҳои иттилоотро ташкил намуда, онҳоро омӯхта таҳлил намояд.

Қимати ҳар як рӯзноманигори байналмилалӣ бештар аз рӯйи миқдор ва сифати робитаҳои ӯ муайян мешавад. Барои журналистони байналмилалӣ дар шароити кунунӣ муошират бо одамони воқеии рӯйи замин беҳтар аст, ҳол он ки дар аксари мавридҳо аз манобеи интернетӣ маълумот мегиранд. Аз ҷараёни хабарҳо низ журналистони байналхалқӣ метавонанд сайтҳои ҷолибро интихоб намоянд, онҳоро аз рӯйи мавҷудияти мундариҷаи аслӣ ҷудо кунанд, вале ин кори душворест, ки ҳеҷ гоҳ қатъ намешавад.

Барои ҳар як мавзуъ ё минтақа бояд якчанд манбаъҳои қавӣ интихоб карда шавад, ки ба онҳо бештар бовар кардан мумкин аст. Инчунин нашрияҳои маҳаллӣ, блогҳои мавзуиро низ ба феҳристи сарчашмаҳои худ ворид намудан мумкин аст, зеро онҳо метавонанд аввалин шуда дар бораи рӯйдод хабар диҳанд ё тафсилоти ҷолиб ва гузоришҳои шоҳидони айниро нашр кунанд. Хабар бояд аз ҷониби якчанд манбаъҳои

мустақил тасдиқ карда шавад, ки ин меъёри журналистикаи байналхалқии баландсифат аст.

Таҳлил ва муқоисаи ин сарчашмаҳо, эҷод кардани феҳристи истинодҳо дар браузер ё созмон додани махзанҳои писандидаи худ, ки бо тегҳо ишора гаштаанд, барои осон гаштани ҷустуҷӯи онҳо ба журналистони байналхалқӣ хеле муфид хоҳад буд.

Меъёрҳои асосии интихоби сарчашмаҳо метавонанд инҳо бошанд:

1. Наздик будани манбаъ ба ҷойи воқеа ва боэътимодии он.
2. Самаранокӣ, даврият дар навсозии мавод.
3. Дараҷаи таҳлил ва огоҳӣ.
4. Идеологияи сарчашма, наздикӣ ба қудрат ё мухолифат, дараҷаи беғаразӣ.
5. Дараҷаи таъсир, шуҳрат дар кишвар ва минтақаи муайян.

Чунин махзани маълумот ҳангоми сафарҳои корӣ хеле муфид хоҳад буд ва ба журналисти байналхалқӣ танҳо лозим аст, ки линкҳои писандидаи браузери худро ба флеши USB ҷойгир намояд ё паёмҳои хонандаашро ба файли xml содир кунад.

Журналисти байналхалқӣ бояд ҳатман аз сарчашмаҳои аслӣ истифода намояд, зеро такя ба сарчашмаҳои номаълум ва шубҳаовар боиси кам гаштани эътибори ӯ ва идораи ВАО дар назди аудитория мегардад.

Журналистони байналхалқие, ки махзани сарчашмаҳои иттилоотии худро ташаккул додаанд, аз аксарияти ҳамкасбоне, ки чунин пойгоҳ надоранд ва танҳо аз манобеи маъруф истифода мекунанд, фарқ мекунанд.

Журналисти байналхалқӣ пас аз ошноӣ бо манобеи маҳаллӣ метавонад ба рӯйдод бо чашми афроде, ки аз ин ҳодиса мустақиман осеб дидаанд, назар кунад. Ин барои пешгирӣ кардани таҳрифи иттилоот ва пешниҳоди он аз мавқеи қудратҳо кумак мекунад ва журналисти байналхалқӣ ба ёддоштҳои эътирозии сафоратхонаҳо дучор намешавад, зеро ки одатан пресс - аташеяҳои сафоратҳо мақолаҳо ва хабарҳоро дар бораи кишварҳои худ назорат мекунанд.

Журналисти байналхалқӣ набояд паёмҳои дигаронро такрор кунад. Роҳи осонтарини муаррифии рӯйдодҳои байналмилалӣ ин мутолиаи манбаъҳо ва тарҷумаи онҳо бо суханони худ мебошад. Хабарнигоре, ки бо сиёсатмадорони маҳаллӣ кор мекунад, аз онҳо интиқод мекунад ва мефаҳмад, ки нобоварӣ дар суханони онҳо аксар вақт вуҷуд дорад ва бояд дар паҳннамоии иттилоот боэҳтиёт буд. Эътимод ба сиёсатмадорони хориҷӣ ва шахсиятҳои маъруфи дигар дар миқёси ҷаҳонӣ бештар аст. Аммо нисбат ба онҳо боз ҳам бештар назари интиқодӣ дошт, зеро барои онҳо талабот аз ин ҳам зиёдтар аст. Онҳо таваҷҷуҳи ҷаҳониёнро бо суханҳои пурэҳсоси худ ба дигар самт равона намуда, аз пайи амалисозии нақшаҳои худ ҳастанд ва аз ин рӯ, ҷустуҷӯйи маънои аслии суханҳои сиёсатмадорони ҷаҳонӣ бояд боз ҳам амиқтар бошад. Журналисти байналхалқии хуб аз ҳамкасби ноуҳдабарои худ бо он фарқ мекунад, ки ӯ тағйироти геополитикиро на дар сатҳи ҷузъиёте мефаҳмад, ки ба мардуми олам шарҳ доданд, балки дар сатҳи зарурӣ идеяҳоеро дарк менамояд, ки сиёсатмадорон ба нақша мегиранд.

Бе омӯзиши хуби забони англисӣ мутахассиси хуби байналмилалӣ шудан ғайриимкон аст. Инчунин журналисти байналхалқӣ ҳадди ақал сатҳи миёнаи як ё ду забони дигари муошират байналхалқиро дошта бошад. Инҳо, пеш аз ҳама, олмонӣ ва фаронсавӣ - забонҳое мебошанд, ки сиёсатмадорони кишварҳои аврупоӣ ҳарф мезананд. Забонҳои испанӣ, арабӣ ва чинӣ дар ихтисоси мувофиқ натиҷаи назаррас хоҳанд дод.

Илова бар ин, журналистони байналхалқӣ бояд ба истифодаи Google барои тарҷума аз забонҳои ношинос одат кунанд. Сатҳи тарҷума одатан барои гирифтани тасаввуроти умумӣ дар бораи мундариҷа кифоя аст. Хондани китобҳо бо забони англисӣ, тамошои филмҳо бо субтитрҳо ба забони аслӣ, аз одати ҷустуҷӯ ба луғат барои ҳар як калимаи номаълум муфид хоҳад буд.

Журналистони байналхалқӣ бо сафоратхонаҳо бояд дар тамос бошанд.

Журналисти байналхалқӣ ба брифингҳои ҳарҳафтаинаи Вазорати корҳои хориҷӣ биравад, ҳарчанд онҳо метавонанд дилгиркунанда бошанд, аммо дар он ҷо журналист метавонад бо дипломатҳо вохӯрад, ки тавассути онҳо журналист метавонад иттилооти ба худ заруриро ба даст орад. Дар натиҷаи ҳамкориҳои дарозмуддат ва муваффақ бо Вазорати корҳои хориҷӣ, маркази матбуоти он ва намояндагиҳои дипломатии он,

журналисти байналхалқӣ метавонад ба онҳо барои гирифтани кумаки фаврӣ барои дарёфти раводид ва ё барои кор дар хориҷа муроҷиат кунад. Вазорати корҳои хориҷӣ мақоми олии сафоратҳои кишвар дар дигар кишварҳо мебошад ва кормандони сафорат метавонанд дар дарёфти маълумот ва дастрасии одамон, дар ташкили сафари журналисти байналхалқӣ дар саросари кишвари номаълум кумак расонанд. Дипломатҳои намояндагиҳои хориҷӣ метавонанд тибқи дархости журналисти байналхалқӣ мавқеи расмии давлати худро дар бораи ҳодисаи мушаххас баён кунанд, маводи иттилоотӣ пешниҳод кунанд ва оид ба манбаъҳои иловагии иттилоот роҳнамоӣ кунанд.

Ба журналистони байналхалқӣ тавсия дода мешавад, ки ба дипломатҳои ватанӣ дар бораи будубоши худ дар хориҷа хабар диҳанд, махсусан агар кори журналистӣ бо хатар алоқаманд бошад. Баъзан ҳолатҳое мешаванд, ки сафорат дар бораи рӯзноманигорони байналхалқӣ аз ҳад зиёд ғамхорӣ мекунад ва ҳатто кӯшиш мекунад, ки аз ҳузури онҳо барои эҷоди маводи пиар дар бораи кори онҳо, мусоҳиба бо сафир ва ғайра истифода кунад. Дар ин ҳолат худи рӯзноманигор бояд муайян кунад, ки ин ба ӯ лозим аст ё не ва кӯшиш кунад, ки ба вазъияти вобастае наафтад, ки имкони иҷрои вазифаи асосиро надиҳад. Аммо, маъмулан, ҳамкорӣ бо сафорат метавонад нафъи бештар аз монеаҳо орад.

Обуна шудани журналисти байналхалқӣ ба номаҳои электронии сохторҳои расмии кишварҳо, сафоратхонаҳо аз манфиат холӣ нест, ҳарчанд на ҳамаи маълумоти онҳо лозиманд. Ба ҳисоби миёна, 79-80% чунин паёмҳо сазовори таваҷҷуҳ нестанд, аммо боқимонда, метавонанд барои хабар, гузориш, мусоҳиба ва мақола сабаб шаванд. Ҳамзамон ин имкон медиҳад, ки ҳамчун журналисти байналхалқии хуб мавзуъро дар баробари рӯзноманигорони «New York Times «баррасӣ менамояд, дар ҳоле ки журналисти байналхалқии ақибмонда танҳо пас аз мутолиаи тарҷумаи мақолаи Times дар ИноСми.ру онро баррасӣ мекунад.

Амиқ донистани тамоми ҷанбаҳои сиёсату иқтисоди ҷаҳон ва иртиботи байни онҳо ғайривоқеист, ҳадди ақал дар солҳои аввали фаъолият дар журналистикаи байналхалқӣ. Аз ин рӯ, беҳтар аст, ки ихтисосро аз рӯйи минтақаҳо (Аврупо, Осиё, Ховари Миёна, кишварҳои пасошуравӣ ва ғайра) ё мавзуъҳо (даргириҳои мусаллаҳона, тамоюлҳои иқтисодии ҷаҳонӣ, ҳамгироии аврупоӣ ва Евроатлантикӣ ва ғайра) интихоб кунанд. Одатан аз журналистони байналхалқӣ талаб карда мешавад, ки тамоми рӯйдодҳои асосии ҷаҳонро инъикос намоянд, аммо дар сатҳи таҳлил журналисти байналхалқӣ бояд як қисми онҳоро интихоб намояд.

Журналисти байналхалқӣ наметавонад танҳо хабарҳои ҷориро пайгирӣ намояд. Донистани худро дар бораи таърих ва анъанаҳои кишварҳои алоҳида амиқтар кардан муҳим аст. Бисёр ҳодисаҳое, ки имрӯз ба амал меоянд, идомаи равандҳои чандинсола ва баъзан асрҳои пеш мебошад. Журналисти хуби байналмилалӣ бояд аз он чизе, ки пеш аз ин ҳодиса рӯй дод, огоҳ бошад - заминаи амиқ ба ӯ имкон медиҳад, ки аҳаммияти онро аз нуқтаи назари таърихӣ дарк кунад, оқибатҳоро пешгӯӣ кунад ва хулоса барорад. Хабарнигори камҳавсалаи байналмилалӣ танҳо воқеаҳоро такрор мекунад ва паёмҳоро интиқол медиҳад ва ба хонанда ё тамошобинаш барои фаҳмидани моҳияти ҳодисаҳо ва дарк кардани мантиқи ташаккули таърих кумак намекунад.

Омӯзиши хислатҳо ва хусусиятҳои фарҳангӣ ва равонии миллатҳо ва кишварҳои алоҳида ба журналисти байналхалқӣ имкон медиҳад, ки бо намояндагони онҳо забони муштарак пайдо кунад, сабабҳои амал, рафтори онҳоро фаҳмад, муайян намуда метавонад, ки чаро ҳодисаи дар доираи як кишвар рух дода, дар кишварҳои ҳамсоя ба таври дигар қабул карда мешавад. Дар сафари хизматӣ донистани таърих, анъанаҳо, меъёрҳои ахлоқӣ ва асосҳои забон барои омода намудани беҳтарин мавод ва баъзан журналисти байналхалқиро аз мушкилоти ҷиддӣ наҷот медиҳад [12].

Фаъолияти журналисти байналхалқӣ аз ду унсури муҳимми сохторӣ иборат аст. Ӯ, албатта, бояд журналист ва дар айни замон мутахассиси соҳаи муносибатҳои байналмилалӣ бошад. Гузашта аз ин, шахсе, ки барои ин кор муроҷиат мекунад, бояд ба ҳарду қисмати тамоми касбии худ бо маҳорат ва эҳтироми баробар муносибат кунад.

Кор аз тарбия сар мешавад. Барои журналист ин қобилияти гӯш кардан, навиштан ва гуфтан аст. Ҳамаи ин ҳангоми муошират бо хориҷиён ғайриимкон аст, агар ӯ забони хориҷиро надонад. Гузашта аз ин, ҳар даҳсола, ҳар сол, талабот ба сатҳи дониш ва шумораи забонҳои омӯхташуда меафзояд, бахусус агар журналисти байналхалқӣ иддао дорад, ки дар Шарқ кор мекунад - бе донистани забони арабӣ ва ё яке аз забонҳои Шарқи Дур - Ҷопон ё Чин номумкин аст. Дар ин масъала дониши забони англисиро ҳатто номбар кардан мумкин нест, зеро он кайҳо ба як навъи алифбои Морзе барои муошират байнишахсӣ, рамзи байналмилалӣ барои ҳама фаҳмо табдил ёфтааст.

Инъикоси моҷароҳои яроқнок як бахши доимии фаъолияти ВАО гардидааст ва ин масъала барои журналистони байналхалқӣ ба мавзуи асосии фаъолияташон табдил ёфтааст, зеро теъдоди чунин моҷароҳо торафт бештар ва печида гардидааст. Новобаста аз он ки фаъолияти журналистони байналхалқӣ дар «нуқтаҳои доғ» хеле душвор аст, «шарти асосӣ дар инъикоси ҷангҳо пешниҳоди иттилооти дақиқ ва беғаразона мебошад» [1, с.268].

Барои журналистони байналхалқӣ дар асри XX донистани кишваршиносӣ дар баробари забони хориҷӣ хеле муҳим буд. Омӯзиши чуқури ҷуғрофияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳаматарафа шинос шудан бо тамоми муҳити кишварҳо шарти асосӣ шуморида мешуд. Вале дар асри XXI дар баробари онҳо истифода аз техника ва технологияи муосири ВАО, омодагии доимӣ ба сафарҳои ногаҳонӣ, маҳорати баланди журналистӣ аз шартҳои асосии журналистикаи байналхалқии муосир гардидаанд. Нақши журналистони байналмилалӣ дар ташаккули афкори ҷомеа оид ба масъалаҳои глобалӣ хеле бузург аст.

Муқарриз: ***Ҷ.Муқим*** – д.и.ф., профессори ДМТ

I. А Д А Б И Ё Т

1. Бабаева, Ф.Д. Защита журналистов в зоне вооруженного конфликта/ Ф.Д. Бабаева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. - № 4. – С.268-273.
2. Залесский, Б.Л. Белорусская международная журналистика: особенности, тенденции, перспективы. Учеб._метод. пособие / Б.Л. Залесский. - Минск: БГУ, 2014. - 374 с.
3. Засурский, Я.Н. Колонка редактора: Интернет как фактор международной журналистики / Я.Н. Засурский // Вестник Московского университета. Серия 10. Журналистика. – 2011. - №1 – С.5-10.
4. Курышева, Ю.В. Границы понятий международной журналистики / Ю.В. Курышева // elibrary_36862838_44793374.pdf - 4 с.
5. Қаландаров, С.Д. Тоҷикистон дар оинаи агентии иттилоотии Баҳрайн / С.Д. Қаландаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. - № 3. – С.252-258.
6. Международная журналистика для чайников [Манбаи электронӣ] – URL: https://media_study.atavist.com/lecture-01 (санаи мурочиат: 12.10.2022).
7. Михайлов, С.А. Международное право и законадательство иностранных государств о СМИ. Учебное пособие / С.А. Михайлов, С.Б. Никонов. - СПб.: С.-Петерб. гос. ун-т, филол. ф-т, 2012. - 150 с.
8. Мирзоалӣ, С. Журналистикаи байналхалқӣ дар замони муосир / С. Мирзоалӣ. – Душанбе, 2018. – 92 с.
9. Мирзоалӣ, С. Моҳият ва вазифаҳои журналисти байналхалқӣ / С. Мирзоалӣ // Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмуаи мақолаҳо). – Душанбе, 2019 – С. 27.-31
10. Муқимов, М.А Ҷанги иттилоотӣ ва таъмини амнияти фазои иттилоотӣ / А.М. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2017. - № 4/2. – С.266-271.
11. Муқимов, М.А Муборизаҳои иттилоотӣ барои идора кардани афкори омма / М.А. Муқимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе: Сино, 2022. - № 3. – С. 243-251.
12. Особенности работы журналиста-международника [Манбаи электронӣ] – URL: https://media_study.atavist.com/lecture-02 (санаи мурочиат: 14.09.2022).
13. Полный цикл лекций профессора, д.п.н. С.А. Михайлова в рамках курса "Международная журналистика" / С.А. Михайлов [Манбаи электронӣ] – URL: //http://studyjourn.blogspot.ru/2013/01/blog-post_7713.html (санаи мурочиат: 14.09.2022).
14. Прохоров, Е.П. Введения в теорию журналистики. Учебник для студентов вузов / Е.П. Прохоров. - М.: Аспект-Пресс, 2011 - 351 с.
15. Kevin, Williams. International journalism / Williams Kevin. – London, 2011 216 p.

II. М А Н Б А Ъ

16. «Журналистика в беде» / Радио «Свобода» - 2015. [Манбаи электронӣ] – URL: https: //svoboda.org/a/27251704.html (санаи мурочиат: 24.11.2022). [Манбаи электронӣ] – URL: https: // (санаи мурочиат: 24.11.2022).

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ ЖУРНАЛИСТИКАИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Дар мақола махсусият, вазифаҳо ва талаботи асосӣ барои журналистони байналхалқӣ, монандӣ ва фарқияти журналистикаи байналхалқӣ аз журналистика, алоқамандии он бо дигар соҳаҳо, нақши

журналистикаи байналхалқӣ дар ҷомеаи муосир таҳқиқ гардида, омилҳои ташаккулдиҳандаи маҳорати журналистони байналхалқӣ таҳлил гардидааст. Муайян карда шудааст, ки журналистикаи байналхалқӣ як бахши илми журналистика буда, иттилоотро дар бораи воқеаҳое, ки дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон рух медиҳанд, ҷамъоварӣ ва коркард мекунад. Вай ба инъикоси рӯйдодҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, рӯйдодҳои ҳарбӣ аз "нуқтаҳои доғ", аз рӯйдодҳои бузурги сиёсӣ, ки ба муносибатҳои байналмилалӣ таъсир мерасонанд, машғул аст. Ҳамзамон ошкор карда шуд, ки муҳаққиқон ба рисолати журналистикаи байналхалқӣ аз ҷанбаи миллӣ ва умумиҷаҳонӣ назар менамоянд. Баъзе аз муҳаққиқон муаррифии кишвар ва ҳимояи манфиатҳои миллиро рисолати аслии журналисти байналхалқӣ медонанд ва баъзеи дигар бетараф будан ва аз арзишҳои умумибашарӣ ҳимоя намуданро рисолати аслии журналистикаи байналхалқӣ медонанд. Журналистони байналхалқӣ проблемаҳои муҳимми на танҳо кишварҳои алоҳида ва минтақа, балки мушкилоти тамоми ҷаҳонро баррасӣ намуда, таваҷҷуҳи аҳли сайёраи Заминро барои ҳалли ин гуна масоил ҷалб менамоянд. Дар баробари истифодаи маводи созмонҳои байналхалқӣ, гузоришҳои давлатҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ, инчунин худи журналистони байналхалқӣ низ таҳқиқотҳо мегузаронанд.

Калидвожаҳо: журналистикаи байналхалқӣ, муносибатҳои байналхалқӣ, ҷанги иттилоотӣ, Франс Пресс, Ассошиэйтед Пресс, Рейтер, ТАСС, РИА «Новости», СНН, Евронюс.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ МЕЖДУНАРОДНОЙ ЖУРНАЛИСТИКИ

В статье рассматриваются специальности, задачи и основные требования, предъявляемые к журналистам-международникам, сходства и различия между журналистиой и международной журналистикой, ее связь с другими сферами, роль международной журналистики в современном обществе, а также проанализированы факторы, формирующие навыки журналистов-международников. Установлено, что международная журналистика – это отрасль журналистской науки, занимающаяся сбором и обработкой информации о событиях, происходящих в разных уголках мира. Он освещает политические, социальные и культурные события, военные события из «горячих точек», крупные политические события, влияющие на международные отношения. В то же время выявлено, что исследователи смотрят на миссию международной журналистики с национальной и глобальной точки зрения. Одни из исследователей считают главной миссией журналиста-международника презентацию страны и защиту национальных интересов, другие считают главной миссией международной журналистики нейтралитет и защиту общечеловеческих ценностей. Международные журналисты обсуждают важные проблемы не только отдельных стран и регионов, но и проблемы всего мира, и привлекают к решению таких проблем внимание людей планеты Землы. Наряду с использованием материалов международных организаций, докладов государств, общественных организаций, а также самих журналистов международники проводят многие важные исследования.

Ключевые слова: Международная журналистика, международные отношения, информационная война**,** Франс Пресс, Ассошиэйтед Пресс, Рейтер, ТАСС, РИА «Новости», СНН, Евроньюс.

SOME FEATURES OF INTERNATIONAL JOURNALISM

